ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2018. №2.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2018. №2.

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2018. No. 2.

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2018

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2018. – №2. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2018

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2018. – №2. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2018

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2018. – №2. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2018

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ
Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 802.0809.155.0.(575.3)

ОИД БА БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ ГРАММАТИКИИ ТАРҶУМА
(дар мисоли исмҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Турсунов Ф.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар радифи масъалаҳои лексикӣ, услубӣ ва дигари тарҷума мушкилиҳои марбут ба грамматика низ дар раванди тарҷума нақши хеле муҳим доранд. Аксарияти мушкилоти лексикии тарҷумаро дар асоси маъно ва тобишҳои маъноии калима ва воҳидҳои дигари луғавӣ бо истифода аз фарҳангҳои луғоти дузабона то андозае метавон ҳал кард, вале агар тарҷумон аз нозукиҳои грамматикии воҳидҳои забон хуб огоҳ набошад, дар фаъолияти худ метавонад ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад. Дар адабиёти илмӣ-назариявӣ низ таҳвияти гуфтаҳои болоро мушоҳида кардан мумкин аст: “Ҷанбаи грамматикии тарҷумаро ҳангоми ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои тарҷума асосӣ шуморидан лозим аст, зеро маҳз ҳамин ҷиҳат стратегияи тарҷумаро бо роҳи таҳлили сохтор ва функсияи воҳиди забон муайян месозад” [5, с.4].

Мушкилиҳои грамматикии тарҷумаро шартан ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст, аз ҷумла: а) мушкилиҳои марбут ба шаклҳои грамматикӣ ё худ хусусияти морфологии калимаҳо. Аз ин лиҳоз, агар хуб донистани махсусиятҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ як масъала бошад (шаклҳои гуногуни ҳиссаҳои номии нутқ, шаклҳои замонии феълҳои тасрифшаванда, хусусияти грамматикии шаклҳои тасрифнашандаи феъл ва ғ.), дарк карда тавонистани шаклу мазмуни категорияҳои грамматикии онҳо ҳангоми корбандӣ дар ҳолати мушаххас масъалаи дигар аст, ки ҳар ду аҳамият доранд; б) мушкилиҳои марбут ба синтаксис ё худ ҷумлабандӣ ва барои худ дуруст фаҳмида тавонистани хусусияти сохтории ҷумлаҳо. Ин гурӯҳи мушкилиҳо низ ду ҷанбаи асосӣ доранд. Агар, аз як тараф, дар асоси ягон маънӣ ё мазмуну мундариҷаи даркшуда тартиб дода тавонистани ҷумла, чи дар забони модарӣ ва чи дар забони хориҷӣ, як ҷиҳати масъала бошад, аз тарафи дигар, чунонки аз таҷрибаҳо бармеояд, дуруст дарк карда тавонистани сохтори синтаксисӣ, яъне ҷумла, ва муносибатҳои байни ҷузъҳои он, яъне аъзои ҷумла, барои дуруст тарҷума кардани муҳтавои воҳиди забонӣ ҷиҳати дигари масъала мебошанд, ки ин ҳар ду низ муҳиманд. Дар ин бобат гуфтаҳои Мечковская Н. Б. таҳвиятгари ин фикрҳост: “Раванди омӯзиши забони англисӣ нишон медиҳад, ки сабаби як идда мушкилоти тарҷума «ба таври кофӣ дарк нашудани муносибатҳои байни унсурҳои гуногуни таркиби ҷумла (субектӣ, предикативӣ, муайянкунандагӣ, сабаб, мақсад, шартӣ ва ғ.)-и забон мебошад» [3, с.79]. Мавриди зикр аст, ки тибқи маълумоти назариявӣ ва таҷрибаҳои амалӣ, дар миёни мушкилоти грамматикии тарҷума маҳз мушкилоти синтаксисӣ дар раванди тарҷума таъсири бештар доранд. Дар ин ҷо метавон ёдовар шуд, ки тартиби калимаҳо дар ҷумлаи содаи ҳарду забон устувор аст, вале бо ҷойгиршавии сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла аз ҳамдигар фарқ мекунад. Агар дар аксари мавридҳо хабари забони англисӣ пас аз мубтадо ояд, хабари забони тоҷикӣ маъмулан дар охири ҷумла омада, байни мубтадо ва хабар хеле фосилаи зиёд ва аъзои дигари ҷумла мавҷуданд, ки ин ҷиҳат дар марҳилаҳои аввали фаъолияти тарҷумонӣ, алалхусус ҳангоми тарҷумаи шифоҳии паиҳам ва ҳамзамон, мушкилиҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар марҳилаҳои минбаъда ба ин ҷиҳати тарҷумаи забонҳои мавриди назар диққати махсус хоҳем дод.

Бояд ёдовар шуд, ки грамматикаи ҳар забон “асоси он забонро ташкил медиҳад” [4, с.203].

Мақолаи мазкур ҷузъи силсилаи таҳқиқоти муаллиф дар омӯзиши таъсири шаклу мазмуни грамматикии воҳидҳои забон ба раванди тарҷума ва хусусияти тарҷумаи ҳиссаҳои нутқ ва сохторҳои синтаксисӣ маҳсуб меёбад.

Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили масъалаҳои марбут ба тарҷумаи исм дар раванди тарҷумаи англисӣ-тоҷикӣ-англисӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳое, ки тарҷумон ҳангоми тарҷумаи исми забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бояд ба назар гирад, ин ҳолатҳои корбаст шудани артиклҳои муайянӣ ва номуайянӣ - **“the”** ва **“a (an)” -** мебошанд, ки хосси исми забони англисӣ маҳсуб меёбанд. Ҳарчанд дар забони тоҷикӣ категорияи грамматикии муайянӣ ва номуайянии исм вуҷуд дорад (артикли **“e”** ва воситаҳои дигари ифода), роҳҳои корбаст ва истифодаи ин

категорияи грамматикӣ дар ду забон аз ҳамдигар фарқи калон доранд. Ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ на дар ҳамаи ҳолатҳо нигоҳ доштани маънои грамматикии артиклҳои “the” ва “a (an)” лозим меояд. Дар аксари мавридҳо артикли муайянии “the” дар тарҷума нигоҳ дошта намешавад: *On **the** surface it did not seem likely that Franklin Delano Roosevelt would grow up to change **the** world [11, с.9] - Зоҳиран ба назар намерасид, ки Франклин Делано Рузвелт ба воя расида, ҷаҳонро тағйир медиҳад*; *You may address me as the Count Von Kramm, **a** Bohemian nobleman [9, с.9]. – Пиндоред, ки ман граф фон Крамм, дворянини Богемия ҳастам [2, с.58]*.

Артикли **«a (an)»** ҳамчун воситаи ифодаи номуайянӣ ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ нисбатан устувор аст ва ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки маънои грамматикии он ба тарҷума бояд интиқол ёбад ҳарчанд, дар навбати худ, ҳолатҳое низ кам нестанд, ки зарурат ба интиқол додан ё худ нигоҳ доштани ин артикл дар матни тарҷума боқӣ намемонад.

*Масалан: **The** front room was plainly furnished as **a** sitting-room, and led into **a** small bedroom, which looked out upon **the** back of one of **the** wharves [9, с.135]. – Даҳлез шакли меҳмонхонаро дорад, дар шафати хонаи хоби начандон калон воқеъ гардидааст, ки тирезаи он ба майдони пушти яке аз верфҳо (ҷойи таъмири киштиҳо) кушода мешавад [2, с.86].*

Аз ҷумлаи боло бармеояд, ки ҳамаи артиклҳои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ нигоҳ дошта нашуда, маънои грамматикии онҳо аз рӯйи матн равшан аст.

Чунонки дар боло зикр гардид, ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки артикли **«a (an)»** дар тарҷума нигоҳ дошта мешавад, зеро дар забони тоҷикӣ воситаи ҳамгунаи ифодаи номуайянӣ мавҷуд мебошад:

*I leave **a** photograph which he might care to possess, and I remain, dear Mr. Sherlock Holmes, very truly yours, Irene Norton, nee Adler [9, с.27]. – Ман дар ин ҷо расми дигареро мемонам, ки шояд онро эҳтиёт кардан ба вай гуворо бошад ва Мистер Шерлок Холмси азиз, каминаи камтарини шумо Ирэн Нортон, зодаи Адлер [1, с.75].*

Ба баъзе ҳолатҳои махсуси истифодаи артикли **«a (an)»** таваҷҷуҳ бояд кард. Дар мавридҳои ҷудогона дар забони англисӣ он бо исмҳои шахс истифода гардида, ба мансубияти шахс ба ин ё он хонавода ишора мекунад. Мисол:

*“I am **a** Roosevelt”, she informed the doctor [11, с.21]. – «Ман аз (хонаводаи) Рузвелтҳо ҳастам», духтурро огоҳ кард ӯ.*

Дар бобати артикли муайянии **“the”** мавридҳоеро низ бояд ёдовар шуд, ки дар баъзе матнҳо маънои грамматикии он қавитар зоҳир гашта, ба воситаҳои калимаҳои ҷудогона ба монанди *ин, ҳамин, мазкур* ва ғ. ифода карда мешавад. Чунончи, ҷумлаи ***the** article deals with the comparative analysis of the verbs in the English and Tajiki languages* метавонад дар тарҷума шакли зеринро гирад: *мақолаи **мазкур** ба таҳлили муқоисавии феълҳо дар забонҳои англисию тоҷикӣ бахшида шудааст.* Ё баръакс: ***ин** филм чандон шавқовар нест – **the** film is not so interesting.* Албатта, ин қоидаи мутлақ ва ё хосси ҳамаи ҳолатҳо намебошад ва дар кадом шакл додани тарҷумаро ҳамеша худи тарҷумон вобаста ба хусусияти матн ва вазъияти гуфтору навиштор муайян месозад.

Масъалаи дигари тарҷумаи исмҳо тарҷумаи исмҳои хос дар ҳар ду забон мебошад, ки тарҷумаи онҳо, назар ба исмҳои ҷинс, бо роҳҳои махсус ҳалли худро меёбад. Мо дар ин бора таҳқиқоти муфассале пешниҳод кардаем [6, с.252]. Дар ин ҷо танҳо бо як мисол ёдовар мешавем, ки аксарияти исмҳои хос, алалхусус номи ашхос, номи ширкату корхонаву ташкилотҳо, номҳои ҷуғрофӣ, номҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ва ғ., аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва баръакс бо роҳи транскрипсия/транслитератсия ҳалли худро меёбанд, ба монанди мисолҳои зерин: **Miss Gryce** [10, с.89] - **духтархонум Грайс** [7, с.82]; *Оқибат **Қорӣ-Ишкамба** оши моро ҳам тамом карда зуд аз ҷояш бархост ва дасти равғанолудашро ба маҳсии худ молида «пок» карда, аз ошхона баромада рафт [1, с.48].- Soon, **Kori-Ishkamba** had finished of our pilaff as well, wiped his greasy hands on his ichigi boots and left our tent [8, с.233].*

Ҳамчун яке аз нуктаҳои муҳим дар ин ҷода метавон категорияи шумораи исмҳои ҳар ду забонро ном гирифт. Ҳарчанд ин категорияи грамматикӣ дар забонҳои мавриди назар мавҷуд аст, вале тарзи корбурди онҳо дар мавридҳои ҷудогона аз ҳамдигар фарқ дорад, бинобар ин, ҳангоми тарҷума ба баъзе нозукиҳои корбандии ин категорияи грамматикӣ дар забонҳо ба ҳолатҳои зерин таваҷҷуҳ бояд кард:

1. Ҳарчанд дар ду забон суффиксҳои ҷамъбандӣ (-(e)s ва –ҳо, он ва ғ.) ба кор мераванд, як идда исмҳои забони англисӣ шакли ҷамъи худро ба таври ғайримуқаррарӣ месозанд. Чунончи: goose-geese, knife-knives (also: life, wolf etc.), thesis-theses, criterion-criteria, basis-bases, phenomenon-phenomena, woman-women, datum-data ва ғ. Дар забони англисии имрӯза калимаи *data* ҳам ба маънои шакли ҷамъ ва ҳам ба маънои шакли танҳо истифода мегардад. Масалан: *This/these data is/are precise-ин дода/додаҳо дақиқ аст/дақиқанд.*

2. Як гурӯҳ исмҳо шакли танҳо ва ҷамъи якхела доранд: sheep-sheep (гӯсфанд-гӯсфандон); fish-fish (моҳӣ-моҳиён); swine-swine (хук-хукҳо) ва ғ. Шакли мушаххаси онҳо дар матн равшан мегардад, ки тарҷумон бояд матнро бодиққат мутолиа намуда, ин гуна "гиреҳҳоро" барои худ кушода тавонад.

3. Исмҳои мураккаби забони англисӣ низ роҳҳои мухталифи сохтани шакли ҷамъро доранд: *editor-in-chief-editors-in-chief (сармуҳаррир-сармуҳаррирон); commander-in-chief-commanders-in-chief (сарфармондеҳ-сарфармондеҳон); passer-by-passers-by (роҳгузар-роҳгузарон)*. Шаклҳои *editor-in-chiefs; commander-in-chiefs; passer-bys* нодуруст мебошанд. Ҳолатҳои номбурдаро набояд бо шаклҳои дурусти зерин омехта кард: *merry-go-round-merry-go-rounds (чархуфалак-чарахуфалакҳо); lady-bug-lady-bugs (халилихӯрак-халилихӯракҳо (божья коровка)) ва г.*

4. Мавридҳое ба мушоҳида мерасанд, ки барои исмҳои шакли танҳои забони тоҷикӣ дар забони англисӣ исмҳои шакли ҷамъ рост меоянд. Сабаб он аст, ки як гурӯҳ исмҳои ин забон дар шакли танҳо истифода шаванд ҳам, ҳамеша мафҳуми ҷамъро доранд: *либос – clothes (либосҳо); милитсия – police (милитсияҳо)*. Ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ин калима бояд дар шакли танҳо истифода гардад ва дар акси ҳолат, яъне ҳангоми тарҷумаи калимаи *милитсия* ба забони англисӣ бояд шакли ҷамъи ***police*** дар назар дошта шавад.

Мисолҳоро бо калимаи ***police*** баррасӣ мекунем: *After the London bombings* ***police admit their*** *intelligence of what goes on in Muslim communities is "low", and urgently needs to be boosted* (The Guardian, July 20, 2005). Ё: *In another effort to boost intelligence gathering capabilities about Islamic communities in Britain,* ***police are*** *to intensify* ***their*** *attempts to recruit more Muslim officers* (The Guardian, July 20, 2005). Суффикси –s (нишондиҳандаи шахси сеюми танҳо) нагирифтани феъли ***admit*** дар шакли ҷамъ омадани ҷонишини шахсии ***their*** дар ҷумлаи якум ва шакли ***are*** гирифтани феъли ***to be*** ва боз дар шакли ҷамъ омадани ҷонишини шахсии ***their*** дар ҷумлаи дуюм аз шакли ҷамъи исми **police** далолат мекунанд**.** Тарҷумаи ин ҷумлаҳо мутаносибан чунин метавонанд бошанд: *Пас аз бомбаборониҳои шаҳри Лондон мақомоти милитсия дар сатҳи паст қарор доштани дараҷаи ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ дар бораи рӯйдодҳои ҷомеаи мусулмононро эътироф намуданд, ва он бояд тақвият дода шавад; Дар кушиши дигари тақвият додани қобилияти ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ дар бораи ҷомеаҳои исломӣ бар Британия, мақомоти милитсия бояд заҳматҳои худро барои ҷалби афсарони мусалмони бештар тавсеа бахшанд.*

Чунонки мебинем, дар ҳарду ҳолати тарҷума барои калимаи ***police*** дар забони тоҷикӣ барои пурра ифода гардидани фикр ва нишон додани шакли ҷамъи ин калима вожаи ***мақомот*** илова карда шуд. Албатта, дар ин ҷо истифодаи калимаи ***полис*** ҳам роиҷ аст, зеро он обуранги матни аслро нигоҳ медорад, вале дар ин ҳолат низ аз ибораҳои "полис гуфтанд" ё "милитсия гуфтанд" истифода кардан нашояд. Яъне, дар ҳар сурат ибораи "мақомоти полис" ва ё "мақомоти милитсия" тарҷумаро пурра ва мукаммал мегардонад, ки марбут ба маънои грамматикии категорияи шумораи ҷамъу танҳо мебошад.

Оид ба категорияи шумора як нуктаи дигареро низ бояд қайд кард, ки ин ҳам шоёни таваҷҷуҳ бошад. Матлаб ин аст, ки дар забони тоҷикӣ як тамоюли начандон муносиба ва беасосе ба вуҷуд омадааст. Масалан, ба дастури забони муосири тоҷик ибораву таркибҳо ба монанди ***дах китобҳо, панҷоҳ компютерҳои нав*** ва ғайра бо фишор ва беасос, чи ҳангоми истифодаи забон ва чи дар раванди тарҷума, ворид карда мешаванд. Тибқи дастури забон худи шумораҳои ***дах*** ва ***панҷоҳ*** ва амсоли инҳо ифодакунандаи шумора мебошанд ва дар ин гуна мавридҳо исмҳо бояд дар шакли танҳо корбаст шаванд.

Илова шудани суффикси ҷамъбандии **–s** ба баъзе гурӯҳҳои исмҳои забони англисӣ дар раванди тарҷума мушкилсоз мегардад, ки тарҷумон бояд маънои луғавӣ ва грамматикии ин гуна исмҳоро дуруст дарк ва тарҷума намояд. Масалан, агар маънои аслии калимаи ***security*** амният бошад, бо илова шудани суффикси ***–s*** маънои луғавӣ ва соҳаи истифода, яъне ҷиҳатҳои услубии ин исм фарқ мекунад. Дар ин ҳолат ин вожа ба соҳаи иқтисод тааллуқ дошта, маънои *когазҳои қиматнокро* дорад, ки баъзан тарҷумонҳои ҷавон ин калимаро ба маънои аслияш (амният) тарҷума мекунанд, ки чандон саҳеҳ нест.

Дар ҳайати ибора ва ҷумла дуруст шинохта тавонистани исми забони англисӣ низ ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ ба тарҷумаи комил мусоидат мекунад. Масалан, суффиксҳои зерин суффиксҳои исмсози забони англисӣ мебошанд: ***-er (or), -ist, -ian, -ing, -hood, -ment, -ness, -y, -ant, -ism, -ure, -ship*** ва ғайра.

Чун забони англисӣ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешавад, ба вазифаҳои исм дар ҳайати ибора ва ҷумлаи мушаххас бояд таваҷҷуҳ кард, зеро аксарияти исмҳои аслии забони англисӣ бе тағйири шакл вобаста ба мавқеи истифода метавонанд вазифаи сифатҳои нисбиро иҷро кунанд. Масалан, дар ибораҳои ***a door handle, a city park, a river bus*** **ва** ғайра исмҳои ***door, city, river*** ба маънои сифатҳои нисбӣ омада, артикли номуайянии ***a*** ба онҳо тааллуқ надорад ва ибораҳо мутаносибан чунин тарҷума мешаванд: ***дастаи дар, боғи шаҳр, автобуси дарёӣ.*** Албатта, тарҷумаи исмҳо дар ин гуна мавридҳо шояд

мушкилиҳои хоссе эҷод накунад, вале баъзан дуруст муайян кардани мавқеи исм дар ибора ё ҷумла, алалхусус ибораву ҷумлаҳои печидаи забони англисӣ, ба осонӣ муаяссар намегардад.

Ба хусусияти грамматикии дигари тарҷумаи исм дар забонҳои англисиву тоҷикӣ ишора кардан зарурат надорад, зеро онҳо аз қабили масъалаҳои содаи ин раванд ба шумор мераванд. Масалан, ба истилоҳ, мафҳуми падежи соҳибии забони англисӣ, ки аз ҷумла бо апостроф **(–'s)** ифода меёбад, дар забони тоҷикӣ ба воситаи изофат ифода мегардад: *the teacher's book/the book of the teacher – китоби муаллим.* Дар ин гуна мавридҳо хатогӣ пешбинӣ кардан мумкин нест, зеро танҳо як воситаи ифода ба мушоҳида меравад.

Хулоса, дар раванди тарҷума мушкилоти грамматикӣ ҷой доранд ва сарфи назар кардан аз онҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда намерасонад. Шаклҳои грамматикии исм низ дар раванди тарҷума як қатор мушкилиҳоро эҷод мекунанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо ҳамеша ба фоидаи кор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. С. Айнӣ. Марги судхӯр. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. - 350 с.
2. Артур, Конан Дойль. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Артур Конан Дойль; тарҷ. аз русӣ. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с.
3. Мечковская Н.Б.Общее языкознание. Структурная и социальная типология языков. Учеб. пособие для студентов филологических и лингвистических специальностей / Н.Б. Мечковская. – 4-е изд., испр. – М.: Флинта: Наука, 2006. - 312 с.
4. Слепович В.С. Настольная книга переводчика с русского языка на английский язык = Russian-English Translation handbook / В.С. Слепович. – 3-е изд. – Минск: Тетра Системс, 2008. - 304 с.
5. Сулейманова О.А. Грамматические аспекты перевода. Учеб.пособие для студ. филол. и лингв. фак. вузов / О.А. Сулейманова, Н.Н. Беклемешева, К.С. Карданова и др. - М.: Издательский центр "Академия", 2010. – 240 с.
6. Турсунов Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков). Монография / Ф.М. Турсунов. - Душанбе, 2015. - 432 с.
7. Шарлотта Бронте. Ҷейн Эйр. Роман. / Шарлотта Бронте; тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
8. S. Aini. The death of money-lender / S. Aini. - Moscow: Raduga, 1986. - 321 p.
9. Arthur, Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes / Arthur Conan Doyle. – USA: Quality Paperback Book Club, 1994. - 307 p.
10. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
11. Sharon, Shebar. Roosevelt and the New Deal / Shebar Sharon, D. Franklin; illustrations by Gary Lippincott. – New York: Barron's Educational Series, Inc, 1987. - 168 p.

ОИД БА БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ ГРАММАТИКИИ ТАРҶУМА

(дар мисоли исмҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Дар ин мақола баъзе масъалаҳои муҳимми грамматикии раванди тарҷума мавриди таҳлил қарор мегиранд. Воқеан, дар баробари рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва фанҳои гуногун дар Тоҷикистони соҳибистиқлол зарурат пеш меояд, ки ба масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносии тоҷик аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, зеро баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба тарҷумаи англисӣ-тоҷикӣ дар асоси мушкилоти грамматикии забони англисӣ ба раванди тарҷума мусоидат намуда, сифати онро беҳтар мегардонад. Албатта, грамматика ё худ дастури забон мафҳуми васеъ аст, бинобар ин, дар он ба ҳолатҳои ҷудогонаи ба сифати тарҷумаҳо таъсиркунандаи исм ва корбандии он ҳамчун воҳиди грамматикӣ равшанӣ андохта мешавад. Воситаҳои грамматикии ҳар як забон вобаста ба имкониятҳои худ маъно ва категорияҳои грамматикии забони дигарро инъикос менамояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар қатори категорияҳо ва унсурҳои грамматикии хосси ҳамаи забонҳо воҳидҳои грамматиткие мавҷуданд, ки танҳо хосси ин ё он забон мебошанд. Забони англисӣ дорои як қатор воҳидҳои грамматикии хос мебошад, ки дар забони тоҷикӣ ба мушоҳида намерасанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши махсуси ин ҷанбаи забонҳои мавриди назар аз аҳамияти лингвистӣ холӣ нест.

Калидвожаҳо: мушкилоти грамматикӣ, раванди тарҷума, морфология, ҳиссаҳои нутқ, исм, муқоиса, воҳидҳои грамматикӣ.

О НЕКОТОРЫХ ГРАММАТИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМАХ ПЕРЕВОДА

(на примере имен существительных английского и таджикского языков)

В настоящей статье анализируются некоторые важные грамматические вопросы процесса перевода. В самом деле, в независимом Таджикистане возникает необходимость обратить серьезное внимание таджикскому переводу и переводоведению, ибо рассмотрение и решение вопросов, связанных с англо-таджикским переводом с учетом грамматических трудностей английского языка способствует улучшению переводческого процесса и повышает качество переводов. Грамматические средства каждого языка отражают грамматические значения и категории с учетом своих грамматических возможностей. Уместно отметить, что наряду с грамматическими категориями и элементами, присущими всем языкам, имеются грамматические единицы, присущие только отдельным языкам. Английский язык, в особенности, располагает рядом особых грамматических единиц, которые отсутствуют в таджикском языке. С этой точки зрения специальное изучение данного аспекта рассматриваемых языков представляет собой лингвистический интерес.

Ключевые слова: грамматические трудности, переводческий процесс, морфология, части речи, имя существительное, сравнение, грамматические единицы.

ON SOME GRAMMATICAL PROBLEMS OF TRANSLATION

(on the example of the noun of the English and Tajiki languages)

The research paper deals with some essential grammatical issues of the translation process. Indeed, alongside with different fields of social life and various subjects in Independent Tajikistan, it is necessary to pay close attention to the problems of Tajik theory and practice of translation because the consideration and solution of the issues related to English-Tajiki translation taking into account English grammar difficulties contributes to the translation process and improves the translation quality. Certainly, grammar is a wide notion, that's why the article pays much attention to the cases when the noun affects the translation quality and it is used a grammatical means. The grammatical means of each language reflect the grammatical meanings and categories of other languages based upon their own capacity. It is worth mentioning that besides the grammatical categories and elements which are common to all languages, there are a number of grammatical units which are specific to a certain language. The English language, in particular, possesses a number of specific grammatical elements that are not seen in the Tajiki language. Therefore, the special study of this very aspect of the languages in question is of linguistic interest.

Key words: grammatical difficulties, translation process, morphology, parts of speech, noun, comparison, grammatical units.

Сведения об авторе: ***Турсунов Фаёзджон Мелибоевич*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода доктор филологических наук, профессор кафедры теории и практики перевода, декан факультета романо-германских языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, 734019. E-mail: **fayzbakhsh@rambler.ru.** Телефон: **(+992) 93-577-20-37**

Information about the author: ***Tursunov Fayozdjon Meliboevich*** – Tajik State Institute of Languages the Sotim Ulughzoda, doctor of philological sciences, professor of the chair of the Theory and Practice of Translation, Dean of the Faculty of Romano-Germanic Languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6, 734019. E-mail: **fayzbakhsh@rambler.ru.** Tel.: **(+992) 93-577-20-37**

УДК: 491.550

СЕМАНТИКАИ ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳиссаҳои нутқ яке аз категорияҳои муҳимтарин ва баҳсталаби забон маҳсуб меёбанд, ки анъанаҳои бисёрсолаи инкишофи худро доранд. Назарияи классикии оид ба ҳиссаҳои нутқ ҳангоми нишон додани пайкараи забон ва иттиҳоди қисматҳои дарёфтшудаи он, ки аз маҳакҳои гуногун - маъноию шаклӣ маншаъ гирифтаанд, бешак эътибору манзалати худро аз даст надодааст. Дар акси ҳол, имкон надошт, ки ҳамаи гуногунрангии беохири олами воқеии тавассути ҳиссаҳои нутқи забон инъикосёфта дар асоси категорияҳои пешниҳоднамудаи Арасту баррасӣ шавад.

Номутаносибии ҳалнашаванда миёни олами ҳақиқӣ ва мантиқи амиқи категорияҳо дар фаҳмиши классикии он, яъне рад намудани ҳатто андак тафриқаву заифӣ аз аъзои эталонии категория ба вуҷуд омад ва ба андешаи муҳаққиқони Аврупо фақат як норасоию камбудӣ ин мавҷуд будани истиснои бештар, ки ба вайроншавии ҳамоҳангии система ва эътимодияти он метавонист замина шавад, пайдо шуд.

Забоншиносии когнитивӣ ё маърифатӣ имкон фароҳам овард, ки ин ихтилоф бартараф шавад, зеро дар ин бахш ҳиссаҳои нутқ категорияҳои "табиӣ" "прототипӣ" бо надоштани сарҳади ногузар бо аъзоҳои ҳамсояи худ маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тариқ, гоми устувор дар тадқиқоти ҳиссаҳои нутқ, ки ҳамеша бештар масъалаи асосии забоншиносӣ: ҳиссаҳои нутқ ҳамчун категорияҳои "табиӣ"-и дар мувофиқат овардани олами ҳастии аз қониби онҳо инъикосёфта мебошанд, гузошта шуд.

Сохтори мавҷудот бо он чӣ мо метавонем дар бораи воқеият бидонем, зич алоқаманд аст ва мо калимаро илова мекунем, яъне пораи занҷираи "лаҳзаи олами воқеӣ - дониши лаҳзаи олами воқеӣ, коррелятсияи забонии лаҳзаи олами воқеӣ»- ро. Нисбатан се ҳиссаи нутқи асосӣ барои шинохт ва мухобирот "табиӣ" – исм, сифат ва феъл, эътироф шудаанд, ки онҳо мавҷудоти олами воқеиро дар шуури инсон дар мутобиқат бо ашё, ҳодисаи бо вай рухдода, ҳолате ки қойгир аст, хусусият ва моҳияти он инъикос мекунанд.

Ашёи моддӣ дар вақту фазо қойгир аст, муттако ва қавҳар барои шинохти олами воқеӣ дар шуури инсон мебошад. Сифат ва феъл аломату хусусият ва раванди олами воқеиро инъикос мекунанд. Вобаста ба ин Т. Гивон мафҳуми континууми феълӣ - номиро дар муносибат бо аломати "устойчивость во времени" (устуворӣ дар замон) барои нишон додани таққоси хусусияти маъноии ҳиссаҳои нутқ асоснок мекунад [6, с.251].

Аммо дар афкори забоншиносии пешини мо, ки такя ба забоншиносии араб буд, ҳиссаҳои нутқро ба исм, феъл ва ҳарф қудо кардаанд. Забоншинос Д. Хоҷаев нақши низоми забоншиносии арабро дар ташаккули таълимоти луғавию дастурии забони тоҷикӣ нишон дода, меорад: "Дар бахши морфология Сибавайҳ асосан ба таълимоти Халил ибни

Аҳмад такя карда, чунин масъалаҳои марбути морфологияро тавзеҳ додааст: 1) таснифи ҳиссаҳои нутқ; 2) сохти решаи калимаҳо; 3) исм ва таснифоти он; 4) феъл ва шаклҳои он; 5) категорияҳои шахсу шумора; 6) сифатҳои нисбӣ: 7) тағйироти гуногуни шакли калима" ва ҷойи дигар зикр мекунад: "Сифат аз рӯйи фаҳмиши Сибавайҳ, аз ду асос: феъл ва исм ташкил меёбад" [11, с.53-54].

Дар раванди мухобирот гӯё ин се ҳиссаи нутқ метавонанд ҳам иттилоотро инъикос кунанд ва ҳамчун васила барои аз шуури шунаванда гирифтани маълумоти зарурӣ хизмат кунанд.

Нақши муҳимро дар ҷудо кардани ҳиссаҳои нутқ бо диди нав назарияи прототипӣ бозид. Ҳиссаи нутқе, ки хусусияти прототипӣ дорад, ядрои (нуқтаи марказӣ) гурӯҳро ташкил медиҳад ва ҳиссаи нутқе, ки прототипият надорад, ба периферияи (нуқтаи ғайримарказӣ, дуюмдараҷа) он ворид аст. Ҳангоми истифодаи усули прототипӣ исмҳои моддӣ ядро ҳисоб меёбанд. Исмҳои маънӣ, ки номи мафҳумҳо дар бораи нишонаи объекти олами ҳастист, периферияӣ мебошанд. Сифат дар ин ҳолат ифодаи устувори хусусияти мафъул аст. Аммо хусусият метавонад лаҳзавӣ, гузаранда бошад ва дар ин мавриди сифат нишонаи перифейриро мегирад.

Бояд гуфт, ки доир ба ҷудо кардани феъл ба гурӯҳи ядро ва периферия забоншиносон ба як ақида нестанд, зеро феълҳои амал ва феълҳои ҳаракат ба гурӯҳи ядро мансубанд ва дар ин ҳолат феълҳои перифейрӣ бояд раванд ё мувозинатро ифода кунанд. Феълҳои ҳолат вобаста ба хусусияти статикӣ доштан ба гурӯҳи перифейрӣ дохил мешаванд.

Дарёфти меъёрҳои таснифоти ҳиссаҳои нутқ ҳамчун категорияҳои илмӣ, муайян кардани вижагии матнии онҳо яке аз вазифаҳои асосии забоншиносии маърифатӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки ҳар як категорияи илмӣ дар маҷмӯъ хусусияти умумӣ ва тафриқавии худро дорад. Олами моддӣ ва хусусияти он - статикию динамикӣ, ҳамон тавре ки мавҷуданд, инъикос меёбанд, ки аз ҷониби як падидаи умумӣ ба ҳама чиз мутобиқат мекунад. Дар сатҳи тафаккур ё маънӣ умумият ба маҷмӯи хусусиятҳои интегралӣ, ки барои забонҳо умумӣ мебошанд, табдил меёбад, ки дар ин замина метавон хусусияти тафриқавиро, ки вижагиҳои ашё, моҳият ва муносибати онҳоро нишон медиҳад, ҷудо кард.

Гурӯҳи нишонаи интегралӣ имкон медиҳад, ки мегакатегорияи ҳиссаҳои нутқ чун гурӯҳи нишонаҳои тафриқавӣ, нишонаҳои универсалӣ барои забонҳо замина фароҳам оранд ва онҳоро ба ҳиссаҳои нутқи "табиӣ" ҷудо кунанд. Ҳамин тариқ, маҷмӯи нишонаҳои универсалӣ, интегралӣ ва дифференсиалӣ, ки дар худ ҳам умумият ва фарқиятро муттаҳид намудаанд, асоси гурӯҳбандии когнитивии ҳиссаҳои нутқ аст. Нишонаҳо на аз рӯйи хусусияти умумияти байниякдигарӣ, балки аз рӯйи хусусияти умумикунонӣ муҳиманд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки мегакатегорияҳои ҳиссаҳои нутқи асосӣ ва категориякунонии ҳақиқати объективӣ, дар умум ёфтани тафриқа, дар асоси онҳо, ҷудо кардани мегакатегорияҳо ба шайъӣ ва субстантивӣ ва категорияҳои адъективӣ ва феълӣ, ки хусусияти олами воқеиро мутаносибан бо аломати статикӣ, устувор, динамикӣ ва равандӣ инъикос мекунанд, муайян гардад. Ҳам ба мегакатегорияҳо ва ҳам ба категорияҳои ҳиссаҳои асосии нутқ ҷудо намудан таснифоти аввалиндараҷаест, ки дорои маълумотҳои зиёд аст ва ҳангоми таснифот нишондиҳандаи аломатҳои дигар мебошанд. М.В. Никитин инро таснифоти таксономӣ номидааст [5, с.121].

Боиси тазаккур аст, ки ин тақсимбандӣ аз рӯйи хусусияти шайъии исм, мухобиротии феъл ва атрибутивияти сифат, ки вазифаҳои асосии ин ҳиссаҳои нутқ дар матн мебошанд, ба инобат гирифта мешавад ва бояд гуфт, ки ин ҳиссаҳои нутқ дар матн вазифаҳои дигари наҳвиро низ метавонанд адо кунанд [6, с.238-242].

Дар равиши баррасӣ метавон иброз дошт, ки аз ин се ҳиссаи нутқ хусусияти ядроии сифат мутаносибан бо ду ҳиссаи нутқи дигар лаҳзавист (промежуточный).

Феъл дар фазо ва вақт фаъол, тағйирёбанда ва замонист. Яке аз моҳияти феъл замонӣ будани он аст. Хусусияти фарққунандаи амал ва раванд дар он аст, ки онҳо дар замон мавҷуданд. Ғайр аз ҳар як лаҳзаи муайяни вақт фақат як замони инкишофи амал ва раванд мавҷуд аст, на амал ва раванд дар маҷмӯъ ва як марҳила беист ба марҳилаи дигар мегузарад, яъне амал ва раванд ягонагии худро фақат дар доираи ҳамон як замон, ки дар он ҷой доранд, мегиранд. Нишонаи замонӣ будани феълҳо бо ҳамин хусусият фарқ доранд. Аммо, мавриди зикр аст, ки мафҳуми замон бо мафҳуми ҳолат дар чунин мутобиқат қарор дорад: ҳолат лаҳза ба лаҳза не, балки ҳамчун марҳилаи оромиш байни ду раванд - амал ва ҳаракат нишон дода мешавад. Бояд гуфт, ки ин хусусиятҳо дар феъл байни ҳам хеле махлут шудаанд ва алоқаи зич доранд. Нишонаи интегралии феъл муваққатӣ будани он аст. Нишонаҳои феъл дар гурӯҳҳо як хел нест. Агар дар феълҳои ифодагари ҳолат фақат категорияи замон фаъол бошад, дар феълҳои ифодагари раванд нишонаи замон ва тағйирёбӣ ва дар феълҳои амалу ҳаракат нишонаи фаъол, замон ва тағйирёбӣ дида мешавад.

Дар мавриди нишонаи шайъияту хусусияти ҳиссаҳои нутқ Т. Гивон мегӯяд: "То, с чем мы сталкиваемся в языках, - это континуум стабильности во времени. Самые стабильные во времени объекты, те, которые медленно изменяются во времени, те, которые в терминах их свойств скорее остаются идентичными себе, лексикализуются в виде существительных [6, с.321].

Нишонаҳои алтернативии универсалӣ «доимӣ»/«тағйирёбанда» ва «фаъол»/«ғайрифаъол», ба монанди хусусиятҳои ҷузъии зикршуда, на ҳама чизҳои воқеии гирду атроф, бе истисно, балки ҳамчун нишонаҳои тафриқавӣ мебошанд. Онҳо метавонанд, инчунин нишонаҳои интегралӣ, бунёдии ба сохтори семантикӣ ё таснифӣ дохилшуда бошанд.

Нишонаҳои тафриқавӣ имкон медиҳанд, ки категорияҳои мафҳумҳоро аз рӯйи вижагии худ фарқ кунанд ва, пеш аз ҳама, категоризатсияи ҳиссаҳои нутқ дар асоси хусусиятҳои интегралӣ оғозгардида давом ёбад.

Воҳиди минбаъда, зергурӯҳбандии ҳар як ҳиссаи нутқ дар асоси бо воситаҳои калимасозии мафҳумикунонидашудаи калимаҳо – бо вусъат додани доираи нишонаҳои универсалӣ аз ҳисоби нишонаҳои иловагии гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо имконпазир аст. Барои ҳар як консепсияи (мафҳум) мушаххас, гурӯҳи нишонаҳо метавонад аз ҳисоби нишонаҳои алоҳидаи инфиродӣ васеъ шавад ва ин имкон медиҳад, ки мавқеи ҳар як консепсияро дар доираи субкатегорияҳо (прототип ва периферия) муайян кунад.

Ташаккули консепсияи нави ҳиссаҳои нутқ имконпазир гашт, зеро дар он хусусиятҳои консептуалӣ ва функсионалии ҳиссаҳои нутқ, инчунин нишонаи прототипии онҳо, гурӯҳбандии табиии инъикосоти олами воқеӣ бидуни монеа, иттилооти хуби воқеӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Дар ин раванд типи забон мавқеи муҳим дорад. Ин хусусият ба имконият доштани забон аз рӯйи ин ё он моҳияти системаи грамматикӣ вобаста аст. Дар маҷмӯъ муайян гашт, ки асоси муқобилгузории маъноӣ исм ва феъл аст. Сифат дар ин маврид комил нест ва хусусияти лаҳзавӣ дорад.

Агар ба таърихи забони тоҷикӣ назар афканем, дар сарфи форсии бостон дар баробари дигар категорияҳо асосҳо мавқеи муҳим доранд ва онҳо ба асосҳои номӣ ва феълӣ ҷудо мешаванд ва “ин ҳама қавоиди сарфӣ ба чигунагии хатми асосҳо ва анҷомаҳои асосҳо иртибот дорад” [8, с.38-40].

Феъл бо мундариҷаи худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад ва мафҳумҳои таъсиру ҳаракат, вазъият, ҳолат, амалиёт ва тағйири аломатро фаҳмонида, маънои зиёди луғавию грамматикӣ дорад ва унсури серистеъмолу сермаънои забон ба шумор меравад. Сабаби таваҷҷуҳи бештар намудани олимон ба маънои феъл, пеш аз ҳама дар он аст, ки феъл дар ҷумла нақши марказӣ ва асосиро мебозад ва вазифаи маъносозӣ дорад. Феъл таҳкурсии бинои забон аст ва бояд ҳаматарафа омӯхта шавад, зеро «аслан табиат ва маҷрои зиндагиро бе феъл тасвир кардан мумкин нест» [3, с.25].

Дар ин маврид муҳим он аст, ки ҳанӯз Абӯалӣ Сино такя ба забоншиносони Юнону араб гуфтааст: “ҳар лафзи муфрад ё ном бувад, ё куниш, ё ҳарф. Ва ба тозӣ номро “исм” хонанд ва мар кунишро наҳвиён “феъл” хонанд ва мантиқиён “калима” хонанд. Ва исму калима маъниро тамом бувад” ва боз “калима (феъл - Г.Ж) далел бувад бар маънӣ ва кайи он маънӣ... на ҳар чи далел бувад бар замон, калима (феъл - Г.Ж) бувад, ки нахуст бояд, ки далел бувад бар маънӣ ва он гаҳ далел бувад бар замони он маънӣ” [2, с.49-50].

А.Н. Савченко зикр мекунад, ки феълҳо аз як тараф дар маҷмӯъ маънои луғавии амал ва ҳолатро ифода мекунанд, аз тарафи дигар, ин маънои амал ва ҳолати феъл дар муносибати предикативӣ бо ашё қарор дорад ва танҳо дар масдар ҳолати дуюм дида намешавад, аммо мо наметавонем қазоват кунем, ки аслан феълҳо чун дигар ҳиссаҳои нутқ гурӯҳи луғавӣ-грамматикӣ нестанд [7, с.188].

Дар мавриди сифати феълӣ ва феъли ҳол метавон гуфт, ки онҳо бо феълҳо маънои луғавӣ доранд, аммо дар муносибат бо дигар шаклҳои феъл маънои грамматикӣ ва дар таносуб бо дигар ҳиссаҳои нутқ гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ маҳсуб меёбанд [7, с.189], зеро “калима” ҳамеша далел бувад бар касе, ки он маънӣ ӯро бувад, чун “зананда” ё “хазанда”. Валекин он кас ё он чиз муайян набувад, ки донӣ, ки кадом аст” [2, с.49].

Умуман, воҳидҳои забоние, ки танҳо аз рӯйи маънои грамматикӣ аз ҳам фарқ мекунанд, шаклҳои ҳамон як калима мебошанд, дар ҳиссаҳои нутқ падидаи грамматикӣ бо луғавӣ то ҳадде омезиш ёфтааст, ки воҳиде, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб аст, бо сабабҳои гуногун хусусияти луғавиро касб кардааст. Масалан, дониш - донистан, хониш - хондан, созиш-сохтан ва монанди инҳо.

Ин ҳолат то дараҷаест, ки наметавон на танҳо аз рӯйи як хусусият тақсимбандӣ кард, балки наметавон ҳамаи онҳоро луғавӣ-грамматикӣ ё сирф грамматикӣ шуморид.

Забоншинос А.Н. Савченко мегӯяд, ки ин ҳолат барои он ба вуҷуд омадааст, ки ҳиссаҳои нутқ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар гузариши луғат, сарф ва наҳв ҷойгиранд ва

ба онҳо хусусиятҳои ҳархела таъсир мекунанд ва натиҷаҳои таъсиргузорӣ аз сохти грамматикии забон ва вазифаи ҳар як ҳиссаи нутқ вобаста аст [7, с.190].

Бояд зикр кард, ки дар ин ҳолат ҳам боз маъно мавқеъ дорад. Маҳз маъно муайян мекунад, ки ин ё он калима кадом функсия ва вазифаро ҳангоми корбурд иҷро мекунад ё дорост. Алоқаи байни маънои калима ва моҳияту хусусияти грамматикии он мураккаб аст. Аз ин рӯ, алоқаи байни грамматика, вазифаи грамматикии калима ва луғату маънои луғавии калима ба вуҷуд меояд.

Ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла феъл, аз гурӯҳи калимаҳои аз рӯйи ин ё он хусусияти грамматикӣ муттаҳидшуда иборатанд. Аз сабаби он ки хусусияти грамматикии онҳо аз маънои онҳо вобаста аст, метавон пиндошт, ки луғат дар таъйини калима ба ин ё он ҳиссаи нутқ таъсири муайяне мегузорад. Ба ин маъно ҳиссаи нутқ на танҳо категорияи грамматикӣ, балки ҳамзамон категорияи луғавист, зеро ба ҳиссаҳои нутқ ҳамон лексемаҳо ҷудо мешаванд. Аммо ҳамон лексемаҳо ба шарте ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо мешаванд, ки онҳо дорои хусусиятҳои грамматикӣ бошанд. Пас, ҳиссаи нутқ дар он сурат сирф таснифоти грамматикист, ки агар ҳангоми ба ин ё он ҳиссаи нутқ мансуб кардани лексемаҳо танҳо хусусияти грамматикӣ ба инобат гирифта шавад.

Хусусияти маъноии феъл ба сохтори маъноии калима, мутобиқати маънои луғавӣ ва грамматикии он вобаста аст.

Фарҳангнигор А.И. Тихонов қайд мекунад, ки ба ғайр аз маъноҳои луғавию грамматикӣ дар сохтори мундариҷавии калима маъноҳои дериватсионӣ ва таснифӣ мавҷуд аст. Маънои дериватсионӣ калимаро бо калимаҳои ҳамреша ва вандҳое, ки дар пайдоиши ин маъноҳо саҳмгузоранд, алоқаманд мекунад. Феъл ҳам ганҷури калимасозии худро дорост ва дар он муносибати муайяни маъноӣ байни қисматҳо дида мешавад. Маънои дериватсионӣ ба хусусияти грамматикии феъл таъсиргузор аст ва ҳангоми таснифи он ба инобат гирифта мешавад [10, с.6].

Маънои таснифӣ маънои умумии ҳар ҳиссаи нутқ аст. Агар барои сифат маънои умумӣ аломат бошад, барои феъл маънои умумӣ раванд ё умуман амал мебошад. Маънои таснифӣ бо маънои луғавӣ метавонанд дар мувофиқат бошанд. Маънои таснифӣ аз маънои луғавӣ фарқ мекунад. Маънои таснифӣ чун маънои луғавӣ хусусияти хосси калима шуда наметавонад ва ба ҳамаи калимаҳои мансуби ҳамон ҳиссаи нутқ умумӣ аст. Дар баъзе ҳолат маънои луғавӣ бо маънои таснифӣ мутобиқ нест. Масалан, исмҳои ҷаҳиш, хониш, дониш, гуфтугӯ, шустушӯ ба маънои таснифие, ки хосси исм аст, пурра мутобиқ нест.

Вобаста ба ин забоншинос Саиди Ҳалимиён овардааст, ки «баъзе исмҳо дорои маънои амалу ҳаракат мебошанд. Вале гап сари он аст, ки дар байни исм (ном) ва феъл тафовути калонест. Исм амалу корест, ки иҷрокунанда соҳиб надорад. Феъл, баръакс, амалу корест, ки онро шахс, ҷонвар ё ягон предмете, ки ҳамчун иҷрокунанда пиндошта мешавад, анҷом медиҳад [9, с.5].

Дар шакли тасрифнашавандаи феъл – масдар айни ин ҳодиса ба назар мерасад, зеро он дорои хусусиятҳои исм ҳам мебошад. Ҳаминро бояд зикр кард, ки дар масдар маънои амал мавҷуд аст, аммо замон ва иҷрокунандаи амалро, ки бештар хусусияти грамматикии маънои таснифист, нишон намедиҳанд. Дар ҳар сурат маънои асосии таснифӣ - раванд (протсес) дар он дида мешавад. Маънои таснифӣ дар феъл луғавӣ-грамматикист, зеро дар тамоми шаклу замонҳои феъл ва сохтори он инъикос меёбад.

Дар ташаккул ва амалкарди ҳиссаҳои нутқ хусусияти луғавӣ-маъноӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин ҷост, ки дар гузариши як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар шарти асосӣ ва муҳим маҳсуб ёфтани тағйирёбии маънои онҳо тасодуфӣ нест.

Ҳар қадар ки хусусияти маъноӣ бештар нақшгузор бошад, наметавон ҳангоми таснифоти ҳиссаҳои нутқ танҳо ба он такя кард. Дар ин ҳолат ҳатман бояд хусусияти грамматикӣ – аломатҳои сарфӣ, алоқаи наҳвӣ ва вазифаашонро ба инобат гирифт. Барои тақвияти фикр боз ба донишманди бузург Сино рӯ меорем, ки гуфтааст: «Калима (феъл – Г.Ж) дар ҳар як чиз чун исм мавҷуд буда, замони муайянро ифода мекунад. Чунончи ту мегӯйӣ “кӯфт”, “зад” маъняш зарб буда, ду чизи дигарро ифода мекунад: яке нисбати он ба мавзӯест, ки муайян нест (кӯфтан) ва дигаре пайдоиши он дар замони берун аз мавзӯъ, яъне замони гузашта аст» [2, с.51].

Яке аз хусусияти сарфии ҳиссаҳои нутқ тағйирёбӣ ва тағйирнаёбӣ аст. Феъл ба гурӯҳи аввал мансуб аст. Ҳар як ҳиссаи нутқ навъи парадигматикӣ, парадигмаи шакли худро дорад. Феъл парадигмаи нисбатан мураккабро дорост. Парадигмаи феъл ду хели тағйирёбиро гирифтааст. Яке тағйирёбии феъл ё тасриф аз рӯйи шахс, шумора, замон, сиға, тарз ва намуд ва дигаре аз рӯйи тарз, намуд ва замон мебошанд. Дар ин росто аз ҷиҳати сохт моҳияту хусусияти ин ҳиссаи нутқ вижагиҳои худро касб кардааст [1, с.60].

Моҳияти феъл предикативият аст ва моҳияти предикат вазъият. Аз ин рӯ, дар ҷадвали маъноӣ-грамматикӣ ҳамагӣ аввал аз ҳолат ҳудуди хосси феълӣ оғоз мегардад. Дар ин маврид феъл гурӯҳи махсуси калимаҳои барои ифодаи муносибат муқарраршуда,

ки ба ҳар ҳол майл ба замон дорад, мебошад. Феълҳои ҳолат ба гурӯҳи васеи феълҳои динамикӣ муқобил меистанд. Фарқият байни ин гурӯҳҳо гуногун аст ва якеаш, ки барои идома ва нигаҳдошти ҳолат қувват ва амали махсуси фоил лозим нест, мебошад. Дар феълҳои динамикӣ вазъияти муътадил не, балки шаклҳои гуногуни тағйирёбӣ ё ҳолате, ки барои нигаҳдошти он қувваи ҳамешагии фоил зарур ва лозим аст, ифода мегардад.

Муқобилгузорӣ дар дохили феълҳои динамикӣ байни раванд ва воқеа мебошад, ки замон нақш мегузорад. Воқеа агар гузариши лаҳзавӣ аз як ҳолат ба ҳолати дигар бошад, раванд тағйирёбии ҳамешагии ҳолат аст. Яъне охири ҳолати аввал мувофиқат мекунад ба аввали воқеияти минбаъда. Аз ин рӯ, воқеият ба давомнокӣ мутобиқ намешавад. Тасвири таснифи маънои низоми феъл масъалаҳои аспектологиро баррасӣ мекунад. Имконияти аз як гурӯҳи маъноӣ ба дигар гурӯҳ гузаштан бештар моҳиятан “талаботи грамматикии” лексемаҳои феълӣ аст ва дар аксари забонҳо воситаҳои грамматикие мавҷуданд, ки ин имкониятро таъмин менамоянд.

Пас, семантикаи феъл вижагиҳои худро дорад, ки он вижагиҳо бо ҳамдигар дар мусовият, дар бархӯрд, дар пурра кардани ҳамдигар ва дар гузариш ба вазифаи якдигар қарор доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Джамшедов П. Семантика видов в таджикском, русском, английском языках. Монография / П. Джамшедов. - Душанбе, 1989. – 173 с.
2. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. Хрестоматия / Д. Хоҷаев, Н. Қурбонов, О. Додаров. – Душанбе, 2017. – 320 с.
3. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
4. Князев Ю.П. Грамматическая семантика. Учебник / Ю.П. Князев. – Москва, 2007. – 702 с.
5. Никитин М.В. Основы лингвистической теории значения. Учебник / М.В. Никитин. - М.: Наука, 1988. - 165 с.
6. Плунгян В.А. Общая морфология. Учебник / В.А. Плунгян. - М., 2003. - 384 с.
7. Савченко А.Н. Общее языкознание. Учебник / А.Н. Савченко, В.В. Иоффе. - Ростов-на-Дону, 1985. - 208 с.
8. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007. - 190 с.
9. Саиди Ҳалимиён. Феъл (куниш). Дастури таълимӣ. - Душанбе: Дониш, 2013. - 126 с.
10. Тихонов А.Н. Морфемно-орфографический словарь. Словарь / А.Н. Тихонов. - Москва: АСТ: Астрель, 2004. - 700 с.
11. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 310 с.

СЕМАНТИКАИ ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Дар ин мақола сухан дар бораи омӯзиши маънои феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ меравад. Маҳз маъно муайян мекунад, ки ин ё он калима кадом функсия ва вазифаро ҳангоми корбурд иҷро мекунад ё дорост. Алоқаи байни маънои калима ва моҳияту хусусияти грамматикии он мураккаб аст. Аз ин рӯ, алоқаи байни грамматика, вазифаи грамматикии калима ва луғату маънои луғавии калима ба вуҷуд меояд. Дар феъл маънои таснифӣ бо маънои луғавӣ метавонанд дар мувофиқат бошанд. Маънои таснифӣ аз маънои луғавӣ фарқ мекунад. Маънои таснифӣ чун маънои луғавӣ хусусияти хосси калима шуда наметавонад ва ба ҳамаи калимаҳои мансуби ҳамон ҳиссаи нутқ умумӣ аст. Дар ташаккул ва амалкарди ҳиссаҳои нутқ хусусияти луғавӣ-маъноӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин ҷост, ки дар гузариши як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар шарти асосӣ ва муҳим маҳсуб ёфтани тағйирёбии маънои онҳо тасодуфӣ нест. Ҳар қадар ки хусусияти маъноӣ бештар нақшгузор бошад, наметавон ҳангоми таснифоти феъл танҳо ба он такя кард. Дар ин ҳолат ҳатман бояд хусусияти грамматикӣ – аломатҳои сарфӣ, алоқаи наҳвӣ ва вазифаашро ба инобат гирифт. Муаллиф қайд мекунад, ки дар натиҷаи муқобилгузорӣ феълҳо аз рӯйи маъно ба статикӣ ва динамикӣ ҷудо мешаванд.

Калидвожаҳо: феъл, омӯзиши маънои феъл, маънои таснифӣ, таснифоти феъл, хусусияти грамматикӣ, феълҳои динамикӣ, феълҳои статикӣ, талаботи грамматикии лексемаҳои феълӣ.

СЕМАНТИКА ГЛАГОЛА КАК ЧАСТИ РЕЧИ

В данной статье речь идет об изучении значения глагола. Именно значение определяет, что какую функцию и задачу выполняет то или иное слово во время употребления. Связь между значением слова и его грамматической сущностью и особенностями очень сложна. Поэтому, возникает связь между грамматикой, грамматической задачей и лексическим составом и значением слова. В глаголе классификационное значение и лексическое значение могут соответствовать друг другу. Классификационное значение отличается от лексического значения глагола. Классификационное значение как лексическое значение глагола не может быть специфической особенностью глагола и имеет общее значение со всеми словами, которые относятся к данной части речи. В формировании и существовании частей речи словарно-смысловые особенности имеют важное значение. Поэтому, при переходе одной части речи к другой части речи основным и важным условием является изменение их значения. Несмотря на то, что смысловое значение играет большую роль, мы во время классификации глаголов не можем опереться только на него. В этом случае обязательно нужно принимать во внимание грамматические особенности – морфологические признаки, синтаксическую связь и его задачи. Автор констатирует, что в результате противопоставления глаголы по смыслу делятся на статические и динамические глаголы.

Ключевые слова: глагол, изучение значения глагола, классификационное значение, характеристика глагола, грамматикические свойства, динамические глаголы, статические глаголы, грамматические требования глаголных лексем.

SEMANTICS OF THE VERIFICATION AS PARTS OF SPEECH

In this article we are talking about the study of the meaning of the verb. It is the meaning that determines what function and task a particular word performs during use. The relationship between the meaning of a word and its grammatical essence and features is very complex. Therefore, there is a connection between grammar, grammatical task and the lexical composition and meaning of the word. In the verb, the classification value and the lexical meaning can correspond to each other. The classification value differs from the lexical meaning of the verb. Classification as a lexical meaning of a verb can not be a specific feature of the verb and has a common meaning with all the words that relate to a given part of the speech. In the formation and existence of parts of speech, the dictionary and semantic features are important. Therefore, with the transition of one part of speech to another part of speech, the main and important condition is the change in their meaning. In spite of the fact that meaning plays an important role, we can not rely on it only during the classification of verbs. In this case, it is necessary to take into account the grammatical features - morphological features, syntactic connection and its tasks. The author states that as a result of opposition, verbs are divided into meaning static and dynamic verbs.

Key words: verb, study of the meaning of the verb, classification value, verb characteristic, grammatical prop.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550+891.550-1

ВОСИТАҲОИ ЁРИДИҲАНДАИ АЛОҚАИ НАҲВИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Абдулазизов В.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаи мураккаби тобеъ ба ҷумлаи пайрави сабаб яке аз хелҳои маъмулӣ ва хеле серистеъмол дар системаи гипотаксиси забони адабии тоҷик маҳсуб меёбад. Возеҳ аст, он чун як воҳиди муташаккили гипотаксис бо воситаҳои семантикӣ ва грамматикии муайяне ташкил меёбад.

Наҳвшиносон дар асоси таҳлилу пажӯҳиши ҳамаҷонибаи маводи фаровони забони адабии тоҷик нишон додаанд, ки ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандакҳои сершумори тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ - хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабаб, ҷойи ҷумлаи пайрави сабаб дар таркиби ҷумлаи мураккаб ва интонатсияи хосси тобеъ ба сарҷумла алоқаманд мешавад [3; 4; 5; 8; 9]. Бояд гуфт, ки ғайр аз инҳо як гурӯҳ калима-морфемаҳое ҳастанд, ки дар ташаккули бархе аз чунин ҷумлаи мураккаб ба сифати воситаи ёвар саҳм мегиранд. Дар ин хели ҷумлаҳои мураккаб тобеияти наҳвии ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла қавитар аст. Биноан, ҳамаи ин воситаҳоро аз рӯйи саҳмашон дар алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави сабаб бо сарҷумла ба 2 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Воситаҳои асосӣ:** пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ - хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабаб, ҷойи ҷумлаи пайрави сабаб дар таркиби ҷумлаи мураккаб ва интонатсияи хосси тобеъ.

2. Воситаҳои ёрирасон. Ҷонишину бандакҷонишинҳо, ҳиссачаҳо.

Ҷонишину бандакҷонишинҳо. Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб чун воситаи ёвар нақши муайяне доранд. Онҳо бо **ягон аъзои сарҷумла омада**, робитаи шаклию маъноии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро тақвият мебахшанд.

Дар алоқаи грамматикии баъзе ҷумлаҳои пайрав иштирок кардани ҷонишину бандакҷонишинҳоро муҳаққиқон зикр кардаанд. Чунончи, А.К. Арендс ишора карда буд, ки дар алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб бо пайрави муайянкунанда ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, бандакҷонишинҳо саҳм доранд. «В …определительных предложениях, где имеется подлежащее где в русском языке «который» стало бы в косвенном падеже, там соответственно будут находиться описательные косвенные падежи личных местоимений а для неодушевленных в ед. числе еще и указательное местоимение, имеющего здесь релятивное значение. Вместо их могут быть употреблены также и местоименные суффиксы Зл.» [5, с.99-100].

Сипас муҳаққиқони дигари забонҳои форсӣ [13, с.18] ва туркӣ [4] ба ҳамин ақида иттико намуда, онро густариш доданд.

Аз забоншиносони тоҷик нахуст аз ҳама М.Н. Қосимова ҷонишинҳо ва бандакҷонишинҳоро ба гурӯҳи воситаҳои ёридиҳандаи тобеъкунанда дохил намуда,

мавриди тадқиқ қарор додааст. «Ҷонишин ва бандакҷонишинҳо низ воситаҳои ёридиҳандаи тобеъкунанда шуда метавонанд ва барои алоқамандии ҷумлаи пайрави шартӣ бо сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави дигар ёрӣ мерасонанд» [10, с.56].

Ӯ тадқиқоти хешро идома дода, барҳақ таъкид менамояд, ки «дар ҷумлаи пайрав калимаи асосӣ омада, дар таркиби сарҷумла он калима бо ҷонишин ё бандакҷонишинҳо оварда мешавад, ки дар натиҷа алоқамандии ҷумлаи пайрави шартӣ ва сарҷумла ба вуҷуд меояд» [10, с.56]. С.Атобуллоев бар чунин ақида аст, ки «воситаи дигари алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеи пайрави мубтадодор ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва калимаҳои мустақилмаънои дигар мебошанд…» [7, с.42]. Сипас, муҳаққиқ ба вазифаи субъект, объект /пуркунанда/, муайянкунандаи ҷумлаи пайрави мубтадо омадани бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва ба вазифаи муайянкунадаи ҷумлаи пайрав омадани ҷонишини нафсии «худ»-ро бо бандакҷонишини соҳибии **- ашон** нишон додааст [10, с.43-44].

Муҳаққиқони дигар низ [1, с.2] дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ба вазифаи пуркунанда /бавосита, бевосита/-и сарҷумла омада, дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда чун воситаи ёридиҳанда хизмат кардани ҷонишин ва бандакҷонишинҳоро низ таъкид карда мисолҳо овардаанд:

Ҳар он кас ки шуд комрон дар ҷаҳон,
*Парастиш кунанд**аш** кеҳону меҳмон (А. Фирдавсӣ).*

Ҳар кас аз аҳолӣ ба муқобили инҳо дам занад, аз дами теғ … мегузаронидаш (С. Айнӣ); Ҳар касе ки ба назди Ҷомӣ меомадааст, шоири бузург бо ӯ менишастааст.

*Кунун ҳар чӣ гуфтам, **ҳама** гӯш дор,*
Суханҳои хуб андар огӯш дор (А. Фирдавсӣ).

Он кӣ каззоб асту мегӯяд дурӯғ,
*Нест **ӯро** дар вафодорӣ фурӯғ (Ф. Аттор).*

Муҳаққиқ пас аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи маводи забонӣ ба чунин хулоса меояд, ки ҷонишинҳои шахсӣ, таъйинӣ ва бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ба вазифаи пуркунандаи бевосита ё бавоситаи сарҷумла омада, вобастагии ҷумлаи пайравро возеҳтар ва алоқаи наҳвии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро қавитар менамоянд [2, с.102].

Таҳлилу баррасии грамматикии ашъори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки дар ашъори манзум, аз ҷумла, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб ҳам ин воситаҳои алоқаи наҳвӣ истифода мешаванд.

*Миёни гиряҳои талх дар дил нагзаронем**аш**,*
Ки натвон бигзаронидан ба талхӣ ҷони ширинро [20, с.32].

Эй, ки хоҳӣ дод бахши гам ба мискинони хеш,
*Чун ман**ат** мискинтарам,боре ба ман деҳ он насиб [20, с.55].*

Ҳиссачаҳо. Ҳиссачаҳо низ дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайраваи сабаб саҳми муайяне доранд. Онҳо чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав ба сарҷумла буда, дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хизмат карда, ба ҷумла тобишҳои гуногуни модалӣ (тахмин, тааҷҷуб, пурсиш,….) медиҳанд. Ин воситаи ёрирасони грамматикӣ дар забони муосир (хоссатан дар осори мансур) зиёд истифода шавад ҳам, дар назм корбасти онҳо камтар аст.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони таърихи забон дар форсии миёна /паҳлавӣ/ истифода шудани пайвандакҳои «**ка», «ки»**-ро нишон додаанд [12, с.147; 11, с.20]. В.С.Расторгуева ҳамчунин таъкид мекунад, ки «В более редких случаях в качестве подчинительного союза в этом типе сложноподчиненных предложений использовались: 1) вопросительно-относительное местоимение «кӣ» /кто»/…»

М. Баҳор низ дар форсии миёна мавҷуд будани пайвандаки «**ку**»-ро нишон дода таъкид мекунад, ки дар шеваи Исфаҳон ҳоло ҳам ҳамин вазифаи наҳвиро адо мекунад .

Муҳаққиқони забони муосири ӯзбекӣ низ дар он забон чун воситаи алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда хизмат кардани ҳиссачаи – **«ку»-** ро қайд кардаанд [6, с.6].

Дар забони адабии муосири тоҷик бошад, ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави сабаб хизмат кардани ҳиссачаи **«охир»-**ро забоншиноси шинохта Ш. Рустамов [14] зикр кардааст.

Ба сифати воситаи ёрирасони алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави пуркунанда истифода шудани ҳиссачаҳо дар рисолаи тадқиқотии В.Абдулазизов – «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик» бо мисолҳои возеҳу равшан нишон дода шудааст. Ӯ таъкид мекунад: «Ҳиссачаҳо низ чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда хизмат карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубу нобоваріро қувватнок мекунанд». Муҳаққиқ дар забони адабии муосири тоҷик воситаи ёридиҳандаи алоқаи синтаксисии ҷумлаи пайрави

пуркунанда будани ҳиссачаҳои **«-ку», «-мӣ», «-чӣ», «-дия», «магар», «чаро», «охир»** -ро таъкид карда аз осори адибони муосири тоҷик мисолҳо овардааст [2, с.102-108].

Баррасии лингвистии осори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки ин шоири шаҳир низ ҳиссачаҳоро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (аз ҷумла, бо ҷумлаи пайрави сабаб) хеле зиёд истифода бурдааст. Онҳо баробари ифодаи маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалӣ ҳамчун воситаи ёрирасони грамматикӣ дар ташаккули ин воҳиди мураккаби наҳвӣ хизмат кардаанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осори мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»** ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст,ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссачаи «магар». Ин ҳиссача дар таркиби сарҷумла ё ҷумлаи пайрав омада, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб хизмат мекунад. Ҳиссачаи «**магар»** дар таркиби сарҷумла омада бошад ҳам, ба ҷумлаи пайрав пайвандаки «ки» гузоштан мумкин. Дар чунин ҷумлаҳо мавҷудияти пайвандак ҳатмӣ нест, зеро ҷумла бо интонатсияи махсус талаффуз мешавад. Вале ҳангоми дар ҷумлаи пайрав омадани ин ҳиссача гузоштани пайвандак имконнопазир аст. Агар пайвандак гузорем, хусусияти ҳиссӣ-ифоданокии ҷумла аз байн меравад, зеро ҳиссача истифода нашуда, оҳанги ҷумла низ тағйир меёбад [2, с.106].

Оҳ, к-з оҳи дилам ҳабиб надонист,
Мурдаму дарди дилам табиб надонист.
*Гул **магар** он бевафоӣ аз пайи он кард,*
К-аз дили маҷрӯҳи андалеб надонист [20, с.73].

Май ба суфӣ мадеҳ, ки он софӣ
Дархӯри ҳоли бесафоён нест.
***Магар** он дил, ки бар қарори худ аст,*
Воқиф аз ҳоли дилрабоён нест? [20, с.181].

Дили заиф ба якбора нотавон шуд аз ӯ,
*Падид нест нишонаш, **магар** ниҳон шуд аз ӯ [21, с.267].*

Ҳиссачаҳои **«охир», «чаро»** чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави сабаб ва сарҷумла хизмат мекунанд.

Ҳиссачаи **«охир»** дар таркиби сарҷумла ё ҷумлаи пайрав омада метавонад. Агар ин ҳиссача дар таркиби сарҷумла омада бошад, он дар алоқаи наҳвии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб нақше надорад. Агар дар таркиби ҷумлаи пайрав омада бошад, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрав хизмат мекунад. Дар ин ҳолат ҷумла бо оҳанги махсус талаффуз шуда, дорои хусусияти баланди эмотсионалист. Ҷумлаи пайрав маънои хулосавӣ, ҷамъбастӣ дорад [2, с.107].

Чунончи:

Бар синаи мо чанд ниҳад фурқати ту дог,
***Охир** на ба ин сина таманнои ту кардем.*
***Чун** рафт Камол аз назарат талъати дидор,*
Қатъи назар аз дидаи бинои ту кардем [21, с.288].

*Дилу ҷон, **то** раҳанд аз банд, бикшо зулфи мушкинро,*
*Ба поят мефитанд **охир**, раҳо кун як-ду мискинро [20, с.32].*

Ҳиссачаи **«чаро»** дар таркиби ҷумлаи пайрав омада, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи наҳвӣ саҳм мегирад. Он ба ҷумла маънои тааҷҷуб, пурсиш ва суолро медиҳад:

Ҷу ба ман нахоҳад, ки бӯяш расад,
***Чаро** зинда дорад ба ин бӯ маро [20, с.30].*

Хулоса, Камоли Хуҷандӣ низ бандакҷонишин ва ҳиссачаҳоро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (аз ҷумла, бо ҷумлаи пайрави сабаб) хеле зиёд истифода бурдааст. Онҳо маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалиро ифода карда, ҳамзамон чун воситаи ёрирасони алоқаи грамматикӣ дар ташаккули ин воҳиди мураккаби наҳвӣ хизмат кардаанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осорои мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»-ро** ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст, ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссачаҳо бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак кор фармуда мешаванд. Чунин ҷумлаҳо дорои хусусияти баланди эмотсионалию экспрессивӣ буда, ҳангоми гузоштани пайвандак ин хусусияташон аз байн меравад [2, с.108].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов В. Воситаҳои ёрирасони ҷумлаи пайрав / В. Абдулазизов // Маводи конф. илмию амалии олимон ва мутахассисони ҷавони Тоҷикистон. Бахши забон ва адабиёти тоҷик. - Душанбе, 1990. - С. 72 - 73.
2. Абдулазизов В. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик / В. Абдулазизов. - Душанбе, 2014. – 140 с.
3. Абдулазизов В. Вижагиҳои корбурди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави сабаб дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2017**.** - №4/2. - С. 118-122.
4. Абдуллаев А.З. Сложноподчиненные предложения в современном азербайджанском языке: автореф.дис... д-ра филол.наук / А.З. Абдуллаев. - Баку, 1963. - 136 с.
5. Арендс А.К. Краткий синтаксис современного персидского литературного языка / А.К. Арендс. - М. - Л.: Изд-во АН СССР, 1941. - 192 с.
6. Арслонова Ф.И. Узбекские соответствия русских объектно-придаточных предложений: автореф. дис.... канд. филол. наук / Ф.И. Арслонова. - Ташкент, 1974. - 17 с.
7. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С. Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1957. - 193 с.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989. - 224 с.
9. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Барои мактабҳои олӣ. Нашри 2-юм. –Душанбе: Ирфон, 1984. - 448 с.
10. Қосимова М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Сталинобод: Нашр. АФ Тоҷикистон, 1961. – 77 с.
11. Молчанова Е.К. Основные вопросы синтаксиса средне-персидского языка: автореф. дис…канд. фил. наук / Е.К. Молчанова. - 1966. - 19 с.
12. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1966. – 164 с.
13. Рубинчик Ю.А. Современный персидский язык / Ю.А. Рубинчик. – М., 1960. – 140 с.
14. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш,1968. – 121 с.
15. Тоҷиев Д.Т.Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1981. - 218 с.
16. Ходжаев Д. Сложноподчиненные предложения с придаточными определительными в современном таджикском литературном языке: автореф. дис … канд.фил. наук / Д. Ходжаев. - Душанбе, 1980. - 19 с.
17. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х. Ҳусейнов. – Сталинобод: Нашр. АФ Тоҷикистон, 1960. – 110 с.
18. Шафаи А.Б. Сложноподчиненные предложения в современном персидском языке: автореф. дис. д-ра филол. наук. – Баку. 1967. – 205 с.
19. Шахобова М. Подчинительный союз «ки» в современной таджикской литературном языке: автореф. дис. канд. филол. наук / М.Шахобова. – Сталинабад, 1954. – 16 с.
20. Камоли Хуҷандӣ. Куллиёт. - Д., 1983. - Ҷ. 1. - 560 с.
21. Камоли Хуҷандӣ. Куллиёт. - Д., 1985. - Ҷ. 2. - 461 с.

ВОСИТАҲОИ ЁРИРАСОНИ АЛОҚАИ ГРАММАТИКИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар мақола бар асоси маводи мероси адабии шоири маъруфи асри XIV-и тоҷику форс – Камоли Хуҷандӣ нақшу мақом ва роҳу тарзҳои истифодаи воситаҳои ёрирасони алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки Камоли Хуҷандӣ бандакҷонишин ва ҳиссачаҳои муайянеро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб хеле моҳирона ва устодона дар доираи қоидаву талаботи сахти вазни арӯз истифода бурдааст. Ҳиссачаҳо маъноҳои гуногуни ҳиссӣ – муассирӣ ва модалиро ифода карда, ҳамзамон чун воситаи ёрирасони алоқаи грамматикӣ дар ташаккули ин воҳиди мураккаби наҳвӣ хизмат кардаанд. Албатта, корбасти ҳиссачаҳо дар осори манзум дар муқоиса бо осорои мансур маҳдудтар аст. Камоли Хуҷандӣ танҳо ҳиссачаҳои **«магар», «охир», «чаро»-ро** ҳамчун воситаи ёрирасони алоқаи ҷумлаи пайрави сабаб хеле устодонаву шоирона истифода бурдааст, ки ҳамзамон маъноҳои нозуки иловагии тахмин, пурсиш, тааҷҷуб, хулоса ва амсоли инҳоро ифода мекунанд. Ҳиссачаҳо бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак кор фармуда шудаанд. Чунин ҷумлаҳо дорои хусусияти баланди эмотсионалию экспрессивӣ буда, ҳангоми гузоштани пайвандак ин хусусияташон аз байн меравад.

Калидвожаҳо: алоқаи тобеъ, бандакҷонишин, бепайвандак, восита, грамматикӣ, ёридиҳанда, маъноҳои модалӣ, сарҷумла, синтаксисӣ, ҳиссача, ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаи пайрав.

ВСПОМОГАТЕЛЬНЫЕ СРЕДСТВА СВЯЗИ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ПРИЧИНЫ В ТВОРЧЕСТВЕ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В статье на основе богатого языкового материала творчества известного таджикско – персидского поэта XIV в. – Камола Худжанди рассматривается роль, значение и способ употребления вспомогательных средств грамматической связи в сложноподчиненных предложениях с придаточным предложением причины. Подчёркивается, что в составе сложноподчиненных предложений с придаточными причины поэт очень умело и мастерски в рамках жестких правил и требований аруза употреблял определенные *местоименные суффиксы* и частицы. Частицы, выражая различные эмоционально-экспрессивные значения, одновременно служат как вспомогательное средство грамматической связи в формировании данной синтаксической единицы. Естественно, что использование частиц в поэзии по сравнению с прозой ограничено. Камол Худжанди мастерски и поэтично использовал в своих произведениях только частицы **«магар», «охир», «чаро»** как впомогательное средство граматической связи в формировании этой сложной синтаксической единицы, что одновременно выражают и дополнительные значения: предположение, вопрос, удивление,вывод и т.п. Частицы употребляются преимущественно в бессоюзных сложноподчиненных предложениях. Такие предложения обладают высокими эмоционально-экспрессивными свойствами и при употреблении подчинительных союзов теряется данные свойств.

Ключевые слова: бессоюзное, вспомогательное, главное предложение, грамматическое, местоименные суффиксы,модальное значение, подчинительная связь, придаточное предложение, синтаксическое, сложноподчиненное предложение, синтаксическое, средство, частицы.

AUXILIARY MEANS OF COMMUNICATION OF THE SUBORDINATE CLAUSE OF REASON IN THE WORKS OF KAMOL KHUJANDI

Based on the rich linguistic material of the work of the famous Tajik – Persian poet of the XIV century – Kamol Khujandi, the article considers the role, importance and method of using auxiliary means of grammatical communication in complex sentences with an additional sentence of the reason. It is emphasized that as part of the complex sentences with subordinate causes, the poet used certain pronominal suffixes and particles very skillfully and masterfully within the strict rules and requirements of Aruz. Particles, expressing various emotional and expressive meanings, at the same time serve as an auxiliary means of grammatical communication in the formation of this syntactic unit. Naturally, the use of particles in poetry is limited compared to prose. Kamol Khujandi masterfully and poetically used in his works only the particles "Magar", "ohir", "Charo" as an auxiliary means of gramatic connection in the formation of this complex syntactic unit, which simultaneously Express additional values: assumption, question,surprise, conclusion, etc. Particles are used mainly in non-Union complex sentences. Such proposals have high emotional and expressive properties and the use of subordinate unions lost these properties.

Key words: asyndetic, auxiliary, main clause, grammar, pronominal suffixes,the modal value, subordinating connection, subordinate clause, syntax, complex sentence, syntax, tool particles.

Сведения об авторе: ***Абдулазизов В.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современный таджикский литературный язык. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 919-14-27-48**

Information about the author: ***Abdulazizov V.*** – Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 919-14-27-48**

УДК: 491.550+42

ЗАИМСТВОВАННЫЕ НЕОЛОГИЗМЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Махадова Г.

Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни

Большую группу неологизмов таджикского и английского литературных языков конца XX века и начала XXI столетия составляют заимствованные слова. Относительно таджикского языка следует отметить, что по способу проникновения заимствованные неологизмы делятся на две группы: а) неологизмы, заимствованные из русского языка и б) неологизмы, вошедшие через персидский язык.

Среди неологизмов, заимствованных из русского и европейских языков, по своему числу и темпу проникновения отличаются лексические заимствования из английского языка. Объяснение подобного темпа, по всей вероятности, кроется в формировании современной науки и техники и в популярности английского языка, являющегося языком прогрессивной технологии, например, аудиодиск, «пластическая карта, которая имеет круглую и тонкую форму, употребляемая для хранения звукового материала», аудит «отображение результатов проверки финансовой деятельности организации», видеодиск «пластический диск, который применяется для сохранения видеоматериалов», буферї «территориальный, пограничный; средство и помещение между двумя противоположными вещами»; бизнес «предпринимательство, коммерция, торговля», виндовс «основная системная программа компьютера», генотсид «искоренение какой-нибудь нации или расы», глобалӣ «глобальный», грант «определенная сумма денег, которая послужит помощью для создания предприятия, проведения научных исследований», дискет «пластическая карта объёмом до 4,5 мб», депортация «выселение нелегальных граждан из одного государства в другое, дивиди (DVD) «специальный технический прибор, посредством которого приводят в действие звуковые и отражающие материалы на карте», Интернет «всемирная компьютерная информационная сеть», квота «доля, часть», ксерокс «компьютерная копия документов», саммит «встреча официальных лиц государств нескольких стран, сплочённых в единый союз» и многие другие.

Большое количество заимствованных неологизмов последних десятилетий составляют слова, которые вошли из зарубежных персидских языков. Такие новообразования можно разделить на: 1) персидско-дари и персидско-иранские слова и 2) слова арабского происхождения, вошедшие через персидский язык.

1.**Исконные персидские слова**: К этому числу неологизмов относятся слова: арусак «кукла», арзёбй «изложение, оценка», арзонӣ «дар, подарок», ба вижа «в особенности», бархурд «поведение, отношение», бахрабардорӣ «применение, использование, употребление», бунбаст

«тупик; трудности, кризис»; вироиш «редактирование, выправление», гаравгон «заложник», гиро«влиятельный, эффективный», вом «долг». Другой группой слов, вошедших из персидского языка в этот период, являются неологизмами и в самом этом языке. Например, слова бунёдгарої «фундаментализм», варзишгоњ «стадион», додгоњ «суд», шањрванд «гражданин», моҳнома «ежемесячник, газета или журнал, выходящий один раз в месяц» образовались в персидском языке Ирана относительно недавно.

2.**Заимствованные арабские неологизмы, вошедшие через персидский язык**. Среди заимствованных персидских неологизмов наблюдаются слова арабского генезиса. Такие слова могли проникнуть в таджикский язык лишь посредством персидского языка, так как другие пути их заимствования пока отсутствуют. Такие неологизмы можно разделить на следующие группы:

а) *слова, обозначающие лицо*: муншӣ в знач. «высокая должность, главный руководитель организации или партии», муњосиб «бухгалтер», нозир «инспектор», муњассил «ученик, студент», ѓосиб «оккупант, насильно отбирающий».

б) *слова, обозначающие различные жизненно важные понятия*: асъор «валюта», баркия «телеграмма», дафтар «кабинет, офис», ќатора «поезд», масир «маршрут, направление, течение», марз «поле, граница», маљмаа «большой торговый комплекс, ассамблея», муљтамеъ «скопление, концентрация», муњаррик «мотор», макула «категория», мувозибат «забота», инфинор «взрыв», асолат «благородство».

К заимствованным арабским неологизмам, вошедшим посредством персидского языка, относятся не только имена существительные, но и другие части речи. Например, слова мунсифона «совестно, по совести», муташанниљ «неблагоприятный, напряжённый»,муштарак-ул-манофеъ «имеющий взаимные интересы» относятся к прилагательными; адида«много, больше», аѓлаб «большинство», мунтањо «завершение, конец», ахиран «в конце, наконец» к наречиям; алайњи «против», алорагми «напротив, наоборот» являются союзами.

Наиболее полную картину процесса заимствования из других языков в английский на современном этапе обещает дать дополнение к Оксфордскому словарю (Supplement, 1972, 1976), но пока вышли всего два тома из четырёх. О продуктивности данного процесса пополнение английского словаря Барнхарта, где зарегистрировано 314 заимствований из общего количества 5 тысяч неологизмов. В дополнении к словарю Вебстера приводится 266 заимствований из 6 тыс. неологизмов (Webster, 1976). Таким образом, заимствования составляют около 5% всех заимствований (6,28%в словаре Барнхарта и 4,43% в дополнении к данному изданию словари Вебстера).

На протяжении многих веков заимствование в английский язык осуществлялось из европейских языков, главным образом из французкого, немецкого и испанского. Явный отход от этой традиции характерен для 60 - ых годов XX в.(Barnhart, 1970). Нами рассмотрено 513 заимствований последних десятилетий, вошедших в английский язык из тридцати семи языков. Как и в прежние времена, наибольшее количество их, по данным Ю.К.Волохова, (1974, табл.1), французские заимствования составляют 33,9% всех иноязычных единиц, пополнивших английскую лексику в XX в.

За последние 20 лет наметились следующие тенденции заимствования лексики из других языков:

1) резко сократился поток заимствований из немецкого языка (с 20,8 до 5,1%);

2) значительно возросло количество заимствований из японского языка (8,5 против 2,2%), вышедшего на второе место после французского по количеству заимствованных единиц, а также из языков народов Африки (6,8 против 1%);

3) несколько активнее начала заимствоваться лексика из китайского языка (3,1 против 2%), а также языков Индии (4,6 против);

4) относительно постоянный характер имеет продуктивность заимствования из испанского (7,2 против 6,8) и итальянского (8 против 7,2%) языков.

5) новым и довольно активным источником заимствований стали языки идиш и иврит (вместе 4,7 %).

Большинство заимствований (434) представлено существительными, например, chicano «чикано, американец мексиканского происхождения (живущий в США) (исп); » gastarbeiter «рабочий – иностранец (особ. В ФРГ)»; ryokan «риокан, гостиница в традиционном японском стиле» (яп) и т.д. Небольшая группа существительных (10) может употребляться и как прилагательные, например :pret –a-porter «готовая одежда» (n) и «готовый» (об одежде), (adj) (фр), deracine «перемещенное лицо» (n) и «перемещенный» (adj) (фр), macho «настоящий мужчина» (n) и «мужественный, присущий настоящему мужчине» (adj) (исп.), nebbish «неудачник» (n) и «неудачливый, невезучий» (adj) (ид). Два слова из языка идиш используются в английском языка и как существительные, и как глаголы: kvetch «нытик» (n) и «скулить, жаловаться» (v); nosh «лёгкая закуска» (n) и «подкрепиться, закусывать» (v).

Второй по численности морфологической группой иноязычных слов являются прилагательные, заимствованные из французского языка. Лишь отдельные прилагательные были заимствованы из итальянского, японского, немецкого, испанского языков, например: desuete «устаревший, вышедший из моды» (фр.); spinto «лирико-драматический» (о голосе) (ит.); heimisch «непритязательный, простой скромный» (нем.); gauchesco «типичный для испанской поэзии, воспевающей гаучо» (исп.); jomon (jouman) «принадлежащий к японской культуре каменного века» (яп.); zoftig, zoftic или zoftek (о женщине, «обладающей приятной полнотой; кругленькая приятная» (ид.). Глаголов в исследованных источниках зарегистрировано всего два: barmitzvah «конфирмировать» (в языке истонике-иврите – именное словосочетание, как глагол функционирует в английском языке); kvell (ид.) «весселиться, наслаждаться от души». Четыре единицы отнесены словарями к разряду междометий ciao «чао, привет»; arigato «спасибо» (яп.); dosvidania «до свидания» (рус.); inshallah «даст бог» (араб.).

Выделение семантических групп иноязычных заимствований показало, что наибольшее количество слов концентрируется в следующих сферах: **культура (86),** например: comedienoire “черная комедия” (мрачная, пессимистическая пьеса- гротеск), cinevaverite “разновидость документального фильма” (оба из французкого); vedutista “художник, рисующий панораму города” (ит.), dramagiocoso “комическая драма; комедия” (ит), bunraku [bu:n`raku’:] “бунраку, традиционый японских театр марионеток” (яп.), gagaku «гагаку, старинная придворная музыка» (яп.), tala «теле, один из традиционных метрических образцов древней индусской музыки», sarangi «серенги, индийский музыкальный инструмент, напоминающий скрипку » санси.т.д.

Общественна политическая лексика, в которой выделяются две подгруппы: а) социальные отношения и явления (49), например: nouveaupauvre «недавно обедневший»; embourgeoisement «обуржуазивание» (оба из фр.), latifundist «латифундист, владелец крупного земельного поместья» (исп.); favelado «житель трущоб (в Бразилии)» (порт.); gastarbeiter «рабочий иностранец» (особ. в ФРГ)» (нем.); Cosa Nostra «Коза Ностра», букв. «наше дело» (самоназвание одной из мафий в США) (ит.); underclass «беднота», низшие слои общества (швед.) и т.д. б) политка (32), например: Crediste «сторонник Квебекского крыла партии социального кредита в Канаде» (из фр.); Zapatismo «верность идеям мексиканского революционера Эмелиано Запаты» (исп.); verkrampte «член крайней правой фракции Национальной партии ЮАР (придерживающийся жестокой политики по отношению к негритянскому населению.; verligte «член фракции либералов Национальной партии ЮАР (придерживающийся умеренной политики по отношению к негритянскому населению» оба из африкаянса) и т.д.

Кулинария (61) например: billi-bi «суп из мидий с белым вином и сливками, подающийся как в горячем, так и в холодном виде » (фр.); cogauvin «цыпленок в красном вине» (фр.); astispumante «эсте белое игристое вино» (ит.), scampi «креветки в чесночном соусе» (ит.); sushi «суше, блюдо из риса, сырой рыбы и овощей в майонезе» (яп.); avgolemono«суп из цыпленка с рисом, желтком и лимонным соком № (гр.); lekvar «начинка для кондитерских изделий из чернослива» (венг.) и т.д.;

Финансы (38): banquedaffaires (во Франции) «коммерческий банк, ведающий промышленными и торговыми вкладами , а также ценными бумагами «(фр.); numaraire « стандарт денежного валютного курса» (фр.) и др. Основная масса слов, входящих в эту группу, является наименованиями различных денежных единиц, главным образом, в странах Азии, Африкии и Океании, например: senghi «сенги» (денежная единица Заира) (банту), jun «джона (чона)» (1/100 вона; денежная единица КНДР), won «вона» (основная денежная единица КНДР) (оба из корейского);

Спорт (24), например: aikido « айкидо » (вид японской спортивной борьбы) (яп.), karateka «каратека каратист» (спортсмен, занимающийся борьбой каратэ) (яп.), sambo «самбо» (рус.), kungu – fu «кун-фу – вид китайской борьбы (типа каратэ)», avalement «техника увеличения скорости на поворотах при лыжнем спуске» (фр.), frontenis «латиноамериканская игра в мяч, типа гандбола» (исп.), wedein «быстрые короткие виляющие движения лыжника на полотном спуске » (нем.), direttissima альпинизм «прямое восхождение » (ит.) и т.д.

Наука (23), например: biogeocenos “биогеоценоз, сообщество организмов и среды” (рус), futurology “футурология” (научное предвидение будущего) (нем.), lebenswelt филос. “мир отдельной личности, состоящий из ее непосредственного опыта, деятельности и контактов” (нем.), Yang кит. филос. «ян.мужское начало »; Yin кит фило «инь.женское начало»; ecumonopolis «экуменополис всемирный город; город-мир» (в футурологии) (гр.), surjection мат. «суръекция ,отображение на все множество» (фр.).

Качества состояния: (23) bienvu «пользующийся большим уважением » (фр.); feuxnait «притворно наивный, простодушный » (фр.), duende «обаяние » (исп.), sitzflesch «терпеливость, настойчивость» (нем.), nebbish «неудачник, невезучий» (идиш);

военное дело (16):stalag «лагерь для военнопленных (рядовых и офицеров)» (нем.) ; forcedefrappeforcededissuasion «ударная группа кулак» (особенно имеющая в своем распоряжении ядерное оружие) (фр.); grandero «член войск или полиции особого назначения, предназначенных для подавления мятежей « (исп.), kalashnikov «автомат Калашникова» (рус.), katyusha «катюша» (реактивный миномет (рус.).В словаре Барнхарта это слово ошибочно зарегистрировано как заимствование из чешского, впервые появившееся в английском в 1970 г.

В дополнении к Оксфордскому словарю время первого появления его в английском языке обозначено 1955 г. и верно определен источник заимствования - русский язык. Как заимствование из русского языка зарегистрировано оно и в словаре М.Райфер.

Таким образом, роль заимствованных неологизмов в обогащении словарного состава и в таджикском и в английском языках очень велика. Процесс проникновения новых слов до настоящего времени продолжается.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Волохов Ю.К. Словарные заимствования, пополнившие английскую лексику в XX в.: автореф. дис. канд. филол. наук / Ю.К. Волохов. - К., 1974. - 20 с.
2. Жлуктенко, Ю.А. Английские неологизмы / Ю.А. Жлуктенко, В.П. Березинский, И.И. Борисенко и др. - Киев: Наукова думка, 1983. - 164с.
3. Почепцов Г.Г. Sputnik в английском языке/ Г.Г. Почепцов // Иностранные языки в школе. - 1959. - № 6. - С. 83-89.
4. Ҷӯраев Ғ. Луғати калима ва истилоҳоти нав / Ғ. Ҷӯраев, С. Фатҳуллоев. - Д.: Ирфон, 2003. - 192 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз ду ҷилд. - М.: Советская энцик-я., 1969. - Ҷ. 1. - 951с; - Ҷ. 2. – 948 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Мураттибон С.Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Иборат аз ду ҷилд. - Душанбе, 2008. - Ҷ. 1. - 950 с; - Ҷ.2. - 945 с.
7. Эйто, Дж. Словарь новых слов английского языка / Дж. Эйто. - М.: Рус. яз., 1990. - 434 с.
8. Barnhart, C.L. A Dictionary ofNewEnglish(1963-1973) / C.L. Barnhart. - London, 1973. - 1324p.
9. Barnhart, C.L. The Second Barnhart Dictionary of New Eng / C.L. Barnhart. – N. Y, 1980. - 1231 p.
10. Berg, P.C. A Dictionary of New Words in English / P.C. Berg. - Lndon: Allen Unwin., 1953. - 176 p.
11. Le May, H. The New Words Dictionary / Le May, H. - New York: Harold Le May sid Lerner & Mariah Ballantine books Taylor, 1989. - 128 p.
12. 6000 Words. A Supplement to Webster's Third New International Dictionary. - Springfield ; Mass., 1976. - 532 p.
13. Webster's Third New International Dictinary of the English Language. - Lnd.: Beel. Springfield, Mass. - Vol. 2. 1976. - 2662 p.

НАВВОЖАҲОИ ИҚТИБОСШУДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур наввожаҳои иқтибосшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Сабаби ворид гаштани наввожаҳо зарурияти номгузорӣ намудани воқеаву ҳодисаҳои нав аст ва зиёда аз 77% иқтибосҳои забони англисӣ, дар натиҷаи шиносоӣ бо воқеаву ҳодисаҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ, хоҷагӣ - иқтисодӣ, фарҳангӣ-илмӣ ва мадании дигар халқҳо пайдо шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки асосан наввожаҳои иқтибосшуда дар забони тоҷикӣ аз забонҳои русӣ ва арабӣ ворид шудаанд, аммо дар забони англисӣ бошад онҳоро забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва италиявӣ иваз мекунанд. Дар муддати асрҳо воридшавии калимаҳо аз забонҳои аврупоӣ, махсусан аз фаронсавӣ, немисӣ, аз тарафи олимон мавриди баҳс қарор гирифтааст. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки гурӯҳбандии семантикии наввожаҳои иқтибосшуда дар соҳаҳои зерин тамаркуз дода шудаанд: маданию фарҳангӣ, ҷамъияти - сиёсӣ, хӯрокворӣ, варзиш, илм, шарҳи вазъият, асбобҳои рӯзгордорӣ ва кори ҳарбӣ. Наввожаҳои иқтибосшудаи забони арабӣ, ки аз забони форсӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд на танҳо аз исм, балки аз дигар ҳиссаҳои нутқ низ иборат мебошанд. Аз ҷиҳати сохти морфологӣ бештари наввожаҳои иқтибосшуда исмҳо мебошанд ва дар ҷойи дуюм сифатҳои иқтибосшуда аз забони фаронсавӣ меистад.

Калидвожаҳо: иқтибос, наввожа, забон, тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ, сарчашма, лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва италиявӣ.

ЗАИМСТВОВАННЫЕ НЕОЛОГИЗМЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье речь идет о заимствованных неологизмах в таджикском и английском языках. Заимствование иноязычной лексики вызывалось в первую очередь необходимостью номинации новых реалий и понятий, более 77% всех заимствований, возникло у носителей английского языка в результате знакомства с событиями, явлениями и процессами общественно-политической, хозяйственно – экономической, научной и культурной жизни других народов. Автор отмечает, что в основном, большинство заимствованных неологизмов в таджикском языке проникли из русского и арабского языков, а в английском их заменяют латинские, греческие, французские, немецкие, итальянские. На протяжения многих веков заимствование английским языком из европейских языков, главным образом из французкого, немецкого и испанского, подвергалось осуждению. По анализу исследования выделение семантических групп иноязычных заимствований показало, что наибольшее количество слов концентрируется в следующих сферах: культура, обществено-политическая, кулинария, спорт, наука, качество состояния, финансы, быт, домашний обиход и военное дело. К заимствованным арабским неологизмам, вошедшим в таджикский язык посредством персидского языка, относятся не только имена существительные, но и другие части речи. Большинство заимствований представлено существительными, второй по численности морфологической группой иноязычных слов являются прилагательные, которые были заимствованы из французского языка.

Ключевые слова: заимствование, неологизм, язык, таджикский, русский, английский, арабский, латинский, греческий, французский, немецкий, итальянский, источник.

BORROWED NEOLOGISM IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with borrowed neologisms in Tajik and English languages. The reason of foreign lexicology exchange was the urgency of new events and perceptions, more than 77% neologisms were originated in the native speakers, because of : socio-political, economical, scientific and cultural events that happened when they were merged with other nations. The author stresses that majority of borrowed neologisms in Tajik language were penetrated from Russian and Arab languages, but in English their equivalent are Latin, Greek, French, German, and Italian. During the centuries, borrowing into English language from European languages as French, German and Spanish were under discussion. According to analysis of research, classification of foreign borrowings concentrates in such spheres: culture, social economics, cookery, sport, science, quality of states, finance, common household and military science. Borrowed neologisms from Arabic to Tajik – that were penetrated through the Persian language - are not only nouns, they exist as other parts of speech as well. Morphologically, majority of borrowings are nouns, in the second place adjectives, which are borrowed from French language.

Key words: borrowing, neologism, language, Tajik, Russian, Arab, English Latin, Greek, French, German, Italian, source.

Сведения об авторе: ***Махадова Г.*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, аспирант кафедры языкознания и сопоставительной типологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 121. E-mail: **Makhadova.1978@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 901-22-01-63**

Information about the author*:* ***Mahadova G.*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, postgraduate student in the Department of Linguistics and Comparative Typology. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: **Makhadova.1978@mail.ru.** Tel.: **(+992) 901-22-01-63**

УДК: 491.550+42

БЕЗГЛАГОЛЬНЫЕ ИМПЕРАТИВНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Абдулхамидов Т.И.
Институт языка и литературы им. А. Рудаки АН РТ

Последние годы значительно усилился интерес к изучению лингвистических особенностей разговорного стиля речи, следовательно, выявление и описание структурно-семантических признаков императивных предложений представляют одну из важнейших задач синтаксиса таджикского и английского языков.

Общеизвестно, что все языки мира располагают многочисленными средствами выражения побудительности, и эти средства могут быть лексическими, грамматическими и лексико-грамматическими. Следует отметить, что самым типичным и наиболее древним способом выражения побудительности в большинство языках является специальная предикативная форма глагола – форма повелительного наклонения (т.е. императив). В первой главе книги русского лингвиста В.Ю. Гусева подчёркивается, что *«…глаголы составляют подавляющее большинство императивных форм…, имеющих специализированные формы для выражения императива. Это естественно, поскольку императив служит для каузации некоторого действия, а для выражения действия в первую очередь используется именно глагол. Тем не менее, императивы существуют и за пределами глагольных парадигм»* [3, с.95].

В связи с вышеизложенным следует признать, что повелительная форма глагола является вовсе не единственным способом образования императивных предложений. Наряду с глагольным типом императивных предложений в живой разговорной речи также используются императивные конструкции, не имеющие глагола вообще, т.е. безглагольные императивные предложения [*далее* БИП]. Например, *в таджикском языке:* ***Тезтар! Хомӯш! Марҳамат, як пиёла чой!***; *в английском языке:* ***Forward to new victories! All aboard! The salt, please!***

В научных трудах и школьных учебниках по современному литературному таджикскому языку пока нет ни одной специальной работы, посвященной изучению БИП из-за их относительно простого устройства, тем не менее, в английском языке изучению различных аспектов этой проблемы посвящены труды рядf английских [H.Poutsma [1929], G.O.Curme [1935], R.Quirk [1985] и русских [А.И.Смирницкий [1957], Е.А.Натанзон [1956], В.Т.Ушакова [1967], В.В.Бузаров [1969], Е.И.Беляева [1992] исследователей.

Ишқи инсоне, ки барои ба даст овардани ягон матлаб нисбати ягон кас равона шудааст, дар забони англисӣ бо воҳиди фразеологии ***«cupboard love»*** - таҳтул***. ишқи ҷевонӣ***, яъне, ишқи ботамаъ, ифода ёфтааст. ***«Cupboard»*** дар тафаккури англисзабонон ҳамчун махзане, ки дар он хӯроку озуқа гузошта мешавад таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, муҳаббате, ки аслӣ набуда барои молу мулк мебошад, маҳз ба ***«cupboard – ҷевон»*** шабеҳ дода шудааст:

I suspected all along it was just ***cupboard love****, and what she really liked of him was his car. – (***таҳтул***.)– Ман тамоми муддат гумон мекардам, ки ин* ***ишқи ҷевонӣ*** *буда, чизе ки дар асл ба вай мақбул буд, ин нақлиёти ӯ буд.*

Дар тасвири забони ҷаҳони тоҷикзабон бошад, на ишқ, балки калимаи «дӯстӣ» барои ба даст овардани ягон матлаб нисбати ашхосе равона карда мешавад ва он дар забони тоҷикӣ бо ибораи «дӯсти нонӣ» ифода меёбад. «Нон» дар тафаккури тоҷикзабонон

маводи ҳаётан муҳим барои зиндамонӣ таҷассум ёфтааст. Дар ибораи зикршуда «нон» дорои маънои маҷозӣ – метафорӣ буда, он ифодакунандаи «сарвату давлат» мебошад.

Дар тафаккури англисзабонон фавран меҳр пайдо намудан нисбати касе ё чизе ифода ёфтааст, ки дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо воҳиди фразеологии *«love at first sight»* - **таҳтул**. муҳаббат дар нигоҳи аввал, яъне нисбати касе ё чизе меҳр пайдо намудан, ифода ёфтааст:

Love at first sight – I never believed in it before – but now… . – Ишқ дар нигоҳи аввал – ман пеш ба ин ҳеҷ бовар надоштам, аммо ҳозир… .

Дар тафаккури англисзабонон бо пайдо шудани меҳру муҳаббат айни замон пайдо шудани рашк таҷассум ёфтааст, яъне англисзабонон ишқро дар алоқамандӣ бо рашк дарк менамоянд. Ишқ бе изҳори рашк имконнопазир мебошад: «Love is never without jealousy» - **таҳтул**. ишқ ҳеҷ гоҳ бе рашк намешавад, яъне, инсоне, ки дӯст медорад, нисбати дӯстдоштаи худ рашк дорад. Инчунин, дар забони англисӣ ихтиёран ба вуҷуд овардани муҳаббат инъикос ёфтааст:

«make love» - **таҳтул**. муҳаббатро сохтан, яъне, ишқбозӣ кардан:

…..he had never looked upon Miss Wilkinson like that; it seemed incredible that anyone should ***make love*** *to her [16, c.67]. – Ӯ ҳеҷ гоҳ ба Мисс Вилкинсон аз ин ҷиҳат назар намекард. Бо ӯ ишқбозӣ кардан ҳатто ба гӯшаи хаёли ӯ намеомад.*

Ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ махзани асосии ҷой кардани ишқу муҳаббат «***дил»*** мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар ҳар ду забони муқоисашаванда воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи «*дил»*, ки ифодакунандаи ишқу муҳаббат мебошад, бештар ба назар мерасанд:

Дар забони тоҷикӣ: ***«ба дил ҷой гирифтан», «меҳри касе ба дил нишастан», «меҳри касе ё чизе ба дил ҷо гирифтан», «ба дили касе ҷо шудан», «дар дил макон доштан», «дил бохтан», «дил бастан», «дили касеро бурдан», «дили касеро ба худ кашидан», «дили касеро банд кардан», «дил бохтан»***– яъне, мақбул афтидан, писандидан:

Юсуф дар андак муддате тавонист байни зиндониён самимият – дӯстӣ, ҳамкориву иттиҳоде муҳкам эҷод намояд, тавре ки ҳеҷ аз як маҳбусин монанди гузашта бо ҳам қаҳр ва ё даъво намекарданд ва кинаю ҳасаду нифоқ байни онҳо рахт барбаста ва бар ***дили*** *ҳамаи онон меҳру муҳаббату дӯстӣ нишаста буд [3, с.107].*

Як ***дил*** *не, сад* ***дил*** *ошиқи беқарораш гардид ва ихтиёр аз дасташ бирафту қалбаш ба тапидан огозид ва фавран дастур дод Зулайхоро бо эҳтирому иззати махсусе ба ҳарамсарои ӯ бибаранд [3, с.215].*

Ибораҳои фразеологии ***дили касеро бурдан, дили касеро аз ҷо бурдан*** –ба маъноҳои касеро мафтун намудан ё касеро ошиқ намудан: *Чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абрӯи каҷи дунболадори ӯ* ***дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд*** *[6, с.45].*

Дар забони англисӣ: ***«take into heart»***– **таҳтул**. *ба дарун дил гирифтан, яъне касе ё чизеро мақбул донистан ё бо меҳрубонӣ қабул намудан* ифода ёфтааст: *He was such a cute little boy. We took him into our* ***hearts*** *immediately – (***таҳтул***. Ӯ чунон писари хурдакаки дилчасп буд. Мо ӯро дарҳол ба дил гирифтем). – Ӯ чунон писари хурдакаки дилчасп буд. Мо бо ӯ унс гирифтем [13, с.693].*

give one's heart to smb. – таҳтул. *дилро ба касе додан, яъне ошиқ шудан:*

She grew to womanhood, and gave her heart to one who could not know its worth [1, с.374]– Ӯ калон шуда, дилашро ба касе дод, ки ба қадри он расида наметавонист.

find a way to one's heart *– ба дили касе роҳ ёфтан: For months, he had been trying to find a way into her heart. – Моҳҳост, ки ӯ кӯшиши ба дили ӯ роҳ ёфтанро дорад.*

Ҳамчунин дар тасвири забонии ҷаҳонии тоҷикзабонон воҳиди фразеологӣ бо ҷузъи ***«дил»*** *ва* ***«меҳр»*** *бо ҳамроҳии феълҳои* ***«бастан»*** *алоқаманд карда мешавад, ки инсон нисбати касе ё чизе ҳисси меҳру муҳаббат пайдо менамояд ва онҳо дар якчоягӣ ифодакунандаи муҳаббат мебошанд, мушоҳида карда мешавад:* ***«ба касе, чизе дилбастагӣ доштан», «дилбастан», «меҳр бастан»*** *ва ғайра.*

ба касе, чизе дил бастагӣ доштан – *ба касе, чизе меҳру муҳаббат доштан, касе, чизеро нағз дидан, дӯст доштан, бо касе алоқаи маънавӣ доштан: Ҳамин аст, ки одам ба ҳаёт ин қадар* ***дилбастагӣ дорад*** *[5. с.87].*

дил бастан –1. б*а касе меҳр мондан, касеро нағз дида мондан, дӯст доштан, 2. қарор кардан, 3. розӣ шудан, тан додан:*

Аммо вақте, ки ҳаракати фикраш ба интизом даромад, ба оиладорӣ ҳам ***дил баст*** *[8, с.34].*

Мамарачаб чанд вақт инҷониб ба вай ***дил баста****, барои ба ӯ хонадор шудан роҳ меҷуст[10, с. 76].*

Ҳасан кайҳо умеди худро аз озодӣ канда ва ба асирӣ ***дил баста*** *буд [7, с.65].*

Лексемаи ***«дил»*** *ғайр аз феълҳои* ***«бастан»*** *боз бо ҳамроҳии феълҳои* ***«бохтан»*** *низ меояд ва дар якҷоягӣ боз як воҳиди фразеологие ба вуҷуд меоранд, ки дар тафаккури тоҷикзабонон*

*мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳуди калимаи **«бохтан»** ин дар фарҳанг ба маъноҳои гуногун ифода ёфтааст: бой додан, аз даст додан, шикаст хӯрдан ва ғайра*

*Воҳиди фразеологии **«дил бохтан»** - дили ҳудро аз даст додан, ғаме, ошиқ шудан.*

*Фикр мекардам, ки ӯ ба ягон каси дигар **дил бохта**, ба шаҳар баромад ва маро фаромӯш кард [9, с.76].*

*Бубин ишқи ту чиҳо карда ва шавқу **дилбохтагӣ** чӣ инқилобе барпо намуда**, муҳаббати** ту чӣ авзое ба вуҷуд овардааст [10, с.81].*

*- Меҳмонони азиз, мувтакидам, ки бояд ҳақиқатро гуфт ва ман эътироф мекунам, ки чанд солест, **дилбохтаи** ин ҷавони зебо ҳастам, вале афсӯс, ки дарди **ишқ** ҷуз висоли маъшуқ дармоне надорад[10, с.99].*

Дар тафаккури англисзабонон низ бо чунин маъно воҳидҳои фразеологӣ мавҷуданд:

***Love to bits-** касеро ё чизеро аз ҳад зиёд дӯст доштан. Чуноне ки аз воҳиди фразеологии дар боло зикргардида маълум мешавад, маънои аслии онҳо бештар муҳаббати яктарафаро таблиғ менамояд, аммо воҳидҳои фразеологие, ки таҷассумгари муҳаббати мутақобил бошанд, дар тоҷикзабонон кам нестанд:*

***Дил ба дил роҳ доштан –** дӯстӣ, меҳр, муҳаббат аз ду тараф будан , ҳусни тавоҷуҳи мутақобил доштан.*

***Дил ба дил роҳ дорад** мегӯянд, барои ҳамин ба шумо лозим аст дар бораи зан шудани он хеле мулоҳиза ва андеша кунед.*

*Воҳиди фразеологии мазкур ҳамгироии ду ҷинси муқобилро ифода мекунад ва ҳамчунон: **дилдода шудан –** мафтун гардидан, ошиқ шудан.*

*Ҳамин тавр, ин ду ҷавон ба якдигар **дилдода** шуданд[5, с.34].*

*Яке аз воҳиди фразеологии серистеъмоле, ки дар тасвири забонии тоҷикзабонон мавриди истифода қарор дорад ва ин ҳам аз падидор шудани **муҳаббат** шаҳодат медиҳад, ин воҳиди фразеологии **дӯст доштан** мебошад. Вожаи **дӯст** дар алоҳидагӣ дар мафкураи тоҷикзабонон на шахсе, ки нисбаташ ҳисси муҳаббат доранд, балки ёр, рафиқи неккоҳеро мепиндоранд, аммо дар алокамандӣ бо ҷузъи «доштан» калимаи **дӯст** маънои аслии ҳудро гум намуда, ба касе бо ҳисси муҳаббат муносибат карданро ва ошиқи чизе ё касеро ифода мекунад.*

*Бо вуҷуди ин ҳеҷ кадомашон ҳеҷ кадоми онҳоро **дӯст намедоштанд** [9, с.81].*

*Аммо ӯ сипоҳиён аз эшониву дуохононро бисёр **дӯст медошт** [9, с.120].*

*Чунонки оташ обро **дӯст намедорад**, инчунин об ҳам оташро **дӯст намедорад** [9, с.240].*

Ҳамин тариқ, мафҳуми «муҳаббат» дар тасвири забонии олами атрофи забонҳои муқоисашаванда, ки бо таҳлили воҳидҳои фразеологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, бо ҳам хеле монанд буда, дар баъзе мавридҳо тафовути онҳо низ ба назар мерасад, ки ин фарқиятҳо бештар дар муроҷиат ба шахси маҳбуб инъикос меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кунин А. В. Англо-русский фразеологический словарь / А. Кунин. – М., 1984. – 945 с.
2. Мирзоева Б.И. Традиционные таджикские женские ремесла как историко-культурный и педагогический феномен / Б.И. Мирзоева // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. – №3/1. – С.290-294.
3. Муҳаммади Тамаддун. Юсуф ва Зулайхо / Т. Муҳаммад. – Душанбе: Ирфон, 1992 – 249 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ / зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Масъумӣ. – М., 1969. – 1905 с.
5. Ҳайдаров Р. Машъали тобон / Р. Ҳайдаров. - Душанбе: Ирфон, 1984 – 205 с.
6. Садриддин Айнӣ. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 415 с.
7. Садриддин Айнӣ. Ғуломон. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 545 с.
8. Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Сталинобод: Комбинати полиграфӣ, 1990. - 333 с.
9. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қ. 3 – 4. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
10. Фотеҳ Ниёзӣ. Вафо. – Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1966. - 390 с.
11. Dictionary of the English Language by Houghton Mifflin. – London press, 2000. – 670 p.
12. Kernerman Webster's College Dictionary. – London, 2000. – 600 p.
13. McGraw-Hill's dictionary of American idioms and phrasal verbs / A. Richard. - USA, 2005. – 1080 p.
14. Oxford Dictionary of the English Language. – London, 2002. – 590 p.
15. Oxford Advanced Learner's Dictionary / Jennifer Bredbery, Margaret Dueter and others. - London, 1996. -456 p.
16. W.S. Waugham. The making of Saint / W. S. Waugham. – London, 1998. – 213 p.

МАФҲУМИ «МУҲАББАТ» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола мафҳуми «муҳаббат» дар тасвири забонии олами атроф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо таҳлили воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, то ин ки таърих, фарҳанг, урфу одат, анъана, хулқу табиати халқи тоҷикзабон ва англисзабон муайян карда шавад. Муаллиф бо истифода аз тадқиқотҳои роҷеъ ба истилоҳи мафҳуми «муҳаббат» буда, истифода намуда, мафҳуми мазкурро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо таври муфассал шарҳ додааст. Дар қисмати аввали мақола шарҳи мафҳуми «муҳаббат» бо истифода аз якчанд фарҳангҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, хусусиятҳои умумӣ ва хосси шарҳи он дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардидааст. Дар таҳлили шаҳри лексемаи «муҳаббат» дар асоси фарҳангҳои забонҳои муқоисашаванда мушоҳида гардид, ки расман дар доираи маъноҳои ин лексема дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ умумиятҳо ба назар расанд ҳам, аммо мавридҳое

ҳастанд, ки тафовути он ба назар мерасад. Баъдан таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки таҷассумгари мафҳуми «муҳаббат» мебошанд, гузаронида шудааст. Таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва урфу одат, ҳувияи ин халқиятҳо, дарки мафҳуми «муҳаббат» аз тарафи тоҷикзабонон дорои хусусиятҳои умумӣ мебошад. Ҳар як халқият дарки хосси мафҳумҳои гуногунро доранд. Аз ҷумла, мафҳуми «муҳаббат» аз тарафи тоҷикзабонон ва англисзабонон бо таври хосси ин миллатҳо дарк мегардад, ки ин хусусиятҳои хос ва умумии халқиятҳои зикршуда дар мақола муфассал дарҷ гардидааст. Муаллиф барои тақвияти фикр мисолу намунаҳоро нишон дода, онҳоро бо далелҳои илмӣ мустаҳкам намудааст.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мафҳум, воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанг, тафаккур, тафсир, тасвири забонии ҷаҳон.

КОНЦЕПТ «ЛЮБОВЬ» ВО ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦАХ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье рассматривается концепт «любовь» в языковой картине мира с основой на анализ фразеологических единиц в таджикском и английском языках, цель которого изучить историю, культуру, обычаи, традиции, характерные для таджикоязычных и англоязычных народов. Автор в исследовании даёт подробные описание концепта «любовь». В исследовании проводится обзор словарей таджикского и английского языка, посвящённых лексеме «любовь», а также определяется общее понимание толкования данного понятия и специфические особенности сопоставляемых языковых картин мира. В ходе исследования был проведён сравнительных анализ фразеологических единиц в таджикском и английском языках, который показал, что независимо от менталитета, географического положения, традиции и обычаев таджикского и английского народов имеются общие особенности в понимании указанного концепта. Также в статье определяется сходство и различие концепта «любовь» в фразеологических единицах сопоставляемых языков. В статье приведён обширный лингвистический материал, который, на наш взгляд, представляет особую ценность для исследователя.

Ключевые слова: языкознания, концепт, любовь, сердце, фразеологические единицы, культура, мышление, толкование.

CONCEPT OF «LOVE» IN THE PHRASEOLOGICAL UNITS OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In the article the concept of “love” in the language picture of the world of Tajik and English languages is investigated by analyzing the phraseological units in order to define history, culture, traditions, habbits, character and behavior of Tajik and English people. By using the researches relatively to term of concept “love” the author construes the given concept in details. In the beginning part of the article defining the concept “love” is shown by using Tajik and English dictionaries and common and specific features its defining if the named languages are determined. During the analyze of defining lexeme “love” based on Tajik and English dictionaries we observed that among the meanings of the named lexeme beside common features there are some cases where the differences are also seen. Later the author analyses the phraseological units OF Tajik and English languages that represent the concept “love”. The analyze of phraseological units showed that despite of geographical position, behavior and habits, mentalities of named nations perception of concept “love” by Tajik and English people has common features. Every nation has specific perception of different concepts. Concept “love” is perceived by the specific way of Tajik and English people and these common and specific features are mentioned in the article. The author states the examples and patterns for intensifying the ideas and fro reinforces them by scientific arguments.

Key words: linguistics, concept, phraseological units, culture, cognition, explanation, language picture of the world.

Сведения об авторе: ***Азиззода Дилрабо*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-05-68-72**

Information about the author: ***Azizzoda Dilrabo*** – Tajik state Institute of languages. S. Ulugzada, doctoral student Ph.D chair of comparative typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadieva street 17/6. E-mail: **Azizzoda.Dilrabo-1990@mail.ru**. Tel: **(+992) 900-05-68-72**

УДК: 49+491.71

ФОРМИРОВАНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЛЕКСИКИ ЯПОНСКОГО ЯЗЫКА

Саъдиева Г.Ф.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Японский язык очень богат и разнообразен лексически. В нем множество синонимов, передающих различие оттенков понятия, которые в русском или английском языке обозначаются одним и тем же словом. Это связано с несколькими причинами: во-первых, с географическими и культурными условиями, в которых живут носители языка. Например, в японском языке различаются понятия «рис на корню» (как растение) - *инэ*, и рис как зерно こめ [kome], а также «вареный рис» めし [meshi]. Это, очевидно, связано с высокой значимостью риса для японцев.

Лексическое богатство японского языка состоит в том, что на протяжении истории своего развития японский язык активно пополнялся за счет иностранных заимствований. Пожалуй, масштабы заимствования иностранных слов и в период, когда культурным донором для Японии был Китай, и сейчас, когда им являются США, просто огромны.

Заимствуются даже те слова, эквиваленты которых уже есть в японском языке. При этом, часто синонимы не вытесняются, а присутствуют в языке и различаются сферой употребления и оттенками смысла.

В современном японском языке выделяются три слоя лексики:

- ваго - собственно японские слова,
- канго - слова китайского типа и
- гайрайго - европейские заимствования.

Три слоя лексики живут своей жизнью и могут по-разному оцениваться.

Никогда не менялась лишь оценка ваго как полностью японских слов. Канго долгое время воспринимались как нечто чужое. Так было во времена kokugaku, когда надо было противопоставить национальную культуру китайской. Потом эта проблема перестала быть актуальной, но традиция противопоставления ваго и канго сохранялась довольно долго, отразившись, например, у Танидзаки Дзюнъитиро в 30-е гг. XX в., который считал, что канго не могут отразить ≪японский дух≫ и призывал не увлекаться канго, а расширять смысл исконной лексики [6, с.100].

Сельскохозяйственная лексика японского языка состоит из базовых терминов, которые передают основную характеристику понятий, связанных с сельским хозяйством (agriculture [nougyou] ; agrarianlaws - [tochisadame] - земельные законы, agrarianreform – [nouchikaikaku] аграрная реформа, arableland – [kouchi].

Особый вид японской терминологии, использованной в сфере сельского хозяйства, включает следующие термины: (agriculturalpractices - [nougyou no kunren] опыт земледелия, agricultural systems - [nougyou no shisutemu] система земледелия, система орошения) и другие сферы, к которым относятся сельскохозяйственная зоология (agricultural zoology, [nougyouno zooroji], agri- tourism – агро-туризм, biology – [seibutsugaku] биология,botany – ботаника, ecology – [seitaigaku] экология, entomology – [konchyugaku] энтомология, gastronomy – [shyokuryouhin] гастрономия, landmeasurement - [tochisunpou] измерение земли. Что касается терминов земледельческой техники, то они относятся к терминам техники и производства: centrifugal drill - ルレ [enshintekidoriru] - еялка с центробежными высевающими аппаратами (научно-технический термин), drag shovel - ルレ - [teikou shyaberu] обратная лопата, all-crop drill - ルレ一универсальная сеялка, [zenshyuno doorilu] picker-husker-кукурузоуборочный комбайн с початкоочистителем, husker-початкоочиститель, husker-sheller–кукурузная молотилка, husker-shredder–кукурузная молотилка с измельчителем

Аграрная лексика японского языка состоит из:

а) исконно японских слов (till – возделывать), [tagayasy] (totilltheland - [tagayasu tochi] обрабатывать землю), (totillafarm - работать на ферме);

б) заимствованных из европейских языков;

в) архаизмов (husbandman - [jinushi]– (земледелец);

г) неологизмов (agribusiness - [agurobijinesu] -(агробизнес);

д) обычных обиходных по происхождению (bull - [buru] - (бык);

е) узкоспециальных (bunchier – копнитель)

ж) слов, созданных по моделям общелитературного словообразования;

з) по специализированным моделям терминологического словообразования.

В английском варианте японского языка аграрная лексика может иметь:

1) различное правописание (A.E. – plow, B.E. –plough -пахать)
2) другое значение, нежели в сопоставляемых языках:

B.E. A.E.

Corn пшеница кукуруза

Термины сельского хозяйства делятся на следующие категории:

1) категория предметов (drill - [dooriru]-(сеялка)
2) категория процессов, явлений, понятий (ploughing - [tagayasu] (вспахивание);
3) категория состояний (sown - [tanuomaku] - (засеян);
4) категория величин и единиц измерений (acre - [eeka] - (акр);
5) категория действий (toted –ворошит зерно) [14, с. 67];
6) категория наук и отраслей (agriculture - [noukou] сельское хозяйство), (thefield (ofscience) tilledbythebiologists - [kagaku bata shigoto seibutsugakusha] области (науки), разрабатываемые биологами) [14, с.282].

Отрасли сельского хозяйства, в свою очередь, делятся на подотрасли:

1) плодоводство, plantbreeding –растениеводство и т.д.

Для каждой группы терминов сельского хозяйства характерен свой набор терминов: (horticulture - [engei] - (садоводство) [14, с.136].

Apiculture - [youhou], dummy – полная рамка, bee yard - [youhouba] пасека, пчельник;
Livestock breeding - - *[*chikusangyou*]* животноводство; stock - [bakuchiku]скотоводство, yean-ягниться [14, с.50].

2) категория лиц: а) работников сельского хозяйства (human) б) животных, птиц, растений, сельскохозяйственных культур, насекомых (nonhuman)

а) категория профессий занятий:

agriculturalist - [nouka] земледелец;

agricultural labourer - [nougyousoudoushya] сельскохозяйственные рабочие

tiller - [teira] земледелец (почвы)

haymaker – рабочий, занятый на сенозаготовках

reaper - [karite] - жнец, жница

horticulture - [engei] садоводство

В японском языке термин пастух имеет несколько переводов: [hitsujikai] [hitsujinohitsujikai] -«пастух овец», «goatherd» - [yaginohitsujikai] пастух коз, «cowherd» [ushinohitsujikai] пастух коров, «swineherd» [butanohitsujikai] «пастух пасущий свиней», «neatherd» - [osuushinohitsujikai] пастух быков.

Так, в японском языке сложилась система, в которой четко выделяются три основные подсистемы единиц, различающихся своим происхождением. Эти подсистемы до сих пор четко осознаются носителями языка. Хотя происходит взаимопроникновение подсистем и некоторые различия между ними стираются, принадлежность той или иной единицы языка к той или иной подсистеме не вызывает сомнения ни у лингвиста, ни у достаточно образованного носителя языка, чему способствует система японского письма: европейские заимствования, как правило, не записываются иероглифически, а пишутся одной из двух национальных азбук - катаканой, которая в современном языке в основном применяется для этих целей; китайские заимствования до реформы письма 1946 г. писались только иероглифами; исконные единицы пишутся частично иероглифами, частично другой национальной азбукой - хираганой [4, с.114].

Данная статья является первой попыткой в исследовании формирования лексики сельского хозяйства в японском языке. Дальнейшее исследование по этим материалам можно проводить как с точки зрения семантики, так и с точки зрения структуры этих терминов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Адаменко П.А. Англо-русский словарь по животноводству / П.А. Адаменко. – М.: Советская энциклопедия, 1972. – 452 с.
2. Адаменко П.А. Англо-русский сельскохозяйственный словарь / П.А. Адаменко. – М.: Русский язык., 1986. – 875 с.
3. Алпатов В.М. Япония: язык и общество. Монография / В.М. Алпатов. – Москва: Муравей, 2003. - 250 с.
4. Алпатов В.М. Япония: язык и культура. Книга / В.М.Алпатов. - М.: Языки славянских культур, 2008. – 208 с.
5. Неверов С.В. Большой японско-русский словарь. В двух томах. Свыше 100000 слов. С приложением иероглифического ключа / С.В. Неверов, К.А. Попов, Н.А. Сыромятников; под. ред. Н.И. Конрада. - М.: Советская энциклопедия, 1970. – 1780 с.
6. Реформатский А.А. В введение в языковедение Классический учебник / А.А. Реформатский. – М.: Издательство Просвещение, 1967. – 542 с.
7. Саъдиева Г.Ф. Полисемия сельскохозяйственных терминов / Г.Ф. Саъдиева // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2015. – №4/4 (171). – С. 39-42.
8. Саъдиева Г.Ф. Структурное формирование терминов сельского хозяйства в процесс номинации / Г.Ф. Саъдиева // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – №4/4 (171). – С. 39-42.
9. Саъдиева Г.Ф. Формирование сельскохозяйственной лексики в английском языке / Г.Ф. Саъдиева // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. – №4/1 (171). – С. 92-94.
10. Саъдиева Г.Ф. Заимствования сельскохозяйственных терминов в английском языке / Г. Ф. Саъдиева // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. – №4/2 (171). – С. 136-138.
11. Смирницкий А.И. Морфология английского языка. Книга / А.И. Смирницкий. – М.: Издательство Литературы на иностранных языках, 1959. – 440 с.

ТАШАККУЛИ ЛЕКСИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНИ ЯПОНӢ

Дар мақолаи мазкур лексикаи соҳаи кишоварзӣ дар забони японӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Лексика – ин таркиби луғавии ҳар як забонро дар бар мегирад, аз он ҷумла забони японӣро низ. Барои ба даст овардани чиҳатҳои муҳим дар татқиқоти лексикӣ ошкор намудани мазмуни сохторӣ - семантикӣ басо муҳим аст. Лексикаи соҳаи кишоварзӣ низ яке аз кисмҳои ҷудонашавандаи истилоҳоти илмӣ ба шумор рафта, дар навбати худ қисми мустақили номгӯи элементҳои лексикии соҳаи кишоварзиро дар бар мегирад. Забони Японӣ хеле бой ва гуногун аст. Бисёре аз синонимҳо вуҷуд доранд, ки мафҳумҳои гуногун дошта, дар забони русӣ ё англисӣ як калима мафҳуми гуногунро ифода мекунад. Лексикаи соҳаи кишоварзиро дар вобастагӣ аз таркиби калима метавон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд. Ба мисли забони русӣ ва точикӣ дар забони японӣ низ ҷумлаҳо ба сода, сохта ва мураккаб ҷудо карда мешаванд. Дар ҳолати *канго* (калимаҳои иқтибосие, ки аз забони хитоӣ ба забони японӣ ворид шудаанд) фаҳмиши климаҳои сохта ва мураккаб асосан аз рӯйи решаи калимаҳо, пешвандҳо, ки ба калима маънои асосӣ мебахшанд фаҳмида мешавад, ҳамчунин нақши пешояндҳо дар ифодаи маънои лексикаи кишоварзӣ таъкид карда мешавад.

Калидвожаҳо: лексикаи кишоварзӣ, лексикаи японӣ, иқтибос, аграрӣ, барзгарӣ, чорводорӣ, боғдорӣ , заминдорӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЛЕКСИКИ ЯПОНСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается сельскохозяйственная лексика в японском языке. Лексика – это словарный состав любого языка, в том числе и японского. Лексическое значение слова индивидуально, свойственно конкретному слову, оно заключено в основе слова. Грамматическое значение слова заключено в аффиксах (приставке, суффиксе). Сельскохозяйственная терминология, является одной из неотъемлемых частей научной терминологии и представляет собой самостоятельную систему наименований, под которыми подразумеваются лексические элементы, относящиеся к собственно сельскохозяйственной сфере. Лексика японского языка очень богата и разнообразна. В нем множество синонимов, передающих различие оттенков понятия, которое в русском или английском языке обозначается одним и тем же словом. Японскую лексику можно классифицировать в зависимости от структуры слова. Как и в русском языке, слова делятся на простые (состоящие из одного корня), производные (состоящие из корня и аффикса) и сложные (состоящие из нескольких корней). В случае с *канго* понятие сложных и производных слов довольно размыто, так как в них можно рассматривать те или иные слова и как корнесложения, и как слово с аффиксом. Сельскохозяйственная лексика японского языка состоит из базовых терминов, которые передают основную характеристику понятий, связанных с сельским хозяйством.

Ключевые слова: сельскохозяйственная лексика, японская лексика, заимствования, аграрная, скотоводство, животноводство, садоводство, обратная лопата и тд.

FORMING OF AGRARIAN JAPANESE LEXICOLOGY

The author researches agricultural lexis in Japanese. Lexis is vocabulary items of any languages, including Japanese. Unit of vocabulary is a word. A word serves for denotation and name of objects and signs (relations, actions, amounts). A value of word is a reflection in the word of presentation talking about the phenomenon of reality (this phenomenon can be an object, quality, action, process of and other) or about a relation between objects or phenomena of reality. Distinguish the lexical and grammatical values of words. The lexical value of word is individual, peculiar to the concrete word, it is in based on the root of word. The grammatical value of word in affixes (prefix, suffix). Agricultural terminology is one of the essential parts of science terminology and self sufficient system of nominations implying lexical element referring to proper agricultural sphere. The vocabulary of the Japanese language is very rich and diverse. There are many synonyms that convey the difference in the shades of the concept, which in Russian or English is denoted by the same word. The Japanese vocabulary can be classified depending on the structure of word. As well as in Russian, words are divided by simple (consisting of one root), derivative (consisting of root and affix) and difficult (consisting of a few roots). In case with the kango concept of difficult and derivative words is washed enough out, because in them it is possible to examine one or another words and as root composition, and as a word with an affix. The agricultural vocabulary of Japanese consists of base terms, that pass basic description of the concepts related to agriculture.

Key words: agrarian terminology, borrowing, stock breeding, agricultural lexicology, husbandry, all-crop drill.

Сведения об авторе: ***Саъдиева Гулистон Фатоевна*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, М. Турсун-заде 30. E-mail: **guliston1973@mail.ru.** Телефон: **(+992) 446-20-42-35**

Information about the author: ***Sa'dieva Guliston Fatoevna*** - Russian Tajik Slovyanic University, candidate of philology Science, Associate of Professor of the Department of English philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade street 30. E-mail: **guliston1973@mail.ru.** Tel.: **(+992) 446-20-42-35**

УДК: 42+491.71

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КЛИЧЕК В АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Ф.К. Баротзода

Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни

В лингвистической литературе зоонимыисследованы крайне слабо, и практически никак не разработан вопрос об их передаче в переводных текстах.

В последние десятилетия интерес к зоонимам, в которых весьма своеобразно проявляется ономастическое творчество человека, значительно усилился. Уже были опубликованы наблюдения над собственными именами собак, лошадей, коров. Самыми распространенными оказались клички, указывающие на цвет, масть. В любом перечне зоонимов, причем всех их разновидностей, всегда преобладают имена типа Черныш, Серко, Белянка, Рыжик. Цветовой признак может быть представлен в зооним не прямо, а через метафору: белый цвет передается именами Снежок, Известка, Сметанка; черный – отражается в кличках Уголек, Цыган, Ночка. Среди собственных имен лошадей часто встречаются клички типа Буланый, Гнедой, Вороная, образованные от прилагательных, которые в русском языке получили узкую специализацию – обозначать только масть лошади.

Первой отечественной работой по зоонимике можно назвать статью известного тюрколога Н. К. Дмитриева. В ней проанализированы клички собак по материалам лингвистико-фольклорной экспедиции АН СССР 1928 г [1, с.88-93].

В зоонимических исследованиях последних лет стали появляться видовые термины: для кличек лошадей иппоним (от гр. hippos– лошадь), собак – киноним (от гр. kyon/род.п. kynos– собака), кошек – фелиноним (от лат. felis– кошка). Зоонимы имеют ряд существенных отличий от антропонимов.

Напомним, что имена людей обычно выражаются существительными, значительную же часть кличек животных представляют субстантивированные прилагательные: Буйный, Быстрая, Веселая (лошади). А среди кличек собак встречаются слова глагольного происхождения: Бушуй, Угадай, Хватай, Будило, Звонило, чего нет в других классах ономастической лексики. Употребление глаголов в роли кличек обязательно сопровождается их субстантивацией, они получают способность склоняться по падежам.

В развитии зоонимии проявляется явная тенденция к обособлению в особый класс имен собственных. Подтверждением тому могут служить, например, описанные П.Т. Поротниковым диалектные клички Буруха, Зимик, Игренюха, Карюха, Тугана, которые не известны другим классам имен не только в плане суффиксального своеобразия, но и по причине специфичности в ряде случаев даже корневых морфем. Специально-зоонимические суффиксы -ан, -ун, -уна, -уха, -уша, -уця отмечены П.П. Чучкой и в украинских говорах [2, с.105-108].

По мнению А.В. Суперанской, зоонимическая лексика в диалекте образует относительно самостоятельную «региональную ономастическую систему». В кличках отражается история общения человека с домашними животными. Наблюдения над зоонимами убеждают в том, что этот тип собственных имен уже достаточно четко оформился как особый класс ономастической лексики и заслуживает дальнейшего изучения. Пришло время, как убедительно доказывает В.Э. Сталтмане, создания национальных зоонимиконов по всем видам кличек [3, с.54-62].

Проблему для перевода представляют собой прежде всего те прозвища, которые обладают определённой мотивацией.

Если прозвище образовано от нарицательного имени илиот характеризующего слова или выражения, то смысл этих исходных слов и выражений, как правило, сохраняет свою актуальность и, следовательно, важен для перевода. Попытка передать этот смысл часто вступает в конфликт с индивидуализирующей функцией имен собственных, требующей сохранения его уникальной внешней формы [8, с.116-127].

Для зоонимов внешняя форма ещё более важна, чем для любых других видов имен собственных. Ведь они предназначены в первую очередь для того, чтобы подзывать животное, которое должно реагировать на определённое сочетание звуков (недаром по-русски используется термин «кличка», родственный словам клич, кликнуть). Сопутствующие коннотации и ассоциации, присутствующие в смысловой структуре зоонима, занимают подчинённое положение по отношению к этой функции, поскольку животные их не воспринимают. Скажем, если заменить кличку Spotsie на «Пеструшка» или «Пятнистая» (преобразующий перевод), а затем попытаться подозвать с её помощью животное, то оно, конечно, не отзовётся на новые «варианты» своего имени [4, с.73-80].

Таким образом, несмотря на то, что клички, как некая категория, используется при назывании людей, данный вид имен собственных относится к зоонимии. Общий механизм распределения номинативных единиц представлен в схеме (рис. 1.1).



Рисунок 1.1 – Общая модель классификации номинативных единиц в русском языке.

В русском языке существуют типичные клички для животных, в том числе и те, которые мы уже отметили. Некоторые из них становятся нарицательными. В английском языке также существуют свои типичные наименования, такие, как: Max, Sam, Coco, Nikki и т.д.

Источники и модели образования, как мы уже отметили, хотя и соотносятся с антропонимами, все же имеют некоторые отличия. Среди источников образования выделяют:

- множественные антропонимы. К примеру, для английской речи характерно употребление дериватов (сокращенные формы - Max, Sam; уменьшительные с суффиксом -у или -ie – Nikki), а для русской – уменьшительно-пренебрежительные формы с суффиксом -к-: Мишка, Васька. Иногда встречаются и уважительные клички – Василий Тимофеевич, Аксинья Ивановна. Необходимо также отметить, что в России установилась практика давать животным иностранные антропонимы – Джек, Барби, Альф и т.д. В отличие от этого, в английскойзоонимииданной тенденции обнаружено не было.

- единичные антропонимы. Могут быть использованы имена и фамилии известных деятелей прошлого и настоящего времени, к примеру, таких, как Nixon, Nefertiti, Capone;

- топонимы и астронимы - Egypt, Nile, Alaska, или Байкал, Амазонка, Африка;

- товарные знаки, названия продуктов (особенно это отмечается в английской речи) - Hershey, Cadbury, Capuccino;

- нарицательные имена и другие характеризующие слова и выражения. Они используются обычно для того, чтобы подчеркнуть какую-то внешнюю особенность животного, черту его характера или иную ассоциацию с ним, например, Пеструха, Рыжик, Белянка, Верный, Буян, Лихая, Ночка, Красотка; в английской речи – Spotsie, Blackberry, Jasmine, Danger, Ferocious, SweetiePie, Honey.

Когда зооним приобретает статус типичной клички какого-либо вида животных, он легко обретает вторичную классифицирующую номинацию, то есть как бы снова переходит в разряд нарицательных имён. Таковы, например, популярные в прошлом собачьи клички Бобик, Шарик, Барбос, Жучка, которые сегодня, хотя и осознаются как собачьи клички, но используются в речи и для обозначения любой собаки, как мы уже отмечали.

В лингвистической литературе зоонимыисследованы крайне слабо, и практически ни как не разработан вопрос об их передаче в переводных текстах. В последние десятилетия интерес к зоонимам, в которых весьма своеобразно проявляется ономастическое творчество человека, значительно усилился [5, с.157-161]. Уже были опубликованы наблюдения над собственными именами собак, лошадей, коров. Самыми распространенными оказались клички, указывающие на цвет, масть.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Дмитриев Н.К. Собачьи клички у башкир / Н.К. Дмитриев // Доклады АН СССР. - Л., Серия 8. - №15. - 1928. - С. 88-93.
2. Мусаева Р.А. Кумыкская антропонимика. Прозвища и полуимена: дисс. … канд. филол. наук 10.02.02. Языки народов Российской Федерации (тюркские языки) / Р.А. Мусаева. - Махачкала, 2008. - С. 145 - 147.
3. Никулина З.П. Региональные особенности оценочно-характеристических прозвищ / З.П. Никулина // Лексика и фразеология территорий позднего заселения. - М., 1985. - С.111.
4. Поротников П.Т. Из уральскойзоонимии / П.Т. Поротников // Восточнославянская ономастика. - М., 1972. - С. 105-108.
5. Ретунская Е.М. Английская аксиологическая лексика / Е.М.Ретунская. - Н. Новгород: Изд-во ННГУ, 1996. - 272с.
6. Суперанская А.В. Онимическая лексика / А.В.Суперанская // Теория и методика ономастических исследований. - М., 1986. - С. 54-62.
7. Сталтмане В.Э. Ономастическая лексикография / В.Э.Сталтмане. - М., 1989. - 115 с.
8. Сергаева Ю.В. Семантические механизмы вторичной сигнификации и ее виды: дис. канд. филол. наук: 10.02.04 / Ю.В. Сергаева; Рос.гос. пед. ун-т им. А.И. Герцена. - СПб., 1998. - 156 с.
9. Телия В.Н. Вторичная номинация и ее виды / В.Н. Телия // Языковая номинация (виды наименований); отв. ред. Б.А. Серебренников, А.А. Уфимцева. - М.: Наука, 1977. - С. 129-221.
10. Теория и методика ономастических исследований / А.В. Суперанская, В.Э. Сталтмана. Н.В. Подольская, А.Х. Султанов; отв. ред. А.П. Непокупный; АН СССР, Ин-т языкознания. - М.: Наука, 1986. - 256 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ЛАҚАБ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА РУСӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои хусусиятҳои истифодабарии лақаб дар забонҳои англисӣ ва русӣ матраҳ шудаанд. Дар адабиёти луғавии забонҳои муқоисашаванда хусусиятҳои истифодабарии лақаб хеле кам таҳқиқ карда шудааст. Дар даҳсолаҳои охир тавоҷуҳ вобаста ба хусусиятҳои истифодабарии лақаб, ки дар он эҷоди таъсирбахши инсон мушоҳида мешавад, ба таври назаррас зиёд шудааст. Вобаста ба хусусиятҳои истифодабарии лақаб дар забонҳои англисӣ ва русӣ як тамоюли равшани ба синфҳои махсусе номҳои мувофиқ дида мешавад. Ҳар як лақаб, ки дар забонҳои англисӣ ва русӣ аз калимаҳои муайян ва номуайян сохта мешавад маънии хосси худро дошта, барои тарҷума муфид аст. Масъалаи тарҷума асосан ин тахаллусҳое, ки ҳавасмандии муайян дорад. Агар номзадӣ аз номи ном ё аз калимаи номуайян сохта шуда бошад, маънии ин калимаҳои ибтидоӣ ҳамчун қоида боқӣ мемонад ва бинобар ин, барои тарҷума намудан муҳим мебошад. Ташаббусе, ки ин маънои онро дорад, аксар вақт бо функсияҳои инфиродӣ номҳои мувофиқ ба миён меояд ва талаботро нигоҳ дошта, шакли беназири берунаро талаб менамояд.

Калидвожаҳо: тадқиқот, манфиат, инкишоф, номҳо, калимаҳо, ифодаҳо, ҷараён, ақида, лақаб, муқоиса, забон, забони англисӣ, забони тоҷикӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КЛИЧЕК В АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена особенностям использования кличек в английском и русском языках. В лингвистической литературе зоонимы исследованы крайне слабо, и практически никак не разработан вопрос об их передаче в переводных текстах. В последние десятилетия интерес к зоонимам, в которых весьма своеобразно проявляется ономастическое творчество человека, значительно усилился. В развитии зоонимии проявляется явная тенденция к обособлению в особый класс имен собственных.Если прозвище образовано от нарицательного имени илиот характеризующего слова или выражения, то смысл этих исходных слов и выражений, как правило, сохраняет свою актуальность и, следовательно, важен для перевода. Попытка передать этот смысл часто вступает в конфликт с индивидуализирующей функцией имен собственных, требующей сохранения его уникальной внешней формы. Проблему для перевода представляют собой прежде всего те прозвища, которые обладают определённой мотивацией. Если прозвище образовано от нарицательного имени или от характеризующего слова или выражения, то смысл этих исходных слов и выражений, как правило, сохраняет свою актуальность и, следовательно, важен для перевода. Попытка передать этот смысл часто вступает в конфликт с индивидуализирующей функцией имен собственных, требующей сохранения его уникальной внешней формы.

Ключевые слова: исследования, интерес, развития, прозвищ, слов, выражения, функция, смысл.

THE PECULIARITIES OF USE OF NICKNAMES IN ENGLISH AND RUSSIAN LANGUAGES

Thisarticle deals with peculiarities of use of nicknames in English and Russian languages. In the linguisticof literature zoonymsare extremely poorly researched and the question of their transmission in translated texts has not been practically developed as well. In recent decades, interest in zoonim, in which the onomastic creativity of man is very peculiarly manifested, has increased significantly. In the development of zoonimism, there is a clear tendency to separate into a special class of proper names. If the nickname is formed from a nominal name or from a characterizing word or expression, then the meaning of these initial words and expressions, as a rule, remains relevant and therefore it is important for translation. An attempt to convey this meaning often comes into conflict with the individualizing function of proper names, requiring the preservation of its unique external form. The problem for translation is primarily those nicknames that have a certain motivation. If the nickname is formed from a nominal name or from a characterizing word or expression, then the meaning of these initial words and expressions, as a rule, remains relevant and, therefore, it is important for the translation. An attempt to convey this meaning often comes into conflict with the individualizing function of proper names, requiring the preservation of its unique external form.

Key words: research, interest, development, nicknames, words, expressions, function, meaning.

Сведения об авторе: ***Баротзода Файзиддин Камолиддин*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 93-455-50-66**

Information about the author: ***Barotzoda Faiziddin Kamoliddin*** – Tajik State Pedagogical University named after SadriddinAiny**,** Ph. D. in Philology**,** docent. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Tel.: **(+992) 93-455-50-66**

УДК: 491.55-2+891.55.092

ҶАМЪБАНДИИ ИСМ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР «ҶОМЕЪ-УТ-ТАВОРИХ»

Юсупов Ш.Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Категорияи шумора яке аз аломатҳои барҷастаи грамматикии исм буда, исм бо он аз ҳиссаҳои дигари нутқ фарқ мекунад. Ин категорияи исм дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба монанди забонҳои дигари гурӯҳи эронӣ ҳамчун универсалия (муштаракот)-и муҳимми грамматикӣ ба шумор рафта, солҳост диққати муҳаққиқони забоншиноси тоҷику форсро ба худ ҷалб намуда ва дар ин самт як қатор пажӯҳишҳое аз ҷониби забоншиносон Ҷалолов О. [16], Ҳусейнов Х. [15], Сиёев Б. [12], Абдуллоева М. [1], Рустамов Ш. [10] анҷом дода шудааст.

Омӯзиши таърихи забони адабӣ ва муайян намудани даврaҳои инкишофи он ба таҳлилу тадқиқи мероси хаттии даврони гузашта вобаста аст, зеро «тадқиқу таҳлил ва омӯзиши забони адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ барои муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии забони адабии асрҳои гуногун ёрии калон мерасонад» [5, с.3]. Мо дар ин мақола кӯшиш бар он намудем, ки категорияи шумораро дар яке аз асари насри таърихии мансуб ба асри XIV «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дида бароем.

Тарзи морфологии ҷамъбандии исмҳо дар забонҳои тоҷикиву форсӣ маҳсули давраи нави инкишофи ин забонҳо набуда, балки таърихи дуру дарозе дорад. Ин тарзи ҷамъбандии исмҳоро метавон аз осори боқимондаи забони форсии қадим пайдо намуд. «Дар забони қадими форсу тоҷик дар исмҳо се шумора: танҳо, ҷамъ ва дугона (двойственное число) мавҷуд буд» [12, с.33].

Чуноне ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ шумораи танҳои исм нишондиҳандаи муайяни морфологӣ надорад, дар забонҳои қадими эронӣ низ (аз ҷумла форсӣ) шумораи танҳо дар исм ба асоси калимаҳо баробар буд.

Забоншинос Мирбобоев А. дар бораи забони авестоӣ сухан ронда чунин қайд мекунад: “Забони авестоӣ дорои се шумора: танҳо, ҷамъ ва ҷуфт (дугона) буд [6, 130].”

Пасванди ҷамъбандии **–ān** бозмонда аз **–ānām** – и анҷомаи падежи генетиви ҷамъи давраи қадим мебошад [9, с.51; 3, с.97]. Дар забони порсии миёна он маънии падежияшро аз даст дода ба нишондиҳандаи шумора табдил меёбад.

Нишондиҳандаи грамматикии шумораи ҷамъи исм дар забони адабии муосири тоҷикӣ пасвандҳои ҷамъбандӣ ба шумор мераванд, ки ин тарзи ҷамъбандӣ собиқаи дуру дарози таърихӣ дорад. Барои ифодаи шакли ҷамъи исмҳо асосан пасвандҳои **–ҳо** ва **–он (-гон, -ён, -вон)** истифода мешаванд.

Дар забони форсии муосир низ ду пасванди ҷамъбандӣ мавҷуд аст, ки онро муаллифи “Дастури ҷомеи забони форсӣ” чунин қайд намудааст: “ҷамъ дар форсӣ ду гуна аст, яке бо “-ҳо” ва дигаре бо “-он” [17, с.200].

Дар мавриди таърихи пасванди **–ҳо** забоншинос Сиёев Б. чунин навиштааст: «шакли нахустини суффикси **–ҳо – ihā**, буда, ба он танҳо дар матнҳои паҳлавӣ дучор омадан мумкин аст. Дар матнҳои мехӣ (яъне дар забони қадим) на танҳо шакли **–ihā**, балки ягон воҳиде барои ифодаи шакли мазкур истеъмол намешавад» [12, с.41]. Сиёев Б. пайдоиши пасванди **–ihā** –ро ба решаи ҳиндуаврупоии **thwā** алоқаманд медонад.

Забоншинос З. Мухторов оид ба таърихи пасванди **–ҳо** дар давраи миёнаи инкишофи забони порсӣ чунин ибрози андеша намудааст: «Дар забони порсии миёна пасванди **–ihā** ба нудрат истифода шудааст ва он ҳам бошад, дар даврони хеле дертари навиштаҳои паҳлавӣ ба мушоҳида мерасад. Чунончи: **evaciha-суханҳо**» [7, с.75].

Пасванди**–ҳо**-и забони адабии муосири тоҷикӣ дар давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор дорад. «Суффикси **–ҳо** (тоҷикии имрӯза) дар ибтидои давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ дар шакли **–ҳо – hā** истеъмол шудааст» [12, с.41].

Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» пасванди **–ҳо** мавридҳои зерини истифода дорад:

1. **Бо исмҳои макон:** ***шаҳрҳо, деҳаҳо, кӯҳҳо, иқлимҳо, бешаҳо***, *… дар* ***деҳаҳо*** *ва* ***шаҳрҳо*** *одат надошта [14, с.62].* ***Кӯҳҳои*** *азими бузургу баланд аст… [14, с.90]. Ҳар як* ***иқлимҳо*** *мусаххар карда [14, с.53]. … юрт дар ҳудуди* ***бешаҳо*** *доштанд [14, с.108].*
2. **Бо исмҳои ченаки вақт омада мафҳуми такрорро мефаҳмонад:** муддатҳо, солҳо, ***Муддатҳои*** *мадид бар он гузашта [14, с.77]. Баъд аз* ***солҳои*** *бисёр ба вилояти худ рафт* [14, с.106]. ***Муддатҳои*** *мадид ва* ***солҳои*** *бисёр баъд аз Ӯғӯз ва фарзандони ӯ аз он ақвом подшоҳони бисёр буданд [14, с.125]. Чунонки муддатҳо подшоҳе дар саолур буд [14, с.126].*
3. **Бо исмҳои касбу кор, мансаб:** ***ҳунарҳо;*** *…* ***ҳунарҳое*** *гуногун ва маърифоти ансоби ақвоми атрок ва таворихи аҳволи эшон ба тахсис аз он мугул назир надорад [14, с.67].*
4. **Бо исмҳои узви бадан:** ***дилҳо***, *Ҷаҳонро як рӯй ва* ***дилҳоро*** *як рой … [14, с.60].*

Аз ҷонибайн ***сафҳо*** *биоростанд [14, с.101].*

Баъд аз мутолиаи рисола ба мушоҳида расид, ки доираи истеъмоли пасванди **–ҳо** дар ин рисола нисбат ба забони адабии муосири тоҷикӣ маҳдуд буда, ин пасванд “ҳоло бо таъсири забони гуфтугӯйӣ хусусияти универсалӣ пайдо кардааст, вай бо исмҳои беҷону ҷондор ба таври фаровон истифода мешавад” [10, с.68].

Забоншинос Шарифов Б. зимни таҳқиқоти хусусиятҳои морфологии “Бадоеъ-ул-вақоеъ” доираи маҳдуди истеъмоли пасванди **–ҳо**-ро нисбат ба **–он** зикр намудааст [13, с.24].

Шояд сабаби камистеъмолии пасванди **–ҳо** дар он бошад, ки дар замони таълифи асар ҷамъбандии арабӣ (ҷамъбандии солиму шикаста) нисбат ба ҷамъбандии тоҷикӣ бартарият дошт.

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ доираи истеъмоли пасванди **–ҳо** нисбат ба пасванди **–он** васеъ гардида, бо пасванди **–ҳо** ҳамагуна исмҳои ҷондору беҷон ҷамъ баста мешаванд. Чуноне ки аз маводи гирдоварда маълум гардид, пасванди **–ҳо** дар асари мавриди таҳқиқ танҳо бо исмҳои беҷон омадааст. Ин далел бар он аст, ки пасванди **–ҳо** дар асрҳои XIII - XIV танҳо барои ифодаи шумораи ҷамъи исмҳои беҷон истифода шудааст.

Пасванди **–он** низ дар забони тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ин пасванд дар аввали пайдоиш бо шакли **–ān** асосан аз давраи миёнаи инкишофи забони форсӣ хеле маъмул ва мустаъмал буд [7, с.74]. «Суффикси **–он**, ки дар забони миёна дар ибтидо ҳамчун суффикси ягона барои ҷамъ сохтани ҳам исмҳои ҷондор ва ҳам исмҳои беҷон истифода мешуд, таърихан аз шакли ҷамъи изофии қадим – аз шакли –**ānām** ба вуҷуд омадааст» [9, с.44].

Пасванди **–он** се гуна (вариант)-и худро дорад **(-гон, -ён, -вон)**, ки ҳар як мавриди истифодаи худашонро доранд.

Дар забони “Ҷомеъ-ут-таворих” пасванди **-он** барои ифодаи шакли ҷамъи исмҳои ҷондор ва хусусан исмҳои шахс, мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онро метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

1. **Бо исмҳои номи халқҳо ва қабилаҳо:** ***муғулон, қибчоқиён, туркон, туркманон;*** *Маҷмӯи* ***мугулон*** *аз насли эшонанд [14, с.101]. Тамомати шабъи* ***қибчоқиён*** *аз насли эшонанд [14, с.104]. …* ***турконе*** *ки бо Ӯргӯз ба ҳам буданд [14, с.109]. Аз фарзандони Ӯгӯзанд ва ҷамоати* ***туркманон*** *муайян донанд [14, с.126].*
2. **Бо исмҳои хешутаборӣ ва оила:** ***фарзандон, писарон, фарзандзодагон, падарон, бародарон, зодагон, духтарон, арӯсон:*** *Иброҳими Халил /а/* ***фарзандони*** *худро васият кард [14, с.49]. ... ва тавлиди* ***фарзандони*** *Халил [14, с.49]. Аз ӯрӯги бофурӯғ* ***фарзандони*** *подшоҳ [14, с.53]. Аз* ***фарзандзодагони*** *ӯ ва баъзе* ***бародарон*** *ва умми* ***зодагонаш,*** *ки бо ӯ мутаффиқ буданд ва аз эшон ақвоми ӯйғуру қибчоқ … пайдо шуданд [14, с.88]. … ба ҳар яке аз* ***фарзандони*** *худ дод [14, с.89]. Мавзее, ки* ***фарзандони*** *ӯ менишинанд наздик аст [14, с.91]. Аз* ***фарзандони*** *Ӯгӯзанд ва ҷамоати* ***туркманон*** *муайян донанд [14, с.126]. Бузургони ҳар қавм бар моҷарои аҳволи* ***падарон*** *ва зикри асомӣ ва аносиби эшон воқиф ва мутталеъ набошанд [14, с.68].* ***Бародарон*** *ва умми* ***зодагони*** *хеш масоф медод ва вилоётро горату тороҷ мекард [14, с.104].* ***Бародарон*** *ва умми* ***зодагон,*** *ки бо вай мутаффиқ шуданд [14, с.79]. Аз* ***духтарони*** *амом дуро ситодам [14, с.96]. Рӯзе Қарохон* ***арӯсонро*** *тӯй кард [14, с.98]. … ба дигар* ***арӯсон*** *илтифот наменамояд [14, с.98].*
3. **Бо исмҳои ифодакунандаи пайравони равияву ақидаи динӣ:** ***исломиён:*** *Дар* ***таворихи исломиён*** *мазкур аст [14, с.89].*
4. **Бо исмҳои ҷомеъ:** ***лашкариён, чаҳорпоён***; *Ҳама* ***лашкариёнро*** *бинвохт [14, с.102].* ***Дигарон*** *аввал ганимат бар* ***чаҳорпоён*** *бор мекарданд [14, с.104].*
5. **Бо исмҳои касбу ҳунар, машғулият:** ***муфассирон, муаррихон, ровиён, ноқилон, канизагон; Муфассирон*** *ин маъниро, ки Ҳақ таъолло ибтило ва озмоиши Иброҳим /а/ бино бар чи фармуд [14, с.47].* ***… доноён*** *ва ҳукамо ва* ***муаррихон*** *ҳазрати олиро кашф ва баёни он маънӣ муяссар гашта [14, с.69]. Аз ҳукамои давлат, ки* ***мулозимони*** *ҳазратанд ва* ***доноён*** *ва* ***муаррихон*** *ҳар синфе иқтибос намуда [14, с.70].* ***Ровиён*** *ва* ***ноқилон*** *аз муътабарони ҳар қавм нақл карда тақрир кардаанд [14, с.78].* ***…*** *тамошои* ***канизагон*** *мекард [14, с.96].*
6. **Бо исмҳои ифодакунандаи мансаб:** ***подшоҳон, мулозимон, навкарон;*** *Шаҳаншоҳии Эронзамин, ки магбути ҳама* ***подшоҳони*** *ҷаҳон аст [14, с.64]. Дар ин диёр* ***подшоҳону*** *умарои бузурги бисёр маъруфи машҳури муътабар ҳастанд [14, с.126].* ***… доноён*** *ва ҳукамо ва* ***муаррихон*** *ҳазрати олиро кашф ва баёни он маънӣ муяссар гашта [14, с.69]. Аз ҳукамои давлат, ки* ***мулозимони*** *ҳазратанд ва* ***доноён*** *ва* ***муаррихон*** *ҳар синфе иқтибос намуда [14, с.70]. Бо* ***навкарон*** *ва баъзе дӯстони худ ба шикор буд [14, с.99].*
7. **Бо исмҳои муносибати байни шахсҳо ва синну сол:** ***чавонон, наврасидагон, дӯстон, ҳамсоягон, ошиқон;*** *Бо навкарон ва баъзе* ***дӯстони*** *худ ба шикор буд [14, с.99]. … ба тӯли рӯзгор* ***чавонон*** *ва* ***наврасидагон*** *абнои умур аз асомӣ ва ансоби обо ва аҷдод ва умум … бошанд [14, с.68]. Аз* ***ҳамсоягон****, ки бар вай эътимод доштанд пеши Ӯргӯз фиристод [14, с.100]. … аммо ҳоли* ***ошиқони*** *ҷамоли қудс ва* ***муштоқони*** *залоли васли инс ки,* ***сокинони*** *роҳи талабу* ***равандагони*** *бодияи нагабанд, монанди ташна тавонад буд [14, с.21].*
8. **Бо шумора:** ***ҳазорон;*** *Бо* ***ҳазорон*** *дида ҳаргиз надида [14, с.53].*

Агар миқдори исм муайян набошад, шумораҳои миқдорӣ дар шакли ҷамъ меоянд, ки бо ин роҳ бисёрии предмет таъкид меёбад. Дар ин гуна мавридҳо исм дар шакли танҳо истифода мешавад. Чунки вазифаи номуайянии онро шумора иҷро мекунад [2, с.105].

Дар асар гоҳо як исмро бо ду роҳ ҷамъ бастаанд, ки ба ин метавон шакли ҷамъи калимаи ***туркро*** мисол оварда: **туркон – атрок.** … ***турконе*** *ки бо Ӯргӯз ба ҳам буданд [14, с.109]. Муғул синфе аз* ***атрок*** *буда ва тафовути ихтилофи бисёр дар миёни эшон ҳаст [14, с.63].*

Пасванди **–он** дар шеваву лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ вазифаи дигареро касб намуда ба исмҳои мураккаб, ки ҷузъи дуюми онро асоси замони ҳозираи феъл ташкил додааст омада, аз онҳо исми амал сохтааст. Калимоти дар натиҷаи аз рӯйи қолаби зикрнамуда ҳосил шуда, номи ҷашну маросимро ифода мекунанд.

Нишона ё худ аломатҳои ифодаи ҷамъи дугона, ки забонҳои қадим аз қабили форсии бостон, санскрит авесто, дар худ доштанд, дар забони тоҷикӣ боқӣ намондааст. Масалан, калимаи “гӯш” дар форсии бостон gausa-ду гӯш, яъне шумораи дугона, дар санскрит ghosa [8, с.4]. “Шумораи дугона дар забони қадим дар қатори ду шумораи номбаршуда, мисли забонҳои ҳозираи семитӣ, аз ҷумла мисли забони арабӣ низ, мавҷуд буд” [12, с.34].

Гарчанде дар забони адабии муосири тоҷикӣ воситаҳои сарфи (морфологи) –и ифодаи шакли ҷамъи дугона аз байн рафтаанд, бо вуҷуди он дар вай шумораи дугонаи исмҳое ҷой доранд, ки онҳо табиатан ҷуфтанд: ***чашм, гӯш, по, даст, лаб, мӯза, маҳсӣ***.

Дар давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ шумораи дугона асосан дар калимаҳои арабӣ боқӣ мондааст, ки он бо **-айн** ифода мешавад. Нишондиҳандаҳои грамматикӣ дар

забони адабии муосир барои ифодаи шумораи дугона ин шумораи ду ва пасвандҳои ҷамъбандӣ ба ҳисоб мераванд, “шакли зулфҳо, зулфон, қафсҳо, наҳрҳо, тарафҳо маънии шаклҳои ҷуфти арабии зулфайн, қавсайн, наҳрайн, тарафайнро ифода мекунад” [2, с.102].

Муҳаққиқон дар забони форсии нав мавҷуд набудани аломати хоссе барои ифодаи шумораи дугонаро ба инобат гирифта, ба хулосае омадаанд, ки шумораи дугона ва ҷамъ муштараканд. Дар рафти гирдоварии мавод калимаҳои **ҷонибайн** ва **қавсайнро** пайдо намудем, ки бо роҳи ҷамъбандии дугонаи арабӣ ҷамъ баста шудаанд: *Аз **ҷонибайн сафҳо** биоростанд* [14, с.101]. *Ба мақоми қоби **қавсайн** расид* [14, с.22].

Дар забони “Ҷомеъ-ут-таворих” ба ҷуз роҳу воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ, ҳамчунин, тарзҳои ҷамъбандии арабӣ низ мавқеи хосса доранд. Ҳамаи вожаҳое, ки дар асар бо тарзи ҷамъбандии арабӣ шакли ҷамъ гирифтаанд, асосан бо ду роҳи ҷамъбандии арабӣ:

1. Ҷамъбандии дуруст ё “ҷамъбандии солим”.
2. Ҷамъбандии нодуруст ё “ҷамъбандии шикаста”, сохта шудаанд.

Шакли солими ҷамъи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст, ба воситаи пасвандҳои **–от, -ин** ва шакли шикаста бо ёрии флексияи дохилӣ ба амал меояд.

Дар забони асари таҳқиқшаванда аз ду пасванди арабие, ки шакли ҷамъ месозанд, пасванди **–от** мақоми хосса дорад:

1. ***Махлуқот** ва **мукавваноти** олами улвӣ ва сифлӣ аз моҳ то моҳӣ ва аз арш то фарш нотиқу сомит ҷондор ва ҷомад аввалан ва охиран ботинан ва зоҳиран ба ҳамду ситоиши Офаридгор ва Парвардгори хеш қоилу зокиранд [14, с.21].*
2. *Аз китоби таворих, ки бад-он **истилоҳот** доранд, иқтибос кунанд [14, с.67].*
3. *Аҳвол ва **муаззамоти** воқеъ ва ҳаводис, ки дар замони зуҳури давлати мугул иттифоқ афтода [14, с.67].*
4. *Хоҷаи **коинот** ва хулосаи **мавҷудот** [14, с.22].*

Пасванди арабии **–ин** дар “Ҷомеъ-ут-таворих” (то он ҷое, ки мо аз назар гузаронидем) ба чашм нарасид, вақте ба ҳолати имрӯзаи истеъмоли ин пасванд назар кардем маълум гашт, ки доираи истеъмолаш маҳдуд аст. Дар грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (академӣ) оид ба пасванди **–ин** чунин ибрози андеша шудааст: “Суффикси арабии **–ин** танҳо дар як ду калима (мусофирин, ҳозирин) вомехӯрад, ки хосси услуби поетикӣ ва архаистист” [2, с.102].

Дар забони “Ҷомеъ – ут – таворих” тарзи ҷамъбандии арабӣ, аз ҷумла ҷамъи шикаста, мақоми хосса дорад. Барои ҷамъи шикаста дар забони арабӣ ягон қолаб ё пасванди муайян вуҷуд надорад. Ҷамъи шикастаи забони арабӣ дар он зоҳир мегардад, ки шакли муфради калима тағйир дода мешавад. Дар таркиби калима ягон ҳиҷо ва ё овоз аз талаффуз меафтад ва ё зиёд мешавад. Ҷамъи шикаста аз худи исмҳои танҳо дар вазнҳои гуногун сохта мешавад. Зимни мутолиаи асар тавонистем шаклҳои зерини ҷамъи шикастаи арабиро пайдо намоем.

1. **Шакли афъол:** ***хабар – ахбор, навъ – анвоъ, сифат – сифот, ҳукм – аҳком;** Ба ҳақиқати ҳол **ахбору осор** ва **ҳикоёти** эшон ба шарҳу ба сабт ёд кунанд [14, с.63]. Кибриёи **сифоти** лоязолӣ на чунон ва чандон аст [14, с.20].*
2. **Шакли фуъало:** ***ҳукм-ҳукамо, шеър – шуаро, илм – уламо, халифа – хулафо; Ҳукамо** ва **уламоро** мафҳум ва маълум шуда агар бо авому ҷиҳол тақрир кунанд [14, с.23].*
3. **Шакли фаъл:** ***малик – мулук, китоб – кутуб; кутуби таворих, ки ба – дон ислоҳот иқтибос кунанд, чунонки** ... хоссу омро мафҳуму маълум гардад [14, с.19]. Чаҳор ҳазор сол бошад тамомати **анбиё** ва **мулук** ва хосси аҳли адён [14, с.50].*
4. **Шакли мафоиъил:** ***тоифа-тавоиф, қабила – қабоил, фазл – фазоил, мамлакат – мамолик;** Як фарзанд чандин **қабоил** ва шаъб аз наслу асли ӯ зоҳир гардад [14, с.48]. **Мамолик** рубъи маскун аз Чину Мочин ва Хитою Ҳинд … дар савобиқ айём аз аҳволи ҷаҳонгирӣ ва қалъакушоии мугул эрод кардаанд [14, с.64].*

Таъсири ҷамъбандии арабӣ ба забони тоҷикиву форсӣ аз замони истилои араб ибтидо ёфта, “то охири асри XIX дар насри бадеии адабиёти тоҷик дар истеъмол буд” [11, с.92].

Хулоса, пас аз боздид ва мушоҳидаи ҷамъбандии исм ва роҳҳои ифодаи он дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ва муқоисаи он бо забони адабии муосири тоҷикӣ аён гашт, ки дар асар роҳҳои ифодаи шумораи ҷамъ гуногун буда, ҳолатҳое ба назар мерасад, ки аз забони адабии муосир фарқ мекунад: бартарияти доираи истеъмоли пасванди “-он” нисбат ба пасванди “-ҳо”; истифодаи ду шакли ҷамъбандӣ дар баъзе калимаҳо (туркон - атрок).

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева М.Н. Категория числа в русском и таджикском языках / М.Н. Абдуллоева. - Душанбе: Таджикский государственный университет, 1980. – 87 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.

3. Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ / Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Гертсенберг. – Душанбе: Маориф, 1988. – 200 с.
4. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмаъ-ут-таворих» / Г. Камолова. - Душанбе: Дониш, 1984. – 92 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / М.Н. Қосимова. Ҷилди 1. - Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012. – 568 с.
6. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ / А. Мирбобоев. – Душанбе: 2015. – 342 с.
7. Мухторов З. Таърихи забони тоҷик / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
8. Муҳаммад М. Муфрад ва ҷамъ / М. Муҳаммад. – Теҳрон: 1337 - 1958. – 309 с.
9. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. – Москва: Наука, 1966. – 160 с.
10. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
11. Сафарова Х. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба вижагиҳои сарфии «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ / Х. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. - № 4-4. – С. 91-94.
12. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б. Сиёев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1976. - 170 с.
13. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / Б. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 232 с.
14. Ҳамадонӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих / Ҳамадонӣ Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷилди 1. – М.: Наука, 1968. – 586 с.
15. Ҳусейнов Х. Суффикси «-ҳо» ва вазифаҳои он / Х. Ҳусейнов // Мактаби советӣ. – 1970. - № 9. – 16-17 с.
16. Ҷалолов О.Ҷ. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷик / О.Ҷ. Ҷалолов. – Сталинобод: Нашриёти Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон, 1961. – 187 с.
17. مشکوُر ’ محمد جواد. دستورنامه در سرف و نحو زبان پارسی.. چاپ سوم. با اصلاحات و اضافات. - تهران ’ از انتشارات موآسّسه مطبوُعاتی شرق’ 1342. - 345 ص.

ҶАМЪБАНДИИ ИСМ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР «ҶОМЕЪ-УТ-ТАВОРИХ»

Дар мақолаи мазкур муаллиф бар он кӯшидааст, ки ҷамъбандии исм ва роҳҳои ифодаи онро дар рисолаи «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Зимни таҳияи мақола муаллиф дар асоси маводи забони «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, роҳу воситаҳои ифодаи категорияи ҷамъро дар асар муайян намуда, доираи истеъмоли роҳу воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ-форсӣ ва арабиро нишон додааст. Аз мақолаи мазкур метавон дар бораи роҳу воситаҳои ифодаи шакли ҷамъи исмҳо ва пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ-форсӣ ва арабии осори қарни XIV маълумоти зарурӣ пайдо кард. Ҳамчунин муаллиф оид ба доираи корбурди пасвандҳои тоҷикӣ ибрози андеша намуда қайд кардааст, ки дар асар мавриди истеъмоли пасванди -ҳо нисбат ба забони адабии муосири тоҷикӣ маҳдуд буда, ин пасванд ҳоло бо таъсири забони гуфтугӯйӣ хусусияти универсалӣ пайдо карда, бештар бо исмҳои бечону ҷондор ба таври фаровон истифода мешавад. Дар мавриди доираи корбурди пасванди -он бошад, чунин мегӯяд, ки ин ду пасванд аз пасванди -ҳо тафовут дошта, он дар аксар маврид барои ифодаи шакли ҷамъи исмҳои ҷондор ва хусусан исмҳои шахс, мавриди истифода қарор гирифтааст. Гуногунии роҳҳои ифодаи шумораи ҷамъ дар асар ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Тафовути матни асар аз забони адабии муосир чунин нишон дода мешавад, ки доираи истеъмоли пасванди -он нисбат ба пасванди -ҳо бартарият дошта, дар асар ҳамчунин истифодаи ду шакли ҷамъбандӣ дар баъзе калимаҳо (туркон - атрок) муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: шакли ҷамъ, пасванд, форсии қадим, форсии миёна, категорияи исм.

МНОЖЕСТВЕННОЕ ЧИСЛО ИМЕНИ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОГО И СПОСОБЫ ЕГО ВЫРАЖЕНИЯ В «ДЖАМЕА-УТ-ТАВАРИХА»

Автор данной статьи пытается рассмотреть множественное числа имени существительного и способы его выражения в «Джамеа-ут-тавариха» Рашидаддина Фазлуллаха Хамадани. Исследователь анализирует расскрыть способы использования множественного числа имени существительного на основе контекста «Джамеа-ут-тавариха». В данной статье можно ознакомиться со способами выражения множественного числа имени существительного в письменном наследии 14 века и пути использования суффиксов множественного числа в таджикско-персидском языке в произведениях этого времени. Исследователь, в частности, отмечает, что таджикский суффикс – ньо очень редко встречается в анализируемом произведении и наоборот, в современном таджикском языке этот суффикс используется очень широко. В современном таджикском язык суффикс –ньо приобрёл универсальный характер. В «Джамеа-ут-тавариха» способы выражения суффикса –он отличается от суффикса –ньо, в частности –он используется только в личных и одушевлённых существительных. Исследователь придаёт особое значение анализу способов выражения множественного числа имени существительного в «Джамеа-ут-тавариха» и выявляет, что в контексте этого произведения писатель пользовался двумями типами множественного числа имени существительного, например, туркон (тюрки) и атрок (тюрки). В данной статье изучены отличительные особенности суфикси -он, -ньо в сравнении с савременным таджикским языкам на основе «Джамеа-ут-тавариха».

Ключевые слова: Джамеа-ут-тавариха, имя существительное, суффикс, персидский язык, категория существительное, текст, контекст, способ, писатель.

A MULTIPLE NUMBER OF NAME OF THE EXISTENT AND METHOD OF ITS EXPRESSION IN "JAMAA-UT-TAVARICH"

The author of this article tries to consider the plural of the noun and the ways of expressing it in the "Jamea-ut-tavarikha" of Rashidaddin Fazlullah Hamadani. The researcher analyzes the ways to use the plural of a noun based on the context of "Jamea-ut-Tavarikha". In this article, you can learn how to express the plural of the noun in the written heritage of the 14 th century and the ways of using the plural suffixes in the Tajik-Persian language in the works of this time. The researcher, in particular, notes that the Tajik suffix -o is very rare in the analyzed work and set, in modern Tajik this suffix is used very widely. In modern Tajik, the suffix -oo has acquired a universal character. In Jamea-ut-Tavarikha, the ways of expressing the suffix -one differ from the suffix -oo, in particular -one is used only in personal and animate nouns. The researcher pays special attention to the analysis of the ways of expressing the plural of the noun in Jamea ut-Tavarikha and reveals that in the context of this work the writer used two types of plural nouns, for example, turkon (turkis) and atrok

(turkis). In this article, we study the distinctive features of the suffix -on, -ьо in comparison with the Tajik language on the basis of Jamea-ut-Tavarikha.

Key words: Jamea-ut-tavarikha, noun, suffix, Persian, noun, text, context, method, writer.

Сведения об авторе: ***Юсупов Шохин Рахимбердиевич*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, докторант Ph.D кафедры теории и практики языкознания. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: **usufov90@mail.ru.** Телефон: **(+992) 933-09-99-83**

Information about the author: ***Shohin Usupov Rahimberdievich*** – Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, doctoral student of the Department of theory and practice of linguistics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: **usufov90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 933-09-99-83**

УДК: 811.161.

СФЕРЫ, ФУНКЦИИ И ПРИЧИНЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭВФЕМИЗМОВ

Хакимова М.М., Юсупова Ф.М.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики,
Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова

В лингвистической литературе уделялось внимание мотивам создания эвфемизмов и их функциям, критериям, способам образования эвфемизмов, факторам, влияющим на эвфемистическую способность слов, сферам применения эвфемизмов. Разработаны и представлены тематические классификации эвфемизмов (Н.М. Бердова, С. Видлак, А.М. Кацев, Л.П. Крысин и др.).

К числу приоритетных вопросов проблем эвфемии относится определение сферы функционирования эвфемизмов. В современной науке о языке нет единого мнения по данному вопросу. Одни ученые полагают, что эвфемизмы функционируют преимущественно в нейтральном стиле (Е.Ф. Арсентьева [2012]; Л.В. Артюшкина [2001]. Другие считают, что эвфемизмы свойственны всем стилям языка (возвышенному, нейтральному и низкому, просторечному), всем сферам речи, включая внелитературную лексику. Вторая точка зрения является более распространенной. Эвфемистические замены образуются не только в нейтральном стиле, но и в возвышенном и сниженном. Очевидно, что в разных стилях речи эвфемизмы имеют свою специфику.

Вторая точка зрения является гораздо более распространенной, которая отражается в работах известных исследователей разноструктурных языков (Видлак [1965]; Кацев [1988]; Крысин [1994, 1998]; А.А. Реформатский [1996]; Тохирова [2006]; Акбаров [2011] и др.).

Поддерживаемая нами концепция эвфемии при исследовании сопоставляемых языков является опытом обобщения представлений, содержащихся в трудах большинства отечественных лингвистов-иранистов и германистов по данной проблеме. Исходя из их точек зрения, эвфемизмы существуют не только в нейтральном стиле речи, но и в возвышенном, и в сниженном. Свои эвфемизмы имеет сфера внелитературной лексики. При этом немаловажным является то, что в разных стилях эвфемизмы имеют свою специфику.

Внелитературная лексика современного английского и таджикского языков – это слова и словосочетания, относящиеся к диалектизмам, вульгаризмам, жаргонизмам, арготизмам, просторечию, сленгу и др.

Е.А.Уварова в своей работе по исследованию эвфемизмов английского языка указывает на существенную особенность эвфемизмов просторечной лексики, относя к ним слова и выражения, которые не входят в литературный язык, но характеризуются оттенком упрощения, грубоватости [16, с.15].

Просторечные слова и выражения используются в литературных произведениях и разговорной речи как экспрессивные элементы. Поэтому эвфемизмы в области просторечия обладают минимальным эвфемистическим эффектом. «Просторечных эвфемизмов, которые стоят за пределами литературного языка, лучше избегать: они воспринимаются как обидные» [16, с.18].

Как отмечают исследователи, в этом случае речь идет о городском просторечии, так как именно городское просторечие содержит большое количество эвфемизмов. Ср.: in the lavatory - дар кабинет - в туалете т.е. бадраф, дар мабраз. Сравните также просторечные эвфемистические названия нижнего белья: эзорча - гамаши (вместо breeches - рейтузы).

В качестве причин замены и употребления подобных названий в речи носителей английского и таджикского языков предпочтительнее, следует указать на то, что они не столь прямо и, следовательно, не столь неприлично, называют указанные предметы одежды.

Кроме указанного существуют противоположные по функции и стилю слова. К ним относятся вульгаризмы, к которым обычно относят сочетания слов с яркой отрицательной оценкой. Следовательно, функция вульгаризмов в речи противоположна эвфемистической, так как они используются для выражения грубой отрицательной оценки. Напр., вульгаризмом является образное переносное употребление сочетания «то мурдана нӯшидан» в значении «бисёр нӯшида маст шудан»; Сравните также англ. to become drunk – стать пьяным и его русский вариант нажраться, который в наибольшей степени ярко выражает отрицательную оценку этого действия.

Употребляя подобные выражения, говорящий не смягчает, а огрубляет свою речь, подобными высказываниями.

Жаргонизмы также следует считать дисфемизмами, так как жаргонизмы, как правило, всегда имеют экспрессивный или отрицательный оценочный оттенок, делают речь вульгарной и грубой. Исходя из этого, эвфемизмов среди жаргонизмов нет.

Арготизмы, подобно жаргонизмам, также засоряют речь говорящих. Следовательно, арготизмы, применяемые в сфере литературного языка, не способны быть эвфемизмами. Однако за рамками литературного языка некоторые из них могут выполнять функцию эвфемизма.

Таким образом, в сфере внелитературной лексики эвфемизмами способны быть диалектизмы, просторечные единицы и арготизмы. Встречающиеся во многих теоретических работах выражения «эвфемизмы в сфере просторечия, эвфемизмы в сферы жаргонов» вызваны терминологическим неразличением понятий «просторечие», «жаргоны» и «внелитературная лексика».

Исследуя характер эвфемизмов, Л.П. Крысин отмечает: «Своеобразные функции выполняют эвфемизмы в социальных жаргонах. По-видимому, главная из них – сокрытие, вуалирование сущности обозначаемого понятия, иногда с элементами словесной игры» [9, с.38].

Теряя связь с корпоративным источником и первоначальной средой обитания, арготизмы входят в состав общенародного языка. Со временем они приобретают способность использоваться в художественной литературе. Так, эвфемистическими арготизмами являются следующие слова «ҷазои олӣ» – вместо прямой номинации «ҳукми қатл – расстрел»; «маводи мухадир, хокаи сафед» – вместо «нашъа-наркотик».

С точки зрения традиционного понимания стиля, выделяющего ряд: высокий – нейтральный – сниженный, эвфемизмы современного английского и таджикского языков свойственны всем трём составляющим.

Эвфемистический вокабуляр репрезентирует все три основных стиля: возвышенный, нейтральный и сниженный. Приведем примеры из одной лексико-семантической группы(ЛСГ).

Возвышенный стиль: «назди худо рафтан – to depart to God – почить в боге» т.е. «вафот кардан, мурдан – умереть – to die».

Нейтральный стиль: «аз дунё рафтан – не стать» и нафаси охиринро кашидан – to breath one’s last – сделать последний вздох – т.е. «мурдан – to die – умереть».

Нафаси охирини ӯро њељ кас нафањмида монд [17, с.124] .- Nobody attended his last breath.

Особого внимания заслуживают эвфемизмы с иронической коннотацией. В лингвистической литературе нередко эвфемизацию связывают с иронией. Иронический компонент особенно свойствен сленгизмам, в которых общепринятое негативное отношение к денотату не отвергается грубой и циничной прямотой высказывания, а приобретает эмоциональное наслоение – шутливость, пренебрежительность и т.п. В английском языке в настоящее время широко распространен иронический эвфемизм to enjoy her majesty’s hospitality – пользоваться гостеприимством ее величества т.е. «дар мањбас будан – сидеть в тюрьме». В таджикском языке выражение «аз гуруснагӣ азият кашидан» шутливо заменяет глагол «аз гуруснагӣ мурдан – голодать».

Из приведенных примеров с очевидностью выявляется, что иронический оттенок эвфемизмов создается элементами книжного стиля на фоне обыденного содержания.

В плане изменения состава эвфемизмов происходит следующее. Нейтральный и низкий стили активно пополняются всё новыми эвфемизмами. Эвфемизмы низкого стиля наиболее активно «загрязняют денотат», переходят в разряд дисфемизмов. Эвфемизмы высокого стиля речи продуктивно устаревают, переходят в разряд эвфемистических архаизмов и историзмов [11, с.54].

Укажем также на другие сферы использования эвфемизмов.

Традиционной сферой, в которой активно употребляются эвфемистические средства выражения, является также дипломатия. Совершенно очевидно, что те коммуникативные задачи, с которыми приходится иметь дело дипломатам и политикам, невозможно решить, используя лишь прямые номинации, обходясь без обиняков, намеков, недоговоренностей, камуфляжа, то есть - без всего того, для выражения чего как бы и предназначены эвфемизмы.

Часто мелькающие сейчас на страницах печати и в эфире слова и обороты родились именно в дипломатическом речевом обиходе.

Одним из активно обсуждаемых вопросов в современной научной литературе является целевой аспект использования эвфемизмов.

Исследователи отмечают, что в последнее время формируется и новая функция эвфемизации речи – приукрашивание некоторых моментов действительности. Кроме того, наблюдается увеличение числа номинаций, применимых к широкому кругу вещей, о которых не хочется говорить прямо (Old men – representatives of the senior age group – мӯйсафедон – калонсолон, шахсони сину солашон расида – старики — представители старшей возрастной группы, the problem child – кӯдаки душвортарбия - проблемный ребенок и т. д.).

Камуфлирование существа дела, к этой цели прибегают в тех случаях, когда прямое обозначение объекта, действия, свойства, по мнению говорящего, может вызвать нежелательный общественный эффект, негативную реакцию массового адресата, осуждение и т. п. Такие эвфемистические выражения в определенной степени скрывают неприятную для адресата суть понятий и действий. Камуфлирующие наименования наиболее частотны при описании неприятных социальных сторон жизни, оценка которых может быть перенесена на более высокий уровень, затрагивает престиж государства или правящего аппарата. Они широко используются в средствах массовой информации, особенно в политическом, экономическом и дипломатическом дискурсе (neutralize, physically eliminate – безарар кардан – нейтрализовать, обезвредить, физически устранить вместо kill – куштан, нест кардан – убить).

Е.Е. Тюрина отмечает, что до сих пор ученые не пришли к единому мнению о том, какую функцию выполняют эвфемизмы в дискурсе [15, с.9].

Языковое манипулирование представляет для лингвистов особый интерес. При языковом манипулировании используются особенности языка и принципы его употребления, цель которых воздействовать на адресата в подходящем для говорящего направлении. Языковое манипулирование является скрытым информационно - психическим воздействием, которое осуществляется на трех уровнях (индивидуальном, групповом, массовом). Его целью является побудить людей к действиям, входящим в противоречие с их интересами, воззрениями, а также системой ценностей общества и с языковой картиной мира [8, с.167].

Под манипуляцией понимается главным образом воздействие на человека с целью заставить его сделать что-либо неосознанно или вопреки его личному мнению, желанию [16, с.19].

Человек использует слово с целью воздействия на собеседника – осознанно или нет. При осознанном использовании языка можно говорить о речевой манипуляции в ее истинном значении, так как, в первую очередь, это действие целенаправленное. Инструменты речевого манипулирования могут выступать в виде различных фонографических и лексических средств, морфологических категорий, синтаксических конструкций. На лексическом уровне таким инструментом являются эвфемизмы [5, с.213].

Манипулятивное воздействие эвфемизмов, направленное на сознательные и бессознательные сферы личности, реализуется с помощью специальных лексем, наполненных особой семантикой и вызывающих какие - то определенные ассоциации. Как отмечалось выше, основной признак манипуляции – это скрытый характер воздействия, при этом объект манипуляции не должен заметить сам факт воздействия. Именно таким признаком и обладают эвфемизмы. При использовании эвфемизмов реальность представляется в более благоприятном свете, потому что эвфемизм, обладая позитивной окраской, эмоционально воздействует на получателя.

Вместо лексической единицы «terrorist», более подходящей по контексту, в статьях английской газеты употребляется эвфемизм «separatist», который по оценочному компоненту значительно отличаеся от terrorist.[13, с.109].

В данных словах сущность эвфемистической замены заключается не в том, что одно название понятия заменяет другое, а в том, что именно введение в текст другой лексемы благоприятно сказывается на получателе информации. Иначе говоря, важно не сама замена, а то, что данный эвфемизм воздействует на психологию читателей и формирует у них мнения об происходящих событиях, заданного публицистическим источником.

С развитием общества потребность в эвфемизации возникает по ряду этических причин: представлений о вежливости, деликатности, благопристойности. Основной целью эвфемизации является стремление избежать коммуникативных конфликтов и неудач, возникновения у собеседника чувства коммуникативного дискомфорта.

В лингвистической литературе принято разграничить мотивы эвфемии, под которыми понимаются те же причины замен одних слов и выражений другими. Следует отметить, что

мотивы или причины эвфемизции в разных исследованиях устанавливаются и классифицируются по - разному.

При этом одними исследователями разграничивается достаточно большое количество групп мотивов, другие делят всю совокупность мотивов на две - три большие группы, объединяя их по более общим признакам.

Классификация мотивов, предлагаемая английским исследователем Э. Партриджем, относится к наиболее полной. В то же время следует отметить, что, на наш взгляд, эта классификация имеет существенный недостаток, так как в ней критерии выделения недостаточно четко сформулированы, а формулировки самих мотивов эвфемизации характеризуются некоторой неотчетливостью и расплывчатостью[18, с.21].

В целом в классификации Э. Партриджа устанавливаются следующие мотивы эвфемизации:

1. Желание адаптироваться к соответствующему общему настроению, общей атмосфере, времени, месту, компании. Сферой эвфемизации при этом для исследователя становятся сохранение возвышенного стиля в поэзии при общении с детьми или с людьми из более низкой социальной группы, а также стремление избегать употребления специальных терминов, книжных или даже литературных слов в дружеском кругу.

2. Желание повысить ценность того, чем обладаешь (форма гиперболы). Например, saloon/салон вместо bar/бар; university/университет вместо technical school/техническая школа; professor/профессор вместо teacher/ преподаватель.

3. Желание выказать уважение к тому, к кому обращаешься, произвести впечатление, сделать приятное или просто не оскорбить собеседника. Этим вызвано, например, употребление титулов, стереотипная вежливость в профессиональной сфере и области коммерции.

Например, colored man/цветной вместо Negro/негр; Hebrew вместо Jew/ еврей и др.

4. Необходимость преуменьшить, смягчить болезненное воспоминание или трагические новости. Например, эвфемизация таких понятий как смерть, болезнь, сумасшествие, крах.

5. Существование социальных и моральных табу. Так возникают эвфемизмы, касающиеся пьянства, физиологических процессов, взаимоотношения полов и т. п.

6. Существование суеверий и религиозных табу [18, с.24].

Рассмотрев данную классификацию мотивов эвфемизации, в целом в некоторых работах предлагается суммировать факторы, которые обуславливают эвфемизацию:

1. Это прежде всего наличие в данном обществе определенных запретов социального, религиозного, этического, морального и других, исходящих из языкового табу. Этот фактор называется фактором социального аспекта.

2. Другим фактором эвфемизации послужила конкретная ситуация, в которой происходило общение. Оно обусловлено коммуникативным аспектом порождения эвфемизмов.

Данная классификация мотивов эвфемизации показывает, что в явлении эвфемии выделяется четыре аспекта (социальный, морально-этический, религиозный, коммуникативный), все предметно - понятийные сферы современных табу некоторым образом упорядочены в рамках этих аспектов. Эвфемизмы способствуют нейтрализации и маскировке истинного смысла сказанного, к нивелировке грубости, резкости и неприличия.

Изучение своеобразия эвфемизмов возможно на основе материала эвфемического словаря того или иного языка, который постоянно пополняется новыми единицами и является важным объектом исследования лингвистов. Эвфемия является своеобразным отражением взаимоотношения морали и языка. Использование эвфемизмов зависит от уровня культуры и знания иностранных языков говорящим или пишущим.

Как в таджикском, так и английском языках, эвфемизм – это стилистически нейтральное слово или выражение, употребляемое вместо синонимичной языковой единицы, которая представляется говорящему неприличной, грубой и нетактичной, т.е. выполняет роль словесного смягчения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Акбаров А.А. Табу и эвфемизмы в таджикском языке: дисс. канд. филол. наук: 10.02.22 / А.А. Акбаров. – Худжанд, 2011. – 142 с.
2. Арсентьева Ю.С. Фразеологизмы – эвфемизмы в английском и русском языках: автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.02.20 / А.Ю. Святославовна. – Казань, 2012. – 23 с.
3. Артюшкина Л.В. Семантический аспект эвфемистической лексики в современном английском языке: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.04 / Л.В. Артюшкина. – Москва, 2001. – 17 с.
4. Бердова Н.М. Эвфемизмы в современном немецком языке: автореф. дис. канд. филол. наук:10.02.04 / Н.М. Бердова. – Киев, 1981. - 19 с.
5. Видлак С. Проблема эвфемизма на фоне теории языкового поля / С. Видлак. - М., 1965. – 383с.
6. Заботкина В.И. Новая лексика современного английского языка / В.И. Заботкина. - М.: Высш. шк., 1989. - 124 с.
7. Зеленин Д.К. Табу слов у народов Восточной Европы и Северной Азии / Д.К. Зеленин // Сборник Музея антропологии и этнографии. Т. VIII. - Л., 1929-1930. - С. 56-57.

8. Кацев А.М. Эвфемизмы и синонимия / А.М. Кацев // Вопросы структуры германских языков. Вып. 1. - Омск, 1976. – С. 164-172.
9. Крысин Л.П. Эвфемизмы в современной русской речи / Л.П. Крысин // Русистика. – Берлин, 1994. – №1-2. – С. 28-49.
10. Крысин, Л.П. Эвфемизмы в современной русской речи / Л.П. Крысин // Русское слово, свое и чужое. - М.: Языки славянской культуры, 2004. – С. 262– 286.
11. Мачидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Мачидов. – Душанбе: Маориф, 1983. – 143 с.
12. Обвинцева О.В. Эвфемизм в политической коммуникации (на материале английского языка в сопоставлении с русским): дис. канд. филол. наук:10.02.20 / О.В. Обвинцева. - Екатеринбург, 2003. – 192 с.
13. Реформатский А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский. - М.: Аспект Пресс, 1996. – 275 с.
14. Сеничкина Е.П. Эвфемизмы русского языка: Спецкурс. Учеб. пособие / Е.П. Сеничкина. - М.: Высшая школа, 2006. - 151 с.
15. Тохирова М.М. Сопоставительный анализ табуированной и эвфемистической лексики русского и таджикского языков: дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / М.М. Тохирова. - Душанбе, 2006. - 132 с.
16. Тюрина Е.Е. Семантический статус эвфемизмов и их место в системе номинативных средств языка (на материале современного английского языка): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.04 / Е.Е. Тюрина. - Нижний Новгород, 1998. - 18 с.
17. Уварова Е.А. Системная семантика английского эвфемизма: автореф. дис. канд. филол. наук:10.02.04 / Е.А.Уварова. – М., 2012. – 30с.
18. С. Турсун. Ҳикояҳо. - Душанбе: Ирфон, 1979. - 192 с.
19. Partidge E.A. A dictionary of slang and unconventional English / E.A. Partidge. - L., “High School”, 1973. – 364 p.

ДОИРА, ВАЗИФАҲО ВА ВАҶҲИ ИСТИФОДАБАРИИ ЭВФЕМИЗМҲО

Дар даҳсолаҳои охир, омӯзиши забон аз нуқтаи назари сохтори дохилии он ба омӯзиши "забон дар амал", яъне, дар сухан, дар гуфтор ба роҳ монда шудааст. Масъалаҳои фаъолияти он дар ҷомеа, мушкилоти забон ҳамчун воситаи муошират масъалаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбанд. Ҳамчун усули асосии муошират, забон ба ҳама тағйирот дар ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад ва инчунин аз ҷониби ҷомеа ташкил карда мешавад. Мақолаи илмии мазкур ба таҳлили эвфемизмҳо бахшида шудааст. Ин гурӯҳи калимаҳо манфиати назарраси тадқиқотро доро аст. Воситаҳои гуногуни забон вобаста ба вазъияти муошират, инчунин навъи фарҳанг, психологияи миллӣ, арзиш ва меъёрҳои ҷомеа ошкор карда мешаванд.

Калидвожаҳо: адабиёти забоншиносӣ, эвфемизмҳо, вазифа, тарзи сохти эвфемизмҳо, дисфемизмҳо, услуби баланд, услуби бетараф, услуби пастшуда, эвфемизмҳои забони англисӣ ва тоҷикии муосир.

СФЕРЫ, ФУНКЦИИ И ПРИЧИНЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭВФЕМИЗМОВ

Последние десятилетия изучение языка, с точки зрения его «внутреннего устройства», уступило место исследованию «языка в действии», т.е. в речи, в говорении. На первый план вышли проблемы его функционирования в обществе, проблемы языка как инструмента человеческой коммуникации. Как основное средство общения, язык тонко реагирует на все изменения в жизни человеческого коллектива, а также создается и формируется обществом. Настоящая работа посвящена анализу эвфемизмов в английском языке. Данная группа лексики представляет значительный исследовательский интерес. Будучи вариативными средствами языка, они обнаруживают зависимость как от непосредственной речевой ситуации и статусов коммуникантов, так и от типа культуры, национальной психологии, ценностно-нормативных установок общества.

Ключевые слова: лингвистическая литература, эвфемизмы, функция, способы образования эвфемизмов, дисфемизмы, возвышенный стиль, высокий стиль, нейтральный стиль, сниженный стиль, эвфемизмы современного английского и таджикского языков.

SPHERES, FUNCTIONS AND THE REASONS OF USE OF EUPHEMISMS

Last decades studying of language from the point of view of it «internal structure » has given way to research «language in operation», i.e. in speech and in speaking . The problems of its functioning in society, the problems of language as an instrument of human communication have come to the forefront. As the basic means of communication, , language reacts subtly to all changes in the life of the human collective, and is also created and formed by society. The present work is devoted to the analysis of euphemisms in English. This group of vocabulary is of considerable research interest. Being variative means of language, they reveal a dependence on both the immediate speech situation and the status of communicants, and on the type of culture, national psychology, the values and norms of society.

Key words: The linguistic literature, euphemisms, function, ways of formation of euphemisms, disphemims, raised style, elevated style, the neutral style, the lowered style, euphemisms of modern English and Tajik languages.

Сведения об авторах: ***Хакимова Мавзунаджон Махмуджоновна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, старший преподаватель кафедры английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр., дом 1. E-mail: **mavzuna.mh@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-801-79-71**
Юсупова Фируза Мухиддиновна - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **naim-0604@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-978-78-95**

Information about the authors: ***Hakimova Mavzunajon Mahmudjonovna*** - Tajik state university of law, business and politics, the senior teacher of the Department of English language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 micro-region, house 1. E mail: **mavzuna.mh@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-801-79-71**
Yusupova Firuza Muhiddinovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, the teacher of all University Department of Foreign languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1.
E-mail: **naim-0604@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-978-78-95**

УДК: 491.550+34 (575.3)

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ШУМОРА ДАР ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Нуралиева Д.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар матнҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ нақшу саҳми шумора хеле зиёд аст. Дар услуби расмӣ ин ҳиссаи нутқ вижагиҳои хосси худро дорад.

«Шумораҳо маҳсули даврaҳои дурударози ҳаёти инсонанд. Онҳо дар замонҳои хеле қадим вобаста ба ниёзҳои ҷомеаи инсонӣ пайдо шудаанд. Пайдоиш ва такомули шумора ва ба дараҷаи имрӯза расидани он ба пайдоишу такомулот ва тараққиёти тасаввуроти адад дар тафаккури гузаштагони мо ва ёд гирифтани тарзи шумори онҳо вобаста мебошад.

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки корбурди шумораҳоро дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ нишон диҳем. Мафҳум, роҳу воситаҳои ифодаи шумораҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ бо мисолҳо возеҳу равшан ифода меёбанд.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ аз ҷиҳати истифода баъд аз исм қарор дорад, яъне дар ҳуҷҷат шумора хеле зиёд истифода мешавад.

Шумора яке аз ҳиссаҳои номии нутқ буда, миқдор ва тартиби предметҳоро бо адад ифода менамояд ва инчунин ададҳои беномро ифода мекунад: панҷ китоб, 425 рӯзи меҳнат, ададҳои «5» ва «425» миқдори предметҳоро мефаҳмонанд. Дар ифодаи математикии « ду карат ду-чаҳор» шумораҳои ду ва чаҳор ададро ифода мекунанд. Дар ибораи **қисми сеюм** калимаи **сеюм** тартиби чизҳоро мефаҳмонад.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳое, низ ҳастанд, ки ададҳоро ифода накунанд ҳам, як андоза миқдори ашёро мефаҳмонанд. Ин қабил калимаҳо мансуби ҳиссаи гуногуни нутқ шуда метавонанд. Масалан, дар ифодаҳои “аксарият розӣ”, “ақаллияти шумо”, калимаҳои аксарият ва ақаллият миқдорро мефаҳмонанд, вале онҳо на шумора, балки исм мебошанд ва ба саволи кӣ? , киҳо? ҷавоб медиҳанд.

Калимаҳои **чанд, ҳар кӣ** ҷонишин мебошанд, дар ибораҳои **чанд китоб, ҳамон қадар китоб** низ миқдори ашёро ифода мекунанд. Зарфҳои **андак, бисёр, кам, зиёд** низ миқдори ашёро ифода мекунанд. Бо вуҷуди ин, калимаҳои мазкур шумора шуда наметавонанд.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои ададӣ, яъне аз адад ба вуҷуд омада ҳам ҳастанд, аммо онҳо, ба сабаби он ки шумораро ифода намекунанд, ба ин ҳиссаи нутқ дохил намешаванд. Масалан, «**ду-ду», «дутой», «ягон-ягон»** (зарф) мебошанд, ин калимаҳо зоҳиран миқдорро ифода кунанд ҳам, ба шумора танҳо аз ҷиҳати калимасозӣ робита дошта, на миқдори ашё, балки тарзи воқеъ гардидани амалро мефаҳмонанд.

Мавзӯи шумораҳо дар асоси маводи услуби бадеӣ ҳамаҷониба таҳқиқ шуда бошад ҳам, дар услуби расмӣ-коргузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ тамоман омӯхта нашудааст.

Миқдори шумора мисли забонҳои дигар дар забони тоҷикӣ зиёд нест. Шумораҳо ба ном бурдани миқдори беҳади ададҳо қодир бошанд ҳам, аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба он фарқ мекунанд, ки хусусияти такроршавӣ ва даврзанӣ доранд ва ба ин восита калимаҳои миқдоран кам вазифаи хеле зиёдро ба ҷо меоранд. «Ҳамаи шумораҳо – то миллиард (999 999 999)-ро бо калимаи решагӣ (як, ду, се, чор, панҷ, шаш, ҳафт, ҳашт, нуҳ даҳ, бист, чил, панҷоҳ, шаст, ҳафтод, ҳаштод, навад, сад, ҳазор, миллион) ифода кардан мумкин аст».

Шумораҳо дар забони тоҷикӣ хусусияти грамматикии зиёд надоранд. Хусусияти сарфии (морфологии) шумора аз он иборат аст, ки дар онҳо категорияи шумора (танҳо ва ҷамъ) нест. Шумораҳо аломати категорияи номуайянӣ (-е)-ро намегиранд.

Шумораҳои миқдорӣ бо нумератив корбаст мешаванд (сето, се дона, се сар, се нафар). Шумораҳои миқдорӣ бо ёрии пасванди –ум (юм) шумораи тартибӣ месозанд: сеюм, панҷум, садум, ҳазорум.

Шумораҳо аз ҷиҳати сохт ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ҳар чор гурӯҳи шумораҳо истифода шудаанд. Ҳаминро низ бояд қайд кард, ки бештари шумораҳо дар ҳуҷҷатҳо бо рақам навишта мешаванд.

Аз таҳлили ҳиссаҳои номии нутқ маълум гардид, ки калимаҳои сода аз реша иборат мебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ шумораҳои сода зиёд истифода шудааст: мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, дар муддати **се рӯз** ҳамсареро, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо намуда истодааст, ... хабардор менамояд [6, с.33]; барои ҳамин ҳам андозаи маблағи устувори алимент мумкин аст ба 6, 8, 10 ва ғайра шумораи ҳадди

ақали музди меҳнат муқаррар гардад [7, с.79]. Қисми 1 моддаи 70 «Дар бораи маҳрум кардани ҳуқуқи падару модар [6, с.56].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи чор ду тарзи навишт дорад: чор, чаҳор, ки ҳар ду тарзи навиштро дар услуби гуфтугӯйиву хаттӣ истифода мебаранд. Аммо калимаи чор бештар дар забони гуфтугӯйӣ истифода мешавад. Калимаи чаҳор бошад дар услуби хаттӣ. Дар асноди соҳаи ҳуқуқ калимаи чор истифода шудааст:" Агар алиментдиҳанда дар муддати **чор** сол созишнома ё ин ки варақаи иҷро оид ба пардохти алимент барои рӯёниш пешниҳод накарда бошад…" [6, с.36].

Дар асноди соҳаи ҳуқуқ шумораҳои сохта низ истифода шудаанд. Шумораҳои сохта аз як реша ва пасванд сохта мешаванд. Ба истиснои шумораҳои тартибии амсоли дуюм, сеюм, чорум, панҷум дигар шумораҳои сохта вуҷуд надорад: "Бекор кардани ақди никоҳ аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш барои шахсони сеюм эътибори ҳуқуқӣ дорад". "…агар яке аз ҳамсарон фамилияро дигар карданӣ бошад, фамилияи шахси дуюм ба таври фаврӣ тағйир намеёбад…" [6, с.48].

Ба фикри мо шумораҳои навъи ҳафтод, ҳаштод калимаҳои рехтаанд. Ҳамсадои охири ин шумора: «д» боқимондаи шумораи даҳ аст: шумораи мураккаб аз ду шумораи аслӣ сохта мешавад: дусад, чордаҳ, нуҳсад, ҳаштсад, шашсад, ҳафтсад. "Беэътибор донистани ақди никоҳ ба ҳуқуқи кӯдаконе, ки аз ин ақди никоҳ таваллуд ёфтаанд ё дар давоми **сесад** рӯзи баъди беэътибор донистани ақди никоҳ ба дунё омадаанд, таъсир намекунад" [6, с.33].

Шумораҳои таркибӣ аз ду ва ё якчанд шумораҳои ҷудогона бо пайвандаки "у" таркиб меёбанд: бисту як, сиву ҳафт, сесаду панҷоҳ, яксаду наваду се.

Шумораҳо аз рӯйи маъно, сохтор ва аломатҳои грамматикиашон ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: **миқдорӣ ва тартибӣ**.

Шумораҳои миқдорӣ ададҳои холису муҷаррад ва ё миқдори муайяни ашёҳоро мефаҳмонанд ва онҳо навъи асосии шумораҳоро ташкил медиҳанд ва навъҳои дигари шумора аз онҳо сохта шудаанд. Онҳо аз як то сад ҳазор аз калимаҳои аслии тоҷикӣ иборатанд. Шумораҳои миқдорӣ аз даҳ номгӯй адади даҳгонаи аввал (аз як то даҳ), аз нуҳ адади баъдина (аз ёздаҳ то нуздаҳ), нуҳ номгӯй адади садӣ (аз сад то нуҳсад) иборатанд.

Шумораҳои миқдорӣ одатан пеш аз исм меоянд ва муайянкунандаи назди исм мешаванд: " Мақомоти васояту парастории аз лаҳзаи гирифтани маълумот дар бораи бе парастор мондани кӯдак аз рӯйи талаботи қонун бояд дар муддати **се рӯз** шароити зисти кӯдакро санҷида" дар ин бора санади дахлдор тартиб диҳад [6, с.73].

Шумораҳои миқдорӣ ба се гурӯҳ: аслӣ, касрӣ ва тахминӣ ҷудо мешаванд.

Шумораи аслӣ ҳамаи ададҳои томи муқаррариро дар бар мегирад ва навъҳои дигари шумора аз шумораи аслӣ сохта мешаванд.

Шумораи аслӣ сода (як, сад, даҳ, се), сохта (ҳафтод, ҳаштод) мураккаб (сесад, чорсад, ҳаштсад), таркибӣ (бисту панҷ, панҷоҳу ду, сию ҳафт) мешаванд: "…намояндаи мақомоти васояту парастории, прокурор, кӯдаке, ки ба синни **14-**солагӣ расидааст ва инчунин дар ҳолатҳои зурурӣ падару модар, дигар шахсони манфиатдор ва худи кӯдаке, ки синнаш аз **10 то 14 сола** расидааст, баррасӣ мегардад" [5, с.39].

1. Калимаи **як** ҳамчун шумора ададҳои томи аввалин буда, миқдори яки ашёро ифода мекунад. Дар ин ҳолат ба саволи чанд ҷавоб мешавад.
2. Калимаи **як** шакли (сурати шартии) рақами якро мефаҳмонад. Масалан, дар ҷумлаи «рақами шашро навиштӣ, акнун «як»-ро навис! Калимаи як шумора набуда, исм аст ва ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад.
3. Калимаи **як** баҳои пастарини донишро дар таҳсил мефаҳмонад.
4. **Як** дар рақамгузорӣ ба ашё ба ҷойи шумораи тартибии **якум** ба кор бурда мешавад. Масалан, дар ҷумлаи «Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 97 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро нисбати шахси дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир карда;…» Дар ин маврид калимаи **як** шумораи тартибӣ аст, ки дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро адо мекунад.

Шумораҳои касрӣ ададҳои касриро ифода мекунанд, яъне онҳо миқдори як ҳиссаи ашёи томро мефаҳмонанд. Шумораҳои касрӣ ба ададе далолат мекунанд, ки аз ҳиссаҳои воҳид иборатанд: "Аз 13280 ақди никоҳе, ки дар хонаи ақди никоҳи Душанбешаҳр сабт шудааст **84,7 фоизи** занон насаби шавҳарони худро ҳамчун насаби умумӣ интихоб намудаанд" [6, с.57].

Аз ҷиҳати сохт шумораҳои касрӣ гурӯҳи гуногуни калимаҳо мебошанд: а) сода: ним; б) гурӯҳи дигар мураккаб мебошанд: сеяк, чоряк; в) гурӯҳи дигар таркибӣ мешаванд: сею аз даҳ ду, чилу яку аз даҳ ду. Мушоҳида ва тафтиши мисолҳо нишон доданд, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ шумораҳои касрӣ на он қадар зиёд истифода шудаанд: "…дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо на камтар **аз се ду ҳиссаи** ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо – на камтар **аз чор се ҳиссаи** муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад:

а) на камтар **аз чоряки** муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъйин шудааст; б) “на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъйин шудааст” [6, с.89].

Шумораи тахминӣ бо такрори шумораҳои аслии гуногун ба вуҷуд омада, адади тахминии ашёро мефаҳмонад. Ба ибораи дигар, шумораҳои тахминӣ маънии тахминӣ доранд. Хусусияти шаклии онҳо такрори ададҳо мебошад: “Синни никоҳӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-19 солагӣ муқаррар гардидааст” [6, с.14].

Шумораи тахминӣ одатан бо такрор ёфтани ду адад, аввал адади хурд, баъд адади калон ба вуҷуд меояд.

«Шумораҳои тахминӣ инчунин бо 5-5 ва 10-10 зиёд кардани ададҳо истифода мешаванд: даҳ-понздаҳ, бист- бисту панҷ, чил-панҷоҳ».

Шумораҳои тартибӣ дар вақти шумурдан тартиби ашёро мефаҳмонанд. Онҳо бо илова намудани пасвандҳои –ум,-юм, аз шумораҳои аслӣ сохта мешаванд. Дар ҳуҷҷатҳои соҳаи ҳуқуқ **шумораҳои тартибӣ** бо рақам истифода шудаанд. Агар шумора бо ҳарф навишта шавад, бо пасванд якҷоя навишта мешавад. Шуморае, ки бо садонок анҷом меёбад пасванди –юм мегирад:” Баъд аз набудани имконият, онҳо ҳуқуқи талаб кардани алиментро аз алиментсупорандагони навбати **дуюм** – бародарону хоҳарони қобили меҳнат доранд. … понздаҳ сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти махсусан вазнин ба истиснои нишондоди қисми **чоруми** ҳамин модда”.

Шумораҳои тартибӣ агар тартиби рӯзҳои моҳро фаҳмонанд, бештар бе исм (рӯз) навишта мешаванд, вале ашёи шумурдашаванда дар назар дошта мешавад:

Дар ифодаи навиштани таърихи рӯз дар ҳуҷҷатҳои соҳаи ҳуқуқ ду намуди навиштани санаҳо вуҷуд дорад, яъне ҳам бо рақам ва ҳам бо ҳарф. Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалан, 14 сентябри соли 2006) ва мухтасар (14.09.09.). Шакли нисбатан осону муносиб ба воситаи се ҷуфти рақамҳои ба воситаи нуқта ҷудо гардида мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартиби моҳ якрақама бошад, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» гузошта мешавад, масалан: агар 2 августи соли 2008 бошад, пас 02.08.08. навиштан лозим аст. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар навиштани таърихи рӯз ифодаи дигари рақамӣ низ вуҷуд дорад: 16.X.08. Дар маводҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ин навъи рақамгузорӣ тақрибан вуҷуд надорад.

Нумератив дар низоми калимаи таъйинӣ – миқдории навъи ҳамроҳӣ ба кор бурда мешавад. Иборае, ки дар таркиби худ нумератив дорад, аз шумора (ё калимае, ки ҷойи онро гирифта бошад), нумератив ва шумурдашуда (исм) иборат аст.

Дар забони тоҷикӣ тақрибан ҳар як ашё нумативи махсус дорад. Нумативҳо аз рӯйи ифодаи мафҳум ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) нумативҳои ададу дона: -то, нафар, тан, сар, дона:

б) нумативҳои андозаи масоҳат: га, м^2, м^3.

в) нумативҳои андозаи замон: сония, дақиқа, соат, сол, моҳ

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ ба ҷойи нумативи ифодакунандаи ададу дона «нафар» калимаи «шахс»-ро истифода кардаанд.

Бояд зикр кард, ки дар услуби коргузорӣ шумораҳо хеле зиёд истифода мешаванд. Чунки дар ҳар як ҳуҷҷати нависташуда зикри рақам ва таърихи рӯз ҳатмист.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2 / С. Абдураҳимов ва диг. - Душанбе: Дониш, 1986. - 371 с.
2. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. - М., 1977. - 310 с.
3. Давлатбеки Хоҷа. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе, 1998. -151 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ.1.; зери таҳрири Б. Ниёзмаҳмадов, С.Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов, Ҳ. Каримов ва диг. - Душанбе: Маориф, 1982. - Нашри 2. - 462 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2011. - 566 с.
6. Маҳмудов М. Тафсири кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри 4 бо иловаҳо / М.Маҳмудов, С.Ҷ. Худоёров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - 431 с
7. Маҳмудов М. Тафсири кодекси гражадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри 4 бо иловаҳо / М. Маҳмудов ва диг. - Душанбе: Эр-граф, 2010. - 462 с.
8. Назарова М.О. Категорияи шумора дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар асоси романи «Духтари оташ»- и Ҷ. Икромӣ) / М.О. Назарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2012. - № 4/5 (94). - С. 25-28.
9. Ниёзмаҳмадов Б. Забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмаҳмадов. - Душанбе: Маориф, 1970. - 385 с.
10. Турсунов М. Ба ҳиссаҳои дигари нутқ гузаштани шумораҳо // М. Турсунов // Мактаби советӣ. - 1985. - №12. - С.27-34.
11. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / С. Ҳоҷиев. -Душанбе: Ирфон, 1987. – 166 с.

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ШУМОРАҲО ДАР ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ СОҲАИ ҲУҚУҚ

Тадқиқи муаллиф дар асоси санадҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ сурат гирифта, масъалаҳои баррасишаванда дар асоси гурӯҳбандии шумора дар адабиёти илмӣ тасниф карда шудааст. Ғайр аз ин, муаллиф баробари шумора вожаҳоеро, ки миқдорро ифода менамоянд, зикр намуда, мавқеи онҳоро дар ифодаи миқдори ашё муайян намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар ифодаҳои “аксарият розӣ”, “ақаллияти шумо”, калимаҳои **аксарият** ва **ақалият** миқдорро мефаҳмонад, вале онҳо на шумора, балки исм мебошанд ва ба саволи кӣ?, киҳо? ҷавоб медиҳанд. Дар мақола ба вожаҳои ифодагари шумора таваҷҷуҳ шуда, муаллиф андеша дорад, ки дар забони тоҷикӣ ва махсусан дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ миқдори вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки шумораро ифода кунанд, то ҳазор мавҷуд аст. Вожаҳои дигари истифодашуда иқтибосӣ мебошанд. Вижагиҳои сарфии шумораҳо дар забони тоҷикиро бо мисолҳо чунин шарҳ додааст: дар шумораҳо категорияи шумора (танҳо ва ҷамъ) нест, шумораҳо аломати категорияи номуайянӣ (-е)-ро намегиранд, шумораҳои миқдорӣ бо нумератив корбаст мешаванд (сето, се дона, се сар, се нафар), шумораҳои миқдорӣ бо ёрии пасванди –ум (юм) шумораи тартибӣ месозанд. Муаллиф кӯшидааст, ки дар баробари шумора нумеративҳоро ба риштаи тадқиқ кашад ва вижагиҳои маъноиву услубии онро тавзеҳ намояд. Истифодаи нумеративҳо дар баробари шумора дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ барои таҳким ва дақиқ ифода гардидани миқдори ашё мусоидат мекунад, ки дар мақола муаллиф онро махсус зикр намудааст. Дар мақола вижагиҳои шумора дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ дақиқ ва мушаххас мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: шумора, ҳуҷҷат, шумораҳои миқдорӣ, тартибӣ, касрӣ, аслӣ, тахминӣ, санади меъёрӣ, воситаҳои грамматикӣ, корбурд, хусусияти сарфӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ.

ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЧИСЛИТЕЛЬНЫХ В НОРМАТИВНО-ПРАВОВЫХ ДОКУМЕНТАХ В ОБЛАСТИ ПРАВА

Статья посвящается употреблению числительных в нормативно-правовых документах в области права. Понятие, способы и средства выражения числительных выясняются в нормативно-правовых документах в области права. Автор приводит многочисленные примеры из конкретных правовых документов для подтверждения положений, указанных в статье. Также автор наравне с числительными приводит слова, которые обозначают количество, определяет их позицию в выражении количества вещей. Автор констатирует, что в выражениях “большинство согласны”, “меньшинство из вас”, слова большинство и меньшинство обозначают количество, но они являются не числительными, а существительными и отвечают на вопросы кто?, которые? В статье обращается внимание на слова обозначающие числительные, автор размышляет о том, что в таджикском языке, особенно в нормативно-правовых документах количество исконно таджикских слов, которые обозначают числительное, и сегодня существуют. Другие употребляемые слова заимствованы. Морфологические особенности числительных в таджикском языке примерами разъяснены так: в числительных категория числа (единственное и множественное) не имеется, чыслительные не берут категорию неопределенности, количественные числительные употребляются с нумеративами (три, три штуки, три поголовья, три человека), количественные числительные с помощью суффикса –ум (юм) строят порядковое числительное. Автор постарался наравне с числительными также изучить нумеративы и объяснить их смысловые и стилистические особенности. Использование нумеративов наравне с числительными в нормативно-правовых документах в области права способствует для упрочения и точного выражения количества вещей и предметов, что особенно выделено автором статьи.

Ключевые слова: числительное, документ, количественные числительные, порядковые числительные, дробные числительные, основные числительные, нормативный документ, грамматические средства.

PECULIARITIES OF CONSIDERATION OF NUMERALS IN NORMATIVE AND LEGAL INSTRUMENTS IN THE FIELD OF LAW

The article is devoted to the use of numerals in normative legal documents in the field of law. The concept, ways and means of expressing numerals are clarified in legal and regulatory documents in the field of law. The author gives numerous examples from specific legal documents to confirm the provisions specified in the article. Also, the author, along with numerals, gives words that denote the quantity, determines their position in the expression of the quantity of things. The author states that in the expressions "the majority agree", "the minority of you", the words majority and minority denote the number, but they are not numerals but nouns and answer the questions of who ?, which? The article draws attention to the words denoting numerals, the author reflects on the fact that in the Tajik language, especially in normative legal documents, the number of originally Tajik words that designate the numerals still exist today. Other words used are borrowed. The morphological features of numerals in the Tajik language are explained by examples in the following way: in numerals the numbers (single and plural) are not available, the chysical ones do not take the category of indeterminacy, quantitative numerals are used with numbering (three, three, three livestock, three persons), quantitative numerals with the help of suffix -um (yum) construct ordinal numerals. The author tried, along with numerals, to study numbering and explain their semantic and stylistic features. The use of numerals on a par with numerals in normative legal documents in the field of law contributes to the consolidation and accurate expression of the quantity of things and objects, which is especially emphasized by the author of the article.

Key words: numerative, document, quantitative numerals, ordinal numerals, fractional numerals, basic numerals, normative document, grammatical means.

Сведения об авторе: ***Нуралиева Дилором*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры методика преподавания таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 907-88-42-17**

Information about author: ***Nuralieva Dilorom*** - Tajik national University, assistant of the Department of methodology of teaching the Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Tel.: **(+992) 907-88-42-17**

УДК: 491.550+8(575.3)

ТЕОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЗНАЧИМЫХ КОНЦЕПТОВ КАК ОБЪЕКТА ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ НАУКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Бойматова Н.К.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Ввиду изменения приоритетов, эволюционирующий и глобальный мир постепенно смещает центр лингвистических исследований к области когнитивных исследований. Когнитивная лингвистика для нашего национального языкознания - это совсем новая научная парадигма.

Представители разных языков видят мир по-своему, и в виду этого закрепленный за конкретным языком способ концептуализации действительности, с одной стороны, универсален, а с другой, национально специфичен.

Наиболее адекватным представлением картины мира, на наш взгляд, является ее определение как первичного глобального образа мира, лежащего в основе мировосприятия человека, репрезентирующего сущностные свойства мира в понимании его носителей и являющегося результатом всей духовной активности человека. «Создателем и носителем общей картины мира является коллективный субъект – человеческое общество» [7].

Предполагается, что картина мира, как отражение мира сознанием, проявляет себя в двух формах – языковой и концептуальной. Под языковой картиной мира сегодня обычно понимается «совокупность знаний о мире, которые отражены в языке, а также способы получения и интерпретации новых знаний».

«Это сложившаяся давно и сохранившаяся доныне национальная картина мира, дополненная ассимилированными знаниями, отражающая мировоззрение и мировосприятие народа, зафиксированная в языковых формах, ограниченная рамками консервативной национальной культуры этого народа» [6].

Отметим, что началом формирования современного таджикско-персидского языка, стало арабское завоевание территорий, населенных персами. Языковая картина мира, в центре которой стоял зороастризм, была разрушена, и на первый план вышли концептуальные понятия, зародившиеся в лоне арабского языка. Для того чтобы выжить, персы должны были интегрироваться в общественную жизнь Арабского халифата и использовать в своем языке исламские, то есть звучащие по-арабски концепты. Однако полной ассимиляции персов так и не произошло.

«Для нас концептуальная модель мира шире и богаче языковой картины мира, и поэтому, определяя сферы их соприкосновения, мы изображаем сферу языковой картины мира как подчиненную концептуальной модели мира. Наиболее очевидны и наглядны связи концептуальной картины мира и языковой картины мира в области лексики» [4].

Языковая и концептуальная картины мира находятся в неразрывной взаимосвязи: «Язык означает отдельные элементы концептуальной картины мира. Это означивание выражается обычно в создании слов и средств связи между словами и предложениями. Язык объясняет содержание концептуальной картины мира, связывая в речи между собой слова».

Проблема идентификации концептов и их восприятия человеком сталкивается с необходимостью решения задачи интерпретации факта концептуального смещения (Conceptual blending, conceptual integration - теория, согласно которой элементы различных областей смешиваются, в результате чего происходит смешение ментальных пространств в подсознании). Определение «Conceptual blending» используется для обозначения когнитивного процесса, параллельного процессу семантической деривации (процесс появления у слова семантически производных значений).

Метод идентификации концепта на основе этой теории фокусируется на семантике ключевых слов данного понятия. Эти слова - основной маркер понятия в тексте и открывают путь к проблемам той или иной дискурсивной области. Ключевые слова понятия концепта указывают основные тенденции в разработке и являются "ключом" для понимания процессов эволюции в семантике.

Понимание необходимости унификации современной терминологии на этапе индексирования информации заставило, например, саудовских библиографов разработать «Единый арабский индекс», в котором предпринята интересная попытка индексирования информационных источников, с точки зрения арабо-центризма. Смена фокуса привела к включению в указанный индекс множества оригинальных арабских концептов.

С точки зрения истории, персы освоили новые для себя исламские ценности, оставаясь индоевропейцами. Персы заимствовали концепты арабского языка, но не его структуру.

Возможности персидского языка к формированию аналитических конструкций позволили им оперировать арабскими масдарами (отглагольное существительное, аналог герундия в английском языке). Используя глаголы ‘делать’ и ‘становиться’, персы научились выражать свои мысли в рамках «арабского» дискурса, используя при этом грамматику родного языка. Соответственно, арабы, не знакомые со строем индоевропейских языков, не понимали персов, когда те говорили между собой, хотя и улавливали в потоке речи «родные» арабские слова. Таким образом, персы получили возможность передавать друг другу знания, при этом не арабизируясь.

Посредством системного семантического анализа лексики определенного языка можно воспроизвести цельную систему представлений, отображенную в языке, а с другой стороны, изучение характерных для данного языка концептов является «ключом» к пониманию данной национальной культуры.

Арабский язык остался языком «межнационального общения» в области религии и науки, однако арабы навсегда потеряли статус доминирующей нации на территориях восточнее Евфрата. С течением времени персоязычное население Мавераннахра (так арабы называли земли на правом берегу Амударьи) вошло в состав Российской империи, а затем в состав СССР, самоопределившись в составе Таджикистана и испытав сильнейшее влияние русского языка и культуры.

Концепты изменяются во времени, в различных социальных сферах, в национальных, возрастных группах. Специфические особенности национальной концептосферы вызваны не языком, а национальной действительностью. В системе языка номинируется все то, что оказывается в обществе предметом обсуждения. Возможность обратимости любого текста на любом языке - доказательство невербальности концептуального мышления и возможности компенсации любого лексического вакуума.

Лингвокультурные концепты, выступающие в качестве микромоделей национальной культуры, выражают, закрепляют и передают её базовые понятия и смыслы. Характер нации, как совокупность психических свойств и норм поведения, формируется под воздействием национальной культуры, национального языка и составляет основу национальной идентичности. Его специфика определяется ценностями данной культуры, её семиотическим и семантическим полем. Таким образом, характер нации определяется коллективными практиками всей нации.

Освоение опыта чужой лингвокультуры вызывает необходимость заполнения смысловых пустот (которые еще называют лакунами), возникающих вследствие отсутствия тождественности профессионального и культурного опыта различных культурно-языковых сообществ. В этом случае «заимствование концептов» является средством их наполнения.

Блоги и интернет-форумы на персидском языке пестрят вариантами исконно персидских эквивалентов арабским словам. Итак, по версии некоторых иранских лингвистов, для которых эталоном является их собственный язык, в процессе терминообразования необходимо использовать экономичные и наиболее емкие, точные приемы образования новых слов: префиксация, суффиксация, сложение, аббревиация. Поясним, что такая позитивная оценка приемов словообразования может быть и правомерна с точки зрения индоевропейских языков, но она совершенно не умаляет силы и оригинальности арабских словообразовательных методов.

Ввиду того, что словообразование в персидском языке построено на основе индоевропейской словообразовательной парадигмы, терминология, а соответственно концепты, на таджикско-персидском языке значительно легче поддаются осмыслению с точки зрения носителей индоевропейских языков, в том числе носителей русского языка.

Рассмотренные примеры по-своему выражают языковое сознание различных народов. Для таджикско-русского языкового сознания характерна символико-культурная традиция, народный этикет. Стереотип англичанина заключается в образе сдержанного, консервативного человека, что не могло не сказаться на языке английской культуры. Национальные картины мира, создаваемые разными языками, в чем-то между собой похожи, в чем-то различны.

Между тем, важность понимания связи языковых исследований со средой, в которой язык развивается, подчёркивалась выдающимися представителями этнического направления лингвистики. В свете вышесказанного изучение терминов во взаимосвязи с когнитивными процессами открывает перед нами огромные перспективы в решении целого ряда терминологических проблем, осмысленном изучении терминологии и обучении ей будущих специалистов.

Здесь следует отметить очевидное влияние самой языковой картины мира на процесс терминологической номинации и на формирование национальной специфики. Из средств национального языка выбираются обычно те средства, которые максимально приближены к содержанию концепта, обусловленного особенностями той или иной лингвокультуры.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Вежбицкая. А. Понимание культур через посредство ключевых слов / Вежбицкая. А.; пер. с анг. А.Д. Шмелева. - М.: Прогресс, Языки славянской культуры, 2001. – 234 с.
2. Воркачев С.Г. Лингвокультурология, языковая личность, концепт: становление антропоцентрической парадигмы в языкознании / С.Г. Воркачев // Филологические науки. - 2001. - № 1. - С.64-81.
3. Воронцова Т.И. Текст баллады. Концептуальная картина мира (на материале английских и шотландских баллад) / Т.И. Воронцова. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2003. – 398 с.
4. Кубрякова Е.С. Язык пространства и пространство языка (к постановке проблемы) / Е.С. Кубрякова // Известия АН. Серия литературы и языка. - 1997. - Т.56. - № 3. - С.22-31.
5. Маслова В.А. Введение в лингвокультурологию / В.А. Маслова. - М.: Мысль, 1997. – 206 с.
6. Пименова М.В. Типы концептов и этапы концептуального исследования / М.В. Пименова // Вестник Кемеровского государственного университета. - 2013. - №2(2). - С.127-131.
7. Постовалова В.И. Картина мира в жизнедеятельности человека / В.И. Постовалова // Роль человеческого фактора в языке: Язык и картина мира. - М.: Наука, 1988. - С.8-69.- 656 с.
8. Стернин И.А. Концепты и лакуны / И.А. Стернин, Г.В. Быкова // Языковое сознание: формирование и функционирование: Сб. статей. - М., 1998. - С. 55-67.

НАЗАРИЯИ ТАШАККУЛЁБИИ МАЪНОҲОИ МУҲИМ, ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

Мақолаи мазкур мафҳумҳои асосии фарҳанги забониро баррасӣ мекунад, ба мухтасоти муносибати фарҳанги забонӣ нисбат ба тадқиқи ҳодисаҳои забонӣ баҳо медиҳад ва мафҳуми маъно ва таҳлили консептуалиро дар фарҳанги забонӣ муайян месозад. Марҳилаи муосири рушди афкори илмӣ бо такони хеле муҳимми методологӣ ба тарафи донишҳои гуманитарӣ арзёбӣ карда мешавад. Барои илми забоншиносӣ чунин такони методологӣ маънои афзудани шавқро нисбат ба забон, ҳамчун ҳодисаи фарҳанги инсонӣ, дорад. Дар дохили илми забоншиносӣ фанҳое зуҳур мекунанд, ки забонро дар робитаи зич бо шуур ва афкори инсон, фарҳанг ва ҳаёти маънавии халққо меомӯзанд. Намояндагони забонҳои гуногун ҷаҳонро аз нуқтаи назари ҳуд мебинанд. Аз ҳамин лиҳоз, тарзи консептуализатсияи ҳақиқат, ки бо ягон забони аниқ вобаста гардидааст, аз як тараф ҳаматарафа буда, аз дигар тараф хусусияти миллиро дорост. Усули ҳаммонандкунии фикр дар асоси ин назария дар маънои калимаҳои асосии ин мафҳум инъикос меёбад. Ин калимаҳо нишондиҳандаи асосии мафҳум дар матн буда, роҳро ба масъалаҳои ин ё он соҳаи ақлӣ оғоз менамоянд. Калимаҳои асосии мафҳум фикри асосиро дар коркард нишон дода, “калиди” дарки ҷараёни таҳаввулот дар мантиқ ба ҳисоб меравад. Бо тавассути таҳлили мураттаби маънои луғатӣ як забони алоҳида (аниқ) метавон як усули яклухти тасаввуротро, ки дар дар забон тасвир карда шудааст, таҷдид намуд, аз дигар тараф азхудкунии мафҳуми ба ин забон хос калиди дарки маданияти миллии забони номбурда ба ҳисоб меравад. Омӯзиши таҷрибаи маданияти забоншиносии дигар, зарурияти барқарор кардани нуқсҳои матнро, ки дар натиҷаи набудани айнияти (якхелагии) таҷрибаи касбиву мадании иттиҳодҳои гуногуни маданӣ-забонӣ ба вуҷуд омадаанд, водор менамояд. Дар ин ҳолат “иқтибоси мафҳумҳо” васоити пуркунии онон мегардад.

ТЕОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЗНАЧИМЫХ КОНЦЕПТОВ КАК ОБЪЕКТА ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ НАУКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Данная статья рассматривает определение основных понятий лингвокультурологии, выявляет специфику лингвокультурологического подхода к исследованию языковых явлений, а также определяет понятия концепта и концептуального анализа в лингвокультурологии. Современный этап развития научной мысли характеризуется важнейшим методологическим сдвигом в сторону гуманитарного знания. Для лингвистики этот методологический поворот означает возрастание интереса к языку как феномену человеческой культуры. Внутри лингвистики вычленяются дисциплины, занимающиеся изучением языка в тесной связи с сознанием и мышлением человека, культурой и духовной жизнью народов. Представители разных языков видят мир по-своему, и в виду этого закрепленный за конкретным языком способ концептуализации действительности, с одной стороны, универсален, а с другой, национально специфичен. Метод идентификации концепта на основе этой теории фокусируется на семантике ключевых слов данного понятия. Эти слова - основной маркер понятия в тексте и открывают путь к проблемам той или иной дискурсивной области. Ключевые слова понятия концепта указывают основные тенденции в разработке исследования и являются "ключом" для понимания процессов эволюции в семантике. Посредством системного семантического анализа лексики определенного языка можно воспроизвести цельную систему представлений, отображенную в языке, а с другой стороны, изучение характерных для данного языка концептов является «ключом» к пониманию данной национальной культуры. Освоение опыта чужой лингвокультуры вызывает необходимость заполнения смысловых пустот (которые еще называют лакунами), возникающих вследствие отсутствия тождественности профессионального и культурного опыта различных культурно-языковых сообществ. В этом случае «заимствование концептов» является средством их наполнения.

Ключевые слова: лингвокультурология, концепт, лингвистика, когнитивная лингвистика, методологический сдвиг, мышление, духовная жизнь, концептуальная модель, терминология.

THE THEORY OF FORMATION OF SIGNIFICANT CONCEPTS, AS OBJECT OF LINGUISTIC SCIENCE IN CENTRAL ASIA

This article considers the definition of the basic meanings of concepts of a linguaculture, reveals specifics of linguaculturological approach to a research of the language phenomena, and also defines the concepts and the conceptual analysis of a linguaculturology. The present stage of development of a scientific thought is characterized by the major methodological shift towards humanitarian knowledge. This methodological turn means the increasing of interest in language for linguistics as a phenomenon of human culture. In linguistics the disciplines which are engaged in studying of language in close connection with consciousness and thinking of the person, culture and spiritual life of the people are isolated. Representatives of different languages see the world in their own way, and in view of this, the way of conceptualizing reality, fixed in a specific language, is universal on the one hand, and nationally specific on the other. The

method for identifying the concept on the basis of this theory is focused on the semantics of the key words of this concept. These words are the main marker of the concept in the text and open the way to the problems of this or that discursive area. The key words comprehensive the concept show the main tendencies in working out analyses and are also the "key" for understanding the evolution processes in semantic. It is possible to reproduce the whole system of representations displayed in the language through the systematic semantic analysis of the vocabulary of a particular language, and on the other hand, the study of the concepts characteristic for a given language is the "key" to understanding a given national culture. Mastering the experience of alien linguistic culture makes it necessary to fill the semantic voids (which are also called lacunas), arising from the lack of identity of the professional and cultural experience of various cultural and linguistic communities. In this case, "borrowing concepts" is a means of filling them.

Key words: linguaculturology, concept, linguistics, cognitive linguistics, methodological shift, thinking, spiritual life, conceptual model, terminology.

Сведения об авторе: ***Бойматова Н.К.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры английского языка факультета истории и МО. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30

Information about the author: ***Boymatova N. K.*** **-** Russian-Tajik (Slavonic) University, lecturer at the Department of English at the faculty of history and MO. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade street 30

УДК: 802.(20).809.155.0 (575.3)

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Сафарзода Рухангези Акбар
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Калимаҳои мураккаби забони англисӣ аз лиҳози муқоиса бо забони тоҷикӣ ва ҳалли проблемаҳои тарҷума аҳамияти хосса доранд. Воқеан, дар забони англисӣ як гурӯҳи калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки дар муқоиса бо забони тоҷикӣ бемуодил мебошанд, чунки грамматикаи ҳар забон “асоси он забонро ташкил медиҳад” [4, с.203]. Дар адабиёти илмии назарияи тарҷума дохил намудани як идда калимаҳои мураккаби забони англисӣ ба гурӯҳи лексикаи бемуодил собит гардидааст. Меъёри асосӣ ин аст, ки ин гуна калимаҳо «дар ҷумла дар якҷоягӣ ба вазифаи як аъзои ҷумла омада, ... онҳоро дар матни тарҷума ҳамчун муодил ва бе таҳвил (трансформатсия) ифода кардан ғайриимкон мебошад» [3, с.106].

Бояд зикр намуд, ки бемуодилии гурӯҳи муайяни калимаҳои мураккаб дар ҳар як забон монанди дигар воҳидҳои забонӣ фарқкунанда аст. Мисол, Иванов А.О. бемуодил будани калимаҳои мураккаби забони англисиро дар муқоиса бо забони русӣ баррасӣ намуда, ба ин гурӯҳ калимаҳои аз рӯйи сохтор мураккабро дохил мекунад [3, с.106]. Бемуодил будани калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ махсусиятҳои худро доранд. Табиист, ки гурӯҳи калимаҳои мураккаби забони англисӣ метавонанд дар забони тоҷикӣ мувофиқати сохторӣ ва муодили семантикии худро дошта бошанд [1, с.177], алалхусус, агар ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил шудани ҳар ду забон ба назар гирифта шавад.

Аммо мақолаи мазкур таҳлили роҳҳои калимасозиро дар забонҳои муқоисашаванда дар бар нагирифта, балки ба таҳлили муқоисавӣ ва нишон додани мавридҳои аёни бемуодил будани баъзе воҳидҳои луғавии аз рӯйи сохтор мураккаби забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва роҳҳои асосии тарҷумаи онҳо бахшида шудааст.

Ҳамин тариқ, намудҳои зерини калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавонанд бемуодил бошанд.

1. Исм+сифати феълии II (Participle II). Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ ин гуна калимаҳои мураккаб хеле маъмул буда, раванди инкишофёбии онҳо идома доранд: **browbeaten, country-made, weather-beaten, tin-plated, spike-guarded** ва ғ. Мисолҳои зикргардида ба гурӯҳи калимаҳои сифатӣ (атрибутивӣ) дохил мешаванд ва аз ин лиҳоз баррасии онҳо дар якҷоягӣ бо калимаҳои муайяншаванда ба мақсад мувофиқанд. Бе таҳвилҳои муайян тарҷума кардани ҷумлаҳои дорои ин навъ воҳидҳои луғавӣ ғайриимкон аст. Масалан: **browbeaten** person–шахси тарсонидашуда; **country-made** shoes – пояфзоли дар дохили кишвар истеҳсолшуда; **weather-beaten-** аз обу-ҳаво азияткашида; **tin-plated vessel** – деги сафед; **spike-guarded walls** –деворҳои мехкоришуда ва ғ.

Бояд қайд кард, ки калимаи **«made»** барои сохтани ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб нисбатан серистеъмол буда, метавонад бо шумораи зиёди вожаҳои дигар якҷоя омада, калимаҳои мураккаб созад, чунончи: **foreign-made**, **home-made**, **hand-made**, **man-made** ва ғ.

2. Сифат+исм+пасванди–ed: **hard-hearted** (man)- инсони сангдил, бераҳм, **good-natured** (man)-инсони некукор, **hard-featured** (face) –чеҳраи дуруштнамо, **square-shouldered** (man) – шахси китфони барҷастадошта, **sit cross-legged** –турквор нишастан (пойҳоро зери худ қат карда нишастан) ва ғ.

3. Калимаҳои мураккаби префиксдор: **a-begging** –садақапурсӣ**, re-exciting** –аз нав…ғалаёни пурталотум ангехтан, **re-entered** – дубора воридшуда, **re-established** –аз нав барқароршуда, **under-estimated** – ба таври нокофӣ арзёбӣ шуда.

4. Сифати мураккаб + сифати феълӣ бо илова кардани пасванди -ing (бо узви дуюми феъл): **inquisitive-looking** (eyes) –нигоҳи синчакорона; **foreign-looking** (man) –одами хориҷимонанд; **good-looking** (man) –одами хубнамо/ хушандом; **fine-looking** (man) –одами хушсимо ва ғ.

Ҳангоми таҳлили гурӯҳҳои лексикаи бемуодили дар боло зикргардида бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки на ҳамаи онҳоро ба гурӯҳи лексикаи бемуодил дохил кардан мумкин аст, зеро як гурӯҳи онҳо метавонанд муодилҳои худро дошта бошанд. Дар вақти дар забони дигар ифода ёфтан онҳо метавонанд сохтори худро каме тағйир дода, хусусияти калимаи мураккаб будани худро нигоҳ доранд ва дар луғатҳои ҳар ду забон инъикос гарданд: **half-comprehended** (notions) – тахминҳои ҳанӯз норавшан; **newly-risen** (crescent) – маҳтоби тулӯъкунанда; **the poor-house** – фақирхона; **headstrong** (man) – шахси гарданшах, якрав; **hothouse** – кӯчатхона ва ғ. Бо вуҷуди ин, ҳангоми тарҷума дар вазъияти мушаххас дар матни муайян ин гурӯҳ низ метавонад тағйиротҳои услубиву сохториро ба миён орад.

Якчанд мисолҳоро аз адабиёти бадеӣ дида мебароем:

1. … still he looked preciously grim… and receiving the light of the fire on his **granite-hewn features...**, and in his great, dark eyes [6, c.114]. - Бо вуҷуди ин, чеҳрааш ҳамоно тираву дилгир боқӣ мондааст… гӯиё шарори аз **хорасанги тарҳи рӯй**и ӯ ва торикии чашмонаш бархоста алави оташдонро шуълавар мекард [5, с.128].

2. … Men are **hard-hearted**, and kind angels only [6, c.16]. - … **Шариранд** одамон, аммо ятимакро ҳимоятгар [5, с.20].

Чи гунае ки аз мисолҳои боло маълум аст, ҳангоми тарҷумаи калимаҳои мураккаби забони англисӣ ба забони тоҷикӣ онҳо ба тағйиротҳои гуногуни сохторӣ дучор мегарданд. Дар мисоли якум таҳвили грамматикӣ мушоҳида мегардад, ки дар натиҷа сохтори иборае, ки ҳамчун калимаи мураккаб омадааст, тағйир меёбад. Дар раванди тарҷума бошад, ибораи granite-hewn аз муайянкунанда ба пуркунанда мубаддал гардида, маънои он васеътар ифода ёфтааст.

Мисолҳои дигар:

1. This was finally fortunate; the horse was **re-established**, and the dog was silenced with a ‘Down, Pilot!’(6, c. 98). - Оқибат ҳама кӯшишҳо муваффақона анҷом пазируфтанд: асп **аз нав ба пойи худ рост шуд**, саг бошад, баъди фармони соҳиби худ: «Хомӯш Пилот!» ором гашт [5, с. 110].

2. … Miss Miller occupied the foot of the table where I sat, and strange, **foreign-looking**, elderly lady, the French teacher, as I afterwards found, took the corresponding seat at the other board [6, c. 37]. - Духтархонум Миллер дар охири ҳамон мизе ҷой ишғол карда, ки маро низ пиромуни он ғунҷондаанд, хонуми солдидаи **хориҷимонанд** - тавре ки ман баъдтар фаҳмидам, омӯзгори забони фаронсавӣ, - паси мизи дигар нишаста буд [5, с.44].

Дар мисоли якум калимаи re-established дар алоҳидагӣ аз нав барқароршуда тарҷума мешавад, аммо дар ин ҷумла ҳам дар асл ва ҳам дар тарҷума ба маънои аз нав ба по хестани асп аз рӯйи замин ифода шудааст, ки мазмунан бо тарҷумаи алоҳидаи ин калима якхела мебошанд. Аз нигоҳи синтаксис бошад, калимаи мазкур дар ҳар ду ҷумла ба вазифаи хабар омадаст.

Дар мисоли дуюм калимаи foreign-looking- хориҷимонанд аз нигоҳи синтаксис дар ҳар ду забон ба вазифаи муайянкунанда омадааст, аммо аз рӯйи сохтор каме фарқ доранд: сифат+исм+суффикс -ing – сифат+сифат.

Дар баъзе мавридҳо барои ифода кардани калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар забони тоҷикӣ, калимаҳои мураккаби аз рӯйи маъно ба ҳам наздик, вале дорои каме фарқи сохториро интихоб кардан мумкин аст. Чанд мисолро аз назар мегузаронем:

1. I discovered, too, that a greater pleasure, an enjoyment which the horizon only bounded, lay all outside the high and **spike-guarded walls** of our garden… [6, c.64]. - Ман инчунин бо тамошои манзараи то уфуқ тӯлкашида, ки аз болои **девори** баланди **мехкоришудаи** боғамон ба дида мерасид, роҳати бениҳоят меёфтам … [5, с.72].

2. ‘Well,’ I asked impatiently, ‘is not Mrs Reed a **hard-hearted**, bad woman?’ (6, c. 49).– Хайр, –бекаророна пурсидам ман, –магар хонум Рид **зани бераҳму** бадниҳод нест [5, с.56]?

3. To be sure it is pleasant at any time…yet you know in **winter-time** one feels dreary quite alone in the best quarters [6, с.83]. - Зиндагӣ ин ҷо, албатта, хушиҳои худро дорад. …лекин **айёми зимистон** ҳатто дар кӯшки муҷаллал ҳам зиқ мешавӣ [5, с.93].

Бо вуҷуди баъзе ихтилофҳои сохтории исм+исм+пасванди–ed –исм+ феъл калимаҳои мураккаби spike-guarded (англисӣ)- мехкоришуда (тоҷикӣ) аз рӯйи маъно якхела мебошанд. Аз ҷиҳатҳои дигар вазифаҳо низ ба ҳам мувофиқанд. Масалан, аз нигоҳи синтаксис – ҳам дар матни асл ва ҳам дар матни тарҷума калимаи мураккаби дар боло зикргардида барои муайян кардани девор омадааст.

Ибораи бераҳм дар нутқи гуфтугӯйи забони тоҷикӣ хеле серистеъмол мебошад. Аз ин лиҳоз, барои ифодаи ибораи англисии hard-hearted тарҷумон ин калимаро бамаврид истифода бурдааст, ки аз нигоҳи услуб низ дуруст мебошад. Ҳарчанд ин гуна калимаҳои мураккаби дорои сохтори сифат+ исм+пасванди –ed –пешванд+исм аз рӯйи сохтор каме аз ҳам фарқ доранд, вале аз ҷиҳати семантика якхела мебошанд.

Дар мисоли сеюм ғайр аз ихтилофоти сохторӣ ва наздик будани семантика, инчунин мувофиқати вазифаи синтаксисии воҳидҳои ҳам матни забони асл ва ҳам матни забони тарҷума мушоҳида мегардад. Ибораи winter-time ва айёми зимистон дар забонҳои муқоисашаванда ба вазифаи ҳоли замон меояд.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки бемуодилии мисолҳои дар боло зикргардида нопурра мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки воҳидҳои луғавии мавриди назари мо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун тарҷума карда мешаванд. Аз ҷумла ҳолатҳои тарҷумаи тасвирӣ низ ба таври фаровон ба мушоҳида мерасанд:

1. Eliza, who was **headstrong** and selfish, was respected [6, с.10]. - Чаро, масалан, ба Элоиза, ки **гарданшаху** худпараст аст… ҳама илтифотомез муомила мекунанд [5, с.13]?

2. Scarcely less prominent was an ample cushioned **easy-chair** near the head of the bed, also white, with a **footstool** before it; and looking, as I thought, like a pale throne (6, с.9). - **Роҳаткурси**и нарми сафедҷилд дар болосарии кат, бо **курсичаи поймони**и пешорӯяш, низ қариб ҳамин гуна возеҳ фарқ мекунад; ин роҳаткурсӣ дар назари ман кадом як тахти сафеди тахайюлие метофт [5, с.11-12].

Эҳтимолан, дар байни лексикаи бемуодили забони англисӣ калима-ибораҳои мураккаб гурӯҳи махсусеро ташкил медиҳанд. «Ин намуд калима-ибораҳо нишондиҳандаи ҳамҷояшавии калимаҳои препозитивӣ-атрибутивӣ мебошанд, ки аз рӯйи сохторашон ба ҷумла ё ибора монанд буда, дар ҷумла ҳамчун калимаи алоҳида ва дар аксари мавридҳо ба вазифаи муайянкунанда меоянд» [3, с.107].

Ба вазифаи муайянкунанда метавонанд гурӯҳи ибораҳое дохил шаванд, ки шакли пурраи онҳо тавассути тире, нохунак бе тире ё ин ки тире ва нохунак ташаккул ёфтаанд. Онҳоро калимаҳои мураккаби намуди синтаксисӣ низ меноманд, зеро «миёни калимаи мураккаб ва ҷумла меистанд» [4, с.86].

1. Ибораҳои озод дар вазифаи муайянкунанда (атрибутивӣ).

Азбаски анъанаи тарҷумаи мақолаҳои нашри даврӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ он қадар маъмул нест ва истифодабарии калимаҳои таҳқиқшаванда хосси сабки рӯзномаю публитсистика низ мебошад, мо намунаи тарҷумаи худро пешниҳод менамоем.

Калимаҳои намуди зеринро бояд дар матни муайян таҳқиқ намоем, зеро дар аксар мавридҳо онҳо барои ҳолатҳои муайян сохта мешаванд ва берун аз он маънои худро гум карда, ҳамчун воҳиди мустақили лексикӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

1. Every festival has its **you-should-have-been-there moments** [2, с.50]. - Ҳар як ҷашн лаҳзаҳоеро дорад, ки “кас бояд ҳатман онҳоро бубинад”.

2. Hammerfest seemed an agreeable enough town in **a thank-God-for-not-making-me-live-here sort of way** [2, с.51]. - Ҳаммерфест шаҳреро мемонд, ки шахс барои дар он ҷо набуданаш ба Худо аҳсан мехонад.

Амалияи тарҷума нишон медиҳад, ки нигоҳ доштани сохтори ин гуна калимаҳои мураккаби забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ғайриимкон мебошад ва, чунон ки мисолҳо нишон медиҳанд, дар аксари мавридҳо ҳалли мушкилии тарҷума бо роҳи тасвиру тафсири озод сурат мегирад.

Фразеологизмҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва ғайраҳо дар вазифаи муайянкунанда.

1. What was great about Sinatra was that **‘I-don’t-care-about-anybody’ attitude** … [2, с.50]. - Хусусияти барҷастаи Синатра аз он иборат буд, ки дар ӯ муносибати аз қабили “ман бо касе коре надорам” таҷассум мегардид.

2. This **neither-fish-nor-fowl** character of China’s state enterprises has produced much the same effect that “perestroika” had in the last days of the Soviet Union. - Ин **муносибати подарҳавои** корхонаҳои давлатии Чинӣ ҳамон гуна таъсире дошт, ки “азнавсозӣ” дар рӯзҳои охирини Иттиҳоди Шӯравӣ дошт.

Хусусияти фарқкунандаи тарҷумаи зергуруҳҳои зерин дар он аст, ки дар аксари мавридҳо ҳатман тағйири сохтори ҷумла сурат гирифта, маънои ин гуна воҳидҳои забон бо роҳи тасвир ва ё шарҳу эзоҳ маънидод карда мешаванд. Ҳарчанд нисбат ба баъзе воҳидҳои забони англисии дар боло зикргардида дар забони тоҷикӣ аз рӯйи маъно зарбулмасал ё мақоли мувофиқ дарёфт кардан мумкин аст, вале аз нигоҳи услуб ва хусусияти матн истифодаи онҳо чандон муносиб нест. Масалан, дар мисоли аввал ибораи neither-fish-nor-fowl дар забони тоҷикӣ бо зарбулмасали на дузди бозору на шайхи мазор мувофиқ омадааст, вале истифодаи он дар ин матни тарҷума аз нигоҳи услуб муносиб нест.

Гуфторҳои том дар вазифаи муайянкунанда.

1. These **“I’m a good girl, I am!” gestures** are designed to demonstrate that one is a decent person [2, с.48]. - Гуфторҳо ба мисли “ман духтари хуб ҳастам, ҳастам” барои таъкиди дуруст будани шахс тарҳрезӣ шудаанд.

2. We are not talking about “**look-at-me-I’m-holding-a-Bible” photo-ops** in a church… [2, с.48]. - Мо дар бораи аксҳои гӯё аз қабили “нигоҳ кунед, ман дар даст Инҷил дорам” сухан накарда истодаем.

Аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки калима-ибораҳои мураккаб метавонанд дутаркиба (дуаъзогӣ) ва сертаркиба (сераъзогӣ) бошанд. Чи тавре ки дар боло зикр кардем, шакли пурраи онҳо тавассути тире ва нохунак, нохунак бе тире ё бо тире ва нохунак сохта мешаванд.

Ҳамин тавр, баъзе аз калимаҳои мураккаби забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ метавонанд бемуодил бошанд, вале аз сабаби дар баъзе мавридҳо аз рӯйи маъно мувофиқати ба ҳам наздик доштани онҳо, бемуодилии калимаҳои мураккаби ҷудогонаро нисбӣ номидан мумкин мебошад.

Тарҷумаи калимаҳои мураккаб ва калима-ибораҳои мураккаби забони англисӣ ба забони тоҷикӣ метавонад тавассути як қатор усулҳои тарҷумаи лексикаи бемуодил ва махсусан бо усули маъмули тарҷумаи тасвирӣ бо истифода аз таҳвилҳои грамматикӣ дар сохтори ҷумла ва баъзан бо роҳи калка сурат гирад.

Ҳангоми тарҷумаи калимаҳои мураккаб барои муваффақ шудан аз хусусияти худи матн метавон хуб истифода кард, то ки дар асоси он мафҳуми ин гуна воҳидҳои ғайримуқаррарии забони англисӣ дар матн хуб дарк карда шуда, тарҷумаи воҳидҳо мукаммал гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Структурно-семантические особенности сложных существительных в современном английском и таджикском языках / М.Н. Азимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - 2012. - №1. - С.166-179.
2. Бузаджи Д.М. Техника перевода. Сборник упражнений по переводу с английского языка на русский язык. Часть I. Грамматические аспекты перевода / Д.М. Бузаджи, А.С. Маганов. - М.: Р. Валент, 2007. - 208 с.
3. Иванов А.О. Безэквивалентная лексика. Учебное пособие / А.О. Иванов. – СПб.: Филол. фак. С.Петерб. гос. ун-та, 2006. – 192 с.
4. Царев П.В. Сложные слова в английском языке. Учебное пособие / П.В. Царев. - М.: Издво МГУ, 1980. - 125 с.
5. Слепович В.С. Настольная книга переводчика с русского языка на английский язык = Russian-English Translation handbook / В.С.Слепович. – 3-е изд. - Минск: Тетра Системс, 2008. - 304 с.
6. Шарлотта Бронте. Ҷейн Эйр. Роман / Шарлотта Бронте; тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар. - Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
7. Charlotte Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
8. Мюллер В. Англо-русский словарь / В. Мюллер. - М.: Русский язык, 1978. - 888 с.
9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Матбуот, 2007. - 1079 с.
10. Арзуманов С.Д. Русско-таджикский словарь: Свыше 72 000 слов / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др. - Москва: Русский язык, 1985. - 1280 с.

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур таҳлили хусусияти калимаҳои мураккаби забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи онҳоро дар забони тоҷикӣ дар бар мегирад. Дар он ҳолатҳои бемуодил будани калимаҳои мураккаб ва ё муодили семантикӣ доштани қисме аз онҳо дар забонҳои муқоисашаванда инъикос гардидаанд. Сохтори калимаҳои мураккаби забони англисӣ нисбат ба калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ фарқкунанда мебошад. Ҳатто як калимаи содаи забони англисӣ метавонад бо якҷояшавии дигар калима ба калимаи мураккаб табдил ёфта, маънои дигар пайдо кунад. Дар мақола калимаи «made» ҳамчун яке аз намунаҳои аз ин лиҳоз серистеъмоли забони англисӣ таҳлил карда мешавад. Дар бештари мавридҳо калимаҳои мураккаб дар забони англисӣ тавассути тире, нохунак ё нохунак бе тире сохта мешаванд. Бо ин роҳ зарбулмасалҳо, мақолҳо ё воҳидҳои фразеологӣ ки шаклашон ба ибораву ҷумла шабоҳат доранд, ба як воҳиди луғавӣ табдил дода мешаванд, ки ин ҳам ба забони англисӣ хос аст. Албатта, ин гуна махсусиятҳои забони англисӣ дар раванди тарҷума таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунанд. Дар ин мавридҳо тарҷумонро лозим меояд, ки ба мазмуну муҳтавои матн ё ҷумлаи тарҷумашаванда диққати махсус зоҳир намояд, зеро мисолҳое, ки дар боло зикр кардем, бо

роҳҳои анъанавӣ тарҷума намегарданд. Азбаски тарҷумаи мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва расонаҳои даврӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ фаровон нестанд, дар мақолаи мазкур муаллиф намунаи тарҷумаҳои худро пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди ин, мавридҳое мавҷуданд, ки калимаҳои мураккаб дар раванди тарҷума дар забонҳои муқоисашаванда сохтори худро иваз карда, муодили семантикии худро пайдо мекунанд. Воқеан, ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои мураккаби забони англисӣ ба забони тоҷикӣ аз ҳисоби набудани муодили калимаи мураккаб мушкилиҳо ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, роҳҳои ифода, раванди тарҷума, калимасозӣ, хусусият, муқоиса, сохтор, забони англисӣ, забони тоҷикӣ.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ СЛОЖНЫХ СЛОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И СПОСОБАХ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Настоящая статья посвящена анализу некоторых особенностей сложных слов английского языка и способам их выражения в таджикском языке. В статье отображены случаи безэквивалентности сложных слов, а также сложных слов, имеющих свои семантические эквиваленты в сопоставляемых языках. Структура сложных слов английского языка в сравнении с таджикским языком отличается. Даже одно простое слово английского языка в сочетании с другим словом может образовать сложное слово и изменить своё значение. В статье приведены примеры со словом **«made»**. В большенстве случаев сложные слова в английском языке образуются с помощью дефиса, кавычек или кавычек без дефиса. В процессе перевода пословиц, крылатых слов или сложных слов, структура которых похожа на предложение, в отдельных случаях используются как одна лексическая единица, имеются особые способы перевода с исходного языка в переводящий язык. В этих случаях переводчику следует обратить внимание на смысл переводяшего контекста или предложения, потому что примеры, приведенные нами выше, не переводятся традиционными способами. Так как мало распространена традиция перевода статей периодической печати с английского языка на таджикский язык, мы решили дать свои варианты переводов. Но имеются случаи, когда сложные слова в процесс перевода в сопоставляемых языках изменяют свою структуру и преобретают свой семантический эквивалент. В самом деле, встречаются проблемы при переводе сложных единиц английского языка на таджикский язык в связи с отсутствием эквивалента сложных слов.

Ключевые слова: сложные слова, способы перевода, процесс перевода, словообразование, особенность, сравнение, структура, английский язык, таджикский язык.

ABOUT SOME PECULIARITIES OF COMPOUND WORDS OF THE ENGLISH LANGUAGE AND THEIR WAY OF TRANSLATION INTO TAJIK LANGUAGE

This article deals with the analysis of some peculiarities of English compound words and ways of their translation into the Tajiki language. The article shows cases of nonequivalence of compound words as well as their having own semantic equivalents in the compared languages. The structure of compound words of the English language in relation to the Tajik language is different. Even one simple word of English language in combination with another word can form a compound word and change its meaning. In the article, we gave some examples with the word **"made"**. In most cases, compound words in the English language are formed by using a hyphen, quotes or quotes without a hyphen. In the process of translating proverbs, winged words or compound words whose structure is similar to sentence, however, in some cases they are used as a single, lexical unit, and have special ways of translation from source language into target language. The translator should pay attention to the meaning of the translating context or sentence, since the examples given above are not possible to be translated by traditional methods. As the tradition of translating articles of periodical printing is not common from English into the Tajiki language, the author of the paper offers own translations. However, there are cases that compound words in the translating process in the compared languages change their structure and have their semantic equivalent of compound words.

Keywords: compound words, ways of translation, translation process, word formation, peculiarity, comparison, structure, English language, Tajik language.

Сведения об авторе: ***Сафарзода Рухангези Акбар*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, докторант Ph.D кафедры общего языкознания и сопоставительной типологии языков, ассистент кафедры английской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **ruhangezakbar@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-48-32-53**

Information about the author: ***Safarzoda Rukhangez Akbar*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzoda, Ph.D student in the Department of General Linguistics and Comperative Typology of Languages, assistant in the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev, 17/6.
E-mail: **ruhangezakbar@mail.ru**. Tel.: **(+992) 987-48-32-53**

УДК 502.72+802.0+809.155.0+808.2(575)

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ НАИМОВАНИЯ ЦВЕТОВ С ПОМОЩЬЮ ФЛОРОНИМОВ, ГИПЕРОНИМОВ, ЗООНИМОВ, АНТРОПОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Султонзода Мижгона
Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзаде

С помощью исследования ономасиологического аспекта названий растений можно проанализировать способ обозначения растений в таджикском, русском, и английском языках. В каждом языке есть определенные номинативные средства (способы номинации), с помощью которых дается наименование предметам внеязыковой действительности. У каждого ученого

есть своя точка зрения на определение номинативных средств, поэтому им были выделены следующие универсальные типы номинативных средств:

Их разделили на две группы: А. Внутренние средства номинации; в эту подгруппу вошли: а) образование новых слов, б) переосмысление существующих слов, в) словосочетания. Б. Внешние средства номинации [3, с. 282].

Имеющаяся система номинаций во всех языках отображает результаты познавательной и классифицирующей деятельности человека, и содержаемой информации о системе ценностей того или иного народа, которая раскрывает особенности видения мира [1, с. 33].

В каждом языке, который достиг совершенства, интерпретация предметов и явления внешнего мира может, осуществляться через внутреннюю форму слова, в которой как бы просвечивает семантическая мотивированность, и через определение или синтаксическую сочетаемость, различные ассоциации. Сущность слова в сознании не просто отражает объективную реальность с помощью знаковых средств, а «выделяет в ней значимые для субъекта признаки и свойства, конструируя их в идеальные обобщения модели действительности» [7, с.32]. У человека представления об окружающем его мире формируется как основная система его ценностей. Образование новых имен используется не просто для называния нового предмета, но и новой конкретной вещи, растения. Б.А. Серебренников выделял следующие факторы, способствующие появлению в языке того или иного слова: опыт, лингвистическая техника, человеческая психология и роль отдельного индивида, роль общества, влияние внешних условий номинации и языковой системы, взаимоотношение языка и мышления с окружающей действительностью [2, с. 147].

В философии процесс познания принято делить на следующие ступени: ощущение, восприятие, представление и понятие. Опыт создает образ предмета, после чего следует его наименование.

Признаки, выбираемые в качестве основы наименования, в каждом языке могут быть разными. Отбор признаков происходит на основе определенных ассоциаций, путем сведения предметов в какие-то категории, путем установления общности функций и отношений предметов. По мнению Б.А. Серебренникова, роль внешних условий при появлении новых слов огромна. И вместе с тем, чаще всего выбор признака в качестве основы наименования не зависит от каких- либо внешних условий и является результатом чисто случайных ассоциаций [9, с.155]. Сторона технического приёма номинации является всеобщей для всех языков мира, и несомненно, особенности языковой системы оказывают влияние на характер приемов номинации. Как полагает Б.А. Серебренников, при создании человеком языка и языковой системы происходит определенное упрощение, а в ряде случаев и искажение действительности. Но этот творческий акт познания мира, ведущий к некоторому упрощению действительности, не противоречит самой теории отражения.

Материалом для исследования выбран антороponимом: flower/цветок/ гул, а также шесть частотных, оптимально иллюстрирующих связь с традиционным мышлением носителей языка, флоронимов: rose/роза/садбарг, lily/лилия/савсан, daisy/маргаритка/марворид, daffodil/нарцисс/наргис, violet/фиалка/бунафша, bluebell/колокольчик/зангӯла. Из шести названий три совпадают на русском языке полностью - роза, лилия, фиалка, а в таджикском совпадают частично. Название флоронима колокольчик совпадает по способу образования, но частично отличается по набору основ, в английском языке уточняется цвет колокольчика. Название цветка нарцисс совпадает в одном из вариантов с наименованием цветка в английском языке - narcissus/daffodil. Не совпадает в изучаемой концептосфере только одно наименование цветка: маргаритка – daisy [8, с.53].

В таджикском языке их цвет и форма совпадают частично , они разные: Violet/ бунафша; в английском они совпадают, а вот на русском у них другие характеристики.

В разных словарях переведены по-разному название цветка. Надо отметить, что в словаре Oxford Dictionary of Synonyms and Antonyms приведены следующие синонимы: bloom *(цветок, цветение, расцвет), ('гул', 'шукуфои','гулкуни')* blossom *('цветок', 'расцвет'),('гул', 'гулгуни')* bud *('почка', 'бутон', 'зародыш'), ('мугча','гунча','чанин')* floret*('цветочек'),('гулпарвар')* petal *('лепесток') ('баргак')* [15, с.157]. Данный словарь дает ограниченное количество синонимов - пять слов, два из которых относятся непосредственно к самому цветку, а три являются наименованиями его отдельных частей. Обратимся к другим источникам.

В словаре **Webster's Dictionary of Synonyms and Antonyms** не приводятся синонимы существительного *flower*, но указаны синонимы однокоренного прилагательного *flowery: aureate, grandiloquent* [15, с.45] *(высокопарный, напыщенный), ('иборарро', 'дабдабанок') 'magniloquent', 'rhetorical', 'euphuistic', 'bombastic' (напыщенный, помпезный), (дабдабанок,бодабдаба) а* также указываются слова аналогичные по значению прилагательному *flowery (цветистый) (гулкунанда)* в значении '*пышный', 'изобилующий', 'цветистый' (о стиле, слоге), (услуб,хичо).*

Среди топонимов, представленных в названиях цветов, нами были выделены ойконимы - *Boston pink* – букв. гвоздика, Бостонская (мыльнянок лекарственный), мехчагул .Indian's Canna –букв. Индийская канна с большими, перистонервными листями, карнайгули хинди. Samarqand rose - садбарги Самарканди –букв. роза Самаркандская. *Canterbury bell* – букв. колокольчик Кентерберийский (колокольчик средний), занчирак. *California poppy* – букв. мак Калифорнийский *(эшшольция калифорнийская), Illinois acacia* – букв. акация Иллинойская (акация короткодольчатая), *China rose* – букв. роза Китайская *(роза чайная китайская), садбарги Чинї. Canada violet - фиалка белая канадская, Бунафшаи канадаги. European daisy* – букв. маргаритка Европейская (маргаритка многолетняя) марвориди аврупои и оронимы - *Alpine forget- me-not* – букв. незабудка альпийская (незабудка душистая), дастнорасони *Caucasian lily* – букв. лилия кавказкая (лилия однобратственная) савсани кавкози. Tajikistan's poplar – букв. тополь таджикистанский (ар-ар). Sogdian's ash tree – ясень согдианский (‘шунг’, ‘шумтол’,’забони’). *Shugnan's birch curve* - букв. берёза кривая шугнанская (‘чаткал’ на шугнане + ‘бурч’). Tajikistan's birch – букв. береза таджикистанская (‘чаткал’, ‘бурч’ на Зарафшане ‘ходанг’ на зап. Памире + ‘бирудж’, ‘дээз’ [4, с.67]. Zarafshon's cade- букв. можжевельник зеравшанский (‘саур’, ‘бурс’-и зарафшони) Baljuan's buckwheat - букв.гречиха бальджуванская –‘лиф’ (‘бччумалафи балчувони’) [5, с.87].

В наименованиях цветов с **антропонимами** можно выделить следующие подгруппы: ***имена -ном:*** - *Sharon rose* - роза Шарон, садбарги Шарон. *Alexander* - Александр, Искандар .*Ekina* - Экина, Экин. Fedchenkov's rose букв. роза Федяенко - (роза восточная), Yanchevsk's wineberry букв. смородина Янчевского-(каракот, зорг, ширинз) [4, с.24], Maeyr's wineberry-букв. смородина Майера(каракот,карагат,хацип, ширинз). Vilgem's willow - букв. ива Вильгельмса (мачнунбед) Маљнунбеди Вилгелми .*Douglas honeysuckle* - жимолость Дугласа; Мушоли Дуглас, ***фамилии*** *насаб*:- *Macartney rose* - роза Макартни.Садбарги Макартни *Clinton's lily* - лилия Клинтона, савсани Клинтон .*Emerson's thorn* - боярышник Эмерсона, *Marshall's thorn* - боярышник Маршала, *Tatnall's thorn* - боярышник Тэтналла; **полные имена**:- *Doris Tysterman* - Дорис Тистерман, *Josephine Bruce* - Джозефин Брюс, *Rosemary Harkness* - Розмэри Харкнесс, *Stephanie Diane* - Стэфани Дайэн; ***имена знаменитых людей***: - *Napoleon* - Наполеон, *Admiral Rodney* - адмирал Родни, *Ingrid Bergman* - Ингрид Бергман, *Queen Elizabeth* - королева Елизавета.

Наименование сортов флоронимов, можно насчитывать сотни антропонимов, которые обозначают как создателей сорта, так и тех, в честь кого сорт назван: тюльпан *Юрий Гагарин, лолахои Юрий Гагарин*, роза флорибунда *королева Елизавета садбарги навъи баланди Елизавета, Ива Вильгельмса* – Salix Wilhelmsiana Bieb [4, с.172]. В таджикском языке наименование в честь кого-то очень немногочисленны. Важно учесть что среди названий цветов с антропонимами национальнокультурной спецификой обладают те наименования, в которые включены имена людей, известных в рамках определённого лингвокультурного сообщества (в основном селекционеров). Эти флоронимы, которые были селекционированы, зарегистрированы как названия сорта или вида, становятся всеобщим достоянием, входят в ботаническую терминосистему.

Важно отметить, что само выделение принципов номинации и их классификация основаны на факторах-свойствах и признаках самих реалий [6, с.78]. Например, большое количество из цветов напоминает англоязычному человеку разных животных. А именно собак и змей :**hound's tongue**-*(Erythronium dens-canis- собачий клык, дандони саг собачник, чернокорень, эритрониум европейский),**dog's tooth violet*** [12, с.90] (*Erythronkim-, собачий зуб,)* **adder's tongue** *(Echium vulgare –ужовник, синяк обыкновенный),***snake's –head** *fritillary (Fritillaria meleagris-рябчик шахматный (разновидность лилии),***goose's crow** <*лапчатка гус*иная –панчагул в древнем мире люди были настолько связаны с природой, что даже в самом обыкновенном и безобидном цветке смогли разглядеть голову змеи, имеющую ярко-синюю окраску, отпугивающую тем самым недоброжелательных людей, врагов. «Само название собаки говорит о том, что растение по сущности дикое, некультурное, т.е. оно в этом случае не имеет ничего общего с другим человеком».В наимование dogwood (Cornus –дерен)- кроваво красная, древесина кизила «dog» является искажением от «dag»-шип, большой пистолет. **Наименование зоонима (наименование диких и домашних животных):** *dog rose [12, с.56] – букв. роза собачья -садбарги саги, dog violet –букв. фиалка собачья- бунафшаи саги, cow lily* – букв. лилия коровья (‘калужница болотная’) - савсани гови, *lamb lily* – букв. лилия ягненка (‘тофиельдия болотная’)-, *leopard flower [13, с.45]* – букв. цветок леопардовый (беламканда китайская), *monkey flower* – букв. цветок обезьяний (губастик разинутый) гули маймуни; линделофия.**В таджикском языке они наименуются по-другому: василёк синий-** *гули говак* **– барвинок малый-** *гули гург- periwinkle,* **пустырник пятилопастный -***газнаи сагак*- **грыжник гладкий-** гунчишкак, **подорожник** *–забони бара, ‘филгуш’, ‘зуф’- goose-grass*[10, с.98] **лисохвост вздутый-***рубохдум foxtail,* стебли гладкие, как и листья серовато-зеленые[10, с.56]

эгилопс букв.*козья пшеница, бузгандум.* **Гусиный лук** - *гозипиёз.* **Горец птичий** - буҷумалафи парадамонанд[11, с.153]. **Целозия** букв. *петуший гребешок, гребенчатовая.-тоҷихурӯсак*[11, с.183].**Петушья** *сумка- обыкновенная, качак.* **Козлобородник, козелец** - *козлобородниковый, волнисто курчавый. Литвинова. Неприметный. мелкоцветный крошечный* [11, с. 270].

Окрас: tigerflower - тигридия, dragon 's-blood [14, с.23] – *букв. кровь дракона (герань Роберта);* ***лилия тигровая 'савсани паланги'****.*

Форма: *crowfoot violet* – букв. фиалка-лапка ворона (фиалка черешчатая), *a crane's bill* – букв. клюв журавля (герань), *cat's claw* – букв. клык кошачий (акация Грегги), *кошачья лапка, волчий глаз, львиный зев.*

Характеристика поверхности: *pigeonfoot* - букв. лапка голубя (герань мягкая).

Подводя анализ, можно сказать, что в группе военных метафор выявлено только сходство по **форме:** *sword lily* - букв. лилия мечеобразная (гладиолус),-савсани ханҷармонанд, *knife acacia* – букв. акация ножеобразная (акация культурная), - *spear lily* - букв. лилия копьеобразная (дориантес);-савсан *dagger flower* – букв. цветок кинжальный (астра пижмолистная), *шпажник - гули ханҷармонанд.* Стоит отметить, что военные метафоры в русских и таджикских флоронимах встречаются довольно редко.

Исходя из вышесказанного, следует, что способы образования наименований цветов с помощью флоронимов, гиперонимов, зоонимов и антропонимов многообразны, а также привлекают внимание лингвистов как малоизученная отрасль языкознания. Данная тема актуальна и требует дальнейшей разработки.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Вендина Т.И. Лексический атлас русских народных говоров и лингвистическая гносеология / Т.И. Вендина // ВЯ, 1996, № 1. - С. 33-41.
2. Гафиятова Э В. Фитономическая языковая картина мира [Текст] / Э.В. Гафиятова // Вестник ЧГПУ. - 2010. - №4. - 190 с.
3. Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков [Текст] / В.Г. Гак. - М., 1989. - С.282.
4. Запрягаева В.И. Лесные ресурсы Памиро – Алая / В.И. Запрягаева. - Ленинград: Наука, 1976. - 593 с.
5. Нуралиев, Ю.Н. Лекарственные растения. Целебные свойства фруктов и овощей / Ю.Н.Нуралиев. – Душанбе, 1991. - 288 с.
6. Панасенко Н.И. Когнитивно-ономасилогическое исследование лексики [Текст] / Н.И. Панасенко. - М., 2000. - 397 с.
7. Петренко В.Ф. Психосемантика сознания [Текст] / В. Ф Петренко. - М., 1988. - 32 с.
8. Рум А.Р.У. Великобритания: Лингвострановедческий словарь [Текст] / А.Р.У. Рум. - М.: Рус.яз., 1999. - 560 с.
9. Серебренников Б.А. Номинация и проблема выбора / Б.А. Серебренников // ЯНОВ. - М., 1977. - С. 147-186.
10. Ҷаҳони Азонзод. Рустаниҳои шифобахш / Ҷаҳони Азонзод. – Душанбе: Адиб, 2010. - 687 с.
11. Ҷаҳони Азонзод. Сад гиёҳи шифобахш / Ҷаҳони Азонзод, С. Абдулло, М. Хоча. - Душанбе: Ориёно, 1992. – 345. с.
12. The Observer's Book of Wild Flowers. - London, 1972. - 567 p.
13. Signs Encyclopedic Dictionary [Text] / Ed. and Comp. by N.A. Istomina. - M.: AST, 2003.
14. NTC's Dictionary of Proverbs and Cliches. – Illinois. - USA, 1996. - 321 p.
15. Oxford Dictionary of Synonyms and Antonyms Illinois. - USA, 1999. - 157 p.

РОҲҲОИ НОМГУЗОРИИ ГУЛҲО БА ВОСИТАИ ФЛОРОНИМҲО, ГИПЕРОНИМҲО, ЗООНИМҲО, АНТРОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола ба номгузории гулҳо дар тасвири забонии ҷаҳони забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф аҳамияти тадқиқоти мавзӯи лексикаи гулҳоро дар забони тоҷикӣ муҳим мешуморад, зеро ки дар забони тоҷикӣ дар равияи типологияи муқоисавӣ ин мавзӯъ ҳанӯз кам ба чашм мерасад. Аммо то ҳанӯз на ҳамаи растаниҳое, ки дар табиат мерӯянд, ба ҳуд номҳо гирифтаанд. Роҳҳои асосии ном гирифтани гулҳо ин ба воситаи интиқоли метафора, матнҳо ва лексикакунонӣ аст. Ҳуди калимаи интиқоли метафорӣ ин истифодаи калима (ибора, ҷумла), барои муайян кардани ҳолатҳои объект истифода бурда мешавад. Одатан растаниҳои гуногун, баъзан вақт тамоми гурӯҳҳо як ном мегиранд, аз ин рӯ муайян кардани ин хело душвор аст ва дар баъзе мавридҳо ҳатто муайян карда намешавад. Лексикаи инъикоскунандаи олами ботинот дар забонҳои гуногунсохтор ҳамчун компоненти асосии ташкилкунандаи инъикоси тасвири забонии интегреалӣ ва ҳамчунин фарқияти хусусӣ дар забонҳои муқоисашаванда замина мегузорад. Сабаби асосӣ ин аст, ки мақсади функсияи иҷтимоӣ ва амалии ин воқеияти табиӣ дар ҳаёти инсон мебошад. Чунин муайянкунӣ мумкин аст дар асоси монандии хусусиятҳои беруна: шакл, ҷойгиршавии объект, ранг, пӯст, тани он, инчунин вазифаҳои монандии объектҳо ва ғайра, анҷом дода шавад. Дар ҷараёни тадқиқот муаллиф чор гурӯҳи калони метафораҳои асосиро муайян сохт, ки ҳар як кадоми он боз дар алоҳидагӣ метавонанд ба гурӯҳҳои чудогона таксим карда шаванд. Метафораи ибораи антропоморфим, метафараи зооморфим, метафораи ибораи ҳарбӣ, метафораи объектӣ.

Калидвожаҳо: номуайянӣ, ҷалбкунӣ, тафсир, антропоним, беҳтарин, ҷамият,

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ НАИМОВАНИЙ ЦВЕТОВ С ПОМОЩЬЮ ФЛОРОНИМОВ, ГИПЕРОНИМОВ, **ЗООНИМОВ, АНТРОПОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ**

Статья посвящена синонимическому ряду наименования цветов в языковой картине мира таджикского, русского и английского языков. Автор показывает важность исследования лексики флоры таджикского языка, что в настоящее время существует ограниченное количество работ по ее сравнительно - типологическому исследованию. Все это и определяет необходимость комплексного исследования названий растений. Однако не все

существующие в природе растения получили и получают языковое обозначение или наименование. Основными способами образования названий цветов, на наш взгляд, являются метафорический перенос, метонимический перенос и лексикализация. Само слово метафорический перенос понимается как употребление слова (словосочетания, предложения), предназначенного для выявлений одних объектов (ситуаций) действительности, для наименования или характеристики других объектов (ситуаций) на основании условной тождественности приписываемых им предикативных признаков. Часто разные растения, а иногда и целые группы называются одним словом, поэтому определить, почему растение получает то или иное название, бывает достаточно трудно, а иногда это не представляется возможным. Лексика, отражающая растительный мир разноструктурных языков, выступает как компонент, формирующий языковую картину мира и необходимо изучение как ее интегральных, так и дифференциальных признаков в сравниваемых языках. Основная причина этого - в социально-практическом функциональном назначении этих естественных реалий в жизни человека. Такой перенос может быть осуществлен на основе сходства внешних признаков: по форме, месторасположению предметов, цвету, вкусу, а также по сходству функций предметов и др. В ходе исследования автор, раскрывает четыре группы метафор, которые основаны на сходстве функций предметов и объектов: антропоморфные метафоры, зооморфные метафоры, военные метафоры, предметные метафоры. Любая из данных групп может и в дальнейшем быть подразделена на подгруппы по дополнительным признакам.

Ключевые слова: номинативным, интерпретация, мотивированность, ассоциация, оптимальный, иллюстрирующий, антропоним.

WAYS OF EDUCATION ON THE NAME OF FLOWERS WITH THE HELP OF FLORONIM, HYPERONIM, ZOONIM, ANTHROPONYMS IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

The article is devoted to the synonymy of in the language picture of the world of Tajik, Russian and English Languages. The author shows the importance of studying the vocabulary the flora in Tajik language in the case that has been learned a little, and at present there is a limited number of works on comparative-typological researches. All this determines need for a comprehensive study of the names of plants in the language. However, not all real plants existing in nature have received and receive a linguistic designation or named. The main methods for the formation of flowers name, in our view, are metaphorical transfer, metonymic transfer and lexicalization. The words metaphorical transfer is understood as the use of a word (word combination, sentence) intended for the detection of certain objects (situations) of reality, for the name or characteristics of other objects (situations) on the basis of the conditional identity of the predicative attributes attributed to them. Often different plants and sometimes whole groups are called with one word, therefore it is difficult to determine why a plant gets this or that name, and sometimes it is not possible. Vocabulary, reflecting the plant world of difference-structured languages, acts as a component that forms a linguistic picture of the world and presupposes the study of its integral and differential features in comparable languages. The main reason for this, in the socio- practical functional purpose of these natural realities in human life. Such a transfer can be carried out on the basis of the similarity of external characteristics: in form, location of objects, color, taste, and also by the similarity of the functions of objects, etc. During the course of the study the author, to disclose four groups of metaphors that are, basic on the similarity of functions of objects and objects: anthropomorphic metaphors, zoomorphic metaphors, military metaphors, objective metaphors. Any of this group can be further subdivided into subgroups on additional grounds.

Key words: nominative, interpretation, motivated , association, optimum, demonstrative, anthroponym.

Сведение об авторе: ***Султонзода Мижгона*** - Таджиский государственный институт языков им. С.Улугзода, аспирант кафедры сопоставительная типология **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **mijgon-2809@mail.ru.** Телефон: **(+992 37) 232-50-00; 988-99-89-14**

Information about the author: ***Sultonzoda Mizhgona*** - Tajik state Institute of languages. Ulugzade S., graduate student, Department of comparative typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6.
E-mail: **mijgon-2809@mail.ru**. Tel.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 900-09-81-90**

УДК. 800.92(575.3) (802.0)

МАФҲУМИ «ДИЛ» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

М. А. Маҳмудзода
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Забон ва фарҳанг аз ҳам ҷудонопазиранд. Онҳо ҳамеша таҳти таъсири мутақобилаи ҳамдигар қарор доранд. Забон таҷассумгари фарҳанги халқ буда, он на танҳо дунёи воқеӣ, ҳодисаҳои хақиқии инсонро, балки худогоҳии ҷамъиятии халқ, тафаккури онҳо, хусусиятҳои миллӣ, анъана, расму оин, арзишҳои миллӣ ва дунёи рӯёии онро инъикос менамояд.

Ба ақидаи Бердяев Н. А.: «Фарҳанг - ин хотираи таърихии халқ мебошад. Забон бошад, тавассути кори кумулиятивии фарҳанг онро ҳифз намуда, мусоҳибаи наслҳои на танҳо гузаштаро бо ҳозира, балки ҳозираро бо оянда таъмин менамояд» [1, с.96].

Мероси фарҳангии халқ, пеш аз ҳама, дар воҳидҳои фразеологӣ сабт шуда, дар он фарҳанги халқ, анъана, урфу одат, расму оин, нигоҳи инсон ба зиндагӣ ва ҳатто хусусиятҳои миллӣ инъикос ёфтаанд.

Воҳидҳои фразеологӣ дунёи хурди махсус буда, ҳам аз расму оинҳои одобу рафтор ва ҳам аз тафаккури солим иборат мебошанд, ки дар панду ҳикматҳои мухтасар инъикос

ёфта, аз насли гузашта ба насли оянда мерос гузоштаанд [2, с.37]. Дар воҳидҳои фразеологӣ иттилои фарҳангӣ доир ба дунёи иҳоташуда ё халқияти муайяне ифода ёфтааст.

Бинобар ин, омӯзиши фарҳанг дар асоси забон яке аз усулҳои машҳуру босамар ба шумор меравад.

Дар забоншиносии муосир тамоюли омӯзиши забон ҳамчун усули сермаҳсули шарҳи фарҳанги халқ мушоҳида карда мешавад. Забон ин роҳ ба дарки низоми тафаккур ва фаҳмиши табиати инсонӣ мебошад. Ба ақидаи Л. Елмслев забон «метавонад роҳеро ҳам ба дарки сабки шахсият ва ҳам ба ҳодисаҳои ҳаёти насли гузашта кушояд» [3, с.131].

Дар мақола мавқеи истифодаи мафҳуми «дил» дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил мегардад. Қайд бояд кард, ки доир ба фразеологизмҳо дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби забоншиносон Маҷидов Х., Фозилов М., Холов П., Хушенова С.В. ва дигарон корҳои зиёди бунёдие ба сомон расидаанд, ки онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи фразеологизмҳо дар муқоиса бо дигар забонҳо заминаи мустаҳкамеро мегузоранд. Аз ин рӯ, барои ҳамчун як мафҳум муқоиса намудани ҷузъҳои ҷудогонаи фразеологизмҳои забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо, аз он ҷумла бо забони англисӣ, роҳи фарохе кушода аст. Аз нуқтаи назари забоншиносон мафҳум – ин як ҳодисаи умумӣ буда, дарки арзиши он аз тарафи инсон муайян мегардад.

Степанов Ю. С. вожаи «мафҳум»-ро баён намуда, бар он ақида аст, ки мафҳум ин истилоҳест, ки барои шарҳ додани манбаъҳои воҳидҳои тафаккурӣ ва идроки рӯҳии мо ва ҳамон маълумотеро, ки дониш ва малакаи инсон инъикос мекунад, хизмат мерасонад» [4, с.40-43]

Ҳамин тавр, «мафҳум» воҳиди тафаккури ҷамъиятиест, ки ҷузъҳои дунёи ҳақиқӣ ва олиро инъикос мекунад ва дар хотираи миллии соҳибзабонон ҳамчун мабдаи воқеияти даркшаванда ҳифз мешавад.

Ҷаҳонбинии инсон ба таҷрибаи физикӣ ва амалиёти рӯҳонии ӯ вобаста аст. Тавассути он тасвири дунёи фарҳангӣ, ки бо тасвири забонӣ алоқаманд аст, пайдо мешавад. Тасвири забонии муҳити атрофи халқиятҳо хусусиятҳои хоссу фарқунанда доранд, ки ин вобаста ба таърих, урфу одат, шароити зиндагӣ ва инкишофи идроки ҷамъиятӣ вобаста аст.

Дил узви асосии инсон ба шумор меравад, ки бидуни он инсон зиндагӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ, дар дарки ин мафҳум бисёр хусусиятҳои умумӣ дар тасвири дунявии халқиятҳои гуногун вуҷуд доранд. Илова бар ин, ҳар як забон дорои хусусиятҳои хосси худ мебошад.

Тадқиқи мафҳуми «дил» дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имкон фароҳам меорад, то ки урфу одат, анъана ва фарҳанги ин халқҳо амиқтару пурратар фаҳмида шавад. Барои равшанӣ андӯхтан доир ба он ки «дил» ҳамчун як мафҳуми муайян дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чӣ гуна мавқеъро касб менамояд, аввал ба маънои лексики вожаи дил дар луғатҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таваҷҷуҳ менамоем. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дил чунин шарҳ дода шудааст:

1. Узви марказии гардиши хуни одам ва ҳайвон, ки хунро идора мекунад, қалб; 2. *маҷ.* марказ, васат, миён, дарун; 3. *маҷ.* замир; хотир, ботин; 4.*маҷ.* майл, хоҳиш, ҳавас; 5. *маҷ.* ҷуръат, далерӣ, ҷасорат [5, с.446].

Дар «Webster's Encyclopedic Unabridged Dictionary of the Englsh Language» «дил» чунин шаҳр дода шудааст: 1. Blood-pumping organ: a hollow muscular organ pumps blood around the body, in humans situated in the center of the chest (*тарҷума*: узви хунро ҳаракатдиҳанда: узви сӯроҳдори мушакӣ, ки хунро дар бадан ба ҳаракат медиҳад, дар бадани инсон дар маркази кафаси сина мавқеъ гирифтааст); 2. Essential part of something: the distinctive, significant, and characteristic center of something (*тарҷума*: узви асосии ягон чиз: маркази фарқкунанда, муҳим ва хусусии ягон чиз); 3. Basis of emotional life: the human heart, considered as the source and center of emotional life, where the deepest and sincerest feelings are located and an individual is most vulnerable to pain (*тарҷума*: асоси ҳаёти эҳсосӣ: дили инсонӣ, ҳамчун сарчашма ва маркази ҳаёти ҳиссию эҳсосотӣ фаҳмида мешавад, ки дар он ҳиссиёти замиртарин ва самимонатарин ҷой дода шудааст ва шахс осебтарин ба дард аст); 4. Affection: affection, love, or warm admiration (*тарҷума*: дилбастагӣ: дилбастагӣ, муҳаббат ё шавқу меҳри гарм); 5. Spirit: the capacity for courage and determination (рӯҳия: имконият барои ҷасурӣ, мардонагӣ ва истодагарӣ) [1, с.456].

Бо муқоиса намудани мафҳуми «дил» дар шарҳи фарҳангҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ муайян гашт, ки дарки мафҳуми «дил» дар забонҳои номбурда дорои маъноҳои умумӣ ва хос мебошанд.

Таҳлил ва муқоисаи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки дар ҳар ду забон дар фаҳмиши соҳибзабонон дил дорои се хусусияти зерин мебошад:

1. Дил – манзил ё махзани эҳсосу ҳиссиёт;

2. Дил – ҷисми дорои хусусиятҳои физикӣ;
3. Дил – ягона ҷисми зиндаи инсон;

Дил – манзил ё махзани эҳсосу ҳиссиёт:

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар воҳидҳои фразеологӣ дил ба маънои «махзан», яъне ҷой барои нигоҳ доштани ҳама гуна эҳсосу ҳиссиёт ва ғаму ғусса мушоҳида мешавад. Масалан:

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологии: *ба дил гирифтан* – яъне, ба чизе аҳамият дода хафа шудан, ранҷидан; *ба дил ҷой гирифтан* – яъне, мақбул афтидан, писандидан; *дар дил ниҳон доштан* – яъне, розе ё гаперо ниҳон карда, ба касе нагуфтан; *ба дил нишастан* – яъне, писандидан, мақбул донистан; *аз дил баровардан* – яъне, пас аз касеро ранҷонидан ва он шахсро шод намуда, ғаму андӯҳро аз дилаш дур намудан; *дил холӣ кардан* – яъне, ба касе дарди дили худро гуфтан*; рози дил гуфтан* – яъне, он сиру асроре, ки дар дил ниҳон аст, ба каси дигар гуфтан; *бар дил даромадан* – ба хотир омадан, аз хотир гузаштан, *дар дил андохтан* – яъне, ба хаёл омадан, аз хаёл гузаштан, *дар дил сӯрох доштан* – киноя аз дарду алами сахт доштан.

Дар забони англисӣ: *in one's heart* – **таҳтул**. дар даруни дили касе, дар сатҳи чуқуртарине, ки дар он ҷо ҳиссиётҳои неку софдилонаи инсон мавҷуд аст, яъне ҳамчун махзан дил дорои васеӣ ва умқ мебошад; *keep in heart* – **таҳтул**. дар дил нигоҳ доштан, яъне пинҳон доштан, ба касе нагуфтан; *pour heart out to* –**таҳтул**. дилро рехта партофтан, яъне, дил холӣ кардан, ба касе алами дил кардан; *take into heart* – **таҳтул**. ба даруни дил гирифтан, яъне, касе ё чизеро мақбул донистан ё бо меҳрубонӣ қабул намудан; *have smth. at heart* – **таҳтул**. чизеро дар дил доштан, яъне, хоҳиши иҷрои ягон корро доштан*; take to heart* – **таҳтул**. ба дил гирифтан, яъне аз касе ё чизе сахт ранҷидан, *the heart fills with joy* – **таҳтул**. дил аз шодӣ пур мешавад, ки дар натиҷа инсон шод мегардад. Дар ин маврид дил ҳамчун махзан барои ҷой намудани шодию сурур истифода шудааст.

Дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда дил ба маънои махзан хусусияти кушода ва пӯшида шуданро дорад:

- *Ба касе дили худро кушодан* – яъне, дил холӣ кардан ба касе; *дари дилро ба касе боз кардан* – низ ба маънои ба касе дарди дил карданро дорад; *дари дил ба орзу бастан* – ба дил роҳ надодани орзу ва ҳавас; худро аз алоиқи дунё боз доштан; *кушодадил будан* – яъне одами сахӣ ва меҳрубон будан; *дил кушодан* – яъне, хурсанд шудан.

- *Open one's heart to somebody* – **таҳтул**. дил кушодан ба касе, яъне, ба касе рози дил гуфтан; *an open heart* – **таҳтул**. дили кушода, яъне самимӣ будан, *an open hearted* – кушодадил, софдил.

Дил – ҷисми дорои хусусиятҳои физикӣ:

Дар воҳидҳои фразеологии ин ду забон дил инчунин дорои хусусиятҳои муайяни физикӣ, ба мисли ҳарорат, ҳаҷм, қаър, вазн, сифат ва ҳолат мебошад.

Дил ҳамчун ашё дорои ҳарорат буда, нишондиҳандаи дараҷаи шиддати муассир, мавҷуд будан ва набудани ҳиссиёту эҳсосот мебошад ва бо ибораҳои фразеологии яхшудани дил, хунук шудани дил, сард шудани дил, сӯхтани дил, об шудани дил ва ғ. ифода меёбад.

- дар забони тоҷикӣ**:** *дили касе ях шудан* – яъне, нисбати касе ё чизе дилмонда, нобовар шудан ва, инчунин, меҳри худ кадан; *сарддил будан* – бе меҳру муҳаббат будан; *дил об кардан* – яъне, азобу машаққати зиёд кашидан, ранҷи бисёр кашидан; *дил об гаштан* – яъне, бисёр мутаассир шудан; *дили касе ба чизе ё касе сӯхтан* – раҳмдилӣ кардан; изҳори меҳрубонӣ кардан, шафқат варзидан ба касе; *дилхунук шудан, дил сард кардан аз касе ё чизе* – киноя аз нисбат ба касе ё чизе нафрат пайдо кардан, меҳру муҳаббати худро аз даст додан; *дили сӯзон* – яъне, дили пур аз аламу озор; *дил сӯхтан* – азобу машаққат кашидан; *хунук шудани дил* – яъне, таскин ёфтан.

-дар забони англисӣ: *warm heart* – **таҳтул**. дили гарм, яъне, раҳмдил; *frozen heart* – **таҳтул**. дили яхшуда, яъне, бераҳм; *cold heart* – **таҳтул**. дили хунук, киноя аз инсони бераҳму бе ҳиссиёт.

Дил ҳамчун ашё ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ба санг шабеҳ дода мешавад, ки он бераҳмӣ ва сангдилии инсонро нишон медиҳад: *сангдил будан* – киноя ба инсони бераҳм, золим; *сангдил шудан* – яъне, бераҳму бемуҳаббат шудан*; heart of stone* - **таҳтул.** дили аз санг, яъне сангдил, золим; *stony hearted* – **таҳтул.** дили сангин, яъне, хеле бераҳм, киноя аз инсони бераҳму золим.

Инчунин, дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда дил ҳамчун ашё ба «пӯлод» шабеҳ дода мешавад:

Heart of steel – **таҳтул.** дили пӯлодин, киноя аз инсоне, ки ягон ҳиссиёту эҳсосотҳоро доро намебошад. Дили инсони бе меҳру муҳаббат ба пӯлод монанд карда мешавад, зеро он ба мисли пӯлод сахт буда, дар он ягон ҳиссиёту эҳсосоти инсонӣ ҷой гирифта наметавонад. Ин воҳиди фразеологӣ бештар барои тасвири инсоне, ки қарори худро дар асоси факту далелҳо, на ин ки эҳсосу ҳиссиётҳо мебарорад, истифода мешавад.

Дили чун пӯлод – киноя аз инсони бераҳм. Дар забони тоҷикӣ калимаи «пӯлод» дар алоҳидагӣ барои тасвири дили сахту бераҳм истифода мешавад, ки чунин ҳолат дар забони англисӣ дида намешавад. Воҳиди фразеологии «дили чун пӯлод» дар забони тоҷикӣ низ барои тасвири инсони бе меҳру муҳаббат истифода мешавад.

Монанд намудани дил ба оина бошад, ишора ба нафис будани он, шикаста шудани он мебошад, ки дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда ба назар мерасад:

- *дили булурин доштан* – яъне, дили нозук доштан, ишора ба шахсе, ки тез ранҷуру хафа мегардад; *дили касеро шикастан* – яъне, касеро ранҷуру хафа намудан; *дилшикаста шудан* – ноумед, маъюс шудан; *шишадил будан* – нозукдил будан, киноя аз инсоне, ки тез ранҷуру ғамзада мешавад.

- *have a heart of glass* – **таҳтул.** дили шишагин доштан, яъне, дили нозук доштан, инсоне, ки тез ранҷур мешавад; *break one's heart* – **таҳтул.** дили касеро шикастан, яъне касеро ранҷуру андуҳгин намудан; *broken heart* – **таҳтул.** дили шикасташуда, яъне инсони маъюс, ғамзада; *die of a broken heart* – **таҳтул.** аз дили шикаста фавтидан, яъне аз ғаму ғӯсса ҳалок шудан.

Англисзабонон дилро ба тилло шабеҳ медиҳад, ки маънои некӣ ва хубиро дорад:

Have a heart of gold – **таҳтул**. дили тиллоӣ доштан, яъне, ишора ба инсони неку сахӣ. Инсони некӯкор ба мисли тилло гаронбаҳост, аз ин рӯ, англисзабонон дили инсони сахию некӯкорро ба тилло шабеҳ мекунанд.

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон на дил ба тилло, балки вуҷуди инсонро ба тилло монанд мекунанд:

Вуҷуди мардуми доно ба сони зари тиллост,
Ки ҳар, кучо ки равад, қадру қимматаш донад Саъдӣ.

Дар воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дил дорои вазну ҳарорат мебошад. Дили гарму сабук ишора ба ҳиссиёти мусбӣ ва дили хунук, вазнин ва сахт ишора ба ҳиссиёти манфӣ мебошад: *дилгарм шудан* – яъне, хушнуд, шод, қаноатманд шудан; ***маҷ.*** меҳрубон шудан, дилбаста шудан; *дил хунук шудан* – киноя аз кам шудани меҳр; осуда шудани дил, таскин ёфтани дил мебошад; *have a light heart* – **таҳтул**. дили сабук доштан, яъне, хурсанд будан; *light hearted* – **таҳтул**. дилсабук, яъне, хурсанд, шод; *with a heavy heart* – **таҳтул**. бо дили вазнин, яъне, маҳзунона; *with a light heart* – **таҳтул**. бо дили сабук, яъне, хурсандона; *have a heavy heart* – **таҳтул**. дили вазнин доштан, яъне ғамгин будан; *warm hearted* – **таҳтул**. дилгарм, яъне, некӯкор; *cold hearted* – **таҳтул**. дилхунук, яъне, бераҳм; *hard heart*-**таҳтул**. дили сахт, яъне, дили бераҳм; *hard hearted*, *harden heart* –**таҳтул**. дилсахт, ишора ба инсони бераҳму золим. Дар воҳидҳои фразеологии зикршуда «дил» ҳамчун ашёи дорои вазну ҳарорат буда, ифода ёфта шудааст.

Дил дорои андоза мебошад: дар забони тоҷикӣ: *дили танг доштан* – яъне, дили андӯҳгин, дили ғамнок доштан; *дил танг кардан* – малул гаштан, зиқ ва дилгир шудан; *дили кушод доштан* – яъне, дили хурсанд, хуррам, хушҳол доштан; *дилкушод будан* – яъне, хушҳол, хуррам будан; *дилтанг шудан* – яъне парешон шудан; зиқ шудан; дар забони англисӣ: *have a big heart* – **таҳтул.** дили калон доштан, яъне сахӣ будан; *big hearted* – **таҳтул.** дилкалон, киноя аз инсони неку сахӣ, ки нисбати дигар ашхос хеле мушфиқу меҳрубон мебошад.

Дил ҳамчун ашё метавонад зери таъсир қарор гирад: вақте ки дил гирифтори таъсире мегардад, пас инсон ба ҳиссиёти нохуш бармехӯрад. Дар забони тоҷикӣ: *ба дил ханҷар задан* – яъне, касеро сахт ранҷонидан; *дар дил хор халидан* – киноя аз озор додан; *аз ғаму андуҳ дилғаш шудан* – яъне, нороҳат шудан; *дилро об сохтан* – азобу машаққати зиёд кашидан, ранҷи бисёр бурдан*; дил оростан* – киноя аз шодмонӣ кардан, айшу ишрат рондан; *дил оростан ба касе* – яъне, меҳру муҳаббат бастан ба касе; *дили худ хӯрдан* – киноя аз ғаму ғусса хӯрдан, дилтанг шудан; *дил дарё кардан* – киноя аз саховат ва ҷавонмардӣ ба кор бурдан; *it is like a knife in one's heart* – **таҳтул**. ин ба мисли кордест ба дили касе, яъне, касеро сахт ранҷонидан; *play upon someone's heartstrings* – **таҳтул**. ба тори дили касе навохтан ё бозӣ кардан, яъне, бо ҳиссиёти касе бозӣ кардан; *pull at someone's heart strings* – **таҳтул**. торҳои дили касеро кашидан, яъне, ӯро дили касеро ба риққат овардан, ба касе таъсири амиқ расонида, нармдилу меҳрубон намудан.

Дар забонҳои муқоисашаванда тасаввурот оид ба мавҷуд набудани дил ифода ёфтааст: дар тасвири муҳити атрофи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин метафора ифодакунандаи мавҷуд набудани ҳиссиёти инсонӣ ва ишора ба бераҳмию золимии шахс мебошад: Дар забони тоҷикӣ: *бе дил будан* – яъне, бемеҳру муҳаббат будан; *бе дил шудан аз касе* – бемеҳру муҳаббат ва бемайлу рағбат шудан; хафа шудан; *дил надоштан* – яъне, раҳму шафқат надоштан, бераҳму золим будан; *have no heart* – **таҳтул**. дил надоштан, яъне бераҳм будан, *heartless*-**таҳтул**. бе дил, яъне, ишора ба шахси бераҳм. Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон *бедил* – маънои дилдода, ошиқ, ошиқи беқарорро дорад, ки дар забони англисӣ бо калимаҳои *infatuated, loving, passionate, swain* ифода мешавад.

Дил ҳамчун ашё дуздида, рабуда, бохта, дода, супурда ва ба даст оварда мешавад.

Дар ин маъно воҳидҳои фразеологии бо таркиби дил буда, хоҳиш ё кӯшиши шахсеро барои ба даст овардани ҳиссиёти шахси дигар, муҳаббат ва садоқати ӯ ифода менамояд. Дар забони тоҷикӣ: *дил рабудан, дил дуздидан* – киноя аз ошиқ ва шефтаи худ гардонидан; *дили касеро ба даст овардан* – яъне, касеро мафтуни худ намудан; *дил бохтан* – яъне, ошиқ шудан; *дил бурдан* – яъне, касеро ба худ моилу рағиб намудан, *дил супурдан* – яъне, моил шудан, *дил фирефтан* – яъне, мафтун кардан ва дар забони англисӣ *to steal smb's heart* – **таҳтул**. дили касеро рабудан, яъне, касеро ба худ мафтун сохтан*; conquer smb's heart* – **таҳтул**. дили касеро ба даст овардан, яъне касеро ошиқи худ намудан; *to gain the heart* – **таҳтул**. дилро ба даст овардан*,* яъне, шахсеро мафтуни худ сохтан; *to win one's heart* – **таҳтул**. дили касеро бурд кардан, яъне, касеро моили худ сохтан.

Дил – ягона ҷисми зиндаи инсон:

Дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон дил ҳамчун шахс тачассум ёфтааст. Ин ба он вобаста аст, ки дил аз ҳама узви муҳимтарини инсон ба шумор меравад. Маҳз он рамзи ҳаёти инсонӣ мебошад: *дил хун мешавад* – яъне, азобу уқубати рӯҳӣ кашидани касеро ифода мекунад; *дил сер мешавад* – киноя аз дилтанг ва безор шудан аст; *дил ғаш мекунад* – яъне, дил ба мисли инсон нороҳат ва хавотир мешавад; *дил мерақсад* – яъне, чӣ тавре ки инсон дар вақти хушҳолӣ мерақсад, дил низ аз хурсандӣ ба рақс медарояд; *дил шодӣ мекунад, дил хуш мешавад* – яъне, дил ба мисли инсон дорои қобилияти шодию хушнудӣ кардан мебошад, ки дар натиҷа инсон рӯҳбаланду болидахотир мегардад; *дил гувоҳ медиҳад* – дил низ метавонад гувоҳӣ диҳад, ки ин воҳиди фразеологӣ барои ифода намудани боварӣ доштан нисбат ба касе истифода мешавад*; someone's heart bleeds for someone* – **таҳтул**. дили касе барои касе хуншор мешавад, яъне барои касе ғамгин ва маъюс шудан; *to gladden one's heart* – касеро шод намудан, яъне, ҳамчун инсон дилро низ шод кардан метавон; *to rejoice one's heart* – **таҳтул**. дили касеро шод намудан, яъне, шахсеро хушнуд намудан, *tear smb's heart* – **таҳтул.** дили касеро пора-пора кардан, яъне, касеро ғамгин намудан, *heart sinks*- **таҳтул**. дил ғарқ мешавад, яъне, ҳамчун инсон дил метавонад ғарқ шавад, ки он дар натиҷаи ғамгин шудани инсон рӯх медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлили маводи забонӣ нишон дод, ки дарки «дил» дар нигоҳи тоҷикзабонон ва англисзабонон ба ҳам монанд мебошад. Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки дар ҳар ду забон чунин маъноҳои дил ифода ёфтааст: махзан, ҷисми дорои хусусиятҳои физикӣ ва ягона ҷисми зиндаи инсон.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердяев Н.А. Истоки и смысл русского коммунизма / Н.А. Бердяев. - М., 1990. - 96 с.
2. Буслаев Ф.И. Русские пословицы и поговорки / Ф.И. Буслаев. - М., 1854. - 176 с.
3. Елмслев Л. Пролегомены и теории языка / Л. Елмслев // Новое в лингвистике. - М., 1960. – 256 с.
4. Степанов Ю.С. Константы. Словарь русской культуры. Опыт исследования / Ю.С. Степанов. - М., 1997. – 824 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / М.Ш. Шукуров. - М., 1969. - 1905 с.
6. Webster's Encyclopedic Unabridged Dictionary. - Konemann, Cologne: Black dog and Leventhal Publishes Inc. [Text], 1994. - 1787 p.

МАФҲУМИ «ДИЛ» ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола мафҳуми «дил» дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикзабонон ва англисзабонон бо таҳлили воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар қисмати аввали мақола маълумоти мухтасар доир ба воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанг ва мафҳум дода шудааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур шарҳи мафҳуми «дил» бо истифода аз якчанд фарҳангҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шуда, хусусиятҳои умумӣ ва хосси шарҳи он дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардидааст. Дар таҳлили шаҳри лексемаи «дил» дар асоси фарҳангҳои забонҳои муқоисашаванда мушоҳида гардид, ки расман дар доираи маъноҳои ин лексема дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ умумиятҳо ба назар расанд ҳам, аммо мавридҳое ҳастанд, ки тафоввути он ба назар мерасад. Инчунин, дар мақола таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки таҷассумгари мафҳуми «дил» мебошанд, гузаронида шудааст. Таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки мафҳуми «дил» дар тафаккури тоҷикзабонон ва англисзабонон на танҳо ҳамчун узви бадани инсон таҷассум ёфтааст, балки он инчунин чун «махзан», «ашё» ва «инсон» ифода ёфтааст. Дил дар тафакури тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳамчун махзани ҳиссиёту эҳсосоти гуногун, аз ҷумла, меҳру муҳаббат, тарсу ҳарос, ҷасорату далерӣ ва инчунин фикру андеша, сирру асрор таҷассум ёфтааст. Дил дар тафаккури халқиятҳои муқоисашаванда ҳамчун «ашё» - и дорои хусусиятҳои физикӣ: андоза, ҳаҷм, зичият ва ҳарорат буда ва инчунин ҳамчун «инсон»-и дорои қобилиятҳои инсонӣ: гувоҳӣ додан, шаҳодат додан, шодӣ кардан, ғам хӯрдан ифода ёфтааст. Дар мақолаи мазкур воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ифодакунандаи хусусиятҳои зикршудаи «дил» мебошанд, таҳлил ва муқоиса гардидаанд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мафҳум, воҳидҳои фразеологӣ, фарҳанг, тафаккур, тафсир, тасвири забонии ҷаҳон, хусусиятҳои фарқкунанда, дил, тавсифи махсуси эҳсосотӣ

КОНЦЕПТ «СЕРДЦЕ» ВО ФРАЗЕОЛОГИЗМАХ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье автор исследует концепт «сердце» в языковой картине мира таджикоязычных и англоязычных народов, анализируя фразеологических единицах с компонентом «сердце» в таджикском и английском языках. Объектом исследования в данной работе выступают таджикские и английские фразеологизмы, содержащие компонент «сердце». В начале статьи даются краткие сведения о фразеологических единицах, культуре и концепте. Также в статье автор определяет лексему «сердце», используя несколько таджиксих и английских

толковых словарей. Анализ определения данной лексемы указывает, что среди значений лексемы «сердце» наблюдается не только сходства, но в некоторых положениях наблюдается и различия. В статье также проводится анализ фразеологических единиц таджикского и английского языков, которые выражают концепт «сердце». Анализ языкового материала показал, что концепт «сердце» в сознании таджиков и англичан репрезентирован не только как орган человеческого тела, но также как «вместилище», «вещь», и «человек». Сердце в сознании таджикоязычных и англоязычных народов выражено как вместилище разных чувств и эмоции, включая любовь, ненависть, трусливость, мужество, а также мысли и секреты. Сердце в сознании данных народов также репрезентировано как вещь, имеющаяся размер, вес, плотность и температуру, и как человек, имеющийся человеческие способности: радоваться, грустить, утверждать, предсказывать. В статье анализируются и сопоставляются фразеологические единицы, репрезентирующие данные свойства концепта «сердце».

Ключевые слова: лингвистика, фразеологические единицы, концепт, когниция, культура, специфические отличия, сердце, эмоциональные специфические характеристики.

THE CONCEPT OF "HEART" IN THE IDIOMS OF TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author examines the concept of "heart" in the language pictutre of the world by analyzing the phraseological units of Tajik and English languages in the article. The brief information about phraseological units, culture and concept is given in the beginning part of the article. In the article definition of the concept of "heart" by using some Tajik and English dictionaries is shown and common and specific features of its definition are revealed in the named languages. The analysis of lexeme "heart" based on Tajik and English dictionaries determines that among the meanings of this lexeme the similarities and differences are observed. The phraseological units of Tajik and English languages which represent the concept of "heart" are also analyzed in the article. The analysis of phraseological units of Tajik and English languages shows that the concept of "heart" is not represented only as an organ of human body, but it is also represented as "a place", "a thing" and "a human" in the cognition of Tajik and English people. Heart is represented as a place of different feelings, especially love, fear, bravery and also thoughts and secrets in the cognition of Tajik and English people. Heart in the cognition of named people is also represented as a thing which has physical features as a size, a weight, a density and a temperature and a person that has human abilities as affirming, predicting, rejoicing, suffering and etc. The phraseological units of Tajik and English languages which represent the named features of the concept "heart" are analyzed and compared in the article.

Key words: linguistics, concept, phraseological units, culture, cognition, language picture of the world, heart, description of specific emotion.

Сведения об авторе: ***Махмудзода Миджгона*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, докторант Ph.D кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **oisha-90@bk.ru.** Телефон: **(+992) 93-464-00-91; 908-55-65-01**

Information about the author: ***Mahmudzoda Mijgona*** – Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulugzoda, doctor Ph.D of the Comparative Typology Department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Fazliddin Muhammadiev Street 17/6. E-mail: **oisha-90@bk.ru**. Tel.: **(+992) 93-464-00-91; 908-55-65-01**

УДК: 681.1422

ОЦЕНОЧНЫЙ КОМПОНЕНТ КОННОТАЦИИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

(на материале ФЕ, характеризующих умственную деятельность человека)

Камолова Г. Р., Джаббарова М.Т.
Таджикский технический университет им. М.С. Осими,
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Оценка является одним из важнейших понятий самых разных сфер общественного знания. В процессе отражения денотатов «реальных», проходя через призму мыслительной деятельности человека, оценка из морально-этической категории переходит в понятийную категорию. Данная категория, в свою очередь, получает соответствующее языковое выражение.

Общеизвестно, что такие качества умственных способностей человека, как *глупость* или *ограниченность ума* вызывают к себе отрицательное интеллектуально - эмоциональное отношение, а следующие фраземы в английском и таджикском языках характеризуются наличием отрицательной оценочной семы:

"cannot put two words together" – не уметь связать двух слов;

"(*as) silly as a goose (as a sheep, австрал. as a bag, hatful или tin of worms, as a cut snake, as a two-bob watch, as a wheel*)" *– глуп как пробка*:

"If invited to "get in for your cut" [your share of anything] it is advisable to get in for it. Otherwise you are likely to "miss out". In which case you'll be as "silly as a cut snake" [5, с.123]. – «*Если вам предлагают вашу долю, берите ее. Иначе останетесь с носом, а это уже совсем глупо»;*

"proper Charley (Charlie)" – круглый, набитый дурак;

“not to have (got) a brain in one’s head” – не иметь ничего в голове, плохо соображать, быть безмозглым дураком: “You haven’t got a brain in your head!” – «Головы у Вас на плечах нет, вот что! »

“cousin Betty” – слабоумная, дурочка: “I don’t think there’s a man living that can say Foster’s wronged him of a penny, or gave short measure to a child or a Cousin Betty” [4, с.226] – «*, По-моему, нет на свете человека, который сказал бы, что Фостер обманул его на пении, обвесил ребенка или слабоумную»;*

“to have nothing between one’s ears” - *быть глупым, безмозглым:*

“He has nothing between his ears but he is quick with his feet to be a rich man” – «Он не блистает умом, но обладает проворством, благодаря которому стал богатым» [1, с.23];

“to have as a brush” - *глуп как пробка;*

“not to have (got) a brain in one’s head” – не иметь ничего в голове, плохо соображать, быть безмозглым дураком: «You haven’t got a brain in your head! – Головы у Вас на плечах нет, вот что!» [1, с.24].

обро нодида (ё ба об норасида) мӯзаро кашидан – шароит ва ояндаро ба эътибор нагирифта ба коре шурӯъ кардан – поступать необдуманно, неосмотрительно:

ба (ё дар) об рондан – фирефтан, фиреб додан – обманывать:

Чи завқе чашми тар аз гирьяҳои талхи худ дорам,
Фиреби хандаи шириндаҳоне ронд дар обаш [3, с.889].

Среди анализируемых нами ФЕ выделяется довольно значительный пласт единиц положительной оценкой:

“to be as bright as a button” – блистать умственными способностями и энергичностью;

“to be quick in the uptake”– быстро соображать;

“felicity of phrase” – дар слова, красноречие;

“(as) smart as paint (амер. *as a steel trap, as a whip*)” *– очень ловкий, проницательный; умен как черт;*

“as wise as Solomon” – мудр, как Соломон: “But once he is dead, were he as brave as Hercules or as wise as Solomon, he is soon forgotten” [6, с.123]. – «*Но однажды он умер, был ли он храбр, как Геркулес или мудр, как Соломон, но вскоре был забыт»;*

“to be as sharp as a needle” - *быть чертовски умным,* проницательным:

“He never misses anything. Sharp as a needle” – «*Он никогда ничего не упускает из виду. Чертовски проницателен» [1, с.26];*

“to be as clever as a cartload of monkeys” - *быть чертовски умным: “His wife is as clever as a cartload of monkeys” – Его жена чертовски умна [1, с.28];*

кифоят кардан – истеъдод, лаёқат, қобилият; фаҳму идрок – способность, дарование, талант:

Ману инкори шароб – ин чӣ ҳикоят бошад,
Ғолибо, ин қадарам ақлу кифоят бошад [3, с.556];

ақли шариф – ақли олиманиш, ақле, ки касеро ба роҳи шарафу обрӯ ҳидоят мекунад – здравый ум;

ақли расо - зрелый совершенный ум;

ақли зуфунун – ақли баркамол, идроки комил – быть умным, рассудительным, сообразительным:

Бозам раҳон зи хеш, ки дар коргоҳи ишқ
Коре накард маслаҳати ақли зуфунун [3, с.114];

ақли пир – ақли комил - совершенный ум:

Гуфт: Эй карами ту дастгирам,
Эй бахти ҷавону ақли пирам [3, с.114].

Анализ языкового материала позволил выделить также нейтральный оценочный компонент. Данный компонент характерен для ФЕ, в значении которых отсутствует ярко выраженное одобрение или осуждение.

В следующем контексте английский фразеологизм “*be printed on smb’s mind*” – «*врезаться в память, запечатлеться*» приобретает контекстуально-положительную оценку:

“His words, his face, his demeanour are forever printed on my mind. – «*Его слова, лицо, манера вести себя” – все это навсегда врезалось в мою память» [1, с. 25].*

В следующем примере фразеологизм «*аз хотир хиштан*» со значением *«забыть, вычеркнуть из памяти»* реализует частично отрицательный оценочный заряд:

Нахоҳӣ, ки бошӣ парогандадил,
Парогандагонро зи хотир махил [3, с.497].

Важно заметить, что надежным методом выявления оценочного компонента является не только изучение словарных помет, но, в первую очередь, анализ словарных дефиниций

фразеологических единиц. В качестве идентификаторов оценочности могут выступать оценочные компоненты в лексико семантическом варианте / вариантах фразеологизма.

Например, наличие существительных «*тамиз, укул, фитрат, фитнат*» положительно характеризующих человека, влечет за собой появление положительной оценочной семы у ФЕ таджикского языка «*аҳли тамиз, уқул, фитрат*» - *мудрецы:*

Аҳли фитрат пахтаро ҳаргиз намегӯянд пашм [2, с.120);
Ба дарди ишқ бисозу хамӯш шав, Ҳофиз,
Румузи ишқ макун фош назди аҳли уқул [2, с.120];

Бар мароеи замоири хуршед маосири аҳли фитнату асҳоби хибрат ва возеҳ аст, ки умри азиз чун барқ дар гузар аст [2, с.120].

В ряде случаев вся дефиниция наглядно свидетельствует о наличии пейоративной или мелиоративной оценки. В качестве примера мы можем взять английский фразеологизм "*thick skull"* со словарной дефиницией «*тупая башка, медный лоб*»:

"*Hill, Can't you hear me? Can't you hear anything? Don't [= doesn't] anything go through your thick skull [7, с.62].* – «*Хилл, Ты что, меня не слышишь? Оглох? Неужели ничего нельзя вбить в твою тупую башку».*

О наличии положительной оценки в следующем примере "*in one's (right) senses*" свидетельствуют прилагательные «*здравый*» и «*твердый*» в словарной дефиниции «*в здравом уме и в твердой памяти*», так и факультативный компонент самой фразеологической единицы "*right"*: "*Ah! You are in your right senses again, and ready to listen to advise"* () – «*А! Я вижу, вы образумились и готовы выслушать мой совет» [1, с.32].*

Таким образом, как системный, так и окказиональный характер фразеологических единиц составляют главные факторы формирования значения фразеологизма в конкретной речевой ситуации. Несмотря на словарные дефиниции, в конкретном речевом акте могут появляться окказиональные оценочные семы, доходящие иногда до смены положительной оценки на отрицательную, и наоборот. По тем же причинам могут появляться положительные или отрицательные оценочные семы у оценочно нейтральных ФЕ.

Закрепленное в языке отношение субъекта к объекту номинации проявляет себя как социальное явление, т.е. оценка в целом определяется общепринятыми в человеческом коллективе эталонами в сфере интеллектуальных явлений. Это находит отражение в языковой практике коллектива - носителей языка. При этом варьирование качества и интенсивности оценочности идиом происходит в зависимости от параметров речевой ситуации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Литвинов Павел. 2000 английских выражений / Литвинов Павел // Техника запоминания. - М.: Айрис-Пресс, 2013. - 320 с.
2. Фозилов М. Фразеология современного таджикского языка / М. Фозилов. - Д.: Ирфон, 1963. - Ч.1. - 952 с.
3. Фозилов М. Фразеология современного таджикского языка / М. Фозилов. - Д.: Ирфон, 1963. - Ч.2. - 802 с.
4. Gaskell Elizabeth Cleghorn. Sylvia's Lovers. B. Tauchnitz, 1863. – 644-645 p.
5. John O'Grady**.** Aussie English. - Weldon Pub., 1965. – 104 p.
6. Stevenson Robert Louis. New Arabian Nights. - Indy Publish 2002 (first publish – 1882) – 280p.
7. Wesker Arnold. Chips with Everything. Blackie, 1966. – 91 p.

ҚИСМАТИ БАҲОГУЗОРӢ БА ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ КОННОТАТСИОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

(дар асоси маводҳои воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии инсон)

Дар мақола қисмати баҳогузорӣ ба воҳидҳои фразеологии коннотатсионӣ баррасӣ мешавад, ки фаъолияти зеҳнии инсонро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад. Баҳогузорӣ дар мақола ҳамчун дар забон устувор шуда, муносибати объект ба субъекти коннотатсия муайян мегардад. Муаллиф се тарзи баҳоро ҷудо кардааст: мусбат, манфӣ ва нейтралӣ. Мисолҳои воҳидҳои фразеологӣ бо мафҳуми беақл, боақл барои муқоиса кардан дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ оварда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки дар байни воҳидҳои фразеологии таҳлилшаванда бо баҳои мусбӣ қабати хеле калони воҳидҳо ҷудо карда шудаанд. Инчунин дар мақола ҳам хусусияти услубӣ ва ҳам окказионалии воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ карда мешаванд, ки омилҳои асосии нақши фразеологизмҳоро дар ҳолати конкретии нутқ ташкил медиҳанд. Таъкид карда шудааст, ки маҳз ба шарофати коннотатсия фразеологизмҳо яке аз усулҳои барҷастаи ифоданамоии ҳар як забон мебошанд. Дар натиҷаи таҳлили фразеологизмҳое, ки фаъолияти зеҳнии инсонро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ифода менамоянд, маълум гардид, ки эмосемаҳои асосӣ ба мусбӣ ва манфӣ ҷудо мешаванд, ки метавонанд дар асоси сохтори ягонаи забон, дар қайдҳои эмотсионалӣ-баҳодиҳии луғатҳои фразеологӣ ҷойгир шаванд. Дар корҳои арзишманди чунин олимон ба монанди Ҳ. Маҷидов, В.Н. Телия, А.В. Кунин, ва дар таҳқиқоти шахсии худ мавқеи компоненти баҳогузорӣ дар мафҳумҳои фразеологӣ аз тарафи мо муайян мегардад. Дар мақола инчунин презентатсияи фразеологизмҳои эмотивӣ дар маводҳои бадеии асарҳои англисӣ ва тоҷикӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, забони тоҷикӣ, воҳидҳои фразеологии коннотатсионӣ, қисмати баҳогузорӣ.

ОЦЕНОЧНЫЙ КОМПОНЕНТ КОННОТАЦИИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

(на материале ФЕ, характеризующих умственную деятельность человека)

В статье рассматривается оценочный компонент коннотации фразеологических единиц, характеризующих умственную деятельность человека в английском и таджикском языках. Показывается, что оценочность определяется в статье как закрепленное в языке отношение субъекта к объекту номинации. Автор выделяет три типа оценок: положительную, отрицательную и нейтральную. Даются примеры ФЕ со значением глупость и проницательность для сравнения в английском и таджикском языках. Отмечается, что среди анализируемых ФЕ выделяется довольно значительный пласт единиц с положительной оценкой. Рассматриваются как системный, так и окказиональный характер фразеологических единиц, которые составляют главные факторы формирования значения фразеологизма в конкретной речевой ситуации. Подчёркивается, что именно благодаря коннотации фразеологизмы являются яркими выразительными средствами любого языка. В результате анализа фразеологизмов, характеризующих умственную деятельность человека в английском и таджикском языках, выделяются основные эмосемы: положительная, отрицательная и нейтральная, которые могут лечь в основу построения единой системы эмоционально - оценочных помет при фразеологизмах в словарях. Основываясь на авторитетных трудах таких ученых, как Х. Маджидов, В.Н. Телия, А.В. Кунин и на собственных исследованиях, нами определяется место оценочного компонента во фразеологическом значении. В статье также дается презентация фразеологической эмотивности на материале художественных произведений английского и таджикского языков.

Ключевые слова: фразеологические единицы, таджикский язык, коннотация фразеологических единиц, оценочный компонент.

EVALUATIVE COMPONENT OF CONNOTATION OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE ENGLISH AND RUSSIAN LANGUAGES

(on material phe, characterizing man's intellective activity)

The article deals with the evaluative component of connotation of phraseological units characterizing man's intellective activity in the English and Tajik languages. It is shown that the estimation is defined in the article as the subject's relation to the nomination object fixed in the language. The author allocates three types of estimates: positive, negative and neutral. Examples of phraseological units are given with meaning as stupidity and acuteness for comparison, in English and Tajik languages. It is noted that among the analyzed phraseological units there is quite significant layer of positive estimation units. Both systemic and ad hoc feature of phraseological units are considered which constitute the main factors of formation of value of phraseological unit in a particular speech situation. It is emphasized that namely due to the connotations the phraseological units are vivid, expressive means of any language. In the result of analysis phraseological units characterizing man's intellective activity in English and Tajik languages, the main emo - types are distinguished: positive, negative and neutral, which can form the basis of the construction of a unified system of emotional-evaluative litter in phraseological dictionaries. Based on the authoritative writings of scholars such as H. Majidov, V.N. Telia, A.V. Kunin and on the own studies, we have determined the place of evaluative component in the phraseological meaning. The article also gives the presentation of phraseological emotionality on the material of art works of English and Tajik languages.

Key words: phraseological units, Tajik language, connotation of phraseological units, evaluative component.

Сведения об авторах: ***Камолова Гулрухсор Рустамовна*** - Таджикский технический университет им. академика М. Осими, старший преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. акад. Раджабовых, 10. E-mail: **gulrukhsor@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 919-94-12-21**

Джаббарова Мархабо Тухтасуновна - Российско-Таджикский (Славянский) университет, доктор филологических наук, профессор кафедры русского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Турсун-заде 30

Information about the authors: ***Kamolova Gulrukhsor Rustamovna*** - Tajik Technical University named after M. Osimi, Teacher of the chair "Language". **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dushanbe Avenue of the academicians Rajabovs 10. E-mail: **gulrukhsor@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 919-94-12-21**

Jabbarova Marhabo Tuchtasunovna - Tajik-Russian (Slavonic) University, doctor of Philology, Professor of the Russian language Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade street 30

УДК 809.155.0-802.0:801

МУҚОИСАИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Бобоев А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Ҷумлаҳои содаи чидааъзо ҳарчанд ба таври хеле фаровон дар илмҳои дигар истифода шаванд ҳам, вале аз нигоҳи забоншиносии муосир ба ҷуз як-ду мақола, ки он ҳам бошад, дар муқоиса бо забони русист, омӯхта нашудааст.

Мақсад аз навиштани ин мақола низ маҳз нишон додани паҳлуҳои мубрам ва муҳимми ин масъала ба ҳисоб рафта, бо ин васила хонандаи гиромиро ба дарки амиқи он ошно намудан мебошад.

Бояд гуфт, ки вобаста ба ҳар як давру замон дар забонҳои гуногуни дунё, аз он ҷумла тоҷикӣ ва англисӣ, меъёрҳои махсуси ҷумлаҳои содаи чидааъзо маълум буд. Бо вуҷуди ба майлонҳои гуногуни таърихӣ даромадани ин забонҳо шакл ва маънии онҳо тағйир наёфта, баръакс умри дубора гирифт.

Маҳз ҳамин ҷанбаҳоро ба инобат гирифта, олими машҳур Пикардо «Инсонро муайянкунандаи аслии ҳамаи ашёҳои олам» [1, с.76] номида буд.

Бояд гуфт, ки «тамоми забонҳои дунё байни ҳамдигар робитаи ногусастанӣ доранд. Ин алоқаҳо тавассути адабиёти бадеӣ ва тарҷумаи он густариш меёбанд, зисту зиндагӣ, урфу одат, таърих ва тамаддуни башарият дар адабиёти бадеӣ акс меёбад ва бо роҳи тарҷумаи бадеӣ халқҳои гуногунзабон ба он ошно мешаванд. Яъне, нақши тарҷума дар ғановати халқҳо ва адабиётҳо ниҳоят калон аст» [2, с.43].

Ҷумлаҳои чидааъзо яке аз навъҳои ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ мебошанд. Доир ба ин навъи ҷумлаҳо олимон фикрҳои гуногун баён кардаанд. Забоншиносони рус Востаков А.Х., Греч Н.И., Буслаев Ф.И. ва Пешковский А.Н. ин гуна ҷумлаҳоро мураккаб ё ки пайваст шумориданд.

Аввалин бор истилоҳи аъзои чидаро Пешковский А.Н. пешниҳод намуда, ду аломат-алоқаи пайваст ва шабоҳати лексикиро, ба онҳо нисбат додааст. Дар китобҳои дарсии солҳои гуногун аз забони тоҷикӣ ба аъзоҳои чидаи ҷумла ба як савол ҷумла шудан, такрори аъзо ва ба як калима нигаронида шуданро нисбат медиҳанд. Аксари аъзоҳои чида ба як савол ҷавоб мешаванд, вале ҳатмӣ не. **Муқаннаъ … ба атроф фармонҳо, дастурамалҳо, баённомаҳо ва намояндаҳо мефиристод** [2, с.65]. Чиҳо? Ва киҳо? Такрори айни як калима аъзои чида намешавад, балки таъкиди ҳамон аъзо мебошад: **Ҳамин ки гуфтаму гуфтану гуфтан** [4, с.65].

Дар масъалаи алоқаи байни аъзоҳои чида ва воситаи грамматикии онҳо низ гуногунфикрӣ ҷой дорад. Масалан, забоншиносон **А. Эшонҷонов ва А. Халилов** дар «Грамматикаи илмӣ» пайвандак ва бандаки изофиро воситаи грамматикии алоқа мешуморанд, ки баҳснок ва ҳатто ғалат аст.

Аксарияти забоншиносон байни аъзоҳои чида мавҷуд будани алоқаи пайвастро эътироф кардаанд**.** Бандаки изофӣ воситаи алоқаи тобеъ мебошад, бинобар он, дар ҷумлаи «**Як шахси баландқомати зардинарӯйи рангкандаи камхун ба минбар баромад»** [1, с.41], на танҳо муайяншаванда, балки ягон аъзои чидаи дигар ҳам мушоҳида намешавад. Дар ин ҷумла чор муайянкунанда мавҷуд аст. Ҳамаи онҳо ба гурӯҳи муайянкунандаҳои изофии аломат мансубанд. Муайянкунандаи аввал (баландқомат) бар эзоҳи муайяншавандаи (шахс) омадааст, муайянкунандаи дуюм (зардинарӯйи) бар эзоҳи иборaи исмии «як шахси баландқомат», муайянкунандаи сеюм (рангканда) бар эзоҳи иборaи мураккаби «як шахси баландқомати зардинарӯйи)» ва муайянкунандаи охирон (камхун) бар эзоҳи иборaи «як шахси баландқомати зардинарӯйи рангканда» омадааст.

Дар як ҳолат тартиби калимаро низ А. Эшонҷонов воситаи грамматикии аъзои чида мешуморад. Ба фикри ӯ, аъзоҳои чида « …ба як тартиби муайян бе ҳеҷ як воситаи грамматикӣ ба сифати ин ё он аъзои чида меоянд» [7, с.20]. Ин фикр низ тамоман ғалат аст, зеро тартиби калима низ воситаи алоқаи тобеъ аст. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла танҳо як алоқа-алоқаи пайваст мушоҳида мешавад, ки он бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунанадаи паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва интонатсияи пайваст сурат мегирад: Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда пажмурда шуда буданд [4, с.65]. Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам [8, с.20]. Ин кори ман на фақат барои модари Гулрӯ ва ғ., балки барои ҳамаи аҳолии қишлоқ ҳам фаҳмо буд [6, с.155]. Восеъ фардо ё пасфардо ба Балҷувон ба ихтиёри ҳоким фиристода хоҳад шуд [10, с.20]. Дар он ҷо **баззозҳо**, ҷойфурӯшҳо ва шоҳифурӯшҳо дӯкондорӣ мекарданд[1, с.97].

Ҷумлаҳое, ки дар онҳо ду ва зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол бо алоқаи пайваст омада, бо аъзои дигар муносибати якхелаи маъногию грамматикӣ доранд, ҷумлаҳои чидааъзо номида мешаванд.

Аъзоҳои чида аз рӯйи муносибати грамматикӣ хусусияти махсус доранд, зеро аз як тараф, танҳо ба як аъзо муносибати тобеият (ғайр аз мубтадо) дошта, аз тарафи дигар, байни ҳамдигар муносибати пайваст доранд. Бо ин хусусияти худ, яъне муносибати дутарафа, аъзоҳои чида аз аъзоҳои муқаррарии ҷумла фарқ мекунанд. Вале ин ҷиҳат, яъне муносибати дутарафа онҳоро ба аъзоҳои истисноии ҷумла наздик ва монанд мекунад, зеро, аъзоҳои истисноии ҷумла низ хусусияти дурӯя доранд, яъне ҳам ба аъзои асосӣ ва ҳам ба эзоҳшавандаи худ муносибат доранд:

Боре .. бобои падариам – Сайид Умархоҷаро барои таъмири масҷид ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурдаанд [1, с.56]. **Ман ӯро ду сол пеш аз ин мулоқот дар деҳаи Регзор – дар шиннипазхона, дида будам** [1, с.87].

Дар ин мисолҳо пуркунандаи бевосита «бобои падариам» ва ҳоли макон «дар деҳаи Регзор» пуркунандаи истисноии «Сайид Умархоҷа» ва ҳоли истисноии «дар шиннипазхона» гирифтааст.

Пуркунандаву ҳоли истисноӣ, аз як тараф аъзои асосиро мушаххас ва саҳеҳ намуда, мантиқан ба онҳо тобеанд, аз тарафи дигар, ба эзоҳи хабари ҷумла омадаанд: Киро бурданд? Сайид Умархоҷаро. Дар кучо дида будам? Дар шиннипазхона.

Фарқи асоси байни ҷумлаҳои чидааъзову аъзои истисноӣ дар он аст, ки аъзоҳои чида байни худ алоқаи пайваст дошта, яке ба дигаре тобеъ нестанд, вале аъзои истисноӣ ба аъзои асосӣ тобеъ аст, онро конкрет менамояд, байни онҳо ҳеҷ гоҳ пайвандаки пайвасткунанда гузоштан мумкин нест.

Дар ифодаи аъзоҳои чида таносуби сухан ва маънои калимаҳо аҳамияти калон дорад. Аъзоҳои чида бо интонатсия ва зарби махсус талаффуз мешаванд. Инҳо на танҳо аз рӯйи шаклу сохту таркиб, балки аз ҷиҳати оҳанг, вазну қофия ҳам ба ҳамдигар таносуби дигар доранд.

Масалан: Бибиоиша ҳам дастҳои марҷони худро кушода барои Одина роҳи сафед, бахту давлат, умри саодат, хайру баракат, сафари бехатар ва **боз** чизи бисёреро талаб намуд. Қади навраста, рӯйи ҳуҷаста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтода буданд [3, с.334].

Ҳар як аъзои ҷумла чидашуда меояд ва онҳо ҳар кадом хусусияти хосси худро доранд. Аз ҷиҳати истифодаи воситаҳои грамматикӣ аъзоҳои гуногун умумият доранд. Ҳолҳо ва пуркунандаҳои бавосита дар истифодаи пешоянд умумият доранд. Як пешоянд барои ҳамаи аъзоҳои чида умумӣ мебошанд.

Масалан: Онҳо дар вайронаҳо, сарою ҳезумхонаҳо, ҳатто дар оғилхонаҳо ҷойгир шуда истиқомат мекарданд [8, с.65].

Бо мақсади таъкид ҳар як аъзои чида пешоянди ҷудогона гирифта метавонад.

Масалан: Баъд аз ин ман на аз аспам, на аз яроқам, на аз қурбошиам дарак дорам. Охир ман ӯро ҳам дар бедорӣ ва ҳам дар хоб дар пеши назар медидам [5, с.123].

А Д А Б И Ё Т

1. Мамадназаров А.И. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Монография / А.И Мамадназаров. - Душанбе, 2003. - 500 с.
2. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Монография. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
3. Садриддин Айнӣ. Тарҷумаи англисии «Ёддоштҳо». Монография / John Perry, Rachel Lehr - The sands of Oxus (Reminiscences). - Costa Mesa: California, 1998. - 275 p.
4. Абдуллозода Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С. Айнӣ. Монография. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. - 102 с.
5. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе, 2003. - 500 с.
6. Ятель Г.П. Предложные словосочетания современного английского языка. Монография / П.Г. Ятель. - Киев, 1969. – 179 с.
7. Б.Н. Аксененко. Предлоги английского языка. Монография / Б.Н. Аксененко. - М., 1956. - 318 с.
8. Е.А. Рейман Английские предлоги. Значения и функции. Монография / Е.А. Рейман. - Ленинград, 1982. - 240 с.
9. Sherwood Andersan. - Triumph of the Egg NY, 1975.
10. Agatha Christie - The Secret Adversary / Agatha Christie. - London, 1961. - 205 с.

МУҚОИСАИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола оид ба ҷумлаҳои содаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва усули таҳлили онҳо мулоҳизаҳо ронда шудааст. Чуноне ки муаллиф менигорад, ҷумлаҳои содаи чидааъзо ҳарчанд ба таври хеле фаровон дар илмҳои дигар истифода шаванд ҳам, вале аз нигоҳи забоншиносии муосир ба ҷуз як-ду мақола, ки он ҳам бошад, дар муқоиса бо забони русист, омӯхта нашудаанд. Мақсад аз навиштани ин мақола низ маҳз нишон додани паҳлуҳои мубрам ва муҳимми ин масъала ба ҳисоб рафта, бо ин васила хонандаи гиромиро ба дарки амиқи он ошно намудан мебошад. Ба андешаи муаллиф дар ин мавзӯъ саҳми олимони хориҷӣ: Востаков А.Х., Греч Н.И., Буслаев Ф.И. ва Пешковский А.Н ниҳоят назаррас аст. Дар байни олимону муҳаққиқон дар омӯзиш, баррасӣ ва ба нашр омода намудани ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ ва англисӣ, тамоюл ва раванди рушд, такомул ва тағйироту таҳаввулоти сифатию миқдории низоми номвожаҳо ва номгузории анъанавии мардуми мо, маъхазҳои асосии интихоби номҳо, таҳлили маъноию сохтории онҳо, рушди ҷомеаи тоҷикон ва такмилу таҷдиди раванди интихоби онҳо ва амсолашон хидмати номшиносӣ маъруфи рус Пешковский А.Н басе калон аст. Дар мақола оид ба баъзе вижагиҳои мушкилотии ҷумлаҳои содаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мулоҳиза ронда мешавад.

Калидвожаҳо: омӯзиш, ҷумла, сода ва таҳлили забонӣ, корбасти ҷумлаҳои сода, қабати забонӣ, олимони ватанию хориҷӣ, муҳаққиқони ҷавон ва таҳлилу тадқиқ.

КОММЕНТАРИИ К СРАВНЕНИЮ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье раскрывает сущность простых предложений в таджикском и английском языках как самостоятельной части научного языкознания. По мнению автора, в разработке и производстве простых предложений велика роль известных отечественных и зарубежных учёных, таких как: Коушанская В.Я, Клоуз. Р.А, Бархударова Л, Ителинг Д.А, Барановская Т.В, Гордол Е.М, Крылова И.П, Бонк Н.А, Котий Г.А, Буровая З.И, Качалова К.А, и Израилевич Е.Е. Статья охватывает проблемы и представления простых предложений. В ней говорится о языковых сторонах определения состава и строения, значения и использования их в таджикском языке. В статье показано формирование простых предложений в таджикском и английском языках. Как указывает автор, средневековые классикое отмечают некоторые изменения в простых предложений. Выражение простых предложений английского языка с простыми предложениями таджикского языка со стороны многозначности, грамматического значения, или перевода.

Ключевые слова: обучение, предложений, простой и языковой разбор, применение простых предложений, сравнение, языковой слой.

COMMENTARY COMPARISON OF SIMPLE PROPOSALS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, he reflects on the essence and development of comparing simple sentences in Tajik and English languages, as an independent part of scientific linguistics. In the author's opinion, in the development and production of simple sentences, the role and valuable merit of well-known domestic and foreign scientists, such as: KoushanskayaV.Ya., Close. R.A, Barkhudorova L, Iteling D.A., Baranovskaya TV, GordolYe.M., Krylova I.P., Bonk N.A., Kotiy G.A., Burovaya Z.I., Kachalova K.A., and Izrailevich E.E. The article covers problems and presentations of simple sentences. It speaks of the linguistic aspects of the definition of composition and structure, the significance and use of them in the Tajik language. In this sense, the basis for the teaching of scientific and historical evidence is the quality of the appearance of simple sentences. The article reflects the solution, the essence of the meaning and the development of the formation of simple sentences both in Tajik and English. As the author distinguishes, if the public words are taken into account, then it proves that among the middle-aged classics to this day there have been some changes about simple sentences. In particular, the author distinguishes that the expression of simple English sentences is almost similar to a simple sentence of the Tajik language, or from the side of polysemy, conscientiousness, grammatical meaning, or translation. In the current English language there are sometimes language cases that most linguists were surprised. One of these materials, which are connected to us, are simple sentences.

Key words: training, suggestions, simple and linguistic analysis,the application of simple sentences, a comparison of the present time and the linguistic layer.

Сведения об авторе: ***Бобоев Аъзам*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, аспирант. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сафарова 16. Телефон: **(+992) 985-89-08-60**

Information about the author: ***Boboev Azam*** - Kulyab state University. A. Rudaki, graduate student. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarova str. 16. Tel: **(+992) 985-89-08-60**

УДК: 802.0-31

ХУСУСИЯТҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ СИФАТИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Юсупова Ф.М., Ӯзбекова Қ.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Дар назарияи грамматикаи забони англисӣ сифат дар асоси аломатҳои маънавӣ ва шаклӣ ҳамчун қисми алоҳидаи ҳиссаи нутқ чудо карда шудааст.

Бо вуҷуди ин таҳлили сифати забони англисӣ нишон медиҳад, ки дар он хусусиятҳои функсионалӣ-семантикие, ки ба дигар ҳиссаҳои нутқ хос аст, мавҷуд мебошанд.

Дар бораи хусусиятҳои функсионалӣ-сематикии сифат ва феъл сухан ронда, пеш аз ҳама, қайд кардан лозим аст, ки ҳам сифат ва ҳам феъл муайянкунандаи мубтадои (субъекти) гуфтор ба ҳисоб мераванд. Ҳам сифат ва ҳам исм алоқаи муайянро ба шахс ё предмете, ки қайд карда шудааст, ифода мекунанд.

Мисол: *the sky cleared - осмон соф гардид, the sky was clear-осмон соф буд, the clear sky - осмони соф.*

Ҳангоми дида баромадани хусусиятҳои умумии сифат ва феъл нуқтаи назари Ж. Лайонзро қайд кардан лозим аст. Ж. Лайонз қайд мекунад, ки дар вақти савол пурсидан, ки чӣ сифатро аз феъл фарқ мекунонад, аксар вақт тасдиқ мекунанд, ки сифат «сифат»-и предметро, феъл бошад «амал» ё «ҳолат»-ро ифода мекунад. Лекин фарқияти байни «сифат» ва «ҳолат» камтар шабоҳат доранд назар ба фарқияти байни «амал» ва «ҳолат» [10, с.142].

Ж.Лайонз ибрози ақида менамояд, ки дар он забонҳое, ки муқобилгузории сифат ва феъл (мисол забони хитоӣ) вуҷуд надорад, муқобилгузории феълҳои беҳаракат ва ҳаракатро ифодакунанда дида мешаванд.

Дар забони англисӣ байни феълҳои беҳаракат ва ҳаракатро ифодакунанда фарқият мавҷуд аст. Феълҳои беҳаракат аз рӯйи қоида дар шакли намуди прогрессивӣ (афзуншаванда) истифода бурда намешаванд.

Таҳлили сифатҳое, ки хусусиятҳои зохирии шахс ё предметро ифода мекунанд, ба монанди зебоӣ, ранг, ҳаҷм, сабзиш, баландӣ, дарозӣ, чуқурӣ нишон доданд, ки онҳо бо феъл дар шакли Continuous (давомдор) мувофиқат намекунанд.

Мисол: *Mary is beautiful-Мэри зебо аст. The leaves are yellow-Баргҳо зарданд. The boy is very tall - Писарак хеле қадбаланд аст. The wall is thick - Девор ғафс аст. The pillow is soft-Болишт мулоим аст. The potatoes are hot –Картошкаҳо гарм мебошанд.*

Таҳлили сифатҳои зоҳирии шахсро ифодакунанда, нишон доданд, ки яке аз онҳо дар шакли Continuous (давомдор) мувофиқат мекунад, дигаре не. Чунин сифатҳо ба монанди **wise, foolish, silly, honest, rash, childish, reasonable, cowardly, greedy, funny, harsh, absurd, realistic, forceful, important** ва бо монанди онҳо, ки хусусияти доимии зоҳирии шахс ё воқеаро ифода мекунад, бо феъл дар шакли Continuous (давомдор) истифода бурда намешаванд.

Дар забони англисӣ гурӯҳи зиёди сифатҳо вуҷуд доранд, ки бо феъл дар шакли Continuous мувофиқат мекунанд. Ин сифатҳо лаёқати ҳам аломати доимӣ ва ҳам аломати гузаришро ифодакунанда доранд. Мисол: wise, foolish, honest, serious.

Мисол: *It seemed to me that he was serious this tame [14, c. 89].*

She was quite sympathetic[14, c.123]. The man was being encouraging sympathetic [16, c.92].

Е.Г. Беляевская чунин мешуморад, ки қобилияти аломати гузаранда доштани сифати забони англисӣ онро аз ҷиҳати семантикӣ (маъноӣ) ба феъл наздик мекунад [6, с.58].

Мисол: *The economic crises, was very long and making itself felt in that district-It took a long time before the economic crises made itself in that district.*

Хусусиятҳои функционалӣ-семантикии сифати забони англисиро бо феъл тасвир намуда, бо суханони Ж.Лайонз чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст: «Сифат ва феъл дар бисёр забонҳо умумиятҳои бисёр доранд ва онҳоро бояд ба категорияи амиқ дохил намудан лозим аст» [10, с.145].

Сифати забони англисӣ бо зарф низ хусусиятҳои умумӣ дорад. Дар бобати хусусиятҳои функционалӣ ва семантикие, ки ба сифат ва зарф хос аст, қайд кардан лозим аст, ки алоқаи маъногие, ки зарф бо сифат мувофиқат мекунад, ин, пеш аз ҳама, дар алоқаи муайянкунандагӣ доштани зарф дар маънои калима мебошад.

Мисол: *Донишҷӯ боақл - студент умён, донишҷӯйи боақл - умный студент, баланд гап задан - громко говорить, суҳбати баланд - громкий разговор.*

Хусусиятҳои хосси функционалӣ - семантикии сифат ва зарфро тасвир намуда А.С. Бархударов қайд мекунад, ки зарф чун сифат ва феъл алоқаи муайянкунандагӣ доштани он ба маънои калима мебошад [4, с.142]. Зарф муайянкунандаи амал ба ҳисоб меравад.

То ин дам мо дар бораи алоқаи муайянкунандагиро фақат чун муайянкунандаи субъекти гуфтор ва аломати гуфтор дида баромадем. Зарф ҳамчун муайянкунандаи субъект, яъне муайянкунандаи амал мебошад. Оё сифат ҳам маънои муайянкунандаи амал шуда метавонад? Барои ба ин савол ҷавоб додан, чунин гурӯҳи ҷумлаҳоро мисол меорем:

1. Erica had not always been such a late riser [15, c.203]. I was an extremely light sleeper [16, c.13].

2. She gave a pained sigh [14, c.19]. He gave a loud chuckle[16, c.132].

3. My student acquaintances …. did a little private teaching [15, c.185]. The students ways … did not stimulate him to do his best lecturing [16, c.44].

4. Are you sure her father was serious? In answer her inquiry he said that his grandmother was fine [15, c.68].

Дар мисоли се гурӯҳи аввал ҳамаи сифатҳо ба исмҳо диққат мекунанд ва ибораҳои муайянкунандагӣ месозанд; *a late riser, no great respecter, a light sleeper, a pained sigh, a loud chuckle, a little teaching.*

Ин ибораҳои абрибутивӣ як қисми хабар мебошанд, ки исмҳо вазифаи асосии семантикиро (маъновиро) иҷро мекунанд, феъл бошад вазифаи грамматикиро адо мекунад. Маънои асосии амал, ки бо воситаи хабар ифода ёфтааст, маҳз ба воситаи исм ифода меёбад. Ҳамин тавр, шаклан исмҳоро муайян намуда, сифатҳо дар ин ҷумлаҳо мазмунан муайянкунандаи амал мегарданд, яъне вазифаи семантикии зарфро иҷро мекунанд: a late riser=rose late, a light slipper=slept light.

Р.Н. Инфантьева қайд мекунад, ки чунин сифатҳо, яъне сифатҳои тарзи амал аломат ва ҳаракати амалро ифода мекунанд [8, с.26].

Дар мисоли гурӯҳи чорум сифатҳо исм ё ҷонишинро муайян мекунанд.

Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо сифатҳо мазмунан наметавонанд бо субъект мувофиқат намоянд. Онҳо дар ҳақиқат муайянкунандаи субъект ба ҳисоб намераванд. Онҳо амал ё ҳолати субъектро ифода мекунанд, яъне семантикӣ вазифаи зарфро иҷро мекунанд. Сифатҳо дар ҳамаи гурӯҳҳои ҷумлаҳо маънои муайянкунандаи амалро дорад, яъне семантикӣ вазифаи зарфро иҷро мекунанд.

Дар бораи хусусиятҳои функционалӣ-сематикии сифат ва зарфи забони англисӣ, пеш аз ҳама, шакли якхелаи тағирёбии калимаҳоро қайд кардан лозим аст. Ҳам сифат ва ҳам зарфи забони англисӣ аз рӯйи шахс, шумора ва падеж тасриф намешаванд. Онҳо шакли дараҷаи муқоисавӣ доранд.

Боз як хусусияти умумии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки сифат ба монанди зарф метавонад шаклан тағйир ёбад.

Мисол: *nice-very nicely, too big – too much, perfectly natural-perfectly naturally, extremely loud- extremely loudly.*

Дар байни роҳҳои калимасозӣ, ки ба сифат ва зарф хос аст, мувофиқ будани шакли пасванди –ly- ро қайд кардан лозим аст. Чи хеле маълум аст, бисёр зарфҳо асосан бо ин пасванд шакли худро месозанд. Ин пасванд барои сохтани баъзе сифатҳо низ хос аст.

Мисол: *deadly, cowardly, friendly, sickly ва ғайра.*

Дар хусуси хусусиятҳои умумии сифат ва зарфи забони англисӣ он далелро қайд кардан лозим аст, ки дар забони англисӣ бисёр калимаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо объективона амал мекунанд, ки дар ин ҳолат онҳоро ба гурӯҳи (синфи) сифат дохил мекунанд. Бинобар ин, онҳо метавонанд адвербалӣ (зарфӣ) ҳаракат намоянд, ки дар ин ҳолат онҳоро ба гурӯҳи (категорияи) зарф дохил менамоянд.

Мисол: *fast, much, sharp, well, hard, late, early, high, low, straight, daily, weekly, monthly, enough, ahead ва ғайраҳо.*

Сифати забони англисӣ бо исм низ хусусиятҳои умумии функсионалӣ - семантикӣ дорад.

Ин умумият, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар забони англисӣ як гурӯҳи калони сифатҳои исмшуда вуҷуд доранд, ки ҳам семантикӣ ва ҳам функсионалӣ ба исм наздиканд.

Мисол: *the young, the old, the poor, the rich, the blind, the dead, the homeless, the wealthy, the wounded, the un expected, the new the unknown, the (an) accused ва ғайраҳо.*

Аз он сабаб ки дар забони англисӣ роҳҳои калимасозӣ, ба монанди конверсия, хеле паҳншуда мебошад, қариб ҳамаи исмҳо, ки бо сифати яктаркиба (якрешагӣ) мувофиқат намекунанд, метавонанд бо сифати дигар мувофиқат намуда, ибораҳои муайянкунандагӣ ташкил намоянд.

Ба монанди: *world fame – шуҳрати ҷаҳонӣ, a city council - машварати шаҳрӣ, a district council суди ноҳиявӣ, a winter day - рӯзи зимистонӣ, an art institute - донишкадаи санъат, a telephone number- рақами телефон, factory workers - коргарони фабрика, a week-end- охири ҳафта, a radio engineer - муҳандиси радио ва ғайраҳо.*

Ҳамин тавр, дар ин мақола хусусиятҳои хосси функсионалӣ - семантикии сифати забони англисӣ, ки онро бо дигар ҳиссаҳои нутқ-феъл, зарф ва исм муттаҳид менамоянд, тасвир карда шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. - Л., 1979. – 263 с.
2. Бабаев, Э. Некоторые семантические особенности образных сравнительных оборотов в современном английском и таджикском языках / Э. Бабаев // Сб. науч. трудов Душанбинского гос. пед. института. - 1975. - Т. 98. - С. 76-106.
3. Бабаев, Э. Образные сравнительные обороты в современном английском и таджикском языках: АКД / Э. Бабаев. - М., 1977. - 24 с.
4. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - Либроком, 2009. - 160 с.
5. Беляева, Е.И. Коммуникативные ситуация и речевых акт просьбы в английском языке / Е.И.Беляева // Иностранные языки в школе. – 1989. - № 1. - С.6.
6. Беляевская, Е.Г. Семантика слова / Е.Г. Беляевская. – М.: Высшая школа, 1982. – 272 с.
7. Виноградов, В.В. Грамматика русского языка / В.В. Виноградов. – М.: Высшая школа, 1972. – 237 с.
8. Инфентьева, Р.Н. Прилагательные образы действия / Р.Н. Инфентьева // Иностранные языки в школе. – 1976. - № 4. - С.26-28.
9. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка: учебник / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. - Б., 2001. - 672 с.
10. Лайонз, Ж. Введение в теоретическую лингвистику / Ж.Лайонз. - М., 1978. - 343 с.
11. Реформатский, А.А. Введение в языковедение / А. А. Реформатский. - М.: Просвещение, 1996. – 536 с.
12. Фалькович, М.М. - Функционально-семантические особенности английского прилагательного / М.М. Фалькович. Иностранные языки в школе. – 1982. - №5. - 112. с.
13. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1959. – 440 с.
14. Fowles, J. The Ebony Tower / J. Fowles. - Progress Publishers, 1980. - 246 p.
15. Mark, Twain. The Prince and the Pauper / Mark Twain; with an introduction and Notes by Robert Tine. Barnes and Noble Classics. – New York, 2004. - 230 p.
16. Robert, Louis Stevenson. Treasure Island / Robert Louis Stevenson. - GB.: BPCC Paperbacks Ltd, 1993. – 183 p.

ХУСУСИЯТҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ СИФАТИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои функсионалӣ - семантикии сифатҳо, ки онро бо дигар ҳиссаҳои нутқ аз ҷумла феъл, зарф ва исм муттаҳид менамоянд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллифони мақола қайд мекунанд, ки сифатҳо ва феълҳои забони англисӣ ба ҳам шабоҳат доранд. Ҳам сифатҳо ва ҳам феълҳо бо шахс, предмет, ки иҷрокунандагони амал ҳастанд муносибати муайянкунандаи робитавӣ доранд. Бояд қайд кард, ки сифати забони англисӣ бо зарф хосиятҳои функсионалӣ - семантикии умумиро доро мебошад, зеро, ки онҳо сохт ва шаклҳои якхела дошта, аз рӯйи ҷинс, шумора ва падеж тағйир намеёбанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки як гурӯҳи калони сифатҳои субстантивӣ мавҷуд ҳастанд, ки аз ҷиҳати маъно ва вазифа бо исмҳо хеле алоқамандӣ доранд. Муаллифон бар он ақидаанд, ки аз рӯйи маъно сифат якранг набуда, таснифоти онҳо гуногун мебошад ва ба хусусияти денотатҳо, инчунин ба маънои худи сифат, такя менамоянд. Муҳаққиқони хориҷа ба монанди Е. Беляевская, К. Качалова, Ж. Лайонз ва дигарон мавқеи назариявиро аз нигоҳи нав омӯхтаанд, ки он вобаста ба сифатҳо ва таснифоти лексикӣ - маъноии он қарор дорад.

Калидвожаҳо: шакли функсионалӣӣ семантикии феъл, нуқтаи назар, сифати амал, сифатҳои адвербиалӣ, субстантивӣ, падеж, вазифа, хусусият, алоқаи маъноӣ.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются функционально - семантические свойства английского прилагательного, объединяющие его с другими частями речи - глаголами, наречием и существительным. Авторы статей отмечают, что английские прилагательные и глаголы имеют много общего, и глагол, и прилагательные находятся в отношениях определительной связи с означаемым лицом или предметом - носителями действия. Дальше подчёркивается, что английское прилагательное имеет функционально - семантические свойства, общие с наречием и так как они имеют одинаковые формы, они не изменяются по родам, числам и падежам. Авторы подчеркивают, что в английском языке существует большая группа субстантивированных прилагательных, семантически и функционально приближающихся к существительным. Авторы утверждают, что по семантике прилагательные крайне неоднородны, их классификации разнообразны, и опираются как на значения самих прилагательных, так и на свойства денотатов, к которым относятся признаки, а также на возможности интенсификации. Зарубежные исследователи Е. Беляевская, К. Качалова, Ж. Лайонз и др. по - новому осмыслили уже имеющиеся теоретические положения, касающиеся прилагательных и их лексико-семантических разрядов.

Ключевые слова: функционально - семантические форма глагола, точка зрения, качество, действие, адвербиально субстантивированных прилагательных, падеж, функция, особенность, семантическая связь.

FUNCTIONAL-SEMANTIC FEATURES OF ADJECTIVES IN ENGLISH LANGUAGE

The functional and semantic feature of the English adjectives uniting it with the other parts of speck as the verb adverb and pour is examined in this article. The authors of the article remark that English adjectives and verbs have much common features. Both the adjective and the verbs are in determining relationship with the person or object-of the bearer of the action. Further on the authors underline the functional and semantic features of the English adjectives with the adverbs as they have identical form and they don't change in gender and case. The authors speak about the functional and semantic features of the English adjectives with the noun, describe that there are a large of group of substantiated adjectives which are semantically and functionally approach to the nouns. The authors confirm that, on semantics adjectives are extremely dissimilar, their classification are various, and lean both on values of adjectives, and on properties of denotation which concern on signs, and also on intensification possibility. Foreign researchers E.Beljaevsky, K.Kachalov, Z.Lajonz and etc. have comprehended available theoretical positions, concerning adjectives and their lexico-semantic categories.

Key-words: functional semantic form of verbs, point of view, adverbial, substantive, case, function, feature, semantic connection.

Сведения об авторах: ***Юсупова Фируза Мухиддиновна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

Узбекова Кумриниссо Хабибуллоевна - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **naim-0604@mail.ru**. Телефон: **(+992) 92-978-78-95**

Information about authors: ***Yusupova Firuza Muhiddinovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, the teacher of all University Department of Foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1

Uzbekova Kumrinisso Habibulloevna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, the senior lecture of all University Department of Foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **naim-0604@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-978-78-95**

УДК: 491.550+43

АНАЛИЗ НЕМЕЦКИХ ПЕРВИЧНЫХ ПРЕДЛОГОВ, СООТВЕТСТВУЮЩИХ ШУГНАНСКИМ СЛОЖНЫМ И ТАДЖИКСКИМ СОСТАВНЫМ ПРЕДЛОГАМ С АБСТРАКТНЫМ ЗНАЧЕНИЕМ

Мамадасламов М.С.

Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева

В данной статье анализируются немецкие первичные предлоги, их соответствия шугнанским простым и таджикским составным предлогам с абстрактным значением. Если временные отношения рассматривать как первую ступень абстракции сравнительно с пространственным планом, то следующей ступенью абстракции явится понятие связи, отношения вообще. На материале немецкого, шугнанского и таджикского соответствий были выделены следующие области абстрактных отношений: отношение, связь в общем смысле; отношение сообщения, т.е. указание в речи на сообщение о некотором событии; причинно-следственное отношение, стоящее в известном смысле между временным отношением и чисто абстрактным отношением; «нулевая связь», «отрицательное» отношение, к абстрактной сфере отнесена и адвербиализующая функция таких предлогов, как mi ǰinōw и mi dastūr / ба тарзи ин / ба таври ин – "наподобие этого - наподобие этого'; di ǰinōw/вай барин и di dastūr / ба монанди вай - "наподобие того - наподобие того".

Отношение, связь в более общем смысле между компонентами сообщаемого передается по-шугнански, по-таджикски составными предлогами, например, шугн / нем. **Tar xu** nān xēzə žəx̌t // **Zur** ihrer Mutter laufen // **Ба сӯйи** модараш давид – “ Побежал к матери”; **Az** soat **tar** soat // **von** Stunde **zu** Stunde // **Аз** соат **то** соат – “с часу на час”; Xušbaxtůna fukaϑēn **tar** čīd vad // zum Glück alle waren zu Hause // Хушбахтона ҳама **дар** хона буданд – “К счастью, все были дома”., шугн., ba munosibati tu > tu ǰāt,- tu avēn // zum deine willen – “ в твою честь > ради тебя”; nisbat ba tu // mit dir zu tun haben – “по отношению к тебе”. [Dar bayni] Toǰikistůnat Germaniya bašānd munōsibatə diplomatə // Zwischen der Tadshikischen Republik und Deutschland ist eine gute diplomatischen Beziehungen // Дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Германия муносибати нағзи дипломатӣ доранд - “между Таджикистаном и Германией имеются хорошие дипломатические отношения”., nazar bar tu - «по сравнению к тебе; тадж. ба муносибати шумо, нисбат ба шумо, назар ба шумо.

Отношение сообщения в немецком языке передается с местоименными наречиями damit-, damit ist alles gesagt- «этим всё сказано», а на шугнанском и на таджикском языке предлоги дар бораи-, дар ХУСУСИ-, дар бобати-, оид ба- о, об, относительно при вопросах о ком? о чём? Из них наиболее распространены предлоги в шугнанском языке az/as- от, ar- в, pi- в, на, дар бораи : в немецком языке он чаще всего встречается в соответствии предлогов aus (Dat)- из; von- от,с,bei- и указывает на исходный пункт в пространстве: Шугн. Wuz-um az xu bōbat- mūm xēz yat- «я пришел от дедушки и бабушки 23; Wuz-um ar xu bōbat- mūm xēz vud- «я был у дедушки и бабушки; нем. ich komme von der Großmutter - «я иду от бабушки» и neben-рядом,возле,около- der Schrank steht neben der Tür - «шкаф стоит около [возле] двери» sie saß neben mir - «она сидела рядом со мной»; Yēd pali-yandir mōšīn avār čūd // neben der Brücke war eine Auto falle - “ у моста одна машина попала в аварию”.

Одним из наиболее распространенных и лингвистически реализуемых представлений об абстрактной связи является причинно-следственное отношение. Его аспекты (причина, следствие, средство) передаются следующими шугнанскими и таджикскими составными предлогами:

ba sababi -	aus	ба сабаби, аз чихати	ба туфайли
az sababi -		аз сабаби, ба асоси	дар асоси
az dasti ; составные предлоги употребляются вместе с послелогами – qatīr, ǰāt	ausser	ба воситаи	дар натиҷаи

Наряду с серией составных предлогов, обозначающих разные виды и аспекты связей, существуют предлоги, обозначающие отсутствие связей, раздельность, противопоставление, т.е. «нулевую» или «отрицательную» связь: qatīr/aus/. Mi sabab–qatīr // Aus diesem grund //бо ин сабаб – “по этой причине”. Ba sababi kasalə tar pēnc sut/ или kasalə-qatīr tar pēnc sut // Бо сабаби касали ба нафақа баромад. Вышел на пенсию из-за болезни Az dastə be šarōyatəyi čīd // Haus essen // Аз руи набудани шароити хона – “Из-за плохих бытовых условий”. шугн. С помощью сочетанием ar- cůnd, ar- rang, ar- xēl, ar- čāy. Тадж. ғайр аз, бар хилофи, катъи назар аз. Анализ материала абстрактных соответствий позволяет выделить следующие бинармы: **ar**-cůndum **pi** wi zōrgə ca čūd, yuyə mu badil na čūd – “Сколько бы я ни умолял, он меня не послушал”. Ar-rāng wi ca kinə, yuyə disga tarbiyat zōx̌č – “Сколько бы ни говоришь, у него такое воспитание”. Yůdard ar-xēlāϑ gāp δēn – “Здесь ходят всякие слухи (чушь)”.

Сообщение	Dar bōrai Dar huzurə	von,über,aus, neben gegen, um, durch	дар бораи	+ актуальность сообщения
	Dar bobati после.,(y)a**nd, qatīr**			актуальность сообщения

Tama-vō **dar bōrai** potx̌ō be rahmə gāp δēt // Sie sprechen **über** die Grausamkeit der König // Боз шумо дар бораи золимии подшоҳ гап мезанед – “Вы говорите о жестокости царя”. Wuzum **dar bōrai** wam ɲāc solēn fikrə čūd // Ich habe **über** jenes Mädchen viele Jahre gedachtet // Ман **дар бораи** он духтар солхо фикр мекардам – ‘’Я долгие годы думал о той девочке’’. Различие между von и über можно видеть в большой интенсивности связей, обозначаемой von по сравнению со связью, обозначаемой **über**. Таким образом, можно сделать следующие выводы, многие предлоги имеют несколько значений и каждое из значений того или иного предлога имеет свою преимущественную сферу употребления в зависимости от контекста. Parwōs

tamůmə zimistůn-**and** žiniǰ ačϑ na vud // Im vorigen Jahr den Winter **über** gab es keinen Schnee // Порсол дар тамоми фасли зимистон барф тамоман набуд - “В прошлом году в течение всей зимы совсем не было снега”. Yu wam - **qatīr** as maktab waxt-**and** balad-ca // Er kennt sie **von** der Schulzeit her // Вай ӯро **аз** давраи мактабхони мешиносад - “Он знает ее со школьных лет”. Yam pesa Sadridinə Ayni-**yand** // Das ist ein Drama **von** S. Ainie // Ин драма аз они Садридини Айни аст - “Эта драма Садридина Айни”. **As** Manōra - **tīrtə** Brandenburg darwoza wintōw bōft // **Von** dem Turm **aus** kann man das Brandenburger Tor sehen //Аз болои манора дарвозаи Бранденбург дидан мумкин аст - “С башни можно увидеть Бранденбургские ворота”. Den ganzen Tag über hat er gearbeitet - “Он работал весь день”. Sie ist schon über 40 Jahre alt - “Ей уже более 40 лет”.

Это сосуществующие предлоги с одним и тем же корнем и значением, но отличающиеся друг от друга своим морфологическим составом (простые, сложные и составные). Ср. anhand /**an** Hand (Gen.) – “на основании”; anhand von Unterlagen – “на основании документов” **-, auf** Grund / aufgrund – “на основании” **mit** Hilfe / mithilfe – “с помощью, посредством”, in Bezug **auf**/bezuglich, **in** Hinsicht / hinsichtlich.

1. В немецком языке предлог aus (Dat), управляющий дательным падежом для обозначения направления действия изнутри откуда- нибудь, а в шугнанском языке предлог, управляющий наподобие такого предлога, как и в немецком являются предлоги и послелоги (az, (y)and, yandir), Er tritt **aus** dem Haus // Yu az čīd-**and** naẋtuyd // Вай аз хона баромад – “Он выходит из дома”. Meine Tochter kommt um 13 **aus** der Schule // Mu rizīn soati sezda-yand az maktab yōδd // Духтари ман дар соати 13 аз мактаб мебиёяд – “Моя дочь приходит из школы в 13 часов”. Ein Dieb aus Hunger // Duzd az dasti maɤʒůnǰə // Дузд аз руйи гуруснаги – “Вор из-за голода”.

2. Для указания на источник, место, откуда исходит что-либо или кто- либо: Einige Delegation kommen **aus** Berlin // Yilāv namōyanda-**yenēn az** Berlīn yat // Як қисми вакилон аз Берлин омаданд – “Он приехал из Берлина”. Das ist ein Foto **aus** meiner Kindheit //Māδ sūratēn-en mund az ʒulikə-ndīr //. Ин расмҳо аз кӯдакии ман ҳастанд – “Эта фотография из моего детства”.

3. Для обозначения материала, вещества, из которого что-то делается: Die Messe ist **aus** dem Stahl produziert // Yam čəd **az** Pulōd-**and** čuɤǰin // Ин корд аз пулод тайёр карда шудааст – “Этот нож сделан из стали“.

4. Для указания причины: Er lug **aus** Angst // Yu az ẋōǰ dirūγ lůd // Вай аз тарс дуруғ мегуяд – “ Он лжет от страха”. **Aus** Eifersucht hat er sie verleumdet // Az xu badmiǰōzə yu wam badnům čūd //Аз бадхашмиаш ӯ вайро бадном кард. – “Из-за ревности он оклеветал ее”.

5. Для обозначения изменения состояния, превращения чего-нибудь во что-нибудь: **Aus** der Raupe wird ein Schmetterling // Az čīxīrǰ-and ẋāparak pēδō sůd // Аз кирм шапарак пайдо мешавад – “Из гусеницы появляется бабочка/Гусеница превращается в бабочку”. Aus dem Regen wird eine Schnee // Az borůn-and žiniǰ peδō sut // Аз борон ба барф мубадал шуд – “Дождь превращался в снег”.

6. Предлог **aus- из, с-,** указывает на удаление: z.B. Geh **aus** dem Weg! // Az půnd-tə tar pālə sah! / [δar sah az půnd- tīr]// Аз роҳ дур шав! – “Иди с дороги”! Etwas aus dem Kopf schlagen // Arčīzca as xu māγʒ-and binəstōw // Як чизро аз майнаи сар дур кардан - “Выгнать что-либо, из головы”. Geh mir aus den Augen! // Az mu cēm pirōn-dīr bēs! [bēs az mu cēm pirō-yandīr!] // Гум шав аз пеши (назарам) чашмам– “Прочь с глаз моих!”

7. Указывает на образ действия: Хаẋ-aϑ ǰəγ δədōw // aus Leibeskraften schreien // Бо тамоми қувва дод задан – “Кричать из-за всех сил”.

В шугнанском языке данному предлогу соответствует предлог **az / as**, который обозначает боле 11 признаков и указывает на: исходный пункт в пространстве и во времени, на место или предмет, являющийся отправной, исходной точкой движения, на начало действия с какого-либо места, откуда-нибудь;

Важной задачей, выдвинутой за последние годы в области языкознания, является сопоставительное изучение языков. Термин «сопоставительное изучение языков» еще относительно нов в нашем лингвистическом обиходе, но сама задача сопоставительного рассмотрения особенностей двух языков на современном для исследователя этапе их развития – не нова. Такое рассмотрение с давних пор практиковалось в преподавании иностранных языков; отражено оно и в учебниках как школьного, так и академического типа. Этот весьма распространенный методический прием обычно оправдывал себя при объяснении особенностей иностранного языка, трудных для понимания учащегося, как специфических по отношению к его родному языку. Применение этого приема имеет свою богатую историю, интересную, поучительную и заслуживающую внимания не только с точки зрения методики преподавания, но и в собственно лингвистическом плане.

Иногда сопоставление особенностей двух языков в их современном состоянии сопровождалось в работах методистов. В западноевропейской лингвистической традиции нет такого разграничения терминов, которое соответственно бы соотношению наших определений - «сопоставительный» и «сравнительный». Обозначаемые у нас этими двумя словами понятия покрываются там одним термином: “vergleichende” (нем.), “comparative”, причем термин этот употребляется главным образом в смысле «сравнительно - исторический». Поэтому среди большого количества по грамматике той или иной группы языков, озаглавленных vergleichende Grammatik или comparative Grammatik, не приходится искать работ по сопоставлению двух языков в их современном состоянии, иначе - синхронном разрезе.

Ёдрас бояд кард, ки дар бештари асарҳои насри ривоятӣ (асарҳое, ки сюжети он маҳсули хаёли муаллиф аст) ном мувофиқи нақши персонаж вобаста ба хислат, симои зоҳирӣ ва мақоми он дар асар аз ҷониби муаллиф интихоб мегардад, то муаллиф ҳаводиси ба қалам додаашро ба хулқу атвори қаҳрамонаш мувофиқ тасвир карда тавонад. Агар муаллиф ҳамаи хусусият ва рафтори қаҳрамононро дар асар ба инобат гирифта номи мувофиқ гузорад, ӯ натанҳо дар таълифи он ба мушкилӣ дучор намегардад, балки бадеияти сюжети асарро муассир мегардонад.

Дар адабиёти тоҷик чунин асарҳо теъдодашон хеле зиёданд. Дар онҳо муаллифон зимни таълиф бо риоя аз санъати номгузорӣ ба қаҳрамонони асар вобаста ба нақши онҳо дар асар номҳои созгорро интихоб намуданд ва бад-ин восила тавонистанд муҳтавои онро дар зеҳни мардум ҷой намоянд.

«Қасас-ул-анбиё» ҳамчун асари насри ривоятӣ, ки қиссаҳои онро (ҷуз аз баъзан нуктаҳо, ки дар қиссаҳои он ҳамчун рамзи ташбеҳ ва асотир истифода шудааст) ягон тахайюлот ва асотир фаро нагирифтааст. Қаҳрамонҳое, ки дар қиссаҳои он зикр ёфтаанд, ашхоси воқеӣ буда, номҳои онҳо низ аз тахайюл орианд.

Андешаҳо бобати асотир будани баъзе қиссаҳои «Қасас-ул-анбиё» мавҷуд аст, вале бояд донист, ки қиссаҳо, махсусан саргузашти 25 паёмбаре, ки дар асар зикрашон рафтааст, дар асоси қиссаҳои китоби муқаддаси Қуръон китобат гардида, ҳар як банди қиссаҳо бо арқом ва оёти ин китоби муқаддас асоснок карда шудаанд. Масалан дар мавриди пайдоши дунё дар нахуст қиссаи асар гуфта шудааст: «Худованд ҳамаи заминро дар ду рӯз офарид». Ин сухан дар назар бовар карданӣ нест, лекин онро ояти 8-уми сураи 41-уми Қуръони карим - Фуссилат ***«Халақал-арзи фӣ явмайни»***. Яъне: … Шумо кофир мешавед ба зоте, ки офарид заминро дар ду рӯз…» тақвият медиҳад [4, с.1113].

Тавре дар боло гуфтем, дар баъзан нуктаҳои асар қаҳрамонҳои он ба персонажҳои мусбати асарҳои қаҳрамонӣ чун Рустами достон ташбеҳ дода шудаанд, лекин истифодаи ақалли санъатҳои бадеӣ дар асар мушоҳида мешавад ва ин мазмуни асарро ҳамчун асари қаҳрамонӣ, асотирӣ ва ё тахайюлӣ унвон бахшида наметавонад. “Ва Абдуллоҳ ибни Аббос (раз) фармуда, ки Ракона ном аъробӣ, ки Рустами замону исфандиёртавон буд, посбонии гӯсфандон мекард” [5, с.352].

Асарҳои таълифгардидае, ки сюжети қиссаҳои онро ҳаводиси бофтаю асотир ва хаёли нависанда фаро гирифтаанд, пеш аз таълиф хеле борикбинона аз мизони андешаи муаллиф гузашта, сипас китобат мегарданд. Аз ин ҷост, ки таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши номҳои он дар қиёс ба асарҳое, ки мазмуни сюжети онро қаҳрамонҳои воқеӣ ташкил медиҳанд, хеле осон аст. Аммо «Қасас-ул-анбиё» тавре гуфтем, асари таърихӣ, ривоятӣ-динӣ буда, қиссаҳои онро воқеаҳову ҷонбозиҳо, урфу одот, ташвиқи сулҳу субот ва амсоли инҳо, ки асосан воқеоти зиндаи таърихӣ ташкил медиҳанд ва онҳоро наметавон ба воқеаҳои асотирӣ ва хаёли бофтаи муаллиф унвон кард.

Маълум аст, ки асосан дар мадди назари муҳаққиқон ва доираи васеи шавқмандони соҳа бештар асмои афроде ба назари эътибор гирифта мешаванд, ки дар таърих дорои мақоми вижа мебошанд. Инчунин, таърих ба таври хос афродеро дар авроқи хеш сабти ном мекунад, ки хусусиятҳои барҷастаи инсониро дороанд.

Қаҳрамонҳо ё худ персонажҳои асарҳо, ки аз вижагиҳои мушаххас иборат мебошанд, аз дигар қишри ҷомеаи замони худ бартарӣ доранд. Ин гуна бартариҳо барои чунин афрод дар таърих гӯшаеро бо номи онҳо ҷой додааст ва ҳамчун шоҳкориҳои таърих ва расму анъаноти миллии ниёкон дорои барҷастагии азиме мебошад. Вобаста ба ин, дар таҳқиқот ба хусусиятҳои корбурди лингвостатистикии Марям ва Исо дар «Қасас-ул-анбиё», ки аз шумули номҳои серистеъмоли қабати антропонимҳои асар ва персонажҳои воқеӣ ҳисоб меёбад, аҳамияти вижа дода шудааст.

Тибқи таҳзияи мавод шумораи антропонимҳои «Қасас-ул-анбиё» ба 432 номгӯй мерасад, ки аз рӯйи таснифот ба қабатҳои забонӣ мансуби забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ, юнонӣ, лотинӣ, ҳиндӣ ва якчанд шеваю лаҳҷаҳои матрук мебошанд. Номҳои Марям ва Исо (а) аз зумраи номҳои серистеъмол дар «Қасас-ул-анбиё» ба ҳисоб рафта, Марям 40 маротиб ва Исо (а) 72 маротиб истифода гардидааст.

Нигаред ба нишондод №1.



Дар «Қасас-ул-анбиё» **Марям [Maryam]** ва **Исо [Isā]** дар шумули афроди аз лиҳози мақом ва ҷойгоҳ воло қарор дошта, **Исо [Isā]** писари **Марям [Maryam]**, ки бо ифодаи Исо ибни Марям машҳур аст, ёд мешавад. «Ҷабраил ... атсаро ... нигоҳ дошт ва онро ба Марям - модари Исо - паёмбар таслим намуд [5, с.14]».

Номҳои афроди дар таърих машҳур, махсусан қаҳрамону персонажҳои хусусияти мусбату манфидошта дар осору эҷоди шоирон ва аҳли адаб хеле барҷаста истифода гардида, ҷойгоҳи шоистаеро моликанд. Дар осори шоирон чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Балхӣ ва амсоли инҳо истифодаи фаровон доранд. Ҷое дар мисраъҳои устод Рӯдакӣ зикр мешавад:

Исо ба раҳе дид, яке кушта фитода,

Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт [6, с.66].

Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

Кушт моровду дами Исои Марям бо ӯст,
Ҳофиз аз муътақидон аст, гиромӣ дораш [12, с.50].

Ҷойи дигар Мавлоно Балхӣ гуфтааст:

Сахт муфарраҳи гамӣ, Исои чанд Марямӣ,
Ҷони ҳазор ҷаннатӣ, рашки ҳазор Кавсарӣ [13, с.48].

Номи (антропоними) Марям дар сарчашма ва таълифоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, инчунин луғату маъхазҳои таърихӣ истифодаи барҷаста дошта, дар забонҳои гуногун дорои шаклҳои хос мебошад. Масалан, Марям дар забони яҳудии қадим дар шакли Miryam, дар Таврот - Mariam, лотинӣ - Maria, юнонӣ - Mariam, англисии қадим - Maria, забони англисии муосир - Мэри истифода гардида, маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) талх, талхӣ (маззаи талх); 2) муқовимат намудан ва дар ҳолати ғазаб қарор доштан. Муқоиса: франсузӣ - Mariy, итолиёвӣ, испанӣ, юнонӣ - Maria, немисӣ, голландӣ - Maria, Marie, норвегӣ - Marie, русӣ - Мария, булғорӣ - Мария, сербӣ-хорватӣ - Maruja, Marija, словакӣ, полшагӣ - Maria [8, с.251]. Дар забони тоҷикӣ дар шакли Майрам ва Марям истифода мегардад.

Исо [Isā] низ ҳамчун антропоним дар “Қасас-ул-анбиё” истифодаи васеъ дошта, дар қабати номҳои серистеъмол шомил аст. Дар “Фарҳанги номҳои форсӣ-тоҷикӣ” Исо исми мардона, номи асосгузори дини насронӣ (христианӣ), писари Марям; киноя аз шуои офтоб; офтоб; табибе, ки дар сари роҳ менишинад; меҳрубонӣ (лутфу марҳамат)-и Худо (аз яҳудии қадима); шутурбон, чӯпон маънӣ шудааст [7, с.124]. Инчунин, Исо [Isā] дар бештари сарчашмаҳо ва осори аҳли қалам дар шакли Иси [Isi] низ мавриди корбурд аст. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар Девони Кабир гуфтааст:

Ман Исии он моҳам, к-аз чарх гузар кардам,
Ман Мӯсии сармастам, к-аллаҳ, дар ин жандаст [13, с.22].

Инчунин ифодаи Масеҳ [Maseh] низ ба Исо [Isā] равона шудааст, яъне зери мафҳуми Масеҳ [Maseh] - паёмбар Исо [Isā] фаҳмида шуда, дар сарчашмаҳо ба таври мухталиф маънидод гардидааст. М.Ғиёсуддин дар фарҳангаш “Ғиёс-ул-луғот” Масеҳро ба маънои дӯст ва бисёр паймоишкунандаи замин; (ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Исо (а) пайдо шудааст, зеро ки дӯсти Ҳақ буданд ва аз боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебуданд); ва ба маънии дурӯғгӯ; ва ба маънии он, ки як чашму як абрӯ надошта бошад; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Даҷҷол низ аст;... [10, с.260]. Аммо ҷойи дигар лақаби Даҷҷолро Миссиҳ [Missih] гуфтаанд, ки дар вазни сиккин (ба маънии корд), Масеҳ [Maseh] бошад, бар вазни саҳеҳ омадааст [3, с.260].

Я.Ш. Самарқандӣ дар “Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ” Масеҳро ҳамчун исми мардона ба маънои соҳиби тахту тоҷ (подшоҳ); касе, ки ба пешониаш равғани муқаддас чиллик кашида шудааст; ҳидояткардаи Худо; дӯст ва сайругашткунанда; лақаби Исо (а), зеро ки он ҳазрат дӯсти Ҳақ буданд, боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебаромаданд [7, с.156]. Аз таҳилҳо ва шарҳи донишмандони номшинос ва луғатшиносону қомусдонон бармеояд, ки Масеҳ [Maseh] аз калимаи Масҳ [Mash] (даст молидан, масҳ кашидан ба гардан ҳангоми таҳорат) сохта шудааст, ки он мансуби забони арабӣ мебошад. Ин гуфтаҳоро андешоти номшиноси тоҷик Я.Ш. Самарқандӣ возеҳ месозад: “Масеҳ... касе, ки ба пешониаш равғани муқаддас чиллик кашида шудааст” [7, с.156].

Дар сарчашмаҳо Масеҳ [Maseh] дар шаклҳои Масеҳдам (он ки нафасаш монанди Исои Масеҳ ҷонбахш аст ва чун Исо (а) “гӯё” бо дами нафаси худ мурдаро зинда мекунад; маҷ. он кӣ суханаш батаъсир аст), Масеҳо (андуда; аз тарафи Худои таолло ҳидояткардашуда), ки ҳарду шакл лақаби Исо (а)-ро ифода мекунанд [7, с.156].

Ҳамин тавр, маводи онимии “Қасас-ул-анбиё” аён намуд, ки антропонимҳои **Марям [Maryam]** ва **Исо [Isā]** аз фаъолтарин номҳои маводи ономастикии асар маҳсуб ёфта, дар тасвири сюжети “Ҳазрати Марям”, “Туҳмат ба ҳазрати Марям”, “Ҳомиладории ҳазрати Марям” “Саргузашти ҳазрати Исо (а)”, “Муъҷизаҳои ҳазрати Исо(а)” нақши созгор доранд. **Марям [Maryam]** ва **Исо [Isā]** дар даврaҳои дарози таърихӣ дар забонҳои гуногун мустаъмал буда, шаклҳои гуногунеро молик мебошанд.

Дар ин таҳқиқот бо фароҳамии маъхазу манобеъ ва сарчашмаҳои илмӣ то ҳадди тавон мавқеи забонию корбурди **Марям [Maryam]** ва **Исо [Isā]** аз мавқеи оморӣ омӯхта шуд. Бобати барқарор кардани шакли этимологӣ ва ташаккули онҳо (номҳо Марям [Maryam] ва Исо [Isā] Д.Э.) дар оянда пажуҳишро идома хоҳем дод, яъне таълифот анҷоми кор арзёбӣ намешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҷ. Алимӣ Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб. - Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. - 443 с.
2. М. Ғиёсуддин. Мулҳақот ба “Ғиёс-ул-луғот” (Мулхакот к «Гиёс-ул-лугот»). - Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. – 264 с.

3. М. Ғиёсуддин. Мулҳақот ба “Ғиёс-ул-луғот” (Мулхакот к «Гиёс-ул-лугот»). - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.2.- 342 с.
4. Қуръони карим; тарҷума ва тавзеҳот ба забони тоҷикӣ. - Покистон: CEVOБ, 1458. – 1642 с.
5. Маҳмадуллоҳ С., Абдусаттор А.М., Аҳрор С.И., Ҷалол А. Қасас-ул-анбиё/С.Маҳмадуллоҳ, А.М. Абдусаттор, С.И. Аҳрор, А. Ҷалол - Душанбе: Ориёно, 1991. - 370 с.
6. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор. – Душанбе: Адиб, 207. – 402 с.
7. Самарқандӣ Я.Ш. Фарҳанги номвожҳои форсии тоҷикӣ [Словарь персидско-таджикских слов-имена]/Я.Ш. Самарқандӣ. - Душанбе: Эр-Граф, 2010. - 392 с.
8. Стеблин-Каменский, М.И. Ваше имя? Рассказы об именах разных народов / И.М. Стеблин-Каменский. - М.: Армада-Пресс, 2001. - 254 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Тольковый словарь таджикского языка). - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.1. - 950 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Тольковый словарь таджикского языка). - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.2. - 950 с.
11. Шоев Р. Ономастикаи «Самаки айёр» / Р. Шоев. - Душанбе, 1997. – 162 с.
12. Ҳ. Шерозӣ. Ғазалиёт. – Душанбе, Адиб, 2009. – 280 с.
13. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. - Душанбе: Дониш. - 558 с.

КОРБУРДИ ЛИНГВОСТАТИСТИКИИ МАРЯМ ВА ИСО ДАР «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Дар мақола масъалаи таҳлили забоншиносӣ, корбурд ва чандомади номи Марям ва Исо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта, мақоми номҳои мазкур, Марям ва Исоро, дар асари таърихӣ-ривоятӣ ва динии «Қасас-ул-анбиё» муайян ва мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин, дар мақола мавқеи номи Марям ва Исо дар осори аҳли қалам, шоирону саромадони адабиёти форс-тоҷик муайян шуда, бо овардани иқтибос аз мисраъҳои эҷоди эшон таълифот тақвият дода шудааст. Дар мақола муаллиф ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ, монанди О. Ғафуров, С. Абодуллоева, Р. Шоев, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, Ҷ. Темуров, ки вобаста ба масъалаи таҳлили номи ашхос ва корбурди онҳо дар заминаи маводи асарҳои ҷудогона таҳқиқот анҷом додаанд, такя намуда, мавқеи номҳои Марям ва Исоро аз нигоҳи забоншиносӣ ва чандомад дар “Қасас-ул-анбиё” муайяну муқаррар намудааст. Дар мақола номҳо дар шакли траскрипсияи умумиэронӣ: Марям [Maryam], Исо [Isā] оварда шуда, талаботи таҷзия ва гузориши номҳо дар таҳқиқот риоя гардидаанд. Дар баробари ин, ифодаҳои Масҳ [Mash], Масеҳ [Maseh], Миссиҳ [Missih], ки зери ин мафҳумҳо номи Исо фаҳмида мешавад, дар мақола ҷой дода шуда, мавриди таҷзия қарор дода шудаанд. Инчунин, дар мақола дар баробари муайян намудани мавқеъ ва корбасти номи Марям дар “Қасас-ул-анбиё” истифода ва корбасти он дар забонҳои гуногун: я.қ.Miryam, лот.Maria, юн.Mariam, англ.қ Maria, анг.муос. Мэри нишон дода шуда, дар ин замина бо истифода аз усули муқоисавӣ, Марям мавриди қиёс қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: таҳқиқоти забоншиносӣ, лингвостатистика, таҷзияи мавод, таҳлили этимологӣ, шакли қиёсӣ, маводи онимӣ, корбасти Марям ва Исо.

ЛИНГВОСТАТИСТИЧЕСКОЕ УПОТРЕБЛЕНИЕ МАРЯМ И ИСО В «КАСАС-УЛ-АНБИЁ»

В статье подвергнута рассмотрению проблема лингвистического анализа употребления и частотности имен Марям и Исо. Автор на основе проведенного исследования различных сторон этой области определяет место упомянутых имен Марям и Исо в историко-легендном и религиозном произведении «Касас-ул-анбиё». Также в статье приопределении места имен Марям и Исо в творчестве писателей, поэтов и великих мастеров персидско-таджикской литературы, приведены цитаты стихотворных строк из их творчества. В статье автор, опираясь на исследования отечественных ученых О.Гафурова, С.Абдуллоевой, Р.Шоева, Д.Майнусова, С.Курбонмамадова, Дж.Темурова, которые касались вопроса анализа имен людей и их употребления на основе материалов отдельных произведений, определяет место имен Марям и Исо с позиции лингвистики и их частотности в “Касас-ул-анбиё”. В статье имена приведены в форме общеиранской транскрипции: Марям [Maryam], Исо [Isā], соблюдены требования анализа и написания (комментарии) имен в исследовании. Наряду с этим, в статье использованы и подвергнуты анализу выражения Масњ [Mash], Масењ [Maseh], Миссињ [Missih], под которыми имеется в виду Исо. В исследовании также наряду с определением места и употребления имя Марям в “Касас-ул-анбиё” показано его употребление в различных языках: ив.с.Miryam, лат.Maria, греч.Mariam, англ.ќ Maria, совр. анг. Мэри, на этой основе методом сопоставительного анализа имя Марям подвержено сравнению.

Ключевые слова: лингвистическое исследование, лингвостатистика, исследование материала, этимологический анализ, форма сравнения, онимический материал, употребление Марям и Исо.

THEOPERATIONOF THE LINGUISTIC OF MARYAM AND ISO IN «KASAS-UL-ANBIYO”

In the article analysisthe problem of the quantity intentionally of linguistic to use the density of population names of Mary and Iso. The author has been researchingto learn the connection on the basis of studying the various aspects of this area, determines the place to be mentioned the names of Mariam and Iso and investigation them to research in the historical and legendary and religious creation«Kasas-ul-anbiyo”. Also in the article, analyzing the definition the place of the human names of Mariam and Iso in the transcription. As in the article, to research the work of writers, poets and great masters of Persian-Tajik literature for citations of poetic lines from their work are cited to strengthen their publication. In the article the author, to assure the research of domestic scientists O. Gafurov, S. Abdulloeva, R. Shoev, D. Maynusov, S. Kurbonmamadov, J. Temurov, who carried out research on the issue of analyzing peoples names and their use on the basis of the materials of individual works, defines the place of the names of Mariam and Iso from the position of linguistics and frequency in «Kasas-ul-anbiyo”. In the article has been given the names of thegeneral Iranian transcription: Maryam, Iso, the requirements of the analysis and writing (commenting) of thenames in the study are met. Along with this, the article used and analyzed the expressions Mas [Mash], Maseh [Maseh], Missi [Missih], by which is meant the name of Iso. In the researching, along with the definition of the place and use, humanname Mary in «Kasas-ul-anbiyo” shows its to use on the different languages: Ivi.s.Miryam, lat.Maria, Greek.Mariam, English.ќ Maria, modern. Eng. Mary, on this basis, using the method of comparative analysis, the name Mary is subject to comparison.

Key words: linguistic research, linguistic statistics, material research, etymological analysis, comparison form, onic material, use of Mariam and Iso.

Сведения об авторе: ***Давлатов Эрадж Абдусамадович*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 918-13-99-68**

Information about the author: ***Davlatov Eraj Abdusamadovich*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, candidate of philology, senior lecturer of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov str. 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-13-99-68**

УДК: 491.550+42

ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА
(дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)

Муродова П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Исм дар ҳарду забон гурӯҳи калимаҳоеро дар бар мегирад, ки номи предметро ифода мекунанд. Дар грамматика мафҳуми предмет хеле васеъ буда, аз мафҳуми физики он комилан фарқ дорад. Дар физика таҳти мафҳуми предмет танҳо мавҷудиёти ҳақиқати реалӣ, аз қабили об, замин, офтоб, дарахт ва ғайраро мефаҳманд. Ҳол он ки дар грамматика на танҳо калимаҳои номбурда, балки ҳамаи он калимаҳое, ки ба саволи кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешаванд, чун предмет маънидод карда мешаванд. Масалан, дар ҳақиқати реалии калимаҳои равиш, рафтор, даромад (даромади колхоз) - амалиёт, калимаҳои зебоӣ, доноӣ , ҳалимӣ - сифати предметро ифода мекунанд, вале ҳамаи ин калимаҳо ва амсоли онҳо ба туфайли хусусиятҳои грамматикӣ ифодакунандаи мафҳуми предмет гардида ба монанди гурӯҳи аввалаи калимаҳои исманд. Ба таври гӯем, дар ҳарду забон исм на танҳо номи предметҳои ҳақиқати реалӣ, балки номи амалиёт, хусусият, муносибат, ҳолат ва ғайраҳоро, ки фикран чун предмет шинохта мешавад, дар бар мегирад. Маънои умумии исмҳо ва гурӯҳҳои семантикӣ – грамматикии онҳо дар ҳарду забони муқоисашаванда қариб як аст. Дар ҳарду забон исмҳо ба конкрет (номи предметҳо ва чизҳои ҳақиқати реалӣ) ва абстракт (номи ҳолату вазъият ва ғайраҳо) ҷудо мешаванд. Дар ҳарду забон калима- исмҳое мавҷуданд, ки номи предметҳои номавҷуд, ғайриреалиро ифода мекунанд, ки бо бисёр хусусиятҳои грамматикиашон ба гурӯҳи якуми исмҳо- ба гурӯҳи исмҳои конкрет дохил мешаванд. Чунончи, калимаҳои дев, ҷин, ва ғ. Исмҳои конкрет дар ҳарду забони муқоисашаванда ядрои исмро ташкил намуда аз рӯйи хусусиятҳои грамматикӣ ва мавҷудияти категорияҳои асосии исм – шумора ва категорияи муайянӣ - номуайянӣ пеш аз ҳама, ба исмҳои конкрет хос буда, дар исмҳои абстракт аз рӯйи зарурат ба қонуни аналогия зуҳур меёбанд. Ҳиссаи мазкури нутқ дар ҳарду забон аз нуқтаи назари вазифаҳои синтаксисиаш низ мувофиқат мекунад. Дар ҳарду забон исм хеле серистеъмол буда, ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ (мубтадо, хабари таркибии номӣ, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол) омада метавонад. Вале вазифаи асосии исм дар ҳарду забон, ба монанди дигар забонҳо, пеш аз ҳама, мубтадо ва пуркунанда шуда омадани он мебошад. Мустақил истеъмол шудани исм ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда, чунонки А.И. Смирнитский қайд мекунад… ба характери предметии маънои категориявии ин гурӯҳи калимаҳо вобаста аст [22, с.135]. Дар ҳақиқат, мубтадо нисбат ба ҳамаи аъзоҳои ҷумла мустақилияти комил дошта, маркази онро ташкил мекунад ва аз ин рӯ, табиист, ки вазифаи мубтадо маҳз ба калимаҳо хос аст, ки предметро ифода мекунад. Агар предмет набошад, на протсес вуҷуд дошта метавонад ва на сифати он. Маҳз предмет дорои мустақилияти баркамол аст, ки онро вазифаи мубтадо талаб мекунад. Исм аз рӯйи алоқаи калимаҳо ва муносибати синтаксисӣ дорои чунин хусусият аст: вай ҳангоми дар вазифаи мубтадо омаданаш бо феъл (ҳам дар шакли тасфирӣ ва ҳам дар шакли ғайритасрифиаш) алоқаманд мегардад. Исм айнан ҳамин тавр бевосита ба сифат алоқаманд мегардад ва ин маълум аст, ки сифат аломати предмет аст ва бе предмет вуҷуд дошта наметавонад. Дар ҳарду забон сифат ба исм тобеъ мегардад, вале дар бобати воситаҳои грамматикии алоқаи исму сифат дар байни забонҳои муқоисашаванда фарқияте дида мешавад. Дар забони англисӣ алоқаи грамматикии исму сифат дар заминаи маънои лексикӣ – семантикӣ ва ҷойи онҳо дар ҷумла зуҳур меёбад. Дар ин забон воситаҳои материалии грамматикӣ-алоқаи исму сифат вуҷуд надоранд. Дар забони тоҷикӣ алоқаи исму сифат тавассути воситаҳои грамматикӣ анҷом ёфта дар ду шакл-дар шакли изофа (бештар) ва ғайриизофа (камтар) зуҳур меёбад. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи исм он аст, ки вай бо пешояндҳо (дар ҳарду забон), бо артиклҳо (дар забони англисӣ) ва бо аломати номуайянӣ – ишоратии –е (дар забони тоҷикӣ) омада, характери субстантивӣ-предметии худро зоҳир

мегардонад. Ин хусусият ба дараҷае ба исм характернок аст, ки ҳар гуна калимаҳое, ки бо ин воситаҳои грамматика омадаанд, одатан чун исм ба назар мерасанд [18, с.213].

Исм дар ҳарду забони муқосашаванда, ки ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, аз ҷиҳати шакл ва хусусиятҳои морфологӣ бой нест. Аз нуқтаи назари морфология исм дар ин забонҳо дорои категорияҳои шумора, муайянӣ-номуайянӣ дар ҳарду забон, категорияи шахс ва ғайришахс, исмҳои ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт мебошад, ки дар поён дар хусуси ҳар якеашон маълумот хоҳем дод. Танҳо қайд кардан ҷоиз аст, ки категорияҳои номбурда маҳз аз он ҷиҳат категорияҳои морфологӣ шуморида мешаванд, ки ҳар якеашон воситаҳои махсуси морфологӣ-грамматикӣ дошта, бо дигар исмҳо ва дар муносибати ҳамдигарӣ оппозитсияи грамматикиро ташкил мекунанд.

Масалан, исмҳои забони тоҷикӣ **шабе** ва **хонаҳо** ба туфайли аломати номуайянӣ-ишоратии –е ва суффикси ҷамъбандии-ҳо аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати шакл аз калимаҳои **шаб** ва **хона** фарқ мекунанд ва бо онҳо дар муносибати мутоқобил меистанд. Гуруҳи дигар исмҳо низ, масалан, исмҳои шахс ва ғайришахс, ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт, ки аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки аз ҷиҳати тағйиротҳои шаклӣ-морфологӣ, мавҷудият ва истеъмоли воситаҳои грамматикӣ ва ифодаёбии категорияҳои грамматикӣ фарқ карда, оппозитсияҳои ба худ хосси грамматикиро ташкил мекунад. Категорияи падеж танҳо ба забони англисӣ хос буда дар ду шакл-дар шакли умумӣ ва нисбӣ-соҳибӣ (Common Case and Possessive Case) зоҳир мегардад, ки дар забони тоҷикӣ бо роҳу воситаҳои махсуси грамматикӣ ва баъзан бо роҳи лексикӣ ифода меёбад. Категорияи ҷинсият дар ҳарду забон аз нуқтаи назари морфологии категорияи мазкур, пеш аз ҳама, бо роҳи лексикӣ-семантикӣ, қисман бо роҳи синтаксисӣ (дар забони англисӣ) ва баъзан бо роҳи иқтибосӣ (дар забони тоҷикӣ) ифода мегардад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи исм он аст, ки дар ҳарду забон суффиксҳои махсус мавҷуданд, ки дар калимасозии исм ширкат доранд. Масалан, дар забони англисӣ суффиксҳои нисбатан серистеъмоли -ness, ки аз сифат, феъл, исм месозад ва -ing, ки аз феъл исм месозад, аз қабили чунин суффиксҳо мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи чунин суффиксҳо суффиксҳои-иш (аз феъл исм месозад), -чӣ, -гар, -бон (аз исм исм месозад), -ро (аз феъл исм месозад) ва чанде дигар дохил мешаванд. Ба ин тариқ, исм дар забонҳои муқоисашаванда аз нуқтаи назари маънои умумӣ, мавҷудияти категорияҳои грамматикӣ ва умуман аз рӯйи маънои лексикӣ-сементикӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисӣ умумияти маълуму муайян дошта, танҳо аз рӯйи воситаҳои грамматикӣ ва истеъмолшавии онҳо, инчунин аз нуқтаи назари миқдори категорияҳои грамматикӣ фарқ доранд, ки дар ин бора дар бобҳои дахлдори кор маълумот хоҳем дод.

Категорияи шумора дар ҳарду забон яке аз категорияҳои марказии исм буда, дар ду категорияи дохилии он ҷамъ ва танҳо, зоҳир мегардад. Категорияи мазкур, пеш аз ҳама, ба предметҳои шуморидашаванда (об, офтоб, гандум, гармӣ, хунукӣ, далерӣ, муҳаббат, ҳаёт ва ғайра) аз рӯйи зарурат ва аналогия ба вуҷуд омадааст ва дар ин гурӯҳи исмҳо хусусияти ба худ хоссеро ҳам ба худ пайдо кардааст. Пас, мавҷудияти категорияи шумора дар ҳарду забон маҳз ба мавҷудияти предметҳои шуморидашаванда вобаста буда, барои ба ифодаи миқдори онҳо-яке ва ё зиёда аз он будани онҳо, хизмат мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳарду забони муқоисашаванда умумияти устувори типологӣ доранд. Вале аз ҷиҳати тарзи ташккулёбии категорияи шумора, мавҷудияти воситаҳои грамматикӣ ва дараҷаи истеъмолшавии ин ё он воситаҳои грамматикӣ дар байни забонҳои муқоисашаванда фарқият дида мешавад [31, с.78].

Одатан, дар грамматикаҳои ҳарду забон ду категорияи дохилии шумораро дар исм ҷамъ ва танҳо, қайд мекунанд, ки ин бешубҳа асосан ва моҳиятан дуруст аст. Вале категорияи мазкур на танҳо дар муносибати ҳамдигарии забонҳои муқоисашаванда, балки дар ҳар кадоми онҳо гурӯҳи хусусиятҳои махсусеро зоҳир намуда, аз доираи муқаррарии мафҳуми ҷамъ ва танҳо берун мебарояд. Масалан, дар ҳарду забон исмҳое мавҷуданд, ки шаклан ҷамъ вале аз ҷиҳати маъно як чизи бутун шуморидашавандаро ифода мекунанд ва аз ин рӯ, агар чунин исмҳо мубтадо шуда оянд, хабарашон дар шакли танҳо меистад. Калимаи англисии news навигарӣ, калимаҳои тоҷикии Ҳафтдодарон, Роҳи каҳкашон, Чилдухтарон ва ғайра бо вуҷуди суффикси ҷамъ доштанашон, ба маънои танҳо фаҳмида мешаванд.

Дар забони англисӣ баъзе калимаҳои дигар низ, ки суффикси ҷамъбандии -s доранд, масалан, a silver scissors, a deserted barracks, works ба маънои завод: a chemical works маънои танҳоро ифода карда, ҳангоми ба вазифаи мубтадо омаданашон хабар дар шакли танҳо меистад.

Дар забони англисӣ исмҳое мавҷуданд, ки онҳо шаклан танҳо, вале мазмунан мафҳуми ҷамъро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ба вазифаи мубтадо омадани чунин исмҳо хабар, мувофиқи мазмуни умумии ҷумла метавонад дар шакли ҷамъ истад. Ба ин гурӯҳи исмҳо калимаҳои family-оила, government-давлат, team команда, committee-комитет, board crew-команда, audience-тамошобин ва ғайраҳо дохил мешаванд. Мувофиқи

терминологияи грамматикаи забони англисӣ ин гурӯҳи калимаҳо вобаста ба ҷумла метавонанд, ки ифодакунандаи noun of multutde гарданд. Масалан, дар ҷумлаи his family is small оилаи вай хурд аст калимаи family-оилаи мафҳуми ягонагиро доро мебошад. Вале агар калимаҳои his family бо калимаҳои the members of his family аъзоёни оилаи вай иваз шавад, маънои ҷумла (the members of the family are small аъзоёни оилаи вай бисёр нест) дигар мешавад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забонҳои англисию тоҷикӣ дар масъалаи мазкур иборат аз он аст, ки суффиксҳои ҷамъбандии забон тоҷикӣ, махсусан суффикси-ҳо, бо исмҳо омада, хусусияти таъкидкунӣ пайдо мекунад ва гуфтани он, ки чунин исмҳо дар шакли ҷамъ омадаанд, нодуруст аст. Масалан, калимаҳои *дил ва ҷигар дар ҷумлаҳо* дар ҷумлаҳои (дилҳоям ба зад, ҷигарҳоям хун шуд) суффикси ҷамъбандии-ҳо-ро қабул карда бошанд ҳам, маънои ҷамъро ифода накардаанд: онҳо танҳо аз ҳад зиёд шудани амалиётро таъкид кардаанд.

Дар забони тоҷикӣ ифодаҳои типии *солҳои сол, асрҳои аср* мавҷуданд, ки ин типи ифодаҳо дар забони англисӣ мавҷуд нестанд. Дар ин тариқа ифодаҳо суффиксҳои ҷамъбандӣ мафҳуми бисёриро ифода мекунад, вале ба вазифаи муқаррариаш наомадааст. Вай ҳангоми такроршавии исмҳо (сол ва аср) омада, дар муддати муайяну дурудароз ҳамчун ҷараён давом доштани амалиётро ифода мекунад.

Дар забони тоҷикӣ исмҳои шуморидашаванда, масалан исмҳои хос ва баъзе исмҳои ҷинс (об, гандум), суффикси ҷамъро қабул карда метавонанд. Масалан, агар топонимҳо суффикси ҷамъбандии -ҳо-ро қабул кунанд, на мафҳуми ҷамъ, балки мафҳуми тахмини (фалон ҷой) –ро ифода мукунанд [5, с.134].

Ниҳоят ҳаминро бояд қайд кард, ки забонҳои муқоисашанда аз нуқтаи назари миқдори суффиксҳои ҷамъбандӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ ду суффикси ҷамъбандии исм (-ҳо,-он) ва вариантҳои он (-гон,-вон,-ён), инчунин суффиксҳои ҷамъбандии иқтибосии арабӣ:-он (-вот,-ҷот): наботот, ташкилот, мевачот, савзавот ва ғайра, суффисҳои-айн: тарафайн, қавсайн, зулфайн ва ғайраҳо мавҷуданд. Дар забони англисӣ асосан як суффикси ҷамъбандӣ - s мавҷуд аст.

Дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда суффиксҳои ҷамъбандӣ ба ҳодисаи лексикализатсия дучор шуда, қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи калимаро ташкил кардаанд.

Исмҳои забони англисӣ дар шакли холис одатан танҳо дар луғатҳо дода мешаванд, вале дар забони муқаррарӣ ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи даҳонӣ бе эзоҳдиҳанда истеъмол намеёбанд.

Исм дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда аз рӯйи шумора тағйир меёбад.

Исм дар забонҳои муқосашаванда ба як аз ҳиссаи нутқи асосӣ ва мустақил дохил мешавад. Категорияи шумора дар ин забонҳо яке аз аломатҳои асосии морфологии исм ба шумор меравад. Дуруст қайд карданд, ки категорияи шумораро дар забони англисӣ исм дар асоси дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо мекунад.

Дар забони тоҷикӣ категорияи шумора аломати асосии грамматикӣ мебошад, ки исмро аз сифат фарқ мекунонад. Шумораи танҳо дар исмҳо дар ҳарду забон нишондиҳандаи сифр мебошад: китоб – book.

Дар забони тоҷикӣ нишондиҳандаи шумораи ҷамъи исмҳо суффиксҳои -ҳо, -он, (гон, -вон), дар забони англисӣ бошад –s, -es мебошад. Масалан, китобҳо – books.

Дар ҳарду забон исмҳо хос ва ҷинс мешаванд: Карим –Kobert, духтар – girl.

Дар байни исмҳои ҷинс гурӯҳи исмҳои ҷомеъро, ки номи предмет ва ё шахсияти алоҳида набуда, балки гурӯҳи предмет ва ё шахсият ҳастанд, ҷудо кардан мумкин аст: оила –family, тӯда –crowd.

Дар ҳарду забон агар исми ҷомеъ ба вазифаи мубтадо биёяд, феъл-хабар метавонад дар шумораи танҳо бошад : Оилаи вай калон аст.-His family is large.

Дар забонҳои муқоисашаванда исмҳои ҷомеи “пода –cattle”, ”милитсия-police” чун исми ҷамъ истифода бурда мешавад. Бар хилофи забони англисӣ, дар забони тоҷикӣ хабар бо ин гуна мубтадо дар шумораи танҳо меистад: Пода омада истодааст.-The cattle are coming.

Исми «ҳалқ» -people бо маънои халқ дар ҳарду забон бо хабар дар шумораи танҳо истифода бурда мешавад: Ҳалқ интизор аст.-People of Chine are numerous.

Дар забони тоҷикӣ исмҳои аз забони арабӣ иқтисобшуда шумораи ҷамъашонро бо роҳҳои флексияи дохилӣ ва ё суффиксҳои –от (-ёт,-ат), -ин ва шумораи (шикаста) вайрон месозанд: ахбор, муаллимин. Дар забони арабӣ ҳозира ҷамъи вайрон (уламо, модарис) архаистӣ ҳисоб шуда, баъзан истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи морфемаи –ҳо ва -он чун нишондиҳандаи шумораи ҷамъи исмҳо фарқ мекунад. Суффикси англисии –s (-es) ҳам ба –ҳо ва ҳам ба-он мувофиқат мекунад: хона –хонаҳо (room-rooms), духтар-духтарон, духтарҳо(girl-girls).

Дар ҳарду забон намуди шумораи танҳо метавонад ҷамъро чун як ҷузъи мураккаб ифода кунад; мардум-people; пул-money ва баръакс: намуди шумораи ҷамъ метовонад предмети шумораи танҳоро нишон диҳад: аслиҳа (ярок)-arms. Калимаҳои монанди: ҷуфт-pair, оила –family, армия- army дар ҳарду забон аз рӯйи алоқаи синтаксисӣ ва маънои лексикӣ метавонанд ба шумораи танҳо ва инчунин шумораи ҷамъ мувофиқат кунанд.

Исмҳои забони англисӣ, ки бо роҳи ивази флексияи дохилӣ сохта мешаванд: man-men, woman-women, tooth-teeth, child-children, goose-geese, mose-mice барои забони тоҷикӣ флексияи ғайримуқаррарӣ мебошад ва роли интерференсия калон мебошад: тоҷикон аксар вақт ба ҷойи men, mans ба ҷойи children-childs мегӯянд, ки ин нодуруст мебошад.

Дар забони англисӣ номҳои бисёр предметҳои ҷуфт дар шумораи ҷамъ истифода бурда мешаванд: scissors-қайчи (микрос), spectacles -айнак, scales -тарозу, trousers - шим, ҳоло он ки дар забони тоҷикӣ ҳамон вақт дар шумораи ҷамъ истифода бурда мешавад, ки вақте ки якторо дар назар надорад: Тарозуро биёр bring the scales " Тарозуҳоро биёр"

"Якчанд тарозуҳоро биёр"-ро ифода мекунад. Ба монанди забони англисӣ, дар забони тоҷикӣ калимаи мева-fruit дар шумораи ҷамъ барои ифодаи меваҳои гуногун истифода бурда мешавад: Меваҳо пухтанд-Fruits are ripe.

Дар ҳарду забон калимаи "математика, физика, фонетика" (mathematics, physics, phonetics) танҳо дар шумораи танҳо истифода бурда мешавад, гарчанде ки дар забони англисӣ бо суффикси-s сохта шудаанд.

Баъзе исмҳо дар забони англисӣ чун забони тоҷикӣ танҳо дар шумораи танҳо истифода бурда мешаванд. Инҳо исмҳои шуморидашаванда мебошанд: дӯстӣ - friendship, муҳаббат - love, рашк-jealousy.

Бар хилофи забони англисӣ, дар забони тоҷикӣ исмҳо дар ибора, бо шумора ва нумератив меоянд, дар шумораи танҳо истифода бурда мешаванд: ду китоб, чорта себ ҳоло он ки дар забони англисӣ бояд: two books, four apples гуфтан лозим аст.

Дар ҳарду забон исмҳои мураккаб дар шумораи ҷамъ бо ёрии суффикси-ҳо ва ё (-s), ки ба асоси исм ҳамроҳ мегардад, сохта мешаванд: хоҳарарӯсон-sister-in-law, додаршуён-brother-in-law. Бар хилофи забони тоҷикӣ, исмҳои information, progress дар забони англисӣ танҳо дар шумораи танҳо ва ҳам дар шумораи ҷамъ истифода бурда мешаванд: Thank you for your advice.

Исмҳо, махсусан он исмҳое, ки аз забони лотинӣ ва юнонӣ иқтибос шуданд, дар худ ҳамон намуди шумораи ҷамъеро, ки дар ҳамон забонҳо доштанд, нигоҳ доштанд: datum-date, phenomenon-phenomena. Онҳоро ба калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ муқоиса кунед. Исми мӯй-hair вақте ки бо маънои "торҳои мӯ" истифода бурда мешавад, шакли шумораи ҷамъ дорад: Ӯ бисёр ҷавон менамояд, гарчанде ки мӯйҳои сафеди ӯ (сараш) аз дур намоёнанд. She looks very young, though a dozen of grey hairs are seen on her head from a distance.

Таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар мутобиқи лексикии шумораи танҳои тоҷикӣ, шумораи ҷамъи англисӣ рост меояд: а) дар ҳолати ҷудо кардани гурӯҳи Plural Tantum исмҳои забони англисӣ: либос clothes, алоқа links; б) дар ҷудо кардани номи баъзе бемориҳо: сурхча-measles; в) дар вақти ҷудо кардани терминҳои илмӣ ва бозиҳои спортӣ: акустик-accustics, шашка – draughts.

Дар забонҳои муқоисашаванда артикл яке аз роҳҳои асосии ифодаи категорияи муайянӣ ва номуайянӣ мебошад, аз сабаби он ки вай дар ҷумла роли муҳимро мебозад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ артикл ҳамчун калима ва ҳамчун морфема дида баромода мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми М.Турсунзода / А. Абдукодиров. -Душанбе: Дониш, 1988. -125 с.
2. Абдукодиров А. Асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ / А. Абдукодиров, У. Умаралиева. - Хучанд, 2001. - 83 с.
3. Аминов С. Забони модарӣ барои синфи 7 / С. Аминов. - Душанбе: Сарпараст, 2002. - 224 с.
4. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ / Н.Бозидов. - Душанбе: Маориф, 1977. - 152 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексика); зери таҳрири профессор Тоҷиев Д. Т.). - Душанбе, 1981. - 106 с.
6. Камолиддинов Б. Мухтасар дар бораи услубшиносӣ // Маҷмӯаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 1973. - С.33-49.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони тоҷикӣ. Синтаксис барои синфҳои 7-8 / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1978. - 208 с.
8. Нуров П. Истилоҳ, ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ / П. Нуров; зери таҳрири С. Назарзода. - Душанбе, 2008. - 225 с.
9. Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои 4-8 / С. Ҳоҷиев. - Душанбе: Маориф, 1987. - 118 с.

ИСМ ДАР ЗАБОНҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА

(забонҳои тоҷикиву англисӣ)

Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз ҳиссаҳои нутқ – исмро таҳлил намуда, онро дар забонҳои тоҷикиву англисӣ муқоиса намудааст. Ӯ таҳлил намудааст, ки дар ҳарду забон исм на танҳо номи

предметҳои ҳақиқати реалӣ, балки номи амалиёт, хусусият, муносибат, ҳолат ва ғайраҳоро, ки фикран чун предмет шинохта мешавад, дар бар мегирад. Маънои умумии исмҳо ва гурӯҳҳои семантикӣ – грамматикии онҳо дар ҳарду забони муқоисашаванда қариб як аст. Дар ҳарду забон исмҳо ба конкрет (номи предметҳо ва чизҳои ҳақиқати реалӣ) ва абстракт (номи ҳолату вазъият ва ғайраҳо) ҷудо мешаванд. Дар ҳарду забон калима - исмҳое мавҷуданд, ки номи предметҳои номавҷуд, ғайриреалиро ифода мекунанд, ки бо бисёр хусусиятҳои грамматикиашон ба гурӯҳи якуми исмҳо- ба гурӯҳи исмҳои конкрет дохил мешаванд. Бар хилофи забони англисӣ, дар забони тоҷикӣ исмҳое, ки бо ибора, шумора ва нумератив меоянд, дар шумораи танҳо истифода бурда мешаванд. Одатан дар грамматикаҳои ҳарду забон ду категорияи дохилии шумора дар исм ҷамъ ва танҳоро қайд мекунанд, ин бешубҳа асосан ва моҳиятан дуруст аст. Вале категорияи мазкур на танҳо дар муносибати ҳамдигарии забонҳои муқосашаванда, балки дар ҳар кадоми онҳо гурӯҳи хусусиятҳои махсусеро зоҳир намуда, аз доираи муқаррарии мафҳуми ҷамъ ва танҳо берун мебарояд. Дар забони тоҷикӣ категорияи шумора аломати асосии грамматикӣ мебошад, ки исмро аз сифат фарқ мекунонад. Шумораи танҳо дар исмҳо дар ҳарду забон нишондиҳандааш сифр мебошад. Исм дар ҳарду забони муқосашаванда, ки ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, аз ҷиҳати шакл ва хусусиятҳои морфологӣ бой нест. Аз нуқтаи назари морфология исм дар ин забонҳо дорои категорияҳои шумора, муайянӣ-номуайянӣ, категорияи шахс ва ғайришахс, исмҳои ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт мебошад.

Калидвожаҳо: исм, исмҳои конкретӣ, исмҳои абстрактӣ, ҳиссаҳои нутқ, грамматика, синтаксис, семантика, гурӯҳи исмҳо, забон, таҳлил.

СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ В СОПОСТАВИТЕЛЬНЫХ ЯЗЫКАХ

(в таджикском и английском языках)

В настоящей статье автор рассматривает одну из частей речи - имя существительное и сопоставляет его в таджикском и английском языках. Автор анализирует, что в двух сопоставляемых языках имя существительное обозначает не только предмет, но и имя действия, особенность, отношение, положение и др. Общая семантика существительных и их группы в обоих языках почти одинаковы. В анализируемых языках существуют конкретные и абстрактные существительные. В обоих языках существуют слова-существительные, которые представляют имена нереальных и несуществующих предметов, которые со многими грамматическими особенностями входят в группу конкретных существительных. В отличие от английского языка, в таджикском языке существительные используются вместе с числительными и нумеративом в единственном числе. Обычно в грамматике обеих языков отмечаются две внутренние категории в единственном и множественном числе имен существительных, и это является правильным по существу. Однако данная категория проявляется не только по отношению друг к другу в сопоставляемых языках, но и в каждом из них определенную группу, и выходит за рамки обычного значения единственного и множественного числа. В таджикском языке категория числа является основным грамматическим признаком, который отличает имя существительное от имени прилагательного. Единственное число в имен существительных в обоих языках является показателем нуля. Существительное в обоих исследуемых языках, входящих в группу аналитических языков, не богато морфологическими особенностями. С точки зрения морфологии, существительное в этих двух языках имеет категорию числа, категорию лица, контракта и абстракта.

Ключевые слова: имя существительное, конкретные и абстрактные существительные, части речи, грамматика, фонетика, синтаксис, семантика, язык, анализ, предмет, числительные, особенности.

NOUNS IN THE COMPARATIVE LANGUAGES

(In Tajik and English)

In this article, the author considers one of the parts of speech - the noun and compares it in Tajik and English. The author analyzes that in two comparable languages the noun denotes not only the object, but also the name of the action, the singularity, the relation, the position, etc. The general semantics of nouns and their groups in both languages are almost identical. In the analyzed languages, there are concrete and abstract nouns. In both languages, there are nouns that represent the names of unreal and non-existent objects that, with many grammatical features, are part of a group of specific nouns. Unlike English, in the Tajik language, nouns are used together with numerals and numbers in the singular. Usually in the grammar of both languages there are two internal categories in the singular and plural of nouns and this is correct in essence. However, this category is manifested not only in relation to each other of compared languages, but in each of them a certain group, and comes out of the framework of the ordinary meaning of the singular and the plural. In the Tajik language, the numeral category is the main grammatical attribute that distinguishes the noun from the adjective. The only number in the nouns in both languages is an exponent of zero. The noun in both languages is a group of analytic languages and is not rich in morphological features. From the point of view of morphology, the noun in these two languages has a category of numerals, a category of a person, a contract and an abstract.

Key words: noun, concrete and abstract nouns, parts of speech, grammar, phonetics, syntax, semantics, language, analysis, subject, numerals, peculiarities.

Сведения об авторе: ***Муродова П.*** - Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 987-56-04-88**

Information about the author: ***Murodova P.*** - Tajik national University, assistant of the General University Department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17.
Tel.: **(+992) 987-56-04-88**

УДК: 491.550

СЛОВОСЛОЖЕНИЕ КАК СПОСОБ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ ВОЕННЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Худоиева Н.Н.
Военный институт Министерства обороны Республики Таджикистан

При морфологическом освоении заимствованной лексики наиболее продуктивным способом словообразования является способ словосложения, поскольку именно посредством словосложения образовано большинство лексики таджикского языка, имеющей в качестве одной из основ заимствованные единицы. Словосложение - это способ образования новых слов при помощи соединения как одинаковых частей речи, так и разных.

Словосложение современного таджикского языка имеет некоторые особенности, отличающиеся от общелитературного языка в плане функционирования и роста продуктивности. Сложное слово - это цельнооформленная лексическая единица, состоящая из двух или большого количества простых, производных или сложных слов, выражающая одно понятие, имеющая одно ударение и употребляющаяся в предложении в роли одного члена предложения.

Если исходить из этого определения, то весь пласт употребляемых сложных слов, можно разделить на три группы:

а) с простыми;

б) с производными;

в) со сложными основами [2, с.58].

В первую группу входят такие слова, *как* ***ҷазонома*** *- постановление о наказании,* ***шабохун (шабехун)*** *- ночное нападение,* ***нуқсондор****–дефектный,* ***дудангез, дудовар****- дымовые,* ***сулҳнома*** *- мирный договор,* ***ҳамлаовар*** *-нападающий,* ***ҳуҷумгард*** *- защитник.*

Вторая группа включает слова типа ***ҳарбикунонӣ*** *- военизация,* ***ҷанговарӣ*** *- воинственность,* ***истилогарона*** *- агрессивная,* ***забткорона*** *–оккупационная,* ***озодкунанда*** *– освободительная,* ***партизанӣ*** *- партизанская* ***мусаллаҳнокӣ*** *- вооружаться,* ***алангагирӣ****- воспламенение,* ***даргиронак*** *воспламенитель,* ***баробарҳуқуқӣ*** *- равноправие.*

И, наконец, третья группа состоит из сложных слов, образованных из двух или трех основ. Например, ***шартномабандӣ*** – договор, ***автозиреҳпӯшдор*** *– автоброневик,* ***тирхоликунӣ*** *– выстрел,* ***бугикунанда*** *– удушающий,* ***газдоркунӣ*** *- газирование,* ***газногузар*** *- газонепроницаемый,* ***газмонанд*** *- газообразный,* ***ақибнишинӣ*** *- отступление,* ***газмуайянкунанда****- газ отравленный,* ***лашкаркаш*** *– полководец,* ***зиреҳшикан*** *- бронебойные,* ***оташзананда*** *– зажигательные,* ***тирпарронӣ, тирандозӣ*** *- перестрелка,* ***пиёданизом*** *– стрелковые,* ***термоядроӣ*** *- термоядерные,* ***бомбаандоз, бомбаафканӣ, ҳамлакунанда*** *- штурмовик,* ***бомбаборон, бомбаандозӣ, бомбапартоӣ*** *- бомбёжка,* ***бомбагир*** *- бомбадержатель,* ***оташфишонӣ*** *– огневой* и др.

Моносемантичность сложного слова не является результатом словосложения, она обусловлена выбором значения для данного сложного слова. Кроме того, в военной лексике таджикского языка функциональная нагрузка новых сложных слов узка. Слово приобретает многозначность при широкой функциональной нагрузке, длительном употреблении в разных областях языка, усвоении его в поэзии, прозе, научной литературе, профессиональной, официально - деловой, разговорной и литературной речи, что требует более длительного периода. Поэтому сложные слова, возникшие в военное время в таджикском языке, имеют различные функциональные нагрузки. Они в основном употребляются в военной области терминологии, которые еще недостаточно детерминированы. В связи с этим сложные слова таджикской военной лексики характеризуются моносемантичностью.

При образовании сложного слова не упраздняется многозначность лексемы, а берется одно из ее значений. Характерной особенностью словосложения таджикского языка является систематизация словообразовательных моделей. Конечно, классификация слов по моделям носит относительный характер, так как не все слова могут быть включены в определенные модели согласно их значениям, продуктивности, по способам образования и функциональной нагрузке в терминообразовании, т.е. не все слова образуются по продуктивным моделям. Их функциональная нагрузка, словообразовательное значение не всегда соответствуют общему словообразовательному значению модели.

В основном в образовании сложных слов в таджикском языке участвуют:

1) существительные: а) конкретные, б) абстрактные; 2) прилагательные; 3) числительные; 4) местоимения; 5) предлоги; 6) глаголы: а) основы настоящего времени глагола, б)

повелительное наклонение; в) основы настоящего времени сложноименного глагола; 7) причастия; 8) наречия.

Именно эти части речи являются основным лексическим материалом при образовании новых сложных слов. Эти модели стали продуктивными в таджикском языке[1, с.128].

Систематизация по словообразовательным моделям позволила заключить, что развитие лексики таджикского языка, зафиксированное в разные годы ее существования, протекало по-разному. Основным способом пополнения лексики является расширение семантики слов старого нейтрального фонда, при этом возрастает продуктивность некоторых словообразовательных моделей, ранее малопродуктивных, например, модель с на – **аз нав**: ***азнавмусаллаҳкунӣ (перевооружение***) или модель прилагательных с начальным **зидди** - ***зиддифашистӣ (антифашистский***), ***зиддитеррористӣ*** и др.

В послевоенные годы появились крупные блоки по модели: конкретное *существительное + тайёркунӣ* типа ***яроқтайёркунӣ, тайёркунӣ***. В этот период под воздействием внешних и языковых факторов увеличивается продуктивность и другой модели со вторым компонентом – **хона:** ***бомбахона, яроқхона, тупхона, курхона, аслиҳахона.*** Причем ее словообразовательная активность сопровождалась, во-первых, распределением сферы ее употребления и, во-вторых, новыми видами сочетаемости.

Слово **хона** выступало в роли второго компонента сложных слов с начальным словом исконного или арабского происхождения, и образуются слова с начальным русско-интернациональным компонентом, типа ***консулхона (консульство), документхона (архив*)**. В послевоенные годы активизация новых моделей происходит одновременно с новым способом словообразования, качественно отличающимся от такового на прежнем этапе развития лексики таджикского языка, т.е. в послевоенные годы новые слова образовались как от исконных, так и от русских заимствованных слов: ***дивизия–дивизия, артиллерия-артиллерӣ,*** *диктатура* - ***диктатура****: диспетчер* - ***диспетчер****: коргаре, ки ҳаракати поездҳоро, истеъмоли қувваи электрикро дар стансияи электрикӣ ба воситаи сигналу ишоратҳои махсус мунтазам мекунад;* ***дистансия, фосила, масофа - дистанция, интизом*** *– дисциплина,* а в последующие периоды развития лексики эта модель образует огромное количество новых слов, функционирующих в основном в области научно-технической терминологии. Например, ***ғайриатомӣ –*** *безатомный****, ғайриҷангӣ*** *- антивоенный*. В послевоенные годы появилась модель с начальным компонентом **баробар**: ***баробарҳуқуқ*** [1, с.288].

К способу словосложения следует отнести также образование новых слов (понятий) с помощью глагольных основ, соединенных союзом **-у (-о),** повтор данного слова без изменения или с изменением его звукового состава. Например: ***задухурд*** *— битва, сражение;* ***занозанӣ*** *— драка, потасовка; наступая (наступательно)-****ҳамлаовар.***

Рассматривая проблему словосложения в таджикском языке, более подробно следует отметить, что сложные словоформы могут выглядеть как:

а) сочетания двух существительных. Повторение одного и того же существительного, соединенных между собой без интерфикса и с интерфиксами –**о-** и –**у- (***ҳамроҳа, найзакорд, торумор* **)**. Так образуются преимущественно прилагательные и наречия (*баробар (шав), рӯ ба рӯ, ҷобаҷо (шав), пайдарпай, ба ҷанг, ба назди силоҳ*). Особо стоит отметить, что данные слова могут употребляться в таджикском языке с дополнительными постфиксами, типа: *пайдарпаӣ, баробарӣ* и т.д.

б) редупликация одного и того же существительного без интерфикса, но с возможным добавлением постфиксов **-ӣ, -а-,** (*сафарбарӣ, типарронӣ, даста, ҳамроҳа, радда, якрадифа,)*

в) соединение двух разных существительных с помощью интерфикса **у**, (*тирутор, торумор, фурӯшинонӣ)*

г) сочетание двух разных существительных без связки **(***занбарғалтак,* образуется при сочетании словоформ *занбар* и *ғалтак, тирдон- тир и дон, амрнома- амр и нома, куланғдон – куланг и дон*);

д) Сочетание существительного и глагола без связок (минагузорӣ, тирпарронӣ, норинҷакандоз, оташфишонӣ, дастурдиҳанда, тиргузор)

Исследуя весь собранный материал, мы выделили следующие модели:

1. Модель N+N=N бомбаборон – бомбардировка, автовзвод – *автовзвод****, аэродром –*** *аэродром****, газопровод-****газопровод****, обдон – фляжка****, зиреҳсипар -* *щит броневой*, **сарҳад –** *граница;*

2. Модель N+V=A **газмонанд -** ***газообразный,*** **гранатаи** ***дудпош*** *-граната дымовая****.*** *фармонбардор -подчинённый,* ***хуҷумовар. хуҷумоварона – наступательный, навбатдор – дежурный.*** **озодхат.** ***рухсат*****нома - *записка увольнительная. баркмонанд. барквор – молниеносный.*** *яроки оташфишон - оружие огнестрельное, галабаовар – победоносный,* ***яроқи танкзан -оружие противотанковое;***

***3. Модель N+V=N бомбапартоӣ, туппарронӣ – бомбардировка, ҷанговар** –боец, **иҷрокунӣ, бачооварӣ** –выполнение, **минаандоз** -миномётчик, **танкрон** -водитель танка, **нагоразан** –барабанщик, **фармондех**- командующий, **алангагирӣ, шуълаваршавӣ** – воспламенение, **газпошак** – газораспылитель, **ториккунӣ** –затемнение, **бомбадорак** – бомбодержатель;*

4. Модель N+V+V=N обчудокун** – водораздел, **тирхоликунӣ – выстрел, тирҷойкунӣ, тирпуркунӣ** – заряжание, куркунӣ, нобинокунӣ-ослепление, **пешхамшавӣ – выпад;

***5. Модель V+V=N** шикастпора – осколок, гуфтушунид, гуфтугузор – переговоры, азнавтайёркунӣ, тайёрии такрорӣ – переподготовка, аз нав тартиб ёфтан, аз нав саф кашидан –перестраиваться, аз нав бахисобгирӣ – переучет, сарбози (аскарӣ) пиёда, пиёдасарбоз, пиёданизом (пиёдааскар) – пехотинец, пиёдагард – пехотный, задухӯрд - столкновение, тирандоз – **стрелок,** дакказанӣ – таран, мушкилгузар – труднопроходимый, **дидбон** - наблюдатель, **ақибнишинӣ** – отступление, **нишонгир** – наводчик.*

Таким образом, модели сложных слов таджикского языка по военной терминологии, во-первых, свидетельствуют о том, что пополнение лексики идет в основном за счет слов, выражающих имя деятеля, орудия, процесс, и гораздо реже прилагательных. Во-вторых, все эти модели сложных слов, участвующие в обновлении лексики, занимают разные ступени единой словообразовательной системы. Одни особенно продуктивны в плане количества, другие - в плане содержания. Их всех объединяет одно - функционирование в терминологии. Кроме того, в образовании сложных слов широко участвует имя существительное. Военная терминология таджикского языка, можно сказать, ещё практически малоизучена и требует к себе особого внимания и исследования. В ней очень много различных словообразовательных процессов, которые не характерны другим профессиональным языкам таджикского языка. Для этого необходимо исследовать не только словообразовательный процесс, но также семантическое значение военной лексики и терминологии в его историческом диахронном и синхронном ракурсе.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ч.1.-Душанбе: Дониш, 1985.-356 с.
2. Рузиева Л.Т. Упражнения по усвоению русских прецедентных феноменов. Учебное пособие / Л.Т. Рузиева. - Душанбе: ТНУ, 2015. - 97 с.
3. Шевчук В.Н. К вопросу о лексико-семантическом способе образования военных терминов / В.Н. Шевчук // Сб. статей / Воен. ин-т. - 1985. - №20. - С. 131-137.

ПАЙВАСТШАВИИ ДУ Ё ЗИЁДА КАЛИМАҲО ҲАМЧУН ВОСИТАИ КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ ҲАРБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола гуфта шудааст, ки яке аз воситаҳои сермаҳсули калимасозӣ, ин воситаи пайвастшавии ду ё зиёда калимаҳо мебошад. Калимасозӣ ин воситаи сохтани калимаҳои нав бо ёрии пайвастшавии ҳиссаҳои нутқи ба ҳам монанд ва гуногун аст. Калимасозии истилоҳоти ҳарбӣ ба воситаи пайвастшавии исм, феъл, сифат, пешояндҳо ва ғ. сурат мегирад. Луғати ҳарбӣ асосан аз ҳисоби калимаҳое, ки шахси амалкунанда, олот, амал, раванд, ҳаракат, фармонро ифода мекунанд, зиёд мешавад. Калимаҳои нав, аз калимаҳои аслӣ ва иқтибосҳои забони русӣ таркиб ёфтаанд. Моделҳои калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ оиди истилоҳоти ҳарбӣ, якум, ин ки аз он шаҳодат медиҳанд, ки афзуншавии луғат аз ҳисоби калимаҳое меравад, ки номи арбоб, олти ҷангӣ, раванд ва баъзан аз ҳисоби сифат амалӣ мегардад. Дуюм, тамоми ин моделҳои калимаҳои мураккаб, ки дар азнавшавии таркиби луғавӣ иштирок менамоянд, зинаҳои гуногуни системаи ягонаи калимасозиро ишғол менамоянд. Яке махсусан дар тарҳи миқдор, дигаре дар тарҳи мазмуну мундариҷа маҳсулнок арзёбӣ мегарданд. Онҳоро як чиз муттаҳид месозад – амаикунӣ дар истилоҳот. Ғайр аз ин, дар бунёди калимаҳои мураккаб исм хеле васеъ иштирок менамояд. Истилоҳоти ҳарбии забони тоҷикӣ, то ҳод ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст ва диққату пажӯҳиши махсусро талаб менамояд. Дар он равандҳои гуногуни сершумори калимасозӣ мавҷуд аст, ки барои дигар забонҳои касбии забони тоҷикӣ хос нест. Барои ин натанҳо таҳқиқи раванди калимасозӣ, инчунин маънии семантикии луғат ва истилоҳоти ҳарбӣ дар чаҳорчубаи таърихии диахронӣ ва синхронӣ зарур аст.

Калидвожаҳо: истилоҳ, калимасозӣ, забони тоҷикӣ, соҳаи ҳарбӣ, иқтибос, қабати луғавӣ, воситаҳои калимасозӣ.

СЛОВОСЛОЖЕНИЕ КАК СПОСОБ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ ВОЕННЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье говорится, что наиболее продуктивным способом словообразования является способ словосложения, поскольку именно посредством словосложения образованно превалирующее большинство лексики таджикского языка, имеющей в качестве одной из основ заимствованные единицы. Словосложение - это способ образования новых слов при помощи соединения как одинаковых частей речи, так и разных. Словообразование военной терминологии посредством сочетания существительного, глагола, прилагательных, предлогов. Пополнение лексики идет в основном за счет слов, выражающих имя деятеля, орудия, процесс, действие, приказ. Новые слова образовались как от исконных, так и от русских заимствованных слов. Модели сложных слов таджикского языка по военной терминологии, во-первых, свидетельствуют о том, что пополнение лексики идет в основном за счет слов, выражающих имя деятеля, орудия, процесс, и гораздо реже прилагательных. Во-вторых, все эти модели сложных слов, участвующие в обновлении лексики, занимают разные ступени единой словообразовательной системы. Одни особенно продуктивны в плане количества, другие - в плане содержания. Их всех объединяет одно - функционирование в терминологии. Кроме того, в образовании сложных слов широко

участвует имя существительное. Военная терминология таджикского языка, можно сказать, ещё практически малоизучена и требует к себе особого внимания и исследования. В ней очень много различных словообразовательных процессов, которые не характерны другим профессиональным языкам таджикского языка. Для этого необходимо исследовать не только словообразовательный процесс, но также семантическое значение военной лексики и терминологии в его историческом диахронном и синхронном ракурсе.

Ключевые слова: термин, словосложение, таджикский язык, военная сфера, заимствование, лексический пласт, способ образования.

COMPOUNDING AS A WORD-FORMATION PROCESS OF MILITARY TERMS IN THE TAJIK LANGUAGE

The article said that the most productive way of word formation is the compounding method since it is through educated compounding the prevailing majority of the vocabulary of the Tajik language, having as one of the foundations of borrowed units. Compounding is a way of forming new words by connecting the same parts of speech and different. Models of complex Tajik words on military terminology, first, indicate that the replenishment of vocabulary is mainly due to words expressing the name of the figure, tools, process, and much less adjectives. Secondly, all these models of complex words involved in the renewal of vocabulary occupy different stages of the single word-formation system. Some are particularly productive in terms of quantity, others in terms of content. They all share one thing - functioning in terminology. In addition, in the formation of complex words the noun is widely involved. The military terminology of the Tajik language, it can be said, is still practically unexplored and requires special attention and research. There are a lot of different word-formation processes in it, which are not characteristic of other professional languages of the Tajik language. For this, it is necessary to investigate not only the word-formation process, but also the semantic significance of military vocabulary and terminology in its historical diachronic and synchronous perspective.

Key words: term, compounding, Tajik language, the military sector, borrowing, lexical layer, a method of education.

Сведения об авторе: ***Худоиева Наргис Нагзибековна*** – Военный институт Министерства обороны Республики Таджикистан, заведующая кафедрой языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Федина, район Сино 1

Information about the author: ***Chudoiyeva Nargiz Nagzibeovna*** – Military Institute of the Ministry of defence of the Republic of Tajikistan, head of Department of languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Fedina street, Sino district 1

УДК: 491.550+891.550-1

КОРБАСТИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЛЕКСИКӢ ДАР ОСОРИ РӮДАКӢ

Раҳимова Ш.С., Қурбонов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Низоми забонӣ дар лаҳҷаҳо чорчӯбаи муайян дошта, омилҳои дохила ва беруна воқеияти ташаккули онро дар раванди таърихӣ бозгӯӣ менамоянд. Ҳақ бар ҷониби профессор Ҷӯраев Ғ. аст, ки менависад: “ҳар як лаҳҷа метавонад калимаро дар доираи қонун ва меъёрҳои худ истифода барад” [16, с.38].

Калима чун воҳиди забонӣ таърихи пайдоиш ва ташаккули шаклию маъноӣ дошта, вобаста ба мақсаду мароми сухангӯ дар таркиби ҷузъҳои наҳвӣ барои ифодаи маъное хизмат мекунад. Калима метавонад аз маънои аслӣ дур равад ва маънои нави забониро соҳиб гардад, дар навбати худ доираи истеъмолаш маҳдуд гашта аз истеъмол барояд, ки омӯзиши ин ҳодисаи забонӣ муҳим аст. Осори хаттии гузаштагонамон гуфтаи моро тақвият дода, далолат аз он медиҳад, ки бо гузашти замон системаи лексикӣ аз омилҳои гуногун баҳра гирифта тағйир меёбад.

Қисмати лексикии лаҳҷаҳо ба таври зарурӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст, дар асоси раванди наздикшавӣ ё омезиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бо таъсири забони адабӣ, маҳдуд шудани доираи лаҳҷаҳо зарурати омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ бештар мегардад.

Лаҳҷаҳо яке аз манбаъҳои муътамади инкишофи забони адабӣ ба шумор мераванд. Дар лаҳҷаҳо асолати забон садсолаҳо маҳфуз мемонад ва дар навбати худ ба навгониҳо рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, мавриди тадқиқ қарор гирифтани ҳамаи бахшҳои забонӣ, хосатан бахши лексикология, дар асоси лаҳҷаҳо ба бисёр масъалаҳо рӯшанӣ меандозад.

Айни замон дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои зиёди ба ҳукми архаизм даромада мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳуқуқи ба забони адабӣ гузаштанро доранд. Профессор Ғ. Ҷӯраев яке аз сарчашмаҳои пайдоиши унсурҳои шевагиро (диалектизмҳоро) дар мавҷудияти чунин воҳидҳо дида навиштааст: «сарчашмаи якуми захирашавии диалектизмҳои луғавӣ дар таркиби луғавии ин ё он шева ҳамин гуна унсурҳои архаистӣ ё худ реликтикӣ ба шумор мераванд» [15, с.136].

Дар осори Рӯдакӣ бисёр калимаҳоро мебинем, ки имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд, вале дар забони адабии имрӯза камистеъмол, ё тамоман кор фармуда намешаванд ва дар ифодаи маъно низ тафовут доранд. Аз андешаи муҳаққиқон бармеояд, ки «Рӯдакӣ ***хошок, дош, хархаша*** ва ***фартут*** барин калимаҳои

кӯчагии тоҷикиро ҳам ба кор бурдааст» [1, с.148] ва умуман «Дар осори хаттии асрҳои IX-X як гурӯҳ калимаҳои забонҳои маҳаллӣ, шевагӣ ва гуфтугӯӣ вомехӯранд» [3, с.71].

Барои муқоисаи ин навъи калимаҳои осори Рӯдакӣ ва забони маҳаллӣ ба лаҳҷаи навтадқиқгаштаи Бойсун – Кӯрғонча, ки аз таъсири забони ӯзбекӣ кам бархӯрдор мебошад, инчунин лаҳҷаи Дарвоз (дар мавридаш ба лаҳҷаҳои дигар) такя намудем.

Яке аз чунин калимаҳо вожаи бегор мебошад, ки дар ашъори Рӯдакӣ ба маънии кори бемузд корбаст шудааст:

Ҷун фароз омад бад-ӯ огози марг,
Диданаш бегор гардонду маҷарг [11, с.133].

Калимаи бегору маҷарг дар луғат «кори бемузд» шарҳ дода шудааст [12, с.168].

Вожаи бегор дар шакли вегорӣ ба маънии аслии калима дар лаҳҷаи Дарвоз мустаъмал аст: *Бача-м-а вегор-иш* (ба кори бемузд, яъне ҳашар) *бурдан.* Табдили овози «б» ба «в» аз ҳодисаҳои маъмули савтиёти лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ-шарқӣ мебошад.

Феъли сахтан дар адабиёти классикӣ ба маънои **вазн кардан, баркашидан** истифодаи васеъ дорад. Дар ашъори устод Рӯдакӣ омада:

Ҳамехариду ҳамесахт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар ки яке турки норпистон буд [11, с.56].

Дар осори Фирдавсӣ омадааст:

Ҷу бозоргонро дирам сахта шуд,
Фиристода аз кор пардахта шуд [13, с.323].

Муаллифони «Ғиёс-ул-луғот» ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ин калимаро ба маънии вазн кардан шарҳ додаанд.

Ин феъл асоси замони гузаштаи **санҷидан** мебошад, ки имрӯз моли лаҳҷа буда, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ- шарқии забонамон истеъмоли фаъол дорад: *Пунб-ош носахтан* (пахтаҳояш нобаркашидаанд -лаҳҷаи Дарвоз).

Калимаи хамирмоя, ки аз калимаҳои қадимию маъмули забонамон ба шумор меравад, имрӯз бо калимаи хамиртурш иваз шудааст. Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ-шарқӣ дар шакли хамирмо мустаъмал аст. Бо вуҷуди он ки вожаи умумиистеъмоли хамиртурш низ маъмул аст, хамирмо корбурди бештареро соҳиб аст: *Хамирмо-(я)м куҳна шияст* (лаҳҷаи Дарвоз).

Калимаи хик ҳам имрӯз дар нутқи насли калонсол бо калимаи машк ба таври мувозӣ роиҷ аст.

Устод Рӯдакӣ онро ба маънии маъруф- машк кор фармудааст:

Он ҳаҷши зи гардан-ш даровехта гӯӣ
Хикест пур аз бод даровехта аз бор… [11, с.96].

Дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ ҳам айнан ба ҳамин маънӣ омадааст [13, с.403]. Яке аз фарҳангҳои ба мо наздик- «Ғиёс-ул-луғот» низ хик-ро машк тавзеҳ додааст [8, с.320]. Имрӯз калимаи хик хосси забони адабӣ нест ва танҳо дар лаҳҷа маҳфуз мондааст: *Шкамъш хики ов шидйаст* (лаҳҷаи Дарвоз).

Феъли турунҷиданро устод Рӯдакӣ ба маънии кӯфта шудан, кашида шудан истифода кардааст:

Ҷон турунҷидаю шикастадилам,
Гӯӣ аз гам ҳаме фурӯгисилам [11, с.158].

Дар «Бурҳони қотеъ» дар шарҳи он овардаанд: «ба маънии сахт дарҳам кашида ва кӯфта шудан; ва чин ба ҳам расонидан ва дуруст гардонидан бошад» [7, с.280].

Калимаи мазкур низ дар лаҳҷаи Дарвоз бо тағйири овозии хосси ин лаҳҷа имрӯз ба ҳамон маънӣ истифода мешавад: *Мийон-ш-а сахте търъҷидйаст, ки…*

Калимаи полуд дар ин байт ба маънии «тоза кардан» омадааст:

Зар(р) бар оташ куҷо хоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи гам наҷӯшад чандон [10, с.24].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин шакли феълӣ истифода намегардад. Дар лаҳҷаи Кӯрғонча ба ин маънӣ омадааст: *Шир-а полону* (аз симэлак гузаронидани шир барои тоза гаштан аз хас ва мӯйи ҳайвон) *туршӣ зан, ки хоб намерава.*

Ё ҳангоми биринҷро софӣ кардан гӯянд: *Биринҷ-а полон* (обашро ҷудо кун). Дар баъзе аз лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ ин калима ба ҳамин маънӣ корбаст мегардад. [9, с.221].

Дар лаҳҷаи Дарвоз ҳам ин калима дар истифода аст, вале дар шакли половундан.

Калимаи пӯпак дар лаҳҷаи Кӯрғонча ба ду маъно омадааст: 1. ороишоти занона; 2. зулф: *ПӮпак-ош-а* (ҷамолакашро) *аб Бухоро овард-ай, бин чита мезеба; КӮчагарди-йа бас накунӣ пӮпак-ота* (зулфонатро) *мебуррам.*

Дар лаҳҷаи Панҷакент низ ба ду маънӣ омадааст: «1. ороишоти занона, ки арӯсон аз баробари шона (тахтапушт) ба мӯйҳояшон илова мекунанд ва 2. «духтари зебо – ҳаматарафа зебо» [6, с.23].

Дар осори Рӯдакӣ ба маънои «ҳудҳуд» омадааст:

Пӯпак(е) дидам ба ҳаволии Сарахс,
Бонгак бурда ба абр –андаро.
Чодараке дидам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаро [9, с.38].

Дар лаҳҷаҳо маънии дигар гирифтани ин калима аз маънии аслиаш бармеояд, ки «пӯб бар вазни хуб; кокули мурғонро гӯянд» [7, с.250].

Калимаи лак дар аксари лаҳҷаҳо ба маънии «гӯлу гаранг» меояд. Дар афсонаҳои халқӣ қаҳрамоне, ки ин хусусиятро дорост, Лак гӯянд. Дар байти Рӯдакӣ ба маънои хасис, мумсик омадааст:

Эй лак, ар ноз хоҳию неъмат,
Гирди даргоҳи ӯ кунӣ лаку пак [10, с.95].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи хинг дар таркиби хару хингил ба маънои таъкиди бисёрии хар истифода мегардад: *Хару хингил-а гирифта буромадан.*

Хинг дар лаҳҷаи Дарвоз ба маънии маҷозӣ мустаъмал аст: *Ай гапои мън хинг шист.* Маъноияш хафа шудан, ки натиҷааш тағйири авзои рӯҳию зоҳирии шахс мебошад. Ин маъно ҳатто дар номгузории мардуми ин мавзеъ инъикос ёфтааст. Ба духтаре, ки ҳангоми ғаму андуҳи сахти оила ё таваллуди духтарро интизор набудани падару модар ба дунё меояд, Хингак ном мегузоштаанд. Хушбахтона, чунин номгузориҳои дағал имрӯз вуҷуд надоранд.

Ҳиссаи хинг ба маънои сафед дар исми хосси **Хингоб** (номи дарё) имрӯз маълум аст. Мардуми ин мавзеъ дар ифодаи ранги норавшан, хира ба сафедӣ моилро ҳам хинг мегӯянд. Албатта, он бештар дар нутқи насли калонсоли ин мавзеъ мушоҳида мешавад: *Кӯртар-а рангъш хинг- ай.*

Рӯдакӣ хингро бо калимаи бед тарзе дар шеър ҷо додааст, ки маънии хинг равшан ҳувайдо гаштааст:

Тани хингбед арчи бошад сапед
Ба тариву нармӣ набошад чу бед [11, с.148].

Дар осори Рӯдакӣ калимаи «хинг» ба маънои асп низ омадааст:

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме [10, с.125].

Хингро аксари луғатҳои қадима ранги сафед шарҳ додаанд. Аз ҷумла, дар Ғиёс-ул-луғот ба ҳамин маънӣ дар калимаи мураккаби хингбут (бути сафед) ба қайд гирифта шудааст [8, с.314].

Калимаи суғдии олуғда дар лаҳҷаҳои Бойсун ва Панҷакент маънои «сахт дар иштиёқи касе ё чизе буданро дорад» [6, с.33]. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии «ҳамроҳ» дар феъли таркибии «олуғда шудан» меояд: *Ҳама кор-да олуғда нашав.*

Дар ин байти Рӯдакӣ ба маънои «хашмгин» омадааст:

Шери олуғда, ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг орад оҳуву оҳубараро [10, с.180].

Олуғда дар «Бурҳони қотеъ» ва «Туҳфат-ул-аҳбоб» ҳам ба маънои «хашмолуд», қаҳролуд эзоҳ дода шудааст [7, с.50; 14, с.130].

Яке аз маъниҳои калимаи «лат» дар «Фарҳани абони тоҷикӣ» чунин омадааст: «Лат لت пора; лат-лат пора-пора, тикка-тикка, порча- порча» [12, с.594], ки дар осори Рӯдакӣ ҳам ба ҳамин маъност:

Чуғд, ки бо бозу кулангон паррад,
Бишканадаш парру бол, гардад лат-лат [10, с.207].

Дар шеваи шимол дар феъли таркибӣ чун ҷузъи номӣ дар шакли «лат задан» ба маънои омехта кардан, дар шеваи ҷануб «лат кардан» ба маънои кӯфтан бо даст ва калтак меояд:

Чакка-йа гиру худат лат зан (Қӯрғонча); *У-ра латъ-уш кардан* (шаҳри Кӯлоб).

Шарҳи маънии калимаи «калахч»-ро мо аз фарҳангҳои дастрасбуда наёфтем. Дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ-шарқии забонамон ҳам калахч ба маънии қабати болоии ҷароҳат, лабу даҳони парсинбаста, хушкшуда маъруф аст: *Даҳон-ъш клахч* баст-аст.

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи «*қалахч*» маънои «рӯйбасти ҷароҳат»-ро дорад: *Ту бепарвогӣ накун, қалахч-аш хеза гард.*

Дар осори Рӯдакӣ ин маъниро мебинем:

Дасту каффу пойи пирон пуркалахч,
Риши пирон зард аз бас дуди нахч [10, с.339].

Калимаи суғдии «чағбут» дар лаҳҷаи Бухоро ба маънои пахтакуҳна омадааст. [5, с.238]. Дар асарҳои С. Айнӣ чағбут ва чағбутҷаллобӣ корбаст шудааст [4, с.196].

Аз қайди таҳқиқгари лаҳҷаи шеваи ҷанубии забонамон Ш. Исмоилов равшан мегардад, ки маънои дар замони Рӯдакӣ маъмулбуда дар лаҳҷаи Қаротегин мустаъмал мебошад [2, с.19-20].

Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънои «парешон– мӯйи шонанашуда» истифода мегардад: *Раву м Ŷйи ҷагбут-ат-а шона кун.* Ва ин маъно дар осори Рӯдакӣ омадааст:

Мӯйи сар - ҷагбуту ҷома римнок,
Аз бурун - сӯ боди сарду бимнок [10, с.362].

Дар мисраъҳои зерин диққати моро калимаҳои «хилм» ва «хим» ҷалб намуд:

Ду ҷӯйи равон аз даҳонаш зи хилм,
Ду хирман зада бар ду чашмаш зи хим [10, с.420].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ҳангоми бемории исҳол гӯянд: *Ду р Ŷз-ай дарун-аш хилм мегузара.*

Калимаи **хим** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «ифлосӣ, чирке, ки дар гӯшаи чашм пайдо мешавад» маънидод гаштааст [12, с.478]. Дар лаҳҷаҳои ҷануб бо калимаи «хилдиқ», дар лаҳҷаҳои Ӯротеппа (Ғончӣ) бо калимаи «хилм» ифода меёбад. Дар баъзе лаҳҷаҳои шимол, аз ҷумла лаҳҷаи Қӯрғонча, дар шакли «хима» меояд: *Чушм-ош хима баст-ай, шир ҷ Ŷш хим-еш чушм-о-ша тоза тоза шава.*

Феъли «ёрастан» маънои «тавонистан, қудрат ва тавоноӣ доштан, ҷуръат доштан»-ро дорад [12, с.415]. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ва Фалғар ба маънои ҷуръат накардан дар шакли инкории «наёрист», «намеора» истифода мегардад: *Намейора пеш-аш рава* (деҳаи Дардар); *Гурз-а даст-еш шикаст, намейора бурда Хуррам-да т[и] йайа* (Қ).

Дар осори Рӯдакӣ:

Наёрам бар касе ин роз бикшуд,
Маро аз ҳоли ҳиндуи ту бифнуд [10, с.495].

Калимаи «тафта» дар осори Рӯдакӣ ба маънои «сӯхта» омадааст:

Бо коми хушку бо ҷигари тафта даргузар,
Эдун ки дар саросари ин сабз гулистон
Кофур ҳамчу гул чакад аз дӯши шохсор,
Зайбақ чу об барҷаҳад аз нофи обдон [11, с.99].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ин калима ба маънои гармӣ истифода мегардад: *Тафти дег даст-а месс Ŷзона.*

Яке аз синонимҳои калимаи Худо «кирдугор» аст, ки дар осори ниёгон фаровон истифода мегашт:

Худойро бистудам, ки кирдугори ман аст,
Забонам аз газалу мадҳи бандагон-ш насуд [11, с.25].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ин шакл маънои «рафтори бад»-ро ифода менамояд: *Кирдугори вай-а бин нофорам.* Аз нигоҳи мо дар лаҳҷаи мазкур калимаи кирдугор аз решаи кирдукор аст, яъне ҳамсадои к ба г мубаддал гаштааст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи «коза» истифода намегардад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «коза» чунин маънидод гаштааст: Коза كزه каппа, хонае, ки дар киштзор ва полиз аз чӯбу шоху хас месозанд; кулба [12, с.557].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии сарпаноҳе омадааст, ки дар саҳро заминро кофта месозанд: *Дидан, ки* (борон) *тамом намеша дукаса ҳавойи намми-да коза кандан.* Ин калима камистеъмол буда, аҳён-аҳён дар гуфтори пиронсолон истифода мегардад.

Дар осори Рӯдакӣ ба маънои «кулба» омадааст:

Ҷой кард аз баҳри будан козае,
З-он ки карда будашон андозае [11, с.135].

Калимаҳои чошт, чоштгайӣ, вақти чошт дар лаҳҷаи Қӯрғонча серистеъмол мебошад: *Чоштгайӣ нах Ŷрда будам.*

Дар осори Рӯдакӣ низ ин калима чун ифодагари вақти муайян, «ҳиссаи якум аз чор ҳиссаи рӯз, ки дар он вақт офтоб паҳн мешавад» [12, с.548], омадааст:

То саму сар бароварид аз дашт,
Гашт зангоргун ҳама лаби кашт.
Ҳар яке корде зи хон бардошт,
То пазад аз саму таомаки чошт [11, с.155].

Хулоса, дар лаҳҷаҳо калимаҳои зиёди қадимаи тоҷикӣ, ки дар осори хаттии мо ба назар мерасанд, боқӣ мондаанд, ки шояд умри дубора пайдо намоянд. Махсусан, дар лаҳҷаҳои кӯҳистон маҳфуз мондани онҳо далели аз ҷиҳати лексикӣ камтар омезиш ёфтани лаҳҷаҳои мазкур бо забонҳои дигар, алалхусус забонҳои туркӣ, мебошад. Калимаҳои вирeб (дар шакли врев), тундар (ба маънои раъд), ованг (дар шакли овашк - ресмоне ё чӯбе, ки меваҷотро меовезанд), чахидан (ба маънои ба дарахт ё баландӣ чорпоя баромадан), вел (ба маънии андармон, банд), ки дар ашъори устод Рӯдакӣ лексикаи фаъол

ҳисоб меёбанд, як қисми таркибии лаҳҷаҳои тоҷикиро ташкил медиҳанд. Омӯзиши дараҷаи истеъмоли онҳо дар лаҳҷаву осори хаттии забони адабӣ ва ифодаи маъноии ин қабил калимаҳо дар муайянсозии раванди таърихии забон ва шеваҳои он аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки дар як мақолаи хурд тадқиқ намудани чунин муносибати қарини забони халқ ва забони маликушшуарои шеъри форсӣ аз имкон берун аст. Умед дорем, дар оянда мавзӯи мазкур натиҷагирӣ хоҳад шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Садриддин Айнӣ. Устод Рӯдакӣ // Куллиёт. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 148 с.
2. Исмоилов Ш. Муносибати таърихии лексикаи шеваҳои Қаротегин. Тезисы докладов мол. уч. и спец. Тадж. ССР / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1972. - С. 19-20.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қ.1 / М.Н. Қосимова.-Душанбе, 2003.-490 с.
4. Луғатномаи осори Айнӣ. - Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.
5. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. - Душанбе: Дониш, 1989. - 278 с.
6. Мухторов Қ. Хусусиятҳои луғавию лексикии осори Рӯдакӣ: рис… ном… кан… фил / Қ. Мухторов. - Душанбе, 2002. - 189 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. - Душанбе: Адиб, 1993. - Ҷ. I. - 416 с.
8. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Дар ду ҷилд. - Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.; - 1988. - 416 с.
9. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / Р.Л. Неменова, Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 1980. - 298 с.
10. Осори Рӯдакӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - 543 с.
11. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Шеърҳо. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 223 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд. - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 951 с.; - 952 с.
13. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1992. - 496 с.
14. Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Туҳфат-ул-аҳбоб. - Душанбе: Ирфон, 1992. - С. 130.
15. Ҷӯраев Ғ. Калимаҳои хосси шева ва баъзе аломатҳои фарққунандаи онҳо / Ғ. Ҷӯраев // Забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1976. –С.136.
16. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 2017. - 320 с.

КОРБАСТИ ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЛЕКСИКӢ ДАР ОСОРИ РӮДАКӢ

Низоми забонӣ дар лаҳҷаҳо чорчӯбаи муайян дошта, омилҳои дохила ва беруна воқеияти ташаккули онро дар раванди таърихӣ бозгӯӣ менамоянд. Калима чун воҳиди забонӣ таърихи пайдоиш ва ташаккули шаклию маъноӣ дошта, вобаста ба мақсаду мароми сухангӯ дар таркиби ҷузъҳои наҳвӣ барои ифодаи маъное хизмат мекунад. Калима метавонад аз маънои аслӣ дур равад ва маънои нави забониро соҳиб гардад, дар навбати худ доираи истеъмолаш маҳдуд гашта аз истеъмол барояд, ки омӯзиши ин ҳодисаи забонӣ муҳим аст. Осори хаттии гузаштагонамон гуфтаи моро тақвият дода, далолат аз он медиҳад, ки бо гузашти замон системаи лексикӣ аз омилҳои гуногун баҳра гирифта, тағйир меёбад. Баъзе қисмати лексикии лаҳҷаҳо, бахусус диалектизмҳои лексикӣ, ба таври зарурӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст ва дар асоси раванди наздикшавӣ ё омезиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бо таъсири забони адабӣ маҳдуд шудани доираи лаҳҷаҳо зарурати омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ бештар мегардад. Лаҳҷаҳо яке аз манбаъҳои муътамади инкишофи забони адабӣ ба шумор мераванд. Дар лаҳҷаҳо асолати забон садсолаҳо маҳфуз мемонад ва дар навбати худ ба навгониҳо рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, мавриди тадқиқ қарор гирифтани ҳамаи бахшҳои забонӣ, хосса бахши лексикология, дар асоси лаҳҷаҳо ба бисёр масъалаҳо рӯшанӣ меандозад. Айни замон дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои зиёди ба ҳукми архаизм даромада мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳуқуқи ба забони адабӣ гузаштанро доранд. Дар осори Рӯдакӣ бисёр калимаҳоро мебинем, ки имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд, вале дар забони адабии имрӯза камистеъмол, ё тамоман кор фармуда намешаванд ва дар ифодаи маъно низ тафовут доранд. Барои муқоисаи ин навъи калимаҳои осори Рӯдакӣ ва забони маҳаллӣ ба лаҳҷаи навтадқиқгаштаи Бойсун - Қӯрғонча, ки аз таъсири забони ӯзбекӣ кам бархӯрдор мебошад, инчунин лаҳҷаи Дарвоз (дар мавридаш ба лаҳҷаҳои дигар) такя намудем.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, луғат, калима, калимаҳои аслӣ, архаизм, раванд, иқтибосшавӣ.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ЛЕКСИЧЕСКИХ ДИАЛЕКТИЗМОВ В НАСЛЕДИИ РУДАКИ

Языковая система в говорах имеет определенные рамки и внутренние и внешние факторы излагают очевидность его формирования в историческом процессе. Слово как языковая единица имеет свое историческое начало и образное и смысловое формирование, и в зависимости от цели и намерения говорящего в составе словообразовательных элементов служит для выражения какого-то значения. Слово может отойти от исконного смысла и приобрести новый языковой смысл, в свою очередь, ограничиваются границы его использования и он может выйти из обихода, и изучение данного языкового явления очень важно. Письменное наследие наших предков потверждают наши высказывания и свидетельствуют о том, что со временем лексическая система пытаясь различными факторами, изменяется. Некоторые лексические части говоров, в частности лексические диалектизмы не исследованы до конца и на основе процесса сближения или смешения таджикских говоров, с влиянием таджикского литературного языка на ограничение пределов говоров увеличивается важность изучения таджикских говоров. Говоры являются одним из достоверных источников развития литературного языка. В говорах подлинность языка сохраняется веками и в свою очередь на своем пути встречается и с нововведениями. Поэтому исследование всех разделов языка, а имеено раздела лексикология, на основе говоров может внести ясность во многие задачи и проблемы. Сегодня в говорах таджикского языка существует очень много слов – архаизмов, некоторые из которых имеют право перейти в разряд таджикского литературного языка. В наследии Рудаки мы видим много слов, которые очень широко используются в таджикских говорах, но они очень малоупотребительны или совсем не используются в таджикском литературном языке. Для сравнения данной категории слов в наследии Рудаки и местного говора мы сделали упор на говор Бойсун - Кургонча, на которого действие узбекского языка малозначительно, также на говор Дарваза (а также на другие говоры).

Ключевые слова: говор, лексика, слово, подлинность, архаизм, процесс, заимствование.

USE OF LEXICAL DIALECTIVISM IN HERITAGE HERITAGE

The language system in the dialects has a certain framework and internal and external factors set forth the evidence of its formation in the historical process. The word as a language unit has its historical beginning and figurative and semantic formation, and depending on the purpose and intent of the speaker as part of the word-forming elements serves to express some meaning. The word can depart from the original meaning and acquire a new linguistic meaning, in turn, the boundaries of its use are limited and it can come out of use, and the study of this linguistic phenomenon is very important. The written heritage of our ancestors confirms our statements and shows that over time the lexical system is trying various factors, changing. Some lexical parts of dialects, in particular lexical dialectisms, have not been fully investigated and based on the process of convergence or blending of Tajik dialects, with the influence of the Tajik literary language on limiting the limits of dialects, the importance of studying Tajik dialects increases. Dialects are one of the reliable sources of the development of the literary language. In dialects, the authenticity of the language is preserved for centuries, and in its turn it meets with innovations in its turn. Therefore, the study of all sections of the language, and having a section of lexicology, based on the dialects, can clarify many problems and problems. Today in the dialects of the Tajik language there are many words - archaisms, some of which have the right to pass into the category of the Tajik literary language. In the heritage of Rudaki we see many words that are very widely used in Tajik dialects, but they are very little used or not used in Tajik literary language. To compare this category of words in the heritage of Rudaki and the local dialect, we focused on the talk of Boysun-Kurgonch, to which the action of the Uzbek language is insignificant, also on the dialect of Darvaz (and also on other dialects).

Key words: speaking, lexicon, word, authenticity, archaism, process, borrowing.

Сведения об авторах: ***Курбонов Содик Хамрокулович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературе филологического факультета, кандидат филологических наук, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru**
Рахимова Шахринисо Содиковна - Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературе филологического факультета, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **behruz933338436@mail.ru**

Information about the authors: ***Kurbonov Sodiq Hamroqulovich*** - Tajik national university, Associate professor, Departmen of Tajik Language, literature and methodology, Faculty of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**
Rahimova Shahriniso Sodiqovna - Tajik national university, Associate professor, Departmen of Tajik Language, literature and methodology, Faculty of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
E-mail: **behruz933338436@mail.ru**

УДК: 81'37.

МОДАЛЬНЫЕ ГЛАГОЛЫ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ ИРРЕАЛЬНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Махмадов Дж.Ш.
Академия наук Республики Таджикистан

При определении морфологических особенностей и значений модальных глаголов в таджикском и английском языках разные учёные указывает на отношение сообщения с точки зрения говорящего к действительности. При этом модальные глаголы выражают активное или пассивное отношение лица к действию и потому, естественно, могут употребляться только в сочетании с инфинитивом.

Н.И. Черенкова в своей книге “Pragmatic English Grammar”отмечает, что модальные глаголы существуют в языке для того, чтобы выразить отношение долженствования, возможности или способности и даёт разъяснения по поводу грамматических глагольных форм индикаторов группы модальных глаголов [4, с.225].

Кроме того, их объединяет отсутствие формы либо будущего времени, либо прошедшего, либо вместе взятых, но к счастью, для того чтобы выражать столь важные отношения в реальной жизни: долженствование, возможность или способность все эти глаголы приобрели себе заменителей, также выражаемых соответствующими грамматическими глагольными формами-индикаторами.

Модальные глаголы в языке, как и вообще отношения долженствования, возможности или способности в реальной жизни, играют исключительно важную роль, и овладеть их правильным пользованием составляет одну из кардинальных задач [4, с.230].

При этом подчёркивает, что «can, be + able to» смысловую нагрузку, которую несет глагольная форма индикатор передача умственных фи-зических возможностей субъекта.

«May, be + allowed to» - передача разрешительных и вероятностных отношений для совершения какого-либо действия, наступления события или перехода в состояние.

Модальные глаголы в английском языке, в отличие от таджикского, не имеют формы инфинитива. Они имеют и ряд других свойста, присущих только им:

1) Они не имеют неличных форм, образующихся путем прибавления -**ed, ing**;

2) образуют только простые временные формы Present, и некоторые Past Indefinite;

3) не принимают окончания -(е) s в третьем лице единственного 1 числа;

4) образуют вопросительную и отрицательную формы Present и Past Indefinite без вспомогательного глагола «do»;

5) требуют после себя инфинитива другого глагола без частицы «to» (за исключением модального глагола «ought» и глаголов «to have», «to be» в модальном значении, за которыми следует инфинитив с частицей «to»)

Модальные глаголы таджикского языка не имеют формы сложного будущего времени в изъявительном наклонении, как модальные глаголы английского Future Indefinite Tense in Indicative mood, кроме модального глагола "to have".

Модальными глаголами таджикского языка являются "тавонистан", "хостан", "шояд" и "боистан". В своих бесценных трудах В.С. Расторгуева, Д.Т. Таджиев, А.З. Розенфельд, С.Д. Арзуманов, Б.С. Сиеёв дают ясное определение модальным глаголам.

По размышлениям Б. С. Сиёева, модальные глаголы-это группа глаголов, имеющие свои лексические значения, которые не обозначают ни действие, ни состояние, а лишь изъявляют модальные отношения говорящего к совершению действия основного глагола [3, с.44-48]. Кроме того, он подвергает анализу модальный глагол "ёрастан", который выражает возможность совершения действия наряду с модальным глаголом "тавонистан", но в анализируемых примерах не было раскрыто его употребление.

В современном таджикском языке традиционно модальные глаголы разделены по грамматическим свойствам на две группы:

1. Группа спрягаемых модальных глаголов, к которым примыкают глаголы тавонистан и хостан.

2. Группа неспрягаемых модальных глаголов, к которым относятся модальные глаголы "шояд" и "боистан".

Предметом споров являются, во-первых, разногласия между таджикскими лингвистами о модальном глаголе "хостан" и, во-вторых, о синтаксических функциях модальных глаголов "шояд" и "боистан".

Кроме указанного выше общего для всех модальных глаголов значения (отношения субъекта к выполняемому им действию), каждый модальный глагол имеет свое собственное значение. Причем конкретное значение каждого модального глагола может расцениваться по аналогии, но с таджикским языком, двояко: значение модального глагола может выражать сомнение или полную уверенность. Например, предложение: «**Он** должен сделать это» можно понять как «Он обязан сделать это» или как «Он, скорее всего, сделает это». Эти оттенки значения, выражаемые автором, выявляются из общего контекста.

В изъявительном наклонении употребляются как модальные глаголы английского Future Indefinite Tense in Indicative mood, кроме модального глагола to have.

В таджикском языке модальные глаголы не употребляются в повелительном наклонении, как и английские модальные глаголы в Imperative mood.

Другой отличительной особенностью является расположение относительно основного глагола. Место модальных глаголов в таджикском языке строго не фиксировано, они могут отдалиться от основного глагола (располагаться в начале, в середине предложения), при этом, не меняя своего лексического значения. Однако в английском языке место модальных глаголов в предложении строго фиксировано, они употребляются в препозиции к основному глаголу.

Еще один отличительный признак заключается в образовании отрицательных и вопросительных форм модальных глаголов в английском языке, за исключением ”to have”, так как образование этих форм отличается от других глаголов в английском языке. Этого свойства не имеют модальные глаголы в таджикском языке.

Следует отметить, что модальные глаголы в английском языке не имеют неличных форм глагола, за исключением "to have" и "to be". Однако в таджикском языке наличие неличных форм отражено в модальных глаголах "тавонистан," "хостан", "боистан". Модальные глагол "шояд" также не имеет неличных форм глагола, как его аналог "may".

В английском языке есть группа глаголов, которые выражают не действия, а только отношение к ним со стороны говорящего. Они называются модальными. С их помощью говорящий показывает, что он считает то или иное действие возможным или невозможным, обязательным или ненужным, вероятным или неправдоподобным и т.д. [2, с. 107].

К числу модальных глаголов в английском языке относятся двенадцать модальных глаголов: **can, ought, must, shall, would, may, should, dare, need, to be,will** и **dare**.

Should -следует, нужно (употребляется также обычно с подлежащими во втором и третьем лице): **You should give up smoking. Шумо бояд истеъмоли тамокуро партоед. Вам следует бросить курить** [2, с.107].

Ought (to) — 1) должен, обязан; 2) следует: You ought to know this rule better.—Вам нужно (вы обязаны) знать это правило лучше. You ought to be more I careful.-Вам следует быть осторожнее. Шумо бояд бо эҳтиёт бошед.

Should с 1-м л. ед. и мн. числа и инфинитивом Indefinite употребляется как вспомогательный глагол относительного будущего (Future in the Past). В дополнительных придаточных предложениях после прошедшего времени в главном предложении сочетание «should» инфинитив» переводится будущим временем:

I promised them that I should come on Monday [2, с.64].

Я обещал им, что приду в понедельник.

Ман ба онҳо ваъда додам, ки рӯзи душанбе меоям.

Следует отметить, что в этом значении **should** имеет много общего с глаголом "**ought",** и они часто оказываются взаимозаменяемы. В отдельных случаях, однако, замена представляется неадекватной, так как "**should**" может выражать рекомендации объективного характера, тогда как глаголу "**ought**" больше свойственно выражать рекомендации субъективного характера, например:

You ought to be kinder to people.

Тебе следует быть добрее к людям.

Ту бояд нисбати одамон меҳрубон бошӣ.

He should be agree with him.

Ему надо согласиться с ним.

Ӯ бояд бо ӯ розӣ шавад.

"**Shall**"-должен; употребляется чаще при подлежащих во втором и третьем лице, выражает обещание, приказание, угрозу, предостережение со стороны говорящего:

"Can, could" (форма прошедшего времени); формы будущего времени нет. Употребляется для выражения умственной или физической возможности. Переводятся: can -метавонам- могу, умею; could - мог, умел. Примеры: **He can translate the text. Ӯ матнро тарҷума карда метавонад. Он может перевести текст**. Необходимо запомнить устойчивое сочетание с глаголом can: I (he, you...) (can't) couldn't help doing some thing - не могу (может, можешь...) (не мог) не сделать чего-то. Например: **She couldn't help repeating these words.- Она не могла удержаться от повторения этих слов (не могла не повторять).** Ӯ (зан) наметавонист аз такрори ин калимаҳо худорӣ кунад.

Can имеет следующие формы:

can – настоящее время (может, могу и т.д.)

could – прошедшее время (мог, могла, могло, могли)

could – сослагательное наклонение (мог бы, могли бы и т.д.)

1) В значении «**Способность, умение»** (***Ability, Capability***) форма **could** может выражать ирреальность, проблематичность:

а) форма **could** является формой прошедшего времени, если употребляется в контексте прошедшего времени. Она указывает только на возможность совершения действия в прошлом – вопрос о том, было ли действие совершено, остается открытым: **She could go everywhere she wanted. Вай ҳарҷо, ки мехост, рафта метавонист. Она могла пойти везде, куда захочет.**

б) форма "**could**" является формой **сослагательного** наклонения, если она употребляется в контексте настоящего времени, например: **He need sour advice. Ему нужен наш совет. Ба вай маслиҳати мо лозим. Could you go and visit them tomorrow? Могли бы вы пойти и навестить их завтра? Шумо метавонед фардо рафта онҳоро бубинед?**

Если за "**could**" следует простой инфинитив, то действие относится к настоящему или будущему (см. пример выше). Если же за "**could**" следует перфектный инфинитив, то это сочетание указывает, что данное действие могло бы произойти, но не произошло в прошлом: **This could be proved only by facts. Это можно было бы доказать только фактами. Инро танҳо бо далел исбот кардан мумкин.**

"May, might" (форма прошедшего времени); формы будущего времени нет. Употребляется при выражении говорящим разрешения или сомнения; переводится: «можно» «возможно», «может быть». Might отличается от "may" тем, что выражает еще большую степень сомнения. Например, **You may be mistaken. Вы, возможно, ошибаетесь. You might be mistaken. Эҳтимол шумо хато карда истодаед.** "**May**", имеет следующие формы:

may – настоящее время (могу, может, можем и т.д.)

might – прошедшее время (мог, могли и т.д.)

might – сослагательное наклонение (мог бы, могли бы и т.д.)

Он может выражать ирреальность/проблематичность, выступая в значении предположения, основанного на неуверенности (**Supposition implyingun certainty**) – в утвердительных и отрицательных предложениях: **Jane may be in the hospital. Джейн может**

быть (возможно) в больнице. Ҷейн шояд дар бемористон бошад. **She may not be in his flat**. **Возможно (может быть), его нет в квартире. Шояд вай дар хона набошад**.

В зависимости от того, к какому времени относится действие, выраженное смысловым глаголом, **may** может сочетаться с разными формами инфинитива аналогично глаголу "**can**". Например: **It may be snow in the morning.Утром, возможно, будет идти снег. Саҳар мумкин ки барф борад. Father may be going to France. Папа, возможно, поедет в Францию** [1, с. 564]. **Падар мумкин ба Фаронса равад.**

Модальный глагол "**ought**" имеет только одну форму, которая употребляется в контексте настоящего времени и не изменяется в косвенной речи. После "ought" инфинитив смыслового глагола всегда употребляется с частицей "**to**", например:

He said: "The boy **ought to apologize**."

Он сказал: «Мальчик должен извиниться».

Основным значением "**ought**" является долженствование. Это значение, в зависимости от контекста, может ослабляться до выражения только желательности действия, совета или рекомендации, например:

At your age you **ought to help** your mother about the house.

В этом возрасте ты уже должна помогать маме по дому.

Дар ин сину сол ту бояд дар хона бар модарат кумак расонӣ.

В некоторых случаях в тексте вместо модальных глаголов могут встретиться их лексические заменители, представляющие собой составное именное сказуемое или сказуемое в страдательном залоге, после которых, естественно, инфинитив употребляется с частицей «to».

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Городецкий, Б.Ю. К проблеме семантической типологии / Б.Ю. Городецкий. - М.: Изд-во МГУ, 1969. – 564 с.
2. Добронецкая, Э.Г. Грамматические трудности английского языка / Э.Г. Добронецкая. - М., 1986. - 106 с.
3. Киприянов, В.Ф. Структурные типы сказуемого в современном русском языке / В.Ф. Киприянов // Вопросы современного русского языка, диалектологии и методики. - Свердловск, 1960. - С. 44-48
4. Черенкова, Н.И. Самоучитель грамматики английского языка. Прагматическая грамматика. Pragmatic English Grammar / Н.И. Черенкова. - СПб., 2005. - С.229-245.
5. Шарофиддин Р. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Р. Шарофиддин, Ғ. Раззоқ. - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷилди 1. - 349 с.

ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИФОДАИ ҒАЙРИВОҚЕӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола мазкур мо дар бораи феълҳои мадалӣ ҳамчун воситаи ифодаи ғайривоқеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумот медиҳем. Бояд гуфт, ки ифодаи ғайривоқеӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ вобаста ба хусусияти грамматикию синтаксисии забонҳои муқоисашаванда гуногун мебошанд. Як гурӯҳи махсуси феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ ва англисӣ бо маънои луғавӣ ва моҳияти грамматикии худ муносибати воқеият доштаи мазмуни суханро ифода мекунанд ва аз ин ҷиҳат дорои тобишҳои сиғавӣ мебошанд. Ба ин маънӣ ин гуна феълҳои ёридиҳандаро «феълҳои модалӣ» низ меноманд Феълҳои модалӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ яке аз роҳҳои ифодаи ғайривоқеӣ ба ҳисоб мераванд. Феълҳои модалӣ дар забони тоҷикӣ феълҳои **боистан, шоистан, хостан** ва **тавонистан** мебошанд. Дар муқоиса ба феълҳои модалии забони тоҷикӣ феълҳои модалии забони англисӣ феълҳои **may, shall, would, need, can, must, should, ought, to be, dare,will** ва **dare** мебошанд. Тавсифи умумии феълҳои модалӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ифодаи муносибати ба муҳтавои ғайривоқеӣ ба ҳисоб меравад. Барои ифодаи модалият дар забон якчанд воситаҳои грамматикӣ, лексикӣ вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, масъалаи ифодаи грамматикии модалӣ, ифодаи грамматикӣ морфологии сиға масъалаи баҳсшаванда боқӣ мондааст.

Калидвожаҳо: феълҳои модалӣ, усулҳо, роҳҳо, ифода, муқоиса, ғайривоқеӣ, фарқият, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

МОДАЛЬНЫЕ ГЛАГОЛЫ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ ИРРЕАЛЬНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье мы рассмотрели модальные глаголы как средство выражения ирреальности в таджикском и английском языках. Способы выражения ирреальности в таджикском и английском языках зависят от грамматического и синтаксического значения. Одна специальная группа глаголов таджикского и английского языков выражает отношение к реальности. В этом смысле такие вспомогательные глаголы называются «модальными глаголами». В таджикском и английском языках модальные глаголы являются одним из способов выражения ирреальности. Модальными глаголами в таджикском языке являются боистан, шоистан, хостан и тавонистан. В английском языке модальными глаголами являются may, shall, would, need, can, must, should, ought to, to be to, dare,will и dare. Одним из главных способов выражения ирреальности в таджикском и английском языках является использование модальных глаголов. Определение предложения включает в качестве одной из важнейших характеристик выражение модальности, то есть выражение отношения, передаваемого предложением содержания к действительности. Для выражения модальности в языке имеются различные средства: грамматические, лексические, интонационные. Однако вопрос о грамматических средствах выражения модальности, иными словами, вопрос о грамматической (морфологической) категории наклонения, продолжает оставаться спорным.

Ключевые слова: способы, выражения, явления, сравнения, ирреальность, различения, таджикский язык, английский язык.

MODAL VERBS AS A MEANS OF EXPRESSING IRREALITY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article we have considered modal verbs as a means of expressing irreality in tajik and english languages. It should be noted that, ways of expressing irreality in tajik and english languages find their expression in a variety of ways depending on the grammatical and syntactic meaning. One special group of verbs of tajik and english languages with the meaning of lexical and grammar expresses the attitude towards reality. And from this point of view they have categories of inclination. In this sense, such auxiliary verbs are called "modal verbs". In the tajik and english languages, modal verbs are one way of expressing unreality. Modal verbs in the tajik language are боистан, шоистан, хостан and тавонистан. Unlike the modal verbs of the Tajik language, in English the modal verbs are may, shall, would, need, can, must, should, ought, to be, dare, will and dare. One of the main ways of expressing unreality in tajik and english languages is the use of modal verbs. The definition of a sentence includes, as one of the most important characteristics, the expression of modality, that is, the expression of the relation conveyed by the sentence of content to reality. To express the modality in the languages there are various means, grammatical, lexical, intonational. However, the question of grammatical means of expression of modality, in other words, the question of the grammatical (morphological) category of inclination, continues to be controversial.

Key words: Modal verbs, means, expression, phenomenon, comparison, unreal, distinction, tajik language, english language.

Сведения об авторе: ***Махмадов Джовидон Шарифович*** - Академия наук Республики Таджикистан, аспирант кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33.
E-mail: **jovidon0909@list.ru**

Information about the author: ***Makhmadov Jovidon Sharifovich*** - Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, post-graduate student of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **jovidon0909@list.ru**

УДК: 491.550+891.550-1

КАЛИМАСОЗИИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ СИФАТ ВА ИСМ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Ҷиҳонова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони адабии тоҷикӣ дорои таърихи куҳан буда, дар рушду нумуи таркиби луғавӣ, калимасозӣ, сарфу наҳв ва услубиёти он саҳми адибону олимон ва шоирони адабиёти ғаниву рангини форсу тоҷик хеле назаррас аст. Дар тӯли беш аз ҳазор соли ташаккулу таҳаввули забони адабии тоҷикӣ садҳо шоирону адибони машҳури форсу тоҷик дар густаришу рушди забони адабӣ саҳм гузошта, аз худ осори мухталифи манзуму мансур ба мерос гузоштаанд, ки ин мероси гаронбаҳо дар хазинаи фарҳанги умумибашарӣ маҳфузанд ва аҳли башар аз он самаранок барои густариши фарҳанги хеш файз мебардоранд.

Забони осори манзум яке аз муҳимтарин омилҳои ғановат ва сарвати бебаҳои таркиби луғавии ҳар як забони адабӣ ба шумор меравад, зеро тамоми паҳлуҳои луғавию семантикии забони адабӣ маҳз дар забони осори манзум, махсусан забони лирика, имкониятҳои бештари ифодаи худро зоҳир менамояд. Бинобар ин, манзараи умумии тобишҳои луғавию семантикии вожаҳо дар даврaҳои гуногуни рушди забони адабӣ моҳиятан дар забони манзум низ инъикос меёбанд [7, с.18].

Ҷалолиддини Балхӣ дар таърихи адабиёти пурғановати тоҷику форс ситораи баланди пурҷилоеро дар осмони нопайдоканор мемонад, ки осори ӯ аз диди забоншиносӣ камтар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ин замина таҳлил ва тадқиқи калимасозии сохторию маъноии калимаҳо дар қолаби сифат ва исм дар ғазалиёти Мавлоно ба мақсад мувофиқ аст. Мусалламан, дар забони тоҷикӣ тарзи тобеи калимасозӣ, хусусан дар заминаи сифат ва исм қолаби пурмаҳсул мебошад.

Вожасозӣ василаи муҳимми такомули таркиби луғавии забон ҳисоб меёбад ва манбаи асосии калимасозӣ худи таркиби луғавии забон ва, пеш аз ҳама, фонди асосии он ба шумор меравад. Ба ин тартиб калимаҳои нав арзи вуҷуд менамоянд ва захираи луғати забон афзун мегардад. Ба мурури замон ва вобаста ба зинаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа ва соҳаҳои мухталифи он унсурҳои луғавии тоза пайдо мешаванд, ки дар ташаккули онҳо ҳиссаҳои калимасоз аҳамияти бузург доранд. Калимаҳои мураккаб дар таркиби луғати забон мақоми намоён доранд, зеро мафҳумҳои зиёдеро дар бар мегиранд, ки он мафоҳим натиҷаи тафаккури инсони ҷӯяндаву жарфнигар мебошад. Аз ҳамин дидгоҳ аст, ки забоншинос С. Ҳошимов мегӯяд: «Усули калимасозии мураккаб аз роҳҳои маъмултарину мураввaҷтарини ба амал омадани калимаҳои нав дар таърихи забони адабии тоҷик ба шумор меравад. Ин тарзи калимасозӣ аз даврaҳои пешин ташаккул ёфта, минбаъд

мураввақ гардидааст… Дар ташаккули ин қабил вожаҳо мавқеи ҷузъҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ калон мебошанд» [11, с.90].

Доштани семантикаи махсус яке аз хусусиятҳои сифат мебошад. Сифат бо исм алоқаи зич дорад. Исм агар предметро ифода кунад, сифат аломат, хосияти шахсу предметро мефаҳмонад: деҳаи обод, гиёҳҳои шифобахш, ҷавонони саодатманд...

Дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ қолаби калимасозии сифату исм хеле сермаҳсул мебошад. Дар ин қолаб яке аз ҷузъҳои калима асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст. Дар ҳамин замина, сохтори семантикии калимаҳои мураккаби қолаби сифату исмро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда, мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст:

1. Сифати аслӣ+исми моддӣ. Ин навъи қолаби калимасозӣ аслан хосси сифат мебошад. Мавлоно дар ғазалиёти худ аз ин навъи қолаб фаровон истифода бурдааст, ки нисбат ба дигар қолабҳо сермаҳсултар ба назар мерасад. Дар ин навъи сифатҳои мураккаб калимаҳои *хуш, пур,* ҷузъҳои хеле серистеъмоли калимасоз ба шумор мераванд: *хушқад, хушханда, хушписар, хушлиқо, хушдил, хушсувар, хушмагз, хушминқор, хушдаҳан, пурхун.*

Ғайри баҳори ҷаҳон ҳаст баҳоре ниҳон,
Моҳруху ***хушдаҳан****, бода бидеҳ, соқиё! [4, с.166]*
Дар ин бозор, ай Маҷнун, ҷу мунбил гард тан ***пурхун****,*
Ҷу дар шоҳид тамаъ кардӣ, бирав, шамшери лоло хур [5, с.11].

Сифатҳои навъи мураккабро дар забони тоҷикӣ аз рӯйи маъно ва муносибати ба шахсу предмет доштаашон ба гурӯҳҳои зерини семантикӣ ҷудо кардан мумкин аст:

А. Сифатҳои баёнгари хислату хусусияти одамон: *гармрӯ, хубрӯ, покрӯ, ситезарӯй, турушрӯй (туршрӯй), накуруй, фирӯзрух, мастлиқо, пинҳонлиқо, ширинхад, ширинбӯса, ширинкор, ширинзақан, қавидаст, сабукдаст, сабукгӯш, сабукҷисм, гаронгӯш, гаронҷисм, забардаст, хирасар, ваҳҳобсар, шефтасар, пухтакор, логартан, олиқад, латифқад, сахтқад, гармпушт, марфӯъгардан, дарозгардан, хастагулӯ, чавгонзулф, бараҳнапо, покҷайб, баддил, солиммард, махмурсар, кажпӯз, кажандеша, жожшоир, сустзанах, хастаҷигар, хушклаб, хушкдимоғ, хушкдаҳон, нодирачӯпон, навшароб, навгадо, навсабақ.*

Дар ҷайби хок кардӣ арвоҳи ***покҷайб****он,*
Сад карда дар гиребон чун сӯфиён муроқиб [4, с.228].
Остони хиргаҳаш шуд қаҳрабои ошиқон,
Ошиқон, ***логартан****и худро чу барги каҳ кунед [4, с.512].*
Сабукгӯшӣ, сабукҷисмӣ, сабукҷонӣ *башир омад,*
Ки мегӯяд туро ҳар як: "Ало ё лайлу ло таҳзан" [5, с.547].
Бинишин назора мекун, зи ҳураш канора мекун,
Ду ҳазор ***хушклаб*** *бин ба канори ҳавзи Кавсар [5, с.49].*

Бояд зикр намуд, ки калимаи **дил** яке аз вожаҳои сермаъно буда, ба воситаи он килимаҳои сохтаву мураккаб ва таркибу ибораҳои рехтаи фаровон сохта шуда, таркиби луғавии забонамонро хеле ғанӣ гардонидааст. Дар эҷодиёти Мавлавӣ бо як қатор вожаҳое вохӯрдан мумкин аст, ки шоир бо истифода аз тобишҳои семантикии вожаи **дил** дар калимасозӣ ифодаи маънии муқобил (антоним)-ро низ баён кардааст, масалан: *зиндадил – мурдадил, рӯшандил – торикдил, гармдил – сарддил, сустдил –сахтдил, сабукдил–содадил.*

Ҳар ки бувад ошиқи худ, панҷ нишон дорад бад
Сахтдилу *сахтқадам, коҳилу бекору туруш [5, с.144].*
Ай он ки ***сустдил*** *шудаӣ дар тариқи ишқ,*
Дар мо гурез зуд, ки мо дурҷи оҳанем [4, с.452].

Дар робита ба ин масъала ҳақ бар ҷониби забоншинос С. Ғаниева мебошад, ки гуфтааст: ".... ин ё он калимаи мураккаб худ аз худ пайдо нашудааст ва онҳо ҳаргиз натиҷаи ба таври механикӣ ба ҳам махлут шудани калимаҳои алоҳидаи мустақилмаъно нестанд. Вай дар ҷараёни ташаккули худ бо дигар воҳидҳои грамматикӣ пайванди занҷирӣ ва алоқаи ногусастанӣ дорад" [1, с.15].

Б. Сифатҳои баёнгари хусусиятҳои хосси предмет: *бандагул, тозагул, тардоман, тарангубин, тарнона, хушкмоҳӣ, хушкбиёбон, хушкнона, некупар, қадимхона, пинҳонхона, вофирсуман, олишаҷар, болошаҷар, дарозқабо, кӯтаҳдум, тиҳирӯда, тиҳипаймона, сахткамон, нодирагунбад, нодирбода, ҳалимоб, гирдоб, гаронхор, кажпарда, тирахок, шӯрахок, торикғор, навбаҳор, наварӯс, сӯхтапар, мурдарег.*

Ҳар дам аз гулшани ӯ турфа гуле месукалам,
Ҳар замон ***тозагул*** *аз шохи таре мерасадам [5, с.404].*
Мегашт гирди ҳавз ӯ чун ташнагон дар ҷустуҷӯ,
Чун ***хушкнона*** *ногаҳон дар ҳавзи мо* ***тарнона*** *шуд [4, с.368].*
Саҷда орад пеши эшон бонамозу бенамоз,
Пеши эшон сабз гардад ***шӯрахоку*** *сабзазор [6, с.38].*

В. Сифатҳои ифодагари рангҳо: *сияҳкоса, сияҳгилем, сияҳҷурда, сияҳмуй, сияҳхирман, сапедмӯ, сурхқабо, азраққабо, зардрӯй, заъфаронсимо, сабзхинг, сабздӯлоб.*

Ба гирди деги ин дунё чу кафлез ар ҳамегардӣ.
*Бурун рав, ай **сияҳкоса**, махур гамрову ҳалво хӯр [5, с.11].*
*Ҳа кӯдакон ба қиёмат **сапедмӯ** хезанд,*
*Қиёмати ту **сияҳмӯй** кард пиронро [5, с.354].*
*Бинеҳ, ай **сабзхинги** ман, фарози осмонҳо сум,*
Ки биншаст он маҳи зебо чу сад танги шакар пешум [5, с.285].

2. Сифати аслӣ+исми маънӣ. Ин навъи калимасозӣ қолаби сермаҳсул дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ба ҳисоб меравад. Аслан ин навъи қолаб хосси мафҳуми исмҳои абстракт мебошад. Вожаҳои ин навъи қолаби калимасозро низ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

А. Сифатҳои ифодагари хислату хусусияти одамон: тираназар, *ширинназар, ширинқазо, ширинnафас, ширидам, ширинхӯ, нозукхӯ, тундхӯ, хушкеш, пурҷафо, хушсалом, содаранг, хуфташакл, аминшакл, зоҳидшакл, кажрафтор, каҷҷавоб, фархунданом, сустгумон, хомтамаъ, кӯтаҳназар, қавибунёд, сабукрӯҳ, сабукҷон, сабукақл, гаронҷон, шодҷон, ташнаҷон, равшанҷон, бадбахт, беҳудасухун, бемаззагуфтор, латифаркон, латиффармон, латифадо, покизаадо, хамӯшбурҳон, талхпаём, накуойин, нимкор, гарчафиреб, хушхисол, хушмазҳаб, хушлаҳҷа, хушафсона, хушқавл, сардмизоҷ, сардҷон, лангтахмин, хубэътиқод, ростмиъод, бадаҳд, тангҳавсала, пояндаумр, куҳнаислом, зебоҳаракот, мурдаранг.*

Ҷамъи шакаронро бин, дар мо нигаронро бин,
***Ширинназаронро** бин, ҳин, шарҳи шакар баргӯ [6, с.57].*
*Ай зоги **беҳудасухун**, се моҳи дигар сабр кун,*
То даррасад кӯриш ту иди ҷаҳон, иди ҷаҳон [5, с.509].
*Ай мутриби **хушлаҳҷаи ширидами** ориф,*
Ёрӣ деҳу баргӯ, ки чунин ёр кӣ дорад? [4, с.438].

Б. Сифатҳои ифодагари хусусиятҳои хосси предмет: *кажшакл, дарозпаҳно, ширинфан, кажбозӣ, сардсайр, нодиргуҳар, нодираанқо, нодираимон, дуранбор, ошкорсанъат, хушхабар, хушканор, хомӯшмазҳаб, зудзавол,навишқ, ҷавонбахт, тирадиёр.*

Толибу матлубро, ошиқу маъшуқро,
*Ҳамчу гули **хушканор** вақти канорон расид [4, с.601].*
Ту шарм надорӣ, ки туро ойина моем,
*Ту ойинаи ноқиси **кажшакл** харида [6, с.3].*

3. Сифати нисбӣ+исми моддӣ. Ин навъи қолаби калимасоз дар эҷодиёти Мавлоно каммаҳсул аст. Ин навъи вожаҳои овардаи Мавлоно ифодагари хислату хусусияти одамон мешаванд: *лаълинқабо, чанбарипушт, сарвинқад, сангиндил, румирӯй, симинбар, симинзақан, уқорисимо, рустоибача, паҳлавишаҳ.*

*Ай шоҳиди **симинзақан** дардеҳ шаробе ҳамчу зар,*
То синаҳо равшан шавад, афзун шавад нури назар [5, с.6].
*Кӯдаке, **лаълинқабое,** хушлиқое, шакаре,*
Сарвқадде, чашмишӯхе, чобук, барҷастае [6, с. 3].

4. Сифати нисбӣ+исми маънӣ: *аҷамитурк, симинминтақа, софисифат.*

*Ду чашми ту **аҷамитурку** масту хунрезанд,*
Ки мезанад аҷамӣ тирҳои туркона [6, с.3].
*Ай моҳи **симинминтақа,** бо ишқ дорӣ собиқа,*
В-ай осмон, ҳам ошиқӣ пайдост дар симои ту [6, с.3].

Ҳамин тариқ, ҳунари вожаофаринии Ҷалолиддини Балхӣ то андозаест, ки он тадқиқоти муфассалу мукаммалеро тақозо мекунад ва намунаҳои зикршуда далел бар онанд, ки калимаҳои сохтаи шоир дар низоми калимасозии забони осори манзуми адабиёти тоҷику форс назир надоранд. Калимаҳои сохтаи шоир баъдан роиҷ гардида, дар захираи луғавии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи худро пайдо кардаанд. Ҳамчунин ин навъи калимасозӣ, ки Ҷалолуддини Балхӣ дар ғазалиёти худ ба таври васеъ корбаст намудааст, минбаъд аз ҷониби адибони дигар идома дода шуда, боиси сарватманд гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар асрҳои баъдина мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаниева С. Калимаҳои мураккаб бо ҷузъи қиёсии “дил” ва таносуби онҳо бо воҳидҳои фразеологӣ / С. Ғаниева // Паёми Донишгоҳ. - 1990. - №1. - С.14-19.
2. Кабиров, Х. Султони мулки сухан / Х. Кабиров. - Душанбе, 2011. - 151с.
3. Касимов О.Х. Лексика и словообразование в “Шахнаме” Абулкасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. - Душанбе, 2016. - 346 с.
4. Мавлоно, Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир; таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Дониш, 2007. - Ҷ.1. - 687 с.
5. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир; таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Дониш, 2007. - Ҷ.2. - 710 с.
6. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир; таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Дониш, 2008. - Ҷ.3. - 772 с.

7. Саломов М. Мавқеи семантикии калимаҳои якмаъно ва сермаъно дар забони ғазал / М.Саломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2015. - № 4/6 (177). - С.18-24.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1. - 949 с.
9. Ҳалимов С. Оид ба як тарзи калимасозии сифат // Масъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик / С. Ҳалимов. - Душанбе, 1976. - С. 239-243.
10. Ҳалимов С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. - Душанбе, 1988. - 99 с.
11. Ҳошимов С. Якчанд ҷиҳати семантикии калимаҳои арабӣ дар «Дастурулмулук» / С. Ҳошимов // Вазифаи воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор. - Душанбе, 1995. - С. 141-147.

КАЛИМАСОЗИИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ СИФАТ ВА ИСМ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили калимасозии сохторию маъноии қолаби сифат ва исм дар ғазалиёти Ҷалолуддини Балхӣ бахшида шудааст ва муаллиф дар асоси қолабҳои калимасозии роиҷи забон доир ба сохту маънои калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоир маълумоти бештаре додааст. Дар забони тоҷикӣ тарзи тобеи калимасозӣ, хусусан дар заминаи сифат ва исм, қолаби сермаҳсул мебошад. Ҷалолиддини Балхӣ дар таърихи адабиёти пурғановати тоҷику форс ситораи баланди пурҷилоеро дар осмони нопайдоканор мемонад, ки осори ӯ аз диди забоншиносӣ камтар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз таҳлил бармеояд, ки шоир дар сохтани калимаҳои мураккаби типи мазкур ҳунари волое нишон додааст. Калимаҳои сохтаи шоир баъдан роиҷ гардида, дар захираи луғавии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи худро пайдо кардаанд. Ҳамчунин ин навъи калимасозӣ, ки Ҷалолуддини Балхӣ дар ғазалиёти худ ба таври васеъ корбаст намудааст, минбаъд аз ҷониби адибони дигар идома дода шуда, боиси сарватманд гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар асрҳои баъдина мегардад. Маводи мақола барои забоншиносони ҷавон, унвончӯён, донишҷӯён ва умуман, дӯстдорони фарҳангу тамаддуни қадимиамон муфид аст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, сохтор, семантика, калимаҳои мураккаб, сифат, сифати аслӣ, сифати нисбӣ, исми моддӣ, исми маънӣ, таркиби луғавӣ.

СТРУКТУРНОЕ И СЕМАНТИЧЕСКОЕ СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ И СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ГАЗЕЛЯХ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

Данная статья дает общирный анализ слов как в образовательном, так и в семантическом аспекте образования существительных и прилагательных на основе газелей Джалолиддина Балхи, которые являются очень ценными для развития языкознания как науки. В таджикском языке способ подчинительного словообразования, особенно на основе прилагательного и существительного, является очень продуктивным. Джалолиддини Балхи в богатой истории таджикско-персидской литературы считается путеводной звездой, которая сверкает в бесконечном небесном пространстве. Его наследие с точки зрения языкознания не было изучено на должном уровне. Анализы и исследования показывают, что поэт в создании сложных слов и терминов данного типа показывает себя блестящим мастером художественного слова. Созданные поэтом слова актуальны по сей день и нашли себе достойное место в словарном фонде таджикского языка. Такой тип словостроения который, Джалолиддини Балхи широко использовал в своих газелях, также позднее был использован другими поэтами. Это послужило тому, что словарный фонд таджикского языка стал богаче и шире в последующие века. Данная статья имеет большое значение для языковедов, соискателей учёных степеней, почитателей культуры и науки наших прославленных предков.

Ключевые слова: словообразование, семантика, сложные слова, связка, прилагательное, качественные имена прилагательные, относительные имена прилагательные, конкретные имена существительное, абстрактные имена существительные, словарный состав.

STRUCTURAL AND SEMANTIC WORD-FORMATION OF ADJECTIVES AND NOUNS IN GHAZALS OF JALOLIDDIN BALKHI

This article is devoted to analysis of the structural and semantic word-formation of models of adjectives and nouns in ghazals of Jaloliddin Balkhi. On the basisi of word formation models inherent in the given language the author, gives more information about the structure and meaning of complex word in his ghazals. In Tajik language, subordinate word formation, especially on the basis of adjectives and nouns, is a productive model. Jaloliddini Balkhi in the rich history of Tajik-Persian literature is considered a shining star that sparkles in the infinite heavenly space. His legacy from the point of view of linguistics has not been studied at the proper level. The analyzes and studies show that the poet in the creation of complex words and terms of this type showed his skill. The poet's words are relevant to this day and found a worthy place in the vocabulary fund of the Tajik language. This type of word construction, which Jaloliddini Balkhi widely used in his gazelles, was also later used by other poets. This served as the fact that the vocabulary fund of the Tajik language became richer and broader in subsequent. The information given in the article are useful for young linguistics, students and generally the learns of ancient culture.

Key words: word-formation, structure, semantics, compound words, adjictive, qualitative adjective, relative adjective, real noun, semantic noun, vocabulary.

Сведения об авторе: ***Джихонова Гульджахон*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии, преподаватель кафедры практика и методика обучения таджикский язык и литературы Курган-Тюбинский государственный университет им. Н. Хусрава. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **dzhikhonova@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-52-28-68**

Information about the author: ***Jihonova Guljahon*** - Tajik national University, graduate school of language history and typology, lecturer of Department of practice and methods of teaching Tajik language and literature of Kurgan-Tyube state University. N. State. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17. E-mail: **dzhikhonova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 987-52-28-68**

УДК: 42

ГРАММЕМА РЕФЕРЕНТНОСТИ РУССКИХ ОБОБЩЕННО-ЛИЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ И ИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Саидов Д.И.
Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г.Душанбе

Русские обобщенно-личные предложения являются одним из наиболее широко распространённых типов предложений. Этот тип предложений широко представлен в русских пословицах и поговорках: ***Выше головы не прыгнешь (Пословица); A man can do no more than he can (анг.); Кувват ба тавонии (тадж.)***. В данной статье мы рассмотрим особенности грамматической семы (граммемы) – обобщенно – личных предложений при их переводе на английский и таджикский языки. Граммема – это минимальная, то есть далее неделимая единица плана содержания, функционирующая как одно из противопоставленных друг другу значений, образующих грамматическую категорию [1].

Среди различных глагольных форм, используемых для выражения граммемы адресатности в обобщенно-личных предложениях наиболее распространенной является глагольная форма 2 лица едн. и мнж. числа:

*Наскучило идти – **берешь** извозчика и **сидишь** себе как барин, а **не хочешь** заплатить ему – изволь: у каждого дома есть сквозные ворота, и ты так **шмыгнешь**, что тебя никакой дьявол не **сыщет** [3, с.289].*

*If you're tired of footing it – **take** a cab, just like your lordship, and if **you don't feel like** coughing up the fare? – No trouble, every house that has a front door has a back door too and **you beat** it so fast the devil himself **wouldn't catch** you [4, p.265].*

*Агар аз пиёда гаштан дилгир шави, извош **гирифта** хучаин барин **менишини**. Агар ба у хак додан **нахохи**, - мархамат, хар хавли ду дарвоза дорад, ту аз як дарвоза даромада аз дарвозаи дигар **баромада мегурези**, ки щайтон хам туро **ёфта наметавонад** [5, с.409].*

Исследователями довольно часто отмечается специфика обобщенно-личных предложений, в которых референтом, к которому обращено действие, является непосредственно сам автор речи (Шахматов А.А., Скобликова Е.С.). Виноградов В.В. говоря о граммеме адресатности отмечет, что она способна терять свое прямое назначение выражения отношения действия к конкретному субъекту – собеседнику, приобретая реальную или потенциальную отнесенность к любому лицу, в том числе и к отправителю речи [2, с.365]. Нижеследующий пример является ярким доказательством вышесказанного:

*Иное письмо с наслаждением **прочтешь** - так описываются разные пассажи…[3, с.280].*

*Some are such a delight **to read** – the way they describe things, and so edifying, too….[4, p.255].*

*Хатхое пайдо мешаванд, ки **кас** бо камоллоти лаззат **мехонад**: он кадар вокеахои гуногун навишта мешавад, ки… [5, с.397].*

В русском обобщенно-личным предложении адресантом в данном случае, к которому обращено действие, является непосредственно сам автор речи, а именно: адресат. В английском же варианте данное предложение выражено при помощи глагола инфинитива ***read*** с частицей ***to*** в активном залоге. Следует отметить, что английский инфинитив – это неличная форма глагола, которая только подчеркивает действие в предложении, однако же, не указывает ни на лицо, ни на число как такое. Следовательно, граммема референтности в данном случае не имеет определенного адресата, на которого направлено действие и данном примере, а всего лишь констатируется факт совершения действия. Таджикский эквивалент выше упомянутого предложения выражен при помощи неопределенного местоимения ***кас,*** а также глагольной формой ***мехонад*** в настоящем времени, единственном числе и в изъявительном наклонении. Автор данного предложения доносит до слушателя основную мысль и при этом подвключает каждого и себя самого к числу лиц, к которому это действие может быть отнесено.

В следующем предложении мы наблюдаем схожую картину, где референтом, к которому обращено действие, является не конкретное лицо, а всякий, любой:

*Ведь на то **живешь**, чтобы срывать цветы удовольствия [3, с.305].*

*But **what's life** for, but to cull the blooms of pleasure [4, p.283].*

*Охир **кас** барои он **зиндагонӣ мекунад**, ки гулҳои дилхуширо бичинад [5, с.397].*

В английском эквиваленте мы наблюдаем, что русское обобщенно-личное предложение, выражено глагольной формой 2 лица ед. числа изъявительного наклонения передано при помощи вспомогательного глагола ***to be*** в третьем лице, настоящем времени, изъявительном

наклонении, а также существительного ***life***. Английский эквивалент примечателен тем, что автор перевода данного предложения передает русское обобщенно-личное предложение при помощи риторического вопроса, который обычно может быть адресован как адресанту, так адресату коммуникативного акта. В таджикском языке это же предложение передается при помощи ҷонишини номуайянӣ (неопределенного местоимения) ***кас*** с глаголом ***зиндагони мекунад (жить)*** во втором лице, ед. числе, изъявительном наклонении. Из всего вышесказанного следует, что граммема адресатности во всех трех языках имеет схожую функцию, направленную на соотношение действия с каждым, любым лицом, к которому может быть соотнесенно действие.

При выражении обобщенно-личного значения в русском языке пословицы и поговорки занимают значимое место. Граммема адресатности в данных типах предложений идентична в плане выражения действия. Что же касается эквивалентов этих пословиц и поговорок в английском и таджикском языках, то здесь картина схожа в семантическом плане, однако грамматическая особенность отлична от русского оригинала:

На ошибках ***учатся*** *[3, с.267].*
If ***you loose*** *don't loose the lesson*
Ҳар кӣ н-омӯхт *аз гузашти рӯзгор,*
Низ ***н-омӯзад****, зи ҳеҷ омӯзгор.*

На английский язык русское обобщенно-личное предложение передано при помощи личного местоимения ***you*** во 2-ом лице, единственном числе и глагола ***loose*** в форме инфинитива без частицы ***to*** (в английском языке существует термин ***bare infinitive,*** используемый для обозначения инфинитива без частицы ***to***). Таджикский эквивалент данной русской пословицы передан при помощи двустишия, в котором обобщенно-личное значение выражено посредством неопределенного местоимения ***хар ки (любой)*** и отрицательного глагола ***н-омухт(не учится)*** в единственном числе, прошедшем времени. Большинство примеров показывают, что наиболее распространенной формой среди других конструкций, выражающих обобщенно-личное значение, является 2-ое лицо единственного и множественного числа.

Другой значимый момент, который необходимо отметить, – это то, что граммема адресатности в обобщенно-личных предложениях также может быть выражена при помощи использования модально временного значения. Так, профессор Скобликова Е.С. отмечает, что важную особенность обобщенно-личных предложений составляет то, что употребляются они при выражении таких наблюдений, которые представляются говорящему обязательными, бесспорными,….. поэтому в них легко возникает модальное значение необходимости, неизбежности, объективной обусловленности выражаемых наблюдений (3, с.110):

Да отсюда, хоть три года ***скачи****, ни до какого государства* ***не доедешь*** *[3, с.276].*
You could gallop *for three years* ***without reaching*** *a foreign country [4, p.250].*
Аз инчо се сол ***аспдавони кунед****, хам ба хоки ягон давлат* ***расида наметавонед*** *[5, с.392].*

Обобщенно-личное значение в главном предложении выражено при помощи глагола ***скачи*** в единственном числе, настоящем времени, повелительном наклонении. Данный глагол выражает модальное значение движения. В придаточной части обобщенно-личного предложения глагольное сказуемое выражено отрицательной формой ***не доедешь*** в единственном числе, настоящем времени, изъявительном наклонении. Модальный оттенок глагола ***не доедешь*** выражает в данном случае невозможность совершения действия в силу определенных обстоятельств. В английском эквиваленте первый глагол передан при помощи личного местоимения во втором лице, единственном числе, а также модальным глаголом ***can*** в прошедшем времени (***could***), которое выражает условную ситуацию, в которой действие могло бы произойти. После модального глагола ***could*** следует смысловой глагол ***gallop*** (скакать галопом) в инфитивной форме без частицы ***to***. Глагол же ***не доедешь*** передан при помощи предлога ***without*** (без) и неличной глагольной формы ***reaching***, а именно: причастием настоящего времени. Таджикский эквивалент данного примера переведен при помощи существительного ***аспдавони (скачки)*** и повелительного глагола ***кунед (делайте)***. Вторая же часть состоит из составного глагольного сказуемого ***расида наметавонед (не доберешься),*** выражающего модальное значение невозможности.

Таким образом, вышеприведенные примеры показывают, что граммема адресатности как в русском, таджикском, так и английском языках обладает схожей функциональной направленностью. Во всех трех языках граммема адресатности, потеряв главное назначение выражения отношения действия к конкретному определенному референту, приняло реальную или потенциальную отнесенность к любому лицу, в том числе и к отправителю речи. Следовательно, референтом в вышеупомянутых примерах может выступать каждый, любой. Значимую роль в обобщенно-личных приложениях имеет и модально-временное значение. Во всех трех языках модальный оттенок глагола представляется адресату обязательным или же

необходимым, что способствует расширению отношения действия к более широкому кругу лиц.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Лингвистический энциклопедический словарь. АН СССР. - М.: Сов. энцикл., 1990. - 682 с.
2. Виноградов В.В. Учебное пособие / В.В. Виноградов. - 2-е изд. - М.: Высшая школа, 1972. - 601 с.
3. Скобликова В.С. Современный русский язык / В.С. Скобликова. - М.: Изд. "Просвещение", 1979. - 238 с.
4. Даль В.И. Пословицы русского народа. Т.1. Пословицы русского народа: Сборник В.Даля / В.И. Даль. - М.: Русская книга, 1993. - 638 с.
5. Гоголь Н.В. Собрание сочинений. В 7-ми томах / Н.В. Гоголь; под общ. ред. С.И. Машинского и М.Б. Храпченко. Том третий. Повести. Примеч. Г.М. Фридлендера. - М.: Худож. лит, 1977. - 303 с.
6. Н.В. Гоголь Асархои мунтахаб / Н.В. Гоголь. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1952. - 496 с.
7. OXFORD University Press Translation, Note on Texts and Transliteration, Table of Ranks, chronology, Explanatory Notes Christopher English. Bibliography. - Introduction Richards Peace, 1995. - 312 p.

ГРАММЕМАИ РЕФЕРЕНТНОКИИ ҶУМЛАҲОИ УМУМИШАХС ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Баррасии масъалаҳои илми типология аз тарафи забоншиносони давлатҳои гуногуни олам ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти калон барои илмҳои гуногун доранд, аз қабили фалсафа, психология, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва ғайра. Моҳияти ҷумлаҳои умумишахс аз аввал барои олимони соҳаи забон чи асри гузашта ва чи ҳозира аҳамияти хосса дорад. Забоншиносони рус то ҳол оиди мавҷудияти ҷумлаҳои умумишахс ба хулосаи аниқ ва ягона наомадаанд. Ва дар масъалаи мазкур онҳоро одатан ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд. Мо худ бар он ақида мебошем, ки ҷумлаҳои умумишахс ба гурӯҳи ҷумлаҳои мустақил дохил мешаванд, ки шакл ва сохти муайяни худро доранд ва амалеро ифода месозанд, ки ба ҳама, яъне ба ҳар як шахс, он ё ин ки ба гурӯҳи шахсон нисбат дониста мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки аз байни шаклҳои феълие, ки барои ифода сохтани ҷумлаҳои умумишахс истифода мешаванд, аз ҳама беш ду шакли асосӣ истифода бурда мешавад. Шакли аввал ба вазифаи хабари феълии шакли 2-ми танҳою ҷамъ ва сиғаи хабарӣ истифода мешавад. Шакли дувум дар ҷумла ба вазифаи хабари феълии шакли 1-ми танҳою ҷамъ ва замони ҳозира истифода бурда мешавад. Шакли дуюми ҷумлаҳои умумишахс асосан дар ҳикматҳои халқӣ, дар хулосаҳои пандомези шоиру нависандагон дида мешавад. Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур ин қайд намудани хосиятҳои граммемаваию референтивии ҷумлаҳои умумишахс дар забони русӣ мебошад. Натиҷаи кори мазкур бояд барои систематикунонии шаклҳои асосии ҷумлаҳои умумишахси русӣ ҳангоми тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ва тоҷикӣ гардад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои умумишахс, феъли асосӣ, референт, сиғаи хабарӣ, масъалаҳои забоншиносӣ, системакунонӣ, хусусиятҳои модалӣ.

ГРАММЕМА РЕФЕРЕНТНОСТИ РУССКИХ ОБОБЩЕННО-ЛИЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ И ИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Вопросы типологии всегда были объектом изучения языковедов различных стран. Результаты работ имеют большое значение не только для исследователей области языкознания, а также в сфере философии, психологии, социологии, политологии и других наук. Природа обобщенно - личных предложений с самого начала представляла интерес для языковедов, как двадцатого, так и двадцать первого века. Исследователи русского языка до сегодняшнего дня не пришли к единому выводу касательно природы их экзистиональности в русском языке. Мы же придерживаемся той точки зрения, что данный тип предложений является самостоятельным типом предложения, выражающим действие, которое может быть произведено широким кругом лиц. Целью данной статьи является описание граммемы референтности русских обобщенно-личных предположений, а также выявление общих особенностей и различий в английских и таджикских эквивалентах. Нужно отметить, что среди глагольных форм, выражающих обобщенно - личное значение, наиболее широко используемы две основные глагольные формы; первое - это глагол во втором лице, единственном и множественном числе, изъявительном наклонении и второе - это глагол в первом лице, единственном и множеством числе. Первая конструкция широко используется в речи и художественной литературе. Вторая конструкция ярко выражена в русских пословицах и поговорках. Результаты работы должны способствовать систематизации способов передачи этих русских предложений в английском и таджикском языках. В рамках описания семантико-грамматических особенностей обобщенно-личных предложений так же выявляются и описываются их модальные особенности при переводе с русского на английский и таджикский языки.

Ключевые слова: обобщенно - личные предложения, смысловой глагол, референтность, изъявительное наклонение, вопросы языкознания, систематизация, модальные особенности.

GRAMMEM OF REFERENCE OF RUSSIAN SUMMARY PERSONAL OFFERS AND THEIR EQUIVALENTS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The questions of linguistics have always attracted linguists of different countries of the world. The outcomes of scientific researches in this field don't have big value to science of linguistics. It also affects to other sciences as philosophy, sociology, political science and etc. The nature of the Russian generic sentences has always had a vast interest to linguists of twentieth and twenty-first centuries. Russian linguists even today don't have unanimous opinion regarding existence of these sentences in language. However, we consider this type of sentences as an independent one which has its own structure and meaning. The action that these sentences usually describe can be related to every one i.e. to all people of particular group. It should be said there are different constructions which are used to express generic sentences. The most used are two of them. The first is used with predicative expressed by verb in 2-nd person singular and plural forms in in indicative mood. The second is used with predicative expressed by verb in 1-st person singular and plural forms in present tense. The last one is widely used in proverbs and sayings. The first one is used in every day speech. The purpose of this article is to describe the referential grammeme* of Russian generic sentences, and to elicit the common features and

* A value of a grammatical category, for example, singular and plural are grammemes of the category of number.

differences in their English and Tajik equivalents. The results of the work should help to systematize methods of translation Russian generic sentences into English and Tajik languages.

Key words: generic sentences, main verb, reference, indicative mood, linguistics issues, systematize, modal verbs.

Сведение об авторе: ***Саидов Д.И.*** - Филиал Московский государственный университет им. М.В. Ломоносова в г. Душанбе, ассистент кафедры "Лингвистика". **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар 35\1. E-mail: daler_saidov@mail.ru**.** Телефон: **(+992) 901-77-22-13**

Information about the author: ***Saidov D. I.*** - Branch of Moscow state University. M. V. Lomonosov in Dushanbe, assistant Professor, Department "Linguistics". **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar street 35\1. E-mail: **daler_saidov@mail.ru.** Tel: **(+992) 901-77-22-13**

УДК: 491.550+891.550

АЛОҚАИ МУВОФИҚАТ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Давлатов А.Н.
Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон

Мувофиқат яке аз гурӯҳҳои алоқаи наҳвиест, ки дар он ҷузъи тобеъ ба ҷузъи тобеъкунанда аз рӯйи шахсу шумора ва ё танҳо шумора ё ин ки шахс мувофиқат менамояд, яъне ҷузъи тобеъкунанда дар кадом шахсу шумора бошад, ҷузъи тобеъ ҳам то ҳадди имкон дар ҳамон шахсу шумора меояд. Воситаи ифодаёбии мувофиқат дар забони тоҷикӣ ба воситаи бандакҳои феъливу хабарӣ ва пасвандҳои ҷамъбандӣ ифода меёбанд [1, с.19].

Алоқаи мувофиқат аз рӯйи ифодаи грамматикӣ - лексикӣ ба се навъ ҷудо мешавад, ки ҳамаи ин хели алоқа дар банду басти ибораҳои «Қобуснома» иштирок доранд: **мувофиқати грамматикӣ, мувофиқати грамматикӣ - лексикӣ, мувофиқати грамматикӣ - семантикӣ** [2, с.234].

Фарқи ин навъҳо аз он иборат аст, ки дар мувофиқати грамматикӣ ҳарду ҷузъ ҳам воситаҳои грамматикӣ доранд: **мутрибон шеър хонданд, навкарон хӯрок хӯрданд**. Валекин дар мувофиқати грамматикӣ - лексикӣ яке аз ҷузъҳо нишондиҳандаи грамматикӣ дорад, аммо ҷузъи дигар нишондиҳандаи грамматикӣ надорад: **ҳама бирафтанд, ман бозгаштам, мо рафтем** ва ғайра.

Навъи сеюм мувофиқати грамматикӣ - семантикӣ буда, дар он низ яке аз ҷузъҳо, одатан ҷузъи тобеъ нишондиҳандаи грамматикӣ дораду ҷузъи тобеъкунанда нишондиҳандаи грамматикӣ надорад: **мардум омаданд, тоифаи дуздон.**

Мисолҳоеро, ки қаблан зикр кардем, дар калимаҳои дуюмашон нишондиҳандаи грамматикӣ доранду халос, калимаҳои якум бошанд, мазмунан ифодаи маъноии бисёр доранд, калимаҳои тобеъ бо онҳо аз рӯйи шумора мувофиқат менамоянд ва дар бештари ҳолатҳо бо исми ҷомеъ ифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ алоқаи мувофиқат байни хабару мубтадо ва баъзан муайянкунандаву муайяншаванда ба амал меояд [4, с.12].

Мувофиқати хабар бо мубтадоро дар асрарҳои насрии асри X1 аз он ҷумла дар «Қобуснома» ба таври васеъ дидан мумкин аст. Ин шакли мувофиқат дар се навъи воситаҳои грамматикӣ – лексикӣ иштирок карда метавонад.

Чуноне ки дар боло зикр кардем, дар мувофиқати грамматикӣ ҳар ду ҷузъ ҳам нишондиҳандаи грамматикӣ доранд:

Мард муҳр биситуду **бирафт** ва **марди дигар** пеши қозӣ **биншаст** [9, с.108]. **Зулқарнайн** гирди олам **бигашт** [9, с.99].

Дар мисолҳои боло мубтадо бо исм ифода ёфта, дар шакли танҳо омадааст.

Дар мисолҳои зер бошад мубтадо бо исмҳои ҷамъи ифодакунандаи шахс (бо пасвандҳои ҷамъбандӣ) омадааст ва хабар бо он мубтадоҳо аз рӯйи шахсу шумора мувофиқат мекунад:

Мардумон дараҷаи ту **бишносанд** [9, с.27]. **Бузургону хирадмандонро** ба сухан **бишносанд** [9, с.27].

Дар «Қобуснома» боз ҷумлаҳоеро дидан мумкин аст, ки мубтадо бо ҷонишинҳои ифодакунандаи ҷамъ омадаанд ва онҳо ба қатори мувофиқати грамматикӣ – лексикӣ дохил мешаванд, зеро ҷонишинҳо (ба ғайр аз **онҳо, инҳо**) нишондиҳандаи ҷамъи грамматикӣ надоранд:

Мо чанд кас дар киштӣ будем [9, с.84]. **Ҳама** бигӯянд, ки лаънат бар мулҳидон бод [9, с.105].

Инчунин мувофиқати байни хабару мубтадо ду хел мешавад, мувофиқати пурра ва мувофиқати нопурра [4, с.13].

Дар ҳолате хабар бо мубтадои худ ҳам аз рӯйи шахс ва ҳам аз рӯйи шумора пурра мувофиқат намояд мувофиқати пурра ном дорад ва дар ин ҳолат мубтадо бо калимаҳои ифодакунандаи миқдори зиёд ё бо исмҳои ҷомеъ омада бошад, хабар бо мубтадо аз рӯйи шахсу шумора мувофиқат менамояд:

Ва **раият** ба адл тавон дошт ва **раият** ва адл ободон бошад, ки дахл аз раият ҳосил мешавад [9, с.160]. Ва **подшоҳони** атрофи олам, ки ҳамасрони ту бошанд, агар **дӯст бошӣ**, нимдӯст мабош [9, с.164].

Аз мисолҳои дар боло зикршуда маълум гашт, ки дар забони адабии тоҷик хабар бо мубтадо аксар пурра мувофиқат намояд ҳам, вале мавридҳое ба назар мерасанд, ки дар байни онҳо мувофиқати пурра дида намешавад. Ин мувофиқат дар забони насри XI аз забони адабии ҳозираи тоҷик то андозае фарқ мекунад. Зеро дар адабиёти классикӣ ба мувофиқати семантикию грамматикӣ бештар диққат дода мешудааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқати грамматикӣ афзалият дорад.

Аз рӯйи анъана мувофиқати пурраю нопурраи мубтадо бо масъалаи ҷамъи грамматикию семантикии мубтадо пайвастагии зич дорад [5, с.324]. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик масъалаи мувофиқати хабар бо мубтадо тағйир ёфтааст. Имрӯзҳо дар забони матбуот ва садою симо хабар бо мубтадо, сарфи назар аз он ки бо исми шахс ифода шудааст ё ғайри шахс, аксар мувофиқат мекунад.

Дар насри ин давра, аз он ҷумла дар «Қобуснома», мисолҳои зиёде ҳастанд, ки мубтадо миқдори зиёдро ифода намояд ҳам (исм бо шумора), дар шакли танҳо омадани хабар мумкин аст:

Ду фармондеҳ дар як шаҳр **наку набошад** [9, с.52]. Зиёда аз **ҳаштод ҳазор** мард он ҷо **кушта шуд** [9, с.176].

Чунин ҷумлаҳо дар забони адабии муосири тоҷик низ ҳастанд:

Аз баландии шаст метр бо поён **меомад [7, с.56]. Наздики чорсад** донишҷӯ **шуда буд** [8, с.68].

Инчунин калимаҳои ифодакунандаи миқдори зиёд ва хабару мубтадоҳое, ки бо исми ҷомеъ ифода шудаанд, хусусияти духӯрагӣ пайдо менамоянд ва аз ин сабаб бо мубтадои худ гоҳо мувофиқат мекунанд ва гоҳо мувофиқат намекунанд, ки ин ба услуби нависанда вобаста аст.

Дар забони «Қобуснома» мисолҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки мувофиқати хабару мубтадо ба нормаи забон дуруст наомадааст. Аз ин рӯ, мо мисолҳоеро оварда метавонем, ки хабар бо мубтадои худ на аз рӯйи шахс мувофиқат кардааст ва на аз рӯйи шумора; мубтадо бо ҷонишини **ҳар кас** (шахси III, шумораи танҳо) ва хабар бо феъли **бихӯрем** (шахси I, шумораи ҷамъ) ифода гардидаанд:

Ҳар кас се қадаҳ мурабо **бихӯрад** [9, с.164].

Бо чунин мисолҳо мо дар забони гуфтугӯӣ низ вомехӯрем [6, с.213]. Дар ин гуна мисолҳо мубтадои асосӣ афтида, баёнияҳои истисноӣ мондаанд:

Амаки Равшани бодгар ба кӯзаҳо об гирифта омад [10, с.3].

Илова бар ин, дар забони муосири тоҷик ба ҳодисаи мувофиқати нопуррае ҳам вомехӯрем, ки хабар бо мубтадои худ аз рӯйи шумора мувофиқат дорад, лекин аз рӯйи шахс мувофиқат намекунад:

Падару писар ба шаҳр **равон шудем** [9, с.275]. **Ду кас** ба сақичхоӣ **сар кардем [9, с.275].** Дар ин мисолҳо нависанда калимаи **«мо»-**ро дар назар дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷумлаҳои феълӣ мувофиқати хабару мубтадо бо ҳамаи хусусиятҳояш зоҳир мегардад, яъне нишондиҳандаи грамматикӣ дорад **(замон, намуд, сиға** ва ғайра), лекин мувофиқати хабару мубтадо дар ҷумлаҳои номӣ бо бандакҳои хабарӣ аёнтар зоҳир мегардад:

Ва адуи ишон фузунтар аз даҳ ҳазор мард аст [9, с.56]. Ин бистари истироҳатии шумо ба шумор мерафт [9, с.101].

Дар ҷумлаҳое, ки хабар набошад, аз байн рафтани мувофиқати грамматикӣ аз эҳтимол дур нест ва дар ин ҳолат мубтадову хабар бо дигар хели алоқаи наҳвӣ, тартиби калима, меоянд, ба монанди «Рӯдакӣ- шоир»; «Об- рӯшноӣ»; «Наврӯз - паҳлавон», яъне дар шакли баёнияи беизофӣ меоянд.

Хулоса, воситаҳои ифодаи мувофиқати хабар бо мубтадо бандакҳои феъливу хабарӣ, пасвандҳои ҷамъбандӣ ва тартиби калима мебошанд [4, с.16].

Мувофиқати муайянкунанда бо муайяншаванда. Қисме аз хелҳои муайянкунандаҳои забони тоҷикӣ дар «Қобуснома» бо муайяншавандаҳои худ мувофиқат мекунанд.

Дар насри асри XI мувофиқат байни муайянкунандаву муайяншавандаҳо низ вуҷуд доштааст, ки то ҳол баъзе мисолҳои онро дар забони имрӯза пайдо кардан мумкин аст: ҳафт додарон, ду хоҳарон, чил духтарон ва ғайра [3, с.64].

Дар забони «Қобуснома» агар шумора бо исм ояд, исм - муайяншаванда метавонад дар шакли танҳо ояд, хоҳ исми ҷондор бошад, хоҳ исми беҷон. Ин хусусият дар забони ҳозираи тоҷик низ вуҷуд дорад: **ду ҷом, чанд ҳазор марду зан, ҳазору ҳатфсад ғулом,**

ҳафтсад ҳазор мард, чаҳор кӯдак, бист ҳазор савор, ҳазор – ҳазор гӯсфанд, ду офтоба, ду ҳазор динор ва ғайраҳо.

Чуноне ки дидем, дар ин мисолҳо муайянкунанда бо муайяншаванда аз рӯйи шумора мувофиқат намекунад.

Баъзан дар забони насри тадқиқшаванда шумора – муайянкунанда бо исми мансуби шахс – муайяншаванда ояд, дар шакли ҷамъ омадани исм – муайяншаванда мумкин аст:

Зиёда аз даҳ ҳазор **ҳиндувон**.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони насри асри XI аз насри забони ҳозира дар он аст, ки нумеративҳо дар асри XI нисбатан кам истифода шудаанд [10, с.2].

Дар насри забони ҳозира муайянкунада – шумора ё ҷонишини миқдорӣ бо нумеративи **нафар** омада бошад, муайяншаванда - исм бештар пасванди ҷамъбандӣ қабул мекунад ва аз рӯйи шумора алоқаи мувофиқат ба амал меояд:

Мириғазаб бо **чанд нафар пешхизматони** худ даромад [9, с.98]… Дар таги девори похсагӣ тақрибан **чил нафар ҳоҷизанон** худро бо чодирҳояшон печонда менишастаанд [9, с.251].

Дар забони «Қобуснома» ҳангоми бо нумеративи нафар омадан муайяншаванда – исм шакли ҷамъ мегирад, лекин дар забони ҳозира бо нумеративи нафар омада шакли ҷамъ нагирифтани муайяншаванда - исмҳо мумкин аст:

Аз саҳар ин ҷониб тахмин **шаст – ҳатод нафар гадо** омада буд [9, с.169].

Инчунин, дар забони адабии ҳозира ибораҳое низ ҳастанд, ки муайянкунанда бо шумораи **якта – нимта** ояд, исм –муайяншаванда, хоҳ ҷондор бошад хоҳ бечон, шакли ҷамъ гирифта бо муайянкунанда мувофиқат мекунад:

Якта - нимта заврақҳои ба соҳил чаппа карда монда шуда ба назар мерасид [9, с.235]. Фақат барои занҳои кӯдакдор, **якта – нимта одамони** носиҳат имтиёз буд [9, с.4].

Дар забони «Қобуснома» бошад чунин шакли мувофиқат вуҷуд надорад.

Дар мисолҳои зерин муайяншавандаҳо бо исми ҷомеъ ва исми танҳо ифода ёфтаанд:

Дар бораи муллою эшонҳо боз **ҳазорон мақоли** дигар ҳаст [9, с.260]. Бо забони тоҷикӣ даҳҳо миллион мардум ҳарф мезананд [9, с.154].

Чунонки мушоҳида кардем, дар мисоли якум мувофиқати муайянкунандаву муайяншаванда барҳам хӯрдааст.

Хулоса, дар забони «Қобуснома» мувофиқат аз рӯйи шахсу шумора байни мубтадову хабар, аз рӯйи шумора байни баъзе муайянкунандаву муайяншаванда ва ибораҳо вуҷуд дорад. Инчунин ҳаминро бояд зикр кард, ки дар адабиёти классикӣ ба мувофиқати семантикию грамматикӣ бештар диққат дода мешудааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқати грамматикӣ афзалият дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзоев АШ. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / А.Ш. Мирзоев ва диг. - Душанбе, 1986. - 450 с.
2. Гафуров Б.Г. Таджики. Деревнейшая, древная и среднековая история / Б. Ғ. Гафуров. - М., Изд-во «Наука». - 375с.
3. Муҳаммад Т. Б. Сабкшиносӣ. - Эрон, 1976. - Ҷ. 2. – 110 с.
4. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 216 с.
5. Саид Н.Б. Аз муқаддиме ба Қобуснома / Н.Б. Саид - Сталинобод, 1939. - 98 с.
6. Ш. Ҳусейнзода. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфҳои 8 /. - Душанбе, 1974. - 104 с.
7. Н. Маъсумӣ. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. - Душанбе: Адиб, 1966. - 129 с.
8. Рустамов Ш. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1998. – 216 с.
9. У. Кайковус. «Қобуснома»; ба чоп ҳозиркунанда М. Муллоаҳмадов. - Душанбе, 2007. - 190 с.
10. Давлатов А. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар «Қобуснома» / А. Давлатов // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2016. - №4/3(203). – С.36-39.

АЛОҚАИ МУВОФИҚАТ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Дар мақолаи мавриди назар масъалаҳои истфодабарии воситаҳои алоқаи мувофиқат дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус баррасӣ гардидаанд. Муаллиф тарзҳои ифода ва воситаҳои алоқаи мувофиқатро дар ибора ва ҷумлаҳо тадқиқ ва таҳлил намуда, онҳоро аз ҷиҳати сарфиву наҳвӣ гурӯҳбандӣ кардааст ва бо мисолҳои мушаххас фикрашро қувват додааст. Инчунин, ӯ кӯшиш намудааст, ки фарқияти ҷумлаҳои асри XI- ро аз ҷумлаҳои забони муосир нишон диҳад. Муаллиф қайд кардааст, ки алоқаи мувофиқат аз рӯйи ифодаи грамматикӣ - лексикӣ ба се навъ ҷудо мешавад, ки ҳамаи ин ҳели алоқа дар банду басти ибораҳои «Қобуснома» иштирок доранд: мувофиқати грамматикӣ, мувофиқати грамматикӣ - лексикӣ, мувофиқати грамматикӣ - семантикӣ. Вай дар алоҳидагӣ фарқияти ин навъҳои алоқаро бо мисолҳо аз китоби «Қобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус ба таври мушаххас баён кардааст. Аз рӯйи таҳлили муаллиф мувофиқати хабар бо мубтадоро дар асарҳои насрии асри XI, аз он ҷумла дар «Қобуснома», ба таври васеъ дидан мумкин аст. Ин шакли мувофиқат дар се навъи воситаҳои грамматикӣ – лексикӣ иштирок карда метавонад. Дар ин мақола мунаққид бо мисолҳои мувофиқ равшан сохтааст, ки дар забони «Қобуснома» алоқаи мувофиқат аз рӯйи шахсу шумора байни мубтадову хабар, аз рӯйи шумора байни баъзе муайянкунандаву муайяншаванда ва ибораҳо вуҷуд дорад. Инчунин ҳаминро бояд зикр кард,

ки дар адабиёти классикӣ ба мувофиқати семантикию грамматикӣ бештар диққат дода мешудааст, вале дар забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқати грамматикӣ афзалият дорад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои содаи чидааъзо, наҳв, адабиёти муосир, сохтор, усул, нишондод, алоқа, мувофиқат, тарз, тадқиқ, омил, пайвасткунанда, пайвастшаванда.

СВЯЗЬ СОГЛАСОВАНИЯ И ЕЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В «КАБУСНАМЕ» У. КАЙКОВУСА

В этой статье рассмотрен вопрос об использовании средств связи в «Кабуснаме» Унсуралмаоли Кайковус. Автором проанализированы методы выражения и взаимосвязанной коммуникации в терминах и фразах. Им расклассифицированы способы согласования на основе конкретных примеров, также сделана попытка отличить язык XI века и современный стиль написания. Автор отмечает, что виды и связи литературного языка делятся на три типа, и каждый из них встречается в «Кабуснаме» Унсуралмаоли Кайковус: грамматическая согласованность, лексико - грамматическая согласованность, грамматико-семантическая согласованность. Он конкретно описал различия между этими типами связи на основе примеров из книги «Кабуснаме» Унсуралмаоли Кайковуса. Из анализа исследования можно широко представить соответствие сказуемого и подлежащего в прозе XI века, в том числе «Кабуснаме». Эта форма согласования может принимать участие в трех типах грамматических средств. В данной статье автор с помощью наглядных примеров показал, что в языке «Кабуснаме» согласование происходит по числам и лицам между подлежащим и сказуемым, а по числам - между определением и определяемым и в словосочетаниях. В классической литературе больше внимания уделяется только грамматическому согласованию.

Ключевые слова: простые однородных предложения, синтаксис, современные литераторы, структуры, способы, классификацию, анализ, проводить, средства.

SIMPLE HOMOGENEOUS SENTENCES IN THE «QOBUSNOMA» OF U. KAYKOVUS

This article discusses the use of communications in the "Kabusnama" by Unsuralmale Kaikousus. The author analyzes the methods of expression and interconnected communication in terms and phrases. They also classified the methods of harmonization based on specific examples. author He also made an attempt to distinguish the language of the X1 century and modern style of writing. The author notes that the types and connections of the literary language are divided into three types, and each of them occurs in the "Kabusnama" by Unsuralmaole Kaikousus: grammatical consistency, vocabulary grammatical consistency, grammatical-semantic coherence. He specifically described the differences between these types of wings based on examples from the book "Kabusnama" by Unsuralmaioli Kaikousus. From the analysis of the study, it is possible to broadly represent the correspondence between the predicate and the subject in prose X1 century, including "Kabusnama". This form of harmonization can take part in three types of grammatical means. In this article, the author, with the help of illustrative examples, showed that in the language "Kabusnama" the coordination takes place according to the numbers and persons between the subject and the predicate, and by the numbers between the definition and the one determined and in the word-counts. In the classical literature, more attention is paid to the grammatical harmonization.

Key words: simple, homogeneous, sentences, syntax, modern writers, structures, methods, classify, cation, definition.

Сведения об авторе: ***Давлатов Абдулмаджид Нурович*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, М.Турсунзаде, 30. Телефон: **(+992) 985-45-36-98**

Information about the author: ***Davlatov Abdulmajid Nurovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) university, Lecturer of chair of Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade 30. Tel.: **(+992) 985-45-36-98**

УДК: 491.550+891.550

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳотулунс»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибоси калима аз як забон ба забони дигар яке аз роҳҳои асосии бойгардии таркиби луғавии забонҳост. Маликушшуаро Баҳор дар ин бобат мегӯяд: *«Дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро бар канор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд ва ин низ муҳол аст. Чи ба василаи тиҷорат ва сафар ва муошират ва ҳатто ба василаи шунидани афсона ва ривоёти милали дигар луғоте аз он мардум дар ин мардум нуфуз мекунад ва ҳамаи забонҳои олам, аз ин рӯ, дорои луғатҳои дахил аст» [17, с.211].* Муҳаққиқ Т. Бердиева ин фикри Баҳорро тақвият дода мегӯяд: *«Зарурати истеъмоли иқтибос аз он бармеояд, ки ин ҳодиса хосияти сирф забонӣ надошта, балки он бо омилҳои иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ба миён меояд» [2, с.8].* Муаллифи мазкур сабабҳои ба забон ворид шудани унсурҳои бегонаро ба табиати ҳар забон вобаста дониста таъкид медорад: *«Сабабҳое, ки аз табиати забон бармеоянду ба ворид шудани унсурҳои бегоназабон (забони бегона – Ҷ. М.) замина мегузоранд, пеш аз ҳама, эҳтиёҷи номдиҳии (номинатсияи) ҳодисоти сершумори ҳаёти рӯзмарра аст. Ҷамъият, ки инкишоф меёбаду… ақлу хиради инсон олату афкори нав ба нав меофарад, ҳар як забонро ба номҳои нав эҳтиёҷманд месозад. Дар ин ҳолат забон (пеш аз ҳама – Ҷ. М.) аз банду решаи*

худ гизо мегирад ва агар он расоӣ накард, вай аз сарчашмаи дигар – иқтибосот баҳра меёбад. Сабаби дигаре, ки аз табиати забон бармеояд, полисемия (сермаъноӣ) аст, ҳангоме ки як калима маъноҳои гуногунро ифода мекунаду лекин моҳияти ҳодиса ё предметро қатъӣ инъикос карда наметавонад. Дар ин ҳолат он калима бо амри қонунияти дохилии инкишофи забон аз ин «вазифа» соқит мегардад. Барои ифодаи мафҳумҳои нав унсурҳои лексикии он забонеро, ки соҳибонаш ин мафҳумро офаридаанд ё ҷорӣ кардаанд, иқтибос мекунад» [2, с.8].

Масъалаи иқтибосот дар забоншиносӣ хеле батафсил баррасӣ гардидааст. Даҳҳо тадқиқро ном бурдан мумкин аст, ки ба паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъ дахолат намудаанд. Аз ҷумла, Носирҷон Маъсумӣ дар мавриди андешаронӣ дар хусуси инкишофи забон ва таркиби луғавӣ назари худро ба калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ баён доштааст [8, с.5-76; 7, с.77-114]. Яке аз роҳҳои воридшавии калимаҳои бегонаро ба таркиби луғавии забон Н.А. Шарофов чунин эзоҳ медиҳад: *«Бойгардии таркиби луғавии забон аз ҳисоби калимаҳои бегона ба хусусиятҳои таркибии луғавии худи забон низ алоқаманд аст. Дар ин маврид калимаҳои нав ба забон на танҳо вобаста ба пайдоиши мафҳумҳои нав, инчунин алоқамандона бо он ки дар забон зарурати додани ориентатсияи нав, характери байналмилалии гурӯҳи муайяни луғот пайдо мешавад, ворид мегарданд» [16, с. 48]*.

Иқтибоси калима аз забони бегона, агарчи аз рӯйи эҳтиёҷ сурат мегирад, он аҷзи забон нест. *«Забоне, ки аз забонҳои дигар калимаҳоро қабул мекунад, забони қафомонда нест, балки дар давраи муайяни таърихӣ чизи ба худ зарууриро қабул мекунад, зеро эҳтиёҷоти забон ниҳоят гуногун буда метавонад» [15, с.2]*. Забоншинос Додихудо Саймиддинов калимаҳои иқтибосӣ дар забони форсии миёнаро мавриди тадқиқ қарор дода ба хулосае меояд, ки *«қисми зиёди иқтибосоти гайриэронӣ дар забони форсии миёна хусусияти китобӣ доранд. Ин иқтибосот аввалан дар матнҳои хусусияти расмӣ, динӣ, илмию фалсафидошта ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта, баъдан тадриҷан ба нутқи шифоҳӣ ворид шудаанд» [9, с.46]*.

Иқтибосот дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ махсус тадқиқ нагардида, аммо В.А. Капранов дар мақолааш «К вопросу о воззрениях Джами на язык», ки ба назари Ҷомӣ доир ба забон алоқаманд аст, ёдрас мекунад, ки бо вуҷуди ниҳоят соддагӣ забони асарҳои ӯ дорои иқтибосоти зиёди арабӣ аст [5, с.106].

Дар «Нафаҳот-ул-унс» иқтибосоти арабӣ мавқеи намоён доранд. Дар ин мақолаи илмӣ мо дар бораи баъзе хусусиятҳои семантикии иқтибосоти арабӣ дар асари зикршудаи Абдурраҳмони Ҷомӣ маълумот медиҳем, зеро яке аз хусусиятҳои барҷастаи иқтибосоти арабӣ дар ифодаи маъноии онҳо зоҳир мегардад. Маликушшуаро Баҳор арабизмҳоро дар таркиби луғавии забони дарӣ баррасӣ намуда, сабабҳо ва хусусиятҳои воридшавии онҳоро зикр мекунад. Мо дар ин масъала дар боло дахл намуда будем. Аз ҷумла, ӯ мегӯяд, ки як гурӯҳи калимоти арабӣ муродифи форсӣ надошта, ё калимаҳои дуруштро ивазкунанда, калимаҳои идорӣ вориди забони мо гаштанд [17]. Муҳаққиқ Т. Бердиева бар он ақида аст, ки: *«Арабиёт (арабизмҳо – Ҷ. М.) тавассути омилҳои иҷтимоӣ ва бешубҳа, омилҳои дохилизабонӣ дар маҷрои инкишофи луғавии забон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ сабабгори гоҳ душворфаҳмӣ, гоҳ ғановати маъно, бозистӣ…, маҳдудияти маъно ва инкишофи муродифот ва амсоли инҳо гаштааст» [2, с.6]*. Дар даврaҳои минбаъда бошад, ба таркиби луғавии забони мо бештар калимаҳое аз забони арабӣ ворид шудаанд, ки маъноҳои абстракт, истилоҳоти гуногунсоҳа, аломату сифатҳо ва монанди онҳоро ифода мекунанд. Аз ин рӯ:

а) як гурӯҳи зиёди онҳо калимаҳое мебошанд, ки мафҳумҳои абстрактро ифода мекунанд: *мақом [18, с.44], суҳбат [18, с.46], муддат [18, с.47], муфарриқат [18, с.47], қазо [18, с.47], талаб [18, с.47], шаҳид [18, с.47], ҳиҷолат [18, с.63], вақт [18, с.103], роҳат [18, с.103], нафс [18, с.103], нақл [18, с.112], илтифот [18, с.112], замон [18, с.112], изтироб [18, с.151], ҷурм [18, с.189], нукта [18, с.211]*.

Баъзеашон дар шакли ҷамъ корбаст гардидаанд: *маориф [18, с.596], ҳақоиқ [18, с.596], дақоиқ [18, с.596], латоиф [18, с.596];*

б) гурӯҳи дигаре калимаҳои арабӣ мафҳумҳои шахсу предметҳои гуногунро ифода мекунад: *нозир [18, с.178], соҳиб [18, с.46], қудамо [18, с.46], фуқаро [18, с.112], шаҳид [18, с.47], мутриб [18, с.198], ходим [18, с.151], китоб [18, с.47], инс [18, с.158], қандил [18, с.198], таъом [18, с.479], матбах [18, с.151];*

в) як қисми зиёди арабизмҳоро номҳо ва кунияву тахаллусҳо ташкил медиҳанд, ки асосан сухан дар асар дар хусуси онҳо меравад: *Абӯабдуллоҳ Мухтор ибни Муҳаммад ибни Аҳмад–ал–Ҳаравӣ [18, с.360], Шайх Абубакр ибни Абдуллоҳ ат–Тӯсӣ ан–Нассоҷ [18, с.375], Шайх Наҷмиддини Кубаро [18, с.422], Султон Валад [18, с.471], Умми Ҳассон [18, с.618], Абубакри Муфид [18, с.201], Абуладиён [18, с.225];*

г) номҳои ҷуғрофӣ як гурӯҳи ками калимаҳои арабиро ташкил медиҳанд: *Хайра [18, с.211], Ироқ [18, с.211], Макка [18, с.218], Яман [18, с.283], Байтулмуқаддас [18, с.376], Магриб [18, с.214], Тайнот [18, с.214], Масиса [18, с.214];*

ғ) қисми дигари арабизмҳо калимаҳои ифодакунандаи аломату рангҳо мебошад: *зариф [18, с.198], ассам (кар) [18, с.63], заиф [18, с.63], азим [18, с.247], фозил [18, с.475], маглуб [18, с.481], мутараддид [18, с.584], фақир [18, с.590], шариф [18, с.598], комил [18, с.598], муборак [18, с.600], қудсия [18, с.1], марзия [18, с.1], абяз [18, с.63], асвад [18, с.63], аҳмар [18, с.63], ахзар [18, с.63], сағир [18, с.172], кабир [18, с.172].*

Рангҳои ***абяз – сафед, асвад – сиёҳ, аҳмар – сурх ахзар – сабзро*** нависанда аз забони персонаж истифода мебарад. Дар мавридҳои дигар бошад, аломатҳоро бо калимаҳои тоҷикӣ ифода менамояд. Ин аз ҷониби дигар хусусияти истилоҳӣ доштани онҳоро нишон медиҳад, ки дар мавриди худ таҳлил хоҳад шуд.

д) шумораҳои арабӣ дар асар ниҳоят серистеъмоланд. Чунон ки дар боло қайд карда будем, онҳо асосан дар мавриди санаҳои таърихӣ, яъне санаҳои тавлиду вафоти сӯфиён истифода шудаанд ва дар ҳама мавридҳои истеъмол шумораҳои таркибианд: *сабъ ва сабъин ва миъатайн – 277 [18, с.361], хамс ва хамсамиата – 505 [18, с.376], хамс ва салосин ва хамсамиа – 535 [18, с.381], сабъа ашара ва хамсамиа – 517 [18, с.380], сита ашар ва ситамиа – 616 [18, с.431], самани ва хамсин ва ситамиа – 658 [18, с.434];*

е) калимаҳои ифодкунандаи амалҳо одатан аз як забон ба забони дигар камтар иқтибос шаванд ҳам, арабизмҳое, ки аслан исму сифат буда, бо роҳи калимасозии тоҷикӣ ба феъл гузаштаанд, кам нестанд. Ба монанди: *шукр гузоштан [18, с.464], шорат кардан [18, с.462], илтимос кардан [18, с.463], завқ кардан [18, с.465], эмин гаштан [18, с.480], муроҷиат кардан [18, с.481]* ва садҳои дигар, аммо инҳо аллакай калимаҳои тоҷикӣ гардидаанд, на арабӣ, зеро бо қолаби калимасозии тоҷикӣ сохта шудаанд.

Дар асар аҳёнан феълҳои арабӣ низ дучор мешаванд, ки дар ҷумлаҳои тоҷикӣ истеъмол гардидаанд: *қила [18, с.431] – гӯянд, тувуффӣ [18, с.483] – вафот кардааст, мот [18, с.63] – вафот кардааст.*

Нависанда онҳоро бо ҳадафҳои услубӣ кор мефармояд, онҳо ба таркиби луғавии забони мо умуман роҳ намеёбанд.

ё) дар асар арабизмҳои мансуб ба зарфҳо низ ба назар мерасанд: *баъд [18, с.146], аҷаб [18, с.172], ҷиҳат [18, с.247], сабоҳ [13, с.58], истиғфор [18, с.333], касир [18, с.380]:*

Бар пой хосту ба <u>истиғфор</u> сар бараҳна карду гуфт… [18, с.333]; Ва аз ҷамъе <u>касир</u> дар Бағдоду Исфаҳону Самарқанд ҳадиси самоъ кард [18, с.380].

Воридшавии калимаҳои иқтибосии арабӣ, умуман калимаҳои бегона ба забон як ҷараёни қатънашаванда аст, аммо дар таърихи забони тоҷикӣ-форсӣ даврaҳое ҳастанд, ки воридшавии калимаҳои арабӣ ба таркиби луғавӣ дар авҷ буд. Ин ҷараён то нимаҳои дуввуми асри XIX идома дошт. Дар ин даврaҳо, албатта, гурӯҳи зиёди калимаҳои арабӣ ворид гардида, баъзе ба меъёрҳои забони мо мувофиқ гаштанд, баъзеи дигар, ки зарурат ба истеъмолашон набуд, дар ҳамон мавқеи ягонаи истеъмолгардида боқӣ монданд. Инро мо дар мисоли «Нафаҳотулунс» низ боре собит намудем.

Инчунин як гурӯҳи онҳо тағйири маъно низ кардаанд. Масалан, калимаҳои ***аҷуза, иморат, мутаваҷҷеҳ, муроҷиат*** имрӯз тамоман ба он маъное истеъмол намегарданд, ки Ҷомӣ онҳоро дар асар истифода намудааст:

Он сол ҳаҷро бигзошт ва сӯҳбати вайро лозим гирифт ва <u>иморат</u>и дили худро ва пас аз он се ҳаҷ кард [18, с.221].

Калимаи **«*иморат*»** аз он ки дар дохили ибораи фразеологӣ омадааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он кайҳо ба таркиби луғавии забони мо ворид гардидааст. Аммо, ба ин маънӣ имрӯз он истеъмол намегардад. Худи калимаи ***иморат*** - عِمَارَةٌ аслан исми амал ё масдар аз феъли навъи якуми عَمَرَ аст [6, с.218-219; 14, с.107-109; 12, с.254-258; 3, с.186-192; 4, с.27]. Ин феъл дар забони арабӣ хеле сермаъно буда дар луғат ба маъноҳои *«1) сераҳолӣ будан, 2) маскун шудан, 3) барқарор намудан, 4) сохтан, бино кардан»* [1, с.691] омадааст. Пас, маънои калимаи عِمَارَة ҳамчун исми амал *«1) аҳолинокӣ, 2) сохтмон, сохтан, бино»* [1, с.692] аст. Ҷомӣ дар дохили ибораи фразелогӣ ба маънои маҷозӣ онро истифода мекунад. Имрӯз он бо забони тоҷикӣ танҳо ба як маънои **«*бино*»** дар истеъмол аст. Дар ҳар сурат ин калима аз маънои аслии худ дур нарафтааст. Калимаи ***аҷуза*** бошад, имрӯз тамоман тағйири маъно кардааст:

<u>Аҷуза</u>и худро гуфтам:

– Аввали шаб ту воқифи вай бош ва баъд аз он маро бедор кун ва ту дар хоб шав! [18, с.241]; Чун он <u>аҷуза</u> маро бедор кард, ман то саҳар риояти ҳоли вай мекардам, маро хоб даррабуд [18, с.241].

«*Аҷуза*» дар ин ҷо ба маънои **«*зан*», «*ҳамсар*»** аст. Ин калима дар забони арабӣ ҳам дар ҷинси занона ва ҳам дар ҷинси мардона як шакл дорад: عَجُوزٌ - ***аҷуз***, зеро он бар вазни فَعُولٌ буда, ҷинси мардона ва занонаи ин гуна исмҳо як хел аст [6, с.86]. عَجُوزٌ – а***ҷуз***, ки аслан сифат аст, шояд дар забони тоҷикӣ бо таъсири дигар исмҳои арабӣ шакли ҷинси занона – *аҷуза* пайдо карда бошад. Дар луғат ин калима низ хеле сермаъно аст. Аз ҷумла «عَجُوزٌ *ш. ҷ.* عَجَائِزُ ***1. пир. 2. 1) пирамард; 2) пиразан»*** [1, с.636]. Имрӯз ***аҷуза – аҷуз – аҷузкампир*** дар

гуфтугӯ ба маънои ***«афсунгар, ҷодугар»*** истеъмол мегардад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин маъно нест. Калимаҳои ***мутаваҷҷеҳ*** ва ***муроҷиат*** низ имрӯз тағйири маъно кардаанд. Ҷомӣ ин калимаҳоро ба такрор истифода мебарад:

… Ва хирқа пӯшиду мусаннафоти Шайх ва гайри онро аз Шайх шунид ва ба изни Шайх ба Шероз муроҷиат кард ва мутааҳҳил шуд… [18, *с.*475]; *Чун амир Муниддин вафот ёфт, хидмати Шайх аз Рум мутаваҷҷеҳи Миср шуд ва вайро бо султони Миср мулоқот афтод [18, с.601].*

Муриҷиат ё ***муроҷаат*** – مُرَاجَعَةٌ шаклан исми амал ё масдари феъли навъи сеюми забони арабӣ – رَاجَعَ буда бар вазни مُفَاعَلَةٌ омадааст [6, с.280-282; 14, с.178-179; 12, с.254-258; 3, с.186-192; 4, с.27]. Феъли رَاجَعَ сермаъно буда дар луғат ба маъноҳои *«1) аз нав баргаштан (ба назди чизе); 2) аз нав баргардондан (чизеро); 3) муроҷиат кардан (ба касе барои чизе); машварат кардан, бо мақсади машварат (дар бораи чизе) муроҷиат кардан; 4) бо роҳи муқоиса санҷидан (сверка кардан), тафтиш кардан; 5) дидан (дар маълумотнома), аз уҳдаи коре баромадан, маълумот гирифтан (дар бораи чизе); 6) аз назар гузарондан, дида баромадан (доир ба сензура); 7)* ***ҳуқ.*** *аз нав дида баромадан (парвандаро)»* омадааст [1, с.363]. Исми амал ё масдари ин феъл – مُرَاجَعَةٌ бошад, дар луғат «مُرَاجَعَةٌ *1) дида баромадан; азназаргузаронӣ; 2) санҷиш бо роҳи муқоиса (сверка); 3) рӯй овардан, маслиҳат; 4)* ***ҳуқ.*** *аз нав дида баромадан; 5) назорат, тафтиш»* [1, с.364] омадааст. Ҳарчанд дар луғати арабӣ-русӣ ҳамагӣ панҷ маънои калимаи ***муроҷиат*** ё ***муроҷаат*** (مُرَاجَعَةٌ) оварда шудааст, вале он ҳамчун исми амали феъли навъи сеюми арабӣ رَاجَعَ метавонад ҳамаи маъноҳои ин феълро ифода кунад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [10, с.746] ин калима ба маъное оварда мешавад, ки Ҷомӣ онро дар мисоли боло ба ҳамон маънӣ истифода мекунад: «*Муроҷаат // муроҷиат* а. مراجعت *бозгашт*, *баргашт*, *бозгашта омадан*» [10, с.746]. Имрӯз ин калима ба маънои ***«рӯй овардан»*** ниҳоят серистеъмол аст. Калимаи мазкур тағйири маъно накардааст, балки яке аз маъноҳояш – ***«бозгашт»*** аз истеъмол баромада, маънои дигараш ***«рӯй овардан»*** ба истеъмол даромадааст.

Калимаи ***тавоҷҷӯҳ*** – تَوَجُّهٌ -ро Ҷомӣ дар мисоли боло ва мавридҳои дигар ба маънои ***ҷонибе, сӯе равон шудан*** истеъмол менамояд. Он низ аз рӯйи шакли грамматикӣ исми амал ё масдари феъли навъи панҷуми забони арабӣ – تَوَجَّهَ буда бар вазни تَفَعُّلٌ сохта шудааст [6, с.236-239; 14, с.231-232; 12, с.254-258; 3, с.186-192; 4, с.27]. Феъли تَوَجَّهَ дорои чанин маънӣ аст: *«تَوَجَّهَ 1) рӯ овардан, муроҷиат кардан 2) равон шудан ба самте, роҳ гирифтан»* [1, с.1112]. Калимаи ***тавоҷҷӯҳ*** – تَوَجُّهٌ низ ҳамчун масдар ё исми амал аз феъли навъи панҷуми арабӣ - تَوَجَّهَ тамоми маъноҳои онро дода метавонад, яъне ба маъноҳои *«рӯйоварӣ, муроҷиат, равоншавӣ роҳпешгирӣ (ба самте)»* истифода бурда мешавад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ»: «***тавоҷҷӯҳ*** а. تَوَجُّه *диққат додан* ***ба чизе***, *рӯй овардан*, *майл кардан*, *лутф*, *меҳрубонӣ*, *диққат*» [11, с.298] оварда шудааст. Чунон ки маълум аст, ин калима дар забони имрӯза ба маънои ***лутф, диққат*** истеъмол мегардад, ки маҷозӣ буда, аз маънои якуми аслии худ – ***рӯ овардан, муроҷиат кардан*** сарчашма мегирад.

Калимаи ***мутаваҷҷеҳ*** – مُتَوَجِّهٌ, ки дар мисоли боло истифода шудааст, аз рӯйи шакли грамматикӣ исми фоил ё сифати феълии тарзи фоилии феъли навъи панҷум – تَوَجَّهَ мебошад ва бар вазни مُتَفَعِّلٌ аст [6, с.236-239; 14, с.231-232; 12, с.271-273; 3, с.184-186; 4, с.28-29]. Маъноҳои феъли تَوَجَّهَ-ро ба инобат гирифта онро *«рӯйованда, муроҷиаткунанда, равоншаванда, роҳпешгиранда»* тарҷума кардан мумкин аст.

Ҳамаи ин боз боре собит менамояд, ки забон як дастгоҳи системаноки нодиракоре мебошад, ки чизи заруриро худ ба ҷо мегузораду нолозимро аз байн мебарад.

«Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ чун намунаи забони давраи муайяни таърихи инкишофи забони мо аз хусуси вазъи таркиби луғавӣ, мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар дохили он ба мо маълумоте медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1957. – 1187 с.
2. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.
3. Гранде, Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещении / Б.М. Гранде. – М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 2001. – 592 с.
4. Исаева, Ф.А. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ / Ф.А. Исаева, Ҳ.Қ. Мӯминов. – Душанбе, 1972. – Қ. 1. – 134 с.
5. Капранов, В.А. К вопросу о воззрениях Джами на язык / В.А. Капранов // Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 329 с.
6. Ковалев, А.А. Учебник арабского языка / А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. – М., 1960. – 687 с.
7. Н. Маъсумӣ. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои Х-ХIХ / Н. Маъсумӣ // Асарҳои мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 2005. – С. 77-114.
8. Н. Маъсумӣ. Муҳимтарин масъалаҳои тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик / Н. Маъсумӣ // Асарҳои мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 2005. – С. 5-76.
9. Саймиддинов, Д. Лексика среднеперсидского языка: автореферат дис. доктор фил. наук / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 1998. – 54 с.

10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 951 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. –Ҷ. 2. – 947 с.
12. Халидов, Б.З. Учебник арабского языка / Б.З. Халидов. – Ташкент: Учитель, 1965. – 656 с.
13. Ҷомӣ, Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс / Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ // Осор. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ. 8. – 496 с.
14. Шагаль, В.Э. Учебник арабского языка / В.Э. Шагаль, Н.Н. Меркин, Ф.С. Забиров. – М.: Военное издательство, 1983. – 784 с.
15. Шанский, Н.М. Современный русский язык / Н.М. Шанский, В.В. Иванов. -М.: Просвещение, 1981.-190 с.
16. Шаропов, Н. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка / Н. Шаропов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 135 с.
17. Muhammad Taqi-i Bahor. Sabkahinosi / Muhammad Taqi-i Bahor. – Tehron. – Jildi avval. – 462 s.
18. Nafahot-al-uns min hazarot al-quds / Ta'lif-i Nur-ad-din Abdurahmoni Jomi, muqaddima, tashih va ta'liqot-i doktor Muhammad Ibodi. – Tehron, 1370. – 1214 s.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс»)

Дар мақола баъзе хусусиятҳои семантикии иқтибосоти арабии асари насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ «Нафаҳот-ул-унс» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар истинод ба маҳаққиқону донишмандон иқтибоси калимаро аз як забон ба забони дигар яке аз роҳҳои асосии бой гардидани таркиби луғавии забонҳо ҳисобида, чандин тадқиқоти дар ин масъала анҷомдодашударо ном мебарад. Таъкид карда мешавад, ки иқтибосот дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ махсус тадқиқ нагардидаанд, аммо, бо вуҷуди содагӣ, дар асарҳои насрии ӯ иқтибосоти зиёди арабӣ кор фармуда шудаанд ва мавқеи иқибосоти арабӣ дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ намоён мебошад. Ба ақидаи муаллиф гурӯҳи зиёди калимаҳо дар ин асари насрии Ҷомӣ мафҳумҳои абстрактро ифода менамоянд. Иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои шахс ва предметҳои гуногун, номҳо ва кунияву тахаллусҳо, номҳои ҷуғрофӣ, аломату рангҳо ва калимаҳои ифодакунандаи аломати амал ва аломати аломат низ фаровон истеъмол гардидаанд. Таъкид карда мешавад, ки нависанда дар мавриди ном бурдани санаҳои таърихӣ, яъне санаҳои тавлиду вафоти сӯфиён шумораҳои таркибии арабиро ба кор бурдааст. Аҳёан феълҳои арабӣ низ ба назар мерасанд. Муҳаққиқ ҳамчунин дар бораи иқтибосоти арабие, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик тағйири маъно кардаанд, изҳори ақида менамояд. Аз баррасии семантикаи калимаҳои иқтибосии арабии «Нафаҳот-ул-унс» муаллифи мақола ба хулосае меояд, ки забон як дастгоҳи системаноки нодиракоре мебошад, ки чизи заруриро худ ба ҷо мегузораду нолозимро аз байн мебарад. Таъкид карда мешавад, ки «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ чун намунаи забони давраи муайяни таърихи инкишофи забони тоҷикӣ аз хусуси вазъи таркиби луғавӣ, мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар дохили он ба мо маълумоти муҳим медиҳад.

Калидвожа: калима, иқтибос, забон, таркиби луғавӣ, тадқиқот, инкишоф, эҳтиёҷ, арабизм, мафҳум, ном, шумора, амал, аломат, маъно, ибораи фразеологӣ, луғат, исми амал, феъл, таърих, инкишоф.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НЕКОТОРЫХ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

(на примере «Нафахот-ул-унс»)

В статье анализированы некоторые семантические особенности арабских заимствованных слов в художественной прозе Джами на примере «Нафахот-ул-унс». Основываясь на взглядах ученых, автор статьи считает, что заимствование слов из других языков является одним из способов обогащения словарного состава языка, при этом перечисляет ряд исследований, посвященных данному вопросу. Подчеркивается, что особенности заимствованных слов в произведениях Абдурахмана Джами не подвергались специальному исследованию, но при всей своей простоте проза Абдурахмана Джами содержит огромное количество арабских заимствованных слов и важни их роль в «Нафахот-ул-унс». Арабские заимствованные слова обозначают абстрактные понятия. Арабские заимствования, обозначающие понятия личности и различных предметов, имена и отчества, прозвища, географические названия, признаки действия и признаки качества употреблены довольно широко. Подчеркивается, что писатель при употреблении исторических дат, дат рождения и смерти суфиев, использует арабские выражения. В редких случаях употреблены и арабские глаголы. Исследователь также выражает свою позицию в отношении арабских слов, изменивших свое значение в современном таджикском языке. Автор статьи, анализируя заимствованные слова, приходит к мнению, что язык является фильтрующим средством, которое оставляет необходимое, а удаляет ненужное. Подчеркивается, что «Нафахот-ул-унс» Абдуррахмана Джами а качестве примера определенного периода развития таджикского языка дает нам информацию о состоянии и развитии таджикского языка в определенный исторический период, о состоянии словарного состава таджикского языка, о месте и роли арабских заимствованных слов.

Ключевые слова: слово, заимствование, язык, словарный состав, исследование, развитие, арабизмы, понятие, имя, число, действие, фразеологизмы, значение, глагол, история, развитие.

SEMANTIC FEATURES OF SOME ARABIAN LOANED WORDS IN THE ART OF ABDURRAKHMAN JAMI

(on the example of "Nafahot-ul-uns")

In the article some semantic features of the Arabic borrowed words in Jami's artistic prose are analyzed on the example of "Nafahot-ul-uns". Based on the opinions of scientists, researchers borrowing words, the author of the article believes that borrowing words from other languages is one of the ways to enrich the vocabulary of the language, while listing a series of studies on this issue. It is emphasized that the features of borrowed words in the works of Abdurakhman Jami were not subjected to special research, but for all his simplicity of prose of Abdurrahman Jami contains a huge number of Arabic loan words and their place in "Nafahot-ul-uns" is seen. Arabic borrowed words denote abstract concepts. Arabic borrowings denoting the concepts of personality and various objects, names and patronymics, nicknames, geographical names, signs of action and signs of quality are used quite widely. It is emphasized that the writer, when using historical to give, the date of birth and death of the Sufis, uses Arabic expressions. In rare cases Arabic verbs are also used. The researcher also expresses his position with respect to the Arabic words, which changed their meaning in the modern Tajik language. The author of the article analyzing borrowed words will come to the conclusion that language is a filtering tool that leaves necessary, but removes unnecessary ones. It is emphasized that "Nafahot-ul-uns" Abdurahman Jami as an

example of the language of a certain period of development of the Tajik language gives us information about the state of development of the Tajik language in a certain historical period, the state of the vocabulary of the Tajik language, the place and role of Arabic borrowed words.

Key words: word, borrowing, language, vocabulary composition, research, development, arabism, concept, name, number, action, phraseological units, meaning, verb, history, development.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinayevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 070+491.550+491.55

МУТАММИМИ ИХТИЁРИИ ФЕЪЛ ВА МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ОН АЗ ЗАБОНИ ФОРСӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Алсенан Абдулҳаким Фаҳад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони арабӣ равобит ва нишонаҳои эъробӣ ҳоким аст, ки ба муфрадоти ин забон иҷоза медиҳад, озодона дар миёни як ҷумла ҷобаҷо шаванд ва бар мабнои усули наҳвӣ дар ибтидо ё интиҳои калом қарор гиранд, бе он ки халале дар нақши даллолӣ ва маъноии онҳо эҷод шавад. Ин дар ҳоле аст, ки дар забони форсӣ чунин вазъияте вуҷуд надорад ва ин забон дар дараҷаи аввал бар мавқеяти унсур дар дохили сохтори ҷумла таъкид дорад ва ҳар он чи хориҷ аз ин чорчӯб бошад, ҷумалоте ғайридастурмандӣ маҳсуб мешавад, ки забоншиносони имрӯз онро ҷумлаи ғайримустақим (indirect statement) меноманд. Ин ҷумалот имрӯза ба фаровонӣ дар забон ба вижа дар сатҳи омиёнаи он қобили мушоҳида аст монанди: *"рафт боло, боло рафт, ба боло рафт; рафт туи хуне, туи хона рафт, рафт берун, берун рафт, ба берун рафт; хеле нигароне бародарам, бародарам хеле нигарон аст; рафтанд порк, ба порк рафтанд; гулору харид барои занаш, гулҳоро барои занаш харид"*.

Албатта, дар бархе маворид низ истифода аз чунин ҷумалот ба далели заруратҳои шеърӣ баромада аз қофия ва вазн мебошад.

Бар ин мабно, мутаммимҳо нақши барҷаста дар баёни маънои ҷумлаи форсӣ ифо менамоянд, гӯянда ва нависанда барои парҳез аз илтибоси маъно ё ошкор кардани ибҳом аз он баҳра мегирад. Ҳамчунон ки мақсуди аслии нақши ҷумла низ ҳамон равшанӣ ва расондани мафҳум ба мухотаб мебошад. Аз ҳамин рӯ, забоншиносон заминае фароҳам сохтанд, то ин воҳидҳои луғавии афзударо ба шарти тааллуқ доштан ба якдигар, дар сохтори ҷумла ворид созад ва бархеро мусаббиб аз дигаре қарор диҳанд. Ин тааллуқ, нақш дар як иртиботи шаклӣ қарор мегирад, ки робитаи аҷзои ҷумларо устувор месозад ва бар зебоии маъноии мавриди назар меафзояд. Аз мутолеаи кӯтоҳи қадим ва ҷадиди наҳви форсӣ чунин бармеояд, ки эрониён дар бисёре аз осори худ матолибе зикр накарданд, ки баёнгари табаияти онон аз забоншиносони Ғарб дар заминаи фарзияҳои забоншиносии ҷадид бошад. Дарвоқеъ, матолиби ин забоншиносонро танҳо метавон ишороте донист, ки аз тақсимбандии равшан мубтанӣ бар як равиши забонӣ ниёзе надоштаанд. Ин равиш метавонист ба табйин омили иртиботдиҳандаи ин мутаммимҳо ба унвони аносири наҳвӣ кумак кунад, ки бо қуюди наҳвӣ маҳдуд мешаванд, то битавонад нақши маъноии худро дар ҷумла ифо намоянд. Ҳамчунон ки агар ин мутаммимҳо аз чорчӯби худ хориҷ шаванд, дарбардорандаи сифоти наҳвии дигаре хоҳанд шуд, ки ҳеч гуна иртиботе бо мутаммимҳо надоранд. Аз ҳамин рӯ, ин пажӯҳиш ба ду бахши аслӣ тақсим шудааст ва дар зермаҷмӯае ҳар як аз онҳо дар шохаҳои фаръии дигаре қарор мегиранд.

Мутаммими ихтиёрӣ (Optional complement)

Ғолиби дастуршиносони эронӣ бо якдигар ҳамовозанд, ки мақсуд аз овардани аносири наҳвии ихтиёрӣ ба сохтори ҷумла, гоҳе барои афзоиши мафҳуми феъл ва гоҳе барои тавсеаи маънои он аст [1, с.182].

Пажӯҳишгар низ бо ин назар мувофиқ буда ва муътақид аст, ки нақши мутаммими ихтиёрӣ дар ҷумла танҳо ва танҳо маъноӣ мебошад ва дар хидмати хостаи гӯянда ё нависанда, барои ироаи иттилооти тавзеҳӣ ба шунаванда дар бораи куниши амали муайян, монанди: ҳолат ё сабаб ё макон ва ё замони он мебошад. Дар натиҷа, ҳазфи чунин

мутаммимҳо аз сохтори ҷумла дар сохтори наҳвӣ ё маъноии он халале эҷод намекунад. Мутаммими ихтиёрии феъл дар забони форсӣ ду унсури наҳвиро дар бар мегирад:

1. Мутаммими феъли ногузаро: Аббос Ҳасан мегӯяд: «Феъли ногузаро феъле аст, ки маъно ва асари он бидуни восита бар мафъули мустақим воқеъ намешавад ва танҳо дар сурати ҳузури ҳарфи ҷар аст, ки ин феъл метавонад бар мафъул таъсир бигзорад, ки дар ин ҳолат дар бораи он исм гуфта мешавад: маҷрури зоҳирӣ ба ҳарфи ҷар ва дар маънои мафъулунбиҳ барои он феъли ногузаро» [6, с.151].

Ҳамин ҳолат дар забони форсӣ низ мисдоқ дорад; чи он ки мафҳуми ҷумла бидуни ниёз ба мафъули мустақим ба шунаванда мунтақил мешавад. Албатта, чунин феъли ногузарое аст ва гузаро маҳсуб намешавад [2, с.47].

Бо таваҷҷуҳ ба ин ду таъриф дармеёбем, ки забони форсӣ ин навъ аз мафъулҳоро унсури ихтиёрӣ медонад, ки гӯянда ё нависанда ба ихтиёри худ аз онҳо баҳра мегирад. Аз ҳамин рӯ, дастурнависони эронӣ ин навъи мафъулҳоро бар хилофи забони арабӣ мафъул намедонанд ва дар ишора ба онҳо аз унвони "мутаммим" истифода мекунанд. Албатта, пажӯҳишгар дар ин бора бо дастурнависони эронӣ мухолиф аст; чаро ки мафъул дар ҳар ду навъи мустақим ва ғайримустақими худ унсури наҳвӣ ба шумор меравад, ки маънои наҳвӣ ва нақшӣ аз асари феъл ва маънои онро ба мухотаб мунтақил месозад. Барои намуна, ҳангоме ки дар забони форсӣ гуфта мешавад: «Аҳмад аз хона омад» дар ин ҷумла мутаммими (аз хона: من المنزل) нақши қайди наҳвиро ифо мекунад, ки ба шунаванда иттилоъ медиҳад, асари куниши (омадан) сурат гирифта тавассути фоил (Аҳмад) бар хона (хона: المنزل) ба шакли ғайримустақим ва ба воситаи ҳарфи изофаи (аз: من) воқеъ шудааст ва ин ҳарф нақши муҳимме дар дарки ҳудуди феъли ҷумла ва парҳез аз ибҳом ифо менамояд.

Пажӯҳишгар ин навъ аз мутаммимҳоро бад-ин шарҳ мавриди баррасӣ қарор медиҳад:

2. Мутаммими мафъули ғайримустақим: ин навъи мутаммим ҳамвора ба ҳамроҳи феълҳои ҳаракатӣ (verb of motion) ва ногузаро дар сохтори ҷумлаи форсӣ, ҳузур меёбад монанди: (омадан: حضر، جاء، المجيء), (рафтан: رحل، ذهب، الذهاب), (давидан: ركض، الركض), (хобидан: نام، النوم), (гиристан: بكى، البكاء), (паридан: حلّق، التحليق), (хандидан: ضحك، الضحك), (нашастан: جلس، الجلوس), (расидан: بلغ، وصل، الوصول), (ҷаҳидан: قفز: القفز), (ҷӯшидан: غلى: الغليان), (гардидан: صار، الصيرورة), (дамидан: تنفس الصبح، انفلق، التنفس), (мурдан: مات، الموت),...

Барои намуна, дар ҷумлаи: «Ба гашту тафреҳ ва табҳ мераванд» إنهم يذهبون للتجول والتسلية والطهي. Бо таркибе аз: муснадунилайҳи фоили сифрӣ [ø] + гурӯҳи исмии мутаммими ихтиёрии мафъули ғайримустақими [ба гашту тафреҳ ва табх] + гурӯҳи феълии [мераванд] мувоҷеҳ мебошем.

Дар ҷумлаи пешин мушоҳида мешавад, ки феъли {мераванд} ба унвони як феъли ногузаро ниёзманди унсури наҳвии дигаре нест, то воқеи асари он (рафтан)-ро ба шакли мустақим табйин намояд. Балки ин таъсиргузорӣ муқайяд ба ҳамон асбоб ва далоиле аст, ки ин афродро водор ба гардиш ва тафреҳ дар макони хос кардааст. Ин робитаи сабабӣ, ки ду рукни иснодро ба якдигар пайванд медиҳад, ба воситаи унсури нақшии мутаммим далолати феъли (ба гашту тафреҳ ва табх) барои шунаванда равшан шудааст; чунки бидуни ин унсур маънои ҷумла ҳаргиз қавом намеёбад.

3. Мутаммими қайд: мутаммими қайд дар забони форсӣ унсури наҳвӣ ва нақшдоре аст, ки феъли ҷумларо тавсиф ва таъйин мекунад ва маънои ҷадиде меафзояд, ки робитаи вуқӯи ин феъл бо макони вуқӯъ, замони он, ҳолати он, сабаби он, кайфияти он, таъкиди он, такрори он, ибрози таассуф аз он, орзуи он, миқдори он ва ғайраро табйин мекунад. Дар забони арабӣ мутаммими қайд шомили он асомие аст, ки дар ҷумла ворид ва ба баёни замони феъл ё макони он мепардозанд ва истилоҳоти мутааддиде барои он монанди: шабаҳи ҷумла, шабаҳи васф ва шабаҳи муштақ ба кор меравад [6, с.243-244].

Дар забони форсӣ миёни он чи метавон онро мутаммими ихтиёрӣ донист, ки нақши маъноии он қобили чашмпӯшӣ аст ва миёни маънои нақши қайдӣ, ки нависанда ё гӯянда бояд аз он ба унвони унсури даллолӣ барои тавзеҳи мафҳуми ҷумла ва тафсири он баҳра гирад, тафовут вуҷуд дорад. Барои намуна, ҳангоме ки мегӯем: «Ҳасан дар утоқаш дарс мехонад» حسن يستذكر دروسه في غرفته.

Дар ин ҷумла, мутаммими (дар утоқаш) куниши феълро ба макони вуқӯъ ва итмоми он муқайяд месозад, яъне фоил (Ҳасан) дарсҳои худро танҳо дар утоқи махсуси худ ва на утоқ ё макони дигар мурур карда аст ва ин унсурро метавон аз ҷумла ҳазф кард, бе он ки мафҳуми ҷумла аз ин ҳазф дучори халал шавад.

Сохтори ҷумлаи форсӣ калимотеро дар бар мегирад, ки дорои равобити маъноӣ ва даллолии густарда ва мутанаввеъ бо вуқӯи феъл мебошанд, аз ҷумлаи ин калимот метавон ба: (дирӯз: أمس). (имрӯз : اليوم), (фардо: غدًا), (ин ҷо : هنا), (он ҷо: هناك), (ҷулӯ: أمام), (ақаб: خلف), (кам: قليل), (хуб: جيد) ва (далерона: بشجاعة) ишора кард. Барои намуна қайдҳои замон баёнгари оғози вуқӯи куниш дар гузашта, ҳол ё оянда ҳастанд, монанди: «Имрӯз зуҳр

ҷаласаи гурӯҳи забони форсӣ баргузор мешавад, яъне: (سوف يعقد اجتماع مجلس قسم اللغة الفارسية ظهر اليوم).

Ин ҷумла, аз мутаммими ихтиёрӣ, иборати қайди (имрӯз зуҳр) ва ноиби фоил, гурӯҳи исмии (ҷаласаи гурӯҳи забони форсӣ) ва гурӯҳи феълии (баргузор мешавад) ташкил шудааст. Дар ин ҷумла, иборати қайд робитаи замонӣ миёни гурӯҳи феълӣ ва куниши ҷумла ва замоне ки гӯянда онро интихоб ва дар замони оянда таъйин кардааст, барқарор намудааст.

Ҳамчунин дар иборати: «Мутаассифона, ғолиби сохтмонҳо бо кайфияти фаннии поин ва тавассути гурӯҳҳои ғайримутахассис ва фоқиди салоҳияти ҳирфаӣ тарроҳӣ ва сохта мешавад» яъне:

تفتقر إلى الكفاءة المهنية.)للأسف سوف تصمم معظم المباني وتشيد بأسلوب فني متدن على أيدي كوادر غير متخصصة)

Шоҳиди он ҳастем ки ин ҷумла аз мутаммими ихтиёрӣ, қайди таассуфи (мутаассифона) ва се гурӯҳи исмӣ, ноиби фоил (ғолиби сохтмонҳо) ва ду мутаммими ихтиёрӣ, гурӯҳи исмии (бо кайфияти фаннии поин) ва гурӯҳи васфии (тавассути гарӯҳҳои ғайримутахассис ва фоқиди салоҳяти ҳирфаӣ) + гурӯҳи феълии (тарроҳӣ ва сохта мешавад) ташкил шудааст.

Баъд аз он ба мавзӯи мутаммимҳои феъл аз дидгоҳи наҳвиёни эронӣ пардохтем. Бори дигар –ҳаммонанди фасли пешин- бар ин нукта таъкид мекунем, ки ҳеч як аз ин дастуршиносон боби мустақиле ба мавзӯи мутаммим ихтисос надодааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки мутаммимҳои феъл нақши барҷаста дар сохтори ҷумалоти сода ва мураккаби форсӣ ифо менамояд ва онҳоро аз назари наҳвӣ ва маъноӣ тавсеа мебахшад ва ҳамин амр мунҷар ба эҷоди мушкилот ва душвориҳои бисёре дар баробари мутарҷимин ва пажӯҳишгарони араб шудааст. Ба вижа он ки дар сояи ривоҷ ва корбурди мухталиф онро дар сохтори ҷумлаи форсӣ ба худ ихтисос медиҳанд. Аз ҳамин рӯ, дар идома мушкилоти тарҷумаи мутаммимҳои феъл аз форсӣ ба арабиро дар чорчӯби тарҷумаи арабии романи мавриди баррасӣ зери таҳқиқ қарор медиҳем.

Мушкилоти тарҷумаи мутаммими феъл. Сибавайҳ дар китоби худ дар таърифи муснад чунин мегӯяд: «Амсилае аст, ки аз лафзи эҳдоси асмоъ баргирифта шуда ва барои он чи гузашта ва он чи акнун аст ва он чи воқеъ нашудааст ва он чи ҳанӯз мунқатеъ нашудааст, вазъ шудааст» [9, с.12].

Дар ин иборати Сибавайҳ мақсуд аз амсила ҳамон абния (сохторҳо)-и муштақ аз алфози дигаре аст, ки бар кунишҳои исмҳо яъне масдарҳои баромада аз исмҳо, далолат дорад [12, с.118].

Ин бад-он маъност, ки феъл дар ҷумлаи арабӣ яке аз анвои муснад ба шумор меравад ва бар куниш ё ҳолат далолат мекунад. Феъл аз он ҷиҳат бо исм тафовут дорад, ки далолати он ба замон аст ва замондор будани феъл унсури асосӣ ва ғайри қобили ҳазф дар он ба шумор меравад. Ин дар ҳоле аст, ки дар забони форсӣ муснад (гузора) бино ба орои ғолиби дастурнависон бархе аносири наҳвиро дар дохили сохтори ҷумла дар бар мегирад, ки аз ҷумлаи ин аносир метавон ба хабар, мафъули мустақим, мутаммими феъл ва феъл, ишора намуд. Барои намуна, дар ҷумлаи: «Ман ва дӯстонам аз ин корҳо балад нестем» яъне:

لا أدري أنا وأصدقائي بمثل هذه الأمور، لست على دراية أن و أصدقائي بهذه الأمور.

Калимаи "балад" хабаре аст, ки ба воситаи феъли манфии "нестем" ба муфради мутакаллим ва дӯстони ӯ иснод дода шудааст. Феъли манфии мазбур дар ин ҷумла миёни нобалад будан ва балад будан ва муфради мутакаллим ва дӯстони ӯ пули иртиботӣ барқарор кардааст. Ҳамин ҳолат, дар ҷумлаи: «Дирӯз Алӣ ва дӯсташро дидам, ки дар порк мегаштанд» яъне:

بالأمس رأيت علياً و صديقه يتنزهان في الحديقة.

Дар ин ҷумла ҳамаи аносири ҷумлаи поя (дирӯз Алӣ ва дӯсташро дидам), ба унвон муснад (гузора), (Алӣ ва дӯсташ), мафъули мустақим, гурӯҳи исмӣ, мутаммими иҷбории феъл + (дирӯз), қайди замони мутаммими феъл + феъли ҷумла (дидам) ҳузур ёфтаанд. Ҳамин мавзӯъ, дар бораи ҷумлаи пайрави «дар порк мегаштанд» низ мисдоқ пайдо мекунад. Дар ин ҷумла, ҳамаи аносир муснад маҳсуб мешаванд. Ҳамчунон ки (дар порк) гурӯҳи исмӣ ва мутаммими ихтиёрӣ аст, ки ҷои вуқӯи феълро таъйин мекунад ва дар поён низ, гурӯҳи феълии (мегаштанд) қарор гирифтааст [10, с.99-100].

Гурӯҳе аз наҳвиёни эронӣ монанди: Фаршедвард ва Хайёмпӯр бар ин бовараанд, ки бархе аз ин феълҳо монанди: (гашт, гардид) дар сурати далолат бар (чархидан: الدوران), (роҳ рафтан: المشي) ва (тамошо кардан: المشاهدة) дар бархе ҷумалоти форсӣ нақши феълҳои робит байни муснадунилайҳ ва муснадро ифо намекунанд. Бо ин вуҷуд, ҳамин феълҳо дар пораи ҷумалоти дигар нақши феъли рабтиро ба анҷом мерасонанд, монанди: «Шулуғии беш аз андоза дар солун боиси иғтишош ва ҳарақу марақ гашт, яъне:

لقد أدى التزاحم الكبير في غرفة الاستقبال إلى نوع من الهرج و المرج.

Дар ин ҷумла, хабари (иғтишош ва ҳарачу марач) ба гурӯҳи васфӣ, муснадунилайҳи (шулуғии беш аз андоза) иснод дода шудааст [11, с.110].

Мутаммими феъли ногузаро (intransitive verb). Ғолиби дастурнависони эронӣ чӣ сохторгаро ва чӣ тавлидӣ бо якдигар ҳамназаранд, ки феъли ногузаро дар забони форсӣ феъле аст, ки барои такмили маънои худ ниёзе ба мафъули мустақим надорад. Парвиз Нотили Хонларӣ мегӯяд: «Феъли ногузаро феъле аст, ки маънои томеро ифода мекунад, бо он ки барои такмили маънои худ ниёзманди унсури дигар бошад [7, с.80].

Машкутуддинӣ низ мегӯяд: «Дар сохтори ҷумлаи форсӣ феъли ногузаро ва гузаро аз ин назар бо якдигар тафовут доранд, ки аввалӣ танҳо аз як гурӯҳи феълӣ ташкил мешавад, вале дувумӣ илова бар сохтори феъл, аз як гурӯҳи исмии мунтаҳо ба ҳарфи «ро» низ шакл мегирад [13, с.3].

Дар ин миён бархе афъоли форсӣ, баста ба бофти забонии ҷумла ба шакли ногузаро ва гузаро корбурд меёбад: (рехтан: سکب، انسکب، انصب، صبَّ), (шикастан: کسر، انکسر), (барафрӯхтан: أغضب، غضب، أشعل، اشتعل), (овехтан: علّق، علِق، تعلق), (пухтан: نُضج، طهی).

(об рехт: انصب الماء), ӯ «Алӣ обро рехт: صبَّ علی الماء). على سبيل المثال، حين يقول قائل:

Барои намуна, вақте шахсе мегӯяд: (об рехт: أنصب الماء), (ё Алӣ обро рехт: صب علی الماء) дар ҷумлаи нахуст мебинем, ки «об» бидуни дахолати шахс ё шайъи дигар бар замин рехтааст, дар натиҷа феъли ногузаро «рехт» барои итмоми мафҳуми ҷумла ниёзманди унсури дигаре нест. Ин дар ҳоле аст, ки дар ҷумлаи дувум фоил «Алӣ» касе аст, ки амали рехтанро анҷом додааст. Дар натиҷа ҷумла ниёзманди унсури дигари «об» аст, ки таъйин кунад, Алӣ ба унвони фоил чӣ чизеро рехтааст ва ба ин тартиб шайъе, ки аз феъли Алӣ таъсир пазируфтааст, мушаххас шавад.

Дар забони форсӣ, феъл илова бар мутаммимҳои иҷборӣ, ки маҷмӯае аз нақшҳои асосии наҳвиро дар канори муснад ва муснадун илайҳ анҷом медиҳанд, маҷмӯае аз аносири наҳвии ихтиёриро низ дар канори худ мепазирад, ки мунҷар ба густариши сохтори ҷумла ва маънои он мешаванд. Мақсуд аз тавсеаи маъноии (expansion), чунонки забоншиносон мегӯянд афзудани як ё чанд унсури наҳвӣ ба ҷумла бидуни тағйир дар сохтори созаӣ, наҳвӣ ва ҳастаи он аст [1, с.182].

Ба ин тартиб нақши мутаммими ихтиёрӣ маҳдуд ба афзоиши маънои ҷадиде ба ҷумла мешавад, ки мумкин аст, шунаванда ҳатто ниёзе ба он низ надошта бошад. Гӯянда ё нависанда замоне аз ин мутаммим баҳра мегирад, ки бихоҳад дар бораи куниши ҷумла ё фоили он монанди ҳолати ин куниш ё сабаб ва ё макон ва ё замони он иттилооти изофӣ ба мухотаб ироа диҳад. Ҳазфи ин мутаммим аз сӯи ду тарафи сухан мумкин аст, ҳеч таъсире бар мафҳуми ҷумла нагузорад. Албатта, ба ин шарт ки ин ҳазф мунҷар ба ҷалби назари шунаванда ва тарҳи суол аз сӯи ӯ барои рафъи ибҳом пеш омада нашавад.

1. Феъли тамом. Мисол: "Беихтиёр аз пойи телефон зери душ рафтам"

Тарҷумаи арабӣ:

"ودون إرادة ذهبت من عند التليفون إلى الحمام تحت الدش مباشرة".

Ҷумлаи содаи мазкур дарбардорандаи феъли лозим мебошад ва аз ин аносир қавом ёфтааст:

-муснадун илайҳи фоили сифрӣ (муснадун илайҳ, ниҳоди сифрӣ).

-мутаммими ихтиёрии феъл, гурӯҳи исмӣ: (дар ихтиёр).

-мутаммими ихтиёрии феъл, гурӯҳи исмӣ: (аз пойи телефон).

-мутаммими ихтиёрии феъл, гурӯҳи исмӣ: (зери дӯш).

-гурӯҳи феълӣ: (рафтам).

Мушкилии тарҷума:

-бо вуҷуди он ки бофти тарҷумаи саҳеҳ ба назар мерасад ва аз диққати таъбирии мавриди назари нависанда бархӯрдор мебошад, бо ин вуҷуд мутарҷим дар тарҷумаи ин ҷумла афзудаҳоро сурат додааст. Дар ҳоле аз калимаи арабии (مباشرة) истифода кардааст, ки муодиле барои он дар ҷумлаи форсӣ мушоҳида намешавад.

-дар тарҷумаи арабӣ дар муқобили феъли мураккаби (зери дӯш рафтан) аз феъли мозии муфради мутакаллим (ذهبت) + ҷору маҷрур, шибҳи ҷумла (تحت الدش) истифода шудааст. Ҳар чанд бо чунин тарҷумае мухотаби арабӣ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки «зери дӯш рафтан» ба маънои «ҳаммом кардан» аст, бо ин вуҷуд фасеҳтар он буд, ки гуфта шавад: وذهبتُ للاستحمام.

-мутарҷим дар ҳангоми тарҷума аз як забони фасеҳ ба забони дигаре, ки дар фасоҳат ҳамтои он аст, бояд бикӯшад, то аз муодилҳои ҳамоҳангтар ва муносибтар барои забони мабдаъ истифода кунад ва миллок худро ҷумалоти мутадовил дар миён оммаи мардум қарор надиҳад. Барои намуна, дар ин тарҷума дар ҳоле аз калимаи «душ» ба унвони калимаи мақруз аз фаронса «douche» истифода шудааст, ки дар арабии фасеҳ дар муқобили он аз вожаи (المسحاح) истифода мешавад.

2.Феъли работӣ. Мисол: "Оқои Нозим, шумо бигӯед? Чӣ метавонистам ба ӯ бигӯям? Дар гуфтушунидҳои он рӯз, ҳеч чизи тозае барои шумо вуҷуд надорад" [4, с.182].

Тарҷумаи арабӣ:

"سيدي المدير، أتقول أنت؟ ماذا كنت أستطيع أن أقول له؟ الحوارات التي دارت في ذلك اليوم ليس فيها شئ".

Ҳамон тавр ки мушоҳида мешавад, ин ҷумла аз се ҷумлаии сода шомили ду ҷумлаи пурсишӣ ва як ҷумлаи манфӣ ташкил шуда ва ҳамагӣ дорои далолати воҳиде ҳастанд. Шарҳи ин се ҷумла ба ин тартиб аст:

-ҷумлаи аввал: "Оқои Нозим, шумо бигӯед? Ин ҷумла аз: (Оқои Нозим) иборати нидо + (шумо) замири мунфасил, ниҳоди ҷумла + адоти пурсиши сифрӣ + (бигӯед) гурӯҳи феълӣ + (?) аломати истифҳом ташкил шудааст.

-ҷумлаи дувум: " Чӣ метавонистам ба ӯ бигӯям? ". Ин ҷумла аз (чӣ) адоти истифҳом + (метавонистам) гурӯҳи феъли маҳдуди тасрифӣ + (ба ӯ) гурӯҳи замирӣ, мутаммими иҷбории феъл + (бигӯям) гурӯҳи феълӣ + (?) аломати истифҳом, қавом ёфтааст.

-ҷумлаи севум: " Дар гуфтушунидҳои он рӯз, ҳеч чизи тозае барои шумо вуҷуд надорад". Ин ҷумла низ аз: (дар гуфтушунидҳои он рӯз) гурӯҳи исмӣ, хабар муқаддам + (ҳеч чизи тозае барои шумо) мубтадои муаххар, шомили гурӯҳи васфӣ (ҳеч чизи тозае) ва мутаммими ихтиёрии феъли робит (барои шумо) + феъли робити манфӣ (вуҷуд надорад) ташкил шудааст.

Мушкилии тарҷума:

-дар тарҷуми арабӣ, бар халофи ҷумлаи форсӣ таъхири мубтадо ва тақдими хабар лиҳоз нашудааст. Дар натиҷа маъно ва далолати муҳимме, ки нависанда дар садади расондани он ба мухотаб буд, дар тарҷума ҳазф шудааст. Дар воқеъ нависанда дар пайи баёни ин мавзӯъ будааст: сухан бефоида аст ва на ман ва на ту, ҳеч кадом наметавонем коре анҷом диҳем. Чи басо ки бо таваҷҷуҳ ба ҳамин маъно нависанда хабари «дар гуфтушунидҳои он рӯз»-ро муқаддам ва мубтадои «ҳеч чизи тозае барои шумо»-ро муаххар гардондааст.

-дар тарҷумаи арабӣ, хабари ҷумлаи форсӣ «дар гуфтушунидҳои он рӯз» табдил ба мубтадо шудааст. Ин дар ҳоле аст, ки мутарҷим нақши ҳарфи изофии «дар», ки дар ибтидои ҷумла ворид шуда ва муодили (في، أثناء) арабӣ астро набояд нодида мегирифт. Дар натиҷаи ин хато муодили арабӣ дар тарҷума истифода шудааст, ки бо мақсади нависанда ҳамросто намебошад ва саҳеҳ он буд, ки гуфта шавад:

لا يوجد شيء جديد قط يمسكم في حوارات هذا اليوم.

-дар тарҷумаи арабӣ дар ҳоле дар баробари феъли рабтии манфӣ «вуҷуд надорад» аз феъли арабии манфии (ليس) истифода шудааст, ки феъли мазбур аз اخوات كان و عامل رفع اسم و نصب خبر ба шумор меравад, дар натиҷа муодили саҳеҳи феъл: لا يوجد хоҳад буд.

Натиҷагирӣ

-мутарҷим ва пажӯҳишгари араб, дар ҳангоми тарҷума бояд муодилҳои саҳеҳеро интихоб кунад, ки бо далолати бофти ҷумлаи аслӣ ва завқи мухотаб ва сабку салиқаи вай ҳамоҳангӣ дошта бошад. Бар ҳамин асос, агар ба унвони мисол унсуре, ки дар забони аслӣ нақши хабари муснадро ифо мекунад, дар забони арабӣ ба феъли гузаро тарҷума шавад, дар ин сурат, мухотаб дар баробари куниш қарор мегирад, ки ниёзманди фоилу мафъул ва ҳатто бархе мутаммиҳои дигар аст. Ба ин тартиб, тарҷума ва мутарҷим амонтдорӣ ва диққат дар тарҷумаро нодида мегиранд;

-мутарҷим ва пажӯҳишгари араб, бояд фароянди тақдим ва таъхир дар матни аслиро мурооt намоянд ва танҳо ба далели дарки маънои куллии ҷумла ба худ иҷоза надиҳанд, ки мақсуди маъноии мавриди назари нависанда дар ин тақдим ва таъхирро нодида бигиранд;

-мутарҷим бояд нуқтагузорӣ дар матни аслиро ба диққат муроот кунад ва дар ҳангоми тарҷума ба онҳо вафодор бимонад, то аз тадохули маъноӣ ва эҷоди ибҳоми маъноӣ пешгирӣ намояд, ба вижа дар сурате ки ҷумлаи форсӣ ё арабии мураккаб ва дарбардорандаи беш аз як феъл бошад;

-мутарҷим ё пажӯҳишгар бояд ба шакли саҳеҳ миёни феъле, ки нақши феъли рабтиро ифо мекунад ва миёни ин феъл дар афъоли мураккаб, ки нақши феъли кумакиро иҷро мекунад, тафовут қоил шавад, чаро ки феъли аввал танҳо бо хабари пешинии он маъно ва далолате пайдо мекунад, аммо феъли дувум феъли тамом аст, ки ниёзманди танҳо як фоил барои ба анҷом расондани куниши он аст.

А Д А Б И Ё Т

1. ارژنگ، غلامرضا. دستور زبان فارسی امروز/ ارژنگ، غلامرضا. – تهران : قطره، 1376– ص. 288
2. انوری حسن، گیوی، احمدی. دستور زبان فارسی / انوری حسن، گیوی، احمدی. – تهران: فاطمی، 1373 ه. ش. – ص. 256
3. باطنی محمد رضا. توصیف ساختمان دستوری زبان فارسی / باطنی محمد رضا. – تهران: امیر کبیر، 1385 ص. 233
4. بزرگ علوی. چشمهایش / بزرگ علوی. – تهران : "نگاه"، 1363 ص. 271
5. بعلبكى منير. معجم المصطلحات اللغوية / بعلبكى منير. - بيروت: دار العلم للملايين، الطبعة الأولى، 1990 م . - ص.806
6. حسن عباس. النحو الوافي، ج 2، / حسن عباس. - مصر: دار المعارف، 1960. ص. 616

7. خانلری پرویز ناتل، دستور زبان فارسي/ خانلری پرویز ناتل.- تهران: 1386، ص. 377
8. خیامپور عبدالرسول. دستور زبان فارسی/ خیامپور عبدالرسول.- تهران: کتابفروشی تهران:1334، ص. 202
9. سیبویه، الکتاب، تحقیق عبدالسلام محمد هارون، القاهرة: مکتبة الخانجي 2014، ج 1، ص. 446
10. صفری جهانگیر. چگونگی تشخیص مسند الیه از مسند در جمله های اسنادی/ صفری جهانگیر.- دانشگاه باهنر کرمان: نشریات دانشکده‌ی ادبیات وعلوم انسانی،1384، شماره‌ی 24. ص. 33
11. فرشیدورد خسرو. دستور مفصل امروز/ فرشیدورد خسرو.- تهران: انتشارات سخن، 1382، ص. 704
12. قریرة توفیق. المصطلح النحوي و تفکیر النحاة العرب/ قریرة توفیق.- تونس: دار محمد علی، 2003، ص. 312
13. مشکوةالدینی. دستور زبان فارسی بر پایه ی نظریه‌ی گشتاری/ مشکوةالدینی.- مشهد: انتشارات دانشگاه فردوسی، 1366، ص. 240

МУТАММИМИ ИХТИЁРИИ ФЕЪЛ ВА МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ОН АЗ ЗАБОНИ ФОРСӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Забони форсӣ яке аз забонҳои асосии гурӯҳи эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад ва дорои анъаноти бузурги адабии бисёрасра мебошад. Ин забон ҳамчун идомаи забони форсии давраи миёна дар давраи исломикунонии Эрон баъд аз забти арабҳо ба миён омада, зери таъсири калони забони арабӣ мондааст. Феъл дар забони форсӣ дорои низоми рушдёфтаи шаклҳои шахсии финитӣ мебошад. Тасрифи феъл флективӣ аст, бандакҳо шахс ва шумораро ифода менамояд, ки бо субъекти ҷумла (мубтадо) мутобиқ мегардад. Таҳлил ва тафсири шаклҳои гуногуни феълҳои забони муосири форсӣ ба муайянсозии дурусти қонуниятҳои сохтор ва амаликунии феълҳо дар забони муосири форсӣ мусоидат менамоянд, хусусиятҳои функсионалӣ – услубии феъл дар забони муосири форсӣ маҳсулнокии грамматикӣ ва имкониятҳои махсуси забонии ин ҳиссаи нутқро дар раванди иртибот тасдиқ менамоянд. Дар мақолаи мазкур муаллиф мутаммими ихтиёрии феълҳо ва мушкилоти тарҷумаи онҳоро аз забони форсӣ ба забони арабӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Феълҳои сохта намои мураккаби шаклҳои ботартиб, вале дорои маънии гуногунро инъикос менамоянд. Ин намо печдарпечии категорияҳои калимасозӣ ва тағйирёбии калима, луғавӣ ва грамматики феълро дар забонҳои форсӣ ва арабӣ нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: забони форсӣ, забони арабӣ, масоилҳои тарҷума, феълҳои сохта, маънии гуногунҷинсӣ, печдарпечии категорияҳои феъл, забоншиносии араб, конструксияҳои синтаксисӣ бо феълҳои сохта

ПРОИЗВОДНЫЕ ГЛАГОЛЫ И ПРОБЛЕМЫ ЕГО ПЕРЕВОДА С ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА НА АРАБСКИЙ ЯЗЫК

Персидский язык - является ведущим языком иранской группы индоевропейской семьи языков и обладает богатой многовековой литературной традицией, Он возник как продолжение среднеперсидского языка в эпоху исламизации Ирана после арабского завоевания и испытал сильное воздействие арабского языка. Глагол в персидском языке обладает развитой системой личных финитных форм. Спряжение глагола флективно, окончания выражают лицо и число, согласующиеся с субъектом предложения (подлежащим). Анализ и интерпретация разнообразных форм глаголов современного персидского языка способствует правильному определению закономерностей построения и функционирования глаголов в современном персидском литературном языке, а функционально-стилистические особенности глагола в современном персидском языке, подтверждают грамматическую продуктивность и особых языковых возможностей данной части речи в коммуникативном процессе. В данной статье автор рассматривает производные глаголы и проблемы его перевода с персидского языка на арабский язык. Производные глаголы представляют сложную картину регулярных форм, но разнородных значений. Эта картина показывает «переплетение» словообразовательных и словоизменительных, лексических и грамматических категорий глагола как в персидском так и в арабском языках.

Ключевые слова: персидский язык, арабский язык, проблемы перевода, производные глаголы, переплетение категорий глагола, арабское языкознание, синтаксические конструкции с производными глагольными основами.

DERIVATIVE HEADINGS AND PROBLEMS OF ITS TRANSLATION FROM PERSIAN LANGUAGE TO ARABIC LANGUAGE

The Persian language is the leading language of the Iranian group of the Indo-European family of languages and has a rich, centuries-old literary tradition. It arose as an extension of the Middle Persian language in the era of islamization of Iran after the Arab conquest and was strongly influenced by the Arabic language. The verb in Persian has a developed system of personal finite forms. Conjugation of the verb is inflective; the endings express the face and the number, consistent with the subject of the sentence (subject). Analysis and interpretation of various forms of verbs of modern Persian language contributes to the correct definition of the laws of the construction and functioning of verbs in modern Persian literary language, and the functional-stylistic features of the verb in modern Persian language confirm the grammatical productivity and special linguistic capabilities of this part of speech in the communicative process. In this article the author considers derivative verbs and problems of his translation from Persian into Arabic. Derived verbs represent a complex picture of regular forms, but heterogeneous values. This picture shows the "interlacing" of word-formative and inflectional, lexical and grammatical categories of the verb in both Persian and Arabic.

Key words: Persian language, Arabic, translation problems, derivative verbs, interlacing of verb categories, Arabic linguistics, syntactic constructions with derived verb stem.

Сведения об авторе: ***Алсенан Абдулхаким Фахад А.*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
E-mail: **mailto:mehrbakhsh@inbox.ru hakeem2111@gmail.com.** Телефон: **(+992) 900-96-12-66**

Information about the author: ***Alsenan Abdulhakim Fahad A.*** - Tajik national University, doctoral student Ph.D chair of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
E-mail: **mailto:mehrbakhsh@inbox.ru hakeem2111@gmail.com.** Tel: **(+992) 900-96-12-66**

УДК: 491.550

ЧАНД СУХАН АЗ РАВАНДИ ТАҲИЯИ «ФАРҲАНГИ МУКАММАЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Раҳмонзода Нуроншоҳи Довудшоҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте як давлат ба Истиқлолияти комили худ сазовор мегардад, бештар ба анъанаҳову сарчашмаҳои бунёдии давлатсозии худ такя мекунад ва бинобар ҳамин беасос ҳам нест, ки забони тоҷикии мо баъд аз ба истиқлолият расидани Тоҷикистон дар ҷомеа мавқеи бисёр бунёдиро ба худ касб кардааст ва дар баробари забони русӣ, ки пештар забони расмии мардуми тоҷик буд ва дар даврони истиқлолият ҳам мувофиқи Қонуни асосӣ забони муошрати байни миллатҳо маҳсуб мегардад, як андоза нақши худро хеле боло бурда, ҷойи ҳуқуқии худро дар кишвар пайдо кард.

Ба ҳамаи мову шумо тавре, ки маълум аст, имрӯз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар санаи панҷуми октябри соли 2009 ба тасвиб расид, мавриди амал қарор гирифтааст. Дуруст аст, ки қонуни мазкур мавқеи ҳуқуқии забони тоҷикиро зимнан як андоза муайян кардааст. Зимни тарҳрезӣ ва баррасии ин қонун меъёрҳои байналмилалии истифодаи забонҳои мухталифи ҷаҳон дар назар гирифта шудааст ва дар ин кишвари соҳибистиқлол сиёсати бисёр пайгиронаи забонӣ вобаста ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло бурда мешавад.

Пажӯҳиш ва баррасии масъалаи таҳияи фарҳангҳои гуногунҳадафи забони тоҷикӣ дар пешорӯйи таваҷҷуҳи кишвари Тоҷикистон қарор гирифта, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба таъкид шудааст. Аз ҷумла, дар мулоқоти худ бо зиёиёни кишвар моҳи марти соли 2002 ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, Президенти кишвар чунин ибрози андеша менамояд: «Имрӯз мо ба услуби илмӣ, забони суфтаю шево ва оммафаҳми матбуот, забони коргузории устувор, истилоҳоти ягонаи соҳаҳо, луғатҳои тафсирии якзабона, дузабона, имлои нисбатан возеҳу ба меъёрҳои забонамон хос эҳтиёҷ дорем, то ки низоми бомароми рушди забон таъмин гардад ва ба густариши минбаъдаи он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа замина гузорад».

Ганҷинаи кохи баланду бегазанди сухан ва вожагони забони тоҷикӣ шумораи зиёди фарҳангу луғатномаҳои умумӣ ва тафсирии забон мебошад, ки теъдоди то ба ҳол маълумро донишмандону муҳаққиқон зиёда аз 200 ва ё зиёда аз 250 китоб донистаанд [1, с.71-77; 3, с.5; 7, с.78]. Сайри таърихӣ ва густаришу такомули фарҳангнигорӣ дар забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқон ва донишмандони зиёде мавриди пажӯҳиш ва таҳлил қарор гирифта, дар ин бора садҳо китобу ҳазорон мақолаҳо навишта шудааст, ки танҳо навиштани номи онҳо чанд ҷилд китобро фаро мегирад. Ба мавриди метавон зикр намуд, ки дар шароити имрӯзии рушди фарҳангнигории ҷаҳон таҳияи фарҳангҳои умумии тафсирӣ ҳадафҳои мушаххаси илмиву амалӣ дорад. Нахуст аз ҳама, ҷамъоварии вожагони забон ва бо як меъёри вожанигорӣ таҳия ва пешниҳод кардани он дар шакли фарҳангҳои тафсирӣ зинаҳои муайянро дар бар мегирад. Чунин фарҳангҳо аз лиҳози ҳаҷм, андоза, мавод, тарзи таҳия ва фарогирии ҳадафҳо гуногун мешаванд. Агар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», ки соли 2008 дар «Соли забони тоҷикӣ» дар таҳрири аввал ва соли 2010 бо таҳриру иловаҳо таълиф гардид, фарҳанги мутавассит ва миёна бошад, пас «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» фарҳанги хоссатан ҷомеъ ва муфассал мебошад.

Дар ин давра бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷашни Соли забони тоҷикӣ-соли 2008, аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд ҳудуди 80 000 вожаву ибора) чоп шуд, ки дар таърихи фарҳангнигории тоҷик баъд аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» рӯйдоди муҳимме гардид. Ин фарҳанг фарҳанги мутавассит ва миёна буда, калимаву ибораҳо ва ибораҳои фразеологӣ бе овардани намуна аз осори адибону суханварон шарҳу тафсир гардидааст. Хусусиятҳои хосси таҳияи он инъикоси вижагиҳои умдаи забони тоҷикии адабии даврааи классикӣ то қарни XX ва дар ин замина баҳрабардории фишурда аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва луғату фарҳангҳои даврааи классикӣ бидуни овардани шоҳидҳо аз осори шоирон ва адибони давру замонҳои гуногун, истифодаи васеъ аз комёбию дастовардҳои фарҳангсозону луғатнигорони ҳамзабонони хеш – Эрону Афғонистон ва дар ин замина интихоби луғату вожаҳои серистеъмоли барои ҳама фаҳмову муштарак аз фарҳангу луғатҳои ҳамзабононамон, интихоб ва истифодаи воҳидҳои луғавӣ аз забони тоҷикии муосир, аз ҷумла забони гуфтугӯӣ, ки дар фарҳангу луғатҳои пешину қаблӣ сабт нашудаанд, мебошад.

Дуруст аст, ки таҳияи ин фарҳанг қадами муҳимме барои омода кардани «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» гардид. Албатта, фарҳанг ҳам мисли корҳои бузурги дигар дар баробари қадршиносии меҳнату заҳмати таҳиягарон душманону бадхоҳони худро дорад.

Аз ин рӯ, дар матбуоти даврии ғайрирасмӣ дар бораи ин фарҳанг сарусадоҳое низ то ҷое баланд гардид. Муаллифони онҳо шахсоне буданд, ки аз тартиби таҳияи фарҳангҳо ва махсусан фарҳангҳои тафсирӣ огоҳии чандоне надоштанд. Дар бораи ҳусну қубҳи ин фарҳанг, ки, албатта, дар чунин кори бузург ёфтани камбудиҳо амри ногузир аст, мутахассисони забоншинос ақидаву андешаҳои худро баён кардаанд, ки намунаи ақидаҳои танҳо чанд нафари онҳоро барои тақвият бахшидани гуфтаҳои дар боло зикргардида меорем. Доктори илми филология, профессор Маҷидов Ҳ., ки яке аз забоншиносони муътабар ва машҳури тоҷик мебошад, унвони тақризи худро «Фарҳанги тафсирӣ чароғи ҳидояти ҳар соҳибзабон аст» номгузорӣ карда, дар бораи он чунин ишора мекунад: «Яке аз фазилатҳои назарраси дигари ин фарҳанг ҳамин аст, ки луғатнигорон кӯшидаанд то ба он як миқдори калони калимаҳои аз истеъмол баромадаро, ки дар байни форсизабонони хориҷи кишвар мустаъмаланду мафҳуму ҳодисаҳои барои мардуми мо муҳимро ифода мекунанд, ҷой диҳанд. Ин иқдоми нек, бешубҳа, таркиби луғавии забони адабиамонро боз ҳам ғанитар гардонида, иқтидори истеъмолии онро боло мебардорад.

Ҷиҳати басо назарраси дигари фарҳанг ҳамин аст, ки дар тафсири маъноии калимаҳо аз тартиботи рангину пуробуранги забонамон фаровон истифода шудааст. Дуруст аст, ки он на ҳама вақт аз рӯйи муқаррароти қабулшуда дар охири тафсир – баъд аз аломати ромб оварда мешавад. Таъбирот ва зарбулмасалу мақолҳоро муаллифони фарҳанг ҳамчун маводи тавзеҳдиҳандаи тафсир низ ба кор бурдаанд. Дар ҳар сурат бо кадом тарзе набошад, овардани чунин мавод ба раванди забономӯзии мардум, бахусус ҷавонони толибилм бетаъсир намемонад» [5, с.198].

Муҳаққиқи забоншинос Юнусова Г.С. дар тақризи худ бо номи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ва нақши он дар байни фарҳангҳои тафсирии нави тоҷикӣ» оид ба ин фарҳанг чунин ибрози андеша менамояд: «Бурду бохти ин фарҳанг мавзӯи баҳси дигар аст ва мо онро ба вақти дигар вомегузорем, зеро арҷгузорию баҳои соҳибони забон нисбати ин фарҳанг якнаво нест ва муқарризон на ҳамеша назар ва бархӯрди воқеъбинона нисбати ин фарҳанг иброз кардаанд. Дар бораи бурду бохти ин фарҳанг дар сафаҳоти рӯзномаи «Озодагон» чанд тақриз ба нашр расидаанд, вале аз мутолиаи онҳо чунин бармеояд, ки муаллифон аз таҳлили воқеъбинона ва илмӣ гурез намуда, бештар ба услуби ҳангомаҷӯӣ даст задаанд, ки боиси таассуф аст.

Бояд эътироф кард, ки мураттибону муҳаррирони «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар таҳия ва таснифи он дастоварду таҷоруби фарҳангнигории беш аз ҳазорсолаи форсу тоҷик, инчунин равияҳои пешгоми шӯравӣ, Эрон ва Афғонистонро дар таҳияи луғатнигории асри ХХ ҳамаҷониба ҳадафи баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, дар мавриди зарурӣ ба онҳо такя намуда, чун сарчашмаи баҳрабардорӣ пазируфтаанд» [10, с.131].

Дар асоси таҷрибаи фарҳангнигории имрӯзу пешин бо мақсади иҷрои ин дастури роҳбари давлат гурӯҳи ходимони илмии шуъбаи фарҳангнигории Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон даст ба таълифи фарҳанги тафсирии мукаммал ва ё ба андозае комилтар ва ҷомеътари забони тоҷикӣ заданд.

Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ҷамъоварии маводи фарҳангҳои давраи классикӣ, осори нависандагон ва шоирони тоҷик, матнҳои илмӣ ва илмиву оммавӣ, матбуот ва лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ аз ибтидои садаи ХХ оғоз шуда, то ба ҳол идома дорад. То ба имрӯз дар ганҷинаи ду шуъбаи Институт – шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот ва шуъбаи забон зиёда аз 4,5 миллион барга бо вожаҳои мисолдор аз осори давраҳои гуногуни рушди забони тоҷикӣ ҷамъоварӣ шудааст. Ҳадаф аз ҷамъоварии ин мавод, пеш аз ҳама, бунёди ганҷинаи вожагони забони тоҷикӣ (Бонки забон) бо фарогирии тамоми вожаҳои забони адабӣ ва лаҳҷаҳои забон бо овардани намунаҳо мисол-шоҳидҳо аз осори забонӣ мебошад. Барои анҷоми чунин як пажӯҳиши муфассал ҷамъоварии фарҳангҳо, таҳияи феҳристи мукаммали он, тартиб додани маҷмӯаи баргаҳои хаттӣ ва компютерии вожагон (бо намунаҳо аз осори гузаштагон), таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни фарҳангнигорӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии фарҳангҳои пешин зарур аст. Анҷоми чунин як таҳқиқоти муфассалу бунёдӣ замон ва вақти зиёдеро фаро гирифта, як маркази умумии таҳқиқи муқоисавии фарҳангҳои забони тоҷикиро тақозо менамояд, то як силсила масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва махсусан фарҳангнигории тоҷик баррасӣ гардад [9, с.5-11]. Таҳия ва нашри «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» яке аз зинаҳои анҷоми ин барномаи пажӯҳишӣ мебошад.

«Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» дар заминаи се фарҳанг - «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (соли 1969), «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (чопи аввал соли 2008 ва чопи дувум соли 2010) ва «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (солҳои 2004-2006), ки дар онҳо таркиби луғавию сарвати фразеологии забони тоҷикӣ дар муддати 30–40 соли охир як андоза ҷамъоварӣ гардидаву ба тартиб дароварда шудааст ва инчунин дар асоси маводи ганҷинаи баргаҳои калимаву вожаҳои мисолдори шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот, ки дар тайи беш аз ҳафтод соли мавҷудияти Шуъба аз осори хаттии адабӣ ва илмии даврони гузашта ва аз асарҳои муосири адабиву илмии оммавӣ, аз нашрияҳои расмӣ ва матбуоти даврӣ интихоб ва ҷамъоварӣ гардидаанд, таълиф ёфтааст. Инчунин, бо такя ба супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи сарчашмаҳои муосири фарҳангнигории кишварҳои ҳамзабон

дар таҳияи ин фарҳанг аз маъхазҳои муътамади фарҳангнигории Эрону Афғонистон, махсусан аз фарҳангҳои «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Фарҳанги бузурги сухан»-и Ҳасани Анварӣ, «Фарҳанги Муин»-и Муҳаммади Муин, «Фарҳанги Амид»-и Ҳасани Амид ва як силсила фарҳангу луғатномаҳои умумӣ ва соҳавӣ ба таври васеъ истифода шудааст.

Мувофиқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар (моҳи марти соли 2007) кори «таҳияи “Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ” бо истифода аз таҷриба ва меъёрҳои «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва дигар луғатномаҳои мавҷудаи тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ» (Ҷумҳурият, 27-уми марти соли 2007) соли 2008 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ оғоз гардид. Зарурати таҳия ва тартиби ин фарҳанг дар суханронии Президенти ҷумҳурӣ ҳангоми мулоқот бо зиёиёни кишвар 21-уми марти соли 2009 бори дигар ба таври зерин таъкид гардида буд: «Дар назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо вазифаи таълифи фарҳанг иборат аз шаш ҷилд гузошта шудааст ва табъу нашри он дар зарфи панҷ соли наздик бояд ба анҷом расад». Лоиҳаи таҳияи ин фарҳанг дар шаш ҷилд соли 2008 тасдиқ ва маблағгузории он аз аввали соли 2009 оғоз гардид. Чопи фарҳанги мазкур дар шаш ҷилд дар назар дошта шуда буд, вале бо сабаби фаровон будани маводи ҷамъшуда эҳтимол меравад ҷилдҳои он афзун гардад.

Ҷилди аввали «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» соли 2010 ба чоп омода шуда буд. Вале бо сабаби ба «Нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохил шудани он (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №642 аз 31-уми декабри соли 2008) чопи ин ҷилд ба рӯзҳои ҷашн мавқуф гузошта шуд. Вале дар ин муддат кор болои фарҳанг идома ёфта, акнун ду ҷилд – ҷилди аввал ва ҷилди дувуми «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» ҳарфҳои А-835 саҳифа, Б-870 саҳифа, барои чоп омода шудааст.

Ҳарфҳои В, Ғ, Д, Е, Ё, Ж, З, К низ дар ҳоли таҳия шудан буда, бештар аз 30 нафар муҳаққиқону донишмандони мухталиф (бо кормандони техникӣ) аз собиқ Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, факултетҳои филология, забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон машғули кор мебошанд.

Дар таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» аз осори донишмандон, муҳаққиқон, шоирону нависандагон ва мутафаккирони барҷастаи даврааи классикӣ, Шӯравӣ ва Истиқлол ба шумули осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фаровон истифода шудааст.

Дар «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» нисбат ба луғатномаҳои то кунун таълифшуда, алалхусус «Фарҳанги забони тоҷикӣ», миқдори калимаҳову таъбирҳо, теъдоди маъно ва тобишҳои маъноӣ, ки бештар дар матн аён мешаванд, фузунтар шарҳу тафсир ёфтаанд. Маҳз ана ҳамин эҳтиёҷ муаллифонро водор сохтааст, ки ба тариқи шоҳид миқдори зиёди намунаҳои беҳтарини насру назми адибони гузаштаю имрӯзаро пешкаши мову шумо гардонда бошанд. Зеро таҳияи чунин фарҳангҳо барои рушди забони давлатӣ ва ҳамчунин барои ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Фарҳангнигорӣ қисме аз илми забоншиносӣ буда, фарҳангу луғатномаҳо мувофиқи меъёрҳои илмӣ ва принсипҳои муайяни дар муддати ҳазорсолаҳо сайқалёфта таҳия мешаванд ва норозигиву дахолати шахсони бадхоҳу ғайри мутахассис ва ноогоҳ боиси тахаллуф дар меъёрҳои илмӣ ва усулҳои таҳияи фарҳангҳо мегардад. Мутаассифона, имрӯзҳо дар кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон шахсоне низ пайдо шудаанд, ки илми фарҳангнигории забони тоҷикро мехоҳанд тобеи хостаҳои маҳдуд ва маҳаллии хеш созанд. Ногуфта намонад, ки ана ҳамин норозигиву дахолати шахсони бадхоҳ буд, ки таълифи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» то ба имрӯз ба дарозо тӯл кашид ва муҳаррирону мураттибони ин фарҳанг ба мухолифати тӯлони рӯ ба рӯ гаштанд. Аз қудрату тавоноии мураттибони фарҳанг чунин бармеояд, ки ба ин қадар тақризу мақолоти туҳматангезе, ки дар маҷаллаҳову рӯзномаҳо бадхоҳони ин фарҳанг чоп намуда буданд, нигоҳ накарда «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ»-ро рӯи чоп овардаанд, ки боиси ифтихор ва сарфарозист. Фарҳанги мазкур барои навиштани рисолаҳои илмӣ маводи фаровоне дода метавонад.

Фарҳангнигорӣ ва ё луғатнигорӣ бахше аз илми забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, пешаи бениҳоят заҳматталаб аст. «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» (ҷилди 1) беш аз 12 ҳазор вожаву ибора ва таркибҳои забони тоҷикиро фаро гирифта, аз лиҳози сохтор калимаву таркиб ва истилоҳоти ҳам даврааи классикии инкишофи забон ва ҳам даврааи муосири рушду густариши онро дар бар гирифтааст. Хулоса, таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» аз рӯйи ҳаҷм, андоза ва маводи пешниҳодгардида дар таърихи фарҳангнигории Тоҷикистон ё худ лексикографияи тоҷик бори аввал сурат гирифта, ҳадафи асосии он бароварда сохтани ниёзи қишрҳои мухталифи ҷомеаи мо дар истифодаи китобу навишта ва осори безаволи даврааи классикии забони тоҷикӣ ва ҳам матну осори нависандагон ва адибону донишмандони муосири тоҷик нақши бениҳоят калон ва бунёдӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммади Ҳусайнӣ бинни Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ; бо эҳтимоми доктор Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1330 ш. - Ҷ. I.
2. Забехуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.2. - Д.: Деваштич, 2003. - 412 с.
3. 3.Капранов В.А. Таджикско-персидская лексикография в Индии XIV–XIXвв / В.А. Капранов. – Д.: Дониш, 1987. – 224 с.

4. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1 / Ҳ.Мачидов. - Д.: Деваштич, 2007. - 242 с.
5. Маҷидов Ҳ. Фарҳанги тафсирӣ чароғи ҳидояти ҳар соҳиб забон аст / Ҳ. Мачидов // Забоншиносӣ. - Душанбе, 2010. - №1. - С. 198.
6. 7. Рахмонзода Н.Д. “Чароғи ҳидоят”-и Алихони Орзу ва нақши он дар рушди забони тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе, 2012. - №4/4. - С.155-158.
7. С. Назарзода. Забон ва истилоҳот: (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С.Назарзода. –Душанбе, 2003, - 78с.
8. 8. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ, Ҷ1 (ҳарфи А.) – Душанбе, 2011. -832 с.
9. 9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ; (зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон) Ҷ.1. – Душанбе, 2008. -954 с.
10. 10. Юнусова Г. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ва нақши он дар байни фарҳангҳои тафсирии нави забони тоҷикӣ / Г. Юнусова // Забоншиносӣ.- Душанбе, 2011.- №1. -С.- 131.

ЧАНД СУХАН АЗ РАВАНДИ ТАҲИЯИ «ФАРҲАНГИ МУКАММАЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Дар ин мақола масъалаи тартиб додани раванди фарҳангсозии “Фарҳанги тафсирии мукаммали забони тоҷикӣ” таҳлил карда мешавад. Муаллиф мушкилоти раванди таҳияи фарҳангҳоро шарҳу эзоҳ додааст. Ба ғайр аз ин, дар мақола нақши лексикография ҳамчун соҳаи илми забоншиносӣ дар раванди омӯзиши забонҳо баррасӣ гардидааст. Фарҳангнигорӣ ва ё луғатнигорӣ бахше аз илми забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, пешаи бениҳоят заҳматталаб аст. «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» (ҷилди 1) беш аз 12 ҳазор вожаву ибора ва таркибҳои забони тоҷикиро фаро гирифта, аз лиҳози сохтор калимаву таркиб ва истилоҳоти ҳам давраи классикии инкишофи забон ва ҳам давраи муосири рушду густариши онро дар бар гирифтааст. «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» аз рӯйи ҳаҷм, андоза ва маводи пешниҳодгардида дар таърихи фарҳангнигории Тоҷикистон ё худ лексикографияи тоҷик бори аввал сурат гирифта, ҳадафи асосии он бароварда сохтани ниёзи қишрҳои мухталифи ҷомеаи мо дар истифодаи китобу навишта ва осори безаволи давраи классикии забони тоҷикӣ ва ҳам матну осори нависандагон ва адибону донишмандони муосири тоҷик нақши бениҳоят калон ва бунёдӣ дорад. Фарҳангнигорӣ риштаи басо муҳимми забоншиносии тоҷик буда, таҳлил ва баррасии он яке аз василаҳои асосии пажӯҳиш ва тадқиқи бахши вожагони забон маҳсуб меёбад. Муаллиф бар он кӯшидааст, ки дар ҳаҷми якчанд саҳифа дар бораи аҳамияти фарҳангнависии тоҷик, инчунин ҷанбаҳои назариву амалии тартиб додани ин луғати мукаммалро ба риштаи таҳқиқ дароварад. Инчунин фарҳанги мазкур аз пайдоиш ва густаришу рушди фарҳангнигории тоҷик ва роҳҳои инкшофи он сарчашма гирифта, мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: луғати тафсирӣ, фарҳанги мукаммал, лексикография, ислоҳот, истилоҳот, давраи классикӣ, давраи муосир, сарчашма, фразеология, забони тоҷикӣ.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ИЗ ПРОЦЕССА ПОДГОТОВКИ «ЗАВЕРШЕННОГО СЛОВАРЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА»

В статье анализируются вопросы составления “Завершенного словаря таджикского языка”. Автор поясняет трудности процесса подготовки словарей. Кроме того, подчеркивается важная роль лексикографии как научной отрасли лингвистики, что является очень трудной задачей. “Завершенный словарь таджикского языка” (глава1) включает в себе более чем 12 тысяч слов и выражений из состава таджикского языка, с точки зрения структуры слова и состава терминов классического и современного периодов развития языка. “Завершенный словарь таджикского языка” по содержанию и объёму в истории лексикографии Таджикистана или таджикской лексикографии создается впервые. Его основная задача – удовлетворять каждодневные потребности различных слоёв общества в написании книг и изучении бесценного творческого наследия классического периода таджикского языка, а также трудов современных знатоков и литературов. Лексикография является одной из важнейших отраслей таджикского языкознания. Автор пытается отметить значение таджикско-персидской лексикографии, а также проанализировать теоретические и практические аспекты, составления словаря и его роль в развитии таджикского языкознания. Исследованы вопросы создания и совершенствования таджикского-персидской лексикографии и пути её развития, относящиеся к IX – X веков.

Ключевые слова: толковый словарь, завершенный словарь, лексикография, реформа, терминология, классический период, современный период, источник, фразеология, таджикский язык.

SOME WORDS FROM THE PROCESS OF PREPARATION OF «COMPLETED DICTIONARY OF TAJIK LANGUAGE»

The problem of preparation process and compiling Explanatory completed dictionary of Tajik language is analyzed in this article. The author comments the difficulties of preparation and compiling process of dictionaries. It is also researched the role of lexicography as a branch of science of linguistics in the direction of learning languages. Lexicography as a branch of science of linguistics is very complex and demands hard work. «Completed dictionary of Tajik language» (vol. 1) includes more than 12 000 (twelve thousand) words and expressions and fund of Tajik language, from the point of view of structure of words and fund as well as terms both classic period of development of language and modern period of improvement. «Completed dictionary of Tajik language» from the point of views of volume, size and presented material is the first work in the history of lexicography in Tajikistan and its aim is directed for different classes of our society in order to use books and valuable works of classic period of Tajik language, works of modern Tajik writers, poets.

Key words: explanatory dictionary, completed dictionary, lexicography, reform, terminology, classic stage, modern, source, phraseology, Tajik language.

Сведения об авторе: ***Рахмонзода Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, аспирант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **n-rah@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-74-67-56; 935-88-00-30**

Information on author: Rahmonzoda N.D. - Tajik National University, post graduator of the faculty of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **n-rah@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-74-67-56; 935-88-00-30**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ
Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550+491.550+491.437.5

БОЗТОБИ ҲАМНАЗАРИИ ДЕРИН

(назаре ба таърихи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек)

Имомзода М.С., Зайниддинов М.
Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Робитаҳои адабии халқҳо, чи халқу миллатҳои ҳамҷавор ва чи ақвоми нажодан аз ҳамдигар дур дар дарозои таърих аз раҳи пайравӣ ба падидаҳои ибратбахши зиндагӣ оғоз гардида, то шиносоиву омӯхтан ва баҳрабардорӣ аз таъриху адаби ҳамдигар расидааст. Донандагони назария ва амалияи робитаҳои адабӣ дар ҷараёни ковишҳои худ ба натиҷа расидаанд, ки ҳар қадар иртиботи байниҳамдигарии адабиётҳо тақвият ёбад, адабиёт ба инсонҳо қаринтар гардида, ҷиҳати бароварда сохтани ниёзҳо ва хостаҳои онҳо мадад мерасонад.

Пайвандҳои адабӣ ва таъсири мутақобили адабиёт дар муҳити фарҳангӣ ва маърифатии туркигӯён аз он ҷиҳат пешрав аст, ки падидаи адабӣ ва бозёфти тозаи илмӣ дар фазои маърифатии яке аз ин халқҳо ба шарофати қаробати забонӣ метавонад ба бозёфти маънавии ҳамнажодон мубаддал гардад. Ба амалӣ гардидани ҳамин шеваи омӯзиш назми асримиёнагии туркизабон, ки аз истиқболи маърифатӣ ва таъсири амалии адабиёти тоҷику форс баҳра бардошта буд, дар фосилаи андаки фазо ва вақт ба дастовардҳои назаррас мушарраф гардид.

Адабиёти ӯзбек дар фазои адабу фарҳанги туркизабон ба таърихи ибратомӯз, эҷодкорони забондону фарохназар, баёни ғояҳои инсондӯстиву башарпарастӣ ва ғановати образҳояш мавқеъ ва мақоми вижа дошта, бо адабиёти тоҷику форс робитаи таърихӣ дорад.

Оид ба ин масъала олимони тоҷику ӯзбек ва донишмандони халқҳои дигар дар мақолаву асарҳо ва ё зимни баррасии масъалаҳои мухталифи илми филология ибрози назар кардаанд, ки С. Айнӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, Ю. Салимов, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Афсаҳзод, С. Воҳидов, В. Самад, Ҳ. Шодиқулов, Ҷ. Бақозода, А. Абдуманнонов, А. Худойдодов, Э. Рустамов, С. Маллаев, Ҳоҷӣ Зариф, Б. Қосимов, Э. Шодиев, В. Абдуллоев, Ш. Турдиев, А. Ҳайитметов, Б. Валихоҷаев, А. Қамарзода, Ҳ.Ҳ. Кюроғлӣ, А. Тоҳирҷонов, М. Гайнулин, Н. Хисомов, Х. Миннегулов, В.В. Бартолд, Е.Э. Бертелс, А.Н. Болдирев, И.С. Брагинский ва… аз ҳамин қабиланд.

Робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек ба шарофати умумияти дин, расму ойин ва зиндагӣ дар фазо ва марзи ба ҳам наздики ҷуғрофӣ бармаҳал ташаккул ёфта, дар дарозои таърих халқҳои тоҷику ӯзбекро бо ҳам қарин намудааст. Ғояҳои наҷиби инсондӯстӣ, кӯшиш барои зиндагии осоишта, мубориза алайҳи зулму бедодӣ, инъикоси маишату рӯзгордорӣ дар адабиёти шифоҳии тоҷику ӯзбек бо истифодаи жанру қолабҳои маъмулии фолклор хусусияти умумӣ доранд. Вуҷуд доштани вариантҳои тоҷикиву ӯзбекии достони калонҳаҷми «Гурӯғлӣ» ва ривояту афсонаҳои зиёд баёнгари он аст, ки ин халқҳо дар тӯли таърих ба рӯйдодҳои зиндагӣ нигоҳу назари ҳамсон доштаанд. Ҳамин падидаи наҷиби инсонӣ дар адабиёти хаттии ин халқҳо шурӯъ аз ёдгориҳои таърихӣ ба сони «Девони луғот-ат-турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ, «Қутадғу-билиқ»-и Юсуфи Баласуғунӣ, «Ҳиббат-ул-ҳақоиқ»-и Аҳмади Йуғнакӣ, «Девони ҳикмат»-и Аҳмади Ясавӣ, «Қиссаб-ул-анбиё»-и Рабғузӣ, «Муҳаббатнома»-и Хоразмӣ, «Юсуф ва Зулайхо»-и Дурбек, «Гул ва Наврӯз»-и Лутфӣ ва андарзномаҳои тоҷикии форсӣ сифати тоза пайдо намуда, дар мисоли мероси гаронарзиши Мавлоно лутфӣ, Саккокӣ, Қутб, Алишери Навоӣ, Бобур… ва ҳамтоёни форсигӯйи онҳо намунаи самаровардаи иртиботи маънавии халқҳои тоҷику ӯзбек гардид. Ба эътибори қонуниятмандиҳои адабиёти тадбиқӣ баҳрабардорӣ ва таъсири байниҳамдигарии адабиёти тоҷику ӯзбек ба ҷой доштани чунин амал дар байни адабиёти олам беназир аст. Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди адабиётҳои тоҷику ӯзбек баёнгари он аст, ки ин адабиётҳои сутург дар таърихи тӯлонии рушди худ фарозу фурудро тавъам таҳаммул намудааст. Замоне таъсир расонидану замони дигар таъсир гирифтан сифати неки адабиётҳои куҳанрой буда, тамаддуни башарӣ бо такя ба ҳамин поя устуворӣ ва ғановати худро нигоҳ медорад.

Ниёгони мо ба ҳунари офаринандагии худ на танҳо таваҷҷуҳи аҳли башарро ба худ кашидаанд, балки тавонистаанд аз падидаҳои наҷиби дигарон баҳра бардоранд. Муҳаққиқони адабиётшиносии муқоисавӣ натиҷагирӣ намудаанд, ки адабиёти асил ҳамеша оғӯши худро барои падидаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва адабии олам боз мекунад. Адабиётҳои тоҷику ӯзбек аз ҳамин суннати дерин ва фазилати нек бархӯрдор буда, дар дарозои ташаккул ва рушди худ манбаъҳои муштараки омӯзиш чун фарҳанги арабиву юнониву чиноиву ҳиндӣ доштаанд. Ҳамин муштаракоти манбаъҳои омӯзиш ва бардошту ба амал тадбиқсозии андӯхтаҳо дар мисоли афкор ва пайкори ду хирадманди беназири адабу фарҳанг - Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ба гунаи мактаби рафоқату ҳамраъйӣ аз замони рӯзгордории эшон то ба имрӯз ҷиҳати эътироф ва пайравии меросбарони онҳо гардидааст.

Ба эътибори фармудаи Алишери Навоӣ дар асараш «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» нахустин мулоқоташ бо Абдурраҳмони Ҷомӣ дар зинаи 17-18 солагии умраш иттифоқ афтода, то замони вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ идома ёфтаву дар муддати 35-сол муносибати устодиву шогирдии онҳо ҳаммаромиву ҳаммақсадӣ ғолибият доштааст. Рафоқати онҳо то ҳадде расида, ки таълифоти худро ба ҳамдигар бахшида, «дар тарғиби ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ якдигарро пуштибонӣ карда, дар фаъолияти адабӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳамдигар мададгор будаанд». Алишери Навоӣ чун гувоҳи мустаҳкамии бинои дӯстӣ ва рафоқат пас аз вафоти устоди худ асари ҷудогона таълиф намуда, худро соҳиби мотам муаррифӣ менамояд. Дар дебочаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» менигорад, ки «Худраъйи умури тасаввуру аноният ва даштпаймони олами ғурури нафсоният Алишери мутахаллис ба Навоӣ… дар хилватҳои ашрофу хосси бани одам хусусан ва соир анҷуманҳои авоми аҳли олам умуман чунин арз мекунад ва ин навъ баён менамояд, ки.. шайхано ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ… – он соҳибдавлати бузургвор ва соҳибкамоли нубувваткор ин хоксори парешонрӯзгорро бо илтифотҳои азим сарбаланд ва бо навозишҳои ғариб арҷманд карда, дар байни абнои ҷинсам сарафроз, балки аз ҷинси башар мумтоз менамуданд. Чун тоири қудсошёни рӯҳи покашон аз қафаси бадан ба ҷониби гулшани боғи фирдавс дар парвоз шуд ва пайкари олимакони ҷисми муборакашон аз маҷлиси дорулфано ба анҷумани дорулбақо майл намуд, мотам ба аҳли олам рӯй дод, аммо соҳиби мотам мани номуроди сӯгвор будам ва ба соири авлоди одам азо воқеъ гардид, валекин соҳиби азо мани ношоди таъзиятшикор будам» [2, с.10]. Алишер Навоӣ дар анҷоми ин рисолаи дар иртибот ба марги устодаш таълифшуда марсияи ҷонгудозе дар ҳафт ҳисса низ навиштааст, ки аз як ҷониб садоқати ба устод доштаву аз ҷониби дигар соҳиби истеъдод ва ҳунари волои шоирӣ будани ӯро ташреҳ медиҳад.

З-ин азо дар ҳама олам на гадо монду на шоҳ,
Ки кашиданд ба сӯги ту дусад нолаву оҳ.
Абрсон гирякунон, наъразанон соя фиганд
Ба сари наъши ту хуршеди карам – зилли илоҳ.
Гар муяссар шудияш наъш кашидӣ бар дӯш,
Чун мани сӯхтадил ҷониби мадфан ҳамроҳ.
Шаҳриёрони ҷаҳон чок зада ҷома ба тан,
Пеши тобути ту пӯянда ба аҳволи табоҳ.
Сарбаландони ҷаҳон дар таҳи наъшат шуда паст,
Ҳама гирёну кашон бори ту бо пушти дутоҳ…
Ба намозат, ки ҳазорон зи башар пайвастанд,
Сад ҳазорон зи малоик ба ҳаво саф бананд [2, с.83].

Алишер Навоӣ чун идомадиҳандаи анъанаи миёни эҷодкорони туркизабон роиҷ будаи зуллисонайнӣ, тавонистааст, ки бо забони модарии худ ва ҳам забони форсии тоҷикӣ дар сатҳи аҳсан ғазал эҷод намояд. Дар радифи девони туркии «Хазоин-ул-маонӣ» таълиф гардидани «Девони форсӣ»-и ӯ тавонист, ки мақоми шоирӣ ва мавқеи адабии ӯро ҳам дар таърихи адабиёти ӯзбек ва ҳам дар таърихи адабиёти тоҷику форс таъйин намояд. Дар ин мавриди донишмандони тоҷику ӯзбек, аз ҷумла, Абдулғанӣ Мирзоев ва Ҳамид Сулаймон, ба таври ҷудогона ибрози андеша намудаанд.

Абдулғанӣ Мирзоев дар қисмати муқаддимотии рисолаи хеш «Фонӣ ва Ҳофиз», ки ба масъалаи ғазалҳои ба ҷавоби ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ сурудаи Алишер Навоӣ ихтисос дорад, натиҷагирӣ намудааст, ки «…устодии Алишер Навоӣ ва маҳорати баланди дар назми форс-тоҷик нишондодаи ӯро, зиёду кам дар ҳар як ғазали ҷавобия ва ғайриҷавобияи ӯ ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст… Аз мутолиаи ин қисмати осори Алишери Навоӣ чунин тасаввурот ба миён меояд, ки асосгузори адабиёти ӯзбек мақоми адабии худро дар таърихи назми форс-тоҷик дар ҳақиқат ба хубӣ муайян карда будааст. Ба ин тариқа, Алишер Навоӣ на фақат ҳамчун як нафар намояндаи бузурги адаб, ҳимоякунандаи аҳли адабиёт ва санъати мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрони нимаи дувуми асри XV, балки баъд аз Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун яке аз беҳтарин ғазалсароёни асри XV форс-тоҷик низ ба таърихи адабиёти мо дохил хоҳад шуд» [8, с.14].

Қабл аз ин устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар қатори шоирони форсигӯй аз Алишер Навоӣ низ ёдовар шуда, дар сурудани шеъри форсӣ «ба бисёртарин шуарои форс баробарӣ, балки фузунӣ» доштани ӯро зикр намуда, аз ашъори форсии ӯ намуна меорад [16, с.43-45].

Минбаъд Садриддин Айнӣ дар таъйин намудани мероси ба забони тоҷикӣ офарида, саҳеҳ намудани зиндагинома, ба чоп омода намудани осор ва шарҳи луғату муаммоҳои дар ашъори ӯ буда заҳмат кашида, бо таълифи мақолаи «Алишери Навоӣ ва адабиёти тоҷик» ва монографияи «Алишери Навоӣ» решаҳои таърихии робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбекро собит намуд ва барои рушди амалии навоишиносӣ саҳми арзанда гузошт. Замони дигар ин амали неки адабиро донишмандони тоҷику ӯзбек ва олимони рус сифати тоза бахшиданд. Бо такя ба ҳамин падидаи пурсобиқа дар даврони падид омадани васила ва роҳҳои гуногуни аз ҳам баҳрабардории адабиётҳо, робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек сифати тоза гирифт.

Дар оғози қарни XX арзи ҳастӣ намудани матбуоти даврӣ барои равнақи тозаи ҳамкориву робитаҳо мусоидат намуд. Рӯзномаву маҷаллаҳои туркизабони аз берун ворид мешуда, ба мисли «Тарҷумон», «Вақт», «Шӯро», «Иқбол», «Тозаахбор» ва нашрияҳои дар Осиёи Миёна чун «Меҳнаткашлар товуши», «Қутулиш» ва рӯзномаву маҷаллаҳои ба забони тоҷикӣ ба табъ расида дар радифи чопи ахбори замон ба масъалаи мактабу маориф, забон ва адабиёт низ таваҷҷуҳ намуда, намунаҳои назму насри тоҷикиву ӯзбекиро ба хонанда манзур кардааст [15]. Устод Садриддин Айнӣ бо аҳлаби ин нашрияҳо ҳамкориро ба роҳ монда, мақолаҳо ва намунаи осори хешро бо ду забон манзури хонандагон намудааст. Эътироф гардидани устод Садриддин Айнӣ ба сифати донандаи камназири таърих ва адабу фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна ва ба забони ӯзбекӣ пайваста нашр гардидани асарҳои ӯ дар рушди робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек такони тоза бахшид. Ҳам устод Садриддин Айнӣ ва ҳам Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ба фазилати донандаи хуби забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ буданашон, бо таълифи асарҳои назмиву насрӣ ва драмавии хеш ҷиҳати амалкарди жанрҳои адабӣ, таҷассуми бадеии таърихи гузашта ва даврони нави халқҳои тоҷику ӯзбек ва тарбияи эҷодкорони ҷавон бошарафона хидмат карданд.

Ба амал омадани дигаргуниҳои сифатӣ дар адабиётҳои тоҷику ӯзбек, дарк намудани набзи замон ва истиқболи ғояи тоза, ба таълиф ва нашри «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Рӯзҳои гузашта», «Каждум аз меҳроб» ва «Бой ва хизматгор»-и устодони адабиёт Садриддин Айнӣ, Абдулло Қодирӣ, Ҳамза Ниёзӣ ва дастаи дигари адибони тоҷику ӯзбек бастагӣ дорад.

Ба шарофати поягузори адабиёт ва устоди маънавии ду халқ гардидани устод Садриддин Айнӣ дӯстӣ ва ҳамкории адибон – А. Лоҳутӣ, Ғ. Ғулом, Ойбек, М. Турсунзода, Р. Ҷалил, А. Қаҳҳор, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ҳ. Олимҷон, А. Деҳотӣ, М. Раҳимӣ, Раҳмат Файзӣ, Ҳамид Ғулом, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, С. Ҷавҳаризода ва дигарон хусусияти эҷодӣ касб кард.

Нависандаи номдори ӯзбек Абдулло Қодирӣ, ки мувоҷеҳи туҳмат гардида, 4-уми октябри соли 1939 парронда шуд, бо таълифи романҳои «Рӯзҳои гузашта» ва «Каждум аз меҳроб» на танҳо дар ташаккул ва рушди насри таърихии ӯзбек, балки ба маҳорати эҷодии қаламкашони тоҷик низ таъсир расонидааст. Ҷалол Икромӣ зимни ёдоварӣ аз қазияи устодиву шогирдӣ нигоштааст, ки «Шогирдӣ ду навъ мешавад: бавосита, бевосита. Ман чандин бор гуфтаам ва навиштаам, ки шогирди бевоситаи устод Садриддин Айнӣ мебошам. Айнӣ маро аз дастам гирифта ба адабиёт даровард. Аввал аз Айнӣ омӯхтам. Вале аз романҳои Абдулло Қодирӣ баҳра бурдаам. Ин нависанда, ки ман ӯро устоди бавоситаи хеш медонам, ба ман бисёр чизҳоро ёд додааст. Ман аз Абдулло Қодирӣ бофтани сюжет, тавассути сюжет кушодани образро омӯхтам. Ҳамин аст, ки пас аз нашри «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» аз хонандагони ӯзбек мактуб гирифтам. Онҳо менависанд, ки шумо Абдулло Қодириро дар хотири мо зинда кардед» («Адабиёт ва санъат», 26.01.1989).

Воқеан романҳои А.Қодирӣ «Рӯзҳои гузашта» ва «Каждум аз меҳроб» саривақт ба забони тоҷикӣ тарҷума гардид ва дар радифи асарҳои устод Садриддин Айнӣ барои хонандаи тоҷик завқи бадеӣ бахшида, барои эҷодкорон чун мактаби омӯзиши маҳорат хидмат кардааст. Ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидани романи «Рӯзҳои гузашта» таърихи ғамангез дорад. Романро Абдусалом Деҳотӣ дар гармии нашри ӯзбекӣ ва шуҳрат пайдо карданаш аз нусхаи асл ба тоҷикӣ тарҷума карда, аз таҳрири устод Садриддин Айнӣ низ гузаронидааст. Вале нашри он ба ҷурми фоҷеаҳои соли 1937 ва душмани халқ эълон шудани муаллиф сурат нагирифтааст.

А.Деҳотӣ ба тарҷумони нашри тозаи ин роман Истад Қосимзода соли 1958 иброз доштааст, ки «… Роман вақти нав чоп шуданаш бисёр шуҳрат пайдо карда буд. Аз даст ба даст гузашта ҳамаро ба шӯр овард. Аз дӯконҳои китобфурӯшӣ кофта наёфтанд. Ҳама ташнаи хондани он буданд. Ана ҳамин талаботи мардумро ба инобат гирифта, ман онро аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гардондам. Дар давоми тарҷума фаҳмидам, ки Абдулло

Қодирӣ дар романнависӣ ҳамто надоштааст. Забонаш ширадор, ибораҳои халқиро фаровон кор фармудааст. Тарҷумаи китоб тайёр шуд. Устод Садриддин Айнӣ онро дақиқан аз назар гузаронида, дар ҷойҳои заруриаш қалам расонида, ба чопаш розигӣ доданд. Аммо кор барор накард. Ҳамон шабу рӯз нависандаи намоёни ӯзбек Абдулло Қодириро душмани халқ хонда ҳабс карданд… » [7, с.14].

Ба ҷурми нобуд шудани нусхаи таҳрирхӯрда ва сӯзондани дастхати тарҷума хонандаи тоҷик аз имкони ба забони худ хондани ин романи таърихӣ солҳо бенасиб монд ва боиси хушнудист, ки охиран ин роман дар тарҷумаи тарҷумони пуркор Истад Қосимзода бо номи «Айёми мозӣ» дар шаҳри Тошканд ба табъ расида, ба қомуси муҳташами робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳифаи тоза зам намуд.

Романи дигари ин адиб «Каждум аз меҳроб» ҳанӯз аз солҳои нашри ӯзбекиаш аз ҷониби нависанда ва тарҷумони чирадасти тоҷик Саидризо Ализода ба забони тоҷикӣ баргардон шуда ба адабиёти тарҷумавии тоҷик ғановат бахшидааст.

Дар системаи робитаҳои адабӣ дар шумули омилҳои дигар муносибати дӯстона ва мукотиботи эҷодкорон падидаи файзбахш ба шумор рафта, дар натиҷаи собиқа пайдо кардани ин амал ҷонибҳо барои суфта гардидан ва ғановат пайдо намудани осорашон водор мешаванд ва илова бар ин, хонандаи гуногунзабон аз бозёфт ва барори эҷодии адибон огоҳӣ пайдо мекунад.

Намунаи хубӣ ҳамин ҳамкориро дар мисоли фаъолияти адабиву илмӣ ва муносибати самимии устод Садриддин Айнӣ ва эҷодкорони ӯзбек Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом, Ойдин, Собир Абдулло, Мирмуҳсин, Ҳамид Олимҷон, Абдулло Қаҳҳор, Миртемир, Зулфия, Шароф Рашидов, Ойбек, Саид Аҳмад ва дигарон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки барои ду адабиёт манфиатовар буда, робитаи таърихии халқҳои тоҷику ӯзбекро густариш додааст.

Устод Садриддин Айнӣ ба эҷодкорони насли нави ӯзбек муносибати ғамхорона намуда, дар симои онҳо идомадиҳандагони анъанаи неки дӯстӣ ва рафоқатро мебинад ва ба маслиҳату раҳнамоӣ онҳоро ба хидмати пуршарафи адабиёт раҳнамун месозад. Соли 1927, вақте ки шоири умедбахши ӯзбек Ғафур Ғулом ба намояндагӣ ба Шӯрои олии ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод гардид, устод Садриддин Айнӣ бо номи «Шоири ба таҳсин ва ҳурмат сазовор» мақола навишта, ба таъкиди қобилияти хуби шоирӣ ва фаъолияти ҷамъиятии Ғафур Ғулом ӯро барои расидан ба ин мақом сазовор донист. Ғафур Ғулом низ чун нишони сипоси эҳтироми устод соли 1935 шеъри «Ба Айнӣ»-ро эҷод намуд, ки дар рӯзномаи «Қизил Ӯзбекистон» нашр гардид. Ҳамкории эҷодӣ ва ихлоси эҳтироми ин номбардорони адабиёт идома ёфта, барои насли дигари эҷодкорони тоҷику ӯзбек чун намунаи ибрат хидмат намуд.

Ғафур Ғулом дар мақолааш «Устоди муҳтарам», ки соли 1953 навиштааст, аз маҳорат, фазилати азалӣ, заҳматписандӣ ва донишмандии устод Айнӣ ёдовар шуда, ба ҷавонони тоҷику ӯзбек омӯхтани пайвастаи маҳорати эҷодии ӯро тавсия менамояд. Гӯшгузор месозад, ки «Устод Айнӣ барои барпо намудан ва равнақ ёфтани адабиёти даврони мо қаҳрамонона мубориза бурда, асарҳои пуразриш офарид, ки ин асарҳо барои қаламкашони ҷавон мактаб шуда истодааст. Асарҳои ин симои бузург танҳо зинати гулшани адабиёти тоҷик набуда, балки ба хазинаи адабиёти ӯзбек дурдона шуда даромад» [20, с.18].

Муҳаққиқони робитаҳои адабӣ, чи донишмандони хориҷӣ ва чи донишмандони тоҷику ӯзбек ба такрор таъйид кардаанд, ки мавзӯи баҳси ин падида таъсир ва таассури мутақобили адабиёти халқҳо ва миллатҳо мебошад [4, 14, 15].

Таърихи равобити адабии миёни миллатҳо собит намуда, ки ҳар кадом адабиёт ва ҳар як адиб таъсир гирифтаву таъсир расонда метавонад. Шоҳиди фаровоне овардан мумкин аст, ки нобиғагони адабиёт дар оғози фаъолияти эҷодиашон дар иртибот ба доираи омӯзиш таъсир гирифта, замони нубуғи ҳунари хеш мабдаи омӯзиш ва таассури дигарон гардидаанд.

Адибони тоҷик низ дар марҳалаи мутолиа ва андӯхтани таҷрибаи эҷодӣ ба адабиёти халқҳои дигар рӯй оварда, ҳунар ва маҳорати касбии хешро сайқал додаанд.

Мирзо Турсунзода, ки дар мисоли фаъолияти адабӣ ва ҷамъиятиаш ҳамаи шаклҳои робитаҳои адабиро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, дар давраи оғозини фаъолияти эҷодиаш иртиботи худро ба Ғафур Ғулом чунин ёдовар мешавад: «Ман дар Тошкент таҳсили илм кардаам, дар ҳамон солҳои таҳсил фикру хаёлам побанд ва мафтуни назми классикии Шарқ гашта буд, ман бо ҳирси тамом ашъори шоиронеро, ки оид ба мавзӯи муосир иншо мекарданд, мечустам. Яке аз паси дигаре ва ҳар доим шеърҳои Ғафур Ғуломро дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ӯзбекӣ пайдо мекардам. Гӯё ман он шеърҳоро намехондам, балки монанди мусофире, ки дар биёбон об менӯшад, фурӯ мебурдам. Аз ҳамон вақт ман худро мухлиси назми ин шоир мешуморам («Звезды Восток», 1963, №5, саҳ.5). Ҳамин мухлисӣ тадриҷан ба дӯстӣ ва ҳамкории ин адибони номдор мубаддал гардид ва ин фазилати нек густариш ёфта, миёни Мирзо Турсунзода ва

эҷодкорони зиёди ӯзбек арҷ гузоштан ба мақоми эҷодӣ ва мавқеи ҷамъиятиро ба бор овард. Чунин рафоқат ва диди ягона доштан ба рӯйдодҳои олам Мирзо Турсунзода ва нависандаи номдори ӯзбек, арбоби давлатӣ Шароф Рашидовро низ ба ҳам қарин намуд ва эшон барои тадбиқи мароми адабӣ ва ниёзҳои идеологии замон ғолибан пайкори якҷоя намудаанд.

Шароф Рашидов дар сарсухани китоби ба забони ӯзбекӣ чопшудаи Мирзо Турсунзода «Оташ посбонӣ» (1981) ва дар мақолааш «Дӯсти мо, бародари мо» аз шиносоӣ, сафарҳои якҷоя ба кишварҳои хориҷӣ, аз арзиши баланди осори Мирзо Турсунзода ва ҷасорати шаҳрвандии ӯ бо меҳр ёдовар мешавад. «Аз нахустин рӯзҳои шиносоиамон то рӯзҳои вопасини ҳаёти шоир ману Мирзо Турсунзодаро риштаҳои канданашавандаи ҳамкории эҷодӣ ва дӯстии инсонӣ мепайваст ва бунёди ин эҳсоси гарму самимии мо аз шираю шарбати кишвари азизамон баҳра бурда, ба шарофати дӯстии бофайзу баракати халқҳоямон рӯз аз рӯз мустаҳкам мегашт» [5, с.11].

Яке аз роҳҳои асосии ғановати адабиёт аз назари Мирзо Турсунзода тарҷумаи бадеӣ аст. Воқеан ин амали самаровар дар ҷараёни рушди равобити вусъатнок ва босамари адабиётҳо нақши диданӣ мегузорад. Он мактаби вижаи шинохти ҷонибҳо ва омӯзиши ҳунар буда, эҷодкоронро аз дастовардҳои эстетикии ҳамдигар огоҳ месозад. Бо дарназардошти ҳамин фазилати неки амали тарҷума Мирзо Турсунзода қиссаи дӯст ва ҳамқалами ӯзбекаш Шариф Рашидов «Таронаи кашмир» ва ашъори шоираи номдори ӯзбек Зулфияро бо камоли маҳорат ба тоҷикӣ тарҷума намудааст [10, с.211-254]. Меҳру ихлос ва самимияти Мирзо Турсунзода ба халқи бародари ӯзбек дар ашъори ноби ӯ низ инъикос гардидааст. Дар шеъри «Марҳабо», ки ифодагари як панорамаи зебойи пешравӣ ва шукуфтанҳост, мухотаб духтари ӯзбек қарор гирифтааст.

Духтари ӯзбек, моро гӯш кун!
Дигаронро андаке хомӯш кун
Гӯш кун!
Гапҳои мо беҳуда нест,
Ин садоҳои дили осуда нест.
Шавқи ту моро ба илҳом оварад,
Рӯ ба сӯйи Ӯзбекистон оварад.
То сухан чун қомати мавзун шавад
Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад.
Кошки табъи равон медоштам,
Рӯдакиқудрат забон медоштам.
Менавистам ҳусну алтофи туро,
Рӯйи некуву дили софи туро… [11, с.78-79].

Далелҳои ба итоати таърих гузашта башорат медиҳанд, ки М.Турсунзода то охири умр рисолати устодӣ ва сарварии худро дар сатҳи шоиста нигоҳ дошта, дар тарбия ва камолоти маънавии истеъдодҳои тоҷику ӯзбек хидмати содиқона кардааст. Ӯ аз барори эҷодӣ ва комёбиҳои шоирони боистеъдоди ӯзбек Абдулло Орифов ва Эркин Воҳидов шод гардида, изҳори қаноатмандӣ мекард, ки ҳунармандони навҷӯ ва идомадиҳандагони суннати неки ниёгон ба камол мерасанд.

М.Турсунзода, ки аз ҷараёни камолоти шоири навпардози ӯзбек Абдулло Орифов огоҳ буд, дар яке аз ҷаласаҳои адабии дар шаҳри Москва баргузоршуда ӯро дарёфт ва баъди суҳбати гарм иброз намуд, ки «анъанаи дерин – равобити эҷодию равуои адибони тоҷику ӯзбек канда нашавад…» [12].

Ҳамин хостаи неки устоди корозмудаи адабиёт имрӯз беш аз ҳар вақти дигар ба кор меояд ва метавонад инсонҳои эҷодкорро баҳри нигаҳдошт ва густариши суннати дерин раҳнамун созад. Шахсият ва амали М.Турсунзода ба таври возеҳ ва пайваста барои пиёдасозии ҳамин аҳдоф равона буд.

Шоир ва донишманди тоҷик Рустам Ваҳҳобзода дар раддабандии «хидматҳои инсонӣ ва адабии устод Мирзо Турсунзода» ба ҳамин самти фаъолияти эшон авлавият дода, иброз доштааст, ки:

«Устод Турсунзода бо қобилияти беназири ташкилотчигӣ ва сарварие, ки дошт,… истеъдодҳои ҷавонро дар ҳайати Иттифоқи нависандагон муттаҳиду тарбият намуда, барои дар ҷумҳурӣ дар сатҳи муносибу шоиста чоп ва қадршиносӣ шудани асарҳо ва шахсияташон тамоми имкониятҳоро ба кор мебурд. Гузашта аз ин, ӯ барои барқарор намудани робитаи адабии ҳар яке аз адибони тоҷик бо адибони дигар халқҳои шӯравӣ ва тарҷумаву чопи асарҳои онҳо ба забонҳои дигар, хусусан забони русӣ, аз нуфуз ва эътибори баланди худ ба таври аҳсан истифода мекард [13, с.8-9].

Дар нигаҳдошт ва сифати тоза бахшидан ба робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек шоири тавонои тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ низ чун қаламкашони дигари тоҷику ӯзбек саҳми бориз гузоштааст. А.Лоҳутӣ, ки баъди маҳрумиятҳо пой ба хоки кишвари шӯравӣ гузошта буд, дар партави фармуда ва ниёзҳои идеологияи замон ба рӯйдодҳои олам

назари ҳамгун доштани эҷодкорони ин кишвари бузургро дарк намуда, худро ба ҳамин рӯҳия мутобиқ сохт ва ба зудӣ ба намунаи осору мақоми ҷамъиятии чеҳраҳои пазируфтаи адабӣ ошноӣ пайдо кард. Ӯ замони дар шаҳри Москва зиндагӣ ихтиёр кардану ба фаъолияти эҷодӣ шуғл варзидан аз бозёфтҳои адабиёти тоҷику ӯзбек огоҳ гардид ва аснои сафар ба Тоҷикистон, ки одатан тариқи Тошкент сурат мегирифт, чанде меҳмони адибони ӯзбек гардида, оид ба «мавқеи иҷтимоии назм, мақому манзалати шоир, талаботи бунёдии адабиёти Шӯравӣ ва таҷрибаи эҷодии худ» суҳбат меорост, ки барои худу эҷодкорони ӯзбек манфиатовар буд. Таълифи шеърҳои «Ӯзбекистон», «Супориши модари ӯзбек», «Ба шоири ӯзбек Боқӣ» натиҷаи чунин бардошт буда, «Ҷашни кушода шудани Канали Калони Ҳисор» аз дӯстиву ҳамкории заҳматкашони тоҷику ӯзбек башорат медиҳад. Адиби ӯзбек Шуҳрат ба мақолаи ҷашниаш бо меҳр «Наш Лахути» унвон гузошта, зикр намудааст, ки «Узбекский народ также от всего сердце почитает, любить и ценить Абулкасим Лахути. Его проникнутые революционным пафосом пламенные стихи стали переводится на узбекский язык ещё в начале 30-х годов. Они были помешены в школьных учебниках. Страстные стихи Лахути отлично переведены на узбекский язык нашими маститыми поэтами Гафуром Гулямом, Султаном, Шейхзаде и Миртемиром» [6, с.75].

Аз ҷониби Ғафур Ғулом ду маротиба бо ду вазн тарҷума гардидани достони «Кремл», «Духтари Эрон» ва «Қарзи Ватан»-и А.Лоҳутӣ ба забони ӯзбекӣ, баёнгари ҳамин меҳру ихлос ба шахсият ва ашъори шоири тоҷик аст.

Агар Ғ.Ғулом чун ифодаи қаробати дерини халқҳои ӯзбеку тоҷик гуфта бошад, ки:

Аз қадим ҳарду қудову андаанд,
Он писар – тоҷик, арӯсаш ӯзбек аст,
Модар аз Помир, падар – фарғонагӣ
Ё худаш ӯзбек забонаш тоҷик аст [3].

А.Лоҳутӣ бо истифодаи ибораи ӯзбекии «хуш келибсиз» омода будан ба истиқболи бародарони ӯзбекро дар қолаби шеър баён месозад.

Эй ӯзбек, бародарони азиз,
Ба пеши мо, меҳмон,
хуш келибсиз!
Ҳам шаҳр, ҳам қишлоқ,
ҳам хона пешкаш
Ҳам ба Шумо ин тарона пешкаш! [3].

Замони дигари ҳамкориҳои адабиву фарҳангӣ миёни халқҳои тоҷику ӯзбек ба давраи ташаккулёбии санъати театрӣ мувофиқ меояд. Дар ин давра муҳимтарин асарҳои драматургияи Ғарб ва Россия тариқи тарҷумаи бадеӣ ба саҳнаи театр баромад. Адабиётшиносони тоҷик А. Абдуманнонов, Х. Отахонова ва Ҳ. Шодиқулов зимни ёдкарди хидматҳои Абулқосим Лоҳутӣ дар роҳи таъмин намудани театри миллӣ бо песаҳои арзишманд ва амали тарҷумонии ӯ зикр намудаанд, ки «Дар сурате, ки муаллифони миллии таҳҷоӣ кам песа менавиштанд ва навишта бошанд ҳам, бештарини онҳо характери шогирдонае дошт, дар ибтидои роҳи ин жанри нави санъати миллӣ тарҷума шудани песаҳои барҷаста нақши калон бозиданд. Ба ин маънӣ дар репертуари театри академии драмаи пойтахти республика асарҳои драманависони ӯзбек ба монанди Ҳамза ва Коми Яшин бештар мавқеъ пайдо карда, баъди драматургияи Ғарбу Россия, ки онро Лоҳутӣ ва қисман Олег Эрберг адо намудаанд, театри тоҷик рӯҳи тоза гирифт…» [1, с.145].

Дар марҳалаи нави робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек шаклҳои нави ҳамкориҳои эҷодӣ – гузаронидани рӯзҳо ва ҳафтаю даҳаи адабиёту санъати ҳамдигар, ривоҷ гирифтани амали тарҷума ва муносибатҳои шахсии адибони ду халқ ба ривоҷи он сифат ва таровати тоза бахшидааст.

Маводи дар шерозаи омодагӣ ба гузаронидани ин санаҳо ба табъ расида, ки ғолибан аз мақолаҳои обзорӣ ва осори тарҷумавӣ иборат мебошанд, хонандаи тоҷику ӯзбекро аз бозёфтҳои тозаи адабиётҳо огоҳ месозад. Соли 1959 дар Тоҷикистон баргузор гардидани Даҳаи адабиёт ва санъати ӯзбек ва соли 1968 дар Ӯзбекистон гузаронидани Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик ва дар ин замина фароҳам омадани шароит барои суҳбату мулоқотҳо ба эҷодиёти адибон таъсири муфид расонид. Ин василаи хуби ошноӣ ангезае барои баёни фараҳмандӣ ва эҷоди шеъру ҳикоя, очерк ва мақолаҳои публитсистӣ гардид. Воқеан, офаридаҳои М.Турсунзода - «Барно йигит», «Марҳабо», «Тӯй дар канори Сир», «Таронаи дӯстӣ», Боқӣ Раҳимзода «Салом», А.Шукӯҳӣ - «Эҳтиром овардаем», очеркҳои Ҷ.Икромӣ - «Дар меҳмонии бародарони ӯзбек», Ғ.Мирзо - «Сафари диёри дӯстон», шеърҳои М.Аминзода, А.Деҳотӣ, М.Фарҳат, Ф.Ансорӣ ва таассури насли дигари эҷодкорон, ки дар қолабҳои гуногун баён ёфтааст, бардошт ва маҳсули чунин мулоқотҳост.

Роҳандозӣ гардидани чунин амалҳои наздикшавии адабиётҳо ва халқҳо дар даврони соҳибистиқлолии кишварҳо иқдоми масарратбахш буда, метавонад барои ҷаҳоншиносӣ ва суботи ҷомеа хидмат кунад.

Тарзе ки ба гуфта омад, робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек замони арзи ҳастӣ кардани матбуот ба маҷрои тоза ворид гардид. Дар Тоҷикистон баробари нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ нашрияҳои ӯзбекиву русӣ низ ба фаъолият оғоз намуда, дар шумули иҷрои амалҳои хосси матбуот ба рушди адабиёт ва таҳкими дӯстӣ низ таъсиргузор гардид.

Рӯзномаи ӯзбекзабони «Совет Тоҷикистонӣ», ки акнун бо номи «Халқ овозӣ» мунташир мешавад, бо муҳайё будани фазои созгор қаламкашони ӯзбекзабони муқими Тоҷикистонро муттаҳид намуд ва тадриҷан аз байни онҳо шоиру нависандагони боистеъдод ба камол расиданд. Аз ин даста адибон Аширмат Назаров, Маҳмуд Тулқун, Улмас Ҷамол, Зайниддин Дӯстматов, Солиҷон Қаҳҳоров, Қосим Мамадҷонов, Ҷамолиддин Тошматов, Сулаймон Эрматов, Турон Тӯйчиев, Шойим Бутаев, Ҷамшед Пиримов, Ҷӯрақул Ҳоҷибоев, Мафтун Ҷӯра, Шодӣ Саттор, Зикрулло Валиев ва дигарон чун рӯзноманигор, шоир, нависанда ва тарҷумон ба адабу фарҳанги халқҳои тоҷику ӯзбек хидмат кардаанд.

Адибон Аширмат Назаров, Маҳмуд Тулқун ва Улмас Ҷамол бо нигоҳдории фазилати дузабонӣ, эҷоди асарҳои хуби назмиву насрӣ ва иштиёқ ба амали тарҷума дар адабиёти ӯзбеку тоҷик мақом пайдо намуданд. Улмас Ҷамол шеъри дузабонаро ба гунаи дигар ҷилва дод ва салисиву равонии шеъри дузабонаи ӯ таваҷҷуҳи адабпарварони ду халқро ба худ ҷалб намуд. Вақте сухан аз шеъри дузабона (ширу шакар)-и замони нав меравад, намояндагони ду халқ барои баёни андешаи хеш мисраъҳои фавқи шеъри Улмас Ҷамолро, ки тариқи оҳангу садои дилнишини ҳунарманди мумтоз Ҷӯрабек Муродов зеҳннишаста шудааст, ба забон меоранд.

Ӯзбекистон ӯғлидурман, тожигим гуфто писар,
Рост гӯям, ҳар кадоме севгалимдир жон падар.
Она деб айтсам бировин, ул бири менга падар,
Ҳамчу ду чашми сиёҳам икки халқ ҳам муътабар,
Меҳру ёдаш дар вуҷудам порлаган шамсу қамар… [19, с.3].

Чунин муҳаббати беолоиш оид ба қаробати таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек, ки эҳтиёҷ ба он ҳолиё бештар эҳсос мешавад, дар вуҷуди Улмас Ҷамол аз муҳити хонавода асар карда, дар муҳити дӯстпарвари Тоҷикистон густариш ёфтааст.

Муҳити солими адабие, ки устод М. Турсунзода барои рушди адабиёти тоҷик ва адабиётҳои русизабону ӯзбекзабон фароҳам сохта буданд, минбаъд низ аз ҷониби шогирдону ҳампешагони эшон идома ёфт. Улмас Ҷамол ва дигар адибони ӯзбекзабони муқими Тоҷикистон аз чунин фазо ва муҳити адабӣ бархӯрдор буданд ва ашъори онҳо дар асл ва тарҷума пайваста манзури хонанда мегардид. Улмас Ҷамол низ чун парвардаи ҳамин муҳити адабӣ баробари эҷоди шеър намунаи ашъори ҳампешагони тоҷикаш - М.Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Қаноат, А.Қаҳҳорӣ, Лоиқ, Қ. Киром, М. Ҳакимова, Г. Сафиева ва песаҳои Р. Ҷалил «Дили шоир», А. Атобоев «Суруди нотамом», Ш. Қиём ва А.Мароз «Дилро ба дил роҳест»- ро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Китобҳои алоҳидаи шоирон Меҳмон Бахтӣ ва Аскар Ҳаким дар баргардони ӯ манзури хонандаи ӯзбек гардидааст.

Улмас Ҷамол бо фаъолияти бобарори шоирӣ ва тарҷумониаш миёни халқҳои тоҷику ӯзбек чун васлгари дилҳо пазируфта шуд. Муъмин Қаноат барҳақ гуфтааст, ки «Улмас – икки халқ-ӯзбек ва тожик халқлари элчиси» [9, с.16].

Шоири халқии Тоҷикистон Саидалӣ Маъмур афзудааст, ки «ҳар гоҳ номи Улмас Ҷамолро бишнавам, беихтиёр симои шахси азиз, пайвандгари дилҳо, шоиру мутарҷими шинохтаи ду миллат пеши назар меояд ва аз он ифтихор мекунам, ки ба чунин марди наҷиб аҳди дӯстию бародарӣ дорам» [17, с.21].

Адибони дигари тоҷик Абдумалик Баҳорӣ, Қутбӣ Киром, Ибод Файзулло, Гулназар, Карокатулло Мирзоев, Камол Насрулло ва чеҳраҳои шинохтае чун Султон Мирзошоев ва Нодир Одилов аз фазилатҳои нек ва ҳунари шоириву тарҷумонии Улмас Ҷамол ёдовар шуда, симои ӯро дар густариши робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек назаррас донистаанд.

Хамингуна рисолати таърихиро аз муҳит ва ҳавзаи адабии тоҷикзабонони муқими Ӯзбекистон шоир ва тарҷумони тавоно Ҷонибек Қувноқов ба таври аҳсан иҷро намуд.

Воқеият аст, ки маҳдудаи қолаби ин мухтасар барои баёну бозгӯйи таърихи ибратомӯзи робитаҳои адабии ин халқҳои куҳанрою тамаддунсоз имкон намедиҳад, вале ҳамин чашмандози сатҳӣ низ башорат аз он медиҳад, ки миёни ин халқҳо дар тӯли таърих танҳо рафоқат будаву дӯстӣ ва рӯй овардан ба зиндагиномаву осори дилхоҳ эҷодкори тоҷику ӯзбек ғолибият ва тантанаи хиради инсониро ба хубӣ ҷилвагар месозад. Пас, «тоҷику ӯзбек аз як чашма об менӯшанд, аз як дастурхон нон мехӯранд. Дар баъзе оилаҳо ба ду забон – ӯзбекию тоҷикӣ гап мезананд. Шодию ташвишҳоямон як аст, хурсандиамонро бо ҳам мебинем. Зарур шуда монад якҷоя оби дида мерезем» гуфтани Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ як ҳақиқати бебаҳс аст.

Бо шарофати сиёсати такя ба хирад ва суннатҳои башардӯстӣ доштаи сарварони сиёсии Тоҷикистону Ӯзбекистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев ба муносибати халқҳои бо ҳам бародари тоҷику ӯзбек нафаси тоза дамид ва меросбарони ин халқҳо чун гузаштагони пуршарафи худ, ки «сафҳаҳои дӯстӣ ва хатти зар оростаанд», неру ва заковати хешро барои ҳамзистии ибратомӯз равона месозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов А. Абулқосим Лоҳутӣ / Абдуманнонов А., Х.Отахонова, Ҳ.Шодиқулов. - Душанбе: Адиб, 1987. - 155 с.
2. Алишери Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳаййирин; тарҷума, тавзеҳ ва пешгуфтори А.Маниёзов. - Душанбе: Адиб, 1982. – 94 с.
3. Аҳад Ҳ. Ширу шакар // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1989. – 8 ноябр. – С.3.
4. Бушмин А.С. Методологические вопросы литературоведческих исследований / А.С. Бушмин. - Л., 1969. – 175 с.
5. Васлгари дилҳо. Хотираҳо дар бораи Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 212 с.
6. Ёдбуди Лоҳутӣ. Материалҳои маҷлиси тантанавӣ ва сессияи илмӣ бахшида ба ҷашни 80-солагии Абулқосим Лоҳутӣ. Тартибдиҳандагон: Х.Отахонова, Ҷ. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 232 с.
7. И. Қосимзода. Сарнавишти Абдулло Қодирӣ ва романи ӯ // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 27 апрел. - №17(1884). – С.14.
8. Мирзоев А. Фонӣ ва Ҳофиз / А.Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 77 с.
9. М. Қаноат. Икки халқ элчиси // Улмас Жамол. Ҳаёти ва ижоди. – Душанбе: Амри илм, 2002. – С. 16.
10. М. Турсунзода. Куллиёт. Иборат аз чор ҷилд. Ҷилди чорум. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 350 с.
11. М. Турсунзода. Шеърҳо ва достонҳо; мураттибон: А. Абдуллоев, П. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 319 с.
12. М. Шодӣ. «Модарҷонам – шеърият» // Ҷумҳурият. – 2009. – 28 март. – С. 3.
13. Р. Ваҳҳоб. Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Бухоро, 2016. – 23 с.
14. Рейизов Б.Г. Сравнительное изучение литературы / Б.Г. Рейизов // Вопросы методологии литературоведения. – М. – Л., 1996. - -304 с.
15. С. Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро. Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Р. Ҳошим. - Душанбе: Адиб, 1987. – 239 с.
16. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Таҳия ва нашри китоб бо кӯшиш ва зери назари К. Айнӣ ва Н. Қосим. – Душанбе, 2010. – 419 с.
17. С. Маъмур. Пайвандгари дилҳо // Икки чаман булбули. - Душанбе: Адиб, 2014. - С. 21.
18. Самад В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳимми инкишофи адабиёт. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 21 с.
19. Улмас Ҷамол. Икки чаман булбули. Устодлар, дӯстлар ва шогирдларнин дил сӯзлари. - Тӯплаб, нашрга тайёрловчи О.Жумон. – Душанбе: Адиб, 2014. – 103 с.
20. Эрматов С. Садриддин Айнӣ ва Ғафур Ғулом / С. Эрматов // Тоҷикистон. - 2018. - 31 январ. - №5(1255). - С.18.

БОЗТОБИ ҲАМНАЗАРИИ ДЕРИН

(Назаре ба таърихи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек)

Пайвандҳои адабӣ ва таъсири мутақобили адабиёт дар муҳити фарҳангӣ ва маърифатии туркигӯён аз он ҷиҳат пешрав аст, ки падидаи адабӣ ва бозёфти тозаи илмӣ дар фазои маърифатии яке аз ин халқҳо ба шарофати қаробати забонӣ метавонад ба бозёфти маънавии ҳамнажодон мубаддал гардад. Ба амалӣ гардидани ҳамин шеваи омӯзиш назми асримиёнагии туркизабон, ки аз истиқболи маърифатӣ ва таъсири амалии адабиёти тоҷику форс баҳра бардошта буд, дар фосилаи андаки фазо ва вақт ба дастовардҳои назаррас мушарраф гардид. Адабиёти ӯзбек дар фазои адабу фарҳанги туркизабон ба таърихи ибратомӯз, эҷодкорони забондону фарохназар, баёни ғояҳои инсондӯстиву башарпарастӣ ва ғановати образҳояш мавқеъ ва мақоми вижа дошта, бо адабиёти тоҷику форс робитаи таърихӣ дорад. Дар ин мақола аз робитаҳои таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек, даврaҳои рушди он, асарҳои тарҷумавӣ, пажӯҳиши робитаҳои адабии ин халқҳо аз ҷониби донишмандони тоҷику ӯзбек ва рус сухан меравад. Маълум гардид, ки ғояҳои начиби инсондӯстӣ, кӯшиш барои зиндагии осоишта, муборизa алайҳи зулму бедодӣ, инъикоси маишату рӯзгордорӣ дар адабиёти шифоҳии тоҷику ӯзбек бо истифодаи жанру қолабҳои маъмулии фолклор хусусияти умумӣ доранд. Намунаи хубӣ ҳамин ҳамкориро дар мисоли фаъолияти адабиву илмӣ ва муносибати самимии устод Садриддин Айнӣ ва эҷодкорони ӯзбек Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом, Ойдин, Собир Абдулло, Мирмуҳсин, Ҳамид Олимҷон, Абдулло Қаҳҳор, Миртемир, Зулфия, Шароф Рашидов, Ойбек, Саид Аҳмад ва дигарон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки барои ду адабиёт манфиатовар буда, робитаи таърихии халқҳои тоҷику ӯзбекро густариш додааст.

Калидвожаҳо: робитаҳои адабӣ, адабиёт, тарҷума, тоҷик, ӯзбек, таъсир, таассур, муқоиса, назира, ҷавобия, мукотибот, ғоя, ҳамраъйӣ, рафоқат, дӯстӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, С. Айнӣ, А. Қодирӣ, А. Лоҳутӣ, Ғ. Ғулом, М. Турсунзода, Ш. Рашидов, Лоиқ, А. Орифов.

ОТРАЖЕНИЕ ДАВНИХ ЕДИНЫХ ВЗГЛЯДОВ

(Взгляд на историю литературных связей таджикско-узбекских народов)

Литературные связи и взаимовлияние литератур в культурном пространстве тюркоязычных народов благотворно способствует тому, что новые литературные явления и научные открытия быстро становятся общедоступными для этих народов. Межлитературные отношения становятся особенно глубокими и органичными в результате влияний, которые одна литература оказывает на другую или которым одна литература подвергается со стороны другой. Подобные процессы позволяют проникнуть в самую сердцевину творческих исканий. Благодаря этому взаимодействию литератур и культурному обмену, влияние персидско-таджикской литературы эпохи средневековья на средневековую тюркоязычную поэзию было очень заметным, которая достигла высоких вершин признания. Узбекская литература как составная часть общей культуры тюркоязычных народов имеет славную историю. Она известна своими талантливыми поэтами и писателями, гуманистическими идеалами и популярными произведениями и имеет давнюю связь с персидско-таджикской литературой. История формирования и развития этих связей – важная веха в истории культурных отношений данного региона. В статье

подвергается анализу исторические культурные связи таджикского и узбекского народов и периоды развития литературных отношений. Особое внимание уделяется переводу художественных произведений как важному фактору развития литературных связей. В обеих литературах прослеживается общий гуманистический пафос, много сходных тем – борьба против жестокости и насилия, социальной несправедливости, много одинаковых литературных жанров в устном народно - поэтическом творчестве. В статье тщательно рассматривается тесное научно-литературное сотрудничество патриарха таджикской и узбекской литератур Садриддина Айни с узбекскими учеными и литераторами, такими как Абдулло Кадири, Гафур Гулям, Ойдин, Сабир Абдулло, Мирмухсин, Хамид Олимджон, Абдулло Каххор, Миртемир, Зулфия, Шароф Рашидов, Ойбек, Саид Ахмад и др. Авторы статьи приходят к выводу, что плодотворное сотрудничество устода Айни с вышеназванными писателями служит примером того, как активное сотрудничество литераторов становится источником обогащения и процветания и таджикской и узбекской культуры.

Ключевые слова: литературные связи, литература, перевод, таджик, узбек, влияние, впечатление, сравнение, назире, ответное послание, переписка, идея, солидарность, дружба, Джами, Навои, С.Айни, А.Кодири, А.Лахути, Г.Гулям, М.Турсунзаде, Ш.Рашидов, Лоик, А.Орипов.

THE REFLECTION OF LONG STANDING INTERACTIONS

(An overview on history of literary relations of Tajik and Uzbek people)

Literary relations and interferences in a cultural and educational space of Turkish speaking people are progressive because of their living conditions. As they live in a close connection on the same geographical region, their scientific achievements and literary researches are shared among them. The closeness of their languages plays the main role in such situation. As an example of this assertion we can talk about the influence of medieval Tajik poetry on Turkish poetry, which achieved the huge changes as a result of this interaction. The Uzbek literature, which is in a close historical relation with Tajik-Persian literature, possesses special place in a world of Turkish literature and culture by its history, outstanding poets and writers, humanistic ideas and richness of images. In present article we discuss the historical relations of Tajik and Uzbek people: periods of its progress; translated works of literature; researches on literary relations of these people, which had been done by Tajik, Uzbek and Russian researchers. Becomes clear that, depiction of humanistic ideas, endeavor for the better life, struggle against oppression and reflection of Tajik and Uzbek lifestyle in ordinary genres and forms of folklore, have a lot in common. A beautiful piece of such collaboration have been seen in literary and scientific relationships of Sadriddin Ayni and Uzbek creators as Abdullo Qodiri, Ghafur Ghulom, Oydin, Sobir Abdullo, Mirmuhsin, Hamid Olimjon, Abdullo Qahhor, Mirtemir, Zulfiya, Sharof Rashidov, Oybek, Said Ahmad and others. Such kind of relationship is mutually beneficial for Tajik and Uzbek people, as it broadens the historical relations of these people.

Key words: literary relations, literature, translation, Tajik, Uzbek, influence, comparison, nazira, javabiya, correspondence, idea, unanimity, friendship, Jomi, Navoi, S. Ayni, A. Qodiri, A. Lohuti, Gh. Ghulom, M. Tursunzoda, Sh. Rashidov, Loiq, A. Orifov.

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** - Таджикский национальный университет, академик АН РТ, ректор Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Зайниддинов Муртазо – Таджикский национальный университет, заведующий кафедрой теории и новейшей персидско-таджикской литературы, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **zayniddinov_m@mail.ru**. Телефон: **(+992) 98-100-10-60**

Information about the authors: ***Imomzoda Muhammadyusuf Saydali*** – Tajik National University, rector of Tajik National University, academician. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

Zayniddinov Murtazo – Tajik National University, head of the department of Theory and modern Persian Tajik literature, docent. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **zayniddinov_m@mail.ru**. Tel.: **(+992) 98-100-10-60**

УДК: 891.550-1

НАҚШ ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ДУ НОБИҒАИ ТОҶИК

(Садриддини Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров)

Маҳмадаминов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зуҳури шахсиятҳои бузург дар раванди қонунияти тараққиёти ҳаёти иҷтимоӣ дар доираи категорияи фалсафии фазо ва вақти муайян бо тақозои ҷомеа ва талаботи замон ба вуқӯъ мепайвандад, ки моҳиятан амали диалектикии ояндадор мебошад. Таҷрибаи таърихӣ гувоҳи он аст, ки шахсиятҳои муқтадир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва фарҳангию адабии халқу миллатҳо дар даврaҳои мухталиф нақши фавқулода бузург бозидаанд. Аз ин ҷост, ки равшан кардани фаъолияти гуногунсоҳаи субъектҳои сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ хусусияти омӯзандагӣ ва аҳамияти калони назариявӣ ва амалию тарбиявиро доро мебошад. Хусусан вақте ки сухан дар бораи манфиатҳои миллии халқу миллат меравад, ин тарафи масъала боз ҳам аз ҳар ҷиҳат аҳамияти ниҳоятдараҷа калон пайдо мекунад. Алалхусус, дар вазъияте, ки ҷомеа ва давлат ба фаъолиятмандии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмиву фарҳангии нобиғаҳо зарурат ва эҳтиёҷот пайдо мекунанд. Мусаллам аст, ки нобиғаҳо дар шаклгирии шуури ҷамъиятӣ ва бедорию худшиносии миллӣ нақши умда мебозанд. Ин аст, ки нобиғаҳо таъминкунандаи

маърифату маънавияти ҷомеа мегарданд ва ба таъсису ташаккули давлатдорӣ, пойдориву бақо ва суботи минбаъдаи он комилан мусоидат мекунанд.

Дар давраи навин - аз ибтидои садаи XX то кунун таърих барои миллати тоҷик се шахсияти бузург, қаҳрамонони Тоҷикистон - устод Садриддинхоҷаи Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро насиб гардонидааст, ки воқеан дар сарнавишти таърихии тоҷикон нақши ҳалкунанда бозидаанд ва фидокориву корномаи онҳо мояи ифтихору ибратомӯзи имрӯзиёну наслҳои оянда мебошад. Фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин се шахсияти барҷаста аз имтиҳоноти ҷиддии таърих сарбаландона ва шарафмандона гузашта, намунаи олии ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ мебошад. Ҳақиқат ва воқеияти таърихии ба вуҷуд омадани давлати мустақили миллии Тоҷикистон, ташаккул ва рушду нумӯи минбаъдаи он, албатта, натиҷаи самараи фаъолиятҳои субъектҳои сиёсии миллати тоҷик дар тӯли таърихи сипаришуда мебошад, ки имрӯз дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҷойгоҳ ва мавқеи намоён дорад.

Мусаллам аст, ки шахсиятҳои бузурги миллӣ дар аслу моҳияти фаъолияти созандагии хеш барҳақ дастоварди бузурги миллат мебошанд. Зеро шахсиятҳои бузург ва нобиғаҳо дар тӯли садсолаҳо ба арсаи таърих бо амри зарурат зуҳур мекунанд ва корҳоеро анҷом медиҳанд, ки дигарон дар муддати асрҳо сомон дода наметавонанд. Бо назардошти ин нукта таърихшиноси фаронсавӣ Томас Карлейл (1795-1881) хотирнишон мекунад, ки «Таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст» [26, с. 849].

Рисолат ва хидматҳои бузурги таърихии барои миллати тоҷик анҷомдодаи ду нобиғаи беҳамто - устод Айнӣ ва аллома Б.Ғафуров, дар даврае, ки тақдири ин миллати куҳанбунёду тамаддунофар ҳаллу фасл мегардид, тимсолу шаҳодати равшани гуфтори ҳикматбори донишманди мазкур мебошад. Фаъолияти ин ду абармарди фарҳангӣ ва сиёсӣ аз ибтидо то интиҳо тавъам воқеъ шудаанд ва манфиату самараҳои неку файзбахш ба бор овардаанд. Он чиз қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ҷараёни фаъолиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ яке идомадиҳанда ва такмилдиҳандаи кору пайкор ва амалисозандаи мақсаду ормонҳои идеалии дигаре гардидааст. С.Айнӣ ва Б.Ғафуров шахсиятҳои фавқулодае мебошанд, ки барои ба ягонагию иттиҳод, ба ҳам овардан, баҳри ба манфиати миллати тоҷик раҳнамун сохтани тамоми қуввaҳои ҷомеа бо заковату хирадмандӣ ва фаъолиятҳои бузурги созандагии худ хидматҳои бузурги таърихӣ анҷом додаанд. Ин ду шахсияти бузурги миллӣ бо афкору таълимоти томи созанда ва ҳидояткунандаи ҷомеа, бо осори арзишманду мондагори худ қариб ҳудуди сад сол аст, ки рушди арзишҳои миллиро таъмин карда меоянд. Ин аст қудрату заковати донишу хирад ва афзалияти нобиғагӣ, ки роҳнамои ворисони миллати тамаддунофари тоҷик гардидааст, ҷомеаро ба пешрафт такон медиҳад ва дар шууру тафаккури наслҳо неруи нави созандагӣ, бунёдкорӣ ба вуҷуд меорад. Албатта, сатҳи ҷаҳонбинӣ, тафаккури илмию эҷодӣ, таҷрибаи ҷамъиятӣ, фаъолият ва амалияи сиёсии ин ду шахсияти фавқулода, пеш аз ҳама, ба пойдориву субот, ваҳдату ягонагӣ ва қудратманд гардидани давлати миллии тоҷикон нигаронида шудааст. Мавриди таъкиди махсус аст, ки ин асоситарин, характерноктарин ва хусусияти нави сифатии фаъолияти гуногунсоҳаву пурсамари ин ду нобиға мебошад.

Дар қиёс ба таърихи чандинҳазорсолаи тоҷикон солҳои 20-ум ва 90-уми садаи XX барои миллати тоҷик ду давраи имтиҳони навбатии сарнавиштсоз ба миён омад, ки дар онҳо ҳаёту мамоти миллатамон ҳаллу фасл мегардид. Агар дар давраи аввал донишу заковати фитрии нобиғаи беназир ва фидокориҳои устод Айнӣ ба миллати тоҷик умри дубора бахшида, онро аз вартаи нобудшавӣ наҷот дода бошад, дар солҳои баъдина ҷаҳду талош ва кӯшишҳои суботкоронаву бардавоми шогирди содиқу вафодори ӯ – нобиғаи дигари замон Б.Ғафуров тавассути фаъолиятҳои пурсамари сиёсиву давлатдорӣ ва таълифи осори гаронбаҳои илмӣ бақову пойдорӣ ва сарсабзии тоҷиконро таъмин карда бошад, пас дар солҳои 90-уми асри гузашта ҷасорату шуҷоати беназир, ҷонбозиву қаҳрамониҳои фарзанди хирадманду дурандешу фарзонаи миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик ва сарзамини тоҷиконро аз ҳалокат ва нестшавӣ нигоҳ дошт ва дар арсаи байналхалқӣ ба шуҳрати ҷаҳонӣ сазовор гардонида, имрӯзи босаодат ва ояндаи дурахшонро манзури ҷомеа намудааст, ки барҳақ шоистаи истеҳсон буда, намунаи олии ибратомӯзӣ ва миллатдӯстиву ватанпарварии ҳақиқӣ мебошад.

Чунин муносибат – миллатдӯстиву ватанпарварии асил, ки мояи ифтихору шараф барои наслҳои имрӯзу оянда бошад, таваҷҷуҳи моро ба вуқуф гардидан аз корномаи ҳайратангезу фидокориҳои устод Айнӣ, ки солҳои 20-уму 40-уми садаи XX анҷом додаст, ҳидоят месозад. Дар он давраи сарнавиштсоз, ки тақдири миллати тоҷик ва фарҳангу тамаддуни оламшумули он ҳал мегардид, таърих ба зиммаи субъектҳои сиёсӣ ва зиёиёни тоҷик иҷрои вазифаҳоеро гузошт, ки замон ва ҷомеа ҳалли дурусту саривақтии онҳоро талаб мекард. Он вазифаҳои ҳалталаб аз нигоҳи моҳият рисолатҳои таърихӣ барои миллати тоҷик ба шумор мерафтанд. Дар он замон муҳимтарин, заруртарин ва асоситарин

вазифаҳо иборат буд, аз масъала ва муаммоҳои зерин: 1. Исботи мавҷудияти таърихии халқи тоҷик ва забону адабиёти он; 2. Омӯзиши мероси адабӣ ва муайян кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба адабиёти гузашта; 3. Ташвиқ ва тарбияи қувваҳои нави эҷодӣ ба адабиёти шӯроии тоҷик; 4. Баёну шарҳи усул ва хусусиятҳои адабиёти шӯрой; 5. Мубориза барои нигоҳдории асолат ва инкишофи забони адабии тоҷик; 6. Мубориза ба муқобили нигилизми таърихию адабӣ ва таъмину равнақи фарҳангу тамаддуни нави тоҷикӣ; 7.Бедор кардани худогоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикон. 8. Саъю кӯшиш ва талоши пайваста барои инкишофи маорифу фарҳанг, соҳибдониш ва бомаърифат шудани меҳнаткашони тоҷик. 9. Мубориза дар роҳи ягонагию ваҳдати тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон; 10. Таълиму тадрис ва тайёр кардани мутахассисони варзида.

Зиндагиномаву корномаи устод Айнӣ ва Б.Ғафуров аз он равшан шаҳодат медиҳад, ки рисолати таърихии ин ду абармарди миллат аз ибтидои фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиашон то дами вопасини ҳаёташон баҳри амалӣ гардонидани вазифаҳои бузург ва мақсадҳои олии фавқуззикр равона гардида ва ба натиҷаҳои шоиставу дилхоҳ ва ғолибият муваффақ ҳам гардидаанд.

Дар давраи барои халқи тоҷик сарнавиштсози солҳои 20-уми садаи XX бузургтарин ва асоситарин хизмати устод Айнӣ ин буд, ки ӯ бо эҷоди ашъори инқилобӣ, мақолаҳои шуълавари публитсистӣ, таърихӣ, илмӣ, адабӣ, тазкираи бунёдии «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва дар солҳои 30-юму 40-ум навиштани мақолаву тадқиқотҳои пуразриш дар бораи устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар суханварон, ки ҳар кадом дар замони худ ба сифати кашфиёти илмӣ эътибор пайдо карда буданд, вазифа ва рисолатҳои бузурги таърихӣ, илмӣ ва фарҳангиро анҷом дод. Назар ба эътирофи донишмандони бузурги Шарқу Ғарб (аз ҷумла С. Нафисӣ, Е.Э. Бертелс, А. Лоҳутӣ, А.А. Семёнов, А.Н. Болдирев, И.С. Брагинский, Б. Ғафуров, Я. Рипка, И. Бечка, М. Лорентс, П.Н. Хонларӣ, А. Курелла, К. Ҳитчинс, М. Шакурӣ, Г.И. Ломидзе, М. Осимӣ, Е.М. Примаков, Ҳ. Одил) он хизмат ва рисолатҳое, ки устод Айнӣ барои халқи худ фидокорона анҷом додааст, ҳеҷ каси дигаре аз ҳавзаҳои адабиву фарҳангии форсизабонон ба он дараҷа барои кишвар сомон дода натавонистааст.

Дар соли 1924 баъди табартақсими Осиёи Миёна, хусусан дар арафаи аввал, вилояти худмухтор ва сипас соҳиби Ҷумҳурии Худмухтор гаштани тоҷикон дар хусуси масъалаи халқи тоҷик баҳсу мунозираҳои шадиду доманадоре сар шуданд, ки асли мақсади он моҷарову даъвоҳои беасос, инкори мавҷудияти таърихии тоҷикон буд. Мункирони халқи тоҷик, махсусан пантуркистон, дар Осиёи Миёна вуҷуд доштани тоҷиконро ба куллӣ инкор карда, бар зидди ташкили давлати нави тоҷик баромада, даъво мекарданд, ки аҳолии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Бухорои Шарқӣ, Помир, Қаротегин ва гирду атрофи онҳо «саҳван номи тоҷикро гирифтаанд, онҳо тамоман ӯзбак шудаанд ва забони ӯзбакиро аз тоҷикӣ бештар мефаҳманд» [25, с.4], инчунин «Дар миёни забони ӯзбакӣ ва тоҷикӣ ҳеҷ фарқе нест» [25, с.4], гуфта мавҷудият, истиқлолияти халқ, таърих, маданият ва забони тоҷикиро муғризона инкор мекарданд ва ҳатто «тоҷик ҳисобидани аҳолии тоҷикро ҷиноят медонистанд» [27, с.68]. Дар чунин вазъияти фоҷиавию ваҳшатангез С.Айнӣ барои ҳимояи халқи худ сина сипар карда, ҷасурона ба майдони мубориза ворид мегардад ва бо навиштани китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», ки воқеан чун «шиносномаи ҳақиқии халқи тоҷик» [29, с.304] эътироф гардидааст ва зикри далелҳои қотеи таърихӣ, илмӣ ва фарҳангию адабӣ тамоман беасос будани даъвоҳои бебунёди пантуркистонро дар ҳаққи халқи тоҷик собит менамояд. «Ана ин асар – «Намунаи адабиёти тоҷик», – таъкид мекунад С.Айнӣ, – бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро (пантуркистонро – А.М.) даронид ва ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад» [9, с.182].

Анҷоми чунин амали муваффақона ва қаҳрамонона аз ҷониби устод Айнӣ дар шароити бағоят мураккабу пуртазод ва бағоят муташанниҷу хатарзо, ки тақдири таърихии халқи тоҷик ҳал мегардид, албатта, рисолати бузурги таърихие ба шумор меравад.

Таърихи беш аз сад соли охир гувоҳи он аст, ки баҳсу мунозираҳо дар атрофи таъриху тамаддун, забону адабиёт ва фарҳанги оламшумули тоҷикон пайваста дар шаклҳои гуногуни ихтилофбарангез идома дорад ва дар ҳар давра шахсиятҳои бузурги сиёсӣ ва фарҳангӣ барои дифои манфиатҳои миллии халқу кишвари худ собитқадамона кору пайкори зарурӣ ва шоистаро анҷом медиҳанд.

Дар ин бобат нақш ва мақоми фарзанди фарзонаи миллат, шогирди содиқ ва идомадиҳандаи таълимоти устод Айнӣ, таърихнигори машҳури ҷаҳонӣ, аллома Бобоҷон Ғафуровро махсус бояд таъкид намуд. Ҳам дар замони барҳаёт будани С.Айнӣ ва ҳам дар солҳои баъдина Б.Ғафуров ба ҳама мушкилоти сиёсиву идеологӣ нигоҳ накарда, дар партави афкору ақида ва нишондодҳои хирадмандонаи устоди худ баҳри ба вуҷуд овардани таърихи ҳақиқӣ ва илмии тоҷикон дар солҳои 40-уму 70-уми асри XX байрақи муборизаро баланд бардошта, воқеан корномаи бемислу монанд ва қаҳрамонии беназир

нишон дод. Асолат, моҳият, ҳақиқат ва арзишмандии таърихи халқи тоҷик дар таърихномаҳои Б.Ғафуров хусусияти нави сифатӣ пайдо кард, ки аз байни таълифоти ӯ ду шоҳкории вай – «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) ва «Тоҷикон. Таърихи қидимтарин, қадим ва асрҳои миёна» (1972) ин иддаоро хеле равшан собит менамоянд. Ин ду асар аз нигоҳи муҳтаво, ҳақиқатнигорӣ, таҳлили амиқу муқоисавии рӯйдодҳои таърихӣ, равшан кардани нақш ва мақоми шахсиятҳои бузург, рӯҳи озодандешӣ, қудрати бузурги созандагӣ, донишу фарҳанг, хираду заковат, аз арзишҳои умумибашарӣ саршор будани таърихи тоҷикон, натиҷагириҳои муътамаду пурқуввати илмӣ ва сабақгириҳои таърихӣ барои имрӯзу ояндаи наслҳо дар таърихи ҷаҳонӣ ҷойгоҳу мақоми хоссаеро ишғол менамояд. Дар як муддати кӯтоҳ – беш аз 40 сол, ба бисёр забонҳои халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума ва нашр гардидани китоби «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна», албатта, далели барҷастае мебошад, ки чунин эътибору афзалияти беҳамто на ба ҳар гуна асари таърихӣ муяссар мегардад. Муҳаққиқи барҷастаи рӯзгор ва осори Б.Ғафуров, донишманди маъруф Усмонҷон Ғаффоров дар асоси пажӯҳишҳои чандинсола ба ин натиҷа расидааст, ки дар ҳақиқат «Тоҷикон»-ро «бе муболиға қаҳрамонии илмии олим ҳисобидан мумкин аст» [17, с.59].

Омӯзиши Б.Ғафуров аз осори устод Айнӣ ва тарбиятҳои бевоситаи маънавӣ диданаш аз ин донишманди бозаковати энсиклопедӣ аз нимаи дуюми солҳои 20-ум оғоз гардида ва махсусан дар солҳои 30-юму 40-ум ва 50-ум хеле вусъат пайдо мекунад ва бо ҳамкориву робитаи дӯстиву эҷодии қарин табдил меёбад. Чун сухан аз таърих ва шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ дар боби дӯстиву ҳамкориҳои эҷодӣ меравад, аз ҳазорон мисолу далелҳо танҳо зикри робитаи устоду шогирд – Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) ва Ҳисомуддини Чалабиро ёдовар шудан бамаврид мебошад. Маҳз бо дархосту талқиноти мусоҳиби Мавлавӣ – Ҳисомуддини Чалабӣ асари оламгири «Маснавии маънавӣ» таълиф гардид. Шабоҳати афкору таълифоти осори мондагор дар масири таърих ин аст, ки асари шуҳратманди устод Айнӣ «Маънои калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷойи корфармудашудаи он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима» ва очеркҳои таърихию адабии ӯ «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» маҳз бо хоҳишу талаби Б.Ғафуров навишта шудаанду дар айни замон асарҳои Б.Ғафуров – «Сарнагуншавии аморати Бухоро. Ба 20-солагии инқилоби шӯравӣ дар Бухоро (1920-1940)» (1940), «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ. Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон (1944), «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва «Тоҷикон» дар зери таъсири осори С.Айнӣ ва машварату тавсияҳои ӯ ба майдон омада, талаби замон, рисолати таърихии даврон ва эҳтиёҷоти зарурии ҷамоатчигии тоҷикро дар шароити нави таърихӣ анҷом додаанд ва номи муаллифро вирди забон гардонидаанд.

Ба ин тариқ, он вазифа ва рисолатҳои таърихӣ ва фарҳангие, ки нобиғаҳои тоҷик устод Айнӣ ва аллома Б.Ғафуров дар замони худ барои ҷамоатчигии тоҷик анҷом доданд, дар сарнавишт ва таърихи тоҷикон нақши ҳалкунанда бозиданд, пойдориву бақои давлатдорӣ, инкишофу рушди минбаъдаи маънавият ва фарҳангу тамаддуни нави миллати тоҷикро ҳарҷониба таъмин намуданд. Он вазифа ва рисолатҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии анҷомдодаи ин ду шахсияти бузург – С.Айнӣ ва Б.Ғафуров ва афкору ақидаҳои пешқадами онҳо дар назди наслҳои имрӯзаву оянда вазифаҳои нав мегузоранд, ки иҷрои онҳо заминаи муҳимме барои равнақу шукуфоии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳанд гардид.

Дар ҳақиқат, суханони ҳикматбору пандомӯзи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси рисолатҳои таърихии фарзандони фарзонаву барӯманди тоҷик устод Айнӣ ва Б.Ғафуров дастуруламали фаъолияти ҳар як фарди соҳибхирад ва миллатпарвару ватандӯст мебошад, ки гуфтааст: «Агар дар аҳди Сомониён дар сари гаҳвораи фарҳангу адабиёти оламшумули мо сардафтари адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шабзиндадорӣ карда бошад, дар садсолаи бистум, ки масъалаи будан ё набудани миллати тоҷик борҳо дар дастури рӯз қарор дошт, устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров бо пуштибониву посдории таърих, фарҳанг, забон ва мероси адабӣ, парчаму ойини давлатдорӣ ва ҳаққу ҳуқуқи маънавии миллати тоҷик бархоста, бар зидди фарҳангситезони кӯрботин муборизаи оштинопазир бурданд.

Ин ду фарзанди бузурги миллат бо шоҳасарҳои худ «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дертар «Тоҷикон» нақшаҳои шуми бадхоҳон ва душманони миллати тоҷикро бо бурҳону далелҳои қотеъ ва санадҳои раднопазири илмӣ барбод дода, таъриху фарҳанг ва забони ноби тоҷикиро наҷот доданд» [29, с.307].

А Д А Б И Ё Т

1. Аз тарафи идора // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 12 сентябр. – №3. – С.1.
2. Айнӣ С. Дар бораи китобҳои мактаби тоҷикон / С.Айнӣ // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 12 сентябр. – №3. – С.1.
3. Айнӣ С. То ба кай?.. / С.Айнӣ // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 21 сентябр. – №4. – С.3.
4. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
5. Айнӣ С. Ба секретори Кумитаи Марказии коммунистони (болшевикони) Тоҷикистон рафиқ Бобоҷон Ғафуруф! (Мактуби С.Айнӣ ба Б.Ғафуров аз 22 майи соли 1946) / С.Айнӣ // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 155, воҳиди маҳфузи 35.
6. Айнӣ С. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх. - 1948. - №3. - С. 32-38; - №4. - С. 34-40.
7. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.10; ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, Р. Ҳошим / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966. - 344 с.
8. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 9; ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, А. Маниёзов, Салоҳат Айнӣ / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 524 с.
9. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам; зери назар ва бо пешгуфтори Муҳаммад С. Осимӣ; бо кӯшишу эҳтимом ва дебочаи Камол С. Айнӣ / С.Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – 196 с.
10. Айнӣ С. Маънои калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷойи корфармудашудаи он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима; бо сарсухан ва таҳияи К. Айнӣ / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1986. – №8. – С. 66-86.
11. Асадуллоҳи Кошонӣ. Мужда ва табрик / Асадуллоҳи Кошонӣ // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 12 сентябр. – №3. – С.4.
12. Гафуров Б. Падение Бухарского эмирата. К 20-летию советской революции в Бухаре (1920-1940) / Б. Гафуров, Н.Н. Прохоров. – Сталинабад: Госиздат Таджикистан, 1940. – 96 с.
13. Гафуров Б. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины / Б. Гафуров, Н.Н. Прохоров. – Сталинабад: Полиграфкомбинат НКМТ Таджикской ССР, 1944. – 212 с.
14. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1972. – 644 с.
15. Гафуров Б.Г. Избранные труды / Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1985. – 544 с.
16. Ғаффоров У. Равшангари таърих / У. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 206 с.
17. Ғаффоров У. Алломаи замон (Аз рӯзгор ва корномаи илмии академик Бобоҷон Ғафуров) / У. Ғаффоров. – Хуҷанд: Нашриёти «Ворорӯд», 1998. – 376 с.
18. Ғаффоров У. Нобиға (Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров) / У. Ғаффоров, А. Усмонов. – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. «Меъроҷ», 2017. – 140 с.
19. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди 1 / Б. Ғафуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1947. – 384 с.
20. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум / Б.Ғ. Ғафуров; мутарҷимон: А. Маниёзов, Н. Холмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.
21. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров; мутарҷимон: А. Маниёзов, Н. Холмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 416 с.
22. Ғафуров Б. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон) / Б.Ғафуров, Н.Прохоров; тарҷума, тавзеҳ ва таҳрири Зиё Абдулло ва Истад Қосимзода. – Душанбе: Адиб, 2012. – 256.
23. Ғафуруф. Домуллои азиз! (Мактуби Б.Ғафуров ба С.Айнӣ аз таърихи 11 августи соли 1947) / Ғафуруф // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 233 /5.
24. Дебоча ва маром (Сармақолаи идораи рӯзнома – А.М.) // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 25 август. – №1. – С.1.
25. Исмоилзода. Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ / Исмоилзода // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 28 сентябр. – №5. – С. 4; 5 октябр. – №6. – С.4.
26. Карлейль Т. Герои, почитание героев и героическое в истории / Т. Карлейль. – М.: Эксмо, 2008. – 849 с.
27. Мухиддинов Аб. Таджики или узбеки населяют город Бухару и его окрестности? / Аб. Мухиддинов // За партию. – 1928. – №9. – С.68-69.
28. Муҳаммадҷони Шакурии Бухоронӣ. Равшангари бузург / Муҳаммадҷони Шакурии Бухоронӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
29. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.
30. Сатторӣ А. Тоҷикҳо (Маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофӣ) / А.Сатторӣ // Овози тоҷики камбағал. – 1924. – 12 сентябр. – №3. – С.2-3; - 28 сентябр. – №5. – С.2-3; - 21 октябр. – №. – С.2.
31. Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон (Мусоҳиба бо котиби масъули кумитаи вилояти Тоҷикистон рафиқ Имомзода) // Овози тоҷик. – 1924. – 7 ноябр. – №11. – С.3.
32. Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо) / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
33. Ятимов С. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ / С.Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №1. – С.5-23.

НАҚШ ВА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ДУ НОБИҒАИ ТОҶИК

(Садриддини Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров)

Таҳқиқи фаъолияти шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва нақшу мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа аҳамияти калоне дорад, зеро онҳо дар бобати дигаргуниҳои дар таърихи халқу миллатҳо бавуқӯъоянда саҳми бузург мегузоранд. Дар мақола рисолати таърихии ду абармарди фарҳангу сиёсат – С. Айнӣ ва Б. Ғафуров, ки дар таърихи халқи тоҷик бо фаъолиятҳои пурсамари худ дар даврaҳои барои миллати тоҷик сарнавиштсоз нақши бузург бозидаанд, бо асноду мадракҳои муътамад андешаҳои қобили таваҷҷуҳ баён шудаанд. Рисолат ва вазифаҳои муҳимтарин, заруртарин ва асоситарине, ки С. Айнӣ ва Б. Ғафуров дар замони худ барои миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик анҷом додаанд, аз масъала ва муаммоҳои зерин иборат мебошанд: 1. Исботи мавҷудияти таърихии ҳалқи тоҷик ва забону адабиёти он. 2. Омӯзиши мероси адабӣ ва муайян кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси адабии адабиёти гузашта. 3. Ташвиқ ва тарбияи қуввaҳои нави эҷодӣ ба адабиёти шӯроии тоҷик. 4. Баёну шарҳи усул ва хусусиятҳои

адабиёти шӯроӣ. 5. Мубориза барои нигоҳдории асолат ва инкишофи забони адабии тоҷик. 6. Мубориза ба муқобили нигилизми таърихию адабӣ ва таъмину равнақи фарҳангу тамаддуни нави тоҷикӣ. 7. Бедор кардани ҳувияти миллӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикон. 8. Саъю кӯшиш ва талоши пайваста барои ишкишофи маорифу фарҳанг, соҳибдониш ва бомаърифат шудани меҳнаткашони тоҷик. 9. Мубориза дар роҳи ягонагию ваҳдати тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон. 10. Таълиму тадрис ва тайёр кардани мутахассисони варзида. Дар замони худ бомуваффақият анҷом ёфтани рисолатҳои таърихии зикршуда бузургтарин хидмати нобиғаҳои миллати тоҷик С. Айнӣ ва Б. Ғафуров ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: устод Айнӣ, Б. Ғафуров, Э. Раҳмон, илм, фарҳанг, ҷаҳонбинӣ, талаби замон, манфиати миллӣ, «Намунаи адабиёти точик», «Тоҷикон», рисолати таърихӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, адабу фарҳанг, шахсият ва ҷамъият.

ИСТОРИЧЕСКАЯ МИССИЯ И ВКЛАД ДВУХ ТАДЖИКСКИХ ГЕНИЕВ

(Садриддин Айни и Бабаджан Гафуров)

Исследование деятельности великих исторических личностей и их вклад в развитие социально-экономической и культурной жизни общества имеет огромное значение, так как их влияние касательно больших преобразований в истории народов и нации является существенным и значимым. В статье автор тщательно подвергает анализу историческую миссию двух патриархов политики и культуры – Садриддина Айни и Бабаджана Гафурова, которые в судьбоносные для таджикского народа этапы развития внесли свой огромный вклад. В статье приводится большое количество фактического материала для обоснования мыслей и рассуждений автора. Важнейшие и основополагающие задачи, которые решались Садриддином Айни и Бабаджаном Гафуровым в свое время во благо таджикского народа – древнего народа, создавшего особую цивилизацию и культуру, являлись следующими: 1. Неопровержимое доказательство исторического существования таджикского народа и его языка и литературы; 2. Пристальное изучение и многогранное исследование литературного наследия таджикского народа и определение права таджикского народа на свое прошлое литературное наследие; 3. Воспитание новой плеяды прогрессивных литераторов таджикской советской литературы; 4. Изложение и комментарий принципов и особенностей советской литературы; 5. Борьба за защиту подлинности, сохранности и оригинальности таджикского литературного языка и его развитие; 6. Борьба против историко-литературного нигилизма и обеспечение развития новой культуры и цивилизации таджикского народа; 7. Пробуждение национального самосознания и самопознания таджиков; 8. Скрупулёзная работа во благо развития культуры и образования, стремление к тому, чтобы таджикские труженики стали образованными, приобщались и соответствовали духу нового времени; 9. Борьба за единство и объединение таджиков и персоязычных народов мира; 10. Обучение и подготовка высококвалифицированных кадров. В свое время успешное выполнение названных выше исторических задач является величайшей заслугой гениев таджикского народа – Садриддина Айни и Бабаджана Гафурова.

Ключевые слова: С. Айни, Б. Гафуров, Э. Рахмон, наука, культура, мировоззрение, требование времени, национальный интерес, «Образцы таджикской литературы», «Таджики», историческая миссия, общественная деятельность, литература и культура, личность и общество.

THE ROLE AND HISTORICAL MISSION OF TWO TAJIK GENIUSES

(Sadriddin Ayni and Bobojon Ghafurov)

Study of the great historical figures and their contribution to the development of socio-economic and cultural life of the society has a crucial role, as their impact on the big change in the history of the people and the nation is essential and significant. In the article author presents carefully analysis of historical mission of two patriarchs of politics and culture – Sadriddin Ayni and Bobojon Ghafurov, who have made a huge contribution in development of Tajik people.In this article there is a large number of facts to justify the thoughts and reasoning of the author. The most important and fundamental tasks that were solved by Sadriddin Ayni and Bobojon Ghafurov inpast for the benefit of the Tajik people - the ancient people, who created a special civilization and culture, were: 1. Irrefutable evidence of the historical existence ofthe Tajik people and their language and literature; 2. Close study and a multifaceted study of the literary heritage of the Tajik people and the definition of the right of the Tajik people to their past literary heritage; 3. Education of a new pleiad of progressive writers of Tajik Soviet literature; 4. Presentation and commentary of the principles and features of Soviet literature; 5. Struggle to protect the authenticity, safety and originality of the Tajik literary language and its development; 6. Struggle against historical and literary nihilism and ensuring the development of a new culture and civilization of the Tajik people; 7. Awakening of national self-consciousness and self-knowledge of Tajiks; 8. Scrupulous work for the benefit of the development of culture and education, the desire for Tajik laborers to become educated and to be associated with the spirit of the modern era; 9. Struggle for unity and unification of the Tajiks and Persian-speaking people of the world; 10. Training of highly qualified personnel.

Key words: S. Ayni, B. Ghafurov, E. Rahmon, science, culture, world, the requirement of time, the National interest, "The Samples of Tajik literature", "Tajiks" historical mission, social activities, literature and culture, personality and society.

Сведения об авторе: ***Махмадаминов А.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17

Information about the author: ***Makhmadaminov A.*** - Tajik national University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

УДК: 891.550-1

ХАЙЁМ ВА САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

(таҳлили қиёсии баъзе ҷанбаҳои тафаккури эҷодӣ)

Умар Сафар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Андӯхтаҳои зеҳни пӯёи як ҳунарманд дар марҳилае аз зиндагии эҷодӣ сабабгори халлоқият ё зояндагӣ мегардад. Ба дигар сухан доманаи ошноӣ, мутолиот, донишу шиноҳт аст, ки ба ҳунарманд мардум неруи офариниш, гуфтану навиштан медиҳад. Дар ин миён он чи ки мусаллам аст ин аст, ки «ҳеҷ касро вуқуф нест, ки дар ҷараёни халқи асар ва ё пештар бар рӯҳу равони холиқи он чи мегузарад ва ё гузашта аст. Авомили маҳсус ё номаҳсуси бешуморе шоир ё нависандаи ҳунармандро бармеангезад, то асареро эҷод кунад. Ин авомил реша дар шароити гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва муҳите дорад, ки ҳунарманд дар он рушду нумӯ карда ва аз таомули ин авомил тавъам бо он хасоиси фитрӣ, ки аз пешиниён ба ирс бурда, соҳиби зеҳни бедалил шуда, ки онро метавон аз ойинаи навиштаҳо ё сурудаи вай дид» [6, с.64].

Нуктаи дигаре, ки дар ин замина зикраш муносиб аст, ҷаҳонест, ки мо дар синаи он зиндагӣ мекунем. Ҷаҳоне, ки тағйиру дигаргунии мустамар ниёзи ҳамешагии он аст. Дар рушду камоли он бошад, ҳама саҳиманд, ҳаққи муштарак доранд. Зуҳури як асари ҳунарӣ як навъ камолу боландагии гӯшае аз ҷаҳон аст. Шояд ҳунарманде, ки даст ба офариниши як кори барҷастаи ҳунарӣ мезанад, ҳаргиз ба таври мустақим дар ин андеша нест, ки бо халқи асараш гоме дар марзи таҳаввули ҷаҳон бармедорад, вале воқеан ҳар гоме оғози як ҷунбишест ва ҳар ҷунбише дар навбати худ дигаргуниеро сабабгор мешавад.

Аз сӯйи дигар, зимни эҷоди як асар шеваҳои дунёнигарӣ, барҳӯрду талаққии як адиб ё нависанда шояд комилан тозаву нав набошад, ё такрорӣ бошанд, ё ҳамсониҳое дар мазмунҳои матруҳа дида шавад. Агар чунин аст, ҷойи тааҷҷубу ҳайрат нест. Бояд ин падидаро ҳамчун мазҳари маъмулии ҳастии башарӣ, ки аз конуни иҷтимои инсонӣ бармехезад, пазируфт. Зеро рӯзгори инсонӣ дар саросари гетӣ саҳнаву манзараҳои мушобеҳу ҳамсон дорад, ки бозтобу тавсифи онҳо гоҳо дидгоҳҳои шабеҳу ҳаммонандро ба зуҳур мерасонад.

Ҳамзамон бо ин, замоне бордӯши зеҳни як шоир ё нависанда ба андозае анбоштаву мутаассир аз дидаҳову ёфтаҳо аз осори дигарон аст, ки ӯро таъсирпазир аз шеваи дунёнигарӣ ё даричаи биниши пешиниён мегардонад. Натиҷа ин мешавад, ки дар корномаи ӯ низ мазомину мавзӯъҳои монанду мушобеҳ бо дигарон пайдо мешавад. Дар иртибот бо ин мехоҳем перомуни ҳамсониҳои мазмунии рубоиёти Хайём ва достонҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ сухан дар миён бигузорем.

Шояд пурсише эҷод гардад, ки чаро Хайёмро баргузидем? Ба андешаи Ғ. Юсуфӣ «чун Хайём аз нуктаҳое сухан гуфта, ки аз дер боз мавзӯи тафаккуру таассури инсон буда, шеъраш ҳамаҷогир шудааст» [5, с.127].

Мавсуф ҳамчунин аз Вилям Вордворс нақли қавл мекунад, ки зикрашро муносиб медонем: «шоир усулан таваҷҷуҳи худро маътуф медорад, ба он навъ маърифат, ки ҳамаи мардум бо худ дар ҳама ҷо ҳамроҳ доранд ва низ ба он ҳамдардиҳое, ки мо бидуни ҳеҷ сабаби дигар ҷуз ончи марбут ба зиндагии рӯзмараи мост аз барои маҳзуз шудан аз онҳо сохта шудаем… Алорағми ихтилофи замину обу ҳаво, забону одат, қавонину русум. Шоир бо неруи шӯру эҳсосу маърифат қаламрави васеи иҷтимои башариро дар ҳамаи басити хоку ҳамаи аъсор густурда аст, бо ҳам пайванд медиҳад. Мавзӯоти ашъори шоир дар ҳама ҷо ҳаст» [5, с.127].

Пеш аз тарҳу тавзеҳи мавзӯъ бояд гуфт, ки Сайф аз пайравони мактаби сюрреализм ё фаровоқеият буд, ки, мутаассифона, дар ҷомеаи адабии мо ба ҷузъиёту шигардҳои он чандон ошноӣ надоранд.

Вижагии аслии ин шеваи офариниш дар маҷмӯъ навиштани озод бидуни побандӣ ба низому қоидаҳои мавҷуд, ҳатто дар чаҳорчӯбаи забон аст.

Дар аксари офаридаҳои Сайф мо ҳузури комили ин шеваи адабиро эҳсос мекунем. Тағйири пуршитоби матолиб, иваз шудани саҳнаҳо, ки гӯё рабте бо ҳам надоранд.

Аз ҷониби дигар, дар ҳамин парокандагиҳои лаҳзавист, ки паёми нависанда дар заминаҳои мухталиф зода мешавад. Паёмҳое, ки ағлаб тозарӯву ибдоъомезанд ва гоҳо шабоҳату ҳамсониҳое ба андешаи дигарон доранд.

Зимни бозхонии осори Сайф мо баъзан зери сояи мазомини хайёмӣ қарор мегирем. Барои он ки ин сухан бепоя набошад, даст ба домани шавоҳиде чанд мебарем.

Ҳаёт бо сохтору созу барги таркибе, ки дошта, ҳамвора зеҳну ҳуши Хайёмро ба худ машғул намуда. Норизоятӣ аз шеваи бунёду носозгориаш бо хостаҳои фардӣ дар сурудаҳори ӯ чашмгир аст. Аслан камтар касеро метавон пайдо намуд, ки аз сурату сувари

ин бинои куҳансол қаноату ризоят дошта бошад. Ниёзи ҳамагонии башар аст, ки дар марҳилае аз рӯзгори хеш дар ниҳояти афсурдагиву ноумедӣ орзу мекунад, кош мувофиқ ба майлу хоҳиши худ дунёи дигаре медошт. Равшан нест, чи дарду ранҷе, чи иллате Хайёмро водор сохта то ҳаваси барсохтани ҷаҳоне ормонӣ кунад?

Гар бар фалакам даст будӣ чун яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-осуда ба коми дил расидӣ осон [8, с.79].

Дар достони «Муъҷиб»-и Сайф Раҳим, мо шабеҳи ин гуфтаи Хайёмро мурур мекунем: «Ҳеҷ аз кор бознаистодаам… Мехоҳам дунёро аз нав бисозам. Дунёро мехоҳам бо завқу салиқаи худ наздик бикунам. Таҷаллии он дунё чашмони маро мебарад ва ҳушамро мерабояд. Ман ин дунёро ҳатман ба худам монанд мекунам! Мебинем»! [2, с.40].

Шаке нест, ки дар ин намунаҳо ба ҷуз шабоҳату монандӣ чизе дигареро наметавон суроғ кард. Вале аз сӯйи дигар гоҳо шабоҳат инони зеҳни пажӯҳандаро ба даст мегирад ва ба марзи тааммулу андешаи посуххоҳ мекашонад.

Доштани ҷаҳони тоза ё эъмори дунёи дигаргуна барои Хайём мушкили бузург аст. Эъмори чунин конунеро ӯ бидуни неруи бепоёну офаринандаи он Ягона тасаввур карда наметавонад. Танҳо тӯфони орзуҳои қалбии худро бо дасти афсӯсу дареғ орому таскин мебахшад. Вале бар хилофи сурудаи Хайём аз навиштаи Сайф метавон чунин натиҷа гирифт, ки пешрафту тағйири кайфии конуни зист, зуҳури сувари мухталифи он натиҷаи талошу ҳаракатест, ки аз ҷониби мавҷудоти он сурат мегирад. Агар талошу ҷӯяндагиву пӯяндагӣ набошад, зиндагӣ мунҷамид мегардад ва як ҳолати истойӣ, ки ҳосилаш нестист, сар мерасад. Хайём дар ҷойи дигар аз падидаи ҷовидонаи ҳастӣ: анҷому оғоз, маргу зиндагӣ, куҳнаву нав, ки ҳар яке мадюну побанди якдигаранд, лаб боз мекунад:

Онҳо, ки куҳан шуданду онҳо, ки наванд,
Ҳар як ба муроди хеш яктак бидаванд.
В-ин куҳнаҷаҳон ба кас намонад боқӣ,
Рафтанду равему дигар оянду раванд [8, с289].

Аз рӯйи ҳақиқате на аз рӯйи маҷоз,
Мо луъбатаконему фалак луъбатбоз.
Якчанд дар ин бисот бозӣ кардем,
Рафтем ба сандуқи адам як-як боз [8, с.192].

Рубоиёти мазкур як навъ хулосаи фалсафигарона аз моҳияту сиришти ҳастӣ, дунёест, ки мо дар домани он вуҷуди хешро сипарӣ менамоем.

Андешаи фанопазирӣ, гузарон будани умр бо шеваи содаву ҷаззоб аз диди Хайём ба зарфи як рубоӣ рехта шудааст. Шумори ҳарфу ҳиҷо, вожагон дар матн зиёд нест. Вале ҳамканорагӣ, ҳамнишинӣ, пайванди паёмрасони онҳо ба гунаест, ки дар ниҳоди инсонӣ таконе эҷод месозад ва тамоми афкору андешаҳои сарироҳиро аз домани зеҳн канор мезанад, хонандаро маҷбур менамояд то дар атрофи фалсафаи вуҷуд бияндешад.

Шабеҳи ин мазмунро дар достонҳои Сайф ҳам метавон пайдо намуд: «Он рӯзҳо лабрези шурӯ хушиҳои зиндагии пурнишоти хонаводагии мо буд. Бо сапедадамии бомдодӣ ва намози субҳгоҳии бобом ғубори хоб аз дида меравонидем, бо олучаҳои нимхому турштаъми малмиҷони ваҳшии шабнамзадаи боғмон наҳор мехӯрдем ва чархи зиндагимон бо ҳамҳамаву ғулғула шурӯъ мекард, ба гардидан-тезу тунду шастнок, ончунон ки дурахшиши он рӯзгорон барқи абадии доси аҷалро болои сармон хираву нопадид мекард. Саранҷом он зиндагии хеле ғариб ва зуд фаро расид. Бе ҳеҷ огоҳӣ ҳаёти ҷовидонаи бузургвори номирое мисли падар, як рӯзе зери зардолу поён пазируфт. Модар сари ҷонамозаш моро падрӯд гуфт. Ҳарду дастибадаст аз зиндагии мо рафтанд; аввал ба хок сипас ба осмон» [2, с.159-160].

Дар ин матн гӯё паём хусусӣ, фардӣ ба назар мерасад. Эҳсоси дареғзои андуҳрези як инсон бо тасвиру баёни ҳунармандонаш конуну хестангоҳаш, макону замонаш тавсиф шудааст. Вале ҳақиқат ин аст, ки «ман»-и фардӣ, бахши ҷудонопазири «мо»-ст ва ҳамеша сӯйи он мувоҷеҳ аст. Ин амр гувоҳ бар он аст, ки эҳсосоти фардӣ, мазҳари ҳастии фардӣ, ҷилвае аз эҳсосоти ҳамагонӣ, ҷамъист.

Ба пораматни мавриди назар агар таваҷҷуҳи амиқ шавад, хеле зуд маълум мегардад, ки дар маҳдудаи он як мазмуни хайёмӣ: нопойдорӣ, миройии инсону зиндагӣ ба шакли дигаре мунъакис шудааст. Ба матн ва вожагони паёмофарини онҳо дақиқ мешавем.

Оғози матн «он рӯзҳо» ба он ки идомааш хонда шавад фаврӣ зеҳни хонандаро таҳти таъсир қарор медиҳад ва як навъ фазои хираи ҳасратолудро эҷод мекунад. Аз сӯйи дигар, нишонгари оғози зиндагии як хонадон аст.

Зикри ибораи «чархи зиндагӣ», ки «шурӯъ бо гардидани тезу тунди шастнок» мекунад, онӣ, гузаро будани он айёмро, ки шурӯи хушоянде дошт, мерасонад.

Ҳамин гардандагии чархи пуршитоб аст, ки инсонро асиру дилбастаи шукӯҳу зебоиҳои ҷаҳон месозад ва гӯё маҷзубу ғарқ дар дарёи бекарони ҷамолу зебоӣ, лаззату неъмат, «барқи абадии доси аҷал»-ро намебинад ва аз вуҷуди поёне ногузир ғофил мемонад.

Замони «ғафлату бехабарӣ», ки ба муддати умри одамӣ баробар аст, дар корномаи Сайф тафсири дугона дорад. Ба андешаи нависанда чунин навъи ғафлатзадагиро суду коройии бештарест, зеро дар имтидоди он инсон бо рӯҳи орому шод, бо қалби саршор аз меҳру дӯстдории зиндагӣ дар марзи ҳастӣ рисолати зистанро иҷро мекунад. Умеду орзуи барномаҳои хешро амалӣ месозад ва андешаи маргу нестӣ аз ӯ дур аст.

Ин дар ҳолест, ки гурӯҳи дигар ба қавли Сайф хеле зуд «…ба дунёи мӯсафедон ворид мешаванд… ва тақрибан аз сисолагӣ худро барои охират тайёр мекунанд».

Мавзӯи дигаре, ки қиёсаш дар осори адибони мавриди назар қобили мулоҳиза аст, боз ҳам ба конуни зисти мо, паҳнои ҳастӣ иртибот мегирад, ки ба андешаи аксари шоирону адибони пешин сирришташ ғамафкану андуҳфизост. Хайём дар рубоиёти пуршумораш ба ин ҷанбаи нохушоянди дунё, ки силоҳаш ғаму дард аст ва ҳамеша дар пайи саркӯбу помол намудани шодиву нишоти одамист, ишорат мекунад.

Эй чархи фалак харобӣ аз кинаи туст,
Бедодгарӣ шеваи деринаи туст.
Эй хок агар синаи ту бишкофанд,
Бас гавҳари қимате, ки дар синаи туст.

Ё ки:

Хуш бош, ки гусса бекарон хоҳад буд,
Дар чарх қирони ахтарон хоҳад буд.
Хиште, ки зи хоки ту бихоҳанд задан,
Девори сарои дигарон хоҳад буд [8, с.52].

Бар хилофи Хайём, ки аз кирдору амали замонаву чарх нохушнуд аст ва ҳамвора аз сиришти зишти он забони шикоят мегушояд, Сайф масъаларо аз диди дигар арзёбӣ менамояд. Бад-ин маънӣ, ки дар эҷоди ин ҳалли мушкил танҳо чарх гунаҳкор нест. Муҷрими аслӣ худи инсонҳоянд, ки бо ин ғам хӯ гирифтаанд ва барои рафъи ниёзи худ онро фароҳам месозанд: «Пушаймон аз он ки ба ин дунё омада буд. Инҷо ғамро мепарастиданд. Ногаҳон ангошт, ки модараш борвари ғам аст! Боз ҳам медид, ки падару модараш ғам меофаринанд. Модараш аз ғам борвар мешавад. Кӯдакии дарднок дили ӯро ба ғам ошно кард. Ва ба зудӣ ҳис кард, ки мардум ғамзадаанд. Ғамро, андуҳро, ҳузнро бо овозкашиҳо, оҳангҳо, шаҳиднишониҳо ва фасона ширин месозанд. Зиндагиро хору зору бемаънӣ менигоранд» [2, с.95].

Диди нависанда бар ин ҳақиқат устувор аст, ки барои ғам низ дар марзи ҳастӣ бояд ҳаққи зист қоил шуд. Набояд кӯр-кӯрона таслиму асири ғам шуд, балки дар маърифати ҳақиқати он кӯшид, ангезаи зуҳуру решаи онро шинохт. Дарки моҳияту аносири созандаи он ба барномаи рӯзгори инсон ҷиҳату самт медиҳад. Ҳаёти онро маънидор месозад.

Дар сурудаҳои Хайём ва достонҳои Сайф шеваи бархӯрд ба мазоҳири ҳастӣ, вусъати дунёшинохтӣ ҷанбаҳои ҳамсону ҳаммонанд пуршуморанд, ки пешниҳоди ҳамаи онҳо муяссар нест. Вале қиёси шавоҳид касро ба натиҷае мерасонад, ки бештари маврид зимни арзёбии мавзӯъҳои ҷовидонии рӯзгори башарӣ миёни андешаҳои эшон мувофиқату тафоҳум ҳукмфармо мегардад. Ҳарду бар ин назаранд, ки зиндагиро бояд дар ҳамон шаклу сурате, ки дорад, пазируфту зист. Баёни ҷомеъу кулли падидаҳову воқеиятҳои собитшудаи рӯзгор вижагии сабки Хайём аст, ки дар нахустин дидор зимоми ҳушу равони мухотабро ба даст мегирад ва ба марзи сукуту андеша менишонад.

Биниш ва тарзи бозтоб аз ҷониби Сайф ба андозае тафовут дорад. Таваҷҷуҳи ӯ бештар рӯйи ҷузъиёт аст. Аҷзое, ки бо тамоми вуҷуд муштоқи пайванду кулл шудан аст. Равандагӣ, талошу саъй аз дидгоҳи Сайф рукни абадӣ ва таҳаввулгару тозаофарини ҳаёт аст ва танҳо ҳамин ҳаракат аст, ки тағйиру дигаргунӣ, идомату бақоро сабабгор мешавад.

Дар поён ду намунаи дигарро нақл мекунем, ки бо доштани тафовутҳои ҷузъӣ ҷанбаи ҳаммонанду мушобеҳеро доро мебошанд:

То ҳушёрам тараб зи ман пинҳон аст,
Чун маст шудам дар хирадам нуқсон аст.
Ҳолест миёни мастиву ҳушёрӣ,
Ман бандаи он ки зиндагонӣ он аст.

Ин мазмун аз дидгоҳи Сайф чунин арзёбӣ мешавад: «Он қадар ширин аст, ки гулӯям месӯзад, даҳонам талх мешавад. Чойи талх дар пиёлаи дастам беқарор мешавад, ба печу тоб меояд, гирд мегардад, ба ҷанги ширинӣ омода мешавад… Лаби пиёларо ба лабам мемонам. Чойи талх ба комам медавад, талхиву ширинӣ ба ҳам мепечад, меразмад, меомезад… Ҳар ду мемиранд… Ва маҳв мешаванд. Дар комам ҳеҷ чизе нест. Ман маззаеро дар комам эҳсос намекунам. Ман танҳоям… бо худ мемонам. Ва чизе дар ман ҳаст, чизе,

ки ҳам талхии талхро барҳам мезанад, ҳам ширинии ширинро?!... Ва ин зиндагист… Ман кор мекунам. Ман зиндагӣ мекунам…» [3, с.245].

А Д А Б И Ё Т

1. Афардӣ Сайф Раҳимзод. Чашми саҳар. (қисса ва ҳикоя. – Душанбе: Адиб, 2014. - 192 с.
2. Афардӣ Сайф Раҳимзод. Дурӯғи сафед. – Душанбе: Интишороти «Салим», 1998. - 192 с.
3. Афардӣ Сайф Раҳимзод. Доғҳои офтоб. - Душанбе: Адиб, 2003. - 296 с.
4. Голубева И.А. Тайнопись Омара Хайяма / И.А. Голубева // Омар Хайям Рубаи. Полное собрание; перевод М. Рипол классик. - 2007. - 524 с.
5. Ғуломҳусайн Юсуфӣ. Чашмаи равшан. – Теҳрон: Интишороти «Илмӣ», 1369. - 862 с.
6. Мурон Берно. Назарияҳои адабиёт ва нақд / Берно Мурон. - Теҳрон: Нигоҳ, 1389. - 408 с.
7. Раҳимов Сайф. Аз ёдҳо. Аз ёдҳо. - Душанбе: Адиб, 1988. - 224 с.
8. Рубоиёти Хайём: бо тасҳеҳ ва ташҳияи Муҳаммадалии Фуруғӣ ва доктор Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Интишороти «Асотир», 1371. - 135 с.
9. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср / А. Сайфуллоев. - Душанбе: Адиб, 2006. - 766 с.

ХАЙЁМ ВА САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

(таҳлили қиёсии баъзе ҷанбаҳои тафаккури эҷодӣ)

Мақола ба таҳлилу баррасии ҷаҳонбинӣ ва тарзи бархӯрди шоиру файлауфи бузург Ҳаким Умар Хайёми Нишопурӣ ва нависандаи муосир Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар иртибот бо инъикоси мазомини ҷовидонии адабиёт бахшида шудааст. Қариб ҳазор сол Сайфро аз замони зиндагӣ ва эҷоди Хайём ҷудо месозад ва дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки миёни ин ду ҳунарманд ҳеҷ шабоҳати умумие нест. Вале ошноӣ бо мероси адабии онҳо нишон медиҳад, ки дар офаридаҳои онҳо шабоҳату монандиҳои зиёде ҳаст. Дар рубоиёти ҷовидонии Умари Хайём яке аз мавзӯъҳои калидӣ рози ҳастӣ, масъалаи маргу зиндагӣ аст. Хайём дар марзи ин рубоиёт ҳамеша талош мекунад, ба ин суол посух ёбад, ки: «Мо аз кучо омадаем ва поёни роҳи мо кучо хоҳад буд? Ё ин ки ҷаҳоне, ки дар домани он зиндагӣ мекунем чи банду басте дорад? Имкон дорад онро бозсозӣ намуд?». Чунин шеваи тафаккурро метавон дар осори Сайф во хӯрд, вале зимни таҳлили ҳикояҳову қиссаҳои ӯ душвор аст, ба таъсири мустақими Хайём дучор шуд. Вале муҳтаво ва ҷузъиёти бархе ҳикоёт, лаҳзаҳои муайян муҳаққиқро ба ин натиҷа мерасонад, ки нависанда зери таъсири андешаҳои хайёмӣ қарор дорад. Сайф ҳам мисли Хайём дар садад аст, дунёро «тибқи завқу салиқаи худ аз нав бисозад». Ҳадафи аслии нависанда талқини андешаҳои фалсафии хеш ба хонанда аст. Мехоҳад ба онҳо биёмӯзад, ки дунёро метавон ба гунаи дигар дид. Бо назардошти арзиши адабии ин мушоҳибатҳо вижагиҳои хосси онҳо дар мақола мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, таъсир, шабоҳат, ҷаҳонбинӣ, замина, рози ҳастӣ, мазомини ҷовидонӣ, нависанда шоир.

ХАЙЯМ И САЙФ РАХИМЗОД АФАРДИ

(сравнительный анализ некоторых аспектов творческого мышления)

Статья посвящена изучению мировоззрения, творческого подхода великого поэта Омара Хайяма Нишапури и современного писателя Сайфа Рахимзода Афарди относительно отражения вечных общечеловеческих тема. Почти тысяча лет отделяет Сайфа от эпохи жизни Хайяма. Возможно, на первый взгляд, кажется, что между этими знаменитыми художниками слова ничего общего нет. Однако, ознакомление с их литературным наследием свидетельствует о большой схожести и точках соприкосновения. В знаменитых рубаиятах Хайяма одной из ключевых тем является разгадка тайны бытия, жизни и смерти. В большинстве четверостиший Хайям пытается найти ответ на извечные вопросы: «Откуда мы пришли, где завершим свой путь? Или как создан наш мир, возможна ли его перестройка?». Аналогичный подход можно встретить в книгах Сайфа. Анализируя рассказы и повести писателя, трудно обнаружить прямое влияние рубаиятов Хайяма на его творчество. Следует отметить, что содержание и мотив отдельных рассказов, иногда определенных эпизодов литературного текста приводит нас к выводу, что писатель находится под воздействием хайямского мышления. Сайф, подобно Хайяму, намерен воссоздать, построить мир заново по своему вкусу. Основная цель писателя заключается в том, чтобы довести до читателей свое философское намерение, оздоровить моральный климат научить людей смотреть на мир другими глазами. Учитывая литературную ценность этих аналогов, в статье подробному анализу подвергались и их специфические особенности.

Ключевые слова: литература, влияние, аналог, мировоззрение, аспект, тайна жизни, вечные темы, писатель, поэт.

KHAYYAM AND SAYF RAHIMZOD AFARDI

(comparative analysis of some aspects of creative thinking)

The article analyzes the study of outlook, the creative approach of the great poet Omar Khayyam Nishapuri and contemporary writer SayfRahimzodAfardi on the reflection of eternal universal themes. About a thousand years separates Saif from the era of Khayyam's life. Perhaps, at first glance, it seems that there is nothing in common between these famous artists of the word. However, acquaintance with their literary heritage testifies to the majority of similarities and points of contact. In Khayyam's famous rubaiyat, one of the key themes is the solution to the mystery of being, life and death. In most of the quatrains, Khayyam tries to find an answer to the eternal questions: "Where did we come from, where will we finish our journey? Or how is our world created, is it possible to restructure it? A similar thinking of this approach can be found in Saif's books. Analyzing the stories and the writer's story, it is difficult to detect the direct influence of the Khayyam rubaiyat on his work. It should be mentioned that the content and motive of individual stories, sometimes certain episodes of the literary text leads us to the conclusion that the writer is under the influence of Khayyam thinking. Saif same as Khayyam intends to recreate, rebuild the world to your choice. The main goal of the writer is to bring his philosophical intention to the readers, to improve the moral climate on teaching people to look at the world with different eyes. Considering the literary value of these analogs, their specific features were also subjected to detailed analysis in the article.

Key words: literature, influence, analog, worldview, aspect, the mystery of life, eternal themes, writer, poet.

Сведение об авторе: ***Умар Сафар*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Umar Safar*** - Tajik national University, doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

УДК: 891.550-1+87

СУННАТҲОИ САБКИ БЕДИЛ ДАР АШЪОРИ МУХЛИСИ БАДАХШОНӢ

Ҳикматов Ҷ.Ҳ., Шарифова Ҳ.Қ.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеҷ касро ҷойи Бедил.
Надидам аз сухангӯёни олам,
Касеро дар ҷаҳон ҳамтои Бедил [1, с.185].

Барҳақ, ин баҳогузорӣ ва андешаронии Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ шоири нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик дар бораи шоири тавонову нотакрори адабиёти асри XVII форсӣ-тоҷикӣ Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар байни аҳли илму адаб ҳамчун Абулмаонӣ шинохта шудааст, дуруст ва воқеъбинона мебошад.

Мирзо Абдулқодири Бедил бузургтарин намояндаи сабки ҳиндӣ мебошад, ки ин сабк аз асри XII то замони Бедил дар Ҳиндустон ҷараён дошт. Бедил дар сабки ҳиндӣ осори зиёде эҷод намудааст ва барои содаю оммафаҳм шудани он на танҳо кӯшиш накард, балки бо андешаҳои бикру тахайюлоти нотакрор ва мӯшикофона, мазмунҳои баланд, маъноҳои нозук, таъбироти гуногуну латиф ва ташбеҳоту истиороти нову печдарпеч онро боз ҳам душвортар гардонид.

Ба ақидаи адабиётшинос Садриддин Айнӣ [2, с.10-15], сабаби асосии душворию забону услуби ашъори Бедил ҳамоно кӯшиши бартарӣ ҷустани шоир бар муосиронаш мебошад. Ин ҷо метавон гуфт, ки Бедил бо навпардозиҳо тавонист сабки ҳиндиро ба авҷи аълои худ расонад ва аз саромадони ин сабк гардад. Ин навпардозиҳо ва зебову печидагӣҳои Бедил дар асрҳои баъдина шоирони зиёдеро мафтуну мухлиси худ сохт. Эшон шефтаву шайдои тарзи баёни зебову рангини сабки ҳиндӣ, бахусус, Бедил гашта, дар сурудани ашъори хеш мекӯшиданд, то ҳамсони Абулмаонӣ бошанд. Яъне Бедил бо навпардозиҳои худ мактаберо ибтидо гузошт ва аксар шуарои баъдинаи адабиёти тоҷик, бахусус, шуарои Мовароуннаҳр шогирди ин мактаб гаштанд. Ба монанди Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Тамкини Бухороӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Тамҳиди Самарқандӣ, Суҳайли Ҷавҳаризода ва дигарон.

Ба ақидаи мо сабку услуби баёни Бедилро бештар пайравӣ кардани шуарои Мовароуннаҳр чанд сабаб дорад:

1.Навпардозиҳое, ки Бедил дар сабки ҳиндӣ ё умуман дар шеър кард, нисбат ба дигар қаламрави адабиёти форсӣ дар байни шуарои Мовароуннаҳр мақому манзалат ёфт. Шуарои Мовароуннаҳр сабку услуби баёни Бедилро хуш пазируфтанд ва то андозае кӯшиш намудаанд, ки амсоли Бедил шеър гӯянд;

2. Аз лиҳози мазҳаб низ Бедил ба монанди шуарои Мовароуннаҳр аз пайравони аҳли тасаннун буд ва шояд ин қаробат низ яке аз омилҳои асосии пайравии эшон бо Бедил шуда бошад.

3. Дар зери услуби Бедил пардапӯшона баён кардани фикру ақидаи худ нисбат ба замону зимомдорони вақт.

Яке аз шоирони соҳибдевони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Мухлиси Бадахшонӣ (1822-1891) мебошад, ки дар баъзе ғазалиёт ва мухаммасоти худ ба қадри имкон ба услуби баёни Бедил пайравӣ ва табъозмоӣ кардааст. Аз Мухлиси Бадахшонӣ то замони мо девони мукаммале боқӣ мондааст, ки миқдори абёти он 8244 байт мебошад.

Девони Мухлис 335 ғазал, 234 мухаммас ва дигар анвои шеърӣ ба монанди рубоӣ, қасида, мусаддас, мувашшаҳ, тарҷеъбандро дар бар мегирад. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, Мухлис аз фасоҳату балоғат ва таровату накҳати гулистони ашъори Бедил мафтуну шайдо гашта, дар бархе аз ғазалиёт ва мухаммасоти хеш ба ӯ пайравӣ ва табъсанҷӣ намудааст. Ин пайравӣ ва табъозмоии Мухлис ба Бедил бештар дар ғазалиёте вомехӯранд, ки оҳанги ҳасбиҳолӣ ва ҳаётӣ доранд. Зеро дар ашъори Бедил дар баробари афкори сӯфиёнаву орифона, мавзӯоти гуногуни ҳаётиву дунявӣ ҳам дида мешаванд.

Бедилшиноси тоҷик Бобобек Раҳимӣ дар бораи мавзӯоти ашъори Бедил чунин ақида дорад: «Дуруст аст, ки Бедил, пеш аз ҳама, шоири сӯфӣ ва шеъри ӯ шеъри орифона аст. Инро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон инкор кард. Вале дар осори ӯ дар радифи андешаву афкори орифона масоили мухталифи ҳаётиву дунявӣ низ зиёд аст. Осори Бедил оинаест, ки

зиндагӣ бо тамоми пастиву баландӣ ва гарміву сардиаш дар он мунъакис аст» [3, с. 53]. Барои тақвияти фикраш андешаи муҳаққиқи маъруфи эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканиро меорад: «Муҳаққиқи маъруфи эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ… Бедилро «шоири оинаҳо» номидааст. Сабаб ин танҳо он нест, ки Бедил аз вожаи «оина» ба касрат истифода кардааст. Балки дар он низ ҳаст, ки шеъри ӯ оинаест, ки «ҳар кас нақши хешро дар он мебинад». Яъне дар осори ӯ ҳар кас метавонад ба матлаби хеш дучор оянд, ба дарди хеш дармон ҷӯяд, мазмунҳои мувофиқ ба завқу эҳтиёҷи худро пайдо намояд».

Худи Бедил низ дар рубоие дар бораи гуногунии мавзӯоти ашъори хеш хабар додаст:

Дар пардаи сози мо наво бисёр аст,
Айбу ҳунару зангу сафо бисёр аст.
Хоҳӣ, каф гиру хоҳ, гавҳар бардор,
Мо дарёем, мавҷи мо бисёр аст [3, с. 54].

Дар ғазалиёти Бедил дар баробари дигар мавзӯъҳо, ғазалҳое вомехӯранд, ки оҳанги ҳасбиҳолию иҷтимоӣ доранд. Дар ин қабил ғазалҳо шоир рӯҳияи худу замонаашро тасвир кардааст. Маҳз ҳамин гуна ғазалҳо дархӯрди ҳоли Мухлис гашта, ба онҳо пайравӣ намудааст. Ба андешаи ин ҷониб ба ин қабил ғазалҳо пайравӣ намудан ва умуман бо Бедил табъозмоӣ кардани Мухлис ду сабаб дорад:

1.Мувофиқ будани мавзӯоти ин қабил ғазалҳои Бедил ба рӯҳияи Мухлис ва вазъияти сиёсию иҷтимоии замони ӯ.

2.Дар баробари дигар шоирон (Исо-махдум, Ҳасрат, Фориғ, Шоҳин, Туғрал ва дигарон) як навъ табъозмоӣ намудани Мухлиси Бадахшонӣ ба сабку услуби Бедил, ки он дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар байни шуарои Моваруннаҳр шуҳрат дошт.

Дар ғазалиёти Бедил дар баробари дигар мавзӯъҳо ғазалҳое низ вомехӯранд, ки оҳангҳои ҳасбиҳолию иҷтимоӣ доранд. Дар ин қабил ғазалҳо шоир рӯҳияи худу замонашро тасвир кардааст. Маҳз ҳамин гуна ғазалҳо дархӯрди ҳоли Мухлис гашта, ба онҳо пайравӣ намудааст. Масалан ба ғазали зери Бедил:

Далели корвони ашкам, оҳи сардро монам,
Асарпардози доғам ҳарфи соҳибдардро монам.
Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил набошад,
Дар ин гурбатсаро хуршеди танҳогардро монам.
Баҳори обрӯям сад хазон хиҷлат ба бар дорад,
Шукуфтан дар мизоҷам нест ранги зардро монам.
Ба худ оташ занам то гарм созам паҳлуи доғе,
Зи бас афсурдатабъиҳо танури сардро монам.
На ашки зеби мижгонам, на оҳи боли афғонам,
Тапидан ҳам намедонам дили бедардро монам.
Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,
Ба рӯйи сафҳаи офоқ байти фардро монам [4, с. 113].

Мухлиси Бадахшонӣ низ дар пайравӣ бар ин ғазали ҳасбиҳолии Бедил ғазалҳое дорад, ки аз ноҷӯрии ҳаёти шахсӣ ва нобасомониҳои замони зиндагиаш бедилвор шикоят кардааст, ки ба масобаи намуна ғазали зерро меоварем:

Ғубори хоки роҳам зери доман гардро монам,
Асири зулфи ёрам дуди оҳи сардро монам.
Ба сад хуни ҷигар гул мекунам дар гулшани ҳасрат,
Ба дасти хори узлат нақди барги вардро монам.
Ба сони Кӯҳкан сад теша бар ҷон хӯрдаам аз ғам,
Зи Ширин талхкомам шахси соҳибдардро монам.
Саропо сӯхтам дар оташи ҳиҷрон ба сад ҳайрат,
Ба кӯҳи бекасӣ Маҷнуни ғампарвардро монам.
Надорам зиндагӣ бе оташи ишқи бутон ҳаргиз,
Самандармашрабам ман мурғи оташгардро монам.
Фалак бозичаи пиру ҷавонам сохт дар гурбат,
Ба чашми аҳли сурат нақши рӯйи нардро монам.
Ба рӯйи сафҳаи айём дур аз дӯстон, Мухлис,
Ба кас рабте надорам байтҳои фардро монам [5, вар. 94].

Аз ғазалҳои овардашуда бармеояд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун якранганд. Яъне Мухлис мазмуну моҳияти ғазали Бедилро дархӯрди ҳоли худ дониста, ба қадри имкон тавонистааст, ки онро пайравӣ намояд. Аз баррасӣ ва муқоисаи ҳар ду ғазали дар боло овардашуда аён мегардад, ки дар байни ин ду ғазал ягонагӣ ва андаке тафовуте, ба чашм мехӯрад, ки ин ҳам бошад, аввалан Мухлис дар ғазали худ баъзе қофияҳои ғазали Бедилро, аз қабили «оҳи сард», «соҳибдард», «байти фард» ва радифи он «монам»-ро истифодаву риоя кардааст. Сониян, Мухлис бо овардани номи образҳои маъмулии адабиёти форсӣ «Кӯҳкан», «Ширин», «Маҷнун» ҳолати рӯҳии қаҳрамонони лирикии худро равшантар тасвир намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои ҳар ду ғазали мавриди назар возеҳу равшан мегардад, ки ҳам Бедил ва ҳам Мухлис аз ҳоли бади худ ва аз носозгории замону абнои он шикоят кардаанд.

Мухлис зода ва парвардаи деҳаи Роғи Бадахшони Афғонистон буда, барои касби камол ба Бухоро омада, то охири умр он ҷо мондааст. Ин аст, ки дар ғурбат ҳамеша хумори ватану дурӣ аз ёру дӯстон ӯро азият медод. Ба гумони инҷониб ду байти охири ғазали дар фавқ овардаи Мухлис далели ин андешаҳост.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷиҳати миқдори байтҳо ғазали Мухлис нисбат ба ғазали Бедил як байт зиёдтар, яъне 7 байтро ташкил додааст.

Дар ғазалҳои дигари девони Мухлис, ки дар пайравии Бедил суруда шудаанд, шоир ба қадри тавони худ кӯшиш намудааст, ки забону сабки баёни Бедилро риоя кунад ва ба Бедил мухлису иродатманд будани худро гӯшзад намояд. Барои тақвияти андешаамон ба абёти зер мурочиат мекунем:

Фусуни ҳукмфармоят ба ранге карда тасхирам,
Ки гӯӣ нуқтаи паргорхатро лавҳи тақдирам [5, вар. 94].

Магар аз олами ҳирмон сиришта қасри тасвирам,
Ки бӯйи яъс меояд зи хоку хишти таъмирам [5, вар. 90].

Бешак аз як обу гил таъмири ҳастӣ ёфтем,
Аз чӣ меъмори қазо қасри баланду паст баст.
Офарин бар ҳиммати Бедил, ки девони китоб,
Боли ҳусни маъниш хуб ин қадар бар ҳаст баст.
Табъи ман Мухлис зи хоки гӯшаи вайрони ӯст,
Варна натвонам ба пушти як кутуб феҳраст баст [5, вар. 23].

Ин ҷо бамаврид аст зикр намоем, ки Мухлиси Бадахшонӣ дар таърихи адабиёти форсӣ ягона шоирест, ки мухаммаси зиёд офаридааст. Теъдоди мухаммасоти шоир 234 адад мебошад, ки ҳам дар шакли мустақил ва ҳам дар шакли тазмин суруда шудаанд. Дар баъзе мухаммасоти мустақили худ низ Мухлис мавзӯъҳои ҳасбиҳолию иҷтимоии ғазалиёту услуби баёни Бедилро пайравӣ кардааст. Замони зиндагии Мухлис чун дигар даврањои гузаштаи феодалӣ замони бекасиву бенавоии аҳли илму адаб буд. Ҳоли баду тоқатфарсо доштани Мухлис барин аҳли илму адаб дар чанд банди мухаммаси зерини ӯ равшантар инъикос ёфтааст. Дар назари хонанда шахсияте ҷилвагар мешавад, ки дар дунё бештар ба ӯ яъсу навмедӣ, дили пурхун, бекасию танҳоӣ ва ранҷу азоб насибаш гаштааст. Ба андешаи мо дарди дили шоир дарди дили халқ ва шахсияти ӯ шахсияти халқ аст. Мухлис бедилвор аз ҳоли бади худу аз чархи каҷрафтор шикоят мекунад:

Зи мизмори ҳавас тори тараннум во нашуд бар ман,
Зи қонуни адаб зарфи такаллум во нашуд бар ман,
Зи халқи даҳр ҷуз чашми тазаллум во нашуд бар ман,
Ту, ай фарёдрас, бишнав тараҳҳум во нашуд бар ман,
Зи чархи каҷраваш ранги табассум во нашуд бар ман.

Ба меҳнат хӯ гирифтам доимо бо айш дар ҷангам,
Ғарибу оҷизам, ҳам бекасам афтодаву лангам,
Дили пурдард дорам рӯзу шаб Мухлис ба сад рангам,
Ба хун олудаам, аммо аз он чун гунча дилтангам,
Зи чархи каҷраваш ранги табассум во нашуд бар ман [5, вар. 106].

Дар байни мухаммасоти тазминии Мухлис мухаммасоте вомехӯранд, ки бар ғазалҳои Бедил баста шудаанд. Аз ин маълум мешавад, ки Мухлис на танҳо дар ғазалу мухаммасоти мустақили хеш ба Бедил пайравӣ кардааст, балки кӯшидааст, то бо мухаммас бастан ба бархе аз ғазалҳои Бедил бо ӯ то андозае табъозмоӣ намояд. Ин ҷо барои тасдиқи фикрамон чанд банде аз як мухаммаси Мухлисро мисол меорем:

Шоҳи ман ё раб ба мулки даҳр султон бинамат,
Халқро дар зери фармон чун Сулаймон бинамат,
То ба кай дар дил тасаввур карда пинҳон бинамат,
«Омадам то дар чаман бо ҷилва тозон бинамат,
Нашъа бар сар, май ба соғар, гул ба домон бинамат».

Умрҳо шуд рӯза аз моҳи висолат доштам,
Қути дил, ки гаҳ зи кунҷи шоми холат доштам,
Дида бар уммеди абрӯи ҳилолат доштам,
«Ҳамчу дил умре дар оғӯши хаёлат доштам,
Ин замон ҳамчун нигаҳ дар чашм мижгон бинамат».

Ё илоҳо, нахли умратро хазон моил мабод,
Ҳар куҷо бошӣ ту, Мухлис дур аз он манзил мабод,
Якдам аз ёдат насими обрӯ ғофил мабод,
«Гунчагиҳоят насиби дидаи Бедил мабод,
Чашми он дорам, ки то бинам гулистон бинамат» [5, вар. 86].

Ғазали Бедил аз 9 байт иборат буда, Мухлис низ ба пуррагӣ онро мухаммас бастааст. Аз ин мухаммас бармеояд, ки таваҷҷуҳи Мухлисро ақоиди ишқиву зебоипарастии Бедил низ ҷалб кардааст. Мухлис бо илова кардани семисраӣ ба ҳар як байт ба қадри ҳол тавонистааст, ки домани андешаҳои Бедилро фарохтар гардонад. Ба таври дигар гӯем, аз назари мазмуну мундариҷа, ҳадафу ғоя ва тарзи густариши фикр ин ғазали Бедил ба ақидаву диди зебоишиносии Мухлис мувофиқ афтодааст. Мухлис мувофиқи талаботи татаббуоту пайравӣ ва шарти бастани мухаммасот дар се мисраи ба байтҳои ғазали Бедил афзудаи худ аз назари мазмуну ғоя, сабку услуби баён ва анвои сувари хаёл шаклу мазмуни дар байтҳои ғазал ба миён гузоштаи Бедилро воқеан такмилу ривоҷ додаст [6].

Барои тақвияти фикри боло яке аз бандҳои мухаммасро таҳлил мекунем. Дар мисраи аввали байти якуми ғазал қаҳрамони лирикии шоир ба маҳбубааш мегӯяд, ки орзу дорам туро дар чаман, яъне дунё, зиндагӣ пайваста шоду хандон бинам. Дар мисраи дуюми ин байт орзуи худро бо таркибҳои бо таркибҳои «нашъа бар сар»-хушҳолӣ, «май ба соғар»-айшу тараб, ва «гул ба доман»-дурӣ аз дарду ғам пару бол бахшидааст. Мухлис низ бар бунёди ин байт дар мисраи якум чун давоми орзуи Бедил «ба мулки даҳр султон дидан», дар мисраи дуюм «чун Сулаймон халқро дар зери фармони ӯ дидан», дар мисраи сеюм «дар дил тасаввур карда пинҳон дидан»-ро овардааст, ки аз ҷиҳати таносуби маъно ва мазмун байти Бедилро комилтар гардонидааст. Яъне, Мухлис ба қадри ҳол тавонистааст домани мазмуни ғазали Бедилро фарохтар созад. Ба андешаи мо, ин ҷо аз лиҳози мазмуну услуби баён ва вазну қофия байни ду мисраи ғазали Бедил ва се мисраи иловакардаи Мухлис пайванди ногусастанӣ дида мешавад.

Аз ин чанд андешаҳои дар боло овардаамон метавон хулоса кард, ки Мухлиси Бадахшонӣ низ чун дигар шоирони гузаштаву ҳамзамони худ мафтуну шайдои забону услуб ва тарзи баёни зебову нотакрори Мирзо Абдулқодири Бедил гашта, алоқадри ҳол тавониста ба ӯ пайравию табъозмоӣ намояд. Гумон мекунем то андозае дар ин ҷода муваффақ гаштааст [7].

Дар фарҷом ба ин навиштаи худ байте аз Бедиро ҳусни мақтаъ қарор медиҳем, ки бори дигар бозгӯйи бузургиву нотакрорӣ ва ҳамешабаҳории сухани ӯст:

Бедил либоси байти хаёли ман тағаддудист,
Баъд аз ҳазор сол бароям, қуҳан наям.

А Д А Б И Ё Т

1. Туғрал Нақибхон. Гиёҳи меҳр: мунтахаби ашъор / Туғрал Нақибхон. Муаллифони дебоча ва мураттибони матну луғот А. Пӯлодов ва А. Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 351 с.
2. Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1956. 340 с.
3. Бобобек Азизмуродзодаи Раҳимӣ. Шарҳи шаст ғазали. - Душанбе: Деваштич, 2004. - 316 с.
4. Мирзо Абдулқодири Бедил. Ғазалиёт. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
5. Мухлис. Девони ашъор, нусхаи дастхатти рақами 66, захираи дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 144 вар.
6. Ҳикматов Ҷ.Ҳ. Забон ва услуби мухаммасоти Мухлиси Бадахшонӣ / Ҷ.Ҳ. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2010. - №1(57). - С. 290-297.
7. Ҳикматов Ҷ.Ҳ. Муҳтавои мухаммасоти Мухлис / Ҷ.Ҳ. Ҳикматов // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2004. - № 3. - С. 107-115.

СУННАТҲОИ САБКИ БЕДИЛ ДАР АШЪОРИ МУХЛИСИ БАДАХШОНӢ

Мирзо Абдулқодири Бедил бузургтарин намояндаи сабки ҳиндӣ мебошад, ки ин сабк аз асри XII то замони Бедил дар Ҳиндустон ҷараён дошт. Сабки ҳиндӣ, ки дар замони Бедил сабки пешрав ва ҳукмрон буд, таъсири он ба осори шоир ва ҳамзамононаш амри табиӣ мебошад. Яке аз шоирони соҳибдевони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Мухлиси Бадахшонӣ (1822-1891) мебошад, ки дар баъзе ғазалиёт ва мухаммасоти худ ба қадри имкон ба услуби баёни Бедил пайравӣ ва табъозмоӣ кардааст. Аз Мухлиси Бадахшонӣ то замони мо девони мукаммале боқӣ мондааст, ки миқдори абёти он 8244 байт мебошад. Девони Мухлис 335 ғазал, 234 мухаммас ва дигар анвои шеърӣ ба монанди рубоӣ, қасида, мусаддас, мувашшаҳ, тарҷеъбандро дар бар мегирад. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, Мухлис аз фасоҳату балоғат ва таровату накҳати гулистони ашъори Бедил мафтуну шайдо гашта, дар бархе аз ғазалиёт ва мухаммасоти хеш ба ӯ пайравӣ ва табъсанҷӣ намудааст. Ин пайравӣ ва табъозмоии Мухлис ба Бедил бештар дар ғазалиёте вомехӯранд, ки оҳанги ҳасбиҳолӣ ва ҳаётӣ доранд. Зеро дар ашъори Бедил дар баробари афкори сӯфиёнаву орифона, мавзӯоти гуногуни ҳаётиву дунявӣ ҳам дида мешаванд. Дар ин қабил ғазалҳо шоир рӯҳияи худу замонаашро тасвир кардааст. Маҳз ҳамин гуна ғазалҳо дархӯрди ҳоли Мухлис гашта, ба онҳо пайравӣ намудааст. Ба андешаи ин ҷониб, ба ин қабил ғазалҳо пайрави намудан ва умуман бо Бедил табъозмоӣ кардани Мухлис ду сабаб дорад: 1.Мувофиқ будани мавзӯоти ин қабил ғазалҳои Бедил ба рӯҳияи Мухлис ва вазъияти сиёсию иҷтимоии замони ӯ. 2.Дар баробари дигар шоирон (Исо-махдум, Ҳасрат, Фориғ, Шоҳин, Туғрал ва дигарон) як навъ табъозмоӣ намудани Мухлиси Бадахшонӣ ба сабку услуби Бедил, ки он дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар байни шуарои Мовароуннаҳр шуҳрат дошт.

Калидвожаҳо: Мухлиси Бадахшонӣ, Абдулқодири Бедил, ғазал, мухаммас, тазмин.

ТРАДИЦИИ СТИЛЯ БЕДИЛА В ПОЭЗИИ МУХЛИСА БАДАХШОНИ

Мирзо Абдулкодир Бедил является великим представителем индийского стиля, и данный стиль очень широко был распространен с XII века и в период жизни поэта и влияние данного стиля на поэтическое наследие поэта и его современников очевидна. Одним из поэтов второй половины XIX и начала XX веков является Мухлиси Бадахшони (1822-1891), который в некоторых своих газелях и мухаммасах использовал стиль Бедиля. В наследие от Мухлиса Бадахшони до наших дней дошел польный диван его сочинений, который состоит из 8244 бейтов. Диван Мухлиса состоит из 335 газелей, 234 мухаммасов и различных поэтических сочинений таких как рубаи, касыда, мусаддас, мувашшах, тарджеъбанд. Как было отмечено в статье Мухлис был польностью очарован поэзией Бедиля и в своих сочинениях подражал ему. Это подражение Бедилю встречается в тех газелях Мухлиса, которые имеют величественные и жизненные ноты. Так как в поэзии Бедиля кроме суфийской и мистической мысли также прослеживаются различные земные и жизненные темы. В данных поэтических сочинениях поэт изображает свое душевное состояние и дух своего времени. Именно данные газели повлияли на творчество Мухлиса и он подражал им. По мнению автора, подражение данным газелям Бедиля со стороны Мухлиса объясняется двумя причинами. 1.Соответствие данного жанра газелей душевному состоянию Мухлиса и социально-политическое состояние пеирода его жизни. 2. Наравне с другими поэтами (Исо-махдум, Ҳасрат, Фориг, Шохин, Туграл и других) подражание Мухлиса Бадахшони поэтическому стилю Бедила, в период его жизни – второй половины XIX и начала XX веков - в поэтической среде Мавераннахра дар имело большой успех.

Ключевые слова: Мухлис Бадахшони, Абдулкодир Бедил, газель, мухаммас, тазмин - подражание.

TRADITIONS OF THE STYLE OF BREED IN MOUHLIS BADAHSHONI'S POETRY

Mirzo Abdulkodir Bedil is a great representative of the Indian style, and this style was very widely spread from the XII century and during the poet's life and the influence of this style on the poetic heritage of the poet and his contemporaries is obvious. One of the poets of the second half of the 19th and early 20th centuries is Mukhlisi Badakhshoni (1822-1891), who in some of his ghazals and muhammas used Bedil's style. In the heritage of Mukhlis Badakhshoni to the present day came the floor sofa of his works, which consists of 8244 bates. The Mukhlis Sofa consists of 335 gazelles, 234 muhammas and various poetic works such as rubai, kasida, moussadass, muvashshah, targeband. As noted in the article, Mukhlis was completely fascinated by Bedil's poetry and imitated him in his writings. This imitation of the Bedil is found in those ghazals of Mukhlis, who have majestic and vital notes. Since Bedil's poetry, in addition to Sufi and mystic thought, also traces various earthly and vital themes. In these poetic works the poet depicts his state of mind and the spirit of his time. It was these gazelles that influenced the work of Mukhlis and he imitated them. In the author's opinion, the mimicry of Bedil's gazelles by Mukhlis is explained by two reasons. 1. Correspondence of this genre of gazelles to the mental state of Mukhlis and the socio-political state of the peirode of his life. 2. Along with other poets (Iso-mahdum, Qasrat, Forig, Shokhin, Tugral and others), the imitation of Makhlis Badakhshoni poetic style Bedil, during his life - the second half of the XIX and early XX centuries - in the poetic environment of Maverannahr Dar was a great success.

Key words: Mukhlis Badakhshoni, Abdulkodir Bedil, gazelle, muhammas, tazmin - imitation.

Сведения об авторе: ***Хикматов Джумъабой Хакимович*** – Таджикский технический университет им. академик М.С. Осими, заведующий кафедрой языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 908-44-12-37**
Шарифова Хурлико Курбонхоновна – Таджикский технический университет им. академик М.С. Осими, преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. акад. Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 919-32-00-55**

Information about the author: ***Hikmatov Jumaboy Hakimovich*** – Tajik technical University, academician M.S. Osimi, head of the Department of languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pr. Rajabovs 10.
Tel.: **(+992) 908-44-12-37**
Sharifov Huliko Kurbanovna – Tajik technical University. academician M.S. Osimi, lecturer of the Department of languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pr. Rajabovs 10. Tel.: **(+992) 919-32-00-55**

УДК: 891. 550-1

ТАВЛИДИ ШЕЪРИ «МАРГИ МАН РӮЗЕ…»

(намунае аз тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод аз ашъори шоирони олмонӣ)

Мансурова Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоири бузурги рус А.С. Пушкин мегӯяд, ки «шеър шавқу рағбати камтар касонест, ки шоир зода шудаанд. Шоир тамоми мушоҳидоту талошҳо, ҳама дарку тасаввури эшонро аз зиндагӣ ба худ ҷазб мекунад, фурӯ мебарад» [2, с.4].

Бо зикри ин андеша, дар ин мақола дар назар аст перомуни яке аз ҷанбаҳои фаъолияти эҷодии шоири бузурги адабиёти муосири Эрон Ф. Фаррухзод изҳори назар шавад.

Фурӯғи Фаррухзод, дар адабиёти муосири Эрон ҷойгоҳи махсусе дорад. Перомуни нақшу саҳми Фурӯғ дар рушду камоли адабиёти муосир пажӯҳишу таҳқиқоти зиёде анҷом шуда. Вале бо гузашти замон таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба шеъру сухани Фурӯғ вусъату

доманаи бештар касб мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ танҳо шоири дирӯзу имрӯз нест, шоири ояндаҳост.

Имрӯзҳо ҳар ҷо сухан аз шеъру адабиёт дар миён меафтад, дар радифи Нимо Юшиҷ, Аҳмад Шомлу, Суҳроби Сипеҳрӣ ва дигар чеҳраҳои шинохтаи адабиёти Эрон аз девони Фурӯғи Фаррухзод намунаҳо қироат мекунанду ёди ӯро гиромӣ медоранд, зеро ин иқтизои шеъри асил аст. Ба қавли Нодири Нодирпур шоири номвари муосир: «Фурӯғи Фаррухзод яке аз шаш шоираи маъруфи забони форсӣ ва низ яке аз се зани машҳури адаби Эрон дар даврони баъд аз инқилоби Машрута аст ва бинобар ин, номаш дар канори номҳои «Робиъа», «Маҳастӣ», «Қуратулъайн», «Парвин» ва «Симин» қарор дорад. Зеро, ки миёни ин шоирон шабоҳате аст ва сарнавишти онон таҳтушшуъои зиндагии ғайриодӣ қарор гирифтааст» [1, с.216].

Тозагӣ, ибтикорот ва вижагиҳои фавқулоддаи каломи Фурӯғ ҳамвора пажӯҳандагону дӯстдорони шеърашро ба худ маътуф доштааст, ки дар ин маврид низ мо аз Нодирпур нақли қавл мекунем: «Шеъри Фурӯғ мазомини тозатар надошта, балки лаҳне дорад, ки ҳеч як аз шоираҳои пешин надоштаанд, чаро ки ҳамаи он шоираҳо, ҳатто дар ашъори ошиқона ва ё ҳадиси нафсҳои ҷинсӣ низ бо лаҳну забони мардона сухан гуфтаанд» [4, с.217].

Фурӯғи Фаррухзод аз зумраи ҳунармандоне буд, ки лаҳзае аз таҳқиқу пажӯҳиш фориғ набуд. Ҳамеша кӯшиш мекард дар шеъраш сояи дидаҳову ёфтаҳои шоирони дигар кам бошад. Ҷаҳонро мехост аз даричаи зеҳну ҳуши худ бубинад. Воқеан агар ба дафтарҳои ашъори ӯ, ки иборатанд аз «Асир», «Девор», «Исён» ва «Таваллуде дигар» назар афканем, дунёеро пеши назар ҷилвагар мебинем, саросар аз калимоту ибораҳои тозаву дилфиреб. Ин дунёи зебову тамошоӣ бе ихтиёр зеҳни касро ба худ ҷалб мекунад ва дар муқобили мо чеҳраи ҳунарманде халлоқ ҳувайдо мешавад.

Тааммул дар осори гаронқадри шоира гувоҳ бар ин аст, ки дар тӯли зиндагии халлоқона ӯро ҳамеша эҳсоси камбуди замони зиндагиву эҷод ҳамроҳ будааст. Бо дарки ин воқеияти ногузир ӯ мудовим талош намудааст, то вақтро сарфи навиштану офаринандагӣ кунад, аз истироҳату фароғат канорагирӣ намояд.

Масъуди Фаррухзод бародари шоира перомуни ин эҳсосу масъулияти инсонии Фурӯғ дар ёддоштҳои хеш чунин изҳори назар намуда: «Фурӯғ ин ҷӯяндаву озмоишгари ноором ва туғёне, ки саропо шӯру шавқу талабу орзумандӣ буд, бо он ки рӯзҳояшро ба омӯхтани забони олмонӣ, сар кашидан ба китобхонаҳо, осорхонаҳо ва голиреяҳои наққошӣ ва намоишгоҳҳои аккосӣ мегузаронд, аз он ҷойе, ки ҳушмандона нидои дарунро боз шунида ва нек медонист, ки фурсаташ бисёр кам аст ва набояд ҳатто лаҳзае аз умрашро ба ҳадар бидиҳад» [3, с.8].

Ба андешаи муҳаққиқи рус Б. Бурсов «инсон огоҳона худро меофаринад, халқ мекунад, аз сӯйи дигар офаринандагӣ ҷуз талош ба сӯйи камолу боландагӣ чизи дигаре нест. Ин амри оливу шоистаест. Масири офариниш аз эҷодкор саъю талошҳои лозимро иқтизо дорад ва ӯро ба марзи мустақилият, худмухторӣ мекашонад. Замоне, ки ӯро зарур аст беш аз ҳар каси дигаре бо мардум бошад» [2, с.94].

Ин дидгоҳ дар мавриди Фурӯғ сидқ мекунад. Эҷоду офариниш барои ӯ ҷанбаҳои пуршуморе дошт. Ба ҷуз шеър ӯ наққошӣ менамуд, филмнома менавишт, филмбардорӣ ва ҳатто дар нақшҳо бозӣ менамуд. Ҳамзамон бо ин як гӯшаи сабзи зиндагии халлоқонаи вай тарҷумонӣ буд, махсусан тарҷумаи шоирони муосири Ғарб.

Ӯ зане буд ҷаҳондидаву ҷаҳонгашта ва дар баробари ин, ба ҳар кишваре, ки сафар мекард забони мардуми он сарзаминро саъй мекард ба ҳадди ақал аз рӯйи тавоноияш аз худ кунад. Вақте ба таърихи зиндагии шоир назар меафканем, мушоҳида мекунем, ки ӯ борҳо ба Олмону Итолиё, Инглистону Канада мусофират кардааст. Ҳар яке аз ин сафарҳо барои эҷодиёту зиндагии ӯ нақши бузурге мебозиданд. Хусусан, шоир чанд мартаба ба Олмону Инглистон сафар намуда муддате он ҷо зиндагӣ кардааст ва забони он кишварро чун забони модарии хеш ба ҳадди аъло фаро гирифтааст. Ҳамин забондонии ӯ буд, ки ашъори шоирони олмонӣ диққати ӯро ба худ хеле ҷазб менамояд ва Фурӯғ намунае аз ашъори шоирони бузурги олмониро тарҷума ва баррасӣ намудааст. Махсусан тарҷумаи ашъори шоири бузурги олмонӣ Осип Колентар ба шоир асари бузурге гузоштааст.

Осип Колентар шоир ва нависандаи бузурги Олмон буда, соли 1900 дар Олмон таваллуд ёфтааст. Аввалин сурудаҳои хешро бо номи «Шеърҳо барои кӯдакон» соли 1920 ба чоп расонидааст. Аз соли 1924 то соли 1934 ҳамчун рӯзноманигор фаъолият намудааст. Дар замони фаъолияти эҷодии хеш осори пуршуморе эҷод намуда, ки муҳимтаринашон ба шарҳи зер аст: «Сию се шеър», «Шоми бомуваффақият», «Ҳикояҳои ачиб», «Эҳдоси ишқаш дар Колумбиё» ва ғайраҳо.

Номбурда ҳамчунин китобҳои зиёдеро аз осори шоирону нависандагони бузурги ҷаҳонӣ бо забони олмонӣ тарҷума кардааст, ки иборатанд аз: «Хотираҳо» - и Балзак, «Соли дигар», «Таътил дар Аврупо» - и Шулин ва ғайраҳо.

Шоир соли 1972 дар зодгоҳи хеш чашм аз олам пӯшидааст.

Бояд хотиррасон намуд, миёни дидгоҳҳои адабии Фурӯғ мо ба андешаҳои зиёдаш перомуни адабиёт ва махсусан шеъри ғарбиён бармехӯрем, ки қобили мулоҳизаанд. Аз миёни шоирони олмонӣ ӯ бештар ба ашъори Осип Колентар рағиб буда. Гоҳо зиёд зери таъсири дунёи паймудаи зеҳни онҳо мондааст. Барои хонандагон шеъри «Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид» - и шоира ошност. Вале камтар касоне медонанд, ки ин шеър, ки як нав тааммули шоирона дар атрофи мақулаи марг аст, зери таъсири шеъри Осип Колентар «Вақте, ки марги ман фаро мерасад» эҷод шудааст. Таърихи халқи шеъри «Марги ман рӯзе…»-ро Масъуди Фаррухзод чунин баён дошта: «шабе пас аз тарҷумаи шеъри яке аз шоирони муосири Олмон Осип Колентар бо номи «Вақте ки марги ман фаро мерасад» Фурӯғ баногоҳ чеҳра дар ҳам кашид, сояе аз малол пешониаш нишаст, бо беҳавсалагӣ, қаламу дафтарро ба каноре гузошт ва сахт ба фикр фурӯ рафт, сукути бедалел, ки байни мо деворе кашида буд аз истефҳом, андаке ба дарозо кашид, сипас ӯ ба баҳонаи хастагӣ ва хоб зудтар аз маъмул ба утоқи худ рафт ва дарро ба рӯйи худ фурӯ баст. Субҳи фардо сари мизи субҳона ҳам он ҳолу ҳавои ҳамешагиро надошт, намегуфту намехандид ва андуҳноку малул менамуд, аммо пас аз сукуте, ки мерафт маро ба садо даровард. Саранҷом пораи коғазеро, ки дар даст дошт, каме гушуду гуфт: - «Шеъри дирӯз рӯйи ман асари аҷибе гузошт, тавре ки бештари шаб бедор будам ва билохира бо илҳом аз он шеър, барои марги худам як шеър сурудам, дӯст дорӣ бароят бихонам?» Ва хонду хонд, бо садои латифу ғамнок ва каме муртаиш шеърро хонд, чунонки ҳанӯзу ҳанӯз пас аз гузашти ин ҳама сол ӯро дар ҳоли хондани шеъре, ки барои марги худаш суруда буд, мебинам» [3, с.9].

Дар зер шеъри мазкур аз Осип Колентар, ки «Вақте, ки марги ман фаро мерасад» ном гирифтааст, бо забони олмонӣ ва тарҷумаи Фурӯғ бо забони форсӣ оварда шудааст:

Wenn mich der Tod erelit

Wenn mich Tod erelit, warden noch viele / Bücher in meinen Regalen
stehen, die ich lesen wollte, spatter in besseren Tagen villeicht.
Wenn mich Tod erelit, warden noch viele / Geschichten sein, die ich
schreiben wollte: ich habe sie nicht erreicht.
Neue Sommer werdwn kommen, und alles wird weitergehn: / Morgen und
Abend, Woche und Mond und Jahr um Jahr – was hat es für Wertā
Dann ist niemand mehr in der Welt, den ich geliebt, / neimand, mit dem ich
froh den Becher geleert… [5, с.156].

Вақте, ки марги ман фаро мерасад…

Вақте, ки марги ман фаро мерасад, ҳанӯз китобҳои зиёде дар ганҷаи ман
хоҳанд буд, ки ман мехостам онҳоро бихонам.
Баъдҳо шояд дар рӯзҳои беҳтаре,
Вақте, ки марги ман фаро мерасад, ҳанӯз достонҳои зиёде,
хоҳанд буд, ки ман мехостам онҳоро бинависам.
Ман ҳеч вақт ба онҳо нарасидам
Тобистонҳои тоза хоҳанд омад ва ҳама чиз идома хоҳад ёфт.
Субҳу аср, ҳафтаву моҳ ва солҳои сол,
Ин чӣ арзише дорад? … [5, с.157].

Фурӯғ дар шеъре, ки даҳ сол пеш аз марги худ суруда буд, рафтан аз ин дунёи тиҳиро чунин тасвир карда буд:

Марги ман рӯзе…

Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид:
Дар баҳори равшан аз амвоҷи нур,
Дар зимистони губоролуду дур,
Ё хазони холӣ аз фарёду шӯр.
Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид:
Рӯзе аз ин талху ширин рӯзҳо,
Рӯзи пуче ҳамчу рӯзони дигар.
Сояе аз имрӯзҳо, дирӯзҳо.
Дидагонам ҳамчу долонҳои тор,
Гунаҳоям ҳамчу мармарҳои сард.
Ногаҳон хобе маро хоҳад рабуд.
Ман тиҳӣ хоҳам шуд аз фарёди дард… [6, с.126].

Нигоҳи иҷмолӣ ба муҳтавои ашъори мазкур нишон медиҳад, ки сурудаҳо ҳарчанд шабоҳату ҳамсониҳои зиёде доранд, вале ҳамзамон дидгоҳу талаққии онҳо перомуни мақулаи марг ҳамчун падидаи ногузири ҳастӣ шомили тафовутҳоест.

Натиҷае, ки аз баррасии шеъри шоири олмонӣ ба зеҳн мерасад ин аст, ки марг бо вуҷуди хеш тамоми имконоти лозимро аз инсон мерабояд. Орзуҳо, хоҳишҳо нотамом мемонанд. Китобҳо нохондаву осори нав нонавишта мемонанд. Ин дар ҳолест, ки раванди ҳастӣ идома дорад.

Дар шеъри Фурӯғ бошад, тарсими фазо дигаргунтар аст. Ӯ ҳатмӣ, ногузир будани ин марҳилаи зиндагии инсониро пазируфта ва дар муқобили он эътирози хоссе надорад. Ҳасрате тарсолуд дар зеҳнаш мавҷ мезанад. Ҳасрат аз ин ки барояш замони дақиқи расидани марг маълум нест.

Сарнавишти ҳар касеро чунин мақтае ҳаст. Афсӯси шоир аз ин аст, ки бо гузашти замон аз ӯ ному нишоне наемонад, гӯри ӯ гумном мегардад. Орзуи наҷиби ӯ ин аст, ки сари мазораш ҳамеша гулпӯш бошад.

Рӯйҳамрафта баррасии амиқи осори тарҷуманамудаи Фурӯғ имконият медиҳад, нукоти наве дар иртибот бо ҷаҳони фикру андешаи ӯ кашф гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Б. Аббосӣ. Ба офтоб саломи дубора хоҳам дод // Шеърҳо, зиндагӣ ва баррасии ашъори Фурӯғи Фаррухзод. - Теҳрон, 1382. - 576 с.
2. Бурсов Б. Судьба Пушкина / Б. Бурсов. – Советский писатель; Ленинградское отделение, 1985. – 512 с.
3. Масъуди Фаррухзод. Маҷмӯае аз намунаҳои осори шуарои олмонӣ дар нимаи аввали қарни бистум. - Теҳрон, 1379. – 156 с.
4. Б. Ҷалолӣ. Ҷовидона зистан дар авҷ мондан / Б. Ҷалолӣ. - Теҳрон, 1377 – 820 с.
5. Dominic Parviz Brookshaw & Nasrin Rahimieh. Forugh Farrokhzod Poet Of Modern Iran (Iconic Women and Feminine Pioneer of New Persian Poetry). - London, 2010 – 164 p.
6. Ismail Salami. Forough Farrokhzad.Another birth (Selected Poems). - Tehron, 1381 – 149 p.

ТАВЛИДИ ШЕЪРИ «МАРГИ МАН РӮЗЕ…»

(намунае аз тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод аз ашъори шоирони олмонӣ)

Дар ин мақола намунае аз тарҷумаҳои Фурӯғи Фаррухзод, шоираи муосири Эрон, овардашудааст, ки вай дар баробари шеър гуфтан инчунин ба тарҷумонӣ низ пардохтааст. Ва метавон қайд намуд, ки тарҷумаҳои ӯ арзишҳои махсуси адабиро доро ҳастанд. Диққати шоирро бештар шоирони Ғарб ба худ зиёд ҷазб кардаанд, зеро ӯ дар давоми умри хеш борҳо ба кишварҳои Олмону Инглистон, Канада ва ғайраҳо сафар намудааст. Маҳз сафарҳову ҷаҳонгардии ӯ буд, ки қобилияти тарҷумонӣ дар ӯ сайқал ёфт. Фурӯғ ҳангоми сафарҳои хеш аксарияти забонҳои он кишваррҳоро аз рӯйи қобилияти хеш аз худ намуда буд. Хусусан бояд қайд намуд, ки ашъори шоирони олмон ба Фурӯғ бештар ҷолибтар гаштаанд. Ва аз байни ашъори шоирони олмонӣ, ки онҳоро Фурӯғ тарҷума намуда буд, ашъори яке аз шоир ва нависандаи бузурги Олмон, Осип Колентар, ба ӯ бештар писанд гашта буд. Чунки яке аз шеърҳои ӯ, ки мавзӯи маргро дошт, диққати шоирро ба худ бисёр ҷазб намудааст. Ва баъд аз тарҷумаи ин шеър Фурӯғ тавонист, ки дар давоми як шаб шеъреро эҷод намояд, ки он шеър марги худи шоирро васф мекард. Фурӯғ, воқеан, дар зиндагии худ вақтро хеле гарон медонист. Доимо вақти хешро сарфакорона истифода мекард. Ҳамеша кӯшиш мекард дунболи эҷодиёту омӯзиш бошад. Ӯ яке аз шоироне буд, ки қобилиятҳои наҷибе дошт ва ин қобилиятҳои шоир таҷассумгари ашъори баландмазмуни ӯ мебошанд.

Калидвожаҳо: Ф. Фаррухзод, адабиёт, ашъор, тарҷума, марг, Ғарб, Осип Колентар.

СОЗДАНИЕ СТИХОТВОРЕНИЕ «МАРГИ МАН РУЗЕ…»

(образцы переводов Фуруга Фаррухзода из немецкой поэзии)

Статья посвящена анализу переводов современной иранской поэтессы Фуруга Фаррухзода, которая наряду с поэзией также занималась с переводом. И можно отметить, что её переводы имеют особую литературную ценность. Основное внимание поэтессы было направлено на немецкую поэзию, потому что она в течение своей жизни путешествовала по Германии, Англии, Канаде и т. д. Именно её путешествия и поездки помогли ей стать хорошим переводчиком. Фуруг изучала языки этих стран во время своих поездок. В частности, следует отметить, что немецкая поэзия стала более привлекательной для Фуруг. И из утонченной немецкой поэзии, которую переводила Фуруг, ей особенно нравилась поэзия одного из великих немецких поэтов и писателей Осипа Колентара. Одно из его стихотворений, которое было посвящено смерти, больше всего привлекло внимание поэтессы. После перевода этого стихотворения Фуруг смогла написать стихотворенье в течение одной ночи, в котором было сказано о ее смерти. Фуруг в действительности в своей жизни знала цену времени. Всегда использовала своё время эффективно. Непрерывно старалась быть творческим и образованным человеком. Она была одной из поэтессы, у которых были большие возможности, и эти возможности Фуруг воплотились в высоком содержании ее поэзии.

Ключевые слова: Ф.Фаррухзод, литература, поэзия, перевод, смерть, Запад, Осип Колентар.

CREATION POEM OF «МАРГИ МАН РУЗЕ…»

(models of transfers of Furughi Farrukhzod from the german poetry)

This article is a model of transfers of modern Iranian poetess, Furughi Farrukhzod, one of the poetess who on a row from poetry was also engaged with the translation. Also it is possible to note, that her translations have special literary values. The majority attention of the poet have been directed to the German poetry, because she during the life traveled around Germany, England, Canada, etc. Her travels and trips could gain in her ability of the translations. Furugh looking at the abilities learned the majority of languages of these countries during the travels. In particular, it should be noted that the poetry of the German poetry became more attractive to Furugh. And from distinguished German poetry which translated them by Furugh, she more approved to poetry of one of great German poets and the writer Osip Kolentar. Because one of his poems devoted to death has drawn more attention of the poet. After the translation of this poem by Furugh, she could wrote the poem during one night which in poem it has been told about her death. Furugh in fact in her life knew about value of time. Always used the time effectively. Constantly tried to be creative and educated. She was one of poetess which had great opportunities and these opportunities of Furugh is embodied in her high content of poetry.

Key words: F. Farrukhzod, literature, poetry, translation, death, West, Osip Kolentar.

Сведения об авторе: ***Мансурова Рухшона Умарходжаевна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **rukhshona.mansurova@list.ru.** Телефон: **(+992) 93-926-72-77**

Information about the author: ***Mansurova Rukhshona Umarkhujaevna*** - Tajik National University, postgraduate of department of Iranian philology of Asia and Europe languages faculty. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **rukhshona.mansurova@list.ru.** Tel: **(+992) 93-926-72-77**

УДК: 491.55+491.550+492.7.09

НАҚШИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Сатторов А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки робитаи фарҳангӣ миёни арабу тоҷикон таърихи хеле тӯлонӣ дошта, ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён реша гирифтааст. Вақте ки сухан дар бораи таъсири забони арабӣ меравад, нуктаеро зикр кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи футуҳоти араб ва интишори ислому Қуръон дар сарзамини Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр дусад сол гузашта буд, ки дар ин муддат нуфузи забони арабӣ тадриҷан васеъ гардида, торафт мавқеи лаҳҷаҳои паҳлавиро танг менамуд ва дар натиҷа, забони расмӣ ва адабии форсизабонони ин аср гардид. Зеро дар ин муддат, бештари мардуми Осиёи Ғарбиву Марказӣ ва шимоли Африқо то Андалус исломро ба сифати дини худ пазируфта буданд. Бинобар маълумоти сарчашмаҳо, ҳар форсинажоде, ки мехост осору таълифоташ дар байни аҳли илму адаб мақому мартаба ва ё манзалатеро сазовор гардад, ӯро лозим буд то ба ин забон осори худро таълиф намояд. Аз ин рӯ, донишмандон ва суханварони форс-тоҷик забони арабиро дар камоли устодӣ медонистанд ва баъзе аз шоирони ин давра бо ин забон шеър мегуфтанд ва касе садди роҳи ин набуд.

Дар ин бобат Абӯмансур Абдулмалик ас-Саъолабии Нишопурӣ чунин ишора менамояд, ки таълими арабият ва арабигароӣ беш аз ҳама ба табақоти болоии ҷамъияти эронӣ хос буда, миёни онон бо суръати тамом ҷараён гирифтааст. Дар байни мардуми авом бошад, таълими арабият мунҳасир буда, ҳатто, мардум барои адои намози панҷвақта оятҳои заруриро хонда наметавонистанд ва ба қавли Наршахӣ, «Қуръон»-ро ба форсӣ мехонданд» [1, с.131].

Бояд қайд намуд, ки дар ду асри аввал мақоми забон ва адабиёти араб нуфузи зиёде пайдо намуда, барои равнақу инкишофи минбаъда заминаи хуб гузошт. Аммо, дар натиҷаи муборизаи фикрӣ ва сиёсии мардуми форс-тоҷик аз тамоюлоти худогоҳию истиқлолталабии онҳо давлатдории тоҷикон Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ба вуҷуд омад, ки ин амр ранги дигареро ба худ касб намуда, оқибат ба наҳзатҳои фикрию адабӣ анҷомид, ки дар тӯли як қарн тавонист фарҳанги миллӣ ва забону адабиёти форсӣ-тоҷикиро дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул намуда, шуҳрати намояндагони онро, чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саноиву Аттор, Мавлонову Саъдӣ ва Хоҷуву Ҳофиз ва осори манзуму мансури эшонро дар тамоми сарзамини хилофати араб муаррифӣ намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар аҳди Сомониён низ забони арабӣ ҳанӯз забони илму андеша ва адаб буд ва иддаи зиёде аз осори илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ, пандномаҳо ва андарзномаҳо, ҳикоятҳои ахлоқӣ ва достонҳои қаҳрамонӣ бо забонҳои эронӣ, суриёнӣ ва ҳиндӣ дар қолаби тарҷумаҳои арабӣ ва бештар бо қалами тарҷумонҳои форсизабон таълиф мегардид.

Ҳамчунин, ин нуктаро низ бояд қайд намуд, ки дар тӯли дусад сол адибони эронинажод шеъри арабӣ месуруданд ва аз осори хаттиву адабии араб, бахусус ба Қуръон ва аҳодиси набавӣ, хеле хуб ошно шуда, аз он илҳом гирифта, дар осори худ аз ояҳои қуръонӣ ҳамчун талмеҳ, истиора ва табаррук иқтибос меовардand. Зеро хондани Қуръон ва ҳифзу омӯхтани илмҳои марбут ба он аз илмҳои асосӣ ба шумор рафта, дар мадрасаҳо омӯзонида мешуд. Ибораҳои он бар забони гӯяндагон ва тамоми нависандагон ҷорӣ буда, дар ҳар коре аз дин, шаръ, луғат ва иншо гирифта, то таҳзиби ахлоқу тадбири манзил ва сиёсату тадбири мамлакат роиҷ буд. Хатибон ва нависандагон услуби онро дар хитобаҳо ва навиштаҳои худ иқтибос мекарданд ва дар таълифоти худ аз оятҳои он мадад меҷустанд ва одобу таълими он дар ахлоқ ва атвори эшон ҳувайдо буд. Масалан, аз байти зерини Хоҷуи Кирмонӣ хулоса кардан мумкин аст, ки шоир забони арабӣ ва илми қуръониро бо камоли устодӣ медонистааст:

Аввали беинтиҳову охири беибтидо,
Молики бешштироку воҳиди беинъидом [4, с.495].

Шоир дар ин байт аз мазмуни Қуръон истифода намуда, калимаҳои «аввал», «интиҳо», «охир», «ибтидо», «молик», «иштирок», «воҳид» ва «инъидом»-ро истифода

намудааст, ки онҳо арабӣ буда, шоир бо илова намудани пасвандҳои пайвасткунандаи тоҷикӣ истифода намудааст.

Донишмандони он аср мазмуни оятҳои қуръониро дар зеҳни худ чунон ҷойгир намуда буданд, ки агар касе ҳарфе ё калимае мегуфт, дарҳол ояти марбута ва маънии онро дарк мекарданд.

Аз ин бармеояд, ки ҳар як шоиру нависанда аввал забони арабӣ ва Қуръону ҳадисро хуб меомӯхт, баъдан ба дигар илмҳо рӯ меовард. Аз ин рӯ, вожаҳои зиёди арабӣ тавассути Қуръону аҳодиси набавӣ вориди шеъри адабиёти форс-тоҷик шуданд, ки то асри мо дар ин забон истифода мешаванд. Аз ҷумла, закот, ҳаҷ, муслим, муъмин, кофар, ҷиҳод, мунофиқ, фосиқ, ҳадис, оят, Қуръон, иқома, талоқ, қибла, меҳроб, таслим, кавсар, сақар, ҳур, ғилмон, хулд, наъим, шаҳодат, рукуъ, суҷуд, салом, масҷид, садақа ва ғайра.

Илова бар ин, сабаби дигари таъсири забони арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар он буд, ки шоирон ва нависандагон эҷодиёти худро ба Қуръон ва тақлид ба фасоҳату балоғати он намуданд ва ин пайравӣ аз даврaҳои аввали густариши дини мубини ислом мушоҳида мешуд, ки дар пояи он эҷодиёти худро боло мебурданд. Бинобар ин, бисёре аз абёту ибораҳои ин бузургонро «ишора», «талмеҳ», «иқтибос», «таҳлили оят», «қисса», «образҳои қуръонӣ» ва «тамсил»-ҳои гуногуни ин китоби мубин ва суханони Паёмбари бузургвори ислом ташкил медиҳад ва ҳамаи ин бузургон дар иборапардозӣ ва баёни он чизе, ки дар зеҳнашон буд аз ин ду мабдаъ баҳравар шудаанд.

Аз ин лиҳоз, агар касе даъво кунад, ки ашъори Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ, Хоҷу, Ҳофиз, инчунин, садҳо тан аз шоирони дигарро бе донистани луғати арабӣ ва илми Қуръону тафсири он ва аҳодиси набавӣ ба дурусти мефаҳмад, сухани ӯ қобили қабул нест. Аҷаб нест, ки ин бузургон худ иқрор карданд, ки: «Ҳарчи доранд ҳама аз давлати Қуръон аст» [6, с.454].

Яке аз ин гуна шоирони баландпоя ва муқтадири адабиёти форсу тоҷик, ки дар ашъори худ бо таъсири Қуръону ҳадис бевосита аз калимаю ибораҳои забони арабӣ истифода намудааст, ин Камолиддин Абулатоъ Маҳмуд ибни Алӣ ибни Муҳаммади Кирмонӣ, машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ мебошад. Ӯ соли 689 (ҳ.қ) мутобиқ ба соли 1281 (м) дар шаҳри Кирмон ба дунё омадааст. Айёми тифлӣ ва наврасии худро дар Кирмон гузаронида, сипас ба Шероз, Исфаҳон, Ҳиҷоз, Табрез, Хуросон, Бағдод, Миср ва Шом сафар карда, даҳ соли охири ҳаёташро дар Кирмон ва Шероз гузаронидааст. Хоҷу дар замоне умр ба сар бурд, ки забони арабӣ, Қуръону аҳкоми он ва аҳодиси набавӣ дар тамоми ҷанбаҳои рӯзгори мусулмонон, аз он ҷумла дар шеъру адаби онон низ таъсири беандоза дошт.

Таъсири забони арабӣ дар шеъри Хоҷу хеле зиёд ба чашм мехӯрад. Шоир илова бар ин ки дар ашъори форсии худ мисраву абёти арабӣ меоварад, рубоиёте низ ба забони арабӣ сурудааст. Хоҷу дар ашъораш баҳри расонидани мақсади худ аз тамоми имконият истифода намудааст. Вай мекӯшид, ки дар камтарин сухан бештари маъниро биёварад.

Масалан, байти зерини таҳмидияро ба забони арабӣ эҷод намуда, аз мазмуни ояҳои қуръонӣ истифода намуда, мегӯяд:

Субҳона ман тақаддаса бил -ъиззи вал-ҷалол,
Субҳона ман тафаррада бил-ҷуди вал- ҷамол [4, с.326].

Хоҷу бо ҳунари волои шоирона ва малакаи суханварии худ чаҳор сифати бечунучарои Илоҳиро дар ду мисраъ шарҳ додаст. Шоир оғози байтро бо калимаи «Субҳона» шурӯъ намудааст, зеро он вожаест, ки дар ҳолати дуо Худоро дорои беҳтарин шоистагиҳо, тавоноиҳо ва ин ки танҳо ӯ сазовори парастиш аст, истифода мекунанд. Тасбиҳи «Субҳоналлоҳ», яъне пок аст он Зот аз тамоми айбу нуқсон ва шубҳаҳои фосиду гумонҳои бад ва решаи он аз «сабҳ» гирифта шуда, маънияш «дур будан» аст. Шоир низ ин калимаро истифода намуда мегӯяд:

Пок аст он Зоте, ки дар бузургию ҷалол бемисл аст,
Пок аст он Зоте, ки дар каримиву зебоӣ ягона аст.

Дар байти зерин низ ҳамду ситоиши Офаридгорро бо забони арабӣ баён намуда, мегӯяд:

Субҳона ман саббаҳаҳур-рамлу фил қифор,
Субҳона ман тақаддасаҳул ҳуту фил биҳор [4, с.153].

Хоҷу оғози ин байтро низ бо тасбиҳи «субҳона» шурӯъ намудааст, зеро дар оғози ҳар кори хайр ва дуо бандагон ин сифати Офаридгорро ёд карда, онро ҳамчун табаррук истифода мекунанд. Хоҷу низ ин тасбиҳотро истифода намуда, мегӯяд:

Пок аст он Зоте, ки ӯро регҳо дар биёбон ситоиш мекунанд,
Пок аст он Зоте, ки бузург медорад ӯро моҳиҳо дар баҳр.

Хоҷу бо ҳунари волои шоирона, дар эҷоди ин мисраъҳо аз мазмуни ояҳои қуръонӣ истифода намудааст. Шоир дар ин мисраъҳо хонанда ва шунавандаро водор мекунад, ки рӯй ба маонии Қуръон биёрад, зеро ин вожаро Худованд дар чанде аз сураҳои ин китоби

осмонӣ ёд кардааст, хусусан сураҳои «Ҳадид», «Ҳашр», «Саф», «Ҷумъа» ва «Тағобун» бо «субҳона» оғоз шудаанд.

Ё дар байти зерин аз чор сифати бечунучарои Офаридгор ёд карда, он шавқу завқи ботинии худро бо забони арабӣ берун намуда, мегӯяд:

Ё бориял бароё, ё зориял зарорӣ,
Ё роъиял раъоё, ё муҷриял ҷаворӣ [4, с.305].

Яъне:

Эй офаринандаи офаридагон, эй халққунандаи наслҳо,
Эй нигоҳдоранда ва пуштибони фармонбардорон (бандагон, раият), эй ҷорикунандаи ҷоришавандаҳо (киштиҳо).

Чуноне ки дар боло қайд намудем, таъсири забони арабӣ дар ашъори шоирони форсу-тоҷик, пеш аз ҳама, дар пайравӣ ва истифода аз калимаю ибораҳои Қуръон буд.

Ё дар байти дигар мефармояд:

Ё воҳибал атоё, ё дофиал балоё,
Ё гофирал хатоё, ё мусрияс- саворӣ [4, с.306].

Шоир дар ин байт Парвардигори оламиёнро васф карда мегӯяд:

Эй беҳтарин бахшояндагон, эй дуркунандаи балоҳо,
Эй бахшандаи хатоҳо, эй сайркунонандаи шабонгоҳон.

Хоҷу дар ин мисраъҳо бо камоли устодӣ ва ҳунари волои суханпардозӣ бо қасди истишҳод ҳунару истеъдоди худро нишон дода, илова ба забони арабӣ боз дар ҳар таркиби он ояте аз ояҳои қуръонӣ ва ё аз талмеҳоти исломӣ истифода кардааст.

Шоир дар ғазалиёти арабии хеш на танҳо аз Қуръону ҳадис баҳра бардоштааст, балки аз дуоҳо ва хутбаҳои динӣ, ки дар адабиёти араб бо номи «хитоба» машҳур аст, хело устодона истифода намудааст. Масалан, дар нахуст ин байти ғазале, ки ба Паёмбари Акрам (с) бахшида шудааст, чунин омадааст:

Алҳамду лиллоҳил-лазӣ халақас-самовотил-ъуло,
Авҳо ила ман лоҳа мин оётиҳи нурул-ҳудо [4, с.496].

Хоҷу дар ин байт Худоро ҳамд гуфта, мегӯяд, ки нишонаҳои Офаридгорро тамоми башарият мебинанд:

«Ҳамду ситоиш мар Худойро, ки офарид осмонҳои баландро,
Фиристод ба сӯйи шахсе, ки менигарист аз нишонаҳо (оёт)-и ҳуд, нури ҳидоятро».

Ҳамчунон ки зикр намудем, баъди зуҳури дини ислом ба воситаи Қуръон ва дигар аҳкоми динӣ, баъзе аз калимаҳо вориди забони форсӣ-тоҷикӣ гардиданд, ки онҳо мувродифҳои худро дар ин забон пайдо накарданд ё дар баробари мувродифи худ мутобиқи савтиёти забони форсӣ-тоҷикӣ онҳо ба фонди луғавии ин забон дохил шуданд. Масалан, Хоҷу дар байти зерин аз санъати тансиқи сифот (сифатчинӣ) истифода намуда, Худовандро бо сифатҳои «розиқ», «холиқ», «зоҳир» ва «ботин» сутуда, мегӯяд:

Ҳам розиқи берайбиву ҳам холиқи беайб,
Ҳам зоҳири пинҳонию ҳам ботини пайдо [4, с.1].

Хоҷу дар мисраи дувуми ин байт бо ҳунари суханварӣ аз такрори калимаҳо парҳез намуда, вожаҳои «зоҳир» ва «ботин»-ро бо мувродифҳояшон «пинҳон» ва «пайдо» зикр намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки ин ду вожа гарчӣ дар забони тоҷикӣ мувродифҳои худро доранд, аммо ба фонди луғавии ин забон ворид шуда, ба таври васеъ истифода мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. - Душанбе, 2001. - 219 с.
2. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. - 262 с.
3. Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода. Мероси адабии Носири Бухорӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV. – Душанбе, 2013. - 338 с.
4. Куллиёти ашъори Хоҷуи Кирмонӣ: бо иҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмад Суҳайли Хонсорӣ. -Теҳрон, 1391. -728 с.
5. Қуръони Карим матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 606 с.
6. Қумшаӣ Муҳиддин Ҳусайн Илайҳи. Сесаду панҷоҳу шаш рӯз дар суҳбати Қуръон. - Теҳрон, 1390. - 956 с.
7. С. Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Чопи дувуми ислоҳшуда ва иловашуда. - Душанбе: ЭР-Граф, 2010. - 1562 с.

НАҚШИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки робитаи фарҳангӣ миёни арабу тоҷикон таърихи хеле тӯлонӣ дошта, ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиён реша гирифтааст. Вақте ки сухан дар бораи таъсири забони арабӣ меравад, нуктаеро зикр кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи футуҳоти араб ва интишори ислому Қуръон дар сарзамини Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр дусад сол гузашта буд, ки дар ин муддат нуфузи забони арабӣ тадриҷан васеъ гардида, торафт мавқеи лаҳҷаҳои паҳлавиро танг менамуд ва дар натиҷа, забони расмӣ ва адабии форсизабонони ин аср гардид. Зеро дар ин муддат, бештари мардуми Осиёи Ғарбиву Марказӣ ва шимоли Африқо то Андалус исломро ба сифати дини худ пазируфта буданд. Бинобар маълумоти сарчашмаҳо, ҳар форсинажоде, ки мехост осору таълифоташ дар байни аҳли илму адаб мақому мартаба ва ё

манзалатеро сазовор гардад, ӯро лозим буд то ба ин забон осори худро таълиф намояд. Аз ин рӯ, донишмандон ва суханварони форс-тоҷик забони арабиро дар камоли устодӣ медонистанд ва баъзе аз шоирони ин давра бо ин забон шеър мегуфтанд ва касе садди роҳи ин набуд. Таъсири забони арабӣ дар ашъори шоирони форс-тоҷик, пеш аз ҳама, дар пайравӣ ва истифода аз калимаю ибораҳои Қуръон буд. Мақола ба омӯзиши нақш ва таъсири забони арабӣ ба давраи Хоҷуи Кирмонӣ бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст то мавқеи забони арабиро дар мероси адабии намояндагони намоёни адабиёти форсу тоҷик ошкор созад

Калидвожаҳо: Хоҷуи Кирмонӣ**,** забони арабӣ, адабиёти тоҷик, таъсири забони арабӣ, панду ҳикматҳои Пайёмбар, даврai исломӣ.

РОЛЬ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ГАЗЕЛЯХ ХОДЖУ КИРМАНИ

Исследования показывают, что литературные связи между арабским и таджикским народом имеют давнюю историю начиная с периода правления Ахеменидов. Когда речь идет о влиянии арабского языка, нужно отметить тот факт, что с арабского завоевания и распространения Ислама и Корана на землях Ирана, Хорасана и Мавераннахра прошло более двести лет, и за это время очень широко распространилось влияние арабского языка и постепенно ограничивало позицию языка пехлеви и в результате стал официальным и литературным языком всех персоязычных данного периода. Так как в это время большинство народов Западной и Центральной Азии и востока Африки до Андалусии приняли ислам в качестве своей религии. По сведениям источников каждый персоязычный, который хотел достичь положения в научных и литературных кругах сочинял свои произведения именно на арабском языке. Поэтому, персидско-таджикские ученые и литераторы того времени в совершенстве владели арабским языком и некоторые поэты данной эпохи сочиняли стихи на арабском языке. Влияние арабского языка в наследии персидско-таджикских поэтов прослеживалось в следовании и использовании слов и словосочетаний из Корана. Статья посвящена роли и влиянию арабского языка в эпоху Ходжу Кирмани. Автором предпринимается попытка выявить место арабского языка в творческом наследии видных представителей таджикско-персидской литературы, а также проследить факторы, способствующие росту его влияния на их мировоззрение.

Ключевые слова: Ходжу Кирмани**,** арабский язык, таджикская литература, арабское влияние, изречения Пророка, исламский период.

THE ROLE OF THE ARABIC LANGUAGE IN THE HODZHUI KIRMONI GHAZALS

Studies show that literary connections between the Arab and Tajik people have a long history since the reign of the Achaemenids. When it comes to the influence of the Arabic language, one should note the fact that more than two hundred years passed from the Arab conquest and the spread of Islam and the Koran on the lands of Iran, Khorasan and Maverannahr, and during this time the influence of the Arabic language became very widespread and gradually restricted the position of the Pahlavi language and as a result became the official and literary language of all Persian speakers of this period. Since at that time most of the peoples of Western and Central Asia and eastern Africa before Andalusia accepted Islam as their religion. According to sources, every Persian speaking person who wanted to achieve a position in the scientific and literary circles compiled his works in Arabic. Therefore, Persian-Tajik scholars and writers of that time perfectly mastered the Arabic language and some poets of this era composed verses in Arabic. The influence of the Arabic language in the heritage of Persian-Tajik poets was traced in following and using words and phrases from the Koran. The article is devoted to the role and influence of the Arabic language in the era of Khoju Kirmani. The author attempts to reveal the place of the Arabic language in the creative heritage of prominent representatives of Tajik-Persian literature, as well as to trace the factors that contribute to the growth of its influence on their worldview.

Key words: Hodzhu, Arabic language, the Tajik literature, Arabic influence, Quran, profit period.

Сведения об авторе: ***Сатторов Амирхамза*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде, аспирант кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/6. E-mail: **Amirhamza-1983@mail.ru**. Телефон: **(+992 37) 232-50-00**

Informan about the author: ***Sattorov Amirhamza*** - Tajik state Institute of languages S. Ulugzada, post-graduate student of the Department of theory and history of literature. **Address:** 734019, Tajikistan, Dushanbe, St. Mukhammadieva 17/6. E-mail: **Amirhamza-1983@mail.ru.** Tel.: **(+992 37) 232-50-00**

УДК: 9 (с 53)

ТАСВИРИ ВАҚОЕИ ТАЪРИХИИ ОХИРИ АСРИ ХХ ДАР АСАРҲОИ Ю. АҲМАДЗОДА «ҲАФТ РӮЪЁ» ВА А. САМАД «ГАРДИШИ ДЕВБОД»

Мунира Раҳимзода
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Муносибати нав ба таърих ва неруҳои мутаҳаррики он на танҳо мазмун, балки шакли асарҳои адабиёти даврони истиқлолро низ тағйир дод. Дар ин давра дар саҳафоти ҳикояву повест ва роман сифатҳои халқи итоатнопазир ва мубориз, ҳаракатҳои исёнкорона ва инқилобии оммаҳои мардуми ранҷбар ба тасвир омаданд, ки идеали сиёсию иҷтимоӣ доштанд. Нависандагон ба ҳодисаҳои таърихӣ ва шахсиятҳои воқеӣ, махсусан ба хислатҳои шахсиятҳои пурҷозиба ва қаҳрамонони асил эътибор додаанд, ки рафтору кирдор, фаъолият ва саъю талоши таърихии онҳо дар ҳаёти ҷомеа аҳамияте дошта бошад ва нақше дар роҳи пешрафти он ба иҷро расонида тавонад.

Маълум аст, ки бидуни омӯзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ асарҳои воқеӣ ва таърихӣ таълиф нахоҳанд шуд, зеро асоси ин гуна асарҳои бузурги ҳамосавӣ аз ҳуҷҷат ва санадҳои арзишнок иборат аст. Аз ин рӯ, муносибати масъулиятноки нависанда ба таърих лозим аст. Бинобар ин, нависандагон ҷанги додаркуш ва зарарҳои онро, ки ба хоҷагии халқ инчунин ба ҳаёти маънавиву фарҳангӣ овардааст, тасвир мекунанд. Бояд таъкид кард, ки муносибати инсон ба гузашти айём беш аз пеш диққати аҳли адабро ба худ ҷалб кард. Нависандагони тоҷик ба дирӯзи начандон дури таърихи кишвар назар афканда, ҳаракат мекунанд, ки ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳои холисона диҳанд.

Мавриди зикр аст, ки замони фаро расидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълифи асарҳои таърихӣ рӯ овардани нависандагони тоҷик бесабаб нест. Истиқлоли миллии Тоҷикистон ба аҳли адаб ангезае дод, ки аз таърихи халқу мамлакати худ давраи қадимтари талошу муборизаи меҳнаткашон ва пешвоёни онҳоро дар роҳи озодӣ ва истиқлолият ба маърази тадқиқи бадеӣ бикашанд ва ҳамоҳангию ҳаммонандие дар байни ду истиқлолияти миллӣ пайдо бикунанд. Нависандагон чунин мавзӯю масъала, чунин сабақҳои таърихро мавриди баррасӣ қарор бидиҳанд, ки онҳо на танҳо ба гузаштаи халқи тоҷик дар қарни Х, балки қабл аз он алоқаманд бошанд ҳам, барои ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар охирҳои қарни ХХ ва аввалҳои қарни ХХI кумак расонида тавонанд. Ҳарчанд ки ин ду истиқлолият дар даврaҳои гуногун ва дар шароитҳои мухталифи таърихӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, лекин дар байни онҳо ришташои пайванди ғоявӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Ин, қабл аз ҳама, бедории шуури ҷомеа ва тавлиди худшиносии миллии халқи тоҷик мебошад.

Баъд аз оғози ҷанги бародаркуш аҳли адаб бар муқобили иғвогарону душманони миллати тоҷик сар боло карданд ва воқеаҳои нанговарро дар асарҳояшон маҳкум намуданд. Дар ин давра даҳҳо асарҳои бадеӣ ва публитсистии дар мавзӯи ҷанг бахшида ба миён омаданд, ки ҳама ифшокунандаи вақоеи замони худанд. Нависандагоне, ки воқеаҳои фоҷеабори ҷумҳурии соҳибистиқлоли тоҷикро ба риштаи тадқиқи бадеӣ кашидаанд, Абдумалик Баҳорӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самад, Карометулло Мирзоев, Мирзонасриддин ва дигарон ба ҳисоб мераванд, ки солҳои мудҳиши 90-уми қарни ХХ –ро, яъне табаддулотҳои ҷамъиятиро, бо чашми худ дидаанд. Адибон натиҷаҳои фалокатбори ҷанги бародаркушро дар мамлакат ва зиндагии мардум мавриди тасвир қарор дода, таъсиру амали даҳшатбори онро дар вуҷуди миллат ва маънавияти ҷомеа ба силки тадқиқ кашидаанд. Муаллифони асари бадеӣ нишон медиҳанд, ки бо саршавии ҷанги додаркуш макону манзили тоҷикон вайрону хароб ва сокинонаш бадбахту парокандаву саргардон шудаанд. Ҷанги бемаънӣ ҷони садҳо тоҷиконро бурд ва дар натиҷа падару модарро аз фарзанд бародарро аз додару хоҳар ва ҳамсарро аз рафиқи ҳаётии худ ҷудо кард.

Оиди вақоеи охири садаи ХХ дар баробари дигар адибони тоҷик нависандагон Юсуфҷон Аҳмадзода дар романи «Ҳафт рӯъё» (2001), Абдулҳамид Самад дар романи «Гардиши девбод» (2007) ва Дӯстмурод Ӯроқов дар романи «Овора» (2009) ҷо-ҷо изҳори андеша кардаанд. Агар асарҳои «Ҳафт рӯъё» тавъам бо вақоеи сулолаи Сомониён, «Гардиши девбод» бо ҳодисаҳои инқилоби Бухорову ҷанги дуюми ҷаҳон ва романи «Овора» бо ҳаводиси инқилобии соли 1917 дар якҷоягӣ инъикос ёфта бошанд, повести Мирзонасриддин «Шаби душвор» (2004) ба пуррагӣ фарогири ҳодисаҳои нангини ҷанги байни тоҷикони охири қарни гузашта мебошад.

Дар мақолаи мазкур тасмим гирифтем доир ба ду роман яке «Ҳафт рӯъё»-и Юсуфҷон Аҳмадзода ва дигаре «Гардиши девбод»-и Абдулҳамиди Самад, ки ҳодисаҳои пурдаҳшату фоҷеабори ҷанги шаҳрвандӣ бо воқеаҳои дигари таърих дар пайвастагӣ омадааст, баҳои холисона дода бошем.

Романи «Ҳафт рӯъё»-и Юсуфҷон Аҳмадзода ба сулолаи Сомониён ва кору пайкори шоҳ Исмоили Сомонӣ бахшида шуда бошад ҳам, сужаи роман то воқеаҳои хунини ибтидои солҳои 90-уми қарни ХХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳатто ҳуҷуми полковник М.Худойбердиев ба вилояти Суғд идома меёбад. Асари Юсуфҷон Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё», инчунин воқеаҳои пурдаҳшати асри ХХ, махсусан мавзӯи «табартақсим»- и ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, солҳои пурдаҳшати 1937, ҷанги байни тоҷикон, истиқлолияти миллӣ ва мушкилиҳои гумрук ва даргириҳои дигарро низ фаро гирифтааст. Ҳамаи ин ришташои сужет дар атрофи мавзӯи ҷанг, ҷоҳпарастӣ ва ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ инкишоф меёбанд. Воқеаҳои хунини асар аз боби дуюм ва бахши чаҳоруми роман оғоз шуда, дар бахшҳои минбаъда дар асоси дафтар-рӯзномаи яке аз қаҳрамонҳо Мирзо Шариф ҳақиқатнигорона ва бо сӯзи дили миллионҳо тоҷикон ҳамовоз шудани қаҳрамони асар, тасвир шудааст: «Ҳанӯз ҳам чизе сарфаҳм намеравам. Намедонам, кӣ бо кӣ ҷанг мекунад. Ҳама як хел: **тоҷик.** Аз ин андеша афкорам ҳамеша мағшуш аст. Охир кай тамом мешуда бошад ин ҷанги сабилмонда, кай?! (*апрели соли 199…*) [1, с.175].

Ҳамин нукта лозим ба таъкид аст, ки хеле аз асарҳои таърихӣ оҳанги замонӣ доранд ва ҳатто романи Юуфҷон Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» тавассути руҷӯъҳои лирикӣ бо давраи пурфоҷиаи замони мо – ибтидои солҳои 90-уми садаи ХХ иртиботи бевосита дорад. Дар

ҷойи дигар воқеаҳои пурдаҳшати ҷанги хонумонсӯзе, ки Мирзо Шариф бо чашми худ дидааст дар дафтар - хотира навиштааст, инъикос меёбад. «Соли дувум аст», ки ҷанги бародаркуш идома дорад, таъкид мекунад нависанда. Аз садҳо ҳодисаҳои пурфоҷеаи нангин, ки тоҷик нисбати тоҷик кардааст ба тариқи намуна якеро мисол меорем. Ин фоҷеаи гӯшношунид, бо ҷавонписари тақрибан ҳафдаҳ-ҳаждаҳсола, ки ба дарахти себ баста, азобу шиканҷа медоданд, ба тасвир омадааст: «Аз даҳони асирбача кафки хун мерехт. Магар забонашро нав бурида буданд. Овозаш гирифта ва хаста буд. Чун гунге меғуррид: магар зора мекард ва медонист, ки соати марги ӯ наздик аст» (*ноябри соли 199…)* [1, с.177-178].

Аз тарафи қаҳрамон бо оҳу фиғон таъкид мешавад, ки ин ҷаҳолату хунхориву бераҳмӣ, ки дар солҳои 90-уми садаи XX ба миён омад «дар замонаш магар ҷаллодони амир Олимхон низ ба чунин ваҳшоният қодир набуданд» (воқеаҳои ҷадидкушӣ дар назар аст – М.Р.).

Ба ҳамин монанд чанд лаҳазоти ҷанг, ки нависанда дар онҳо ҳолату рӯҳияи ғамолудаи миллати тоҷикро ба тасвир гирифтааст, оварда мешавад. Пиру ҷавони тоҷик ҷангро маҳкум менамуданд, онҳо аз ҷанги хонумонсӯзу фирорӣ шудани қисме аз мардумон ба хоки Афғонистон ва шароити вазнини ҳаёт бо сӯзиши дил сухан мекарданд. Қаҳрамони асар Мирзо Шариф низ ба ин ҳолати вазнин фаромада буд. Пас аз он ки дар зодгоҳ падару модараш кушта мешавад, ҳамсараш ҳамроҳи писарчаи чормоҳааш ба Афғонистон мегурезад: «Ман, илоҷе ёфта, бо тайёраи салиби сурх ба Афғонистон рафтам. Занамро бо азобе аз кулбаи фақиронаи афғони муздур пайдо намудам, ки ниммурдаву нимзинда буд. Вай миёни нируҳои Аҳмадшоҳи Масъуд ва мухолифонаш, ки ба ҳамдигар пайкори шадид мекарданд, монда, аз гулӯлаборони онҳо ҷароҳати муҳлик бардоштааст» [1, с.225].

Муаллифи асар шароити вазнин, марги фарзанди хурдсол, ҷароҳат бардоштани ҳамсар ба гирдоби вазнини ҳаёт ғӯтавар гардидани қаҳрамони романро тасвир менамояд. Инъикоси воқеаҳои ҷанги Афғонистон ва қаҳрамонии шахси воқеиву таърихӣ Аҳмадшоҳи Масъуд (31 августи соли 2001 дар мавзеи Хоҷа Баҳоваддини музофоти Тагор аз дасти террористони араб тарконда шудааст) ба миён омадааст.

Халқи тоҷик аз ҷанги бемаънӣ азият мекашид, хаста шуда буд ва нависандагони тоҷик дар асарҳои худ ҷанги байни тоҷиконро маҳкум мекарданд. Пешвое лозим буд, ки ҳамаи ин бесару сомонии дар байни тоҷикон омадаро басанда мекард. Хушбахтона, ба сари қудрат омадани марди оқилу хайрандеш Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сабаби басанда шудани ҷанг гашт, фирориёнро аз Афғонистон ва дигар манотиқи олам бо кафолати нигаҳ доштани оромии кишвар ба Ватан баргардонид.

Чунонки таъкид шуд, асари «Ҳафт рӯъё»-и Юсуфҷон Аҳмадзода бо вақоеи замони Сомониён оғоз ёфта, тавъам бо ҳодисаҳои хунини ибтидои солҳои 90-уми қарни XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омезиш ёфтааст. Нависанда бо сабки махсуси нигориш андаруни ҳамдигар воқеаҳои ба сари миллати тоҷик омадаро ба силки тадқиқи бадеӣ кашидааст.

Агар ба таърихи асри XX амиқтар назар афканем, дарк менамоем, ки таъсири фоҷеаҳои миллат пас аз инқилоби болшевикии соли 1917 дар Тоҷикистон низ равшан ба мушоҳида мерасад. Дар ин бора нависандагони тоҷик дар асарҳои худ изҳори андеша кардаанд.

Романи Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» як намуна аз таҷдиди назар ба ҳаёти халқ, на танҳо дар замони шӯравӣ, балки рӯзгори мураккаби он дар солҳои муноқишаи байни тоҷикон низ маҳсуб мешавад. Нависанда асари худро «Ба ёди алами сӯзон ва азияти бепоёни ҳамдиёрон дар солҳои таъқибот ва ҷанги Олмон» бахшида бошад ҳам, мазмуну муҳтавои он бештар аз ин фарогиртар аст. Вай дар робита бо саргузашти қаҳрамонон ва дигар иштирокдорони асар баъзе манзараҳои зиндагонии мардуми ҷануб ва маркази ватани моро дар арафаи инқилоби соли 1917 ва ибтидои солҳои 90 – уми қарни XX дар бар мегирад.

Абдулҳамид Самад фоҷиаҳои асосии дар як аср ба сари халқу мамлакат омада – ҳам инқилоби сурх, ҳам таъқибу бадарға, ҳам ҷанги Гирмон, ҳам ҷангу моҷарои байни ҳамдигарии тоҷиконро «гардиши девбод» меномад. Аз ҳамин ҷост, ки вожаи мазкур ҳамчун самбул фоҷиаҳои нав ба нави рӯзгори мардумро дар бар мегирад.

Аввалин гардиши девбод дар асри XX инқилоби болшевикӣ бошад «ва ба рӯзи сиёҳи Бухоро мурғони ҳаво гирянду нисфи шаҳр мотамдору нисфаш пур аз нишоту ҳангома бошад»… [2, с.45] гардиши девбоди минбаъд ба вуқӯъ пайваста Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад, ки бо гардиши девбоди ҷанги бародаркуш анҷом мепазирад. Шароити сӣ – чилсолаи осоишта ба хотима расид, вазъи рӯзгори халқ дар шаҳру деҳ муташанниҷ гардид.

Воқеаҳои солҳои 90-уми садаи XX на танҳо дар дили қаҳрамони марказии асар балки дар қалби ҳазорҳо мардуми тоҷик нооромии шабурӯзиро оварда буд. Кашмакашу харобкорӣ, хашму кина, курситалошиҳо, ба сари ҳамдигар санги маломату лаънат

шикастан, шӯру исён, хунрезиву куштор ба сари миллати тоҷик фоҷеаҳои вазнинро овард. Нависанда таъкид менамояд, ки: «Ана доғи лаънат, ана ин шармандагӣ, даҳшат, нишонаи бадбахтист… Боз гардиши девбоди зормонда сар шуд, - дилшикаставу маҳзун ба худ иқрор кард Дилёб» [2, с.261]. Маҳз дар ҳамин давра ҳар хел тоифа гирд омад: «низоъангез, суханчин, ҳангомахоҳ, дамдузду бимзада, ёғиву кунҷков» [2, с.262] ва аз ҳамин гурӯҳи одамон ду даста амал кард, ки байни ҳамдигар низоъҳо мебардоштанду мардумро ба гумроҳӣ мебурданд.

Нависанда қаҳрамони асосии асарро андешаманд тасвир намуда, олами ботини онро ифшо месозад ва санъати таззоду муқобаларо корбаст намуда, ҳаёти имрӯзу дирӯзи мардуми тоҷикро ба хонанда ошкор месозад: «… боз гардиши девбоди ҳодиса хоки пирони нотавону барҷомондаро бехт: кайфу роҳати осудагии сӣ-чилсоларо ба баданашон заҳри зақум карду аз биниашон бароварда, баракат аз хони мардум рӯфт» [2, с.264].

Дар тасвиру таҳлил ва ҷамъбастҳои бадеии протсесҳои таърихии ҳаёти ҷамъият мавқеи нависанда чӣ гуна аст? Нақди адабӣ чунин ҷавоб медиҳад, ки наметавон бо вай мувофиқ нашуд:

«Ҷиҳати асосии роман на дар ин маҳкум карданҳо, балки дар чизи дигар аст, - менависад профессор Худоӣ Шарифов. – Реша ва бунёди ҷомиа на ба ин калонгардиҳою дигаргуниҳо ва печопечу ошӯби замона, балки ба рафтору кирдори мардумони боҳиммат, касони созанда ва офаринанда устувор аст… Фалсафаи романи Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» ҳамин аст, ки гардиши бодҳо нобасомонӣ меорад ва инсон дар шароити осуда ва ҳатто дар замони печопечу ошӯби зиндагӣ ба ду чиз машғул аст: нигаҳ доштани асолати инсонӣ дар асоси суннатҳо ва таҷрибаҳои хосси шароити табиӣ ва сохтану офаридани ҷиҳати таъмини саодат ва маишати инсонии худ» [2, с.122].

Дар романи «Гардиши девбод» қаҳрамонони мусбате ба монанди Некном ва Мирак амал кардаанд, ки шоҳиди инқилоб ва ҷанги граждании солҳои бистум дар Тоҷикистон буданд. Онҳо тамоми умри худро бо меҳнати ҳалол гузаронида аз муқовимати байни тоҷикон дар нимаи аввали солҳои 90-уми қарни XX норозӣ ҳастанд. Қисми муҳимми ҳаёти эшон дар давраи шӯравӣ ҷараён дошта бошад ҳам, онҳо ғуломи ҳалқабаргӯши идеологияи ҳукмрони замон нестанд, балки дар бораи мазмуну моҳияти давраи зиндагонии худ назари таҳлилии холисона доранд: хубашро хуб, бадашро бад мегӯянд. Инҳо мардони қавие мебошанд, ки дар зиндагӣ ва фаъолияти худ бисёр сифату хислатҳои халқи тоҷикро давом медиҳанд.

Пас аз мутолиаи роман метавон натиҷа бардошт, ки бедор шудани девбод ва ба гардиш даромадани он ба мавқеи сиёсию ҷамъиятии сарварони мамлакатҳои гуногун, дилу ният ва рафтору кирдори гурӯҳҳои муайяни одамон, дилу имон ва мақсаду мароми эшон вобаста аст. Рисолати бештари мардум рӯзгори орому осоишта, бунёдкориву ободонии мамлакат, хушбахтию саодати башар мебошад. Онҳо гардиши девбодро маҳкум карда, роҳи озодӣ, ва ҳаёти хушро пеш мегиранд. Ғояи башардӯстона, мазмуну муҳтаво ва дарунмояи роман дар ҳамин аст.

Дар асарҳои фавқ хусусиятҳои услубӣ ва сабки фардии нависандагон рӯшан ба мушоҳида мерасад. Дар ин навъ романҳо реализм ва романтизм хеле хуб корбаст шудаанд, ки ба тадқиқи бадеии воқеият хизмат мекунанд. Сабки ҳар як нависанда падидаи тафаккур ва тахайюли бадеии ӯст.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, худшиносии миллии халқ ва озодии эҷодиёт боиси интишори чунин асарҳои нависандагон ба монанди Ю.Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» ва А.Самад «Гардиши девбод» гардиданд. Чунин асарҳо нишонаи дар давраи соҳибистиқлолӣ боло рафтани тафаккури таърихии нависандагон ва рӯ ба худогоҳии миллӣ овардани онҳо буда, бозгӯкунандаи воқеаҳои таърихӣ маҳсуб мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ю. Аҳмадзода. Ҳафт рӯъё. – Душанбе: Адиб, 2001. – 231 с.
2. А. Самад. Гардиши девбод. – Душанбе: Адиб, 2007. – 567 с.
3. Шарифов Х. Давраи печопеч / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 2008. - № 8. - С. 121-127.

ТАСВИРИ ВАҚОЕИ ТАЪРИХИИ ОХИРИ АСРИ XX ДАР АСАРҲОИ Ю.АҲМАДЗОДА «ҲАФТ РӮЪЁ» ВА А.САМАД «ГАРДИШИ ДЕБОД»

Пас аз истиқлолияти давлатиро ба даст овардани Тоҷикистон дар баробари дигар соҳаҳои фарҳанг, адабиёти моҳиятан нави озод низ арзи ҳастӣ кард. Дар ин давра худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ба вуҷуд омад, ки ба адабиёти навини тоҷик низ таъсири бевоситаи худро расонид. Аҳли адаб имконияти васеъ пайдо намуданд, ки ба таърихи миллати хеш аз дидгоҳи нав назар андӯзанд, онро таҳқиқ кунанд ва дар асарҳои худ инъикос намоянд. Ҳодисаҳои муҳими сиёсӣ ва таърихие, ки солҳо 90-уми садаи XX ба вуқуъ пайвастанд дар асарҳои насрии Абдумалик Баҳорӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамида Самад, Карорматулло Мирзоев, Мирзонасриддин ва дигарон тасвир шудаанд. Дар мақолаи мазкур ду романи нависандагон Ю.Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» ва А.Самад «Гардиши девбод» ба силки тадқиқ кашида шудааст. Дар асарҳои фавқ хусусиятҳои услубӣ ва сабки фардии нависандагон рӯшан ба мушоҳида мерасад. Дар ин навъ романҳо реализм ва

романтизм хеле хуб корбаст шудаанд, ки ба тадқиқи бадеии воқеият хизмат мекунанд. Сабки ҳар як нависанда падидаи тафаккур ва тахайюли бадеии ӯст.

Калидвожаҳо: насри муосир, нависандагони Тоҷикистон, худшиносии миллӣ, Ю. Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё», А.Самад «Гардиши девбод».

ИЗОБРАЖЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКИХ СОБЫТИЙ КОНЦА XX ВЕКА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ Ю.АХМАД-ЗАДЕ «СЕМЬ ВИДЕНИЙ» И А.САМАДА «ВИХРЕВАЯ ВОРОНКА»

После приобретения независимости в Таджикистане, наравне с другими отраслями культуры, мощный импульс получила качественно новая свободная литература. Резкое повышение национального самосознания, углубления исторического мышления, национальной гордости и чувства единства нации обусловили востребованность исторического жанра в современной литературе. Важные политические и исторические события, происшедшие в 90-х годов XX столетия были изображены в прозе Абдумалика Бахори, Уруна Кухзода, Сорбона, Абдулхамида Самада, Карроматулло Мирзоева, Мирзонасриддинаи другие. В данной статье подвергает анализу романы Юсуфджона Ахмад-заде «Семь видений» и Абдулхамида Самада «Вихревая воронка». Автор статьи рассматривая исторические события в двух романах, анализирует язык этих романов. В целом, язык книг отличается выразительностью и плавностью.

Ключевые слова: таджикская проза, писатели Таджикистана, национальная самосознания, Ю.Ахмад-заде «Семь видений», А.Самад «Вихревая воронка».

THE IMAGE OF THE HISTORICAL EVENTS OF THE LATE TWENTIETH CENTURY IN THE WORKS OF YU. AKHMADZADE «THE SEVEN CONDUCTS" AND A. SAMAD "VORTICAL CRATER"

After acquisition of independence in Tajikistan equally with other industries of culture, a powerful impulse was got qualitatively by new free literature. Sharply increase of national consciousness, deepening of the historical thinking, national pride and sense of unity of nation was stipulated highly sought of historical genre in modern literature. Important political and historical events happening in 90 thof the twentieth century were represented in proses of A. Bahori, U.Kuhzoda, S. Samada, K. Mirzoeva, M. Nasridina and others. This article analyzes the novels of Yu. Akhmadzade «The Seven conducts» and A. Samad "Vortical crater". Author of the article examining historical events in two novels analyses the language of these novels. All in all, the language of books differs in expressiveness and smoothness.

Kev words: tajik prose, tajik writers, national consciousness, Yu. Akhmadzade "The Seven conducts "A. Samad" Vortical crater".

Сведения об авторе: ***Рахимзаде Мунира*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, соискатель кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **munira-tv@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-792-10-60**

Information about the author: ***Rahimzoda Munira*** **-** Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of the Department of modern Tajik literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **munira-tv@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-792-10-60**

УДК: 891.550

АРЗИШИ МАЪРИФАТӢ ВА ТАРБИЯВИИ МАКТУБҲОИ УСТОД АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вақте ки мукотибаи як адиби асилро нисбат ба дигар нависанда варақ мезанем, дар он афкору гуфтор ҳамчун навъи хосси адабӣ ва фарҳангӣ, ки шомили илми иншои наср ва назм мебошад, пеши назар падидор мегардад. Ин қабил гуфтаҳо марбут ба номаҳои навиштаи устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мебошанд. Номаҳои ин шахсиятҳои машҳури адабӣ фарогири масъалаҳои муҳими таърихӣ ва адабиётшиносӣ мебошанд ва аҳамияти калони илмию амалӣ доранд. Дар миёни осори С. Айнӣ жанри нома ҳамчун рукни таърихӣ ва худсозии ҷомеаи нав бешак хизмат хоҳад кард. Номанигорӣ аслан аз замонҳои пеш як жанри қадимаи адибиёти классикии тоҷику форс ба ҳисоб рафта, саҳифаи дурахшони мардуми эронитаборро ташкил медиҳад. «Нома ва номанигорӣ дар таърихи адабиёти ақвоми мутамаддини олам,- менависад адабиётшинос М. Нарзиқул, - аз ҷумла форсизабонон, аз қадимулайём то кунун ҳамчун навъе аз ақсоми мутуни адабӣ шинохта мешавад. Файласуфи Юнони Қадим Эпикур дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ ба унвони нахустин классики жанри номанигорӣ эътироф шудааст. Аз таҷрибаи алоқаи адибони ҷаҳонӣ бармеояд, ки дар миёни ёдгориҳои адабии баъзе аз нависандагон осоре мавқуд аст, ки ба сурати нома (мактуб) навишта шудаанд. Истилоҳи нома ҳамчун навъи номанигории адабӣ (эпистолярный), ё худ осори ба сурати мактуб навишташуда низ, аз Юнони Қадим сарчашма мегирад» [6, с.3].

Таърихи анъанаи номанигориро устод Айнӣ инкишоф додааст, ки ӯ аз қонунмандиҳои жанри нома ба хубӣ огаҳӣ дошт. Дар фаъолияти эҷодии ӯ дар давраи баъди Инқилоби Октябр нома ва номанигорӣ мавқеи намоён дорад. Номаҳои С. Айнӣ

барои фарҳангу адабиётамон арзиши калон доранд, хусусан номаҳои нависанда ба унвони А. Лоҳутӣ, ки ин номаҳо дар пешрафти адабу фарҳанги тоҷик нақши муҳим бозидаанд.

Адабиётшинос Раҳим Ҳошим дар бораи арзиши номаҳои С. Айнӣ чунин навиштааст: «Мактубҳо дар якҷоягӣ чӣ қадар марди эҳтиёткор, пухта ва дақиққор будани устодро нишон медиҳанд ва баъзе ҷузъиёти табиати ӯро муҷассам менамоянд» [12, с.14].

Устод Айнӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ доир ба ҳамаи масъалаҳои адабиву фарҳангӣ дар номаҳо изҳори ақида карда, дар ҳаллу фасли онҳо камоли кордониву хирадмандӣ зоҳир кардааст. Мактубҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ хеле пурмазмун ва ҷолиби диққат мебошанд.

Устод Айнӣ дар таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ нақши хеле бузург бозидааст, ки мақоми ӯ аз ҳар ҷиҳат бағоят барҷаста мебошад. Аз ин лиҳоз, пайдоишу инкишофи адабиёти муосирро бо номи устод Айнӣ мансуб донистаанд. Ҳар як асари эҷодкардаи устод Айнӣ, махсусан мактубҳои ӯ ба А. Лоҳутӣ, дорои мазмунҳои баланде мебошанд, ки барои адибону фарҳангиён ва наслҳои оянда моҳиятан пуразришанд. Устод Айнӣ осори классикони адабиётамонро мутолиа карда, дар бораи онҳо асару мақолаҳои зиёде ба табъ расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Алишери Навоӣ, Восифӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Ҳайрат ва дигарон мебошанд, ки дар мактубҳояш доир ба эҷодиёти ин чеҳраҳои шинохтаи форс тоҷик ба А. Лоҳутӣ изҳори ақида намудааст. Махсусан, дар рисолаи «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ба шарқшиносоне, ки Саъдиро танҳо ба Эрон мансуб медонистаанд, ҷавоби сазовор дода, муҳаққиқ аз эҷодиёти шоир як порчаи шеърӣ оварда, дар номае ба А. Лоҳутӣ таъкид мекунад, ки Саъдии Шерозӣ мутафаккири бузурги форсу тоҷик аст. С. Айнӣ дар номааш аз ҷумла чунин менависад: «Марги судхӯр», «Ятим», «Фирдавсӣ» ба наздикӣ аз чоп баромаданд, як нусхагӣ фиристода шуд, аммо агар «Фирдавсӣ» - ро ҳам як нусха мефиристодам, баста ноҳамвор мешуд, бинобар ин, ду нусха фиристодам ва тафоул карда як нусхаашро ба номи Далер навиштам. Охир вай ҳам бояд мактабхон шуда бошад ва лозим аст бидонад, ки мо ҳам классик дорем. Бештарини ин тобистони ман дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. «Абӯалӣ Сино» - ро дубора кор карда, аз асарҳояш баъзе порчаҳо ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмӯаи алоҳида сохта шуд «Бӯстон» - и Саъдиро интихоб карда 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам.

Ман шунидаам, ки Саъдиро ба шоири форсу тоҷик номидан баъзе шарқшиносон розӣ нашудаанд, аммо ман аз тарҷеъбандии ӯ ёфтам, ки вай худро тоҷик номидааст. Ӯ мегӯяд:

Гуфтори хушу лабони борик,
Мо атяба фоқа ҷалла борик.
Ё зорибати би сайфи лаҳзен,
Валлоҳи каталтани баҳотик.
Аз баҳри Худо, ки моликон ҷавр,
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд, ки ба подшоҳ бигӯянд,
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Ман ҳамин масъаларо ҳам дар охири муқаддима илова кардам. Ҳозир дар болои асарҳои тоҷикии Навоӣ кор карда истодаам» [7, с.96-97].

А. Лоҳутӣ дар ҳамон моҳ ба С. Айнӣ ҷавоб навишта чунин гуфтааст: «Китобҳоро гирифтам, беҳад миннатдорам ҷавоби мактубро менависам, ба аҳли оила салом расонед» [7, с.98-99].

С. Айнӣ оид ба таърихи адабиёти классикӣ як қатор асарҳо таълиф намуда, ба ҳаллу фасли муҳимтарин ва заруртарин муаммоҳои адабиётшиносии тоҷик муваффақ мешавад ва доир ба онҳо А. Лоҳутиро дар номаҳо огоҳ менамояд. Ӯ на танҳо дар тадқиқи адабиёти классикӣ кӯшиш кардааст, балки ба ин восита дар тарбияи адибони ҷавон низ саҳми бузурге гузоштааст. Аҳамияти ин номаҳо барои дар роҳи эҷодӣ дуруст тарбия намудани насли нави нависандагони ҷавон, чун Пайрав Сулаймонӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Алӣ Хуш, Рашид Абдуллоҳ, Ғанӣ Абдуллоҳ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон бағоят калон мебошанд.

Фикру андешаҳои устод Айнӣ бештар доир ба ашъори Абулқосим Лоҳутӣ бағоят арзишманд мебошанд. Ӯ дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ дар мавзӯъҳои гуногун сухан мекунад. Ҳар як номаи фиристодаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дорои ҷанбаҳои илмӣ, маърифатӣ ва адабию фарҳангӣ мебошад. «Дар шинохти С. Айнӣ, - навиштааст Н. Аслонова, - навъи нома асари хурди насрие хоҳад буд, ки ба воситаи он кас метавонад андешаҳояшро дар ҳама мавзӯъҳои рӯзгор озодона баён созад. Бинобар ин ки С. Айнӣ дар адабиёти тоҷики солҳои бистуму панҷоҳуми асри ХХ нақши муаллимӣ ва устодиро ба уҳда дошт ва аз маркази фарҳангии Ҷумҳурӣ – Душанбе – Сталинобод дур буд, вазифаи

омӯзгориашро барои адибони насли солҳои сиюм Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ҳаким Карим, Пӯлод Толис ва амсоли онон ба воситаи нома анҷом медиҳад. Яъне, Айнӣ ҳар андешаеро, ки дар боби ҳунари эҷодӣ ба адибе баён карданӣ мешавад, аз навъи нома истифода менамояд» [4, с.42].

Номаҳои устод Айнӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ собит месозанд, ки онҳо дорои мавзӯву мундариҷа буда ва ба ҷомеаи мо аҳамияти фавқулода доранд. Ин номаҳо дорои мавзӯъҳое мебошанд, ки ба адабиёт, фарҳанг ва оила низ бахшида шудаанд. Аҳамияти онҳо дар он аст, ки устод Айнӣ аз А. Лоҳутӣ дар бораи вазъи зиндагиаш пурсон мешавад ва саломи худро ба оилаи дӯсташ мерасонад ва сатҳи ҳодисаҳои рухдодаи ҳаррӯзаи зиндагиашро ба дӯсташ мефаҳмонад, ки ин ҳам аз хоксориву поквиҷдонии устод нисбат ба шогирдаш дарак медиҳад. Устод Айнӣ дар аввали номааш ба А. Лоҳутӣ «Рафиқи шафиқ!» ё ин ки «Дӯсти меҳрубон!» гуфта номаро шурӯъ мекард. Академик Муҳаммад Осимӣ моҳият, хусусият, афзалият ва сифати номаҳои ин ду суханвари бузургро хотиррасон карда, чунин зикр намудааст: «С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар ҳеҷ вазъият ҳисси масъулият ва вазифаашонро фаромӯш накардаанд. Ба ҳар коре, ки пеш ояд, бо ҷиддияти тамом машғул шудаанд, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ басо дурандешона ва нозукбинона муносибат намудаанд.

Аз мактубҳо чунин ба назар мерасад, ки онҳо чи дар пешаи адабӣ ва чи дар корҳои ҷамъиятӣ ҳамеша нисбат ба худ ва дигарон серталаб буданд. Аз ҳар як мактуби онҳо ҳамин серталабӣ ба ҳамдигар, серталабӣ нисбат ба эҷоди якдигар, дар зимни ғамхории доимӣ бо назари танқид муносибат кардан ба асарҳои якдигар пай бурда мешавад. Онҳо ҳамеша фурсатро ғанимат дониста ва ҳар дақиқаи зиндагии пурсамари худро ба манфиати мардум, ба манфиати ҷамъият истифода кардаанд.

С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз мактубҳо ҳамчун шахсоне ба назар мерасанд, ки дӯстӣ ва рафоқати ҳамдигарро барои худ бисёр азиз медонанд. Дӯстии ин ду марди бузург саршори самимият ва эҳсосоти поки одамӣ буда, ба адабиёти тоҷик бисёр фоидаҳо овардааст» [9, с.7].

Дар маҷмӯъ, дар номаҳои Айнӣ ба адибон доир ба мавзӯъҳои гуногун сухан рафта, дорои масъалаҳои илмию фарҳангӣ ва адабие мебошанд, ки асоситаринашон ба А. Лоҳутӣ мансуб мебошанд ва нисбати ҷомеаи имрӯзаю оянда хеле арзиши калон доранд. Дар ин номаҳо С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бо ҷиддияти том доир ба ҳама гуна масъалаҳо муносибат намудаанд. «Ҳамчунин номаҳои устод Айнӣ, - қайд мекунад К. Айнӣ,- барои аз роҳи таҳрифкорӣ ва туҳмату буҳтонигарӣ боз доштани баъзе ашхоси нохушкор ва зиштрафтор низ хидмат хоҳанд кард. Бо назардошти он ки номаҳои устод С. Айнӣ барои ҷомеаи мо аҳамияти фавқулода доштанд ва мазмуну мундариҷаи онҳо собит мекунад, ки имрӯз дар замони нави Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам садои хоссае доранд» [1, с.3].

Устод Айнӣ, инчунин тавассути нома ба адибони ҷавон нозукиҳои ҳунари адабиро меомӯзонад. Ӯ ҳар масъалаеро, ки барои эҷодиёти А. Лоҳутӣ муҳим аст, намуна оварда, ба ӯ роҳи дурусти истифода аз воқеаҳои хурди зиндагиро низ нишон медиҳад. Дар номаҳои С. Айнӣ чанд шеър ва ғазали А. Лоҳутӣ зикр гардидаанд, ки аз тарафи устод Айнӣ таҳрир ёфтаанд. Устод Айнӣ маҳорати хосси нависандагӣ ва худогоҳии эҷодии худро дошт, ки дар ҳамаи нигоштаҳои ӯ мушоҳида мешаванд. Ӯ ба ин восита дигар адибон ва адабиётдӯстонро низ аз ҷиҳати фарҳанг ва маданияту маърифат тарбия намудааст.

Муҳимтарин хусусияти номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ боз дар он аст, ки мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи масъалаҳои забон аҳамияти хосса доранд. Устод Айнӣ ба масъалаи омӯхтани забони халқ, истифода аз захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ ва дар айни ҳол фаро гирифтани забони осори классикии адабиёти тоҷик ва дурусту ба мавқеъ истифода бурдани калимаҳо, нигоҳ доштани тозагӣ ва риояти табиати миллии забони тоҷикӣ ва қоидаҳои он таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Ӯ дар яке аз номаҳояш ба устод Лоҳутӣ, аз муҳаррирони сиёсӣ дар бораи «Достони Вахш» (достони «Ҷанги одаму об») ва дигар луғатҳое, ки дар асарҳои ӯ дучор шудаанд, шикоят мекунад ва мегӯяд: «...Дар радифи эътирозҳои сиёсии беасосаш эътирози забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки муаллиф дар 72 саҳифа, 124 тавзеҳ додааст. Ва ҳол он ки он эзоҳҳои ман бештар дар бораи калимаҳое мисли нешбанд, навбар, поёноб ва рағбанд барин калимаҳо буданд, ки онҳоро деҳқонони бесавод медонанд, аммо ҷавонони «саводи сиёсинок» намедонанд. (Таҳрири забонӣ карда чанд мисраъро вайрон ҳам кардааст)» [7, с.123].

Дар ҳамин нома сухан аз ифодаи «даҳанмард» рафтааст, ки раҳбари яке аз нашриёт маъниашро нафаҳмида, аз тариқи нома аз устод Айнӣ пурсида ва Айнӣ дар ҷавоб навиштааст: «... Ин калима ҳам мисли калимаҳои боло дар ҳеҷ луғат набуда, танҳо дар даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқӣ аст, пеш аз ин навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маънияш: «даҳанмард – одаме аст, ки касони дар атрофаш буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум ӯ аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан

мегирад. «Даҳанмард» аз «даҳанкалон» фарқнок аст. Даҳанкалон ҳамеша сифати салбии одамро баён мекунад, аммо даҳанмард гоҳо дар маънии салбӣ ва гоҳе дар маънии эҷобӣ меояд. Акнун намедонам, ки ман бо ин раҳбарони забони тоҷик чӣ кор кунам. Инҳо забони адабии классикро надонанд ва забони зиндаи халқиро надонанд ва маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам», дар ин сурат вой бар ҳоли ман ва монанди ман» [7, с.123].

Тамоми номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ иттилоот ва андешаҳои бисёр ҷолиб дар боби адабиёт, таҷрибаҳо ва корҳои адабии нависанда, таърихи эҷоди асарҳои ӯ мебошад, вале дар миёни онҳо масъалаҳои марбут ба забон бисёр ҷиддӣ ва ҷойгоҳи махсусе доранд.

Адабиётшинос Х. Отахонова зикр мекунад, ки: «Аз номаҳои устод Садриддин Айнӣ садои дили инсонӣ шунида мешавад, ки лаҳзаҳои аз ғами миллат, пешрафту фарҳанг ва маданият фориғ набудааст. Ин садо гоҳе хашмгин ва музтариб ба гӯш мерасад ва гоҳе ризояти нависандаро ифода мекунад» [10, с.7].

Аз як номаи Айнӣ (21 июли соли 1946) ба Лоҳутӣ маълум мешавад, ки байни Лоҳутӣ ва бархе аз эрониёни муқими Маскав бар сари калимаи «ҷангара» мубоҳиса ба амал омадааст. Онҳо калимаи мазкурро сирф тоҷикӣ шуморида ва исрор доштанд, ки ин вожа ҳеҷ иртиботе ба форсии Эрон надорад ва дар номааш чунин қайд мекунад: «Фақир ин гуна эътирози он касонро шунида тааҷҷуб кардам. Ҳарчанд дар «Шоҳнома» ва дар дигар ашъори шоирон ва устодони форсизабон диданам ин калимаро дар ёдам нест, аммо бо далелҳои раднопазир исбот карда метавонам, ки ин калима моли холиси умуми форсизабонон аст.

Далели ман ба тарзи зерин аст: ҷойи инкор нест, ки калимаи «ҷанг», ки решаи калимаи мазкур аст, аз рӯзи баромадани форсии ҷадид то имрӯз ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тӯрон кор фармуда шуда омадаст. Инчунин муштақоти ин калима, масалан «ҷанговар», ки исми сифатии мусбати ин калима аст, инчунин «ҷанггоҳ», ки исми макон аст ва инчунин «ҷангҷӯй», ки исми сифатии манфии ин калима аст, умумианд.

Акнун мо калимаи «ҷангара» - ро таҳлил карда мебинем: «ҷангара» монанди коргар исми сифатии умумии ин калима аст, ки тамоман ба қоидаи забони форсӣ мувофиқ аст ва ҳар касеро, ки ҷанг мекунад, «ҷанггар» гуфтан мумкин аст.

Қоидаи дигаре дар забони форсӣ ҳаст, ки мувофиқи он ҳар гоҳ исм ё сифати умумиро ба як чиз ё ба ягон гурӯҳ махсус кардан хоҳанд, дар охири он калима часпаки «а» ё «ак» - ро мечаспонанд. Чунончи, «девор», ки маънии маълум дорад, вақте ки вайро ба асотираи даруни чоҳ ё ба давродаври кӯҳ махсус кардан хостанд, «девора» гуфтанд, ки мо ҳеҷ гоҳ аз ин калима маънии «девор» - и маълумро намефаҳмем ё ин ки калимаи «оташгир» ба ҳар чизу ба ҳар касе, ки қобилияти оташро гирифтан дошта бошад, содиқ меояд. Вақте ки хостанд ин калимаро ба олати оҳанини маълуми оташбардор махсус кунанд, бо иловаи «ак» «оташгирак» гуфтаанд. Инчунин калимаи «тар» ба ҳар чизе, ки тарӣ, обият дошта бошад, рост меояд. Вақте ки мардум хостаанд ин калимаро ба сабзавоти махсус хос кунанд, «тара» гуфтанд.

Монанди ин калимаи «ҷангара», ки маънии умумии «ҷангкунанда» дошт, хостанд ба касе, ки бебоист (ё бо сабабҳои сохта) бо одамон ҷанг мекунад ва ҳамеша барои ҷанг сабабҳо омода менамояд, хос гардонданд, ба ин калима часпаки «а» илова намуда «ҷангара – ҷанг- гара» гуфтанд.

Мувофиқи қоидаи дигари забони форсӣ, ки ҳар гоҳ дар калимаҳои мураккаб ду ҳарф аз як ҷинс ё ҳарфи қариб алмахраҷ дар як ҷо ояд, яке аз онҳоро ҳазф мекунанд. (Чунончи, сафедор ба маънои дарахти маълум, ки дар асл сафеддор буд, ё ин ки «ягона», ки дар асл «як - гона» буд) яке аз ҳарфҳои «г» - ро ҳазф карда «ҷангара» гуфтанд ва аз ин калима маънии ҷангкунандаи манфӣ – бадро ифода намуданд (тоҷикон ин калимаро чунон ки ба одами ҷангҷӯй ба маънои манфиаш кор мефармудаанд, инчунин ба хурӯс, ба тагал (қӯч) ва монанди ин гуна парандагон ва ҳайвонот ҳам, ки зиёда ҷангдӯст бошанд, кор мефармоянд).

Дар ҳар ҳол ин гуна калимаҳоро, ки ҳеҷ набошад ҳамаи муштоқоташ дар адабиёт ва гуфтугузори ҳамаи форсизабонон кор фармуда мешаванд ва сохташ тамоман мувофиқи қоидаи забони форсӣ аст, аз оилаи забони форсӣ бароварда партофтан – дониста ё надониста, забони худро танг кардан аст.

Ман дар тааҷҷуб мондам, ки шумо то ҳол китобчаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» - и ӯ» навиштаи маро надидаед. Ман дар охири ин китобча як қисм луғатҳоеро, ки баъзе эрониён луғатҳои махсуси тоҷикӣ медонанд, аз «Шоҳнома» ёфта дарҷ кардаам, ки аз назар гузаронидан аш бефоида нест. Ба ин муносибат ба ин китобча як нусха ва инчунин аз «Муқаннаъ» ва «Темурмалик» ном китобчаҳое, ки дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ чоп шуда буданд, як нусхагӣ бо бандерол ба хидмат фиристодам. Умед аст, ки қабул фармоед» [7, с.117-119].

Ҳамин тавр, номаҳои ирсолшудаи С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дарбаргирандаи чанд масъалаи адабиётшиносист, ки афкори назарии нависандаро нисбат ба забони форсу тоҷик ва эҷодиёташ ифода карда метавонад, ки ин на фақат ба адибон, алалхусус ба

ошиқони адабиёт фоидаи бузург мерасонад. Нависанда ҳамеша ба ояндаи нек таваҷҷуҳ менамуд ва ба ҷавонони навраси адаб хизмати худро дареғ намедошт. Масалан, дар як номааш устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ доир ба ояндаи адибон, хусусан ҷавонони навраси адабиёт чунин сухан рондааст: «...барои фаҳмондани як қисмат аз ҳаёти куҳна, мо бояд барои ҷавонон чанд китоб нависем, аммо ҳар нигоҳи мо ба якдигар ҳазор тӯмори зиндагонии гузаштаро дар пеши ҷаҳониён боз карда нишон дода мегузарад... Мо бояд то охири нафас таҷрибаҳои гузаштаро барои насли нав ба шакли адабиёт нишон диҳем. Мо бояд ба фарзандони давраи сусиёлизм, ки бачаҳои худи мо ҳам бо онҳо ва мисли онҳо бузург мешаванд, самимона хидмат кунем. Агар ҳарду ҳамин тавр фикр бикунем, пас иродаамон содиқ ва комил аст» [7, с.56-57].

Умуман, номаҳои устод Айнӣ фарогири ҳамаи мавзӯъҳост, ки хонандаро ҳам дар ҳайрат меоварад ва ба ин восита шефтаи худ месозад. Бисёр номаҳои дигар адибон бо адиби дигар дорои як мавзӯъ мебошанд, вале мактубҳои устод Айнӣ ҳаматарафа ва серпаҳлуанд, ки дар мавзӯъҳои гуногун бо адибони баъдинаи худ сухан рондааст. Масалан, мактубҳое, ки ба Мирзо Турсунзода бахшида шудаанд, барои таҳқиқи эҷодиёти худи С. Айнӣ, барои фаҳмидани хусусиятҳои мундариҷавӣ, ғоявӣ ва бадеии ин ё он асари ҷудогонаи ӯ ва донистани фикру ақидаи худи нависанда дар бораи асарҳо, хосса «Ёддоштҳо», аҳамияти калон доранд. Инчунин, дар хусуси коргоҳи эҷодӣ, яъне тарзи офаридании асари калони бадеӣ сухан рафтааст ва хусусан дар бораи илми вазни арӯз, ки бисёр ба адабиёти тоҷик муҳимтарин жанр мебошад, ибрози андеша ҳосил намудааст. Масалан, ин ҷо як номаи С. Айниро ба М. Турсунзода меорем, ки далели ин қазия аст: «Кори дувуме, ки ман менависам, дар дили худ зарур шуморида, иҷрои онро вазифаи ногузири худ мешуморам, кор кардан дар болои вазни шеъри тоҷикӣ аст. Маълум аст, ки вазни асосӣ ва анъанавии шеъри тоҷикӣ вазни арӯз аст. Аммо вазни арӯзи шеъри тоҷикӣ чизест то ҳол муаллифони арӯз чӣ будани вайро дуруст нафаҳмидаанд. (Мақсад аз ин муаллифон муаллифони қадимист). Назар ба ақидаи он муаллифон тоҷикон гӯё вазни арӯзро аз арабҳо гирифта бошанд. Ва ҳол он ки ин ақида тамоман хатост. Хато будани ин ақидаро бо далели бисёр сода исбот кардан мумкин аст: чунончи, ҳазаҷ, рамал, разаҷ ва дигар вазнҳо дар арабӣ тамоман дигар ва дар шеъри тоҷикӣ - форсӣ тамоман дигаранд... » [3, с.3].

Бо дидаи инкору кам задан нигаристани С. Айнӣ ба ақидаи гузаштагон, аз як тараф, ҷавоб ба кӯшиши тозаҷӯиҳои замон ва аз ҷониби дигар, аз ҳувият ва худогоҳии эҷодӣ сар задааст. Инкори ақидаи гузаштагон ё дархости зеҳнии онҳо дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат ва навию тозагӣ ва ё даъвои тасдиқи шахсияти худ андешаи навро иддао мекунад ва мегӯяд: «Мо бояд ин корро кунем, ки дар мо замина тайёр аст. Бинобар ин, то ба вуҷуд оврдани ин кор зинда мондани худро лозим медонам. Агар умр ёрӣ диҳад, то ташкил ёфтани Академияи фанҳо дар Тоҷикистон ба вуҷуд меояд ва аҷаб нест, ки дар қатори асарҳои илмии аввалини он академияи оянда чоп шуда барояд» [3, с.3].

Ин номаи С. Айнӣ ба М. Турсунзода андешаҳои ӯ дар мавриди вазни шеъри тоҷикӣ ва имконоти он дарёфти илмӣ ҳам ҳаст, зеро бо қавонини куллӣ ва саросари арӯз мутобиқат дорад. Бинобар ин, метавон тасдиқ кард, ки назарияи сухани С. Айнӣ навандешӣ дар амалияи илми арӯз ва шеъри нав низ ҳаст, ки далели он барои пешрафти назми адабиётамон комилан мусоидат мекунанд.

Албатта, ҳамаи номаҳои устод Айнӣ дорои маърифати баланд ва нисбати адабу фарҳангамон дорои суханҳое мебошанд, ки барои тарбияи завқи бадеӣ низ ёрӣ мерасонанд. Дар мактубҳои С. Айнӣ, ки ба Ҷалол Икромӣ ирсол шудаанд, романи «Шодӣ» - и ӯро таҳрир намуда, баъзе нозукиҳои ҳунари асарофариниро низ нишон додааст. Умуман, чи хеле ки қабл зикр кардем, тамоми номаҳои ба адибон бахшидаи С. Айнӣ ҳамин хусусиятро доро мебошанд. У бо тамоми роҳу усул кӯшиш кардааст, ки шогирдонашро тарбия намояд ва ба ин хеле ҳам эътибор медод. Дар номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ҳамин масъалаҳо бештар мушоҳида шудаанд ва аҳамияти онҳо барои ақидаҳои адабию эстетикии ин ду адиб бештар ба назар мерасанд. Бояд гуфт, ки арзиши мактубҳои онҳо маводест, ки дар он аз боби ин ё он рӯйдод изҳори ақида намуда ва дар айни замон нуқтаи назари худро ба нуқтаи назари ҷамъият мувофиқ мегардонанд. Чи тавре ки маълум аст, мактуб нуқтаи назари як шахс ё гурӯҳи одамон доир ба зиндагӣ ё паҳлуҳои гуногуни он, муаммоҳои ҳаёт, ҷамъият ва давлат мебошад. Мактуби нависанда бошад, маълумот дар бораи эҷоди нависандагон, аз бурду бохти онҳо изҳори ақида карда мешавад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мактубҳои нависандагон, алалхусус мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, як навъ ҳисоботи эҷодии ин ду шоҳсутуни адабиёт ба хонандагон мебошад. Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ фикру мулоҳизаҳои онҳо доир ба адабиёт, роли он дар тарбияи завқи эстетикии одамон ифода ёфтааст, ки наслҳои нави адабиётшиносон аз фикру мулоҳизаҳои онҳо чун панддиҳандагони хуби адабиёт истифода мебаранд.

Дар ин масъала адабиётшинос А. Кӯчаров менависад, ки «Ҳар як номаи С. Айнӣ, хусусан мактубҳое, ки ба ҷавонон ирсол медошт, бо фарогирӣ ва пурмуҳтавоии худ дорои ҷанбаи амиқи таълимӣ ва тарбиявӣ буданд. Бинобар ин, устод мехост, ки мундариҷаи чунин номаҳояш танҳо ба як кас маҳдуд набошад. Ин номаи муфассал чунин поён меёбад: «Агар ба шумо ё ба ягон нависанда ва шоири ҷавони дигар инҳо каме ҳам бошад, фоида диҳанд, меҳнати ман барзиёд намешавад. Шумо метавонед, ки қисми поинии ин мактубро дар маҷлиси нависандагон, махсусан ба нависандагони ҷавон хонда диҳед» [8, с.4].

Номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ як ганҷинаи бебаҳои фарҳангӣ буда, ба ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда ҳамеша хизмат хоҳанд кард. Чунки дар ин номаҳо чанд масъала роҷеъ ба худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳодисаҳои ҳақиқати баъзе аз рӯзгори адиб дида мешаванд ва дар онҳо умуман дар бораи нозукиҳои фарҳангиву адабӣ сухан меравад.

Устод Айнӣ ҳамеша бо дақиққории худ ҳар як сухани нофаҳморо ба дӯстону шогирдонаш аниқу дақиқ карда фаҳмонидааст. Ҳамаи номаҳои устод Айнӣ бо як маҳорати баланд, ҳисси инсондӯстӣ ва тамоми ҷанбаъҳои ахлоқӣ нисбат ба шогирдонаш навишта шудаанд.

С. Айнӣ тавассути нома ба дӯстону шогирдонаш тамоми нозукиҳои маҳорати эҷодиро меомӯзонад ва камбудиҳои онҳоро ислоҳ карда, онҳоро ба роҳи дуруст раҳсипор намудааст.

Устод Айнӣ дар номаҳояш бештар А. Лоҳутиро дастгирӣ намуда ва то нафаси охирини ҳаёташ дар тарбияи шогирдон содиқ монд. Аз ҳар як номаи С. Айнӣ ҳисси меҳрубониро нисбати адибони ҷавон дидан мумкин аст, ки ин номаҳо арзиши баланди маданӣ ва тарбиявӣ доранд.

Мактубҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутиро аз ҷиҳати мавзӯъ ба ҳиссаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мактубҳое, ки ҳасбиҳолианд, вале зимнан масъалаҳои умумии адабиётро низ дарбар мегиранд.

2. Мактубҳое, ки ба нашри асарҳо, таҳрири ҷузъӣ ва умумӣ бахшида
шудаанд, таҳлили ғоявии китобҳои алоҳидаро ба уҳда доранд.

3. Мактубҳое, ки ба ҷиҳатҳои забонии асарҳои сермаъноии калимаҳо, таносуби забони адабӣ ва зиндаи халқӣ бахшида шудаанд.

Мутаассифона, омӯзиши мукотибаи адибон, ки ба воситаи он бисёр ҷиҳатҳои муҳимми эҷодиёти нависандагонро муайян кардан мумкин аст, дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳоли худ гузошта шудааст. Ҳамаҷониба омӯхтани ин ҷиҳати кор бешубҳа, дар оянда боиси равнақи тозаи ҳам адабиёт, ҳам илми адабиётшиносӣ мегардад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи номаҳои С. Айнӣ монанди намунаҳои насри калони ӯ доманадор буда, месазад, ки онҳоро мавриди ҳамаҷиҳатаи таҳқиқи филологӣ қарор дод.

Устод ба ҳамаи адибони наслҳои солҳои 30-50-ум нома дорад, ки ин номаҳо дорои ҷанбаҳои илмӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ мебошанд. Устод Айнӣ дар иншои номаҳояш аз суханҳои барзиёди печида парҳез дошт ва номаро аз матлаб сар мекард, вале барои гирандаи ҷавоб ҳар қадар тафсил лозим бошад, ба амал меовард. Ин аст, ки як қисми номаҳои С. Айнӣ басо тафсил ёфта ба дараҷаи такриз мерасиданд. А. Деҳотӣ соли 1940 - ум, ҳангоми ба чоп омода кардани «Баҳром ва ҳафт пайкар» - и Низомӣ дар фаҳмиши баъзе байтҳо ба мушкилиҳо дучор мегардад. Пас ба мадади устод такя карда, ба як мактуби такрибан якунимсаҳифагӣ ба ӯ муроҷиат намуда, эзоҳи якчанд байт ва таъбирро хоҳиш мекунад. А. Деҳотӣ менависад: «Пас аз як ҳафта, аз ӯ ҷавоби муфассале гирифтам, ки он ба нуҳу ним саҳифа, дар сатрҳои зич бо ҳуруфи арабӣ, дастӣ навишта шуда буд» [5, с.50].

Дар ҳақиқат, вақте ки ба номаи ҷавобии устод Айнӣ менигарем, ягон сухани зиёдеро намебинем. Нома чунин оғоз мешавад: «Рафиқ Деҳотӣ! Мактуби 17 июл фиристодаатон расид. Инак, ба ҷавобҳои пурсишҳоятон медароям... саҳм, чунонки дар луғати форсию русӣ дидаед, ба маънои тарс ҳам меояд. Саъдӣ мегӯяд:

Саҳмгин обе, ки мурғобӣ дар ӯ эмин набудӣ,
Камтарин мавҷ осиёсанг аз канораш даррабудӣ.

(саҳмгин - пурбим, хавфангез). «Саҳм задан» монанди «тарс хӯрдан» ба маънои «саҳмидан» мешавад, ки «тарсидан» гуфтан аст» [5, с.50].

Устод Айнӣ ба ҳамаи адибон дар номаҳояш ба мисли А. Лоҳутӣ, А Деҳотӣ ва чанде аз нависандагони дигари тоҷик мукотибаи доимӣ дошт.

Нависандаи куҳансол дар мактубҳои худ дар бораи масъалаҳои муносибати ҳаёт ва адабиёти имрӯза ва инчунин ба тарбияи нависандагони ҷавони тоҷик бештар эътибор медод ва мулоҳиза менамуд. Дар номаҳое, ки С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ навиштааст, ҳамин масъалаҳо муҳокима мешаванд.

«Ҳамаи ин номаҳо, – менависад К. Айнӣ, – як ҳадафи асосӣ доранд – ростӣ ва ҳақшиносӣ, меҳнати ҳалол ва адолат. Ҳамчунин тарбияи ахлоқӣ дар рӯҳи худшиносӣ бо воситаи адаб ва фарҳанг, илова бар ҳамаи инҳо, ки гуфта шуд, номаҳо аз хушкорӣ,

пуркорӣ, некандешӣ нисбат ба шогирдон ва пайравонаш шаҳодат дода, вазифашиносӣ ва мураттабкории ишонро, ҳамчунин бе ҷавоб нагузоштан ва саривақт андешидани С. Айниро ба навиштаҳои дигарон бисёр хуб намоиш медиҳанд» [1, с.3].

Оре, ба ҳар як номаи устод Айнӣ нисбати адибони ҷавони солҳои 30-50 -ум андешаи К. Айнӣ далел шуда метавонад, махсусан номаҳои устод ба А. Лоҳутӣ ва аз Лоҳутӣ ба устод Айнӣ. Номаҳое, ки ба суроғаи А. Лоҳутӣ фиристода шудаанд, дорои мавзӯъҳое мебошанд, ки ба адабиёт, фарҳанг ва оила бахшида шудаанд. Устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бо ин номаҳои пурмазмуни адабии худ, дигар нависандагону адибони ояндаро дар роҳи эҷодӣ тарбия хоҳанд дод. Ин фарзанди фарзонаи халқи тоҷик ҳамеша ҷонфидои Ватан ва миллати хеш буд. Дар ин ҷо низ сухани сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид аст, ки мегӯяд: «Маҳз ғурури миллӣ, кӯшиш барои бақои Ватан ва нигоҳ доштани фарҳанг ба Садриддин Айнӣ имкон дод, ки очерки пурмуҳтавои «Темурмалик» - ро нависад. Ба азобу шиканҷа ва калтаккӯбиҳо нигоҳ накарда, устод Айнӣ таърихи адабиёти моро эҷод кард. Вай собит намуд, ки халқи тоҷик на танҳо вуҷуд дорад, балки дорои тамаддуни бостонӣ ҳам мебошад» [11, с.299].

Дар маҷмӯъ, тамоми мактубҳо ва асарҳои устод Айнӣ ҷиҳатҳои гуногуни адабӣ ва маърифатӣ, перомуни таърих, этнография, археология мадорики гаронбаҳоеро дар бар кардаанд, ки ба илму фарҳанги миллӣ таъсири амиқ мерасонад. Чуноне ки ба мушоҳида мерасад, масъалаҳои адабӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ дар заминаи номаҳои устод Айнӣ зиёд буда, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ мекашанд, ки мухтассоти он ҳамчун навъи махсуси адабӣ, илмӣ, ҳунари сухансароӣ, одоби муошират, қонунмандиҳои дохилӣ дар онҳо матраҳ гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. К. Айнӣ. Мактубҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода // Ҷумҳурият. – 2001. – 12 апрел. – С. 3.
2. Садриддин Айнӣ. Рафиқ Деҳотӣ! (Мактуби С. Айнӣ ба А. Деҳотӣ аз таърихи 24 июли соли 1940) // Шарқи сурх. – 1958. – №4. – С. 50 - 53.
3. Садриддин Айнӣ. Рафиқ Турсунзода! // Ҷумҳурият. – 2001. – 12 апрел. – С. 3.
4. Аслонова Н. Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ / Н. Аслонова. - Душанбе: Шуҷоиён, 20012. - 335 с.
5. А. Деҳотӣ. Як мактуби пурқимат // Шарқи сурх. - 1958. - №4. - С. 49 - 50.
6. Маҳмудзода М. Н. Таърих ва назарияи номанигорӣ (Аз қадим то давраи Амир Хусрави Деҳлавӣ). – Душанбе: Сино, 2009. – 140 с.
7. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ; ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот Х. Отахонова. – Душанбе: Девештич, 2003. – 140 с.
8. Кӯчаров А. Ҷанбаи таҳририи номаҳои С. Айнӣ / А.Кӯчаров // Адабиёт ва санъат, 2013. - 11 июл. - №28. - С.4.
9. М. Осимӣ. Сарсухан // Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. - Нашри зикршуда. – С. 5 - 8.
10. Отахонова Х. Бо ин «роҳбарон» - и забони тоҷикӣ чӣ кор кунам! (Чанд масъала дар боби забон дар номаҳои устод С. Айнӣ) / Х.Отахонова // Рӯдакӣ, соли шашум. - № 6. - 2005. - С. 7-12.
11. Раҳмонов Э. Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ / Э. Раҳмонов // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - С. 297-314.
12. Р. Ҳошим. Ду мактуб // Садои Шарқ. - 1978. №1. - С.14-17.

АРЗИШИ МАЪРИФАТӢ ВА ТАРБИЯВИИ МАКТУБҲОИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ

Дар мақола арзишҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва муҳимтарин масъалаҳои номаҳои устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳунари ин адибон бо мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин дар ҳамин замина таъкид мегардад, ки номаҳои ин ду саромади адабиёти тоҷик арзишҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва илмиро доро буда, муносибати ду адиби бузургро бозгӯ менамоянд. Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ фикру мулоҳизаҳои онҳо доир ба адабиёт, роли он дар тарбияи завқи эстетикии одамон ифода ёфтааст, ки наслҳои нави адабиётшиносон аз фикру мулоҳизаҳои онҳо чун панддиҳандагони хуби адабиёт истифода мебаранд. Номаҳои устод Айнӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ собит месозанд, ки онҳо дорои мавзӯву мундариҷа ва ба ҷомеаи мо аҳаммияти фавқулода доранд. Ин номаҳо дорои мавзӯъҳое мебошанд, ки ба адабиёт, фарҳанг ва оила низ бахшида шудаанд. Ҳар як номаи фиристодаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дорои ҷанбаҳои илмӣ, маърифатӣ ва адабию фарҳангӣ буда, ба ҷомеаи имрӯза ва наслҳои оянда ҳамеша хизмат хоҳанд кард. Чунки дар ин номаҳо чанд масъала роҷеъ ба худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳодисаҳои ҳақиқати баъзе аз рӯзгори адиб дида мешаванд ва дар онҳо умуман дар бораи нозукиҳои фарҳангиву адабӣ ва маърифатӣ сухан меравад. Бояд гуфт ки масъалаҳои адабӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ дар заминаи номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ зиёд буда, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ мекашанд, ки мухтассоти он ҳамчун навъи махсуси адабӣ, илмӣ, ҳунари сухансароӣ, одоби муошират, қонунмандиҳои дохилӣ дар онҳо матраҳ гардидаанд.

Калидвожаҳо: мактубҳо, С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, илму фарҳанг, арзиши маърифатӣ ва тарбиявӣ, суханвари мумтоз.

ПОЗНАВАТЕЛЬНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПИСЕМ С. АЙНИ К А. ЛАХУТИ

В статье исследованы вопросы познавательного и воспитательного значения писем основоположника новой таджикской литературы Садриддина Айни к своим коллегам по перу. Приведены многочисленные примеры, доказывающие заботливое отношение Айни к молодым писателям, к их творчеству. В основном Айни и Лахути обменивались письмами и посредством писем обсуждали широкий круг вопросов литературы, искусства, культуры. Поэтому они имеют, прежде всего, познавательное и воспитательное значение для художников слова – писателей, поэтов и культурологов. Устод Айни в письмах Лахути подробнейшим образом излагал свою позицию

в отношении художественной литературы, свое видение решений насущных вопросов ее дальнейшего развития, показывал на своем примере творчества, каким образом решить возникающие вопросы художественного мастерства. Много писем Айни написаны на тему общего развития культуры и некоторые из них посвящены проблемам семьи. Садриддин Айни, как патриарх таджикской литературы, в своих письмах обсуждал вопросы, касающиеся влияния художественной литературы на общество, идейно-эстетического значения самой литературы, пристального изучения творческого наследия классиков персидско-таджикской литературы. Исходя из важности поставленных проблем, автор подытоживает, что эпистолярная литература в нашей литературоведческой науке является малоизученной и надо приложить все усилия, чтобы все письма Айни были опубликованы и на их основе следовало бы в совокупности исследовать литературно-эстетические воззрения Садриддина Айни.

Ключевые слова: письмо, Айни, Лахути, наука, творчество, воспитание, познание, художественная литература.

INFORMATIVE-EDUCATIONAL VALUE TO the LETTERS of S. AYNI, A. LAHUTI

The article deals with the questions of cognitive and educational correspondence of the founder of the new Tajik literature Sadriddin Aini to his colleagues in Peru. There are numerous examples proving Ayni's caring attitude to young writers about their work. Mainly Aini and lahouti exchanged letters and discussed a wide range of issues of literature, art and culture through letters. Therefore, they have, first of all, cognitive and educational value for the artists of the word – writers, poets and cultural scientists. Ustod Aini in letters Lahuti exhaustively expounded its position in relation to the art of literature, his vision of the solutions to the pressing issues of its further development, was shown on the example of creativity how to solve the questions of artistic mastery. Many letters Aini written on the theme of the General development of culture and some of them are devoted to family problems. Sadriddin Aini, as Patriarch of Tajik literature, in his letters discussed issues related to the impact of fiction on society, ideological and aesthetic value of literature itself, a close study of the creative heritage of the classics of Persian-Tajik literature. Based on the importance of the problems, the author sums up that epistolary literature in our literary science is poorly studied and it is necessary to make every effort that all Aini's letters were published and on their basis it would be necessary to study together the literary and aesthetic views of Sadriddin Aini.

Key words: writing, Aini, Lahuti, science, creativity, education, cognition, fiction.

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 901-09-21-00**

Information about author: ***Naimova Farzona*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 901-09-21-00**

УДК: 891.550-1

ҲУНАРИ ШОИРИИ АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ ДАР КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ

Собиров Ҳ.Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абдулвосеи Ҷабалӣ аксар бо шеваи ҳунарӣ корбаст шуда, баъзан мазмуну муҳтавои шеърҳои ҷудогонаи шоирро ҷилваҳои ҳунарӣ боз ҳам ҷолибу рангинтар менамоянд. Абдулвосеи Ҷабалӣ аз зумраи шоиронест, ки анъанаи суннатии истифодаи воситаҳои тасвири бадеиро дар шеър идома дода, таваҷҷуҳи бештарро ба санъатҳои лафзӣ бахшидааст. Санъатҳои тавсиф, муламмаъ, ҷамъу тақсим, шумор, сифатчинӣ ва ғайра дар ашъори шоир мӯшикофонаву нуктасанҷона ба риштаи қонуниятҳои лафзии шеър кашида шудаанд. Бешак, Абдулвосеи Ҷабалӣ дар ин самт муваффақ буда, хонандаро ба дунёи сухани тару тоза ва саропо пур аз эҳсос раҳнамун месозад. Ҳунари шоирии Абдулвосеи Ҷабалӣ дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ба ҳаддест, ки баъзе аз қасоиди ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик то ҳанӯз ҷавоби хешро мунтазиранд. Ба ин нукта олимону адабиётшиносон ишораҳои махсус карда, ҳунари шоирии ӯро орӣ аз ҳар гуна сухан бофтану суханбозиҳо медонанд.

Шоир барои ҳунари хешро арза кардан аз муҳассаноти бадеӣ, умуман ва махсусан, аз санъатҳои лафзӣ ҷиҳати таъмини ҷанбаи мусиқоии каломи хеш суд ҷустааст. Ҷабалӣ ба монанди шоирони дигар, чун Қатрони Табрезӣ, Рашидуддини Ватвот, Азрақии Ҳиравӣ ва дигар муосиронаш таваҷҷуҳ ба ҷанбаи зоҳирии калом намуда, дар эҷодиёти хеш кӯшиш намудааст, ки анвову ақсоми саноеи бадеиро аксар бо шеваи ҳунарибунёд мавриди истифода қарор бидиҳад. Аз ин рӯ, ҳузури ҳунарии ороятҳои адабиро дар шеъри ин шоири мушкилписанд наметавон нодида гирифт. Истифода аз санъатҳои бадеӣ барои ҳар шоир ногузир аст, зеро ин абзорҳо ба каломи шоир ҳусн ва таровати иловагӣ мебахшанд. Ба шарти он ки ин коргирӣ ба ҳадде бошад, ки ба ифрот нарасад. Маҳз ҳамин ҷиҳати эҷоди шоир, пеш аз ҳама, диққати донишмандон ва хонандаи ашъорашро ҷалб менамояд. Зеро каломи ӯ дар баъзе маворид ба ҳадде ҳунарист, ки дар истифодаи чунин абзорҳо устоди

моҳир ва дар миёни шоирони ҳамзамонаш бо доштани тарзи хосси шеърофаринӣ, бо истифода аз соири абзорҳои ҳунарӣ дар шеър, мақоми махсус дорад.

Абдулвосеи Ҷабалӣ шоири санъатгарост ва ба назар мерасад, ки бо ин амр такаллуфоти хешро дар қолаби каломи манзум ба намоиш гузоштааст. Вай аз ҷумлаи саноеи бадеӣ, махсусан, ба ороятҳои лафзӣ таваҷҷуҳ карда ва дар эҷодиёти хеш аз шеваи ҳунарии корбасти онҳо суд ҷустааст. Барои ироаи мазмунҳои баланди шеърӣ ҳам аз воситаҳои гуногуни бадеӣ ба таври фаровон истифода бурдааст. Ҳамин боис гардидааст, ки ин ҷиҳати ашъори шоир диққати донишмандони адабиётшиносро ба худ ҷалб намояд ва дар умум, ҳамаи онҳо ҳунари шоирро дар корбурди саноеи бадеӣ ситудаанд.

Дар замони Абдулвосеи Ҷабалӣ диққат ба саноеи бадеӣ, бахусус саноеи лафзӣ, аз тарафи ҳамасронаш ва аз ҷониби худи шоир ба авҷи камол расид. Донишмандони зиёде ба ҳунари корбурди санъатҳои бадеӣ аз тарафи Абдулвосеи Ҷабалӣ баҳои муносиб дода ва ба ҳадди вуфур овардани ин ороятҳоро аз мухтассоти шеъри ӯ донистаанд. Аллома Шиблии Нуъмонӣ дар ин хусус чунин овардааст: «Абдулвосеи Ҷабалӣ ва Рашидаддини Ватвот то ин дараҷа дар алфоз яд доранд, ки аз ҳар навъ ва ҳар қисм ва ё аз ҳар поя ва дараҷаи алфозу иборот бихоҳанд, бидуни ҳеҷ такаллуфе ба кор мебаранд» [8, с.165].

Барои тақвияти гуфтаҳои хеш дар идома, ба таври муъҷаз, чанде аз ороятҳои адабиеро, ки аз тарафи шоир дар эҷодиёташ ба сурати ҳунарӣ корбаст гардидаанд, баррасӣ мекунем.

Тавсиф, ки аз калимаи арабии васф гирифта шуда, ба маънои таъриф ва зикр намудани сифатҳои ашё мебошад, лафзест, ки дар шеър хусусиятҳои ашё, инсон ва воқеаву ҳодисаҳоро акс мекунонад. Тавсиф дар грамматика муайянкунанда, дар адабиёти бадеӣ яке аз воситаҳои тасвири санъати маънавӣ ва муайянкунандаи бадеӣ шинохта шудааст [7, с. 133]. Чунончи, дар намунаи зерин, аз ашъори Абдулвосеи Ҷабалӣ дар мисоли таркибҳои тавсифии «бози сапед» ва «шери сиёҳ» мушоҳида мекунем:

Он бихорад дидаи бози сапед андар шикор
В-ин бидаррад синаи шери сиёҳ андар ваго [10, с.10].

Воқеан, санъати тавсиф барои муайян намудани сифати касе, чизе ё ҳодисае, чи дар назм ва чи дар наср, мавқеи муҳимро дорост. Доир ба муҳиммият ва асосӣ будани санъати мазкур адабиётшиносон ба некуӣ сухан ба миён овардаанд. Аз ҷумла, В. М. Сидельников бар он назар аст, ки «шеъри лирикӣ амалан бидуни тавсиф эҷод шуда наметавонад» [9, с.91].

Ин гуфта, ба кулли анвои шеърӣ сидқ дорад, аз ҷумла, ғазал, ки аз жанрҳои маъмули лирикӣ маҳсуб меёбад, бидуни тавсиф шуда наметавонад ва дар ин навъи шеърӣ, бахусус, ғазали ишқӣ тавсиф чун муайянкунандаи бадеӣ зоҳир мешавад.

Устод Худоӣ Шарифов дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолае бо унвони «Маҳфили шавқ» дорад, ки доир ба Соиби Табрезӣ сухан ба миён овардааст ва афзуда, ки «азбаски шеър ба маъние ситудани ҳақоиқи ҳастӣ ва ҷилваи зебоиҳои он аст, васфро ибтидои шеъру суханварӣ шумурдан мумкин аст. Гарчи васф дар гузашта вазифаи қасида буд, лек Соиб онро дар ғазал ҳам ба таври шоёне кор фармудааст» [11, с.146].

Аз санъати мазкур намунаҳои хеле зиёд дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ ба назар мерасад. Инчунин, ҳангоми инъикоси сифату хислати мамдуҳонаш дар қасоиди хеш аз ин санъат корбасти фаровон намудааст.

В. М. Жирмунский чунин андеша дорад, ки «тавсиф то андозае аломату сифати муҳимми чизро ҷудо карда нишон медиҳад ва диққати хонандаро, пеш аз ҳама, ба ҳамон сифат равона мекунад» [2, с.355]. Чунончи, Абдулвосеи Ҷабалӣ ғазале дорад, ки бо ин матлаъ оғоз мегардад:

Аз дур бидидам он бути кашро,
Он сарви баланду моҳи дилкашро [10, с.492].

Дар ғазали мазкур калимаҳое, ки ба сифати санъати тавсиф омадаанд, аз инҳо иборатанд: «майи шабона», «нигори маҳваш», «зулфайни бурида», «лаби хуш», «мушки сияҳ» ва амсоли инҳо, ки намунаи писандидае аз санъати мазкур ба шумор мераванд. Ҳангоми тасвир Абдулвосеи Ҷабалӣ дар яке аз ғазалҳои хеш лаби маъшуқаро сифат намуда, диққати хонандаро ба «шакарлаб» будани лаби маъшуқа, ки метавонист дигар тарз низ ифода кунад, равона карда, таваҷҷуҳи хонандаро танҳо ба ин сифати лаби маъшуқа равона кардааст. Чунончи:

Ало, эй боди шабгиро, бигӯ он моҳи гулрухро,
Дилоромуи шакарлабро, нигори зуҳрапосухро [10, с.493].

Абдулвосеи Ҷабалӣ барои тасвири маъшуқа ва ошиқ, ё ин ки қаҳрамони лирикӣ тавсифҳои гуногунро раво донистааст: Зебо, гулрух, деборух, моҳ, дилфурӯз, вафодор, дамсоз, дилкаш, дилором, заҳрабаногӯш, зуҳратабъ, моҳрӯй, маҳҷабин ва ғайра. Масалан, дар намунаи зерин Ҷабалӣ сифати лаб ва рухро хеле зебо ба риштаи тасвир кашидааст:

Мӯй чу насрин шудаст, з-он лаби майгун маро,
Ашк чу парвин шудаст, з-он рухи маҳваш маро [10, с.496].

Абдулвосеи Ҷабалӣ ғазале дорад, ки баъд аз ҳар як мисроъ дар он аз санъати мавриди назар истифода бурда ва бар замми ин, қофияи шеърро низ аз тавсиф таъмин намудааст, ки бо матлаи зерин оғоз мегардад:

Эй чу ҳусни ту фузун ишқи ту ҳар рӯз маро,
Фитна кардӣ ба суханҳои дилафрӯз маро.
Чун маро меҳнати ишқи ту даровард зи пой,
Мадеҳ аз даст ба гуфтори бадомӯз маро [10, с.498].

Ё худ, ҷойи дигар овардааст:

Ҳаргиз бувад ин ё, Раб, к-ояд бари ман як шаб
Он дилбари симинбару он луъбати ширинлаб [10, с.502].

Аз намунаҳои овардашуда маълум мешавад, ки тавсиф дар шеъри шоир ба ҳайси воситаи муҳимми ифодаи бадеӣ хизмат намуда, мазмуни андешаҳои ӯро пурра ва дилнишин гардонидааст.

Бамаврид аст, ин ҷо бардошти адабиётшинос Бадриддин Мақсудовро аз санъати тавсиф биёварем, ки таъкиди мазбурро тақвият мебахшад: «Тавсиф дараҷаи аввали маърифати эстетикӣ ва ибтидои тарзи бадеии тасвир аст» [6, с.116].

Абдулвосеи Ҷабалӣ барои ифода ва тасвири образҳои асосии шеъраш – маъшуқа ва ошиқ ин санъати бадеиро моҳирона ба кор бурда ва дар навбати худ, диди эстетикии хешро аён намудааст. Чунончи:

Он санами дилфурӯз ёри навойини мост,
Шамъи ҳама олам аст, луъбати ширини мост [10, с.508].

Ё худ, дар яке аз қасидаҳояш бо истифода аз ин санъати бадеӣ чунин тасвир офаридааст:

Чирадастоне, ки гор аз шахсашон гаштӣ чу кӯҳ,
Бодпоёне, ки кӯҳ аз наълашон куфтӣ чу гор [10, с.183].

Ҳунари шоир дар овардани санъати бадеии мазкур ниҳоят ситуданист. Ҳатто, як байт ҳам дар девонаш аз имконоти ин воситаи тасвири бадеӣ маҳрум намондааст.

Илова бар ин, шоир дар як байт метавонад, чандин санъатро мавриди истифода қарор бидиҳад. Барои тақвияти ин андеша байти мазкур худ далели гуфтаҳои мо мебошад. Агар хуб диққат диҳем, пай мебарем, ки ба ҷуз санъати тавсиф дар ин байт миёни гуфтаҳои «ғор аз шахсашон гаштӣ чу кӯҳ» ва «кӯҳ аз наълашон куфтӣ чу ғор» санъати ташбеҳ, он ҳам як навъи он, ки дар кутуби илмӣ ҳамчун ташбеҳи акс, ё худ чаппа унвонгузорӣ шудааст, ба назар аён мегардад. Дар ин байт дигар саноеъро низ ҷустан мумкин аст. Барои мисол байни калимаҳои мисраи якум «аз шахсашон гаштӣ чу кӯҳ» ва мисраи дуюм «аз наълашон куфтӣ чу ғор» санъати тарсеъ, мувозана ва такрор ба назар мерасад, ки ин мисоли ягона нест. Аксар абёти шоир дар чанд ороияи адабӣ суруда шуда ва ин тарзи шеърофаринии ӯ шеваи ҳунариашро нисбат ба дигар шоирони ҳамасри худ мумтоз гардонидааст.

Абдулвосеи Ҷабалӣ аз ин воситаи тасвир хеле зиёд дар эҷодиёташ истифода кардааст. Мо танҳо чанд намуна зикр кардем, мисолҳо фаровонанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ин санъат дар эҷодиёти шоир корбурди фаровоне дошта ва аз сабаби он ки мо наметавонем, ҳамаи онро дар ин мухтасар ҷой бидиҳем, бо ҳамин иктифо менамоем ва ба баррасии дигар санъати бадеӣ мепардозем.

Санъати дигар муаммаъ аст, ки аз ҷумлаи саноеи лафзӣ маҳсуб меёбад. Тибқи талаботи он, шоир мисраеро ба забони тоҷикӣ ва мисраеро ба арабӣ, ё худ байтеро ба арабӣ ва байтеро ба забони тоҷикӣ меорад. Муаллифи китоби «Балоғат ва суханварӣ» зимни шарҳи санъати мазкур чунин овардааст, ки «муаммаъ дар луғат равшан кардан ва дурахшонро мегӯянд. Инчунин, ба маънои рангоранг ва ҳайвони гулдор ва ало ё холдор низ омадааст» [12, с.163].

Муаллифи китоби «Санъати сухан» Т. Зеҳнӣ афзудааст, ки «агар мисрае ба арабӣ ва мисрае ба тоҷикӣ гуфта шуда бошад ё нимаи мисраъ тоҷикӣ ва нимаи дигар туркӣ бошад, муаммаи макшуф (кушода), вагарна муаммаи маҳҷуб (пӯшида) ном дорад» [3, с.155].

Мо дар ашъори Ҷабалӣ бо намунаҳое дучор мегардем, ки танҳо ба тоҷикию арабӣ суруда шудаанд. Санъати мазкур дар эҷодиёти даҳонии халқ низ ба мушоҳида мерасад, ки соҳибзавқон ва ононе, ки табъи шоирӣ доранд, гоҳо порчаҳое эҷод кардаанд, ки ба забонҳои русию тоҷикӣ гуфта шудаанд. Ба забони гуфтугӯйиамон чунин навъро ширу шакар низ мегӯянд.

Абдулвосеи Ҷабалӣ шахсияти таълимдида ва аз касонест, ки аз илми тафсиру калом ва фиқҳ огоҳ ва бо ду забон: арабӣ ва форсӣ осоре ба ёдгор мондааст. Пас, барои ин гуна шоир чӣ ишколе дорад, ки ба ин навъи санъат табъи хешро наозмояд. Аз ин ҷиҳат буд, ки дар «Лубоб-ул-албоб» Муҳаммад Авфии Бухорӣ аз табъи ӯ сухан ронда, ба назми тозӣ қодир будану дар шеъри форсӣ моҳир будани ӯро таъкид намуда, ду намунаи муаммаъро аз Ҷабалӣ ёдоварӣ намудааст. Чунончи: «Ва адиб Абдулвосеъ зулбалоғатайн бувад, бар

назми тозӣ қодир буд ва дар шеъри порсӣ моҳир. Ҳамаи фузало бар тақаддуми ӯ якзабон буданд, аммо ӯ дар назм дузабон буд ва чанд муламмаъ гуфтааст» [1, с.595].

Яке аз хусусиятҳои асосии асри шоир бо ду забон омехта шеър гуфтан мебошад. Ин аз он сабаб буд, ки ҳар як шоири он замон, илова ба забони модариаш, арабиро низ хуб медонист ва ҳатто шоирони махсуси арабинавис ҳам будаанд. Намунае аз ин санъатро аз ашъори Ҷабалӣ меоварем:

Аё қурратулъайни ҳоти-л- мудом,
Фамал айшу илас-сурур-ил- мудом.
Шаробе, ки аз гояти сафваташ
Набинӣ чу бар каф ниҳӣ ҷуз, ки ҷом [10, с.483].

Қасидаи мазкур аз 21 байт иборат буда, то ба охир як байт ба арабӣ ва як байт ба тоҷикӣ суруда шудааст. Бо овардани намунаи дигар аз ин санъат иктифо менамоем:

Лақад роҳати равза райҳу шамол
Ва заррат алайҳо қамисал ҷамол.
Чаманро суман карда гавҳарнигор,
Ҳаворо сабо дода анбармисол [10, с.486].

Муламмаи мазкур аз 15 байт иборат буда, бар замми ин, дарак аз забондонии ӯ медиҳад, ки то чӣ андоза забони арабиро хуб медонистааст ва бо ин забон таълифот низ доштааст.

Санъати дигаре, ки дар шеъри Ҷабалӣ басомади зиёд дорад, санъати ҷамъу тақсим мебошад. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар мисрае, ё байте якчанд чизро зикр мекунад, баъд аз он дар мисраъ ё байти дигар чанд чизи дигарро зикр менамояд, ки ба онҳо тааллуқ дорад ва ҳар кадомашро ба ҳар яки он чизҳои дар боло зикршуда ба таври тартибу таъйин нисбат медиҳад. Чунончи, дар ин қасидаи Абдулвосеи Ҷабалӣ, ки бо ин байт оғоз мегардад, мухтассоти мазбури санъати мазкур ба мушоҳида мерасад:

Ба адли комили хусрав, ба амни омили султон
Тазарву кабку рангу гӯр гаштастанд, дар кайҳон [10, с.356].

Санъати мазкур дар дигар қасоиди Абдулвосеи Ҷабалӣ низ серистеъмол буда, шеъри мавриди назар аз ҷумлаи қасоиди ҳунарии шоир ба шумор меравад. Дар зер қатрае аз баҳрро ҳамчун намуна меоварем:

Ҳаме кунанд тафохур ба хидмати султон:
Яке сипеҳру дувум анҷуму сеюм кайвон [10, с.359].

Санъати мазкурро Мир Ҷалолиддини Каззозӣ дар китоби «Зебошиносии сухани порсӣ» чунин шарҳ додааст, ки «суханвар ду ё чанд чизро нахуст ёд кунад, сипас вобастагониро барои онҳо як ба як дар сухан биёварад. Ба гунае, ки ошкоро пайванди ҳар вобаста бо вожаи он нишон дода шуда бошад» [4, с.123].

Санъати мавриди назар аз нигоҳи басомад то ҳаддест, ки шоир се қасидаи комили хешро бо ин санъати бадеӣ иншо намудааст ва ба ҳадде каломаш ҳунарист, ки шоире пайдо нашуда, то аз уҳдаи ҷавоби он барояд. Қасидаи зерин аз 45 байт иборат аст ва барои тақвияти гуфтаҳои хеш се байти онро дар зер меоварем:

Кӣ дорад чун ту маъшуқе нигору чобуку дилбар,
Бунафшазулфу наргисчашму лоларӯю насринбар.
Набошад чун ҷабину зулфу рухсору лабат ҳаргиз
Маҳи равшан, шаби тира, гули сурӣ, майи аҳмар.
Зи дарду ҳасрату андешаву тимори ту дорам
Ҷигар гарму нафас сарду лабон хушку ду дида тар [10, с.190].

Дар қасидаи дигар баъд аз байти гурез ва зикри номи мамдуҳаш, ки Султон Санҷар аст, боқимонда абёт пурра бо ин санъати бадеӣ иншо гардидаанд:

Гирифтанд аз вуҷуду сирату тартибу адли ту
Замин зиннат, замон қиммат, ҷаҳон равнақ, шариат фарр.
Чу аз боди сабо гулшан, чу аз нури басар дида,
Чу аз оби равон сабза, чу аз рӯҳи равон пайкар.
На бо табъат бувад ҳамто, на бо азмат бувад ҳамраҳ,
На бо лафзат бувад ҳамсон, на бо хулқат бувад ҳамсар.
Ба покӣ қатраи борон, ба тезӣ шуълаи оташ,
Ба хубӣ риштаи лӯълӯъ, ба хушӣ байзаи анбар [10, с.202-203].

Дараҷаи истифодаи шоирро аз ин санъати бадеӣ дар бахшҳои ҷудогонаи қасида ҳам ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Чунончи, ӯ дар қисмати шаритаи қасида, яъне қисмати охир, ки бо номи дуо низ дар китобҳо зикр шудааст, овардааст:

Бод аъдои туро чун нору обу боду хок:
Рӯй зарду қадр пасту азм сусту нафс хор [10, с.241].

Ё худ, дар қисмати талаби қасидаи дигар аз санъати мавриди назар суд ҷуста ва бисёр ҳунармандона ба риштаи тасвир кашидааст:

Ту ба ҷоҳу ҷуд чун хуршеду дарёиву нест

Нодира, гар ман зи иқболи ту гардам номдор.
Аз барои он ки аз хуршеду аз дарё шавад
Санг лаъли обдору об дурри шоҳвор [10, с.216].

Ҷойи дигар бо истифода аз ин санъат чунон мамдуҳи хешро ситудааст, ки аз шоҳони Форс ӯро боло донистааст ва ин ба фикри банда, аз сиёсати даврон, ё худ аз иноятҳоест, ки дар ҳаққи шоир шоҳ Санҷар кардааст. Чунки дар чанд ҷойи девони шоир байтҳое вомехӯранд, ки шоир аз иноятҳои Султон Санҷар ёдоварӣ намудаву сабаби шуҳрати хешро аз тарбият ва иноятҳои ин шоҳ донистааст. Аз ин сабаб, шоир ҳар чиз ва ҳама касро дар ихтиёри мамдуҳи хеш гузоштааст:

Шуд аз осори ӯ фонӣ, шуд аз ахбори ӯ ботил,
Шуд аз авсофи ӯ ноқис, шуд аз афъоли ӯ абтар.
Ҳама осори Нӯшервон, ҳама ахбори Кайхусрав,
Ҳама авсофи Афредун, ҳама афъоли Искандар [10, с.198].

Ҳамин тариқ, аз ин санъати бадеӣ низ шоир барои ифодаи ҳунарии андешаҳои хеш фаровон корбаст намудааст.

Санъати шумур аз ҷумлаи дигар ороёҳоест, ки Ҷабалӣ ба он таваҷҷуҳи зиёд доштааст. Мувофиқи шарҳи Турақул Зеҳнӣ, ин санъат чунон аст, ки «дар он шоир порчае маҳз барои латофат ва назокати сухан чанд чизро танҳо-танҳо мешумораду баъд ҳамаро як-як тафсиру эзоҳ мекунад. Баъзан умуман риояи зикри ададро менамояд» [3, с.78].

Аз моҳияти таърифи мазбур ва мисолҳое, ки муаллифи мазкур овардааст, ба хубӣ метавон фаҳмид, ки шоир дар мисраъ, байт ё порчаи шеърӣ аввал рақамҳоро меорад ва баъдан ашёву амал ё аломати ба он рақамҳо марбутро. Ҳолатҳои истифодабарии ин санъат аз тарафи Абдулвосеи Ҷабалӣ як хел нестанд, ки мо инро аз намунаҳои дар зер овардаамон хоҳем дид. Гоҳо шоир дар як мисраъ ҳам рақамҳову ҳам ашёю амали ба он вобастаро меорад:

Шаш чизат офарид, зи шаш чиз он, ки ӯ
Дунё биофарид ба шаш рӯзи сар ба сар.
Аз дил карам, зи табъ мурувват, зи нафс ҳилм,
Аз каф сахо, зи хулқ латофат, зи тан ҳунар.
Чун аз замин набот зи кон зарр зи нофа мушк,
Чун зи об дур, зи кӯҳ ҷавоҳир, зи най шакар [10, с.188].

Ҳолати дар ду мисраъ истифода бурдани санъати шумур бештар дучор мегардад. Дар қасидаи зерин, ки аз 45 байт иборат аст, то ба интиҳо ба ин санъат ихтисос дода шудааст:

Ҳаме кунанд тафохур ба хидмати султон,
Яке сипеҳру дувум анҷуму сеюм кайвон [10, с.356].

Абдулвосеи Ҷабалӣ дар корбасти ин навъи санъат маҳорати баланд дорад, аз ҷумла, дар намунаи зерин:

Дар чор чиз дорам доим чаҳор чиз,
Тафсили он ба шарҳ бигӯям ту ёд гир:
Шукри ту дар забону санои ту дар даҳон,
Меҳри ту дар равону ҳавои ту дар замир.
То тегро ба каффи далерон бувад салил,
То килкро ба дасти дабирон бувад сарир,
Пайваста бод умри ту чун килки ту равон,
Ҳамвора бод азми ту чун теги ту тарир.
Аз чор чиз дур мабодат чаҳор чиз,
То чархро мадор бувад шамсро масир:
Базмат зи аҳли ҳикмату дастат зи ҷоми май,
Чашмат зи рӯйи дилбару гӯшат зи лаҳни зир [10, с.221].

Ё худ, намунаи зерин:

Сарое сохта бар вай, даре овехта, к-онро
Чаҳор олат назебад ҷуз чаҳор ишкел пайкаршон:
Яке ҷуз муштарӣ банда, дувум ҷуз моҳи нав ҳалқа,
Се дигар ҷуз фалак даргаҳ, чаҳорум ҷуз малак дарбон [10, с.308].

Аз намунаҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар ашъори Абдулвосеи Ҷабалӣ, ки асосан шеъри мадҳӣ месуруд, барои шумурдани сифатҳои писандидаи мамдуҳ аз ин санъат хеле зиёд истифода бурдааст.

Чунончи, дар қисмати шаритаи қасида оварда шуда аст:

Аз чор чиз дур мабодаш чаҳор чиз,
Ҳамвора то табоеи гетӣ бувад чаҳор:
Дасташ зи ҷоми бодаву табъаш зи айши хуш,
Гӯшаш зи савти мутрибу чашмаш зи рӯйи ёр [10, с.223].

Шоир қасидае дорад бо унвони «Мадҳи Заҳирулмулк Шарафиддин» ва дар он аз ин санъат истифода намудааст:

Чор чизи ман шуд аз иқболи ту бар чор навъ,
З-ин қибал ҳастам ба мадҳат рӯзу шаб ратбуллисон.
Айши танги ман фароху номи хурди ман бузург,
Кори пасти ман баланду бахти пири ман ҷавон [10, с.335].

Байтҳои мазкур интихобан барои намунаанд, вагарна аз эҷодиёти шоир метавон ба ҳайси шавоҳид хеле зиёд ёдрас шуд.

Ниҳоят, санъати дигаре, ки дар шеъри Ҷабалӣ басомади зиёд дошта, барои офаридани шеъри маснӯъ заминасоз аст, сифатчинӣ мебошад. Сифатчинӣ, ё худ тансиқи сифот он аст, ки «барои тавсиф ва тасвири касе ё чизе ба таври болобардорӣ ва ё бо роҳи сарзаниш сифатҳои муносиб барои як мавсуф қатор чида мешаванд, ки ифодаро қувват медиҳад» [3, с.69]. Пас, ҳар гоҳ, ки сифатҳо паси ҳам чида шуда оянд, онро тансиқи сифот ном мебаранд ё ба ибораи дигар, онро сифатчинӣ меноманд. Ин навъи санъат метавонад дар як байт ва ё дар ду-се байти алоқаманд, инчунин, дар тамоми шеър воқеъ гардад.

Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ, дар китоби «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» зимни овардани тансиқи сифот барои тақвияти фикри хеш аз Хоҷуи Кирмонӣ мисоле овардааст ва афзуда, ки дар сифати аспе неку гуфтааст:

Малак таъйиди девоин, фалак таркиби куҳолат,
Наҳанг осеби шерофат, паланг ошӯби пилафкан [5, с.266].

Байти мавриди назар аз Абдулвосеи Ҷабалӣ аз қасидаест, ки дар ситоиши Тоҷиддин Абулфазл Наср ибни Халаф - малики Нимрӯз сурудааст ва бо ин байт оғоз мешавад:

Чӣ ҷурм аст ин бароварда сар аз дарёи мавҷафкан,
Ба кӯҳ андар дамон оташ, ба баҳр андар кашон доман [10, с.151].

Дар миёнаи қасидаи мазкур шоир на дар сифати асп, балки сухан аз ҷанговарон гуфтааст. Абдулвосеи Ҷабалӣ шоири маддоҳ буд ва ҳар чӣ қудрати табъ дошт, барои хотири мамдуҳро шод намудан ва сифатҳои ӯро тавсиф намудан истифода карда, аз имконоти санъати мавриди назар моҳирона суд ҷустааст.

Ба андешаи Шиблии Нуъмонӣ, «тансиқи сифот он аст, ки шоир чанд васфи мухталифро ба якдигар орад ва як чизро чанд сифати мухталиф кунад» [8, с.386]. Аз ин рӯ, Абдулвосеи Ҷабалӣ низ барои тавсифи мамдуҳонаш аз ин санъат истифода карда, зеро шоир барои боло бардоштан ва ё бо роҳи сарзаниш сифатҳои муносиби якҷинсаро барои як мавсуф паси ҳам мечинад, то ки ифодаи хешро қувват бидиҳад. Чунончи, дар намунаи зерин:

Гашт бо шаъро зи таҳсини ту шеърам ҳаммаҳал,
Гашт бо насра зи тамкини ту насрам ҳамҷавор.
Он дарахтам боғи мулкатро, ки дорам эй аҷаб,
Меҳр беху мадҳ шоху ҳамд баргу шукр бор [10, с.218].

Ё худ, ҷойи дигар барои дур мондан аз мамдуҳаш ҳолати хешро ба тасвир овардааст:

Акнун зи ғайбати ту шабу рӯз мондаам,
Баста лабу шикаста дилу сӯхта ҷигар [10, с.189].

Дар намунаи зерин Абдулвосеи Ҷабалӣ сифатшавандаҳоро дар мисраи якум паси ҳам оварда ва дар мисраи дуюм сифатҳоро баробар гузоштааст:

Ки ту дорӣ чу базму разму лафзу талъати султон:
Дили хуррам, хати зебо, лаби ширин, рухи анвар [10, с.191].

Абдулвосеи Ҷабалӣ дар ин байт аввал сифатшавандаҳоро номбар карда, баъдан сифатҳоро хеле устодона паҳлуи ҳам ҷой додааст. Бо овардани чанд намунаи дигар ин бахшро ба итмом мерасонем:

Шуд боз дилам шефтаи ишқи нигоре,
Хуршедрухе, сарвқаде, мушкузоре [10, с.581].

Шабзулфу ситораоразу маҳрӯйӣ,
Лоларуху сарвқомату гулбӯйӣ.
Насринбару симинтану мушкинмӯйӣ,
Нӯшинлабу ширинсухану хушхӯйӣ [10, с.679].

Шоир Абдулвосеи Ҷабалӣ дар ғазалҳои дилнишини хеш аз ин санъат фаровон истифода бурдааст. Ҳангоми мутолиа дар девони шоир ба назар расид, ки ӯ ғазалҳои худро бо ин санъат оғоз намудааст. Барои мисол чанд байтеро аз яке аз ғазалҳои ӯ меоварем:

Боз додам дил ба дасти дилбари хунхорае,
Дилкаше, зеборухе, шаккарлабе, маҳпорае.
Аргувонрӯе, суманбӯе, бунафшагесӯе,
Маҳҷабине, зуҳратабъе, муштарирухсорае [10, с.596].

Ба ҳамин монанд дар ғазали дигаре низ аз ин санъат истифода карда:

Эй дили мискини маро бурда ба ширинсуханӣ,
Моҳруху сарвқаду нӯшлабу симтанӣ.

Дилбари товуспарӣ, шоҳиди шоҳинҳунарӣ,
Луъбати булбултарабӣ, кӯдаки тӯтисуханӣ [30, с.597].

Шоир барои фораму таъсирбахш ифода гардидани фикри хеш аз санъатҳои мазкур истифода бурда, зебоӣ ва хушоҳангии каломашро таъмин намудааст.

Таҳлили ашъори ҷудогонаи шоир ба хулосае меорад, ки Ҷабалиро бояд ҳамчун шоири санъатпардоз шинохт. Барои таъйини масъалаи ҳунари шоирии Ҷабалӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ, қабл аз ҳама, таваҷҷуҳ ба шеваи ҳунарибунёд муҳим аст. Нуктаи муҳим дар ин масъала шинохти назарияи ҳадди эътидол дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва таъйини ҳудуди такаллуфот дар ин шева мебошад. Абдулвосеи Ҷабалӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ, махсусан ороятҳои лафзӣ, дар эҷодиёти хеш ҷанбаҳои ҳунарии каломро тақвият бахшида ва барои ироаи мазмунҳои баланди шеърӣ аз воситаҳои гуногуни баёнӣ ба таври фаровон истифода кардааст ва дар ин ҷода, дар муқоиса бо дигар шоирон, мақому манзалати хосса дорад. Беҳуда нест, ки ҳамин ҷиҳати ашъори шоир диққати донишмандони адабиётшиносро ба худ ҷалб намуда ва дар умум, аксарият ҳунари шоирро дар корбурди саноеи бадеӣ ситудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб; бо саъйи Эдуард Броун. - Теҳрон: Фахри Розӣ, 1361. - 1036 с.
2. Жирмунский В.М. Теория литературы (Поэтика. Стилистика) / В.М. Жирмунский. - Ленинград: Наука, 1977. - 404 с.
3. Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан. - Душанбе: Маориф, 1992. - 300 с.
4. Мир Ҷалолиддин Каззозӣ. Бадеъ (Зебошиносии сухани порсӣ). Чопи I. - Теҳрон: Хиёбони доктор Фотимӣ, 1373. - 213 с.
5. Камолиддин Ҳусайн Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор; вероста ва гузоридаи Мир Ҷалолиддини Каззозӣ. - Теҳрон: Марказ, 1369. - 377 с.
6. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Б. Мақсудов. - Душанбе, 1994. - 163 с.
7. Х. Мирзозода. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе: Маориф, 1992. - 238 с.
8. Аллома Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам; тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. - Теҳрон: Меҳр, 1335. - 288 с.
9. Сидельников, В.М. Поэтика русской народной лирики / В.М. Сидельников. - Москва: Учпедгиз, 1959. - 128 с.
10. Абдулвосеъи Ҷабалӣ. Девон; ба эҳтимом ва тасҳеҳу таълиқи доктор Забеҳулло Сафо. Чопи дуввум. - Теҳрон: Амири Кабир, 2536. - 707 с.
11. Шарифов Х. Маҳфили шавқ / Х. Шарифов // Садои Шарқ. - Душанбе, 1981. - №8. - С. 140-148.
12. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 276 с.

ҲУНАРИ ШОИРИИ АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ ДАР КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ

Дар ин мақола ҳунари шоирии Абдулвосеи Ҷабалӣ дар истифодаи бархе аз саноеи бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Зимни таҳқиқ аён гардид, ки Ҷабалӣ дар корбасти санъатҳои бадеӣ пояи усдодӣ дошта, дар эҷодиёти хеш аз тамоми он санъатҳои бадеие, ки дар замонаш маъмулу машҳур буданд, истифода кардааст. Азбаски баррасии тамоми санъатҳои бадеии маъмул дар ашъори шоир фурсати зиёдро мехоҳад, тасмим гирифтем, ба таври интихобӣ чанде аз ороятҳои адабии сабкофарин, аз ҷумла санъатҳои бадеии тавсиф, муламмаъ, тақсим, шумор ва сифатчиниро ба таври муъҷаз мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Калидвожаҳо: Абдулвосеи Ҷабалӣ, ҳунари шоирӣ, санъатҳои бадеӣ, тавсиф, муламмаъ, шумор, сифатчинӣ.

ПОЭТИЧЕСКОЕ ИСКУССТВО АБДУЛВОСЕ ДЖАБАЛИ В ИСПОЛЬЗОВАНИИ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ СРЕДСТВ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению поэтическое мастерство Абдулвосе Джабали в использовании некоторых поэтических средств. В процессе исследования было выявлено, что Джабали являлся мастером в применении поэтических средств, и в своем творчестве использовал все виды поэтических средств, которые были известны и широко применимы в поэтических кругах периода его жизни. Так как исследование всех известных и широко применяемых художественных средств в наследии поэта требует длительного времени, мы решили выборным методом исследовать некоторые стилистические художественные средства, такие как описание, муламмаъ (чередование стиха на разных языках), разделение, перечисление качеств, которые он очень искусно использовал.

Ключевые слова: Абдулвосе Джабали, поэтическое мастерство, поэтические средства, описание, муламмаъ, муламмаъ (чередование стиха на разных языках), разделение, перечисление качеств.

THE POETRICAL ART OF ABDULVOS JABALI IN THE USE OF ARTISTIC TOOLS

In this article, the author has examined and studied the poetic mastery of Abdulvose Jabali in using some poetic means. During the research it was revealed that Jabali was a master in the use of poetic means, and in his work he used all kinds of poetic means that were known and widely applicable in the poetic circles of his period of life. Since the study of all known and widely used artistic means in the poet's legacy requires a long time, we decided to selectively study some stylistic artistic means, such as description, mulumma (alternation of verse in different languages), division, enumeration of qualities, which he very skillfully used.

Key words: Abdulvose Jabali, poetic skill, poetic means, description, mulumma, mulumma (alternation of verse in different languages), division, enumeration of qualities.

Сведения об авторе: ***Собиров Хамза*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Sobirov Hamza*** - Tajik national University, the applicant of the Department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

УДК: 891.550

ЖАНРИ ҚАСИДА ВА НАҚШИ ОН ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ XIII-XIV ФОРСУ ТОҶИК

Салимова З.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳуҷуми харобкоронаи Чингизхон ба Осиёи Миёна, Эрон, Озарбойҷон, Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон на танҳо зарари бузурги иқтисодӣ ба мамлакатҳои фатҳшуда овард, балки зарари ҳалокатоваре ба ҳаёти маънавии ин сарзаминҳо ва фарҳангу адаби онҳо низ расонид. Зеро бар асари ин ҳуҷуми даҳшатбор, дар баробари аз байн рафтани хонадонҳои ҳомии фарҳангу адаби эронӣ, ҳамчунин марказҳои адабии бо ҳимояти онҳо ба вуҷудомад барҳам хӯрд ва яке аз омилҳои инкишофи адабиёт дар Эрон, ки “ҳамвора дарборҳои салтанату аморат ва ё хонадонҳои раёсат ва сарват будааст, дар ин аҳд бо ҳамлаи муғул аз хонадонҳои аморат ва салтанату раёсати эронӣ ҷуз маъдуде боқӣ намонд, ки онҳо ҳам ба тадриҷ аз миён рафтанд ва ҳукумати коҳире, ки дар Эрон аз муғаллибони муғулу тотор ба вуҷуд омад, харидори донишу адаб набуд, то мушаввиқи удабо ва уламо бошад” [2, с.300]. Аммо бояд қайд кард, ки ҳамлаҳои муғул ҷараёни инкишофи адабиётро куллан боз дошта натавонист ва ин инҳитоту суқути адабӣ дер давом накард.

Аз нимаи аввали асри XIII сар карда, дар ҷанубу ғарбии Эрон, Осиёи Хурд, Ҳиндустон ва Хуросон марказҳои адабие таъсис ёфтанд, ки дар ривоҷи минбаъдаи адабиёти ин давра нақши босазое бозиданд. Дар натиҷа қувваҳои адабие, ки пас аз ҳамлаи муғул ба гирду атроф фирор намудаву пароканда шуда буданд, дар марказҳои навтаъсиси адабӣ ҷамъ омаданд ва ба идомаи фаъолияти эҷодии худ машғул гардиданд. Аз ҷумла, шоирон Муҳаммад Авфӣ ва Бадри Чочӣ ба Ҳиндустон муҳоҷират карданд, ҳамчунин, Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ низ дар Ҳиндустон ба камоли ҳунар расиданд. Ибни Ямин ва Музаффари Ҳиравӣ дар Хуросон дар дарбори Сарбадорон, Ҷалолиддини Румӣ дар Осиёи Хурд, Низории Куҳистонӣ, Фахриддини Ироқӣ, Камоли Хуҷандӣ, Авҳадии Мароғӣ дар Озарбойҷони Эрон, Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ дар Форс ва Салмони Совачӣ, Носири Бухороӣ дар Бағдод ба фаъолияти эҷодӣ пардохтанд.

Сабабҳои таърихии чунин ривоҷи адабиёт ва куллан аз байн нарафтани он пас аз ҳамлаи муғул бояд, қабл аз ҳама, дар он бошад, ки “ҳуҷуми ғоратгаронаи чингизиён ҳарчанд ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Осиёи Миёна ва Мовароуннаҳр зарбаи сахт зада бошад ҳам, аммо қувваҳои эҷодӣ ва рӯҳи эҷодкоронаи халқи маҳаллиро нобуд карда натавонист. Дар талотуми задухӯрдҳои ҳарбӣ ва ҳарҷу марҷи умумӣ иродаи матин ва захираи эҷодии беҳамто ва бепоёни худро аз даст надод” [2, с.72]. Пас аз андак муддате қувваҳои эҷодкори аз ҳамлаи муғул ҷон ба саломат бурда аз вуҷуди худ хабар доданд.

Бояд қайд кард, ки адабиёти давраи муғул суннатҳои асосии адабиёти асрҳои гузаштаро идома медод, вале сабки ироқӣ, ки “дар авохири қарни шашум ривоҷи комил ёфта буд ва ба воситаи барчида шудани силсилаҳои эронӣ дар Хуросон матрук монд” [3, с.157], ривоҷи тоза дар шеър пайдо кард. Ҳамчунин, аз сабаби таъсири забони арабӣ дар забони шеъри ин аҳд низ идомаи суннатҳои гузашта мушоҳида мешуд ва ҳанӯз забони арабӣ таъсири амиқи худро ба шеъри ин даврaҳо аз даст надода буд.

Яке аз тағйироти назарраси дигаре, ки дар забони шеъри замони муғул ворид гардид, ин таъсири зиёди алфозу таъбироти туркии муғулӣ ба адабиёти давр аст, зеро “дар қарни ҳафтум ва ҳаштум бар асари ғалабаи муғулу тотор ва дарҳам рехтани ташкилоти мамлакатӣ ба дасти онон ва ҳукумати мутамаддии он қавм ва сукунати мумтаддашон дар ин кишвар ва инҳизоли куллии эрониёни мусалмон дар қисмати бузурге аз даврони ҳукумати онон ва ба кор доштани Ёсои чингизӣ ё Ёсои Бузург (он асоси тартиботи Империяи муғул ва маҷмӯи қонунҳои муғулҳои қадим буд – С.З.) ва идораи мамлакат бо истилоҳоти хосси муғулӣ ва назоири ин илал ва асбоб забони туркӣ ва алалхусус туркии муғулӣ, хеле бештар аз он чи дар қарни шашум дида мешавад, дар Эрон мутадовил шуд” [2, с.208]. Дар ҳақиқат, баъзе аз ин алфозу ибораҳои туркии муғулӣ, чун “элчӣ”, “урду”, “юриш”, “қаровул”, “куч”, “ярлиг”, “тамға”, “хон”, “хонум”, “оғо”, “савғот”, “қушун” ва ғайра имрӯз ҳам дар забони форсии тоҷикӣ роиҷ ва мавриди истифода мебошанд.

Бояд гуфт, ки хусусияти асосии адабиёти асрҳои XIII-XIV таназзули адабиёти дарборӣ ва суст гардидани таъсиру нуфузи дарборҳо ва ҳукуматҳо дар ривоҷи ҷараёни адабӣ мебошад. Ба ибораи дигар, адабиёти дарборӣ дар ин даврaҳо аҳамияти худро чун дастгоҳи таблиғотии давлатдорон аз даст дод, зеро агар “дар асри Сосониён ситоишгарон бо овози хушу ҳамроҳ бо навои чанг шеърҳои худро мехонданд ва солҳо баъд ин суннат ба Рӯдакӣ расид, ки чанг бармегирифту менавохт ва дар пардаи ушшоқ суруди “Бӯйи ҷӯйи

Мулиён”-ро ба овозе чун ҳазордастон мехонд ва ба Фаррухӣ расид, ки қасидаи “Ба корвони ҳулла”-ро бо овози ҳазину хуш месароид ва он як Амир Насри Сомониро ба ваҷҳ меовард ва ин як Булмузаффари Чағониро” [6, с.3], вале ҳокимони муғул завқи дарку фаҳми забону шеъри форсӣ надоштанд ва эҳтиёҷе барои дастгоҳи таблиғотиву таъсиси ҳукумати марказиятнок низ барои онҳо вуҷуд надошт.

Аз сабаби он ки дар қаламрави сарзаминҳои дар Осиёи Миёна ва Эрон тасхирнамудаи муғулҳо ҳукумати марказие, чун Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён вуҷуд надошт ва рӯҳу забони шеъру адаби форсӣ барои онҳо бегона буд, онҳо барои тарғиби сиёсат ва ҳукумати худ на ба шоирон, балки ба муаррихони давр бештар таваҷҷуҳ мекарданд.

Қобили зикр аст, ки осори манзуми шоиронеро, ки бо дарборҳои мулуки Карт, Атобакони Форс, Салҷуқиёни Рум ё ҳокимони Бағдод ва монанди онҳо алоқаву муносибат доштанд, адабиёти маҳз дарборӣ хондан дуруст нест, зеро “аксари ин адибон (Саъдии Шерозӣ, Шамсиддин Қайси Розӣ ва дигарон) бевосита бо дарбор вобастагӣ надоштанд, ҳусну таваҷҷуҳи онҳо ба ин дарборҳои маҳаллӣ аз он сабаб буд, ки ҳокимони ин сулолаҳо бо сиёсати оқилона ва сулҳҷӯёна молҳои худро аз ғорати қӯшунҳои муғул эмин гардониданд, анъанаҳои маҳаллиро ҳам дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳам дар ҳаёти маданӣ маҳфуз доштанд” [1, с.274]. Таназзули адабиёти дарбор дар ин давра агар аз ҷонибе фоида дошта ва фоидаи он “раҳо кардани шоир аз қуюди хушки адабиёти дарборӣ ва саргарм сохтани ӯ бо умури завқӣ ва ибтикори ихтироъ” [2, с.218] бошад, аз ҷониби дигар, “бардоштани қайдҳои душвори адабӣ барои шохис шудан дар улуми шеъру адаб миёни шоирони мутааддиде, ки довталаби вуруд ба дарборҳо мешуданд” [2, с.218], аз ҷумлаи зарраҳои ин гуна таназзул дар шеъру шоирии минбаъдаи форсӣ маҳсуб мегардид.

Бар асари таназзули адабиёти дарборӣ ва ба ин васила аз ривоҷ афтодани мадҳу мадеҳасароӣ ниёз ба қасида, ки қолаби асосии шеъри мадҳии то аҳди муғул буд, хеле коста шуд ва метавон гуфт, ки аз ин сабаб “қасида дар давраи муғул охирин лаҳзаҳои равнақи худро тай мекард” [5, с.199] ва мақоми аввалиндараҷаи худро дар миёни қисматҳои дигари шеърӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз даст дод. Ба таъбири дигар, дар ин давра “бар асари заъфи шеъри дарборӣ табъан аз ривоҷи қасидасароӣ, ки дар даврaҳои пешин навъи тирози аввалиндараҷа аз анвои шеъри форсӣ буд, коста шуд ва ҳатто қасидасароёни бузурге ҳам, ки дар ин давра пайдо шуда ва бо қасоиди мадҳӣ иртизоқ намудаанд, дар ин навъ аз шеър тобеи равиши қудамо буда ва мусалламан ҳиммати онҳо масруф ва мунҳасир буд, бар истиқболи қасоиди маъруфи Саноӣ ва Анварӣ ва Ҳоқонӣ ва Заҳир ва назоири онон ва ба ҳамин сабаб ҳам сабки шуарои қасидагӯи қарни ҳаштум мутамоил будааст ба шеваи қасидасароёни бузурги қарни шашум ва оғози қарни ҳафтуми ҳичрӣ...” [2, с.319], яъне ҳамон сабки ироқӣ, ки дар шеъри қабл аз онҳо роиҷ буд.

Бо вуҷуди он ки зарбаи асосии истилои муғул, қабл аз ҳама, ба навъи асосии он – қасидаи мадҳия расид, вале бо ин ҳама қасида комилан аз ривоҷ наафтод ва бо хусусияту равишҳои дигаре роҳи таҳаввули худро тай намуд. Вуҷуди шоироне, монанди Ҳумоми Табрезӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Авҳадии Мароғӣ, Бадри Чочӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Ибни Ямин, Убайди Зоконӣ, Имоди Фақеҳ, Носири Бухоройӣ, Салмони Совачӣ, Ибни Нусуҳ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Фахриддини Ироқӣ, Имоми Ҳиравӣ ва дигарон аз вуҷуди қасидасароӣ дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Теъдоде аз ин шоирон, чун Ибни Ямин, Салмони Совачӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Носири Бухоройӣ ва дигарон агар қасидаҳое дар мадҳи элхонони муғул ё ҳокимони маҳаллии эронӣ гуфта бошанд, теъдоди дигари онҳо, аз қабили Имоми Ҳиравӣ, Мачди Ҳамгар, Бадри Ҷочармӣ, Ҳумои Табрезӣ, Ибни Нусуҳ аз ҷумлаи парвардагони хонадони вазирони маҳаллии эронӣ чун Рашидаддин ва Шамсиддини Соҳибдевон буда, қасидаҳои мадҳии худро асосан дар ситоиши ин вазирон ва ҷонишинони онҳо гуфтаанд.

Моҳият ва мазмуни қасидаҳои мадҳӣ дар ин давра тағйири ҷиддӣ пазируфтааст. Аввалан, он мадҳи самимиву содиқонае, ки дар қасидаҳои Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Муиззӣ ва дигар мадеҳасароёни замони Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён ба мушоҳида мерасад, дар қасидаҳои шоирони ин давра эҳсос намегардад. Сониян, табиист, ки шоирон элхонони муғул, яъне харобкунандагон ва барҳамзадагони сарзаминҳои ободи Эронро ситоиш карда наметавонистанд ва шоире, ки ба ин кор даст зада бошад, кам ба назар мерасад. Солисан, қасидаҳои мадҳии ин давра аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва пироияи бадеият ба манзалати мадҳи шоирони асрҳои X-XII расида наметавонад, чунки асосан тақлид ба равиши гузаштагон буда, шеваи асосии кори мадеҳасароёни ин давра аз “сохтани қасидаҳои маснуъ, қасамномаҳо, илтизомоти мухталиф, ки гоҳ дар ҳар байт аз як қасида адади онҳо ба се ва чаҳор мерасад, интихоби радифҳои мушкил ва ба иборати соддатар печидан дар завохири калом” [2, с.319] ва ба ин васила эътибор надодан ба маънои сухан иборат мебошад. Албатта, аз ин қазоват шоироне, монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Фахриддини Ироқӣ, Ибни Ямин, Салмони Совачӣ, Носири Бухоройӣ ва боз якчанд

тани дигар, ки ба ҷойи пайравӣ аз дигарон дар осорашон ҳаллоқияти маъно ва мазмунҳои тоза ба мушоҳида мерасад, истисно мебошанд.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар қасидаҳои шоирони дарборҳои маҳаллии Атобакони Форс, мулуки Карт ва дигарон низ моҳияти мадҳ ва мазмуну мундариҷаи он тағйир пазируфта, асосан аз ситоиши хислатҳои некиву ҷавонмардӣ, илмдӯстиву адабпарварӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи мамдуҳон иборат буд [1, с.320] ва умуман мавзӯи мадҳ дар қасидаҳои ин давра чандон мақоми назаррас надошт.

Баъзе муҳаққиқон навъҳои қасидаро аз лиҳози мавзӯъ дар ин давра асосан ба се қисмат – қасидаҳои фалсафӣ, мадҳӣ ва марсия тақсим кардаанд [3, с.29], вале таснифи Бадри Ҷоҷармӣ дар асараш “Мунис-ул-аҳрор” саҳеҳтар менамояд, зеро ӯ ашъори ин даврароз ҷиҳати мавзӯъ ба тавҳид, наъти Муҳаммади Мустафо (с), ҳикмату мавъиза, васфиёт, маснуот, тақсимот, суолу ҷавоб, таҳнисоту муқаррарот, мусамматот, малзумот, қасамиёт, ашъори муқаффо, мараддаф ва маросӣ ҷудо менамояд [2, с.320], ки дар миёни онҳо ба мавзӯи мадҳ эҳтимоме зоҳир нашудааст. Аз ин хотир метавон гуфт, ки дар қасидаҳои замони муғул мавзӯоти тавҳиду наът, фалсафа, ахлоқу мавъиза, ирфон, маснуот, васфиёт ва ғайраҳо мавқеи аввалиндараҷа дошта, мавзӯи мадҳ мақоми дувумро интихоб кардааст.

Аммо дар маҷмӯъ, мутолиаи қасидаҳои шоирони аҳди муғул ба хулосае меорад, ки мушкилписандӣ ва маснуъгароӣ дар ин қолаби шеърӣ хосси ағлаби шоирони ин давра нест, зеро дар байни ашъори Салмони Соваҷӣ, Бадри Чочӣ ва дигарон, ки ба сабки маснуъ таваҷҷуҳи бештар доштанд, қасидаҳои латифу равон ва осонфаҳму соддабаён низ ба назар мерасад. Хулосаи дигаре, ки илҷо мешавад, ин аст, ки дар аҳди муғул, чуноне ки қаблан ишора намудем, қасида ва мавзӯи асосии он – мадҳ мақоми аввалдараҷаи худро аз даст дод, аммо раванди таҳаввули он таваққуф накард ва шоирони тавоное, чун Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Авҳадии Мароғӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Сайфи Фарғонӣ, Ибни Ямин, Саъдии Шерозӣ, Носири Бухороӣ ва дигарон, ки зикрашон дар боло рафт, дар ин қолаби шеърӣ намунаҳои зиёде аз худ ба мерос гузоштаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Китоби якум. - Душанбе: Дониш, 1976. - 346 с.
2. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XII-XIV: муҳаррири масъул Р. Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1977. - 354 с.
3. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. - Теҳрон, 1378. – Ҷ. 2. - 654 с.
4. Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. - Душанбе: Маориф, 1987. – 464 с.
5. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ то поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ. - Теҳрон, 1343. - 543 с.
6. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ. - Теҳрон, 1370. - 340 с.
7. Пӯлодов А. Туғрал Нақибхон. Гиёҳи меҳр / А. Пӯлодов, А. Раҳмонов. – Душанбе, 1984. – С. 28-33.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд. - Москва, 1969. – 952 с.; - 952 с.

ЖАНРИ ҚАСИДА ВА НАҚШИ ОН ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ XIII-XIV ФОРСУ ТОҶИК

Муаллиф дар ин мақола дар асоси асарҳои тадқиқотии таърихи адабиёти форсу тоҷик мақом ва равнақи қасидаро дар баробари дигар жанрҳои адабӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Мувофиқи ишораи маъхазҳо бар асари таназзули адабиёти дарборӣ ва ба ин васила аз ривоҷ афтодани мадҳу мадеҳасароӣ ниёз ба қасида, ки қолаби асосии шеъри мадҳии то аҳди муғул (XIII-XIV) буд, хеле коста шуд ва метавон гуфт, ки аз ин сабаб "қасида дар давраи муғул охирин лаҳзаҳои равнақи худро тай мекард". Хусусияти асосии адабиёти асрҳои XIII-XIV таназзули адабиёти дарборӣ ва суст гардидани таъсиру нуфузи дарборҳо ва ҳукуматҳо дар ривоҷи ҷараёни адабӣ мебошад. Ба ибораи дигар, адабиёти дарборӣ дар ин давраҳо аҳамияти худро чун дастгоҳи таблиғотии давлатдорон аз даст дод, зеро агар “дар асри Сосониён ситоишгарон бо овози хушу ҳамроҳ бо навои чанг шеърҳои худро мехонданд ва солҳо баъд ин суннат ба Рӯдакӣ расид, ки чанг бармегирифту менавохт ва дар пардаи ушшоқ суруди “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён”-ро ба овозе чун ҳазордастон мехонд ва ба Фаррухӣ расид, ки қасидаи “Ба корвони ҳулла”-ро бо овози ҳазину хуш месароид ва он як Амир Насри Сомониро ба ваҷҳ меовард ва ин як Булмузаффари Чағониро”, вале ҳокимони муғул завқи дарку фаҳми забону шеъри форсӣ надоштанд ва эҳтиёҷе барои дастгоҳи таблиғотиву таъсиси ҳукумати марказиятнок низ барои онҳо вуҷуд надошт. Бо вуҷуди он ки зарбаи асосии истилои муғул қабл аз ҳама ба навъи асосии он – қасидаи мадҳия расид, вале бо ин ҳама қасида комилан аз ривоҷ наафтод ва бо хусусияту равишҳои дигаре роҳи таҳаввули худро тай намуд.

Калидвожаҳо: таърих, адабиёт, муғулон, Чингизхон, Моваруннаҳр, Хуросон, анвои адабӣ, қасида, мадҳия, ирфон, мавъиза.

КАСЫДА И ЕЁ РОЛЬ В ПЕРСИДСКО – ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XIII-XIV ВЕКОВ

Автор в данной статье на основании исследовательских работ по истории персидско – таджикской литературы наряду с другими литературными жанрами изучил роль, место и развитие касыды. Источники свидетельствуют о том, что в силу упадка придворной литературы, послужившего причиной недовостребованности панегиризма и сочинения хвалебных од, нужда в касыде, являющейся основной формой панегирических стихотворений домонгольской эпохи (XIII-XIV веков), резко убавилась. Можно констатировать, что именно по этой причине "касыда в монгольский период преодолевала последние моменты и мгновения своей эволюции". Основная особенность литературы XIII-XIV веков состоит в падении дворцовой литературы и ослаблении влияния и авторитета двора и правителей в развитии литературного течения. Иначе, дворцовая литература в эти периоды утеряла своё значение как проповеднического аппарата правителей, так как если «в

эпоху Сасанидов панегиристы вместе и красивым голосом читали свои стихи под мелодию чанга и спустя много лет эта традиция дошла до Рудаки, который взяв чанг, играл и пел соловьём ушшок «Ветер, вея от Мульяна, к нам доходит (Бӯи љӯи мулиён ояд њаме)" и до Фаррухи с его печальным и приятным пением касыды «Караваном в Хиллу», приводившим в восторг Эмира Насра Самани и Булмузаффари Чагони», а правители-монголы того времени не знали и не понимали персидские стихи и у них не было потребности в проповедническом аппарате, а также и в учреждении централизованной власти. Несмотря на то, что основной удар монгольского ига прежде всего коснулся основного жанра – хвалебных касыд, но при всем при этом развитие касыды не прекратилось полностью и она развивалась другими особенными путями и течениями.

Ключевые слова: история, литература, монголы, Чингисхан, Мавераннахр, Хорасан, виды литературы, касыда, панегиризм, мистицизм, нравоучение.

THE STATUS OF ODE IN LITERATURE IN XIII-XIV CENTURY

The autor of this article on the effects of Persian and Tajik official scutinized and investigated boom ode adainst other literary genres. When palace literature fell this means praise decreased and need to ode very reduced. The ode was basic format until the Mongolian era. Por this cause ode was destroyed in the Mongol period. The main feature of the literature of the XIII-XIV centuries is the fall of the palace literature and the weakening of the influence and authority of the court and rulers in the development of the literary trend. In other words, the palace literature in these periods had lost its significance as a executive office of the rulers, since if "during the Sasanid era, the panegyrists together and with pretty voice had been reading their poems to the tune of Chang, and after many years this tradition reached Rudaki, who played chang and sang like a nightingale "The wind blowing from Mulyan comes to us" (Bui Jui Muliyon Oyad Hame) and up to Farrukhi with his sad and pleasant chanting of the Qasida "By Caravan to Hilla" which delighted Emir Nasr Samani and Bulmuzaffari Chagoni ", and the rulers-Mongols of that time did not know and did not understand the Persian verses and they did not have the need for a preaching executive office, and also in the establishment of a centralized authority. Despite the fact that the main impact of the Mongol yoke particularly touched upon the main genre - laudatory Qasidas, but even with all things considered, the development of Qasida did not cease completely and it had been developing in other special ways and trends.

Key words: history of literattures, the mongols, Genghiskhan, Transoxania, Khorasan, a variety of literary poetry, ode, praise, mystieism preaching, crafts and etcetera.

Сведения об авторе: ***Салимова Зухро Саидмуродовна*** − Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, аспирант кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. E-mail: **zuhro 90@mail.ru.** Телефон: **(+992) 933-08-08-61**

Information about the author: ***Salimova Zuhro Saidmurodovna*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, post-graduate student of the Department of Theory and history of literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Mukhammadiev street 17/6. E-mail: **zuhro 90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 933-08-08-61**

УДК: 891.550-1

НИГОҲЕ БА НАЗМИ КӮДАКОНАИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Нуриллозода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истиқлолияти миллӣ ба муҳити адабӣ низ бетаъсир намонд ва дар ҷараёни зиндагии халқи мо дигаргуниҳои зиёдеро падид оварда, арзишҳои адабиву фарҳангиро сифати тоза бахшид. Дар ин айём, дар адабиёти атфол ва бавижа дар ашъори бачагона низ тасвироту тағйироти чашмрас падидор гардид. Воқеан, «Зарурате пеш омад, ки ин соҳаи адабиётро ҳам бо диди нав омӯзему баҳогузорӣ кунем, на танҳо ба мавзӯву мазмуни асарҳо, балки ба ҳунар ва шеърияти онҳо низ эътибор диҳем» [4, с.6].

Адабиёти кӯдак ҷузъи адабиёти бузурги калонсолон аст, ки бо равонӣ, хушоҳангӣ, дилнишинӣ, рӯҳнавозӣ, саҳли мумтанеъ будан, хаёлангезӣ ва пурмуҳтавоӣ, равонии сухан тафовут пайдо мекунад. Дар шеъри кӯдакона ҳар ҳарфу ҳиҷо мавқеи худро дорад, вай бояд сода бошад, то кӯдак тавонад онро ба осонӣ дарк намояд. Шеър бояд рӯҳи барангезанда дошта бошад, ки хонандаашро ба созандагию давронсозӣ ҳидоят намояд, сабақи зиндагӣ ва одаму одамдӯстиро тараннум ва дар вуҷуди наврас бедор намояд. Адабиёти кӯдак дар замони Истиқлолият чӣ таҳаввулотеро аз сар гузаронид ва феълан мегузаронад, имрӯз бояд мавриди омӯзиши адабиётшиносон қарор бигирад.

Дар назми кӯдаконаи замони Истиқлол таҳаввулоти тозаи ба миёномада, дар заминаву нигаҳдошти анъанаи мактаби эҷодию ҷараёнҳои адабие, ки адибони нисбатан бузургсол, ба монанди Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайд Раҷаб, Алӣ Бобоҷон, Наримон Бақозода, Ғаффор Мирзо, Гулназар, Бобо Ҳоҷӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ ва дигарон қувват дода буданд, амалан ташаккул ёфт.

Шеърҳои «Бибиҷонам», «Модар», «Очам хамир мекунад», «Дунё пур аз тарона» ва дигар офаридаҳои Гулчеҳра Сулаймонӣ, ки аз намунаҳои сараи адабиёти бачагона ҳисоб меёбанд, ду-се даҳсола инҷониб дар саросари кишвари паҳноварамон байни кӯдакону наврасон маҳбубият доранд. Чунин шеърҳоро дар эҷодиёти Убайд Раҷаб, Ҷӯра Ҳошимӣ

ва Гулназар низ метавон дарёфт намуд, ки дар онҳо муҳаббат ба Ватан, тарғиби дӯстӣ ва бародарӣ, ваҳдати миллӣ, китобхонию китобдӯстӣ ва ахлоқи ҳамида - меҳнатдӯстӣ, покдилӣ, ростқавлӣ, бовиҷдон будан тараннум мешаванд.

Дар саҳифаҳои матбуоти давр, аз он ҷумла матбуоти ба кӯдакон ихтисос дошта дар даврони Истиқлолият аз қалами эҷодкорони ҷавон низ шеърҳои хубу созгор интишор гаштаанд, ки «Боғи танга», «Дар сари хон», «Танҳохӯр», «Мустафо»-и Маҳбуба Неъматзода, «Давомашро нагӯед»-и Наимҷон Назирӣ, «Айнаки бобо»-и Шарифи Муҳаммадёр аз қабили онҳоянд. Ин шеърҳо ба талаботи забону услуби эҷоди назми кӯдакона мувофиқ буда, мавзӯяшон низ тоза ва дархури замон мебошад. Дар қатори ин қаламкашон боз Олимхон Исматӣ, Абдусаттори Раҳмон, Қурбон Муҳаммадӣ, Ҳамроҳ Усмон, Эгам Назрӣ, Саидаҳрор Саидраҳмон ва дигаронро метавон ном бурд, ки дар офаридани шеъри кӯдак тозагӯйӣ доранд. Аз ашъори адибони варзидаи назми кӯдакона шеърҳои «Бобо чаро ризо нест?»-и Убайд Раҷаб, «Суҳбати мору каждум», «Ашки булбул», «Тарки одат - амри маҳол»-и Бобо Ҳоҷӣ, «Додарҷон», «Гуфтугӯ», «Хушнавоз»-и Ҷӯра Ҳошимӣ, «Офтоби сарам», «Рӯди Тагоб», «Баҳори деҳа», «Обаки дандон»-и Юсуф Аҳмадзодро метавон мисол овард, ки шеърияти баланд дошта нафосати шеърашон гуворост ва ба зеҳни кӯдакон мувофиқ аст.

Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ дар баробари дигар бахшҳои фаъолияти эҷодияш, дар ташаккули назми кӯдаконаи замони Истиқлол низ саҳми бориз дорад. Ашъори бачагонаи Гулназар намунаи хуби навпардозиҳо дар шеъри тасвирии кӯдакон аст. Адабиётшинос Ю.Акбарзода ва А.Набавӣ дуруст ба мушоҳида гирифтаанд, ки «Агар гӯем, ки имрӯз беҳтарин намунаи шеъри кӯдак ба қалами Гулназар тааллуқ дорад, иштибоҳ нахоҳад шуд. Ӯ чунонки дар шеъри бузургсолон камназир аст, дар иншои шеъри кӯдак низ комёб гаштааст. Навтарин маҷмӯаҳои эшон «Аз барои Гулъизор" (1983), «Се кулчаи танӯрӣ» (1990) ва «Девори сабз" (2002), ки рӯйдоди муҳимме дар адабиёти атфоли тоҷик маҳсуб мешаванд, далели ин фикр аст» [1, с.14].

Дар ин китобҳо Гулназар анъанаи адабиёти атфоли тоҷикро дар бобати истифодаи зарбу оҳанги ашъори халқӣ эҷодкорона идома дода, дар таҳкими пояҳои шеъри тасвирӣ саҳм гирифт, тозаву зебо ва завқбахш баён кардани андешаро дар адабиёти кӯдакони тоҷик устувор кард ва равнақ бахшид.

Як шеъри «Суруди миллӣ»-и Гулназар ин қадар маҳбубиятро дар байни хоссу ом, пиру ҷавон ва кӯдакони мамлакат пайдо кард, ки аз равонияти табъи эҷоди шоир гувоҳӣ медиҳад. Ин шеър дар се банд эҷод шуда, бо нақароти

«Зинда бош эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман».

баъди ҳар банд зинат ёфтааст. Дар саросари дунё – ҳар куҷое пойи сарварони миллат, шоирону адибон, олимону варзишгарон, сафирону вакилон мерасад, суруди миллӣ - ҳамчун рамзи сарсабзии миллат, оинаи раҳнамои мо садо медиҳад, ҳар як навраси мактабхон бо самимият ин сурудро қироат менамояд, садо ва симои миллат ҳар субҳ бо ҳамин суруд кушоиши кор мекунанд. Суруди миллӣ таърихи гузаштаи миллатро бо имрӯзу фардои халқу ватан мепайвандад.

Ин шеър «Дар назми кӯдаконаи тоҷик аз нахустин осори қаламист, ки дар ситоишу азиздошти суруди миллиамон гуфта шудааст ва он хеле самимӣ ба анҷом расидааст» [10, с.236].

Яке аз адибони дигари давраи мазкур, ки дар назми кӯдаконаи замони Истиқлол ба муваффақияти касбӣ ноил гашт ва бо жанри «Чигилак» мавқеи хосса пайдо намуд, Ҷӯра Ҳошимӣ мебошад. Ӯ тавассути таҷриба ва истеъдодаш тавонист ба ҷаҳони андешаҳои рангини бачагон ворид гардад ва забони чакидаҳояшро бо лаҳну зеҳни кӯдакон созгор созад. Ҷӯра Ҳошимӣ хусусиятҳои жанриро ба назар гирифта, воқеаҳоро чаппаву роста, пасу пеш, пурпечу тоб тасвир карда, ба ин васила хонандаи хурдсолро ба зиракию андешапарварӣ водор мекунад. Яке аз чигилакҳои Ҷӯра Ҳошимӣ, ки «Оё дуруст кардам?» ном дорад, бо чунин сатрҳо оғоз ёфтааст:

Бо чашмакам шунидам,
Бо гӯшакам бидидам.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам.

Бо пой хат навиштам,
Бо даст роҳ бигаштам.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам [6, с.157].

Профессор Неъматҷон Файзуллоев зимни таҳлили ин шеър менависад, ки «Шоир бо мақсади дар ёду хотир ва зеҳну сиришти бачагон тарбия кардани ҳаққу ботил, росту

дурӯғ, дурусту нодуруст ва ба хотири аз ҳайрату шубҳа раҳонидани кӯдакон дурӯғу рост ва ҳаққу ботилро ба ҳам махлут карда, бо ин тарзи баёну пурсиш ақлу тафаккури хурдсолонро ба кор, ба ҷунбиш даровардааст» [6, с.157].

Ҷӯра Ҳошимӣ дар «Мутолиа» ном шеъраш симои ду дугонаи китобдӯсту китобхонро хеле ифоданок ва бо тасвирҳои ҷаззоб кушода медиҳад:

…Ҳамроҳу ҳамнишин
Ҳамрӯҳу ҳамхаёл.
Дар авҷи орзу
Ҳар ду кушода бол.

Як рӯҳу як нафас
Машғули кобу ёб
Побанди сад савол
Ҷӯёи сад ҷавоб… [9, с.7].

Дугонаҳои ҷӯяндаю кунҷков ҳамеша китоб мехонанд, ҳамеша баҳра мебардоранд, бо олами бузурги илму маърифат шинос мешаванд, барои онҳо ҳар як амали ҳақу ноҳақ, неку бад, ҳолу аҳвол аҷоиб аст – ҳама чизро донистан мехоҳанд:

…Чун буд пеш аз ин?
Ҳолӣ чӣ мешавад?
Дар ҳаққу ноҳаққӣ,
Ғолиб кӣ мешавад?
Дар ҷони ҳардушон
Як шӯру изтироб,
Зеро ки ин ду кас
Хонанд як китоб [9, с.7].

Китоб - манбаи дониш ва ибтидои оламу одамшиносист. Шоироне чун устод Рӯдакӣ, ҳаким Фирдавсӣ, Ибни Сино, Мавлонои Балхӣ, Мавлоно Ҷомӣ, устод Айнӣ ва ҳамаи бузургони дирӯзу имрӯз ибтидои дарси одамиятро аз омӯзиш донистаанд ва Ҷӯра Ҳошимӣ низ дар ҳамин шеъри «Мутолиа»-аш насли имрӯзро, ки мутаассифона, аз китобхонӣ, хусусан осори бадеӣ, ақиб мондаанд, ба мутолиа ва омӯзиш даъват мекунад.

Шеърҳои «Барои хандон», «Саёҳат», «Саргузашти нави хирсаку ору ва харгӯш», «Гургу саг», «Беҳудагӯ» ва «Мусича», ки Ҷӯра Ҳошимӣ барои кӯдакон эҷод кардааст, ба завқи наврасон ва зеҳни онҳо мувофиқанд.

Яке аз шоирони дигари маъруфи бачагон Наримон Бақозода мебошад, ки ба майдони адабиёт бо сабку услуби ба худ хос ворид гардидааст. Ӯ шеъре дорад бо номи «Компутери ман». Аз номи шеър маълум мегардад, ки мавзӯи он замонавӣ аст. Ҳарчанд компутер маҳсули замони муосир аст, дар он ҳама маълумот саривақтӣ ба дасти хонанда мерасад, ёрирасони ақлу фаросати омӯзандагон аст, вале ҳеҷ гоҳ каллаи инсон, сари навраси аз пайи омӯзишбударо наметавонад иваз кунад. Муаллиф зимни баёни беҳтарин фазилатҳои китобхонӣ, хотираи мустаҳкам ва ғайраҳо наврасонро ҳушдор медиҳад, ки вақти пурқимати худро ба омӯзиши илм, хондани осори бадеӣ сарф намоянд. Ин намуд фалсафаи асил хосси адабиёти ҳазорсолаи мо аст. Шоир мегӯяд:

Компутери ман-
Яктои хосса!
Монанди он нест,
Андар мағоза …
Одам бароят,
Аҳсан бихонад.
Бар дониши ту,
Бар каллаҷонат!
-Компутери ман,
Эй каллаҷонам.
То ки ту ҳастӣ,
Ман дарнамонам! [4, с. 209-211].

Дар адабиёти кӯдак мавзӯъҳои мактабу мактабхонӣ, муқаддас будани нон, накҳати гулу зебоиҳои диёру табиат аз мавзӯъҳои доимианд. Бисёр шоирон мекӯшанд то мисрае ё маъние тоза дар ин боб бигӯянд, вале кам иттифоқ меафтад, ки як байти хондани барояд ва ин андеша дуруст аст, ки на ҳама адиб қобилияти барои кӯдакон шеър гуфтан дорад. Масалан, Наимҷон Назирӣ бо номи «Лола» шеъре дорад, ки қариб саросар такрор аст аз ашъори дигарон:

Лола мечинам
Ман даста даста,
Мебандам аз шавқ

Зебо гулдаста.
Мебахшам онро
Ба модарҷонам,
Мешавад хурсанд
Дилаку ҷонам... [3, с.10].

Ин мавзӯъ ва ҳамин тасвирҳо ҳанӯз солҳои сиюм дар ашъори А.Лоҳутӣ ва А.Ҳамдӣ дида мешуданд, ки хеле зиндатару дилкаштар буданд ва ба завқи хонанда писандидатар аз мисраъҳои болоӣ буданд. Такроргӯйӣ дар шеъри муосири тоҷик, махсусан дар адабиёти кӯдак, фаровон вомехӯрад, ки баъзеяшон муваффақият доранд. Муҳим дар чунин ҳолат тозагии нигоришу тасвир ва обуранги бадеии он аст, ки таровиши тоза доранд.

Дар мавриди интишор додани осори бачагона ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шурӯъ аз солҳои 2010-ум ин амал равнақ ёфт. Ин, аз як тараф хуб аст, аз тарафи дигар, дар ин мобайн бисёр осори пастсифат низ нашр шудаанд, ки на ба дарди адабиёт мехӯранду на ба хонандаи хурдсол завқ мебахшанд.

Чунин камбудиҳо дар навиштаҳои Қутбиддин Зарифӣ, Раҷаби Мусулмониён, Муродалӣ Собир, Тоҷиннисо Ғуломова ва дигарон ба назар мерасанд. Онҳо бо кӯдак сарукор мегиранд, бинобар ин, лозим аст, ки мисраи эҷод мешударо аввал хуб дар мизони ақли хеш баркашанд ва сипас бигӯянд.

Адабиёти бачагонаи тоҷик дар тӯли садсолаҳо рушду нумӯъ карда, аз нигоҳи банду баст, мавзӯву мундариҷа ва сохтори жанриаш ба пешравиҳо ноил гардидааст. Сухансароёни варзидаи тоҷик аз устод Рӯдакӣ, то навқаламони имрӯза ҳамагӣ кӯшидаанд ва мекӯшанд, ки дар тарбияи маънавии насли наврас саҳми шоиста дошта бошанд. Хусусан, дар замони вуруди Истиқлолият ба остонаи мамлакати зебоманзари мо, пойдоршавии давлатдории усулан нави тоҷикӣ, боз ҳам қимат пайдо кардани арзишҳои маънавию фарҳангии миллат, пеш рафтани технологияи нави замонавӣ ва ташаккул ёфтани сатҳи ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар назди адибон вазифаҳои муҳим арзи ҳастӣ карданд, ки аз онҳо масъулияти баландро талаб менамоянд. Имрӯз адабиёти тоҷик, бахусус ашъори кӯдакона ба эҷозкорию кашфиёти нави муҳимми замонавӣ ниёз дорад, ниёз ба шеъре, ки тавонад насли навро ба такон биёварад, онҳоро ба созандагию навҷӯиҳо, ба корнамоӣ, ба парвози баланди хаёлот ҳидоят намояд.

Насли нави замони Истиқлолият дар муҳити кашфиёти илмии ҷаҳонкушоӣ ва кайҳоншиносӣ қарор дорад ва орзуи парвозҳои баланди фикриро дорад. Муҳити адабиро низ лозим аст, ки аз кӯчаи «Мӯсича ку-ку...» берун омада, ҳамроҳи уқобони баландпарвоз ба сӯйи олами бекарона ҷавононро раҳнамун созад.

Ҳамин тавр, назми кӯдакона ҳоло то ҷое такмил ёфтааст ва аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, забон ва истифодаи санъатҳои бадеӣ ба комёбиҳо ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин ҳама комёбиҳо дар назми кӯдаконаи тоҷик имрӯз умумигӯӣ, қофиябозӣ ва тақлид бештар ба назар мерасад. Гарчанде назми кӯдакона солҳои охир ба сурати умум пеш рафт, вале ҳанӯз аз баъзе ноқисиву нуқсонҳо орӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Набавӣ А. Сад соли шеъри кӯдак аз диди нав // Адабиёт ва санъат. – 2015. – №32 (1975). – 6 август. – С. 14-15.
2. Баҳриев Ф. Нақши Наримон Бақозода дар таҳаввули назми атфоли тоҷик / Ф.Баҳриев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – №4/1 (129). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 250-252.
3. Бобоҷон А. Гул, модар ва нон // Адабиёт ва санъат. – 27 май. – 1992. – №24 (757). – С.10.
4. Тазкираи адабиёти бачаҳо (Назм). Нашри дуюм дар таҳрири нав ва иловаҳо. Қисми 1. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 224 с.
5. Файзуллоев Н. Чашмаи файёз / Н. Файзуллоев. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 216 с.
6. Файзуллоев Н. Таърихи адабиёти бачаҳоро дақиқтар омӯзем / Н. Файзуллоев // Садои Шарқ. – 2003. – №10-12. – С. 152-158.
7. Файзуллоев Н. Ҳамосаи кӯдакон / Н. Файзуллоев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 143 с.
8. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар қарни бист / Н. Файзуллоев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. - 221 с.
9. Ҳошимӣ Ҷ. Шеърҳо // Адабиёт ва санъат. - 19 сентябр. - 1991. - №38 (719). - С.7.
10. Юнусова Д. Андешаҳои ватанхоҳӣ дар назми кӯдакон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – №4/5 (174). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 232-238.

НАЗМИ АТФОЛ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Адабиёти кӯдак ҷузъи адабиёти бузурги калонсолон аст, ки бо равонӣ, хушоҳангӣ, дилнишинӣ, рӯҳнавозӣ, саҳли мумтанеъ будан, хаёлангезӣ ва пурмуҳтавоӣ, равонии сухан тафовут пайдо мекунад. Дар шеъри кӯдакона ҳар ҳарфу ҳиҷо мавқеи худро дорад, вай бояд сода бошад, то кӯдак тавонад онро ба осонӣ дарк намояд. Шеър бояд рӯҳи барангезанда дошта бошад, ки хонандаашро ба созандагию давронсозӣ ҳидоят намояд, сабақи зиндагӣ ва одаму одамдӯстиро тараннум ва дар вуҷуди наврас бедор намояд. Адабиёти кӯдак дар замони Истиқлолият чӣ таҳаввулотеро аз сар гузаронид ва феълан мегузаронад, имрӯз бояд мавриди омӯзиши адабиётшиносон қарор бигирад. Дар назми кӯдаконаи замони Истиқлол таҳаввулоти тозаи ба миёномада, дар заминаву нигаҳдошти анъанаи мактаби эҷодию ҷараёнҳои адабие, ки адибони нисбатан бузургсол, ба монанди Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайд Раҷаб, Алӣ Бобоҷон, Наримон Бақозода, Ғаффор Мирзо, Гулназар, Бобо Ҳоҷӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ ва дигарон қувват дода буданд, амалан ташаккул ёфт. Шеърҳои «Бибиҷонам», «Модар», «Очам хамир мекунад», «Дунё пур аз тарона» ва дигар

офаридаҳои Гулчеҳра Сулаймонӣ, ки аз намунаҳои сараи адабиёти бачагона ҳисоб меёбанд, ду-се даҳсола инҷониб дар саросари кишвари паҳноварамон байни кӯдакону наврасон маҳбубият доранд. Чунин шеърҳоро дар эҷодиёти Убайд Раҷаб, Ҷӯра Ҳошимӣ ва Гулназар низ метавон дарёфт намуд, ки дар онҳо муҳаббат ба Ватан, тарғиби дӯстӣ ва бародарӣ, ваҳдати миллӣ, китобхонию китобдӯстӣ ва ахлоқи ҳамида – меҳнатдӯстӣ, покдилӣ, ростқавлӣ, бовиҷдон будан тараннум мешаванд. Ҳамин тавр, назми кӯдакона ҳоло то ҷое такмил ёфтааст ва аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, забон ва истифодаи санъатҳои бадеӣ ба комёбиҳо ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин ҳама комёбиҳо дар назми кӯдаконаи тоҷик имрӯз умумигӯӣ, қофиябозӣ ва тақлид бештар ба назар мерасад. Гарчанде назми кӯдакона солҳои охир ба сурати умум пеш рафт, вале ҳанӯз аз баъзе ноқисиву нуқсонҳо орӣ нест.

Калидвожаҳо: назми кӯдакона, давраи Истиқлолият, таҳаввулот, адабиёти атфол, Гулназар, анъана.

ДЕТСКАЯ ПОЭЗИЯ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

Детская литература является составной частью всеобщей литературы, однако отличается тем, что она предназначена детям с учетом специфических особенностей их восприятия. Поэтому она отличается своей изящностью, своеобразным образным мышлением, содержательностью, ритмикой и мелодичностью. Литература для детей требует от авторов глубокого познания детской и юношеской психологии, сущностных характеристик их мировосприятия и мироощущения. Эти качества необходимы для особого рода детской литературы – поэзии для детей. Такая поэзия должна иметь всестороннее гуманистическое и воспитательное значение, она призвана развивать в детях такие черты характера, как человеколюбие, честность, отважность, добросовестность, уважение старших, следование принципам национального государства, готовность к защите Родины, уважение национальных и общечеловеческих ценностей. Таджикская детская литература эпохи независимости в течение более двадцати пяти лет достигла высоких вершин, и сегодня над ее совершенствованием трудятся целая плеяда поэтов и писателей. Наиболее талантливые из них - Гулчехра Сулаймони, Убайд Раджаб, Али Бободжон, Наримон Бакозаде, Гаффор Мирзо, Гулназар, Бобо Ходжи, Джура Хошими, они внесли большой вклад в развитие данной литературы, совершенствуя ее новой тематикой и глубоким содержанием. Стихотворения Гулчехры Сулаймани – «Бабушка моя», «Мама готовит лепёшки», «Песни украшают мир» являются наилучшими образцами детской поэзии, они популярны и в нынешнее время. Поэтическое творчество Убайда Раджаба, Джура Хошими и Гулназара, посвященное детям, имеет обширную тематику – любовь к родителям и Отчизне, дружба и братство, добропорядочность, честность, трудолюбие и т.д. Таким образом, детская литература в годы независимости бурно развивалась, приобретая новые стилистические свойства и направления. Однако в последние годы в данном виде литературы наблюдается подражание, острословие, отсутствие конкретных идей и мотивов. Автор заостряет внимание на этих проблемах, а также на других вопросах, касающихся поэтики детской поэзии.

Ключевые слова: детская поэзия, независимость, эволюция, традиция, новаторство, идейность, содержание, форма.

CHILDREN'S POETRY IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

Children's literature as a part of an extensive literature of adults, characterized by its melody and simplicity, imagery and interesting subjects. In turn, children's poetry should be clear and meaningful. Also a poem must have educational content; should raise children in the spirit of patriotism and freedom, humanism and optimism. Children's literature of the period of independence experienced enough serious changes in terms of content and forms, so this aspect should be carefully analyzed. In the children's poetry of the period of independence in the main, preserved the tradition of creative school of famous poets, as Gulchehra Sulaymoni, Ubayd Rajab, Ali Bobojon, Ghaffor Mirzo, Gulnazar, Bobo Hoji, Jura Hoshimi and others. These poems of Gulchehra Sulaymoni as "Bibijonam" (My grandma), "Modar" (Mother), "Ocham Khamir Mekunad" (My mother kneads a dough) and "Dunyo pur az tarona" (A world full of songs) already a few decades are considered to be favorite poems of children in our country. Also Ubayd Rajab, Jura Hoshimi and Gulnazar have such poems, where have been sung love to native land, friendship, National unity, love of reading and so forth. Thus, in today children's poetry developed the content as well as forms and used rhetorical techniques, but despite this, we can observe these shortcomings as empty rhetoric and imitation.

Key words: children's poetry, the period of independence, changes, children's literature, Gulnazar, tradition.

Сведения об авторе: ***Нуриллозода Ахдия*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **nurillozoda92@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-32-07-17**

Information about author: ***Nurillozoda Ahdiya*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **nurillozoda92@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-32-07-17**

УДК: 891.550-1

МУЛОҲИЗАҲОИ УСТОД АЙНӢ ОИД БА АШЪОРИ ТОҶИКИСТОНИИ А. ЛОҲУТӢ

Саидбеков Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Як бахши назару андешаҳои устод Айниро мулоҳиза ва баҳоҳои ӯ ба ин ё он маҷмӯаи шеърӣ ё осори мансури адибон ташкил медиҳад, ки аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишноканд. Ба ҳамин маъно устод Айнӣ мулоҳизаҳои худро оид ба маҳорати шоирӣ, ҳунари эҷодӣ дар маънову лафз ва дарёфтҳои адабии А. Лоҳутӣ дар мукотибаи худ бо ӯ,

асарҳояш ва хосса дар муқаддимаи маҷмӯаи «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ба таври густарда баён намудааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Бояд зикр намуд, ки як бахши фаъолияти шоирии А. Лоҳутиро дар Иттиҳоди Шӯравӣ «ашъори тоҷикистонӣ» ташкил медиҳад, ки аз чанд ҷиҳат арзиши баланд доранд. Нахуст ин ки А. Лоҳутӣ бо ин ашъор сарсабзиву шукуфоии Тоҷикистони навбунёдро васф намуда, ба ин восита навсозиҳои зиндагии навро тарғиб намудааст. Дувум ин ашъор, ки зодаи табъи шоири бакамолрасидае чун А. Лоҳутӣ буд, барои адибони Тоҷикистони он замон пешравиҳои ҷиддиеро ба бор овард.

Дар чанде аз мақола ва тадқиқоти лоҳутишиносон, аз ҷумла С. Айнӣ [3, с.4], Ш. Ҳусейнзода [22, с. 23], Е. Э. Бертелс [7], С. Табаров [21], М. Занд [12], З. Османова [19], Я. Исоев [13, с. 14], Х. Мирзозода [17], А. Насриддинов [18], М. Давлатов [9], С. Давронов [10, с. 11], Х. Отахонова [20], З. Ворожейкина [8], М. Шукуров [24, с. 25], А. Маҳмадаминов [16], А. Абдуманнонов [1, с.2], Х. Асозода, А. Кӯчаров [5, с. 6] ва дигарон дар бораи мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори тоҷикистонии А. Лоҳутӣ бевосита ва зимнан сухан меравад.

Аввалин касе, ки доир ба «Шеърҳои тоҷикистонӣ» изҳори ақида карда, моҳияту хусусият ва аҳамияти асарро ҳамчун хонанда, дӯст ва мунаққиду адабиётшинос баён намудааст, устод Айнӣ мебошад. С. Айнӣ ҳанӯз дар «Намунаи адабиёти тоҷик» муаррифгари А. Лоҳутӣ шуда, ба ӯ унвони фахрии «Адиби сурх»-ро сазовор дониста буд. «Шеърҳои тоҷикистонӣ» аввалин маҷмӯаест, ки ҳамаи шеърҳои дар солҳои 20-уму 30-юм ба халқи тоҷик ва кишвари тоҷикон бахшидаи А. Лоҳутиро дар шакли мукаммал фаро гирифтааст. «Барои хонандагони советӣ, – менависад устод Айнӣ, – ҳамаи инҳоро дар як ҷо – дар як маҷмӯа дидан ва хондан як лаззати аз ин пеш ночашидагӣ дорад» [3, с.9].

Ин маҷмӯа – «Шеърҳои тоҷикистонӣ»-и А. Лоҳутӣ соли 1940 бо таҳрири Бону Лоҳутӣ дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод – Ленинград дар ҳаҷми 160 саҳифаи чопӣ бо ҳуруфи лотинӣ ба табъ расидааст. Чунонки таъкид рафт, ба ин китоб устод Айнӣ сарсухане бо номи «Шеърҳои тоҷикистонӣ» навишта, андешаҳои худро дар бораи ҳунари шоирӣ ва мазмунофарии А. Лоҳутӣ муфассалан баён намудааст.

Китоб аз сарсухан ва чаҳор қисмати асосӣ иборат буда, қисматҳои аввалу дувум дарбаргирандаи шеърҳои солҳои гуногун, ки аз солҳои 20-ум то вақти таҳияи китоб, яъне то соли 1940 навишта шудаанд ва қисмати сеюму чаҳорум фарогири рубоиёт, чистонҳо ва ҷавобҳо мебошанд. Мутаассифона, дар хотимаи шеърҳо санаву сол ва макони эҷодашон зикр нагардидааст.

Дар қисми аввалии китоб шеърҳои «Тоҷикистон», «Ҳама доно шудаем», «Босмачӣ», «Худо даркор нест», «Барои савод» (Ба муносибати дар соли 1932 нашр шудани рӯзномаи «Барои савод» дар Хуҷанд), «Шуд ба по колхоз», «Хабар», «Ба духтари тоҷик», «Ду шаҳр», «Офарин», «Шеъри озод», «Нишони заҳмат», «Сигнал», «Аз халқи Тоҷикистон ба халқи Испания», «Одами оҳанпо», «Дар роҳи комсомол», «Кӯҳ ва оина», «Ба созандаҳои моҳири Тоҷикистон», «Ба рафиқ ҳуруфчин», «Қонуни асосии сталинӣ», «Хар ва трактор», «Рақси пахта», «Тоҷу байрақ», «Дар оғӯши фатҳ», «Қисми дувум аз достони «Ду нишон»» (1935-1936), «Мамлакат» (Тарҷума аз шеъри русии Бону), «Сафар ба Сарои Камар», «Ба Сталини маҳбуб» ҷой дода шудаанд.

Дар қисми дувуми маҷмӯа шеърҳои «Мо ранҷбарзодагонем», «Озодии занҳо», «Охир, эй маҳ, ҳалок шуд дили ман», «Дар қишлоқи мо», «Гар намедонӣ, бидон», «Духтари инқилоб», «Таронаи партизанӣ», «Ёри масчоҳиям», «Ханҷари заҳмат», «Бути нозанинам, ёри меҳрубонам», «Пули вахш», «Духтарҳои заҳматкаш», «Таронаи пионер», «Ранҷида ёрам», «Султонуфи номдор», «Духтари Тоҷикистон», «Эй дилбари ман», «Ман паҳлавонам» ва «Зани тоҷик» оварда шудаанд.

Аввалин ҳодисае, ки диққати шоирро ба ин мавзӯъ ҷалб намуд ва эҷодиёти минбаъдаашро дар ин ҷода бахш намуд, ин тақсимоти ҳудудӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Соли 1924 тақсимоти ҳудуди миллӣ дар ин сарзамин гузаронида шуд ва дар натиҷа тоҷикон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҳайати Ӯзбакистон ворид гардиданд. Дар ин бора устод Айнӣ гуфтааст: «Яке аз самараҳои ин тақсимоти миллӣ дар Осиёи Миёна барпо шудани Тоҷикистони Советӣ буд» [3, с.3]. А. Лоҳутӣ дар ана ҳамин ҳангом ба сафари тӯлонӣ баромад, ки мақсади ягонааш ба Душанбе омадан буд ва дар он ҳангом ин ҷо деҳе буд ва мақсаду мароми асосии шоир аз мусофират обод намудани мамлакат буд. Ин ҳолат, яъне ҳамчун узви ҷудонашавандаи Иттиҳоди Шӯравӣ гардидани Тоҷикистонро А. Лоҳутӣ дар шеъри «Тоҷикистон» бо самимият ва муҳаббат баён намудааст:

Эй гули навраси боғи ленинизм,
Писари ҳафтумии сусиёлизм [16, с.13].

Дар ин шеър А. Лоҳутӣ аз барқарор шудани мулке бо номи Тоҷикистон, ки хатари даст даровардани Европаро дошт, тасвир намуда, хун шудани дили дарбориёни Урупоро аз барқарор шудани Тоҷикистон бо масаррат чунин гуфтааст:

Дили дарбори Урупо хун шуд,
Ки ба Шӯро писаре афзун шуд…
То ба Россия расид аз Лондон
Нолаи лорди калон – Ҳендерсон [16, с.13].

Албатта, ин гуна таронаҳо дар он замон, аз як тараф мубориза бо шиори «То Шарқи ислом як қитъаи мустақили озод ба ҳаёт бошад, маданияти Европа дар зери хавф аст» [3, с.6] бошад, аз тарафи дигар, барои ҳар як тоҷик дилчасп, шӯрангез ва масарратангез буд. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар муқаддимаи китоби фавқуззикр менависад: «Албатта, намунаворона барпо шудани Тоҷикистони Советии Сотсиалистии озод дар паҳлуи Шарқи мазлуми мустамлика, дили Ҳендерсонҳоро хун карда ва онҳоро дар оташи рашки ҳасад андохта ба нола овард» [3, с.7]. Ин ҳодисаи таърихӣ ва нақши он дар ҳаёти минбаъдаи халқи тоҷикро А. Лоҳутӣ дар ҳамин шеъри худ табрик гуфта, Тоҷикистони Советиро ба мубориза даъват менамояд:

Чӣ ғам аз синфи тавонгар дорад,
Ҳар ки шаш чун ту бародар дорад?
Ҳама ғамхору ҳаводори туанд.
Рӯзи сахтӣ ҳамашон ёри туанд…
Решаи муфтхӯронро баркан,
Аз тани душмани Шӯро сар кан [16, с.13-14].

Ин таронаро устод Айнӣ чунин баҳо додааст: «Ҳар меҳнаткаше, ки ин мисраъҳои содаи равшани оммафаҳмро мехонад, бе ҳеҷ дағдаға аз ҷояш хеста ба кандани решаи муфтхӯрон ва ҷудо кардани сари душманони советиро аз танашон медарояд. Зеро ӯ дида истодааст, ки дар паси худ ёридиҳандагон – бародарони иттифоқдор дорад» [3, с.7].

А. Лоҳутӣ дар васфи Тоҷикистону мардуми он, на танҳо шеър эҷод менамуд, балки дар баробари гуфтааш амал мекард ва ҳамаи коргару деҳқон, пиру ҷавон, зану марди мамлакатро ташвиқ намуда, шавқу ҳавасашонро дучанд менамуд. Ӯ ҳамроҳ бо фарзандони содиқу вафодори тоҷик дар ҳамаи соҳаҳои умури давлатӣ ва кишоварзӣ меҳнат мекард ва барои ободону гулгулшукуфон намудани Тоҷикистон кушишҳо менамуд. «Рафиқ Лоҳутӣ, – гуфтааст устод Айнӣ, – илова бар ин, ки шеърҳои худро бо камоли устодӣ месарояд, бисёр самимона ва реалӣ ҳам мебарорад. Чунки ӯ дар мавзӯи ҳар соҳае, ки шеър навиштааст, дар он соҳа бо кору амал ҳам иштирок кардааст» [3, с.5]. Чунончи, дар мисраъҳои зерин доноӣ ва тавоноии халқи тоҷикро бо эҳсоси баланд тасвир намудааст:

Ба ту ҳам харҷию ҳам ҷома диҳанд,
Ба ту ҳам дафтару ҳам хома диҳанд,
То бихонӣ туву доно бишавӣ,
Қад фарозию тавоно бишавӣ [16, с.13].

Барои ифодаи ин мазмунҳо А. Лоҳутӣ аз анъанаҳои классикӣ, маҳорат ва эҷодиёти онҳо истифода бурда, дар баробари мазмунҳои феодалӣ ақидаҳои сотсиалистиро ворид намудааст. Масалан, ғазали «Худо даркор нест» намунаи беҳтарини онҳо ба ҳисоб меравад. А. Лоҳутӣ дар ғазали мазкур мазмунҳои иҷтимоии замонаашро дар ин назираи мутазоди худ, ки бар мабнои як байти ғазали Амир Хусрави Деҳлавист, моҳирона ба қалам додааст. «Рафиқ Лоҳутӣ, – навиштааст устод Айнӣ, – дар шеърҳои худ аз услубҳои куҳна бо камоли маҳорат ва устодӣ фоида мебарад. Ӯ ба он услубҳо дар ивази мазмунҳои феодалии анъанавии онҳо мазмунҳои сотсиалистӣ медиҳад» [3, с.8]. Як байти ғазали Амир Хусрави Деҳлавӣ ин аст:

«Киштии сабрам ба дарё ғарқ шуд эй нохудо!
Ман Худои хеш дорам, нохудо даркор нест» [16, с.20].

Яъне А. Лоҳутӣ бо истифода аз вазн ва оҳангҳои классикӣ як мазмуни дархӯри замони худро ба миён гузоштааст. «Лоҳутӣ, – менависад устод Айнӣ, – ин услубро тақлид кардааст, аммо аз ҷиҳати мазмун як мазмуни тамоман зидди байти Хусравро дода гуфтааст» [3, с.8]:

Киштии фатҳам ба соҳил мерасад бо инқилоб,
Нохудои хеш дорам ман, Худо даркор нест [16, с.20].

Гӯё А. Лоҳутӣ шеъру ғазали тавҳидиро, ки маънавияти инсониро баён менамояд, як чизи ғариб медонаду бас. Лекин ин тарзи муносибат аз сиёсати «иҷтимоигароии дурушт ва сиёсатфурӯшии маҳз» [25, с.31], ки ҳокими замон буд, сарчашма бардоштааст. Чунончи, дар ин ғазал мехонем:

Ранҷбарҳоем, ҷуз Шӯро ба мо даркор нест,
Аз барои мо амиру кадхудо даркор нест.
Бо усули дастҷамъӣ кори худро мекунем,
Дасти зулми пиру шайху порсо даркор нест.
Бар муроди хеш бо бозуи худ мо мерасем,
Аз барои халқи заҳматкаш дуо даркор нест.

Бесаводӣ зери бори хон туро хар мекунад,
Эй деҳотӣ, рав ба мактаб, Карбало даркор нест [16, с.20].

А. Лоҳутӣ дар ин шеър бо чӣ сабабе, шояд танҳо барои ин ки маънавияти инсониро дуюмдараҷа донистааст ва ба фаҳмиши классикии моддиёту маънавиёт эроде гирифтааст, ё умуман ба муқобили фаҳмиши онҳо эътироз баланд кардааст. Вай дар байти аввали ғазал амиру кадхудоро, ки ҳамагӣ соҳиби мулку деҳа буданд, нолозим дониста, шӯро ва дастҷамъии халқро асоси саодати зиндагии халқ донистааст. Баъд «дасти зулми пиру шайху порсо», «дуо» ва «Карбало»-ро ба ҳаёти замони худ муқобилгузорӣ кардааст. Гӯё инҳо саодати зиндагии инсонро аз байн мебаранд. Гӯё чун инҳо дар зиндагии инсонҳо манзалат доранд, ҳаёт хору залил аст. Гӯё на ин мафҳумҳо, балки маҳз ба соҳилрасони киштии фатҳи шоир инқилоб аст, яъне мантиқи шеъри шоир бар хилофи пиндорҳои анъанавии башарист, ки он бар асоси фаҳмиши замони Шӯравӣ бунёд ёфтааст.

Аз ҳама муҳимтар он аст, ки ба қавли устод Айнӣ, шоир дар баробари шаклу жанрҳои классикӣ шаклҳои навро дар эҷодиёташ роҳ додааст: «Рафиқ Лоҳутӣ, – қайд мекунад устод Айнӣ, – дар ин маҷмӯа бисёр шаклҳои тамоман навро ҳам даровардааст, ки мо монанди ин шаклҳоро пеш аз ин дар шеъри форсӣ ва тоҷикӣ надидаем» [3, с.8]. Ба монанди «Хабар» қисми дувуми «Ду шаҳр», «Мо ранҷбарзодагонем», «Озодии занон», «Таронаи партизанӣ» ва амсоли инҳо, ки қариб дар ҳамаи ашъори шоир ба назар мерасанд. Шакл ва мазмунҳои нави шеърӣ дар достон, тарона ва ғазалҳои А. Лоҳутӣ метавонад мавриди омӯзиш ва баррасии дигаре қарор гирад. Чунки ин ашъор ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун навигариҳо дорад. Агарчи А. Лоҳутӣ дар аксар маврид бар шакл ва қолабҳои анъанавӣ содиқ мондааст, вале дар баъзе ҳолатҳо вазни шеърҳои худро бар асоси табиати забони халқ мувофиқ намуда, вазнеро бар онҳо қарор додааст, ки дархӯри табиати забони форсии тоҷикист. Чунончи, дар шеъри «Саройи тамаддун» ин ҳолат ба хубӣ аён аст:

Девори рахнадорею тоқе шикофта,
Пӯшида шифти он ҳама аз тори анкабут.
Ҳар гуна мӯру мор дар он роҳ ёфта,
Саҳнаш пур аз маҳобату торикию сукут [15, с.57].

Дар ин маҷмӯа ин шеър ва амсоли ин барин шеърҳо зиёданд ва таҳлилу баррасии инҳоро барои оянда вогузор хоҳем кард.

Устод Айнӣ дар ҷамъбасти сухан ба таври хулоса гуфтааст: «Ман «Шеърҳои Тоҷикистон» ном ин маҷмӯаи рафиқ Лоҳутиро ба сифати як хонанда як дастаи гул ҳисоб мекунам ва ба хонандагони дигар ҳам инро як гулдаста гӯён тавсия менамоям» [3, с.9].

Ҳамин тавр, С. Айнӣ дар сарсухани ба маҷмӯаи ашъори А. Лоҳутӣ бахшидааш муҳимтарин хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, маҳорати адабии шоир ва аҳамияти «Шеърҳои тоҷикистонӣ»-и ин суханвари оламшумулро бо камоли возеҳӣ ва таҳқиқи ҳарҷонибаи илмию амалӣ манзури хонандагон гардонидааст. Андешаҳои устод Айнӣ дар шинохти шеърҳои тоҷикистонии А. Лоҳутӣ ва маҳорати адабии ӯ аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд ва саҳму нақши ӯро ҳамчун яке аз мубаллиғони асили кишвари тоҷикон ба таври барҷаста нишон медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов А. Лирика / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов, Абулқосим Лоҳутӣ (Очеркҳои мухтасар). - Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
2. Абдуманнонов А. Ҷон дар тани шеър / А. Абдуманнонов // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 11 сентябр. – №37 (1748). – С. 4; 11.
3. С. Айнӣ. Шеърҳои тоҷикистонӣ. Лоҳутӣ А. Шеърҳои тоҷикистонӣ; тартибдиҳанда: С. Бону. – Сталинобод – Ленинград: Нашрдавтоҷик., 1940. - С. 3-9.
4. С. Айнӣ. Абулқосим Лоҳутии Кирмоншоҳӣ / С. Айнӣ // Намунаи адабиёти тоҷик (Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод). – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с..
5. Х. Асозода. Абулқосим Лоҳутӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Х. Асозода, А. Кӯчаров // Адабиёти тоҷик (Давраи нав). – Душанбе: Тайфун – менеҷмент, 2007. – 400 с.
6. Х. Асозода. Саргузашти устод Лоҳутӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 300 с.
7. Бертелс Е. Девони Лоҳутӣ / Е.Бертелс, Э. Лоҳутӣ. – М.: Нашриёти давлатии адабиёти бадеӣ, 1939. – С. 5-27.
8. Ворожейкина З. Абулкасим Лахути. Лахути стихотворения и поэми / З. Ворожейкина. – Л.: Сов. писатель, 1981. – 496 с.
9. Давлатов М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ / М.Давлатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 190 с.
10. Давронов С. Навпардозиҳои Лоҳутӣ / С. Давронов // Садои Шарқ. – 1967. – №2. – С. 138-147.
11. Давронов С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ (Оид ба проблемаи анъана ва навоварӣ дар назми советии тоҷик) / С. Давронов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 164 с.
12. Занд М. Абулкасим Лахути / М. Занд. – Сталинабад: Таджикгосизат., 1957. – 122 с.
13. Исаев Я. Лахути – поэт революционного движения в Иране / Я. Исаев // Учение записки Сталинабадского государственного педагогического института им. Т. Г. Шевченко. Том XVII (Серия филологическая), выпуск седмой. – Сталинабад, 1957. – С. 115-196.
14. Исаев Я. Вассофи Тоҷикистон / Я. Исаев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1977. – 4 декабр. – С.4.
15. А. Лоҳутӣ. Асарҳои мунтахаб. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1949. – 455 с.
16. А. Лоҳутӣ. Шеърҳои тоҷикистонӣ; тартибдиҳанда: С. Бону. – Сталинобод – Ленинград: Нашрдавтоҷик, 1940. – 160 с.

17. Маҳмадаминов А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 100 с.
18. Х. Мирзозода. Тасвири халқи тоҷик ва Тоҷикистон дар ашъори Абулқосим Лоҳутӣ // Мактаби советӣ. – 1957. – №12. – С. 44-50.
19. Насриддинов А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Насриддинов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 44 с.
20. Османова З.Г. Абулкасим Лахути / З.Г. Османова // Советское востоковедение. – 1957. – №6. – С. 74-86.
21. Отахонова Х.А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ / Х.А. Отахонова // Падидаҳои навҷӯӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972. – С. 21-32.
22. Табаров С. Адиби сухандон ва муборизи майдон / С. Табаров – Душанбе: Дониш, 1986. – 30 с.
23. Ш. Ҳусейнзода. Санъаткори сазовори аср / Ш. Ҳусейнзода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – № 5-6. – С. 8-10.
24. Ш. Ҳусейнзода. Чеҳраи хандон, умри ҷовидон / Ш. Ҳусейнзода // Маориф ва маданият. – 1967. – 12 декабр.
25. М. Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.
26. Шукуров М. Муборизи ҷаррор ва шоири шуълавар / М. Шукуров // Лоҳутӣ А. Шеърҳо ва достонҳо; тартибдиҳандагон: доктори илми филологӣ М. Шукуров ва М. Назарова). – Душанбе: Маориф, 1986. - 224 с.

МУЛОҲИЗАҲОИ УСТОД АЙНӢ ОИД БА АШЪОРИ ТОҶИКИСТОНИИ А. ЛОҲУТӢ

Дар эҷодиёти устод Лоҳутӣ ашъори тоҷикистонӣ мавқеи муҳим доранд ва аз нигоҳи хусусиятҳои ғоявию бадеӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Бесабаб набуд, ки ин шеърҳо соли 1940 дар шакли маҷмӯае бо номи «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ҷамъоварӣ шуда буданд. Мақсади асосӣ аз таҳияи ин китоб ҳаводорони зиёд доштани ашъори А. Лоҳутӣ буд ва ҳамаи шеърҳои ба Тоҷикистон бахшидаи шоирро дар як ҷо, дар як маҷмӯа дидан як таассуроти наве барои хонандагони эҷодиёти шоир ба ҳисоб мерафт. Дар таърихи нақд ва адабиётшиносии муосир С. Айнӣ аввалин касест, ки ашъори гаронбаҳои А. Лоҳутиро ҳам аз нигоҳи мавзӯву муҳтаво ва ҳам аз лиҳози ҷиҳатҳои шаклӣ мустақилан мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин, маҷмӯаи «Шеърҳои тоҷикистонӣ»-и А. Лоҳутиро ҳам аввалин шуда устод Айнӣ дар сарсухани ба ин китоб навиштаи худ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар таърихи адабиётшиносӣ кам ба мушоҳида мерасад, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт будани шоир эҷодиёташ нақду баррасӣ шуда бошад, ё муҳаққиқону адабиётшиносони варзида дар ин ё он паҳлуи осори ӯ пажӯҳиши илмӣ анҷом дода бошанд. Ин аз бузургии шоир ва ё нависанда гувоҳӣ медиҳад. А. Лоҳутӣ низ аз зумраи ана ҳамин гуна шоирони бакамолрасида ва шуҳратёфта мебошад. Дар мақола андешаҳои мунаққид ва адабиётшиноси барҷаста, шоиру нависанда ва яке аз саромадони адабиёти муосири тоҷик С. Айнӣ оид ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, поэтикӣ, маҳорати адабӣ, анъана ва навоварӣ ва арзиши ашъори тоҷикистонии А. Лоҳутӣ дар асоси далелҳои муътамад таҳлилу таҳқиқ ва натиҷагирӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: «Шеърҳои тоҷикистонӣ», андеша, моҳият, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, маҳорати адабӣ, устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ.

МЫСЛИ АЙНИ О ТАДЖИКИСТАНСКИХ СТИХАХ А. ЛАХУТИ

В творчестве Лахути особое место занимают его таджикистанские стихи, т.е. поэзия Лахути, написанная в период жизни поэта в Таджикистане. В 1940 г. был издан сборник стихов поэта под названием «Таджикистанские стихи», куда вошли все его сочинения, посвященные Таджикистану. В истории нового таджикского литературоведения Айни являлся первым критиком, оценившем поэтическое творчество Лахути, с точки зрения формы и содержания, тематики и идейной направленности. В его предисловии к названному сборнику Айни излагает свое видение касательно художественных достоинств стихов Лахути, раскрывает их содержание, подробно анализирует стилистику и идейно-эстетическую позицию автора. Критический разбор стихотворений Лахути, осуществленный Айни ещё при жизни поэта, имеет большое научно-литературоведческое значение для дальнейшего филологического исследования творчества Лахути, доказывая гениальную способность Айни, поэта и критика. В статье автор подробно анализирует литературные воззрения Айни, его размышления о поэтике стихов Лахути, вопросы традиции и новаторства, формы и содержания, поэтического мировоззрения автора.

Ключевые слова: форма, содержание, сущность, поэтика, литературное мастерство, идейно-художественная особенность, традиция и новаторство.

THOUGHT AINI ABOUT TAJIKISTAN VERSES A. LAHUTI

In the work of Lahuti, a special place is occupied by his Tajik poems; poetry Lahuti, written during the poet's life in Tajikistan. In 1940, a collection of poetry poems was published under the title "Tajik Verses", which included all his works dedicated to Tajikistan. In the history of the new Tajik literary criticism, Aini was the first critic who appreciated Lahuti's poetic work, in terms of form and content, subject matter and ideological orientation. In his preface to the collection, Aini outlines his vision of the artistic merits of Lakhuti's poetry, reveals their content, analyzes in detail the stylistics and the ideological and aesthetic position of the author. A critical analysis of Lahuti's poems, carried out by Ayni even during the life of the poet, is of great scientific and literary significance for further philological research of Lahuti's creativity, proving Aini's brilliant ability, the poet and critic. In the article the author analyzes in detail the literary views of Aini, his reflections on the poetics of Lakhuti verses, questions of tradition and innovation, the form and content, the author's poetic worldview.

Key words: form, content, essence, poetics, literary mastery, ideological and artistic peculiarity, tradition and innovation.

Сведения об авторе: ***Саидбеков Диловарбек*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **saidbekov8585@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-60-85-85**

Information about author: ***Saidbekov Dilovarbek*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17.
E-mail: **saidbekov8585@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-60-85-85**

УДК: 891.550+491.550

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРОК И ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ТВОРЧЕСТВЕ СОРБОНА

(на примере романов «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл»)

Ульмасова З.
Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова

Пословицы, поговорки и фразеологизмы отражают образ жизни, душевное состояние и психологию людей, олицетворяют их мечты и чаяния. Согласно утверждению известного таджикского лингвиста Р. Гаффарова, «Значимость использования пословиц и поговорок как одного из мощных средств изображения в художественной литературе чрезвычайно велика. Если они используются уместно, язык писателя становится красочным, выразительным и экспрессивным, еще больше проявляется его национальный характер» [1, с.89].

В романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл» Сорбона пословицы и поговорки, фразеологические обороты размещены преимущественно в речи главных героев: Александра, Оха, Дария Кодомана, Олимпиады, Багея, Магея, Бесуса, Туграла, Шатенина и других персонажей. Сорбон использует пословицы, поговорки и фразеологизмы уместно и целесообразно, в соответствии с предметом изложения и творческим замыслом, придавая тем самым особую выразительность и изящество языку своих произведений.

С точки зрения способа использования пословицы, поговорки и фразеологизмы, выявленные в романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл», можно разделить на следующие группы:

1. Пословицы, поговорки и фразеологизмы, которые использованы без изменения или с частичной трансформацией. Например, «мазза аз қайла гузаштан» (терять свои качества) [4, Ҷ.1, с.165]; «гӯсфандро ба пои худ овезанд, бузро низ» (каждому - свое) [4, Ҷ.1, с.15]; «ҳар киро гӯр ҷудо, аъмол ҷудо: бузро ҳам бо пои худаш кашол кунанд, гӯсфандро ҳам» [4, Ҷ.2, с.27] (каждому - свое); «то сухани шумо шикастана, гардани шайтон шиканад» (пусть будет по-вашему) [4, Ҷ.1, с.168]; «сари хамро шамшер набурад» (повинную голову и меч не сечет) [4, Ҷ.1, с.69]; «нияти нек - ними давлат» (доброе намерение – половина счастья) [4, Ҷ.1, с.230], «бо собуни касе ҷома шустан» (иметь дело с кем-то) [4, Ҷ.1, с.462; 4, Ҷ.2, с.34;], «ҳарфи бисёр- харба бор» (пустому слову – тугое ухо) [4, Ҷ.1, с.173], «ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд» (своя рубаха ближе к телу) [4, Ҷ.2, с.36]; «мурдаро монда тутхӯрӣ» (пир во время чумы) [4, Ҷ.1, с.213; 4, Ҷ.1, с.215], «душманро ба шакар куштан» (уничтожить врага хитростью) [4, Ҷ.1, с.244; 4, Ҷ.1, с.518], «чизеро об карда хӯрдан» (съесть собаку в каком-либо деле) [4, Ҷ.1, с.176] «тир аз камон ҷаста ва мурғ аз қафас раста» (слово – не воробей, вылетит – не поймаешь) [4, Ҷ.2, с.81], «ба кайк ситеза карда, пӯстинро сӯхтан (сжечь тулуп назло блохе) [4, Ҷ.2, с.147; 4, Ҷ.2, с.176], «кирми дарахт – аз худи дарахт» (яблоко от яблони недалеко падает) [4, Ҷ.2, с.150; 4, Ҷ.2, с.244], «ҳам ба лаъл задану ҳам ба пошно» (кнутом и пряником) [4, Ҷ.1, с.326], «гови пир кунҷола хоб бинад» (голодной курице просо снится) [4, Ҷ.1, с.294], «кафши касеро пеш гузоштан» (указать кому-либо на дверь) [4, Ҷ.1, с.227], «қадри зарр заргар дона» (цену золота знает золотых дел мастер) [4, Ҷ.1, с.228], «ҷӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд» (цыплят по осени считают) [4, Ҷ.2, с.430], «танобро дароз андохтан» (пустить что-либо на самотёк) [4, Ҷ.1, с.163], «гӯсола мурад ҳам алоии чашмаш мемонад» (горбатого могила исправит) [4, Ҷ.2, с.435] «аз нӯги хамир фатир» (малая доля для начала от многого) [4, Ҷ.1, с.282; 4, Ҷ.1, с.410], «гурги боронди да» (стреляный воробей) [4, Ҷ.1, с.273, 277, 416; 4, Ҷ.2, с.465] «ба кӯрпа нигоҳ карда по ёзонида» (по одежке протягивать ножки) [5, №3, с.13]; «сутуни миёни замину осмон шудан» (оказаться между небом и землей) [5, №3, с.13], «тушберарo хом шумурдан» (делать скоропалительный вывод, ошибаться) [5, №4, с.32], «ду понздаҳ як сӣ» (что в лоб, что по лбу) [5, №3, с.30] и т.д., которых в романах большое количество. Естественно, что эта группа составляет значительную часть пословиц, поговорок и фразеологических оборотов, использованных в обоих романах.

2. Известно, что в таджикском языке о явлениях и событиях жизни существуют различные пословицы и поговорки, которые затрагивают одну тему. Или же структурные компоненты пословиц и поговорок отличаются друг от друга и Сорбон в разных местах использует их различные варианты. Например, «барраи танҳоро гург хӯрад» (одинокого барашка съедает волк) [4, Ҷ.2, с.14], «сутури танҳоро гург хӯрад» (одинокого верблюда съедает волк) [4, Ҷ.1, с.34], «магар надонӣ, моли аз рама мондаро гург мехӯрад» (разве не знаешь, отбившаяся от стада скотина становится добычей волка) [4, Ҷ.1, с.422]. В тексте все три пословицы приводятся в значении «сила – в единстве». Или другой пример: «Сар кафад зери кулоҳ» (досл.: разбитая голова пусть останется под шапкой) [4, Ҷ.2, с.162], «сар

кафад зери каллапӯш» (разбитая голова пусть останется под тюбетейкой) [4, Ҷ.1, с.229], т.е. «не показывать слабость, скрыть истинное положение дел». Словосочетание «бо думи шер бозӣ кардан» (досл.: дергать льва за хвост) широко распространено у таджиков и используется в следующих значениях: «1. Заниматься опасным делом. 2. Подвергать себя опасности. 3. Противостоять «превосходящей» силе» [6, Ҷ.1, с.430].

Сорбон в романе «Туграл» использует следующий вариант пословицы:

«-- М-да-а…Раздразнил спящего тигра, нет спасения. Возьмет за горло. Живьем выпьет твою кровь» [5, Ҷ.4, с.31). Однако писатель в большинстве случаев выбирает вариант, который, помимо лаконичности и содержательности, полностью вписывается в текст произведения.

3. В некоторых случаях в романе приводится основная часть пословицы, которая является образной и соответствует цели писателя в данном контексте. Следует отметить, что этот прием использования пословиц и поговорок в романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл» не оказывает негативного влияния на их стилевую роль, т.е. на выразительность и лаконичность изложения, а также на полноценное и яркое изображение характеров персонажей произведения:

«Нехорошо, не зная броду, соваться в воду, Мино» [4, Ҷ.1, с.153].

«Необходимо сначала увидеть брод, затем соваться в воду» [4, Ҷ.1, с.636].

Оригинал этой пословицы: «Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину ғӯза каш» (Не зная броду, не суйся в воду; досл.: Увидев воду, снимай сапоги, увидев погоду, собирай хлопок).

«Рӯзе гургзода гург шавад» (досл.: Рожденный от волка становится волком; Сколько волка ни корми – все равно смотрит в лес) [4, Ҷ.1, с.48]. Полной версией этой пословицы, несомненно, является следующий бейт Саади:

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчӣ бо одамӣ бузург шавад.
(Волк в конце концов становится волком,
Если даже вырастает вместе с человеком).

Или же принц Ох в беседе с Багеем говорит: «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ» (С кем поведешься, от того и наберешься) [4, Ҷ.1, с.210].

Вторая строка этой пословицы «Бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ» (досл.: Сядешь рядом с котлом, тоже будешь в саже) в данном контексте не соответствует цели писателя, поэтому Сорбон сокращает ее.

Словосочетание «Пул чирки даст» (Деньги что вода) в романе «Туграл» употребляется следующим образом:

-- Думайте о душе, а не о деньгах. Это вода, что постоянно утекает [5, №4, с.42].

В другом месте Александр говорит: «Шаф-шаф магӯ Эвмен» (Не говори обиняком, Эвмен) [4, Ҷ.1, с.366]. Другой вариант этой поговорки: «Шаф-шаф нагӯю шафтолу гӯ» (Не говори обиняком, говори прямиком).

Известный фразеологический оборот «аз бом тароша афтодан» (как снег на голову; ни с того ни с сего) в значении «говорить не к месту и необоснованно» используется писателем следующим образом:

-- Полюбили отца, сударыня? – ни с того, ни с сего спросил Александр (адресатом царя является Гулгун – дочь иранского царя – З.У.) [4, Ҷ.1, с.347].

-- Все женщины Востока своевольны и упрямы? – ни с того ни с сего спросил Александр, и Барзин, посмотрев царю в глаза, пожал плечами… [4, Ҷ.1, с.453].

Поговорку «Ҷав корӣ ҷав даравӣ, гандум корӣ-гандум» (Что посеешь, то и пожнешь) Сорбон также использует в сокращенном виде: «Ҷав корӣ, ҷав даравӣ» [4, Ҷ.1, с.490].

Изменение некоторых пословиц и поговорок с целью усиления воздействия слов и более детального изображения в зависимости от творческого замысла и логики речи является одной из характерных особенностей стиля Сорбона в романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл»:

«… Царь должен править государством. Молотить зерно умеет не всякий козёл…

- Это работа быка… -- взорвался царь Дарий и прислушался» [4, Ҷ.1, с.325].

В форме стихотворения пословица звучит следующим образом:

Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан,
Гови нар мехоҳаду марди куҳан.
(Молотить зерно - работа не для всякого козла,
Требует она быка и опытного человека).

Более известен прозаический вариант этой пословицы: «Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷат ба барзагов набуд» (Если козел может молотить на току, то не нужен бык).

Пословицу «зери коса нимкоса» (здесь что-то кроется) Сорбон использует и в этом виде [4, Ҷ.1, с.169; 4, Ҷ.1, с.273; 5, Ҷ.3, с.30] и в форме «зери косаро, ки намедонист, чизе ногуфта хомӯш монд» (так как не знал о подоплеке дела, ничего не сказал и сохранил

молчание) [4, Ҷ.2, с.209], «ба андеша рафт. То зери коса чӣ нимкосае бошад» (погрузился в раздумья. Здесь что-то кроется) [4, Ҷ.1, с.169], «нимкосаи зери косаро надониста…» (не зная о подоплеке дела…) [4, Ҷ.1, с.203], «таги коса нимкосае ҳаст» (тут что-то есть) [4, Ҷ.1, с.378].

В романе «Туграл» иногда используются редко используемые пословицы и поговорки.

-- стрела времени жаждет крови. Когда говорю - бьют, не говорю – уносят кладбищенский котел. Лучше молчать, однажды поймут или узнают, почему держал язык за зубами» [5, №3, с.80].

В народе более распространен вариант «Гап занам, мезанамо, гап назанам, деги мазора мебарано» (Если говорю, то бьют, не говорю – унесут даже кладбищенский котел) [2, с.261] в значении «не могу говорить из-за боязни, но совесть не позволяет молчать». Однако в целом пословица является малоупотребительной.

Пословицы, поговорки и фразеологизмы в зависимости от цели рассказчика могут находиться в начале, середине или в конце фразы [1, с.95]. Если они находятся в начале высказывания, последующие слова разъясняют значение пословицы или фразеологического словосочетания:

-- Нет нужды говорить об очевидном… Если полководец не может сделать эту работу, пусть передаст мою судьбу в руки царя [4, Ҷ.1, с.401].

В середине же речи, рассказчик, говоря о каком-либо предмете или событии, подкрепляет свои слова народной мудростью. Затем, для того, чтобы адресат поверил его словам, разъясняет ее. Так, к примеру, полководец Пармиян в ответ на мнение Александра о том, что раненый враг – Дарий III –крепкий орешек, который трудно расколоть, говорит:

-- Не думаю, царь. Пуганая ворона куста боится. Его противостояние долго не продлится. Под незначительным напором он снова сбежит. Отступление вошло у него в привычку [4, Ҷ.1, с.384].

-- Видели, Турабек, -- обратился к своему спутнику Султанбек. – Люди стали забитыми. Пуганая ворона куста боится. К вам должны присоединиться уратюбинские друзья, отважные матчинцы, чтобы они смогли усмирить этих упрямых людей» [5, №4, с.36].

В тех случаях, когда автор приводит пословицы и поговорки в конце, они приобретают обобщающий характер:

-- Нет, Барзин! Месть из-за ненависти и алчности – это величайший грех. Ты не из низкого рода, почему поступаешь низко? Не марай об него руки… [4, Ҷ.1, с.414].

-- Задумчив был благородный гетер: «Если бы я был в Афинах, был бы рядом со своим могущественным отцом, не послушался бы легкомысленного Александра. Более того, взяв за руку преданного Биталамуса, вышел бы из этого постылого круга. Но сейчас ветер дует не в ту сторону» [4, ч.1, с.515].

-- Так понял Туграл его слезы и тряхнул головой: «Нет, не мучай себя, виновник станет известным. Зерна от плевел будут отделены» [5, №4, с.60].

Сорбон широко использует пословицы, поговорки и фразеологизмы также и в диалогах и монологах, иногда в диалогах посредством народной мудрости герои задают вопросы или отвечают на них. Например, Таис ночью приходит к Александру и, указывая на шатер, говорит:

-- Зачем царю что-то скрывать? [4, Ҷ.1, с.372].

Другой пример: мать Барзина, с растрепанными волосами и впалыми глазами, обессиленная, приходит к дворцу Дамаска и говорит, что ее дочь – невеста царя Александра:

-- Моя дочь приезжала на колеснице. Одна…красивая…очень красивая… До того прекрасная, что не могу описать словами.

Дворцовый привратник говорит:

-- И ворона называет своего птенца «беленький мой» [4, Ҷ.1, с.438].

Обратите внимание на следующий пример из романа «Туграл»:

-- У советов такие же цели и намерения, Мирзаджан, - подтвердил Гафур-аксакал.

-- Однако мы не имели дел с матчинцем, - проворчал Бободжан.

-- Все знают об этом. Но я не думал, что у Бободжана настолько тонкая тень! – сказал аксакал.

-- Да-а… Раздразнишь спящего тигра - нет спасения. Возьмет за горло… [5, №4, с.31].

Как видим, Сорбон последовательно приводит три фразеологических оборота в речи героев произведения.

Во многих случаях народная мудрость используется непосредственно в описательной речи писателя как один из способов подтверждения состояния и положения, а также оценки людей и событий. В качестве примера рассмотрим фразеологическое

словосочетание «косаи сабр лабрез шудан» (чаша терпения переполнилась) в речи Сорбона:

«Полководец удивился спокойствию и невозмутимости Барзин, чаша его терпения лопнула и он спросил» [4, Ҷ.1, с.399].

«Персы насильно управляют страной. Чаша терпения народа переполнена. Все ожидали прибытия своего спасителя» [4, Ҷ.1, с.542].

Во многих случаях герои Сорбона «используют мудрые народные изречения… для того, чтобы обосновать свое мнение и доказать правдивость своих слов» [3, с.78]. В следующем примере Дарий Кодоман, упрекая Ариябарзана за поражение в бою, использует жесткие и грубые пословицы и фразеологизмы:

Ариябарзан:

-- Был жестокий бой, но…

Дарий Кодоман:

-- … но вы наложила в штаны!? Для пукающей задницы гороховый суп отговорка!... [4, Ҷ.2, с.14].

В романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл» Сорбона редко наблюдаются случаи неправильного и неуместного использования пословиц. Обратимся к примерам:

На одном из собраний Александра в Македонии военачальник Антипатр во время беседы говорит:

«Персы говорят: Без старца не достигнешь благополучия…(«Бе пир марав дар амонӣ…») Поздравительные слова такому благоразумному и мудрому старцу - великому Аристотелю…» [4, Ҷ.1, с.73].

В этом же томе на стр.531 читаем: «Александр назначил отважного и смелого Пармияна… сатрапом Дамаска и во время битвы при городе Тире вспомнил о нем: «Не иди без старца, не то застрянешь, даже если ты Александр времени», неоднократно слышал он эту пословицу…» (Бо пир марав, ки дар монӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ).

Между первой и второй цитатой прошло несколько лет, к тому времени, когда Александр вспоминает эту пословицу, он захватил Ближнюю и Малую Азию. В цитированных отрывках содержится несколько спорных и сомнительных моментов.

Во-первых, на наш взгляд, вариант пословицы, приведенный в первой цитате, является неправильным, хотя в этом виде, но с частичными изменениями, она несколько раз публиковалась в сборниках народных афоризмов [2, с.216; 6, с.91].

Во-вторых, в первой строке пословицы, приведенной во второй цитате, слово «дармонӣ» (застрянешь, испытаешь затруднения) должно читаться «дарбимонӣ», чтобы устранить изъян в размере стиха: «Бе пир марав, ки дарбимонӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ». Эта пословица известна у таджиков вместе с рассказом о солдате, который о время походов Александра, вопреки строгому приказу молодого царя, взял с собой пожилого отца и благодаря его советам несколько раз вывел из затруднений Александра и его войско. Здесь нет необходимости повторять этот рассказ, однако очевидно, что он появился после походов Александра в Центральную Азию. В-третьих, в этом отрывке присутствует анахронизм. Сорбон относит пословицу, появившуюся после походов Александра, к периоду его жизни, более того, к тому времени, когда он еще не отправился из Македонии завоевывать Иран. Если первую цитату считать приемлемой, то необходимо признать, что эта пословица появилась еще до того, как Александр начал завоевывать мир, т.е. перед событием, послужившем его основой. Однако эта мысль полностью противоречит логике.

В начале второго тома приводится монолог Дария Кодомана, в котором, в частности, говорится: «Когда люди не могут что- то сделать, в этом виноват царь; вкус косточки передается супу: «Скажут, что царь не смог ничего сделать». Ныне этот беспомощный царь – я» [4, Ҷ.2, с.44]. На наш взгляд, эта пословица в данном отрывке использована неправильно. Составителем «Фарханги иборахои рехта» («Фразеологического словаря») дается следующее толкование словосочетания «Акси калла ба шӯрбо задан» (Вкус косточки передается супу): «плохое влияние кого-либо, оказаться под влиянием кого-либо», затем в качестве подтверждения приводится пример из журнала «Хорпуштак» («Ёж»): «Что бы там ни было, внезапно вкус косточки передался супу. Бывший завскладом… так же, как и он, начал ходить нескладно» [6, с.15].

Также неправильно использован в романе фразеологический оборот «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» (хоть гори целый свет, лишь бы он был согрет). В книге «Фарханги иборахои рехта» это словосочетание в форме «гӯр сӯзаду дег (қаландар) ҷӯшад» разъясняется следующим образом: «Пусть с другими что будет, то и будет, лишь бы соблюдался чей-то интерес; ставить свои интересы выше, во вред кому-либо другому» [6, с.254]. Обратим внимание на то, как использован этот фразеологизм в романе:

-- Посланник прибыл, царь приказал! Я сказал! Рай ваш. Царь для всех един…

-- Нет! Это твой царь и нескольких других, для которых без разницы, горит ли целый свет или кто-то согрет … Иран родиной назовут или Юнан (Греция – З.У.) [4, Ҷ.2, с.69].

Во-первых, оригинал пословицы звучит как - «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад», т.е. замена союза «у» (и) союзом «ё» (или) неприемлема, так как это меняет смысл пословицы, что наблюдается в приведенном отрывке: горит ли целый свет или кто-то согрет. Во-вторых, вследствие трансформации словосочетания теряется смысл пословицы, разъясняемый в «Фарҳанги ибораҳои рехта», т.е. «ставить свои интересы выше, во вред кому-либо другому». В романе «Туграл» Сорбон использует эту пословицу очень уместно и органично:

«Однако судье всё равно: гори хоть целый свет, лишь бы он был согрет» [5, №3, с.43]. Следует отметить, что данная пословица способствует более яркому и детальному выражению сущности отрицательного персонажа кадия (судьи) Исохана.

В романе «Туграл» Сорбон в двух случаях использует пословицу «гушна ба шер мезанад, ташна ба дарё» (досл.: голодный нападает и на льва, жаждущий – бросается в реку). Так, в одном месте Сорбон, ведя речь о нищете жителей гор и о том, что басмачи Эргаша-курбаши пришли в горы с пустыми мешками, говорит:

-- Они были похожи на беглых, потерпевших поражение солдат. Исхудавшие, в рваной одежде, босые; избитые и печальные, с согнутыми, как у стариков, спинами. Их мешки были пусты, а животы сводило от голода. «Голодный нападает и на льва», - говорили горцы. Но эти голодные начали грабить людей и, спустившись в Фархар, унесли даже засохший сыр из корзин вдов и воздух из лачуг бедняков» [5, №4, с.47]. На наш взгляд, в этом отрывке пословица не служит подтверждением мысли автора.

В доступных нам словарях пословиц, поговорок и фразеологических оборотов словосочетания «лом нагуфтан» и «лому мим гуфта натавонистан» приводятся в значении: «не говорить ничего, молчать, не возражать, не находить слов в ответ» [6, с.601]. Однако ни в одном из них не встречается словосочетание «лом баровардан», приведенное Сорбоном в романе «Туграл»:

-- Бободжан прикасается рукой к его телу. Убирает её. Кашляет, чтобы известить спутников. Но они молчат, чтобы на миг сохранить тишину, ибо рассвет близок [5, №4, с.33].

Сорбон проявляет мастерство и писательское чутье в использовании пословиц, поговорок и фразеологических оборотов, в связи с чем их различные варианты, которые встречаются в романе, такие как «бо як тир ду фохта задан» (одним выстрелом убить двух зайцев) [4, Ҷ.1, с.35], «арзанро гунҷишк бихӯрад, калтакро вартиш» (досл.: просо клюет воробей, палка достается перепелке; кому пироги и пышки, а кому синяки да шишки) [4, Ҷ.2, с.44], «ду вазир дар як девон нагунҷад» (два тигра не уживутся на одной горе) [4, Ҷ.2, с.25], «бардошта нашавад оби рехтаро» (досл.: пролитую воду обратно не соберешь) [4, Ҷ.2, с.5] «ҷӯшбарраро хом шумурдан» (делать поспешный вывод) [4, Ҷ.1, с.503], «кабк аз даҳони худ тир хӯрад» (досл.: клёкот куропатки привлекает стрелу) [5, №4, с.415]» и т.д. успешно и органично вписались в текст произведения. Можно утверждать, что одним из факторов, обеспечивающих выразительность языка и изящество стиля романов «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл», является именно мастерство автора в использовании образцов народной мудрости.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси материали «Одамони ҷовид») / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 224 с.
2. Калонтаров Я.И. Мудрость трёх народов / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Адиб, 1989. – 552 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Сорбон. Достони писари Худо. Дар ду ҷилд. - Душанбе: Адиб, 2005. – Ҷ.1. – 704 с.; Ҷ.2. – 627 с.
5. Сорбон. Зарафшон: Туғрал // Садои Шарқ, 2007. - №3. – С.12-84; - №4. – С.13-61.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Дар ду ҷилд / М. Фозилов. -Душанбе: Нашрдавточик, 1963. -952 с.

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОРБОН

(дар мисоли романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал»)

Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал»-и Сорбон зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта асосан дар нутқи қаҳрамонони марказӣ ҷой дода шудаанд. Сорбон мақолу зарбулмасалҳо ва фразеологизмҳоро мувофиқи предмети баён ва мароми эҷодӣ, мавқеъшиносона мавриди истифода қарор дода, бо ин роҳ ба забони асари худ обуранги махсус ва фасоҳату салосат бахшидааст. Истифодаи зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳоро нависанда ба се гурӯҳ тақсимбандӣ кардааст: 1. Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтае, ки бетағйир ва ё бо тағйири ҷузъӣ ба кор рафтаанд. 2. Дар забони тоҷикӣ оид ба воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ, дар як мавзӯъ мақолу зарбулмасалҳои гуногун гуфта шудаанд. 3. Дар баъзе мавридҳо дар роман як қисми асосӣ образнок ва ба матлаби муаллиф дар ҳамин контекст мувофиқи зарбулмасал оварда мешавад. Дар бахши хотимавӣ муаллиф таъкид бар он мекунад, ки сабабҳои ҷаззобию шевоӣ ва фасоҳату малоҳати забону сабки романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал» корбасти устодонаи ҳикматҳои халқӣ мебошад.

Калидвожаҳо: адабиёти муосири тоҷик, Сорбон, «Достони писари Худо», «Туғрал», забони романҳо, истифодабарии зарбулмасалу мақол ва ибораҳои фразеологӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРОК И ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ТВОРЧЕСТВЕ СОРБОНА

(на примере романов «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл»)

Автор статьи утверждает, что в романах «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл» Сорбона пословицы и поговорки, фразеологические обороты размещены преимущественно в речи главных героев Сорбон использует пословицы, поговорки и фразеологизмы уместно и целесообразно, в соответствии с предметом изложения и творческим замыслом, придавая тем самым особую выразительность и изящество языку своих произведений. Использованные пословицы, поговорки и фразеологизмы, выявленные в романах, разделены на три группы: 1. Пословицы, поговорки и фразеологизмы, которые использованы без изменения или с частичной трансформацией. 2. В таджикском языке использованы пословицы и поговорки, которые затрагивают одну тему. 3. В некоторых случаях в романе приводится основная часть пословицы, которая является образной и соответствует цели писателя в данном контексте. В заключении автор отмечает, что одним из факторов, обеспечивающих выразительность языка и изящество стиля романов «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл», является именно мастерство автора в использовании образцов народной мудрости.

Ключевые слова: современная литература, Сорбон, «Повесть о Божьем сыне», «Туграл», язык романов, использования пословиц, поговорок и фразеологизмов

PECULIARITIES OF THE USING OF PROVERBS, SAYINGS AND PHRASEOLOGICAL UNITS IN SORBON'S CREATIVITY

(by the example of the novels "The story of God's Son" and "Tugral"

The author of the article states that in the novels of Sorbon "The story of God's Son" and "Tugral" proverbs and saying, phraseological units are mainly put in the speech of main heroes. Sorbon uses proverbs and saying, phraseological units appropriately and reasonably in accordance with the point of description and creative plot, thereby attaching particular expressiveness and fineness to the language of his works. The using of proverbs, sayings and phraseological units exposed in the novels have been divided into three groups: 1 The proverbs, sayings and phraseological units that are used without change or partial transformation. 2. The proverbs and sayings used in Tajik touch the same topic. 3. In some cases, there is cited in the novel the main part of the proverb, which is figure and correspond with the aim of author in the given context. In conclusion the author notices it is the mastery of the author to use the pattern of popular wisdom that is one of the factors providing expressiveness of the language and fineness of the style of the novels "The story of God's Son" and "Tugral".

Key words: modern literature, Sorbon, "The Story of God's Son", "Tugral", the language of novels, the using of proverbs, sayings and phraseological units.

Сведения об авторе: ***Ульмасова З.*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доктор филологических наук, доцент кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **(+992) 927-71-44-70.**
E-mail: **Zamira_Ulmasova @ mail.ru**

Information about author: ***Ulmasova Z.*** – Khujand state University. B. Gafurova, doctor of Philology, associate Professor of modern Tajik literature. **Address:** Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1.
Tel.: **(+992) 927-71-44-70.** E-mail: **Zamira_Ulmasova @ mail.ru**

УДК: 38

ТАЪСИРИ ШЕЪРИ СӮҲРОБИ СИПЕҲРӢ БАР ШЕЪРИ ТОҶИК

Меҳрии Отиванд
Донишгоҳи озоди исломии ба номи Имом, шахри Рей, Эрон

Бешак, шуарои тоҷик беҳтарин чакома ва сурудаҳои худро бар асари "нафаси гарми шеъри Эрон" (таъбири Гулназар шоири саршиноси тоҷик) сурудаанд ва ин раванд ва талоши онҳо дар канор ва дунболи шеъри имрӯзи Эрон рушд ва нуму дорад. Ин падида дар аввалин бархӯрд бо шеъри тоҷик эҳсос мешавад. То ҷое, ки Алиризо Қазва, шоир ва мунаққиди эронӣ низ бар ҳамин амр таъкид дорад: "Дигар гӯши донишҷӯёни навҷӯ ва муштоқи адабиёти имрӯз бадеҳкори ҳарфҳои куҳна ва такроришон нест. Онҳо бештар тамоюл доранд аз Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Ахавони Солис, Салмони Ҳиротӣ ва ғайра бишнаванд. Агарчи шоирони ахир низ аз даргузаштагонанд, аммо мутааллиқ ба ду насли баъд аз марҳум Баҳор ва Рашид Ёсимӣ ҳастанд, зимни он ки ҳар як дар шеъри нав соҳиби сабк ва навовариҳои гуногунанд ва ҷамоати бисёреро ба дунболи худ кашидаанд" [1, с.23].

Баъд аз фурӯпошии шӯравӣ, бародарони маҳҷур боз аз атри дидори якдигар шамиданд ва дастҳои моил ба оғӯш ба ҳам расид. Дар ин миён чандин маҷмӯи шуарои муосири Эрон дастраси хонандагони тоҷик қарор гирифт, ки ҷиҳати ошноии бештари тоҷикон бо ҳунар ва адаби Эрон нақши бориз дошт. Ин маъниро муҳаққиқони тоҷик низ эътироф кардаанд. Чунончи, пажӯҳишгароне назири Мирзо Шакурзода ва Фотеҳ Абдуллоҳ дар таъйиди ин амр менависанд: "Шоирони тоҷик аз солҳои дерин аз чашмасорони файёз ва шодоби устодони шеъри форсӣ чун Нимо Юшич, Меҳдии Ахавони

Солис, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва ғайра ташнагӣ шикастанд, ки худ ангезаи аслии зуҳури шеъри нав ё шеъри сапед дар ин марзу бум шуд ва алъон бас таронагӯён дар шева ва сабки Нимоӣ тағаззул мекунанд. Бо фурӯпошии шӯравӣ гуфтугӯҳои адабӣ ва шеърӣ миёни суханварони порсигӯ рӯ ба густариш аст" [5, с.317].

Дар ин навишта баҳси мо пиромуни таъсири шеъри яке аз суханварони бебадили Эрон Сӯҳроби Сипеҳрӣ ба шеъри тоҷик аст, ки ба қавли доктор Сируси Шамисо "Обрӯи шеъри давраи мост" ва "дар осмони сухан маҳтобест, ки пар мекушояд, офтобест, ки нур меафшонад, дарёи жарфест, ки бар амвоҷи андеша суҷуд меомӯзад, шамими тароватофаринест, ки дар машоми ахтарони ҳунар мепечад" [9, с.21].

Ашъори Сипеҳрӣ, мутаассифона, ба Тоҷикистон дер расид ва то ҳанӯз ба шакли китоби ҷудогонае чоп нашуда, танҳо пораҳое аз сурудаҳояш дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба табъ расидааст. Ҳарчанд осори ӯ камтар аз дигар сухансароёни Эрон муаррифӣ шуда, вале имрӯз бештари шоирони тоҷик дар Осиёи Миёна таъсир аз ӯ мегиранд ва ба қавли Гулрухсор, шоири саршиноси тоҷик, имрӯз ҳама "Сӯҳроббемор" шудаанд, аз ӯ пайравӣ мекунанд, дарс меомӯзанд, унвони китобҳои хешро бо тақлид аз ӯ мегузоранд. "Садои пойи вожаҳо"-и Искандари Хатлонӣ, шоири равоншоди тоҷик баргирифта аз таъсири "Садои пои об"-и Сипеҳрӣ, "Андуҳи сабз"-и Муҳаммадалии Аҷамӣ ба дунболи "Ҳаҷми сабз"-и ин шоири наққошанд.

"Ҳаҷми сабз" вопасин дафтари "Ҳаштитоб"-и Сӯҳроб аст. Сӯҳроб дар ин манзума билохира ба сарзамини ормонии хеш мерасад. Дар ин биҳишти ин ҷаҳонӣ бо худ ва ҷаҳон дар ҳоли оштист. Дар дафтари "Ҳаҷми сабз" аст, ки зеботарин сароғози шеъри ӯ ва ногаҳонитарин ишроқҳои шоиронаро меёбем. Дар ин манзума бо ҳондани чанд қитъа, метавон такягоҳ ва пойгоҳи маънавӣ ва андешаи Сипеҳриро дарёфт. Ӯ мекӯшад аз тариқи ҷустуҷӯ дар аъмоқи вуҷуди худ ва лаҳзаҳои гурезони зебоӣ ва низ диранг бар табиат, худро дар қиболи ҳастӣ ва офариниш тавҷеҳ кунад ва пойгоҳе маънавӣ бино кунад, то дар ҳусни ҳасини он, он оромиши дурдастро дар худ эҳсос кунад [4, с.8].

Бозор Собир, яке аз шоирони саршиноси тоҷик дар силсилаи рубоиёти худ аз шоирони навгӯи Эрон ба вузуҳ таъсир гирифтааст. Ба тавре, ки чанд рубоиашро таҳти таъсири шоироне чун Нодири Нодирпур, Исмоили Хӯйӣ, Аҳмад Шомлу ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ суруда ва пораҳои ашъори онҳоро дар поварақ овардааст. Аз ҷумла, ду рубоии Бозор Собир дар ҳавои маъниҳо ва мазомини Сипеҳрӣ ба вуҷуд омадаанд. Чунончи:

Асби падарамро, ки гамаш медодам,
Аз обу алаф ками камаш медодам.
Як бораки дигар агараш медидам,
Гулбаргу сатил, шабнамаш медодам [2, с.40].

Бозор Собир, рубоии мазкурро аз мазмуни шеъри "Ва паёме дар роҳ"-и Сӯҳроби Сипеҳрӣ гирифта, ки аз машҳуртарин шеърҳои Сипеҳрӣ аст. Дар ин шеър, Сӯҳроби Сипеҳрӣ худро ба унвони мунҷие мебинад, ки барои ҳама дардҳо ва мушкилот давое аз оштӣ ва сафо дорад. Он гоҳ аз хайру некӣ ва растагорӣ башорат диҳад:

Хоҳам омад, пеши асбон, говон,
Алафи сабзи навозиш хоҳам рехт.
Модиёне ташна, сатили шабнамро хоҳам овард.
Хари фартуте дар роҳ, ман магасҳояшро хоҳам зад [7, с.5].

Ҳарду шоир дар ин сурудаҳо яке дар қолиби ҷадид ва дигаре дар қолиби суннатии рубоӣ аз меҳрубонӣ ва шафқат ҳарф мезананд ва ниҳояти лутфу меҳри худро ҳатто аз гову асбу хар дареғ намедоранд. Бозор Собир аз самимияти Сипеҳрӣ, ки дар саросари ашъораш, ба вижа, дар чаҳор маҷмӯаи ахири "Садои пойи об", "Мусофир", "Ҳаҷми сабз" ва "Мо ҳеч, мо нигоҳ" ба сароҳат эҳсос мешавад, таъсир пазируфта ва аз ҳамон пайванде, ки Сипеҳрӣ бо падидаҳо ва ашъёи табиат дорад бӯ бурдааст. Маълум аст, ки Сипеҳрӣ, қабл аз ҳама, файласуф ва мутафаккир аст баъд шоир ва ин ҷанбаҳо дар омезиш бо тахайюли латиф, зарофат, самимият ва ҷилваҳои орифона шеъри ӯро музайян кардаанд. Ба рубоии дигари Бозор Собир бипардозем:

Вақте ки дар об менамояд маҳтоб,
Тезина машавед, мешавед дар об,
Маҳтоб дар об захм мебардорад,
Мегуфт дар ин бора Сипеҳри Сӯҳроб.

Бояд гуфт, Бозор Собир мазмун ё андешаи нав баён накарда, танҳо фикри бикри Сипеҳриро дар қолиби рубоӣ даровардааст. Чунин истифода аз мазмун ва муҳтавои шеър дар таърихи адабиёти форсӣ ба вуфур мушоҳида мешавад.

Ногуфта намонад, ки Бозор Собир аз пайравони сарсахти шеъри сапед аст ва дар навиштаҳояш низ борҳо таъкид дошта, ки шогирди мактаби Нимоӣ аст ва дар ин навъ шеър дастовардҳое низ касб кардааст.

Абдуллоҳи Раҳнамо, яке дигар аз шоирони тоҷик дар шеъре, ки онро ба Сӯҳроби Сипеҳрӣ эҳдо карда, аз вожа ва таркибҳои Сипеҳрӣ истифода карда ва иродату ихлоси

хешро ба ин наққоши чирадаст ва шоири забардаст баён дошта ва аз мисроъ ва маонии ӯ устодона истифода кардааст. Ин сурудаи кучак моро ба ёди шеъри “Об”-и Сӯҳроб мебарад:

Бе гумон дар деҳи болодаст,
Чинаҳо кӯтоҳ аст.
Мардумаш медонад, ки шақоиқ чи гулест,
Мардумони сари рӯд обро мефаҳманд [1, с.347].

Ин шоири тоҷик ба қадре шефта ва мафтуни шеъри Сипеҳрӣ аст, ки натавониста чизе дар баробари азамати андешаҳои ӯ бигӯяд ва танҳо ба ишораҳои шоир пай мебарад ва медонад, ки шақоиқ чӣ гулест:

Осмон, бозтарин чашми ҷаҳон аст,
Ҳама сабзии туро мебинад.
Ҳар ки донад, ки шақоиқ чӣ гулест
Оре, ин ҷо танҳост
Одам ин ҷо танҳост! [1, с.314].

Осори Сӯҳроби Сипеҳрӣ беш аз ҳама бар Доро Наҷот, шоири тавоно ва навбаён, ки ба “Сипеҳрии тоҷик” маъруф аст, таъсир гузоштааст. Ин шоир бо талош ва такопӯи фаровон мехоҳад шеъри тоҷикро аз якнавохтӣ ва якгунаӣ берун орад. “Дар он сӯйи хобҳо” комилтарин ва тозатарин маҷмӯаи Доро Наҷот аст, ки соли 2000 милодӣ аз тариқи интишороти “Маздоясно” дар пойтахти ин кишвар шаҳри Душанбе мунташир шуд. Алиризо Қазва, шоир ва мунаққиди Эрон, ки дар Тоҷикистон шуҳрати зиёд дорад, бар ин китоб пешгуфтори самимӣ навишта ва дар он зимни баррасии абъоди мухталифи осори Доро Наҷот, ӯро аз шоирони бузург ва чирадаст дониста. Қазва бо меҳрубонӣ ин сатурро меорад: “Ин ҷони дардманд садоҳои ношуниданӣ ва тасвирҳои номаъюро бисёр зеботар ва амиқтар аз шоирони дигар дарк мекунад. Дар лобалои зулоли шеърҳояш, гоҳ моҳиёне аз ҷинси лаҳазоти шаффоф ва саршор аз маънавият ва нур шино мекунад. Ман дар Доро шоиреро мебинам, ки дар “акнун” мезияд ва ҳарф аз ҷинси замон” дорад ва дилаш мехоҳад ҳар лаҳза чашмҳоро бишӯяд ва ба қавли Сӯҳроб “ҷури дигар бубинад” [7, с.238].

Доро Наҷот паём ва пайғоми Сӯҳробро бо рӯҳу ҷони хеш амиқан дарк кардааст ва рамзу рози чакомаҳояшро гушудааст. Сӯҳроб дар “Садои пойи об” бо “сари сӯзани завқе” ин тавр суруда:

Ман мусалмонам,
Қиблаям як гули сурх,
Ҷонамозам чашма, муҳрам нур,
Дашт саҷҷодаи ман
Ман вузӯ бо тапиши панҷараҳо мегирам,
Дар намозам ҷараён дорад моҳ, ҷараён дорад тиф,
Санг аз пушти намозам пайдост.
Ҳама зарроти намозам матаблур шудааст.
Ман намозамро вақте мехонам,
Ки азонашро бод гуфта бошад сари гулдастаи сарв,
Ман намозамро пайи “Такбирал-ҳаром” алиф мехонам,
Пайи “қадд қомати” мавҷ [3, с.272].

Доро Наҷот бо “Як панҷа завқ” ва бо тафовуте аз Сӯҳроб бо “дасторе аз чанбараи ҳулбӯ”(пуна) ба намоз меистад:

Бенамоз набудам,
Бо сангоби дук таҳоратам аз сангоб буд,
Дасторам буд чанбараи ҳулбӯ,
Ҷонамозам барги ривоҷ.
Ё кундаи гулсанге,
Намозамро мекардам адо.
Бо алафҳо,
Арчаҳо,
Ду мусичаҳо,
Дар шохи ояҳо [3, с.20].

Бар мабнои он чи гуфта шуд, Сипеҳрӣ имрӯз дар миёни шоирони форсигӯи Осиёи Миёна таъсиргузортарин шоири шеъри нав аст. Ба наҳве, ки на танҳо дар Душанбе ва Хуҷанду Хатлону Бадахшон, балки дар Самарқанду Бухорову Тошканду Хоразму Термиз шумори зиёде аз қаламкашон аз ӯ пайравӣ мекунанд. Парисо, Шаҳзода, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Ҷаъфар ва ғайра ки машъалдори лафзи тоҷикӣ-форсӣ дар ин хиттаи бофайз ва “Ҷазираи кӯчаки форсизабонҳо”ҳастанд, чома ва чакомаҳои хешро дар ҳолу ҳавои сурудаҳои Сипеҳрӣ месароянд ва дуруст аз ҳамон ҷодае мераванд, ки Сипеҳрӣ бунёди онро ниҳода буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиризо, Қазва. Хуршедҳои гумшуда. - Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1376. - 250 с.
2. Бозор, Собир. Боргоҳи сухан. – М., 2003. - 210 с.
3. Доро, Наҷот. Дар он сӯйи хато. – Душанбе: Маздоясно, 2000. - 342 с.
4. Зарринтоҷ, Воридӣ. Боғи ирфони Сӯҳроб. – Кирмон: Нашрияи адаб ва забон, шумораи 18, 1384. – 110 с.
5. Мирзо, Шакурзода. Парниён, ҳарир ва абрешим. – Теҳрон: шӯрои густариши забони форсӣ, 1382. – 350 с.
6. Абдунабӣ Сатторзода. Муъҷизаи шеър / Адабиёт ва санъат, 29 марти с.2018. – С.2.
7. Сипеҳрӣ, Сӯҳроб. Ҳашт китоб / С. Сипеҳрӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1379. – 265 с.
8. Сирус, Шамисо. Нигоҳе ба Сипеҳрӣ / С. Шамисо. – Теҳрон: Марворид, 1376. – 170 с.
9. Соими, Кошонӣ. Хонаи дӯст куҷост. – Кошон: Мурсал, 1381. – 160 с.
10. Саидзода Ҷ. Ҳамоиши шеъру сухани воло / Адабиёт ва санъат, 21 марти соли 2018. – С.4.

ТАЪСИРИ ШЕЪРИ СӮҲРОБИ СИПЕҲРӢ БАР ШЕЪРИ ТОҶИК

Дар ин мақола таъсири шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ ба шеъри тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки шоирони тоҷик Бозор Собир, Доро Наҷот ва Абдуллоҳ Раҳнамо бештар зери таъсири ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ мондаанд. Ба ақидаи муаллифи мақола, ашъори Сипеҳрӣ, мутаассифона, ба Тоҷикистон дер расидааст ва то ба имрӯз ба шакли китоби ҷудогонае чоп нашудааст ва дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо танҳо пораҳое аз сурудаҳояш ба табъ расидаасту дигар ҳеч. Бо вуҷуди он ки осори ӯ аз дигар сухансароёни Эрон нисбатан кам муаррифӣ шудааст, вале имрӯз бештари шоирони тоҷик дар Осиёи Миёна аз ӯ таъсир пазируфтаанд, вале аҳли шуарои тоҷик имрӯз аз ӯ пайравӣ мекунанд, дарс меомӯзанд, унвони китобҳои хешро бо тақлид аз ӯ мегузоранд. Сипеҳрӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки ба тариқи ҷустуҷӯ дар аъмоқи вуҷуди худ ва лаҳзаҳои зебоии табиат, худро дар олами ҳастӣ ва офариниш шиносад ва дар худ пойгоҳе маънавӣ бино кунад, то ки дар ҳусни ҳастии он оромишро эҳсос кунад. Бояд гуфт, ки имрӯз Сипеҳрӣ дар миёни шоирони форсигӯи Осиёи Миёна аз ҳама беш ба ашъори аҳли шуаро таъсир гузоштааст, зеро на танҳо дар Душанбе ва Хуҷанду Хатлону Бадахшон, балки дар Самарқанду Бухорову Тошканду Хоразму Термиз шумори зиёде аз қаламкашон аз ӯ пайравӣ мекунанд. Ва аз шоирони тоҷик Бозор Собир аз пайравони шеъри сапед аст ва пайрави мактаби Нимоӣ мебошад, ки дар навиштаҳояш низ аз ин ҷиҳат борҳо таъкид дошта, дар ин навъ шеър дастовардҳое низ ба даст овардааст.

Калидвожаҳо: ашъор, таъсирпазирӣ, тоҷик, шуаро, пайравӣ, китоб.

ВЛИЯНИЕ ПОЭЗИИ СУХРОБА СИПЕХРИ НА ТАДЖИКСКУЮ ПОЭЗИЮ

В данной статье исследуется влияние поэзии Сухроба Сипехри на таджикскую поэзию. Полученные данные показывают, что таджикские поэты Бозор Собир, Доро Наджот и Абдуллох Рахнамо в большей степени находились под влиянием поэзии Сухроба Сипехри. По мнению автора статьи, поэзия Сипехри, к сожалению, до Таджикистана дошла позднее и до сегоднешнего дня не была опубликована книга и только в газетах и журналах изданы отрывки из его творчества. Несмотря на то, что его творчество, по сравнению с другими иранскими поэтами, представленно меньше, однако таджикские поэты сегодня следуют ему, изучают и свои книги называют, подражая ему. Сипехри из числа тех поэтов, которые в глубине души, в поиске природной красоты бытия осознании вселенной, чтобы в себе создать духовный мир и почувствовать красоту спокойствия. Следует отметить, что творчество Сипехри среди персидских поэтов Средней Азии больше всего повлияло на поэтов, не только в городах Душанбе, Худжанде, Хатлоне и регионе горного Бадахшана, но в Самарканде, Бухаре, Ташкенте, Хорезме и Термезе большое количество творцов поэзии следуют по его стопам. Также среди последователей белого стиха таджикский поэт Бозор Собир, под влиянием школы Нимаи сочинил данный вид стихов, что в своих стихах подчеркивает неоднократно.

Ключевые слова: поэзия, влияние, таджик, поэты, следовать, книга.

INFLUENCE OF POETRY OF SUKHROB SIPEHRI ON TAJIK'S POETRY

In this article, the influence of Sukhrob Sipehri's poetry on Tajik poetry is examined. The findings show that Tajik poets Bozor Sobir, Doro Najot and Abdullah Rahnamo were heavily influenced by the poetry of Sukhrob Sipehri. According to the author of the article, the poetry of Sipehri, unfortunately, came to Tajikistan later and until today the book was not published and only excerpts from his work were published in newspapers and magazines. Despite the fact that his work is less compared to other Iranian poets, however, Tajik poets today follow him, study and call his books imitating him. Sipehri from among those poet who in the depths of his soul, natural beauty and being in the search for the realization of the universe, in order to create in himself a spiritual world and to feel the beauty of tranquility. It should be noted that Sipehri's creativity among the Persian Central Asian poets influenced poets poetry most of all, since not only in Dushanbe, Khujand, Khatlon and Badakhshan Region, but in Samarkand, Bukhara, Tashkent, Khorezm and Termez a large number of poetry creators follow in his footsteps. Also, the angry followers of the white verse Tajik poet Bozor Sobir, influenced by Nimai's school composed this type of poetry, which in his work emphasizes this repeatedly.

Key words: poetry, influence, Tajik, poets, follow, book.

Сведения об авторе: ***Мехри Отиванд*** - Исламский университетат Азад (имен. Имама города Рай), преподаватель факультета персидского языка и литературы

Information about the author: ***Mekhry Otivand*** - Islamic University Azad (names. Imam of the city of Paradise), teacher of the faculty of Persian language and literature

УДК: 891.550

САРНАВИШТИ НАВИСАНДА ДАР ИДРОКИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ

Зайниддини Абдулҳамид
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Идроки масъалаҳои иҷтимоӣ дар эҷодиёти Кароматуллоҳи Мирзо равшану аниқ эҳсос мегардад. Адиб ҳанӯз аз даврaҳои мактабхониаш ба навиштани хабару хикояҳои хурди итҷимоӣ сар мекунад. Аввалин бор ӯ дар бораи боғи мактаб хабар менависад. Ин хабар дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ба табъ мерасад. Чунонки адабиётшиносон Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор мегӯянд: «Охир, ин иқдоми нахустини ӯ дар роҳи нигорандагӣ ва нахустин самараи боғи орзуҳои вай маҳсуб мешавад» [10, с.51].

Эҳсоси баланди мардумшиносӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ дар қалби адиб аз овони ҷавонӣ ҷой гирифта буд. Дар асоси ин эҳсосот тавонист, ки ҳаёти иҷтимоии мардумро тасвир намояд. Тарбияи баланди фарҳангию маърифатнокӣ, одобу ахлоқ, одаму одамгарӣ воситаҳои пайдоиши заминаҳои масъалаҳои иҷтимоӣ дар осори адиб гардид.

Аввалин ҳикояи ӯ соли 1965, бо номи «Айб аз худатон, додар…» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» нашр гардид. Соли 1977 нахустин қиссаи ӯ бо номи «Ситораи умед» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расид ва баъдтар соли 1980 дар шакли маҷмӯаи алоҳида нашр шуд. Ҳамин тавр, эҷодиёти ӯ дар шакли маҷмӯаҳо нашр мешуданд. Маҷмӯаҳои дигари адиб бо номҳои «Маоши аввал» (1982), қиссаи «Шабе дар Кабудҷар» (Аввали баҳор) (1984), қиссаи «Дарди ишқ» (1986), «Суруди муҳаббат» (1988), романи «Дар орзуи падар» (1989-2009), қиссаи «Нишони зиндагӣ» (1993), «Ситораҳои паси абр» (2005), қисса ва хикояҳои «Диле, ки саршори меҳр аст» (2011), романи «Марги бегуноҳ» (2012) ва ғайра дар байни мардум маълуму машҳур мебошанд.

Дар хикояи «Айб аз худат, додар…» масъалаҳои иҷтимоии хушомадгӯйӣ, шуҳратҷӯйӣ, мунофиқӣ ва садруягӣ тасвир гардидаанд. Мақсади персонажҳои ин ҳикоя фиребу найранг ва ғоратгарӣ буд. Адиб ба воситаи ин образҳо тавонист хислатҳои бади инсониро инъикос намояд. Ин масъалаи мураккабе мебошад, ки аз аввал дар эҷодиёти адиб дида мешавад. Дар баробари ин, адиб ҳикояҳои бисёре дорад, ки онҳо авзои иҷтимоии мардумро тасвир менамоянд. Масалан, дар ҳикояи «Қадри модар» ҳаёти занеро нишон медиҳад, ки писараш ба суханони ҳамсараш гӯш дода, ӯро аз хона пеш мекунад. «Аз ин ҷост, ки ӯ бо фармону савобдиди занаш модари худкампири Сабрияро, ки ӯро ба дунё овардаву калон карда, соҳиби зан гардонида буд, беасосу бегуноҳ таҳқир мекунад, ӯро аз ҳавлӣ меронад ва бо ҳамин чун пасттарин ва разилтарин инсон зуҳур менамояд», - мегӯянд адабиётшиносон Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор [10, с.57].

Маҳорати нависандагии адиб даврa ба даврa инкишоф меёбад. Аввал ӯ дар маҷаллаи наврасон, баъд дар маҷаллаи ҷавонони ноҳия ҳамчун мудири шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи ҳамонвақта «Тоҷикистони советӣ» кор кардааст. Дар он давра ҳаёти иҷтимоии мардум аз ҷиҳати озодию истиқлол равшан набуд. Адиб тавонистааст, ки бо дарки масъалаҳои иҷтимоӣ, як қатор ҳикояву қиссаҳо ва романҳо эҷод намояд. Идроки ин масъалаҳои муҳим бештар дар ҳикоя ва очеркҳои «Нон», «Маоши аввал», «Набера», «Пайванд», «Умри арча», «Шаби тӯй» ва ғайра дида мешавад. Дар ин маҷмӯаҳо муаллиф образҳои бачаҳои ҳушёр, кунҷков ва зиракро ба қалам додааст. Дар ҷойи дигар ҳаёту зиндагии мардумро, ки барои дигарон мактаби фидокорию мардонагӣ мебошад, нишон додааст. Дарки тасвирҳо иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки адиб ба ҳаёти он бачагони зираку доно бо нигоҳи ибратомез назар намояд. Адиб дар дили хонандаи асарҳояш ҳисси баланди ҳушёрию зиракӣ ва мардонагиро бедор месозад. Ин масъалаи иҷтимоӣ дар ин ҷаҳони ноором хеле муҳим ва саривақтӣ аст. Чунки имрӯзҳо як қатор ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб авзои сиёсии ҷаҳонро ба ташвиш овардаанд.

Ҳикояҳои «Айб аз худат, додар…», «Одамшинос» ва «Мо қарздор» масъалаҳои иҷтимоии манфатҷӯйӣ, худхоҳӣ, сифати разилона ва ғайраҳоро дар бар мегиранд. Ин рафтору кирдорҳои номатлуб дар симои образҳои Шоҳмардон, Партоев, Маннон, Абдуррасул ва дигарон таҷассум гардидааст. Дар баъзе навиштаҳои дигараш захми забони инсонро ҳамчун мояи бадӣ ва нокомӣ таҳлил кардааст. Паҳлуҳои дигари эҷодиёти ӯ оид ба тасвири каҳрамониҳои солҳои ҷанг ва айёми азнавсозӣ мебошанд.

Ҳаёти иҷтимоии мардум дар эҷодиёти адиб хеле васеъ дарҷ гардидааст. Мақсади адиб ба воситаи ин тасвирҳо ошкор сохтани ҳаёти вазнини мардуми одӣ ё зиндагии орому осудаи онҳо мебошад. Асоси эҷодиёти К. Мирзо воқеанигорӣ аст. Воқеанигорӣ сабке мебошад, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ сахт алоқамандӣ дорад.

Ҳикояи «Дили пурармон» мавзӯи тарбиявӣ - ахлоқӣ дорад. Дар ин ҳикоя муносибати ҷавонон ба бунёди оилаи солим тасвир гардидааст. Масъалаҳои иҷтимоии тарбияи

фарзанд ва анъанаҳои миллӣ нишон дода шудааст. Нависанда таъкид мекунад, ки волидон бояд ба тарбияи фарзандон кӯшиш намоянд. Дар интихоби оила худи ҷавонон ширкат варзанд. Тӯю маъракаҳо дар доираи анъанаҳои миллӣ гузаронида шаванд.

Ин адиби рангинхаёл тавонистааст, ки бо офаридаҳояш тамоми паҳлуҳои зиндагии мардумро нишон диҳад. Ҳар як сухани ӯ аз ҳаёти мардуми одӣ оғоз меёбад. Офаридаҳои нависанда метавонад, ки омезиши анъанаҳои миллии тоҷикро аз қадим то имрӯз таҷассум намоянд.

Дар раванди эҷодиёти адиб маҷмӯаи дигаре бо номи «Маоши аввал» ба миён омад. Ин китоби дуюми муаллиф буда, соли 1982 таълиф шудааст. Дар ин маҷмӯа очеркҳое мавҷуданд, ки бештар ба ҷиҳатҳои гуногуни иҷтимоиёт бахшида мешаванд. Ба гуфти академик Раҳмонов А. «Очеркҳои маҷмуаи «Маоши аввал» бештар тобиши масъалагузорӣ доранд ва дар айни замон ҳар кадоми онҳо ба давраи муайян ва ба қаҳрамонони реалӣ бахшида шудаанд» [6, с.48].

Дар худи ҳикояи «Маоши аввал» нависанда масъалаҳои муҳимми иҷтимоии дӯстию бародариро нишон додааст. Ҳар як шахс дар ҳаёт дӯстони зиёд дорад, вале ҳар кадоми он дар зиндагӣ мавқеи худро дорад. На ҳар як инсон дар ин роҳ қадами устувор гузошта метавонад. Арзишҳои бузурги дӯстиро эҳтиром кардан вазифаи ҳар як инсон аст. Адиб дар образи Дилшод ин масъалаи иҷтимоиро равшан тасвир кардааст. Дилшод баъди ҷустуҷӯҳои зиёд дӯсти давраи бачагиашро меёбад. Маоши аввалашро ба ӯ мебахшад. Ин воқеанигории муҳимме аст, ки нависанда тавассути образи Дилшод баён кардааст.

Дар ҳикояи “Маоши аввал” ҳамчунин симои кӯдакон тасвир гардидааст. Дӯстони давраи кӯдакӣ аз хотир фаромӯш намешаванд. Иҷтимоиёт масъалагузориест, ки гузаштаи дурро ба имрӯз омезиш медиҳад. Аз тасвирҳои адиб бармеояд, ки ӯ ҳанӯз аз давраи аввали эҷодиаш ба тамоми паҳлуҳои зиндагии мардуми одӣ аҳамияти махсус зоҳир менамояд.

Нависанда дар аксар ҳикояҳояш масъалаи зан ва муҳаббати поки ӯро тасвир кардааст. Муҳаббати зан мактаби тарбиявиест дар ҳаёти инсоният. Масалан, дар ҳикояи «Давлати мард» ин раванди муҳим аниқу равшан омадааст. Аввал дар ҳикояҳои хурд, баъдтар ба воситаи романҳо образи занонро тасвир кардааст. Дар ҳикояи «Давлати мард» Зулайхоро зани покдоман, зебо ва пуртоқат аён мегардад. Вақте ки Зулайхо аз дунё меравад, мӯйсафеди Ризвон хаёлӣ мешавад. Ризвон фарзандони зиёд ва зиндагии орому хуб дошт. Бо вуҷуди ин аз зиндагӣ дилмонда шуд. Дар ин ҳикоя образи чор зани дигар низ тасвир гардидааст. Онҳо баробари образи Зулайхо покдоману пуртоқат мебошанд.

Адиб ҳаёти иҷтимоии зани точикро тасвир намудааст. Аз нигоҳи ӯ зан меҳвари асосии зиндагист. Зан олиҳаи зебоӣ ва устувории оила аст. Масъалаи асоси ва боэҳтиёти миёни занҳо ин боиффатӣ ва покдомании онҳо мебошад. Зане ки шарму ҳаё дорад, оилаи солим бунёд мекунад. «Аз тасвири нависанда маълум мешавад, ки занҳо нисбат ба мардон дар ҷустуҷӯи бахт устувортаранд. Ҳарчанд дар оила аз ягон зани дигар бартарӣ надоранд, баръакс ғолибан хору залил, ҳамеша дар орзӯи зиндагии беҳтаранд, аммо садоқат ба шавҳар, покии оилавиро бештар аз ҳар гуна ачзу ниёз мепиндоранд», - мегӯяд Саъдуллоев А. [7, с.177].

Нависанда дар очеркҳои худ низ ба масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамият додааст. Як қатор очеркҳо чун «Роҳи ағба», «Пушаймонӣ», «Ҳамсолон», «Ёде аз рӯзҳои мо», «Ватан ва фарзандон», «Боғи Файзалӣ», «Шаби тӯй» дар бораи ҳаёти пурҷӯшу хурӯши мардум нақл мекунанд. Дар як қисми ин очеркҳо аз нотарсию ҷавонмардии ронандагон сухан меравад. Дар қисмати дигари очеркҳояш ҳаёти иҷтимоию истеҳсолии ҷумҳуриро инъикос менамояд. Яъне, НБО – и Норакро баён намуда, аз ҳаёти пуртазоди мардуми замони Шӯравӣ нақл мекунад. Персонажҳои ин очеркҳо дар роҳҳои ноҳамвору пурхатари онвақта ҷон ба каф гирифта ба халқ хизмат мекарданд. Ҳаёти мушкиле, ки ин ҷо таҳлил гардидааст, набудани роҳҳои дурусти мошингард мебошад. Аз ин ҷост, ки зиндагии он давра нисбатан душвор будааст. Набудани нақбҳои зеризаминӣ ва роҳҳои дуруст мардуми точикро ба қисматҳо ҷудо мекард. Имрӯз ин масъала, аллакай, ҳалли худро ёфтааст. Ин масъалаи иҷтимоие мебошад, ки адиб зиндагии ноҳамвори он солҳоро ба насли имрӯз мешиносонад.

Нависанда дар очеркҳои дигар аз сохтмони НБО – и Норак ҳикоя мекунад. Дар он давра танҳо як неругоҳи пуриқтидор амал мекард. Имрӯзҳо ин сохтмонҳо хеле зиёд шуданд. Ин боиси пешравӣ ва ободии кишвар мегардад. Ин ақидаҳои иҷтимоие мебошад, ки насли имрӯзаро ҳушдор месозад, ки айни замон Тоҷикистон аз ҷиҳати энергетикӣ хеле пешрафта мебошад.

Очеркҳои «Ватан ва фарзандон», «Боғи Файзалӣ», «Шаби тӯй» низ ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Адиб аз ҳаёти замони ҷанг, азобу шиканҷаҳои модарон ва мардуми ақибгоҳ мисолҳои аниқу равшан овардааст. Бевосита худи адиб фоҷеаҳои солҳои ҷангро аз сар гузаронидааст. Чунонки Саъдуллоев А. мегӯяд: «Карематулло, ки фоҷиаи солҳои ҷангро аз сар гузаронида, таҳти сарпарастии модар аз имтиҳони шадиди ҳаёт

гузаштааст, ҳамеша сайъ мекунад, ки муҷассамаи модари заҳматкашро ба ҳар навъе, ки бошад ҷилва диҳад» [8, с.200].

Дар маҷмуъ очеркҳои адиб масъалаҳои муҳимми ҳаёти мардумро дар бар мегиранд. Мақсади адиб фош кардани норасоиҳои давру замон мебошад. Баъзе очеркҳои нависанда васфи модарро таҷассум менамояд. Эҳтиром ва шаъну шарафи зан – модар аз аввал то охир, дар эҷодиёти адиб дида мешавад.

Яке аз қиссаҳои дигари ӯ «Шабе дар Кабудҷар» мебошад. Нахуст ин қисса «Аввали баҳор» ном дошта соли 1984 навишта шуда буд. «Шабе дар Кабудҷар» қиссаест, ки дар он аз ҳаёт ва фаъолияти ронандагони як корхонаи воҳиди давлатии автомобилӣ сухан меравад. Ин ронандагон дар солҳои 70-асри гузашта умр ба сар бурдаанд. Дар ин қисса талошҳою ташвишҳои ронандагон тасвир гардидааст. Дар маркази қисса ду образ амал мекунад. Образҳои Сангин ва Шодмон, ки ба ҳам муқобил мебошанд. «… Шодмон ва Сангин дар ду қутби муқобил қарор мегиранд. Онҳо ду мавқеро ишғол намуда, ду ҷаҳонро таҷассум мекунанд», - мегӯяд Аълохон Афсаҳзод [1, с.259]. Ин қисса аз рӯзгори аҳли деҳа ва расму оинҳо сарчашма мегирад. Дар ин байни баъзе коргарон корхона муҳити номусоиди бадбинӣ ҳукмрон буд. Хусусан, Шодмон ва Сангин аз рӯзе, ки бо Мадина ном духтараке ҳарду ошиқ мешаванд, якдигарро бад мебинанд. Дар ҳаққи якдигар туҳматҳои бисёр мекунанд. Дар қисса масъалаи иҷтимоии нотарсӣ, ростқавлӣ, боғурӯрӣ, зудранҷӣ, дилсофӣ, муҳаббат, худписандӣ, туҳматчӣ, ғоратгарӣ ба таври васеъ тасвир гардидааст. Масалан дар образи Асрор хислатҳои бади инсони аз ҷумла бадзабонӣ, дуздӣ, ҳаромхӯрӣ, беобруйӣ, фосиқӣ ва авбоши гузаро равшан гардидааст. Образи Мадина духтараки нотарс, покдоман ва олуфта баён шудааст. Ӯ ба мақсадаш мерасад. Чунонки адабиётшиносон Х. Шарифов ва А. Абдусаттор мегӯянд: «Ҳамин тавр дар қиссаи «Шабе дар Кабудҷар» ростию ҷавонмардӣ, покизагии маънавию ҳалолкорӣ алайҳи разолату пастфитратӣ, худхоҳию мансабҷӯӣ ва харобии маънавӣ тантана менамояд, ишқи поку беолоиши ду дилдода-Шодмону Мадина пирӯз мегардад» [10, с.72].

Дар ин қисса хислатҳои неки инсонӣ мисли дилсофӣ, ростқавлӣ, нотарсӣ ва хислатҳои бад монанди туҳматчигӣ, дуруғгӯйи ва ғоратгарӣ низ оварда шудааст. Адиб тавонистааст, ки дар ин хислатҳо ҳаёти мардумро пурра тасвир намояд. Масалан, ба кор омадан, ба якдигар вохӯрӣ кардан, ба кор сар кардан лаҳзаҳое мебошанд, ки насли имрӯзаро тарбияи меҳнатӣ медиҳанд.

Қиссаи дигари ӯ бо номи «Дарди ишқ» соли 1989 навишта шудааст. Дар ин қисса адиб ҳаёти сахту вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро тасвир кардааст. Дар он даврa занону кӯдакон ва мӯйсафедон бештар азоб мекашиданд. Адиб ҳаёти пуразоби мардуми акибгоҳро нишон медиҳад.

Мавзӯи асосии ин қисса ишқи поки ду дилдода мебошад. Ҷанги хонумонсӯз ин ошиқонро ном мегардонад. Персонажҳои ин қисса аслан 20-22 нафар буда, қаҳрамонони асоси Рустам, Парвона ва Калтаи Мансур мебошанд. Образи Рустам дар маркази қисса меистад. Ӯ ҳамчун ҷавони мубориз дар роҳи ишқ намоён мешавад. Вай тамоми ҳаёташро ба Парвона бахшидан мехост. Дар қалби Рустам хислатҳои неки инсонӣ ҷой дошт. Вай ҳамчун ҷавони бонангу номус, поктинат ва инсондӯст амал мекунад. Дар ин талошҳо танҳо ишқи поки Парвона ӯро мададгор буд. Мақсади ягонаи Рустам дарёфти ҳаёти хуш ва зиндагии олӣ бо маҳбубааш мебошад. Вале бо сабаби ҷанги бераҳмона, ӯ ба нияти покаш намерасад.

Калтаи Мансур ҳамчун образи бадкор, бераҳм, қотил ва ғоратгар тасвир гардидааст. Ӯ бо сабаби нуқсони ҷисмониаш ба ҷанг намеравад. Хокимон ӯро роҳбар таъйин мекунанд. Ба ҷойи некӣ кардан, мардумро қатлу ғорат мекард. Бештар аз майдони ҷанг гап мезад. Мардуми содалавҳу камсаводро фиреб медод.

Адиб дар ин қисса якчанд паҳлуҳои мушкили зиндагии мардумро овардааст. Дар образи Рустам ҳаёти вазнини кӯдакони солҳои ҷангро нишон медиҳад. Зиндагии мардум хеле мушкил мегузашт. Норасоиҳои қувваи барқ, сару либос, нон ва шароити мактабхонӣ эҳсос мегардид. Масъалаи дигари иҷтимоӣ қашшоқию нодорӣ, ба ҷанг рафтани мардон, бешавҳар мондани занон, бепадар мондани кӯдакон, кам шудани қувваи корӣ ва ғайра буданд. Дар баробари ин, боз як вазнинии дигаре буд, ки зиндагии мардумро талхтар мекарданд. Ин ҳодисаҳо бештар дар деҳаҳои дурдасти кӯҳистон рӯй медоданд. Калтаи Мансур барин шахсони тасодуфӣ ва бесавод сари вазифа меомаданду мардумро ранҷу азоб медоданд. Ба ақидаи адабиётшинос Саидов С. «Онҳо ногаҳони ба сари кор меоянд (ҳамин, ки ҷанг сар шуд) ва чун каждуми таги бӯрё ба мардум неш мезананд, айши бе ин ҳам талхшудаи мардумро боз талхтар мегардонанд» [9, с.155].

Масъалаи дигари ин қисса, мақсади ягонаи ҳукумати онвақта ғалаба ба душмани ғаддор буд. Адиб ҳаёти вазнину беҳуқуқӣ ва бесаводии занҳои деҳотро дар он давра нишон медиҳад. Ин занҳо аз сабабҳои номусоидии замон ва камсаводии худ ба тақдир тан дода, ҳаёташонро хеле мураккаб мегузарониданд. Ҷамила як умр деҳаи азизашро тарк

мекунад. Парвона бошад қурбони беадолатиҳо мегардад. «…Парвона дамидани субҳро тамошо мекард бо Рустам суҳбат дошт.

- Медонӣ, Рустам, имшаб ман барои чӣ бо ту будам? – дар чашмони Парвона қатраҳои ашк дурахшиданд.

- Не.

- Ман худамро нобуд мекунам…» [5, с.242].

Нависанда дар симои Парвона духтараки деҳотии ростқавл, покдоман ва дар ишқ устуворро тасвир кардааст. Образи Ҷамила зани покдоман ва дар зиндагии оилави устувор намудор мешавад. Масъалаи нанговари он замон таҷовуз ба номуси занону духтарон буд. Адиб намояндагони бадкори ҳамон замонро зери тозиёнаи танқид мегирад.

Романи адабиёти Карорматулои Мирзо «Дар орзуи падар» воқеаҳои давраи Шӯравӣ ва истиқлолро фаро мегирад. Ходисаҳои солҳои 1975 - 1995 ба таври воқеи аён мегардад. Барҷастатарин асарест, ки ба масъалаҳои иҷтимоию аҳлоқӣ ва ҳаёти мардуми оди бахшида шудааст. Дар роман зиёда аз 20 образ амал мекунад. Қисми якум соли 1987, қисмҳои дуюму сеюм солҳои 2002 - 2009 нашр гардидаанд. Аз ҷиҳати баёни забон сода ва самими мебошад. Тасвири воқеанигорӣ ва рӯйдодҳои ҷомеа устокорона нигошта шудаанд. Ба андешаи адиби Эрон Алиасгари Шеърдӯст: «Бад ин тартиб «Дар орзуи падар» бо баёни сода ва самимии худ ва тавсифоти худ дилангез ва фазосозии устодона – баёни воқеагароёна аз рухдодҳои ҷомеаи нависанда аст ва хонандаи эронӣ аз муҳтавои китоб бо чашми тезбин ва жарфандешии худ метавонад тасвири рӯшан ва қобили дарк аз ҷомеаи Тоҷикистон ва услуби достоннависӣ дар ин бахш аз ҷуғрофиёи фарҳангӣ муштарак пеши чашм дошта бошад» [2, с.10].

Ин асар беҳтарин романи давраи истиқлол шинохта шуда, адиб соҳиби мукофоти давлатӣ гардид. Ҳамчун филм рӯйи навор омада, дар дилу дидаи мардум ҷой гирифт.

Асоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар ин романи калон аз оилаи Нозимӣ ва Мушарраф оғоз мегардад. Чӣ муҳити хубу осудае буд, дар ин оила, рафтору гуфтори бад вуҷуд надошт. Нозимӣ аз кор бармегашт, Мушарраф ӯро хуш қабул мекард. Меҳрубону Миҷгони хурдакак гирди ӯ чун парвона буданд. Нозимӣ худро ҳамчун журналисти тезқалам ва ҷавони боистеъдод нишон медод. Чандин ҳикояву қиссаҳо навишта буд. Зиндагии ин оила хеле орому осуда буда, Низомӣ чун сарвари оила қадру қимати баланд дошт.

Дар ботини Нозимӣ як ишқи сарсарӣ пайдо шуд. Ӯро оҳиста-оҳиста ба доми худ мегирифт. Аз он рӯзе, ки Низомӣ бо Шаҳноза ном духтаре шинос шуд. Муносибати ӯ бо оилааш тағйир ёфт. Шаҳноза Нозимиро хуб қабул кард. Ҷангу ҷанҷолҳои бемаънӣ оғоз гардида, бадбинию кинагири байни Нозимӣ ва Мушарраф авҷ мегирифт. Дар ин муҳит тарбия кардани фарзанд хеле душвор буд ва ҳаёти Миҷгону Меҳрубон пурхатар мегардид. Тарбия беҳтарин омили сабзиши инсон аст, ки фарзандони Низомӣ аз ин бенасиб гардиданд. Онҳо то охири қисса бо азобу шиканҷа рӯ ба рӯ мегарданд. Меҳрубон ва Миҷгон бо азобҳои сахт зиндагӣ мекунанд. Онҳо на дар хонаи падар рӯз мебинад, на дар хонаи Абдушукур Мушарраф аз ин як умр азоби рӯҳи мекашид. Нависанда мегӯяд, ки натиҷаи беандешагии волидон худи онҳо ва фарзандонро як умр бо азобҳо рӯ ба рӯ мегардонад. «Баъд аз ин ҳодисаҳо ва ҷангу ҷанҷолҳои оилавӣ, Мушарраф барои оилаи вайронгаштааш кӯшиш мекунад, вале фоидае намебахшад. Нозимӣ дар шаҳр мемонад. Мушарраф бо фарзандони худ ба деҳа, ба хавлии падараш бармегардад. Ғаму андуҳи ӯ бо фарзандонаш зиёд мегардад» [4, с.225].

Сарнавишти адиб дар идроки масъалаҳои иҷтимоӣ дар ин роман кушоду равшан омадааст. Ба ақидаи адиб оилаи солим асоси пойдории давлату миллат аст. Оилаи солим метавонад фарзанди тандурсту доноро ба камол расонад. Шикасти оила майзадагӣ мебошад. Барои пойдорӣ ва устувории оила бояд тамоми имкониятҳоро истифода барем. Ба ақидаи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ: «Карорматуллоҳ, дар зимни шукуфоиву харобии як оила масъалаи бисёр муҳимми ҷамъиятӣ – ахлоқ ва риояи ахлоқро ба миён мегузорад. Агар ахлоқ нест, оила нест ва агар оила нест, давлат нест. Аз ҳамин рӯ, ҷомеа бояд ҳамеша барои бақо ва побарҷоии оила тамоми имкониятҳоро дареғ надорад» [3, с.29].

Умуман дар эҷодиёти Карорматуллоҳи Мирзо масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ таҳлил гардидаанд. Вобаста ба ҳар давру замон ӯ тавонист ин масъалаҳоро пайгирӣ намояд. Ин таҳлилҳо дар эҷодиёти адиб баръало мушоҳида мешавад, нависанда бо як нигоҳи дақиқ ба ҳаёти иҷтимоии мардум назар мекунад.

К. Мирзо чанд муддат омӯзгор буд. Аз муҳити мактабу омӯзгор хабардор гардида, ҳаёти онҳоро мушоҳидакорона таҳлил мекард. Хусусан, ба муносибати омӯзгорон аҳамият медод. Ин сарнавишти адиб дар идроки масъалаҳои иҷтимоӣ дар як мактаб буд. Ӯ тавонист, ки бо ин восита аз кору пайкори ҳаёти иҷтимоии омӯзгорро эҷод намояд. Мисоли равшан қиссаи мебошад. Ин қисса аввал соли 1991 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва соли 1993 дар маҷмӯаи қиссаву ҳикояҳо нашр гардидааст.

Заминаҳои пайдоиши масъалаҳои иҷтимоӣ дар қисса аз як деҳа ва мактаби он сар мешавад. Масъалаи мушкиле, ки ба пешрафти ҷомеаи мо халал мерасонад, маҳалчигӣ ва гурӯҳбозӣ мебошад. Дар ин қисса масъалаҳои иҷтимоии худхоҳию мансабҷӯӣ, ғуруру такаббур, бесаводию мағрурӣ мавриди таҳлил карор гирифтааст. Адиб муомилаю рафтори аксари омӯзгорони мактабҳои кишварро тасвир намудааст. Бо ин роҳ норасоии ҳаёти иҷтимоии имрӯзаро ошкор месозад. Чунонки академик А. Раҳмонов мегӯяд: «Дар повести «Нишони зиндагӣ» нигоҳи нависанда бештар ба кушодани характери мураккаб равона мегардад. Адиб барои амалӣ гаштани мақсадаш ба шахсияти ҳар як персонажҳо диққати махсус медиҳад ва рафтори онҳоро дар вазъиятҳои мухталифи психологӣ ба тасвир мекашад» [6, с.115].

Мавзӯи асосии ин қисса аз нишон додани камбудиву норасогии баъзе омӯзгорони мактабҳо оғоз мегардад. Ба ақидаи адиб хислатҳои ҷавонмардӣ, ростқавлӣ, чолокӣ ва далерӣ метавонад ин камбудиҳоро ислоҳ намояд. Дар симои омӯзгор бояд ин хислатҳои неки инсонӣ дида шавад.

Дар қиссаи «Ситораҳои паси абр» ҳаёти мардуми деҳот воқеъбинона ва аниқу мукаммал нишон дода шудааст. Дар қисса давраи аввали зиндагии адиб, давраи кӯдакӣ ва ҳалқаи бародарону волидон тасвир гардидааст. Дар қисса бештар аз ҳаёти падари адиб сухан меравад. Падараш Мулло Мирҳайдар ном дошт. Вай шахси донишманд ва хатмкардаи мадрасаҳои Бухоро буд. Дар деҳа ӯро эҳтироми мекарданд. Падар пайваста ба илмомӯзии писараш аҳамият медод. Ҳамин сабабҳо боис гардиданду К. Мирзо масъалаҳои иҷтимоиро хеле хуб дарк кард.

Муҳити оила саршор аз таълиму тарбия ва фазои ором буд. Ҳамин муҳити донишмандиву донишомӯзи адибро нуқтасанҷ карда тавонист. Модараш шахси донишманд ва соҳибмактаб шинохта шуда буд. Адиб бештар ба ҳаёти мардуми оди таваҷҷуҳ дорад, ки ин як усули рангинхаёлӣ дар эҷод аст. Қиссаи «Ситораҳои паси абр» соли 2005 навишта шуда, ҳаёти иҷтимоии деҳаро дар бар мегирад ва зиндагии хоксоронаи онҳоро таҷассум менамояд. Нависанда бештар аз ҳаёти оилавиашон ва зиндагии мушкили волидонаш нақл мекунад. Суҳбатҳои падараш бо донишмандони Афғонистону Эрон ва Бухорои шариф дар ҳавлиашон муфассал баён гардидааст. Ҳамаи ин масъалаҳои муҳимми иҷтимоие мебошанд, ки адиб дар қисса нишон додааст.

Асоси дарки масъалаҳои иҷтимоии адиб аз муҳити фарҳангии деҳааш оғоз мегардад. Адиб тавассути воқеаҳои ҷойдошта ҳаёти фарҳангии мардуми деҳаро нақл мекунад. Падару модари ӯ донишманд буда, писарашонро хуб тарбия карданд. Карокатуллоҳ тавонист, ки дар эҷоди асарҳои баландмазмун ба комёбиҳо ноил гардад. Суҳбатҳои пурмазмун хислатҳои неки падараш адибро дар рӯҳияи мардумшиносӣ ба воя расонида буд.

Романи «Марги бегуноҳ» чи хеле ки аз номаш маълум аст, манбаъҳои зиёди иҷтимоӣ дорад. Адиб вобаста ба давру замон ақидаҳои иҷтимоии худро тагйир медиҳад. Дар ин роман вазъи иҷтимоии воқеаҳои ҷанги шахрвандии солҳои 90-ум тасвир гардидаанд. Адиб доир ба масалаҳои муҳимми мансабҷӯию худхоҳӣ, кибру ғурур, бесаводиву мағрури фикрронӣ кардааст. Тавонистааст, ки воқеаҳои хунинро ба таври аниқу воқеи таҳлил намояд. Заминаҳои масъалаҳои иҷтимоӣ дар ин роман аз оғози ҷанги шахрванди сар мешавад. Дар ин ҷо адиб масъалаҳои мураккаби қатлу ғорат ва беҳокимиятии давлатиро нишон додааст. Бевосита адиб шоҳиди ин воқеаҳои хунин буд.

Адиб дар фаҳмиши ва таҳлили ҳаёти иҷтимоӣ хеле устувор гардида буд, яъне дониши баланди эҷодкорӣ дошт. Ӯ тавонист вобаста ба воқеаҳои замон андешаронӣ намояд. Дарки зиндагии мураккаби мардум ҳанӯз аз даврaҳои аввали эҷодиёташ дида мешуд.

Сарнавишти нависанда дар идроки масъалаҳои иҷтимоӣ ҳанӯз аз даврaи мактабхониаш оғоз гардида буд. Дарки таҳлилҳои дуруст адибро аз ҳикоя то ба роман расонид.Тарбияи хуб, волидони донишманд ва муҳити орому осудаи оилавӣ адибро барои офаридани ин масъалаҳои мушкили ҳаёти мардум омода сохта буданд.

Дар тасвири масъалаҳои иҷтимоии мардум адиби нуктасанҷ маҳортаи баланд нишон додааст. Ба ақидаи адиб, ҳаёти мардум одӣ менамояд, вале мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ дорад. Бо офаридани ҳикояҳо ва романҳо онҳоро ошкор месозад. Аз ин ҷост, ки ӯро халқ эҳтиром мекунад ва донишмандон эҷодиёти ӯро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд. Чунонки Х. Шариф ва А. Абдусаттор мегӯянд: «Гуфтани ҳамин бас аст, ки ӯ инсонест орӣ аз олоишҳо ва нависандаест ба завқу ҳунари худодод, ки ҳунараш дар байни хонандаи соҳибзавқ ва суханпарвару суханшинос алоқамандони бешуморе пайдо карда, ки ҳар як навиштаи ӯро бесаброна интизор мешаванд» [10, с.104].

Аз мулоҳизаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Караматулло Мирзо бо услуби хоси нигорандагӣ дар кушодани гиреҳҳои масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм мегирад. Ҳар як андешаи ӯ хақиқӣ, воқеӣ мебошад. Бо дарки масъулият нависанда метавонад тамоми масъалаҳои мушкили иҷтимоиро ошкор созад ва бо ҳамин номашро дар саҳифаи таърихи адабиёт сабт намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афзаҳзод А. Чеҳраи эҷодии нависанда // Чароғи раҳнамо. - Душанбе, 2012. - С. 249-271.
2. Алиасғари Шердӯст. Адиби соҳибсабки тоҷик // Чароғи раҳнамо. – Душанбе, 2012. - С. 6-11.
3. Гулназар Келдӣ. Аз ҳикоя то роман // Чароғи раҳнамо. – Душанбе, 2012. - С. 28-29.
4. Зайниддини Абдулҳамид. Масъалаҳои иҷтимоӣ дар романи «Дар орзуи падар» // Пайёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2015. - С. 224-229.
5. Мирзоев К. Дарди ишқ // Марги бегуноҳ. – Душанбе, 2012. - С. 3-526.
6. Раҳмонов А. Такмили тасвирсози дар шинохти маънавии инсон // Чарноғи раҳнамо. – Душанбе, 2012. - С. 106-120.
7. Саъдуллоев А. Ҳам шинос, ҳам ба дил наздик // Чароғи раҳнамо. - Душанбе, 2012. - С. 176-183.
8. Саъдуллоев А. Рӯ ба рӯ бо мардум // Чароғи раҳнамо. - Душанбе, 2012. - С. 193-204.
9. Саидов С. Нуқтаи пайванд // Чароғи раҳнамо. - Душанбе, 2012. - С. 153 - 158
10. Шарифов Х., А.Абдусаттор. Ҷилои ситораҳо / Х. Шарифов ва А. Абдусаттор // Чароғи раҳнамо. - Душанбе, 2012. - С. 50-106.

САРНАВИШТИ НАВИСАНДА ДАР ИДРОКИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ

Идроки масъалаҳои иҷтимоӣ дар эҷодиёти Карроматуллоҳи Мирзо равшану аниқ эҳсос мегардад. Адиб ҳанӯз аз даврaҳои мактабхониаш ба навиштани ҳабару ҳикояҳои хурди иҷтимоӣ сар мекунад. Аввалин бор ӯ дар бораи боғи мактаб хабар менависад. Ин хабар дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ба табъ мерасад. Эҳсоси баланди мардумшиносӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ дар қалби адиб аз овони ҷавонӣ ҷой гирифта буд. Дар асоси ин эҳсосот тавонист, ки ҳаёти иҷтимоии мардумро тасвир намояд. Тарбияи баланди фарҳангию маърифатнокӣ, одобу ахлоқ, одаму одамгарӣ воситаҳои пайдоиши заминаҳои масъалаҳои иҷтимоӣ дар осори адиб гардид. Дар тасвири масъалаҳои иҷтимоии мардум адиби нуктасанҷ маҳортаи баланд нишон додааст. Ба ақидаи адиб, ҳаёти мардум одӣ менамояд, вале мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ дорад. Бо офаридани ҳикояҳо ва романҳо онҳоро ошкор месозад. Аз ин ҷост, ки ӯро халқ эҳтиром мекунад ва донишмандон эҷодиёти ӯро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд. Аз мулоҳизаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Караматулло Мирзо бо услуби хоси нигорандагӣ дар кушодани гиреҳҳои масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм мегирад. Ҳар як андешаи ӯ хақиқӣ, воқеӣ мебошад. Бо дарки масъулият нависанда метавонад тамоми масъалаҳои мушкили иҷтимоиро ошкор созад ва бо ҳамин номашро дар саҳифаи таърихи адабиёт сабт намояд.

Калидвожаҳо: идроки масъалаҳои иҷтимоӣ, эҷодиёти Карроматуллоҳи Мирзо, эҳсоси баланди мардумшиносӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, тарбияи баланди фарҳангию маърифатнокӣ.

СУДЬБА ПИСАТЕЛЯ В ВОСПРИЯТИИ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ

Осознание социальных проблем в творчестве Карроматулло Мирзо ощущается очень очётливо и точно. Писатель еще со школьной скамьи занимался написанием новостей и маленьких рассказов на социальные темы. Впервые он написал о школьном саде. Эта новость была опуликована на страницах газеты «Пионер Таджикистана». Высокое чувство познания народа и уважение к национальным ценностям имел место в сердце писателя еще с молодых лет. На основе этих чувств он смог изобразить социальную жизнь общества. Высокое чувство культурно-просветительского воспитания, нравственно-моральные качества и человечность стали средствами возникновения основ социальных проблем в творчестве писателя. В изображении социальных проблем проницательный литератор показал высокое мастерство. По мнению писателя, жизнь народа на первый взгляд кажется обычной, но она имеет большие социальные трудности. С созданием рассказов и романов раскрывает эти трудности и проблемы. Поэтому и уважает писателя и любит его творчество народ, а исследователи подвергают рассмотрению и анализу его творчество. Из написанного можно придти к такому выводу, что Караматулло Мирзо вносит вклад в дело развязывания узелов социальных проблем со свойственным только ему манерой изложения. Каждое его размышление подлинное и действительное. С осознанием ответственности писатель может раскрывать все трудные социальные проблемы и увековечить свое имя на страницах истории литературы.

Ключевые слова: восприятие социальных проблем, творчество Карроматулло Мирзо, высокое чувство познания народа, уважекние национальных ценностей, высокое культурно - просветительское воспитание.

THE WRITER'S DESTINY IN PERCEPTION OF SOCIAL PROBLEMS

The awareness of social problems in the work of Karomatullo Mirzo is felt very clearly and accurately. The writer was still writing news and short stories on social issues from school days. He first wrote about the school garden. This news was published in the pages of the newspaper "Pioneer of Tajikistan". A high sense of knowledge of the people and respect for national values took place in the heart of the writer from a young age. On the basis of these feelings, he was able to depict the social life of society. A high sense of cultural and educational upbringing, moral and moral qualities and humanity became the means of creating the foundations of social problems in the writer's work. In the depiction of social problems, the shrewd writer showed great skill. According to the writer, the life of the people at first sight seems ordinary, but it has great social difficulties. With the creation of stories and novels reveals these difficulties and problems. Therefore, the writer respects the writer and his people love his work, and researchers examine and analyze his work. From the written it is possible to come to the conclusion that Karamatullo Mirzo contributes to the cause of unleashing the nodes of social problems with a style peculiar to him only. Each of his reflections is genuine and valid. With awareness of responsibility, the writer can disclose all difficult social problems and perpetuate his name in the pages of the history of literature.

Key words: perception of social problems, creativity of Karomatullo Mirzo, high sense of knowledge of the people, respect for national values, high cultural and educational upbringing.

Сведения об авторе: ***Зайниддини Абдулхамид*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, аспирант. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. Сафарова 16

Information about the author: ***Zainiddin Abdulhamid*** - Kulob state University. A. Rudaki, graduate student. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Safarov str., 16

УДК: 82.34

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ ОБРАЗИ РИВОЯТИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Ниёзова М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино аз зумраи он чеҳраҳои тамаддуни миллати тоҷик мебошад, ки дар бисёре аз маворид симои ривоятии онҳо аз симои таърихиашон дида зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор доштааст. Ҳадафи таҳлили мавзӯи марказии мақола маҳз нишон додани симо ва хулқу атвори ин нобиға дар заминаи ривоятҳо ва нақлҳои шифоҳию китобӣ мебошад ва чунин таҳлил бидуни омӯхтани заминаҳои воқеию таърихии он ривоёт даст намедиҳад. Аз ин рӯ, зарур аст, то муҳимтарин санаҳои таърихии ҳаёти ибни Сино, ки боиси пайдоиши силсилаи ривояту нақлҳои шифоҳиву китобӣ гардидаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гиранд.

Дар бораи ҷараёни зиндагӣ ва санаҳои ҳаётии Абӯалӣ ибни Сино, хушбахтона, беҳтарин маъхаз ва муътабартарин ҳуҷҷат барои мо мавҷуд мебошад, ки ба дурустии он дар таърихи шарқшиносӣ заррае шубҳа мавҷуд нест. Ин ҳуҷҷат он рисолаи оид ба шарҳи ҳоли Ибни Сино тартибдодаи шогирди наздики ӯ Абӯубайди Абдулвоҳиди Ҷузҷонист, ки қисми аввали он аз тарафи Ибни Сино таҳрир ёфта, қисми дуюми вай бо қалами худи Абдулвоҳид навишта шудааст. Ибни Сино дар қисми якум ҳаёти оилавӣ, машғулияти падараш, айёми кӯдакӣ, таҳсили илм, аз ватан ҳичрат намудан аввал ба Хоразм ва пас чигуна ба Гургон (Ҷурҷон) омадани худро менависад. Абӯубайд Абдулвоҳид бошад, аз вақти дар Ҷурҷон бо Ибни Сино ҳамроҳ шуданаш сар карда, то рӯзи вафоти устоди худ дар бораи зиндагонии сиёсӣ, мусофират ва оворагардиҳо, машғулияти илмӣ, шумораи асарҳои вай ва ғайра хеле муфассал маълумот медиҳад [5, с.55].

Муҳимтарин санаҳои ҳаётии Ибни Синоро метавонем танҳо аз тарҷумаи ҳоли ӯ дарёфт намоем. Дар мавриди тарҷумаи ҳоли Ибни Сино омӯзишҳои муҳаққиқонаи назаррасе рӯйи кор омадаанд. Инчунин вобаста ба ин мавзӯъ метавон китобҳои нашргардидаи олимони тоҷику рус: С.Айнӣ «Шайхурраис Абӯали Сино», А.Алимардонов, Ҷ.Додалишоев «Сурат ва сирати Ибни Сино», В.Воскобойников «Ҳакими бузург», Муъмин Қаноат достони «Гаҳвораи Сино», Низомии Арӯзии Самарқандӣ «Чаҳор мақола», Д.Обидов «Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо» ва «Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан», А.В. Сагадеев «Ибн- Сина» (Авиценна), Саид Нафисӣ «Зиндагонӣ ва кор ва андеша ва рӯзгори пури Сино», Семенов А.А. «Абӯ Алӣ Ибни Сино», Субҳӣ «Афсонаҳои Бӯалӣ Сино», С.Улуғзода «Пири ҳакимони машриқзамин» ва ғайраҳоро номбар намуд.

Маълумоти сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва китобҳои мавҷударо мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадем, то тарҷумаи ҳоле, ки устод А.Мирзоев бо унвони «Тарҷумаи ҳоли асосии Абӯалӣ ибни Сино» пешниҳод намудааст, ҳамчун сарчашмаи таърихии асосӣ қарор диҳем. Ногуфта намонад, ки қисмате аз маълумотҳоеро, ки устод Абдулғанӣ Мирзоев дар китоби «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (Сталинобод, 1953), дохил намуда, пешкаши хонандагон кардааст, дар дигар сарчашмаҳо во нахӯрдем. Дар ҳамин замина, муҳимтарин санаҳои ҳаёт ва фаъолияти ибни Синоро, ки боиси пайдоиши симои ривоятӣ ва адабии ӯ дар таърих ва адабиёт гардидаанд, ба таъкид мегирем.

Аз даврони туфулият ва наврасии ибни Сино ба чанд сана ва саҳнаи зиндагии ӯ мутаваҷҷеҳ шудан зарур аст, ки ба ҳадафи таҳлили мо ишора доранд. Пеш аз ҳама, Сино дар оилаи равшанфикр ва мансабдор ба олами ҳастӣ чашм кушодааст, зеро ба қавли худаш, падари ӯ дар замони салтанати Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ аз ватани худ Балх ба Бухоро меояд ва дар ин ҷо ба кори девон мепардозад. Ҳукмронии қарияи Ҳурметан (Рометан) аз навоҳии Бухоро ба вай супорида мешавад. Бояд зикр кард, ки Балху Бухоро, муҳимтарин шаҳрҳои мутамаддини миллати тоҷик буданд ва онҳо аз ҷиҳати иқтисод, илму фарҳанг якдигарро пурра месохтанд. Ҳаёти ибни Сино ба набзи ҳар ду марказ ҳам пайвастагии азалӣ дошт.

Маҳз дар Бухоро Сино ба ҳифзи улуми қуръонӣ ва аз ҷумла худи Қуръон, мепардозад ва то 10-солагӣ Қуръон ва улуми адабро хонда аз худ менамояд [5, с.54]. Дар касби илмҳо ба андозае тезу тунд ва хуб пешрафт кардааст, ки ҳама дар ҳайрат афтода буданд. Ин ҷанбаи дигари муҳим аз ҳаёти Сино аст, ки баъдтар мавриди бофтани ривоёт ва ҳикоёт шуд ва ба адабиёт ҳам таъсир расонд.

Ба қавли мутафаккир, падараш ба исмоилиён гаравида буд ва аз пайравони Исмоилия ба шумор мерафт. Падар ва бародар аз нафс ва ақл бо кеши исмоилиён сухан ба

миён меоварданд ва Сино мешунид, меандешид, вале қабул намекард. Ҳарчанд онҳо ӯро ба ойини худ даъват мекарданд, манфиате надошт, бештар навмед мешуданд. Масъалаи гароиш ё нагароидани Сино ба мазҳаби Исмоилия, ки бо таваҷҷуҳи хеле амиқ ба улуми ақлӣ ва афкори хирадгароёнаи худ аз мазоҳиби дигарандеш маҳсуб мешуд, заминаи дигаре буд барои пайдоиши гаҳ симои мусбат ва аксар симои манфӣ, ки аслан аз ҷониби рақибони исмоилиён бофта мешуд.

Синоро падараш аз фалсафа ва ҳандаса ва аз ҳисоби Ҳинд чизе меомӯхт ва инчунин ӯро ба назди сабзифурӯше фиристод, ки аз ӯ ҳисоб ва рақамҳои ҳандасаро омӯзад. Инчунин аз Абӯабдуллои Нотилӣ, ки дар донистани фалсафа маъруф буд, ба тадрис нишаст. Барои омӯхтани фиқҳ ба назди Исмоили Зоҳид мерафт ва мегӯяд, ки дар баҳс ва истидлол (далел овардан) ва тариқаи рад кардан ва эрод гирифтани масъалаҳои фиқҳ забардаст шуда будам.

Масъалае, ки дар омӯхтан ва ҷаҳди дониш андӯхтани Сино барои таҳлили мо муҳим аст, ин аст ки зиракӣ ва ҳунари тез омӯхтани ӯ баъдтар боиси пайдоиши ривоятҳо гардида буд. Барои тақвияти ин андеша ба чанд гуфтаҳои худи Сино марбут ба даврони омӯзиш ва парваришаш таваҷҷуҳ намудан лозим аст:

1) «омӯхтани китоби «Исоғуҷӣ»-ро (оид ба мантиқ) дар пеши Нотилӣ оғоз намудам. Дар масъалаи таърифи ҷинс таҳқиқоте кардам, ки устодам ҳаргиз аз касе нашунида буд. Диққат ва таҳқикро ба ҷое расонидам, ки Нотилӣ ба ҳамаи фазлу дониш дар корам ҳайрон монд. Ӯ ҳама вақт дар хавфи он буд, ки падарам маро аз пайи таҳсили илм боз дошта, кори дигар насупорад. Аз ин ҷиҳат ҳамеша ба падарам мегуфт, ки ӯ маро аз таҳсил боз надорад.

Ҳар масъалае, ки устодам тарҳ мекард, беҳтар аз худаш ба ҳақиқати он пай мебурдам. То он ки зоҳири мантиқро аз ӯ омӯхтам, ҳоло он ки ӯ ҳақоиқи онро намедонист. Баъд аз он ба мутолиаи китобҳои оид ба мантиқ машғул гардидам ва дақоиқи ин фанро аз пеши худ омӯхта дар ин (қисмати) фан низ пуркувват ва забардаст шудам. 5-6 шакл ҳам аз ҳандасаи Уқледис (Эвклид)-ро дар назди вай хондам, боқимондаро ба худи худ дарёфтам ва ба ҳалли мушкилоти он комёб гардидам. Он гоҳ ба мутолиаи китоби Маҷастӣ гузаштем. Чун аз муқаддимоти он фориғ шуда ба шаклҳои ҳандасӣ расидем, Нотилӣ аз омӯхтанам фурӯ монд. Гуфт: «Худат мутолиа кун ва мушкилотро ҳал намо, он гоҳ пеши ман ой ва натиҷаро маълум кун, то дурустро аз нодуруст (бароят) ошкор созам» [5, 60]. Пас ман аз пеши худ ба ҳал кардани масъалаҳои китоб шуруъ намудам ва матлабҳоро ба устод арз намудам, вале натиҷаи ин кор мушкилоти худи устодро бартараф мекард. Ҳар мушкилиеро, ки то он вақт намедониста буд, аз ман ёд мегирифт».

2) дар ин порчаи ёддошти тарҷумаиҳолӣ зеҳни тез ва истеъдоди воқеан фавқулодаи Сино зикр гардидааст, ки устодаш аз ӯ дар ҳайрат ва ҳатто бисёр вақт малул мемонд. Маҳз чунин рафти омӯзиш ва паҳн гардидани нақлҳо дар хусуси он баъдтар боис шуд, то чеҳра ва сирату сурати Синои наврас барои мардуми қаторӣ ва сонитар барои адибону ҳаводорон ҳамчун як чеҳраи баъзан ривоятӣ ва ҳамчунон афсонавӣ баромад кунад. Ҳар касе бар ин симо чизе меафзуд ва ҳар яке бар ин рафтор чизеро зам мекард, то образи ҷавони мутафаккир, ки хостаҳои мардуми қатториро бароварда мекард, рӯйи кор омад. “Пас Нотилӣ аз Бухоро ба Гурганҷ (Урганҷ) рафт. Ман машғули мутолиа ва ҷамъ намудани китоб шуда, оид ба табиӣ ва илоҳӣ, фусус ва шуруҳи дигар ба даст даровардам, рӯз ба рӯз дарҳои дониш ба рӯям боз мешуд. Он гоҳ рӯй ба илми тиб овардам ва ба мутолиаи китобҳои тиббӣ машғул гардидам. Азбаски тиб чандон душвор набуд, дар андак замоне дар ин фан пояи маҳоратам ба андозае боло рафт, ки бисёрии табибони вақт барои омӯхтани тиб дар назди ман зону мезаданд. Ба тарзи амалӣ низ ба муолиҷаи беморон машғул шудам. Дарҳои илоҷи беморон ва озмоиш чунон ба рӯям боз шуд, ки ба васф рост намеояд. Дар айни ҳол аз мутолиаи фиқҳ даст накашидам. Дар ин вақт 16-сола [5, с.61] будам. Муддати якуним сол беш аз пеш ба мутолиа машғул гардидам. Мантиқ ва дигар фанҳои фалсафаро бори дигар мутолиа карда баромадам. Дар тамоми ин муддат шаб то рӯз хоб намекардам ва рӯз то шаб намеосудам ғайр аз ба даст даровардани илм ба кори дигар машғул намешудам. Ҳама вақт саргарми хондан ва навиштан будам».

Чунин хондану навиштан, мутолиаву омӯзиши пайваста, ки на ҳар кас метавонад онро бо ҳамин шева анҷом диҳад, боиси офариниши образи як сарсупурдаи илм дар фолклор ва адабиёти тоҷик гардид.

3) ду ҳодисаи дигаре, ки ба фикри мо, боиси таваҷҷуҳи аҳли ҳунар ва ҳам мардум ба симои Сино гардида буданд, аз гушоиши баъзе муаммоҳо дар хоб ва ҳам тасодуфи дарёфти асаре барои ҳалли муаммоҳои пешомада буданд. Аз ҷумла, олим менависад, ки: “агар гоҳе андаке ба хоб мерафтам, айнан ҳамон масъалаҳои илмиро ба хоб медидам ва баъзе вақтҳо мешуд, ки дар хоб парда аз рӯйи масъалаҳои душвор бардошта шуда, ба ҳал кардани онҳо моил мегардидам. Ҳамчунон будам то он вақте, ки пояам дар илмҳо устувор шуда, розҳои ниҳонӣ бар ман ошкор гардиданд». Яъне, барои Сино як навъе ваҳйи кушоиши масъалаҳои ноҳал ё душворҳал дар хоб меомад. Тасаввур кардан душвор нест,

ки дар ҷомеаи мусалмоние, ки Сино дар он зиндагӣ мекард ва баъд низ чунин ҳодиса ва чунин гуфтор барои як қисмати мардум нақши ӯро чун як одами дорои алоқа бо олами боло муаррифӣ мекард ва онҳо ба қувваи фавқулодаи зеҳну ботинаш боварӣ пайдо менамуданд ва қисмати дигар бошад, ӯро ба шаккокиву сеҳру ҷодугарӣ айбдор менамуданд. Бо вуҷуди ин, муносибати ҳар ду тараф ҳам ба Сино боиси пайдоиши нақлу ривоят, шеъру достонҳо ва сарзанишу таънҳои зиёд дар таърих гардиданд.

Ҳодисаи дуюм марбут ба тасодуфи дарёфти китобе дар шарҳи китоби метафизика будааст, ки аз тарафи худи олим чунин нақл шудааст: “Китоби «Мобаъд-ут-табиа» (метафизика)-ро хондам, вале чизе нафаҳмидам ва мақсадҳои вазъ кардаи он илм бар ман пӯшида монд. Ин китобро гашта баргашта аз аввал то охир 40 маротиба хонда баромадам, ба дараҷае, ки ибораҳои он китоб ба ман ҳифз шуд, бо вуҷуди ин нафаҳмидам ва аз фаҳмидани он навмед гардидам ва ба худ гуфтам: ин китоб фаҳмиданӣ нест.

Дар ин ҳангом рӯзе аз бозори саҳҳофон мегузаштам, далоле як ҷилд китобро ба даст гирифта, харидор ҷеғ мезад. Ӯ онро ба ман нишон дода, таклиф кард, ки бихарам. Ман аз рӯйи дилсардӣ онро рад кардам ва бо худ гуфтам: барои фаҳмидани ин илм манфиате намебахшад. Далол таъкид намуд, ки ин китобро бихар, арзон аст ва соҳибаш муҳтоҷ. Он (китоб)-ро ба 3 танга харидам, дидам, ки «Иғрози мобаъд-ут-табиа» ном асари Абӯнасри Форобӣ будааст. Ба хона омадам ва онро хондам. Дари мақсади он китоб ба рӯйи ман боз шуд ва тамоми мушкилот ҳал гардид. Аз ин пешомад бисёр шодмон шудам. Рӯзи дигар ба шукронаи ин пешомади бузург ба фақирон ва бенавоён садақаи бисёре бахшидам».

Воқеаи мавриди қайд бидуни ягон муболиға иброз гардидааст ва дар зиндагонии ҳар нафаре рух додани чунин ҳол мумкин аст. Аммо дар ҳаёти Сино барин нобиға рух додани чунин ҳолро танҳо ба хости Худо вобаста донистан мумкин аст ва худи Сино ҳам инро то андозае эътироф намудааст ва ҳамчун шукргузорӣ ба фақирону бенавоён садақаи зиёде кардааст. Чунин ҳолатҳо низ боиси бофтани ривоятҳову қиссаҳои нав дар хусуси Сино гардидаанд. Бузургтарин ҳодисаи ҳаёти мутафаккир, ки боиси машҳур гардидани ҳунар ва истеъдоди табибии Сино гардида буд, муолиҷаи подшоҳи вақти Сомонӣ Нӯҳ бинни Мансур ба ҳисоб меравад. Бояд эътироф кард, ки маҳз ҳамин ҳодиса меҳвари тамоми ҳикояҳо, ривоятҳо, қиссаҳо ва ашъор дар бораи ҳунари пизишкии ибни Сино қарор гирифт. Воқеаро Сино ба ин тарз тасвир намудаст:

“Дар ин байн Нӯҳ бинни Мансур ба касалии сахте мубтало гардид. Табибон дар муолиҷаи ӯ дар монданд, касалии ӯ куҳна шудан мегирифт. Дар байни табибон ман дар бисёр мутолиакунӣ шуҳрат пайдо карда будам. Дар пеши Султон аз ман ном бурда, ҳозир шудани маро хостанд. Ҳозир шудам ва дар муолиҷаи Султон бо онҳо иштирок намудам, то он ки беҳбудӣ ҳосил шуд. Дар назди Султон мартабаи баланд ёфтам».

Муолиҷаи Султон боз як фаъолияти дигареро дар пай дошт, ки ба ҳиммату зеҳни Сино шуҳрати бештарро зам намуд. Ин хоҳиши аз китобхонаи султон дидан кардани ӯ мебошад, чунончи:

“Рӯзе аз Султон хоҳиш намудам, ки ба ман иҷозат диҳад, то ба китобхонаи подшоҳӣ рафта аз мутолиаи китобҳои тиббӣ баҳраманд гардам. Султон хоҳиши маро қабул кард. Вақто ки ба китобхона дохил шудам, ҳавлие дидам, ки дорои хонаҳои зиёде буд. Дар ҳар хона сандуққҳои пур аз китоб меистоданд. Яке аз хонаҳо махсуси китобҳои арабӣ ва шеър, дигаре оид ба фиқҳ ва ҳамчунин ҳар як хона ба китобҳои илмҳои ҷудогона хос буд. Феҳристи китобҳои гузаштагонро мутолиа мекардам ва ҳар якро, ки мехостам, мегирифтам. Китобҳои гуногуне, ки ман дар ин ҷо дидам ва хондам, касе ҳатто номи онҳоро ҳам нашунида буд, ман низ то он вақт надида будам ва баъд аз он ҳам дигар надидам.

Пас он китобҳоро хондам ва аз онҳо баҳраманд шудам, дараҷа ва мартабаи донишмандонро дар дониш дарёфтам. Вақто ки ба синни 18-солагӣ расида будам, аз тамоми ин илмҳо фориғ гардидам. Аз он вақт инҷониб чизе барои ман кашф нашудааст, тафовуте, ки ҳаст, он аст ки он рӯзҳо дар илмҳо бештар ҳозируззеҳн будам, имрӯз илмам бештар расида ва онҳоро пухтатар ва равшантар медонам ва ҳоло ин ки илм якест».

Дар тарҷумаи ҳоли ибни Сино омадааст, ки ӯ бо як дидан аз ин ё он китоб, матни онро чун аккос дар зеҳн акс мекард ва ба бисёре аз маонии он китобҳо бо хондани як ду саҳифа сарфаҳм мерафт. Ҳамаи ин ҳол ба шуҳрат ва ҳунару илми ӯ равнақи бештар мебахшид, ки барои мардум дар шакли афсонаву ривоят оид ба як шахси фавқунеру ҷилвагар гардида буд. Боиси зикри махсус аст, ки Сино санаҳо ва воқеаҳои дигареро низ аз сар гузаронида буд, ки ба шуҳрати табибии ӯ боис шуданд. Аз ҷумла, дар дарбори Саида ва писари вай Маҷдуддавла дар Рай иттифоқи табобати дуюмӣ ба Сино даст дода буд. Маҷдуддавла ба касалии молихулиё ва ғалабаи савдо гирифтор шуда буд ва Шайх ба муолиҷа кардани вай машғул гашт. Аз ин сабаб ӯро бештар иззат ва ҳурмат намуданд.

Инчунин, Шайх Шамсуддавла, писари дигари Саидаро аз бемории қулунҷ дар давоми 40 рӯз табобат намудааст. Шамсуддавла, пас аз оне ки устодӣ ва мақоми илмии

шайхро пай бурд, ба ӯ либосҳои хуб ва ҳадяҳо бахшида, ӯро аз надимони наздики худ гардонид.

Абӯалӣ Сино на танҳо ба муолиҷаи ашхоси боломақом, балки ба табобати қишрҳои гуногуни аҳолӣ низ мепардохт ва маҳз мардумони одӣ ҷидду ҷаҳд ва ҳунари пизишкии ӯро дида, қаҳрамони худро бо беҳтарин сифот васф мекарданд. Ба ҳайси мисол, табобати зане дар Хоразм аз бемории сил. Ба нақл аз шогирдаш Ҷузҷонӣ, Шайх фармуд, ки ғайр аз гулангубини шакарӣ чизе нахӯрад. Он зан ба ин тартиб сад ман гулқанд хӯрд (ва якҷо бо гулангубин) қурси кофур ба кор бурда истод ва аз чанголи дард халосӣ ёфт.

Дар бораи муолиҷа низ таҷрибаҳои зиёде дошт, натиҷаҳои муолиҷа ва таҷрибаҳои худро ҷудогона навишта буд ва мехост онро ба китоби «Ал-Қонун» илова кунад. Вале пеш аз тамом шудани «Ал-Қонун» аз байн рафт. Аз он ҷумла, рӯзе шайх ба дарди сар гирифтор шуд ва гумон бурд моддае даркор аст, ки ба пардаи сараш бирезад. Пас ях талаб намуда онро майда кард ва дар лифофе печида онро бар сараш гузошт. Ин корро як чанд маротиба такрор намуд, то маҳалли қувватро пайдо кард ва аз қабул кардани модда даст кашид ва офият ёфт.

Дар хусуси муолиҷаи худӣ низ суханҳо дар таърих бисёранд ва аз ҷумла Ҷузҷонии шогирд тасвироте воқеӣ аз ин хусус овардааст. Ба фикри инҷониб, худро табобат карданҳои ибни Сино низ боис шудаанд, то дар хусуси вай ривоятҳои зиёде паҳн гарданд.

Заминаи дигаре, ки боиси интишори гуфтаҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино гардид, муносибати ӯ ба илм, ба намояндагони илми дарбор ва инчунин ба таълифи осори илмии ҷавобгӯй ба ин ё он аҳвол мебошад. Лаҳзаҳое аз ҳаёти ибни Сино нақл мешаванд, ки дар он Шайхурраис аз хеш ҳунари фавқулодаро барои собит намудани ин ё он амал зоҳир сохтааст. Барои ҳимояи ин андеша ба як ҳодисаи ҳаёти Сино мурочиат мекунем, ки ҳамоно аз гуфтаҳои шогирдаш бар меояд.

“Рӯзе шайх дар маҷлиси Алоуддавла буд, Абӯмансури Ҷабоӣ низ дар он ҷо ҳузур дошт, яке аз масъалаҳое, ки ба миён омад илми луғат буд. Шайх низ ақидаи худро дар ин бора иброз намуд. Абӯмансур ба шайх гуфт: «Файласуф ва ҳакимӣ, дар илми луғат ихтисос надорӣ, бинобар он суханат писандида нест». Ин сухан ба Шайх бисёр гарон омад. Ӯ ба омӯхтани китобҳои луғат машғул гардид, дар ин роҳ се сол меҳнат сарф кард. «Таҳзиб-ул-луғот» ном китоби Абӯмансури Азҳариро аз Хуросон дархост кард ва дар луғат чунон забардаст шуд, ки ҳеҷ кас дар ин соҳа ба дараҷаи дониши вай нарасида буд. Пас се қасида навишта, дар онҳо алфози ғарибаро кор фармуд ва се китоб таълиф кард, ки яке аз онҳо бо услуби Ибн Аламид, яке ба тариқи Собӣ ва дигаре ба сабки Соҳиб буд. Фармуд, ки онҳоро дар ҷилдҳои куҳнаи қадиманамо муқова кунанд.

Он гоҳ бо амир сухан ба як ҷо қарор дод. Амир он китобҳоро ба Абӯмансур дода гуфт: «Ҳангоми шикор ин китобҳоро дар биёбон ёфтам, дида баро ва бигӯ, ки инҳо чи навъ китобанд ва аз они кӣ мебошанд». Абӯмансур онҳоро аз назар гузаронида, дар таъйин кардани бисёре аз матлабҳои он китобҳо оҷиз монд. Дар ҳамин вақт, мувофиқи маслиҳати кардашуда, шайх ба он ҷо даромад ва монанди одати маъмулӣ дохили гуфтугӯ шуд. Он чизеро, ки Абӯмансур намедонист Шайх аз китобҳои луғат далел оварда истода, асли онҳоро тавзеҳ медод. Пас Абӯмансур, ки дар луғат ҳарзагӯй ва ноустувор буд, шарманда шуда ва донист, ки ин рисолаҳо аз тарафи худи Шайх таълиф шудаанд ва ҷавоби густохии онрӯзааш мебошанд. Пас аз шайх узр хост.

Маҳз чунин лаҳзаҳо боис шуданд, то симо ва чеҳраи Сино барои аксари мардум азизу гиромӣ ва барои гурӯҳе аз дарбориёну аҳли дин чун як шахси сеҳру ҷодукунанда ҷилвагар шавад. Вале таҳлили аксари ривоят ва осори марбут ба сурату сират, чеҳраву намод ва рафтору ҳунари Абӯалӣ ибни Сино нишон медиҳад, ки шахсияти ӯ барои ҳам аҳли ҳунар ва ҳам мардуми одӣ азизу гиромӣ будааст. Осору ривоёте, ки ба ғараз дар бораи ибни Сино эҷоду паҳн гардида буданд, дар қиёс бо нақлу ривоёт, шеъру достонҳо ва румону ҳикояҳои бар воқеияти ҳаёту ҳунари ӯ асосёфта ночиз ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – Ҷ. 1. - 852 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – Ҷ. 2. - 802 с.
3. Алимардонов, А. Сурат ва сирати Ибни Сино / А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 118 с.
4. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 199 с.
5. Мирзоев, А. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ / А. Мирзоев. – Сталинобод. Нашрдавтоҷик, 1953. – 140 с.
6. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Маҷмаъ-ун-наводир // Чаҳор мақола. – Душанбе: Ирфон, 1986 – 160 с.
7. Носири Хусрав. Сафарнома. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.
8. Обидов, Д. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо / Д.Обидов. – Душанбе: 2010. – 238 с.
9. Обидов, Д. Пирони сухан дар қиссаҳои куҳан / Д.Обидов. – Душанбе: 2009 – 259 с.
10. Садриддин Айнӣ. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. – Сталинобод - Ленинград: Нашрдавтоҷик, 1941. – 82 с.
11. С. Улуғзода. Пири ҳакимони машриқзамин. – Душанбе: 1980. - 138 с.
12. Ш. Ҳусейнзода,. Мушкилоти Ибни Сино. – Душанбе: 1980. – 183 с.

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ ОБРАЗИ РИВОЯТИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Дар мақолаи мазкур заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино то қадри имкон таҳлил ва муайян карда шудааст. Ҳадаф аз таҳлили мавзӯи марказии мақола маҳз нишон додани симо ва хулқу атвори Абӯалӣ ибни Сино дар заминаи риоятҳо ва нақлҳои шифоҳию китобӣ мебошад ва чунин таҳлил бидуни омӯхтани заминаҳои воқеию таърихии он ривоёт даст намедиҳад. Аз ин рӯ, муҳимтарин санаҳои таърихии ҳаёти Ибни Сино, ки боиси пайдоиши силсилаи ривояту нақлҳои шифоҳиву китобӣ гардидаанд, дар мақолаи мазкур мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Масъалае, ки дар омӯхтан ва ҷаҳди дониш андӯхтани Сино барои таҳлили мо муҳим аст, ин зиракӣ ва ҳунари тез омӯхтани ӯ мебошад, ки баъдтар боиси пайдоиши нақлу ривоятҳо дар борааш гардидааст. Заминаи дигаре, ки боиси интишори гуфтаҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино гардидааст, ин муносибати ӯ ба илм, ба намояндагони он мебошад. Инчунин, лаҳзаҳое аз ҳаёти ибни Сино нақл мешаванд, ки дар он Шайхурраис аз хеш ҳунари фувқулодаро барои собит намудани ин ё он амал зоҳир сохтааст. Таҳлили аксари ривоят ва осори марбут ба сурату сират, чеҳраву намод ва рафтору ҳунари Абӯалӣ ибни Сино нишон медиҳад, ки шахсияти ӯ барои ҳам аҳли ҳунар ва ҳам мардуми одӣ азизу гиромӣ будааст. Осору ривоёте, ки ба ғараз дар бораи ибни Сино эҷоду паҳн гардида буданд, дар қиёс бо нақлу ривоёт, шеъру достонҳо ва роману ҳикояҳои бар воқеияти ҳаёту ҳунари ӯ асосёфта ночиз ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: Абӯалӣ ибни Сино, нақл, ривоят, адабиёт, тахрих, образ, портрет.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЛЕГЕНДАРНОГО ОБРАЗА АВИЦЕНЫ

В статье рассматривается образ и характер Авиценны на основе народных преданий и книжных рассказов. По мнению автора статьи, аналогичный анализ возможен только при изучении реальных и исторических событий. Следовательно, в данной статье анализируются важнейшие исторические события из жизни Авиценны. Анализ большинства собранных материалов, легенд и наследия, связанный с характером, образом и этикой ученого показал, как и на основе чего возникли предания о нем. Другим основанием, послужившим распространению рассказов связанных с Авиценной, является его отношение к науке и ее представителям. Также рассказывают, что для того, что показать свои сверхъестественные способности, он совершал те или иные действия. Анализ большинства повествований и его наследия, показывают, что он как среди ученых, так и среди простого народа пользовался особым уважением. Существуют также выдуманные рассказы и предания об Авиценне, отражающие корыстные побуждения их авторов, но большинство преданий, стихов, поэм, романов и рассказов, основаны на реальных событиях из его жизни и свидетельствует о его мастерстве и величественности.

Ключевые слова: Авиценна, предания, легенда, литература, история, образ, портрет.

HISTORICAL BASES FORMATION OF A LEGENDS OF AVICENCE

The article mainly considers the image and character of Avicenna on the basis of folk legends and book stories. In the author's opinion, a similar analysis is possible only when studying real and historical events. Consequently, in this article, the most important historical events from the life of Avicenna are analyzed scientifically. The analysis is most of the collected materials of legends and the legacy associated with the character, image and etiquette of the scientist later on the basis of which the traditions originated. Another reason for the spread of stories related to Avicenna is his relationship with science and their representatives. Also from the life of Avicenna they say that in order to show their supernatural abilities, he showed certain actions. The analysis of most of the narratives and the legacy connected with his appearance and character, the manner and skill of Avicenna show that he, both among scientists and among the common people, had special respect and preference. There are also stories and legends about Avicenna, having a lucre, which are invented and distributed and when compared by other legends, poems, novels and stories based on real events from his life testifies to his skill and majesty.

Key words: Avicenna, legends, legend, literature, history, image, portrait.

Сведения об авторе: ***Ниязова Махина*** - Институт языка и литературы, им. А. Рудаки АН РТ, младший научный сотрудник отдела фольклора. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21.
E-mail: **mahin_n@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-511-91-51**

Information about the author: ***Niyazova Mahina*** – Institute of language and literature Rudaki Academy of Sciences of Tajikistan, is senior researcher at the Department of Folklore. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **mahin_n@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-511-91-51**

УДК: 891.550-82

ТАҶАЛЛИИ ИШҚИ ИРФОНӢ ДАР РУБОИЁТИ АФЗАЛУДДИНИ КОШОНӢ

Маҳмадалиева М.Р.
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Афзалуддини Кошонӣ ҳаким, ориф, файласуф ва шоири баландпояи асрҳои XII-XIII мелодӣ буда, аз зумраи пайравони ақоиди ирфонӣ ва сарояндагони ашъори сӯфиёнаи адабиёти форс-тоҷик маҳсуб меёбад. Осори фалсафӣ ва рубоиҳои дилангези ӯ дар қаламрави забони форсӣ овозаи баланд дорад, вале мутаассифона, шарҳи зиндагонӣ ва мушаххасоти эҷодиёти вай барои хонандаи имрӯз чандон ошкор нест, зеро то ҳол роҷеъ ба рӯзгор ва осори ин ҳакиму шоири соҳибзавқ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ пажӯҳиши мукаммалу густурдае ба анҷом нарасидааст. Аз ишора ва маълумоти маъхазу сарчашмаҳои дастрас ва гуфтаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки ӯ дар замони зиндагонии худ

ва баъд аз он бо лақаби Бобо Афзал маълуму машҳур будааст [8, с. 23; 10, с. 1010; 14, с. 357; 11, с. 426; 6, с.145].

Дар бораи бо лақаби «Бобо» иштиҳор ёфтани аҳли илму маърифат муҳаққиқ ва донишманди маъруфи эронӣ Саид Нафисӣ чунин қайд мекунад: «Дар айёми пешин лақаби «Бобо»-ро ба урафо ном медоданд ва ин лақаб хосси касоне будааст, ки дар асри худ пешвои мардуми бисёр ва муршиди абнои замон будаанд» [9, с.4]. Аз иқтибоси фавқ маълум мегардад, ки Афзалуддини Кошонӣ ҳанӯз дар айёми зиндагии худ ҳамчун олиму донишманд ва ҳакими сӯфимашраб миёни хоссу ом нуфузу эътибор пайдо намуда, дар садри уламо ва урафои замони худ қарор доштааст.

Маврид ба ёдоварист, ки рубоӣ яке аз маъмултарин жанрҳои адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ буда, аксари адабпажӯҳону шарқшиносони ватаниву хориҷӣ бар ин ақидаанд, ки хостгоҳ ва маншаи авзони он адабиёти гуфтории форс-тоҷик аст. «Сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, осори шифоҳиву китобии форсӣ-тоҷикӣ, таълифоти суханшиносони асримиёнагиву муосир комилан собит месозанд, ки рубоӣ жанрест, ки хостгоҳи он адабиёти гуфтории форс-тоҷик аст» [13, с.136].

Рубоӣ дорои имкониятест, ки дар зарфияти хеле маҳдуд, яъне дар чаҳор мисраъ, ҳассостарин ва нобтарин лаҳзаҳои ҳаёти инсонӣ ва муаммоҳои олами ҳастиро басо муъҷазу муассир ба тасвир гирифта, зеҳну андешаи хонандаву шунавандаи худро ба масъалаҳои гуногуни одаму олам ҷалб месозад. Аз ин хотир, ин навъи эҷоди бадеӣ на танҳо дар эҷодиёти шоирон, балки олимону донишмандон ва орифоне чун Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва дигар аҳли илму маънӣ мақоми шоистаеро ишғол намуда, баҳри ифода намудани ҷаҳонбинӣ, афкори илмӣ, фалсафӣ ва иҷтимоии онҳо хидмат намудааст. Афзалуддини Кошонӣ низ аз ин мушаххасоти рубоӣ ба таври васеъ истифода бурда, аксари андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва ирфонии худро дар ин қолаби шеърӣ иброз доштааст.

Мусаллам аст, ки муҳтавои ҳар як рубоии ирфониро дар мадди аввал таҷассуми шӯру шавқи ишқ, таъсири он дар кашфи асрори ҳақиқат ва покии ахлоқу олами маънавии инсон ташкил медиҳад, зеро манзури асосӣ ва мавзӯи марказии мактаби ирфон эътирофи ягонагии Худо ва дӯст доштани маъшуқаи азалӣ, яъне муҳаббату ибодати Холиқи тамоми олам мебошад. Аз ин ҷост, ки «ирфон мактаби ишқи Худо ва тавҳиди зоти Ҳақ» [1, с.165] эътироф шуда, гӯё «мавзӯи асосии ҳар як шеъри ирфонӣ қаблан пешбинӣ гардидааст ва дар он ҷуз тавҳид ва ё ваҳдати вуҷуд чизи дигаре наметавонад суруда шавад» [2, с.109].

Ишқу муҳаббат латифтарин эҳсоси инсоният ва рози ниҳони ӯст, ки кулли башарият пайи идроку баррасии маънову мафҳуми он кӯшиш намуда, ҳар кас онро ба таври худ эҳсосу тафсир менамояд. Дар шинохти маънои луғавии ишқ донишмандон онро муштақ аз вожаи «ашақа»- як навъ гиёҳи печак, медонанд, ки чун долу дарахтро иҳота намояд, роҳи танаффусу афзоишашро баста, оқибат онро зард ва хушк мегардонад. «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шарҳи қасидаи «Хайрияи маймая»-и Ибни Форизи Мисрӣ навиштааст, ки ишқ аз ашақа аст ва гиёҳе аст, ки ба дарахт печида ва дарахтро зард ва хушк мекунад. Ҳамчунин ишқ дарахти вуҷуди ошиқро дар таҷаллии маъшуқа маҳв мекунад» [5, с.116-117.]. Муҳаммад Рашод дар тафсири ишқ менависад: «Ишқ фарти муҳаббат аст ва чун ба камол расад, қуворо соқит ва ҳавосро зоеъ гардонад ва табъро аз ғизо боздорад ва миёни ошиқ ва халқ малол афканад ва ошиқро аз суҳбати ғайр малул кунад, пас ӯ ё бемор гардад ё девона ё ҳалок» [9, с.171].

Ишқ дар ирфони исломӣ аз лавозимоти асосиест, ки барои аз олами фано ба олами бақо сайр намудани рӯҳи солик мусоидат менамояд. Аз ин хотир, ишқ аз диди урафо «асоси зиндагӣ ва бақову мавҷудияти олам аст... Зеро тамоми ҳаракоту сукунот ва ҷӯшу хурӯши ҷаҳониён бар асоси муҳаббату алоқа ва ишқ асту бас» [12, с.583].

Бобо Афзал чун дигар адибони сӯфимашраб мақоми ишқро, ки боиси имтиёзи банӣ Одам аз сокинони олами сатру малакут маҳсуб меёбад, дар ҳаёти инсонӣ басо рафеъ арзёбӣ намуда, онро чун ҷон решапайванд бо тору пуди одамӣ ва василаи шинохту дарёфти дӯст, яъне Худованд, медонад:

Ишқ омаду шуд чу ҷонам андар рагу пӯст,
То кард маро тиҳиву пур кард зи дӯст.
Аҳзои вуҷудам ҳамагӣ дӯст гирифт,
Номест зи ман бар ману боқӣ ҳама ӯст [7, с.109].

Ӯ ишқро гавҳари тамоми мавҷудоти ҳастӣ ва неруи асосии ҳаракатдиҳандаи мардум ба сӯйи камолоти маънавӣ шумурда, муътақид бар он аст, ки маъшуқи азал (Худованд) худ мазҳари ишқ буда, инсонро ба сӯйи хеш фаро мехонад ва ба ҳар васила ошиқу шефтааш мегардонад:

Сайёд ҳам ӯ, сайд ҳам ӯ, дона ҳам ӯст,
Соқиву ҳарифу майу паймона ҳам ӯст.
Рӯзе ба тафарруҷе ба бутхона шудам,

Равшан гаштам, ҳокими бутхона ҳам ӯст [7, с.109].

Ба андешаи Афзалуддини Кошонӣ, дарвешиву ошиқӣ ба мисли дарахте мебошад, ки бару ҳосили он ҳикмату панд аст, зеро танҳо шахси оқилу хирадманд моҳияти ҳастӣ ва асолати рӯҳонии худро дарк намуда, дасту дил аз тааллуқоти дунявӣ бармегирад ва ба хотири ба матлуби худ расидан тамоми шебу фароз, талхии ҳичрон, иштиёқи васл ва дигар монеаҳоро таҳаммул менамояд:

Дарвешиву ошиқӣ дарахтест баланд,
Шохаш ҳама ҳикмат асту бехаш ҳама панд.
Ҳар кас, ки аз он шох яке мева биканд,
Як нима чу заҳр асту дигар нима чу қанд [7, с.133].

Маъшуқаи Бобо Афзал онест, ки тамоми мавҷудоти олам, набототу ҷамодот, вуҳушу туюру инсон, ҳама ошиқу гирифтор ва дар талаби васли ӯ буда, забон ба тасбеҳаш кушодаанд:

Эй халқи ду кавн зикргӯяндаи ту,
В-эй ҷумлаи коинот пӯяндаи ту.
Ҳарчанд ба кӯшиш натавон бар ту расид,
Ту бо ҳамаиву ҳама ҷӯяндаи ту [7, с.163].

Ишқи ирфонии Афзалуддини Кошонӣ таҷассумгари пайванди азалӣ ва рӯҳонии инсон бо олами ҳастӣ ва Худованд буда, дар заминаи таълимоти исломӣ ва Қуръони карим арзи ҳастӣ намудааст. Оташи шавқест, ки ҳанӯз дар рӯзи аласт бар вуҷуди банӣ башар афтода, ҳамчун мабдаъ ва пояе барои шинохти сифоту лиқои Ҳақ ва ба висоли ӯ расидану оромиши рӯҳиву равонӣ ёфтани инсон хидмат мекунад. Шоири сӯфимашраб бар ин бовар аст, ки Худованд оғозу анҷоми ҳастӣ ва аввалин маъшуқ аст, зеро ҳамаи мавҷудот дар иштиёқи ӯ буда, ба сӯйи ӯ бозмегарданд (Қуръон, 3/55 (Сураи Оли Имрон, ояти 55); 30/11 (сураи Рум, ояти 11), яъне ӯ маншаъ, далели бақо ва камоли инсонҳост. Нахустин паёмади ишқ сӯхтан аз ғами шавқу ҳичрони ёр буда, Бобо Афзал бо ёди ҳасратолуд ишораи нозуке ба хилқати Одам ва ба олами имкон омадани ӯ намуда, мегӯяд:

Эй сӯхта аз доги ҷудоӣ моро,
Бинмуда тариқи бевафоӣ моро.
Чун оқибати кор ҷудоӣ будаст,
Эй кош, набудӣ ошноӣ моро [7, с. 89].

Маънии ишқи ирфонии Бобо Афзал итоат ва ибодат ба Худованд аст. Ибодатест, ки иҷроишаш фарз буда, боварӣ ба Худованд ва дарёфти сифоту алтофи ӯ иллати саодати ориф аст. Ӯ Офаридгорро бо асмову сифоти фаровон, ба монанди «Дӯст», «Ҷонон», «Ҳақ», «Ҳакам», «Раб», «Зоти бечуну чаро», «Роҳиму Раҳмон», «Холиқи зулҷалол», «Довар», «Сонеи пок», «Қодири мақдуру фарёдрас», «Мустағнӣ» ва ғайра, васфу ситоиш намуда, бе ҳеҷ чуну чаро ба ҳукми ӯ итоат менамояд, зеро ҳукми Худо шоистатарин ҳукм аст:

Ҷуз Ҳақ ҳакаме, ки ҳукмро шояд, нест,
Ҳасте, ки фузун зи ҳукми Ҳақ ояд, нест.
Ҳар чиз, ки ҳаст, ончунон мебояд,
Ҳар чиз, ки ончунон намебояд, нест [7, с.103].

Файласуфи Кошонӣ, ки дар талабу омӯзиши улуми адабу фалсафаи замонаш тақаддуме ҳосил намуда буд, пайи маърифати асрори вуҷуд саъй меварзад, вале замоне, ки мехоҳад бо шаҳпари ақлу андеша ба боргоҳи маъшуқ ва ҷалоли кибриёӣ роҳ ёбад, пойи ақлро ланг мебинад:

На ақл ба кунҳи лоязоли ту расад,
На нафс ба домани камоли ту расад.
Ваҳм арчи муҳити таҳту фавқ омад, лек
Кай гирди сарочаи ҷалоли ту расад?! [7, с.139].

Ӯ ҳақиру нотавонии ақлу нафсу ваҳми инсониро дар роҳи идрок ва маърифати Кирдигор иқрор намуда, ягона василаи наҷотро дар алтофи Худованд мебинад, зеро Офаридгор, бо вуҷуди холиқу мустағнӣ буданаш дӯст медорад, ки шинохта шавад ва аз ин лиҳоз ишқи худро чун имон ба бандагони холисаш арзонӣ мекунад. Афзалуддини Кошонӣ барои муяссар гардидан ба лутфу сифоти яздонӣ сарсупурдагӣ ба ҳукми Ӯ, пок намудани вуҷуди худ аз ҳама гуна кибру манӣ ва бо обшори сиришк тафсия намудани ботинро зарур мешуморад:

Эй банда, агар Худойро дорӣ дӯст,
Аз кибру манӣ пок бурун овар пӯст.
Менолу ҳамегирю зорӣ мекун,
К-ӯ нолаи зори ошиқон дорад дӯст [7, с. 96].

Дарду ранҷи ишқ дарди ҷисмонӣ нест, он дарди ноаёну рӯҳонӣ ва нишонаи маърифату огоҳии вуҷуди ошиқ аз латофати ҷамоли беназири маъшуқ аст. Ин дард тавъам ба риёзати сӯфиёна буда, шиддати шавқ ва азоби ҳичрони ёр василаи комил

гаштани орифи ошиқ ва пайвастани ӯ ба маҳбуб мегардад. Аз ин ҷост, ки Бобо Афзал аз эҳсоси чунин дард шукргузориву ифтихор намуда, собирӣ ва шавқу ниёзмандии ошиқро камоли сарбаландиву ҳушмандӣ ва дардмандӣ медонад:

Пастем чу хоку сарбаландӣ ин аст,
Мастем зи ишқу ҳушмандӣ ин аст.
Бо ин ҳама дард номи дармон набарем,
Ҳаққо, ки камоли дардмандӣ ин аст [7, с. 101].

Ғами маъшуқ ва ишқе, ки Бобо Афзалро асири худ намудааст, ҳузни беҳуда набуда, кашфи ҳақиқати мутлақест, ки ба ӯ муждаи ваҳдоният ва абадиятро медиҳад. Аз ин хотир, ин ғам, бо вуҷуди ҳастисӯз будан, тарабфизову шодиангез аст, зеро ошиқ медонад, ки маҳз ҷонфидоӣ боиси ба висоли маъшуқ расидани ӯ мегардад:

Ҳар гоҳ дилам бо ғамат анбоз шавад,
Сад дар зи тараб ба рӯйи ман боз шавад.
Ғамгин нашавам чу ҷон фидоӣ ту кунам,
Тиҳу чу шикори боз шуд, боз шавад [7, с. 140].

Бобо Афзал чун орифи ошиқ дар тамоми мавҷудоти олам, таҷаллии сифоти Ҳақро мушоҳида намуда, муътақид аст, ки ишқи орифи содиқ дар ниҳояти кор ӯро ба мақсуд мерасонад ва байни онҳо фарқи ошиқиву маъшуқӣ намемонад:

Рав, маркаби ишқро қавӣ рону матарс,
Рав, мусҳафи маҳдро ту бархону матарс.
Чун аз худу ғайри худ мусаллам гаштӣ,
Маъшуқ ту ҳам худӣ, яқин дону матарс [7, с. 145].

Шоири ориф барои расидан ба лутфу марҳамати маъшуқ мавқеи ибодату дуо, муноҷоту зикри пайваста ва сабру таваккулро муҳим арзёбӣ менамояд: «Эй ҷӯяндагони роҳи ҳикмату пӯяндагони тариқи саодат, бояд ки бисёрдуо бошед дар умури дунявӣ ва ухравӣ, чи нисбати дуо бо мабодии матлуб ҳамчунон нисбати фикр бувад бо натиҷа ва ҳамчунон ки дар уқби фикр вусули натиҷа мумкин бувад, дар уқби дуо вусули матлуб» [4, с. 656]. Аз ин хотир, ӯ ҳеҷ гоҳ аз андешаву ёд ва зикри Худо мунсариф нагардида, дар роҳи ишқи Ӯ ҳама ҳастии худро фаромӯш месозад:

То силсилаи ишқи Ту дар гӯшам шуд,
Ақлу хираду ҳуш фаромӯшам шуд.
То як варақ аз ишқи Ту ҳосил кардам,
Сесад варақ аз илм фаромӯшам шуд [7, с.127].

Орифи шабзиндадор бо дуову сано ба маъшуқи ниҳонии худ рози дил мегӯяд, саропо ҳушу гӯш шуда, мунтазири лутфу марҳамати ӯ мегардад ва муштоқона нидо мекунад:

Аз завқи садои поят, эй раҳзани ҳуш,
В-аз баҳри назораи ту, эй мояи ҳуш.
Чун мунтазирон баҳри замоне сад бор,
Дил дар раҳи чашм ояду ҷон дар раҳи гӯш [7, с.145].

Бобо Афзал, бо вуҷуди идроку эҳсоси оташи шуълавари ишқ, ки рӯз то рӯз хирмани ҳастии ӯро ба дасти фано медод, бе раҳнамои шариат пой дар олами тариқат намениҳад ва аз раҳнавардони пешину паёмбари ростин талаби имдоду шафоат мекунад:

Эй зоти Ту дар ду кавн мақсуди вуҷуд,
Номи Ту Муҳаммаду мақомат маҳмуд.
Дил бар лаби дарёи шафоат бастем,
З-он рӯй равон мекунам аз дида ду рӯд [7, с. 123].

Орифи ошиқ гоҳо ба ҳолати қабз гирифтор мешавад. Қабз дар луғати ирфонӣ ба маънои «гирифтагӣ ва қабзи дил аст». «Қабз он ҳолате аст аз солик, ки аз аднӣ ба аълоӣ тараққӣ натавонад кард, ё мекунад, аммо завқу лаззати он намеёбад ва ҳеҷ балое бар сӯфӣ болотар аз қабз нест» [3, с.57]. Бобо Афзал аз чунин ҳолат ва беэътиноии маъшуқ дар ранҷ буда, нидо мекунад:

Боз ову даруни ҷони ман манзил кун,
Ё ҷой даруни дидаву ё дил кун.
Ё теғи ҷафо бикаш маро бисмил кун,
Алқисса, биё фикри мани бедил кун [7, с.158].

Бинобар ин, кор аз ҳадди гиря мегузарад ва ошиқ гиребон чок мезанад, аммо марди ишқи Бобо Афзал дар ин марҳила дасти тавонотар дошта, пероҳани дил чок мезанад:

То чок задам зи ишқ пероҳани дил,
Чуз дард надидам зи ту перомани дил.
То лоҷарам аз дӯстӣ, эй душмани дил,
Дар хуни ду дида мекашам домани дил [7, с.149].

Офаридгор ё маъшуқи азалӣ аз ҳама мавҷуди дунёӣ бениёз аст. Аз ин рӯ, ошиқ, ки ниёзманди лутфу марҳамати Илоҳӣ аст, исиғнои ӯро эътироф намуда, меситояд. Дар марҳилаи истиғно солик эҳсос менамояд, ки Худованд аз ҳамаи коинот бениёз аст.

Истиғнои Ҳақ бениёзии Худованд аз кулли ҳастӣ аст, вале истиғнои солик бениёзӣ аз ғайри ӯ ва ниёзманд ба Худованди мутаол аст. Дар ағлаби рубоиёти ошиқонаи Бобо Афзал таъкид мешавад, ки маъшуқа (Худованд) бениёз буда, муҳтоҷ ба дӯст доштан ё надоштани ошиқ нест, баръакс ошиқ муҳтоҷ буда, ниёз ба лутфу марҳамат ва роҳнамоии ӯ дорад. Рубоии зерин ифодагари ин маънист:

Аз ту ба кӣ нолам, ки дигар довар нест,
Аз дасти ту ҳеҷ даст болотар нест.
Онро, ки ту раҳбарӣ кунӣ, гум нашавад,
В-онро, ки ту гум кунӣ, касе раҳбар нест [7, с.94].

Бобо Афзал ишқи ҳақиқиро орӣ зи ҳама олудагиҳои нафсониву ҷисмонӣ ва султони вуҷуди инсонӣ дониста, барои сафои ҳуҷраи ботин ва ҳузури ишқ дар дил муътақид аст, ки бояд хиргоҳи вуҷудро аз худ, яъне худбиниву худпарастӣ, холӣ кард:

Рав, хона бирӯб, шоҳ ногоҳ ояд,
Ногоҳ ба назди марди огоҳ ояд.
Хиргоҳи вуҷудро зи худ холӣ кун,
Чун пок шавӣ, шоҳ ба хиргоҳ ояд [7, с.134].

Тараннуми ишқи илоҳӣ ва баёни шавқу шӯри хаёлангези он дар шеъри Бобо Афзал як навъ даъват баҳри интишори ирфон ва тарбияи назариву амалии толибону соликони роҳи ҳақиқат аст. Шеъри ӯ таҷассумгари рӯҳи устувор ва ҷони беқарори ошиқест, ки шабу рӯз дар ҳасрати дидору гуфтори дилбар буда, хуфтагони водии ҳайратро ҳушдори бедорӣ медиҳад:

Бархез, ки ошиқон ба шаб роз кунанд,
Гирди дару боми дӯст парвоз кунанд.
Ҳар ҷо, ки даре бувад ба шаб дарбанданд,
Илло, дари дӯстро, ки шаб боз кунанд [7, с.124].

Сӯфии шоирмашраб дар хилваткадаи розу ниёз парда ба як сӯ меафканад, дар ойинаи вуҷуд таҷаллии нури Ҳақро мебинад ва фараҳмандона бо маъшуқ рӯ ба рӯ сухан мегӯяд:

Аз рӯйи ту шод шуд дили ғамгинам,
Ман чун рухи ту ба дигаре бигзинам.
Дар ту нигарам сурати худ мебинам,
Дар худ нигарам ҳама туро мебинам [7, с.150].

Пас, баҳри барҳам задани асрори дуӣ орифона ғайрати пурсишу посух мекунад:

Дар доми бало ту дона пошӣ ё ман?
Пешонии шерон ту харошӣ ё ман?
Гар ман на туам, бе ту сухан натвон гуфт,
Чун ман ту шудам ту гуфта бошӣ ё ман? [7, с.160].

Чун шоири равшандил ба идроки асмову сифоти Зоти кибриёӣ восил гардида, рӯҳан сайри олами қудс менамояд, баҳри раҳнамоӣ ва ифшои рози ҳастӣ ба раҳнавардони водии ишқ дар баёни шинохти лиқои Ҳақ панд медиҳад: «Бидон, ки ба Худой расидан на аз он рӯй бувад, ки Худойи азза ва ҷалла ҷойе бувад дун ҷойе ва басари мардум аз дури масофат ба вай нарасад, ё вақте буваду вақте на, балки ҳеҷ вақту ҳеҷ ҷой бе Худо набувад, ва ин лиқо ҳаргиз нест ки нест, лекин халқро басару илми лиқо нест, чунонки гуфт: «Ва наҳну ақрабу илайҳи мин ҳаблил варид» (Мо наздиктарем ба инсон аз раги ҷонаш дида) (Қуръон, 50/16) (сураи Қоф, ояти 16)» ва дигар ҷой гуфт: «Ва наҳну ақрабу илайҳи минкум ва локин ло тубсирун» (ва мо наздиктарем ба ӯ нисбат ба шумо дида, лек Шумо инро намебинед) (Қуръон, 56/85) (сураи Воқеа, ояти 85) [4, с.265].

Бобо Афзал биноӣ, шунавоӣ ва доноии инсонро ба ду гуна: хос ва ом ҷудо мекунад: «Он чи ом бувад, чун шунавоӣ, ки бад-он сухани мардум шунавӣ ва биноӣ, ки бад-он мардум ва кирдори мардумро бинанд ва доноӣ, ки бад-он аҳволи зоҳири ин ҷаҳон тавон донист. Ва он чи хос бувад, шунавоие, ки бад-он рози Худой шунавид ва биноӣ, ки бад-он бори Худойу кирдори Худой бинанд ва доноӣ, ки бад-он аҳволи он ҷаҳон тавон донист… Пас Худои Таъоло аз касе маҳҷуб нест, лекин касе ба вай расад, ки аз ҳавову ҳавас пок бувад ва ба раҳмати Худои таоло самъу басараш бигшояд ва дилаш машрӯҳ шавад, то ба қурбу иттисол бад-он ҷаҳон омӯрзида шавад» [4, с. 266].

Метавон гуфт, ки Бобо Афзал соликест, ки мароҳили уруҷро паймуда, аз баракоти тарку таҷрид, дуову ибодат ва сабру таҳаммули хеш ба нури хос расидааст ва мавриди марҳамату алтофи маъшуқ қарор гирифта, басирати хоссаш ҷамоли баркамоли маҳбубаи беҳамтояшро муоина мекунад:

Чун дастаи гул баста ба даст омадаӣ,
Чун наргиси пурхумори маст омадаӣ.
Гар хуни дилам хӯрӣ, зи дастат надиҳам.
Зеро ки ба хуни дил ба даст омадаӣ [7, с.179].

Пас аз паймудани мароҳили шариату тариқат рӯҳи орифи ошиқ сайри олами лоҳут мекунад ва чун ҳумо дар баландиҳои Қоф ошён мегирад. Дар хилвати андеша ғарқи дарёи раҳмат ва маҳви қудрату малоҳати ҷонону ҷонофарин гардида, мегӯяд:

Ё раб, чӣ хуш аст бе даҳон хандидан,
Бе миннати дида халқи олам дидан.
Биншину сафар кун, ки бағоят некуст,
Бе заҳмати по гирди ҷаҳон гардидан [7, с.161].

Аз таҳлилу баррасии ашъори Афзалуддини Кошонӣ чунин хулоса бармеояд, ки рубоиёти ӯ дар баёни шӯру шавқи ботинии инсонӣ, яъне эҳсосоти ошиқона, на камтар аз таронаҳои Абӯсаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз ва дигар орифону ишқиясароён аст. Ҳатто ҷойи тардиду шубҳае нест, ки маҳз баёни ин роз ва эҳсоси ғалаёни дарди ишқ, ки аз маслаки ирфони Бобо Афзал бармеояд, ӯро ба гуфтани рубоиёти ошиқонаву орифона водор намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 408 с.
2. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс // Избранные труды.-М.: Наука, 1965.-524 с.
3. Манучеҳри Донишпажӯҳ. Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ. Чопи дуюм. - Теҳрон, 1386. - 190 с.
4. Афзалуддини Кошонӣ. Мусаннифот; ба тасҳеҳи Муҷтабо Минавӣ, Яҳё Маҳдавӣ. Чопи 2. – Теҳрон: Хоразмӣ,1366. - 864 с.
5. Қодиров К. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К. Қодиров, М. Муллоаҳмад. - Душанбе: Ирфон, 2015. - 256 с.
6. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Дар ду китоб.Ҷилди 1. - Теҳрон: Меҳан, 1344. - 1164 с.
7. Саид Нафисӣ. Матни комили рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ. Чопи 2. - Теҳрон: Форобӣ, 1363. - 200 с.
8. Лутфалибеки Озари Бекдилӣ. Оташкадаи Озар; бо тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. Дар ду ҷилд. Ҷ. 2.- Теҳрон: Амири кабир, 1378. - 1151 с.
9. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ. 6. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 270 с.
10. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Бо тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаводи Фозил. Дар се муҷаллад. Ҷилди 2. - Теҳрон, 1340. - 571 с.
11. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон: Фирдавс, 1369. - Ҷ. 3. - Бахши 2.-Чопи 7-ум.-705 с.
12. Саҷҷодӣ Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. Чопи чаҳорум. - Теҳрон: Таҳурӣ, 1378. - 814 с.
13. Тағоймуродов Р. Сохтори жанрии рубоиёти Амир Хусрав / Р. Тағоймуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2013. – №4/6 (122). – С. 134-141.
14. Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо; ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. Бахши аввал аз ҷилди аввал. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381. - 726 с.

ТАҶАЛЛИИ ИШҚИ ИРФОНӢ ДАР РУБОИЁТИ АФЗАЛУДДИНИ КОШОНӢ

Хоҷа Афзалуддини Кошонӣ, маъруф ба Бобо Афзал, яке аз шоирони соҳибзавқу сӯфимашраб ва симоҳои камшинохтаи адабиёти нимаи дуюми асри XII ва оғози асри XIII форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки ба зиндагинома ва эҷодиёти ӯ аз ҷониби донишмандони адабиёт таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст. Гарчанде Афзалуддини Кошонӣ дар иншои осори насрии фалсафӣ ва ахлоқӣ низ маҳорати хосса дошта, таълифот ва шеваи баёни содаву оммафаҳмаш зеҳни олимону донишмандонеро чун Забеҳуллоҳ Сафо, Саид Нафисӣ ва Муҷтабо Минавӣ ба худ машғул доштааст, вале дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ӯ ба ҳайси яке аз барҷастатарин рубоисароён эътироф гардидааст. Рубоӣ аз шаклҳои шеърии машҳуре мебошад, ки дар тамоми давраҳои таърихи адабиёти форс-тоҷик дар эҷодиёти шифоҳӣ ва хаттии мардум ривоҷ дошта, то имрӯз истиқлолияти жанрии худро нигоҳ доштааст. Аксари шоирони адабиёти форс-тоҷик, бахусус шуарои сӯфимашраб, рубоӣ эҷод кардаанд ва дар рушди ин жанр саҳми арзанда гузоштаанд. Бобо Афзали Кошонӣ низ дар гуфтани рубоӣ истеъдоди баланд зоҳир намуда, андешаву афкори ирфонӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва панду ахлоқии худро дар қолаби ин жанр баён доштааст. Бобо Афзал чун дигар адибони сӯфимашраб мақоми ишқро, ки боиси имтиёзи банӣ Одам аз сокинони олами сатру малакут маҳсуб меёбад, дар ҳаёти инсонӣ басо рафеъ арзёбӣ намуда, онро чун ҷон решапайванд бо тору пуди одамӣ ва василаи шинохту дарёфти дӯст, яъне Худованд, медонад. Мақолаи мазкур роҷеъ ба рубоиёти ишқӣ-ирфонии Афзалуддини Кошонӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо баҳс менамояд. Муаллиф дар мақола аз сарчашма ва адабиёти муътамад истифода карда, баҳри ошкор сохтани андешаву орои ирфонии Бобо Афзал рубоиҳои шоирро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: рубоиёт, Афзалуддини Кошонӣ, фалсафа, мавзӯъ, мундарича, ишқ, ирфон, ориф, сӯфӣ, солик.

ОТОБРАЖЕНИЕ МИСТИЧЕСКОЙ ЛЮБВИ В РУБАИ АФЗАЛУДДИНА КОШОНИ

Ходжа Афзалуддина Кошони, известный под псевдонимом Бобо Афзал, является одним из талантливых поэтов – суфиев и малоизвестным представителем второй половины XII и начала XIII веков персидско-таджикской литературы, к жизни и творчеству которого не уделено надлежащего внимания со стороны ученых-литераторов. Несмотря на то, что Афзалуддин Кошони в сочинении художественной философско-нравственной прозы обладал особым мастарествоm, его произведения и стиль его изложения привлекали внимание таких известных ученых-литераторов как Забеньуллох Сафо, Саид Нафиси и Муджтабо Минави, но в истории персидско-таджикской литературы он признан как один из выдающихся мастеров в сочинении рубаи. Рубаи – это одно из известнейших стихотворных форм, который во все исторические периоды персидско-таджикской литературы развивался в устной и письменной форме народного творчества, и до наших дней сохранил свою жанровую независимость. Большинство поэтов - представителей персидско-таджикской литературы, в особенности поэты – суфии сочиняли рубаи и внесли весомый вклад в развитие данного жанра. Бобо Афзал Кошони также в сочинении рубаи показал

высокое мастерство, и изложил свои мистические, философские, социальные и моральные размышления в них. Бобо Афзал как и другие поэты-суфии воспевал любовь, и считал эту любовь средством познания дуга, то есть Бога. В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению любовно-мистические рубаи Афзалуддина Кошони. Автор при написании статьи использовал достоверные источники и для раскрытия мистических мыслей Бобо Афзала подверг рассмотрению и анализу четверостишия поэта.

Ключевые слова: рубаи, Афзалуддини Кошони, философия, тема, содержание, любовь, мистика, суфий, последователь.

DISPLAY OF MYSTICAL LOVE IN RUBAI AFZALOUDDINA KOSHONI

Hodja Afzaluddin Koshoni, known under the pseudonym Bobo Afzal, is one of the talented Sufi poets and a little-known representative of the second half of the 12th and the beginning of the 13th centuries of Persian-Tajik literature, whose life and creativity has not been given proper attention by literary scholars. Despite the fact that Afzaluddin Koshony in the composition of artistic philosophical and moral prose had a special handicap, his works and style of his presentation attracted the attention of such well-known scholars as Zabehulloch Safo, Said Nafisi and Mujtabo Minavi, but in the history of Persian-Tajik literature he was recognized as one of the outstanding masters in the composition of rubai. Rubai is one of the most famous verse forms, which in all historical periods of Persian-Tajik literature developed in oral and written form of folk art, and has preserved its genre independence to this day. Most of the poets-representatives of Persian-Tajik literature, especially poets-Sufis composed rubai and made a significant contribution to the development of this genre. Bobo Afzal Koshoni also showed high skill in the composition of the shirt, and laid out his mystical, philosophical, social and moral reflections in them. Bobo Afzal, like other Sufi poets, sang love, and considered this love a means of knowing the arc, that is, of God. In this article, the author subjected to study and consideration the love-mystic rubay Afzaluddin Koshoni. The author used reliable sources when writing the article, and Bobo Afzal examined and analyzed the quatrain of the poet for revealing mystical thoughts.

Key words: rubai, Afzaluddini Kosoni, philosophy, theme, content, love, mysticism, Sufi, follower.

Сведения об авторе: ***Махмадалиева Мухаббат Рахмоновна*** - Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры журналистики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Бохтар, ул. Айни 67. E-mail: **mukhabbat.makhmadalieva@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-75-20-27**

Information about the author: ***Mahmadalieva Muhabbat Rahmonovna*** - Senior lecturer of the Journalism Department, Kurgan-Tube State University named after Nosiri Khusrav. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, St. Aiyni 67. E-mail: **mukhabbat.makhmadalieva@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-75-20-27**

УДК: 82

ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКОГО РОМАНА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XX ВЕКА

Мурувватиён Дж. Дж.
Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ

Чтобы определить закономерности формирования этой романной разновидности в таджикской литературе в последние десятилетия XX в., необходимо изучить предпосылки и тенденции, способствовавшие ее становлению. Жанр романа и его разновидности в таджикском литературоведении исследованы обстоятельно и подвергнуты всестороннему анализу в трудах Шукурова М. [12; 13; 14; 15; 16; 17], С. Табарова [10], А.Сайфуллаева [7; 8], Л.Н. Демидчик [3], Дж. Бакозаде [2], А. Набиева [6], Ш. Солехова [9], З. Улмасовой [11] и других таджикских литературоведов, исследовавших творчество писателей – романистов, отдельные романы, проблемы становления и развития романа в таджикской литературе. В большинстве из названных работ проделано достаточно заметное исследование также по дифференциации романов по их отношению к различным жанровым разновидностям романа, таким как социальный, бытовой, психологический, исторический, историко – революционный, биографический и т.д. Из них специальному исследованию подвергались исторический, историко – революционный, биографический и частично психологический романы. Однако ни в одном из названных исследований авторы не коснулись понятий «филологическая проза», «филологический роман» [4].

Настоящими предшественниками современного филологического романа в таджикской литературе по праву можно назвать работы ученых-филологов 20-50-х гг. и развитие документально-мемуарного жанра, имеющего двойственную природу (художественную и документальную). Этот жанр стал стрежневой базой в становлении литературного явления XX в. в таджикской литературе - филологического романа. Это был сложный процесс таджикской прозы – переоценка миропонимания, социально – нравственных представлений, идеалов, временем освоения европейских жанров – повести, романа, драмы и т.д. Мемуарный жанр стал все больше занимать особое место литературе данного периода, его жанровые критерии, позволяли вписать их в контекст эволюции романного жанра.

Таджикские литераторы первой половины XX века проявляли повышенный интерес к документально – мемуарному жанру, не только как к важному источнику знаний о жизни художника, творца слова, но и как возможность изображения духовно-нравственного развития личности самого автора, основанного на осмыслении прошлого. Но в них самопознание автора проявляется через оценку других лиц лишь посредством описания. Портретное изображение других лиц, их характеристика является не только структурной частью композиции этих произведений, но и способом самоописания, приемом психологического анализа. Все это делает мемуары особенно ценным и актуальным жанром литературы, отличающимся своей спецификой, которая, прежде всего, проявляется в его оперативной, действенной и практической значимости. Обращение к этому жанру для таджикских писателей первой половины XX в. явилось не только способом передать свои переживания, мысли и эмоции, но и было обусловлено стремлением изобразить своих современников, свою эпоху, рассказать историю, ярко и живописно описать не только творческие личности прошлых столетий, но и глубокую, впечатлительную, богатую натуру самого повествователя. Таким образом, происходит самопознание и самоанализ автора, сочетающиеся с оценочными характеристиками других. Но, при этом задача документально – мемуарного жанра заключается в другом, прежде всего, он поднимает и выдвигает злободневные вопросы художественной литературы того времени в зависимости от идеологических потребностей общества, и тем самым влияет на формирование общественного и идеологического сознания человека. Но он не может оставаться в рамках обсуждения и решения задач лишь своего времени. Интенсивно развивающееся время требует от него и выдвижения определенных гипотез, и предвидений относительно дальнейшего развития литературы. По своему материалу, достоверности и отсутствию вымысла документально – мемуарный жанр близок к исторической прозе, научно-биографическим, автобиографическим и документально-историческим очеркам, но преследует другие задачи. Возможно по этой причине, многие из них скорее являются фактом общественной жизни, чем собственно литературой. Мемуары имели двойственную природу: для историка структурная единица мемуаров – это зафиксированный документально точный факт, для филолога вопрос документальной точности недостаточен, его интересуют художественные достоинства, литературная выразительность произведения. Мы же в нашей работе рассматриваем филологический аспект мемуарного жанра и его мировоззренческо-эстетические новации, способствующие созданию основы для рецепции филологической литературы. Логично предположить, что усиление психологического фактора в мемуарной прозе привели ее к постепенной беллетризации, и прежде всего – «романизации» этой прозы. Тем более что поразительная пластичность структуры этого жанра ничуть не уступает в этом качестве роману, но и не сливается с ним. Здесь важно обратить внимание на его пограничность, смежность с романом и полуфункциональное положение. Подводя промежуточные итоги, мы можем сказать, что именно в этих условиях усилились поиски писателей в пограничном художественном пространстве: так, в связи с соотносимостью романа и мемуаров, в поле выдвинутых документально – мемуарным жанром филологических концептов произошло становление таджикского филологического романа.

Предвестником филологического романа в таджикской литературе, по праву, можно считать произведения С. Айни, на что указывают такие черты творчества писателя, как: «филологическая оглядка», «филологическое припоминание», определенный круг знаний, способность ориентации в культурном и историко-литературном дискурсе эпохи (и не одной), синтез мемуаров и эссеистики, афористическая манера письма, что стало знамением времени. В качестве материала для исследования в этом направлении мы взяли антологию «Образцы таджикской литературы» [1], где наблюдается совокупность литературоведческого, художественного, и культурологического текстов. По сути, антология была реакцией на тогдашние общественно-политические события, связанные с вопросами исторического бытия, культурного наследия и духовных ценностей таджикского народа и, если учесть тот факт, что в первой половине XX в., наравне с весьма важными, соответствующими духу времени процессами, происходит нарастание и негативных явлений в литературной жизни, то знаменательно, что «Образцы…» С.Айни могут представлять интерес для нас, как произведение, одной из важных тем которого было место интеллигенции в жизни общества.

Не случайно таджикские писатели-филологи конца XX в. считают себя учениками С. Айни, они шли к художественной прозе проложенным им путем, открывая и прокладывая свою тропу к нему. «Образцы…» состоят из трех частей, каждая из которых посвящена литературному процессу определенного исторического периода. Собранный автором материал о творческих личностях сопровождается биографической справкой, выделяющейся своей документальной достоверностью, где доминирует мемуарное повествование. Описание творческих личностей порой занимает всего лишь одну – две страницы или даже четыре – пять строк, и фактически носит информативный характер.

По замыслу автора, «Воспоминания» должны были охватить период с 80-х годов XIX в. до времени его сочинения. Инициатива С. Айни была продолжена такими писателями, как С. Улугзода («Авиценна», «Судьба поэта», «Рудаки», «Смерть Хафиза», «Ученый Адхам и другие», «Фирдоуси»); Р. Хади-заде («Блещет, плещет Мулиян», «Тавровая касида», «Танбур Дилкаша», «Ахмад Дониш», «Рассвет», «Соколиный взлет», «Звезда во мраке», «Не звезды падают»); Ю. Акобиров («Мир в надежде»); У. Кухзод («Этот долгий-предолгий день»); Р. Джалил («Сердце поэта»); А. Сидки («Дилшод») и др. Продолжая филологические поиски С. Айни, в 50-е годы Расул Хади-заде приступает к изучению литературных источников второй половины XIX в. и публикует ряд статей и монографию. Позже он непосредственно исследует жизнь и творчество Ахмада Дониша, а также подготавливает к печати его труды. Одновременно Р. Хади-заде представляет на суд читателей документальную повесть «Ахмад Дониш» [1960], в которой предпринимает свою первую попытку художественного осмысления жизненного пути мыслителя на основе достоверных фактов. Вообще, говоря, об исторической прозе, возникшей для возрождения былых нравственных и духовных ценностей, нельзя отрицать тот факт, что она приводит к развитию жанра романизированных биографий. А в мировой литературе данная тенденция наблюдается в творчестве А. Франса, Р. Ролана, С. Цвейга, Роже Мартен Дю Гара, которые посвящали свои произведения жизни и творчеству Людвига ван Бетховена, Микеланджело, Л. Н. Толстого. Отрадно отметить, что в этом контексте создается целый ряд прекрасной исторической прозы, такие как «Кюхля» и «Пушкин» Ю. Тынянова, «Радищев» и «Сумасшедший корабль» О. Форш, «Тарас Шевченко» М. Шагинян, «Хачатур Абовян» А. Бакунца, «Давид – строитель» и «Десница великого мастера» К. Гамсахурдиа, «Хайям» Хусейна Джевида, «Навои» Ойбека, «Вагиф» С. Вургуна, «Абай» и «Путь Абая» М. Ауэзова, «Меч и перо» М. С. Ордубады, «Мавлоно Мукими» С. Абдулла, «Стрела Махамбета» и «Возвращение учителя» А. Алимжанова.

Филологический анализ творчества писателей данного периода и такой исторический контекст позволяет нам считать, что в таджикской литературе в 20-50-е годы прошлого века уже существовали предпосылки становления филологического романа, но термина «филологический роман» в таджикском литературоведении не существовало; основные истоки становления этого жанра в таджикской литературе, как отмечено нами выше, следует искать в антологии «Образцы таджикской литературы», в которой объединяются историко-исследовательская работа С. Айни с его литературной деятельностью, где впервые в хронологической последовательности приводятся образцы наследия литераторов и, по мере возможности, воспроизведена творческая атмосфера, в некоторых случаях - отдельные эпизоды, раскрывающие манеру и причуды мастеров слова, также рассмотрен феномен их разносторонних художественных проявлений в процессе художественной, общественной, культурно - творческой деятельности. Обращает на себя внимание тот факт, который отметил в своей диссертации А. С. Махмадаминов [5], что отсутствие каких-либо книгохранилищ или рукописных фондов вынудило С. Айни 2 марта 1925 г. через газету «Овози тоджик» («Голос таджика») в статье «Обращение к ценителям таджикской литературы» обратиться за помощью к патриотам и ценителям родной словесности. Призыв ученого находит горячий отклик среди таджикской интеллигенции и почитателей литературы, оказавших ему неоценимую помощь в сборе материала. Кроме того, С. Айни обращается с письмами к поэтам и писателям, где просит содействия в сборе литературных и биографических фактов. При этом нельзя не отметить, что сам автор в поисках материалов обращается к историко-литературным источникам, ездит по городам и сёлам, встречается со старожилами, потомками литераторов недалекого прошлого, сохранившими в своей памяти подробности их биографий или фрагменты их наследия.

Историко – литературные фрагменты в антологии максимально реалистичны, они показывают дух и саму суть природы творчества художников более чем за тысячу лет истории таджикской литературы, где автор пытается найти ответы на острые социальные, политические и культурные вопросы.В своих работах, выступлениях, заметках и воспоминаниях ученые и литераторы А.Лахути, Е.Э. Бертельс, С.Нафиси, П.Н.Ханлари, Ян Рипка, И.Бечка, Х.Халили, И.С.Брагинский, Р.Хади-заде, Х.Мирзо-заде, М.Турсун-заде, С.Табаров, Р.Хошим, М.Шукуров, Н.Масуми, А.Маниязов,А.Сайфуллаев, Д.С.Комиссаров, А.Сатторов, Дж.Бако-заде, К.Айни, А.Я.Вишневский, Б.Валиходжаев, А. Махмадаминов, Р.Фиш, А.Абдуманнонов, А.Набиев, Ш.Рахмонов и другие затрагивали те или иные стороны этого произведения, отмечая, что антология охватывает наследие таджикской литературы с самого зарождения до первой четверти XX в.

Материалы, собранные в «Образцах таджикской литературы», являются ценным источником для исследования, как классической, так и новой таджикской литературы. Они содержат краткие, но имеющие определенный ресурс для развития, сведения о многих поэтах прошлого, особенно целого ряда мастеров слова XIX и начала XX в.в. Творческие портреты поэтов в антологии состоят из мелких штрихов, сделаных мозаично, но в них уже

вырисовываются контуры колоритного образа. Например: *«Файёз пири ҷаҳондидаву пурдон аст. Дар бораи сифилис ва сабаби пайдо шудани ӯ ва роҳи муҳофизат аз ин балои хонумонсӯз маснавие дорад. Алъон дар қайди ҳаёт аст ва ба пешаи соатсозӣ рӯзгору умр мегузаронад.»*// «*Файёз человек образованный и повидавший мир. Им написано месневи о возникновении сифилиса и способах лечения этой заразной болезни. В настоящее время в добром здравии и занимается часовщичеством»* [1, с.268][†].

Отличительными чертами этих описаний являются минимальные средства при максимальной выразительности, как, например, слово «кур»-«слепой» в следующем описании характеризует подчеркнутое поэтом Зухури отношение Шохина, части народа и самого Зухури к казию Бадриддину – главному судье Бухарского эмирата: *«Миёнаи Шамсуддин Махдум Шоҳин ва Қозӣ Бадруддин, ки бинобар тангии чашмаш душманонаш «кӯр» мегуфтанд, бад буд, Зуҳурӣ дар байти охир ба ҳамон ишора мекунад» // «Между Шохином и Казием Бадруддином, которого из-за узких глаз прозвали «слепым», отношение было плохое, на что в последнем бейте указывает Зухури»* [1, с.245]. Одним словом «кур» - «слепой» писатель смог подчеркнуть отношение общества к Казию Бадруддину.

Некоторые заметки представляют собой маленькие восхитительные исторические сокровища, передающие дух и его внутреннюю сущность. Писатель делает наброски, штрихи к творческому портрету каждого художника, порой легкие и ироничные: «*Туграл Шоҳинро мусоҳиб шудаву худро аз шогирдони ӯ мешуморид, лекин аз ашъораш маълум мешавад, ки шогирдиаш ба Шоҳин танҳо ба ном аст, танқиду тасҳеҳи ӯро надидааст. Зеро агар монанди Туграл як комилистеъдод аз мисли Шоҳин як устоди комил танқиду роҳбарӣ медид, ҳеҷ гоҳ ба ашъораш он қадар хомиҳо, ки ба девони Туграл дида мешавад, пайдо намешуд»*//«*Туграл беседовал с Шохином и считал себя его учеником, но по его стихотворениям видно, что это ученичество было только на словах, он не испытал его критику и корректировку. Потому если бы такой совершенно одаренный как Туграл действительно получал бы руководство такого совершенного наставника, как Шохин, то вряд ли в диване Туграла можно было бы встретить столько недоработок»* [1, с.244]. Передача идеи и чувств художника достигается автором путем тщательной проработки каждой детали. Многие маленькие эпизоды, приводимые им, являются темой для рассуждений и комментариев, в чем и заключается одна из причин современного научного интереса к «Образцам…» - на его примере мы можем проследить ситуацию формирования личности в соответствии со сложившимися обстоятельствами, а не вопреки, как ответы на сложные социокультурные вызовы. С. Айни старается использовать их для подтверждения своей идеи о пробуждении национального самосознания таджиков, которые в силу особых исторических, социально-политических и культурных условий оказывался в своеобразной изоляции от своей духовной истории: «*Дар таърих аз тарафи шовинистони миллатҳои дигар ҳам ин гуна «назарияҳо» сохтаву бофта бароварда шудаанд. Чунончи, яке аз шовинистони туркони усмонӣ, ки худ бошандаи Миср буд, як вақт исбот кардан хоста буд, ки Фирдавсии Тусӣ, Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аслан турканд. Шахсҳои машҳурро аз худ сохтан дар худи арабҳо ҳам дида шудааст. Чунончи, олими ҷаҳоншумул – Абӯалӣ ибни Синоро, ки дар тоҷик будани ӯ ҳеҷ шакку шубҳае нест ва муаллими сонӣ – Абӯнасри Форобиро, ки аслан турк аст, арабҳо «олимони араб» гуфта, дар таърихи дунё ба қалам дода буданд (шарқшиносони Ғарб ҳам ба асоси манбаъҳои арабӣ чанд гоҳе инҳоро олимони араб мешумурданд)»* // «*Такие выдуманные «теории» шовинистами других национальностей существуют и в истории, как, например, один из османских турков – шовинистов, живший в Египте, пытался доказать, что Фирдоуси, Саади и Хафиз Ширази являются турками. Присваивание известных личностей наблюдается и у арабов. Например, известного на весь мир ученого Абуали ибн Сино, в том, что он таджик, нет никакого сомнения, и второго учителя - Абунасра Фороби, который в действительности являлся турком, арабы представили миру как «арабских ученых» (европейские востоковеды также, опираясь на арабские источники, какое-то время считали этих ученых арабами)»* [1, с.369]. Как мы видим, эти небольшие комментарии относительно творческих личностей, описания некоторых чудных историй, связанных с личностью литераторов, усиливают в «Образцах…» биографический аспект произведения. Но антология этим не ограничивается. В ней каждое описание глубоко вплетается в повествование, оставив полный простор для всякого рода предположений и гипотез, как, например, диалог поэтессы Нодирабегим и ее мужа Умархона: *«Танҳо аз «Таворихи хамсаи шарқӣ» суолу ҷавоби форсии зер ба номи ӯ аз рӯйи гумон нақл шудааст.*

Суолу ҷавоб:

Суоли Умархон: Зери домони ту пинҳон чист, эй гулпираҳан?

[†] Здесь и далее переводы таджикских текстов на русский язык даются в подстрочном переводе диссертанта, Страницы на это издание приводятся в тексте в круглых скобках.

Ҷавоби Нодира: Нақши сумми оҳуи Чин аст дар барги суман.
Умархон: Боз ташбеҳи дигар кун, то бигардам аз сарат.
Нодира: Ғунчаи серобро монад, ки нашкуфта даҳан»//

«Только в «Таворихи хамсаи шарқӣ» существует диалог на фарси, предположительно отнесенный ей: «Вопрос Умархона: Что скрыто под твоим подолом, эй, красавица?//Ответ Нодиры: «След копыта от китайского оленя, скрытый в листьях суман // Умархон: «Сравни еще с чем-нибудь, чтобы сойти от тебя с ума // Нодира: «Словно сочный, не раскрывшийся бутон» [1, с.116].

В отдельных случаях строгость и благочестивое повествование нарушает небольшой роскошный рассказ. И мы с удивлением, а порой даже с некоторым разочарованием обнаруживаем, что сложные образы художников теряются в излишней рацеи, в таких случаях писатель помогает удерживать их маленькими неожиданными жемчужинками - историями: *«Меҳрӣ багоят зарифаву ҳозирҷавоб буда, чунончи дар тазкираи «Оташкада» манқул аст, ки рӯзе Меҳрӣ дар хидмати Гавҳаршодбегим машғули суҳбат буд, ки шавҳараш Хоҷа Абдулазиз аз дур намоён шуд. Бегим чандеро маъмур кард, ки хоҷаро зудтар вориди маҷлис намоянд. Маъмурин ҳарчанд исрор мекарданд, хоҷа, ки зотан пиру заиф буд, илова бар ин, барои хушии хотири Бегим зиёдатар дар роҳ рафтан изҳори заъфу нотавонӣ мекард. Бегим ба Меҳрӣ гуфта, ки то омадани хоҷа шеъре мушъир бар заъфи ӯ гӯянд. Меҳрӣ дар бадеҳа ин шеърро гуфта:*

Маро бо ту сари ёрӣ намондаст,
Дили меҳру вафодорӣ намондаст.
Туро аз заъфу пирӣ қуввату зӯр,
Ҷунон ки пой бардорӣ, намондаст.
(Алҳақ, багоят хуб гуфта!)»

//«Рассказывают, что Мехри была смышленна и очень остроумна, как написано в антологии «Оташкада», однажды, когда Мехри находилась на службе в доме Гавхаршодбегим и была занята беседой с ней, из далека показался ее муж Ходжа Абдулазиз. Бегим поручила нескольким пригласить ходжу войти к ним. Ходжа, будучи старым и слабым человеком, отказывал служащему, несмотря на его мольбы, к тому же, чтобы развеселить Бегим, надо было пройтись больше. Бегим попросила Мехри сочинить специальное стихотворение, пока ее муж добирается до них. Мехри экспромтом прочла эти строки: Не осталось любви у меня к тебе. // Не осталось желания быть верной тебе.// Так же, как из-за старости и бессилия.// Не осталось мощи у тебя идти ко мне» (Воистину, сказано прекрасно!) [1, с.114-115].

Здесь, мы видим, что личность художника и способность его творческого воображения не были обойдены вниманием. Таким образом, Айни вводит художника в общественное сознание не только посредством его произведений, но и его личности, характера. Важно подчеркнуть, что в «Образцах…» и во многих произведениях этого периода, посвященных теме художника, которых мы рассмотрим далее, писатели пытаются показать стремление художника занять достойное место в духовной жизни, не благодаря соответствию стандарту, а именно: в силу его непохожести на других, индивидуальности, только ему присущим качествам. Тем центром, вокруг которого происходила кристаллизация чувств, идей, представлений, рассеянных в духовной атмосфере эпохи, становилась его жизнь, а не творчество. Автора больше интересует роль и место творческой личности в системе приоритетов духовной жизни: *«Гӯянд, вақте лашкари Чингизхон Хеваро муҳосира карда, хон, ки шӯҳрати шайхро шунида буд, амр фармуд, то шайх аз шаҳр барояд ва дар қатли ом талаф нашавад. Шайх қабул накард ва гуфт: «Умре ба ин мардум ба сар бурдам, дар вақти вуҷуди бало худро ба соҳили саломат кашидан ва эшонро танҳо гузоштан аз мардумӣ нест». Оқибат дар он қатли ом шаҳид шуд»//* «*Рассказывают, что когда войско Чингизхана оккупирвало Хиву, хан, наслышанный о славе шейха, предложил ему покинуть город, дабы не быть убитым в массовом истреблении. Но Шейх отказался и сказал: «Я всю жизнь прожил с этим народом, и теперь, когда на него нагрянула беда, бесчеловечно отойти на безопасный берег и оставлять их одних»* [1, с.75].

Таким образом, мы видим, что, несмотря на описание уникальных характеров харизматичных личностей, художников и мыслителей, все же в произведении отсутствует исследование природы творческого процесса, через мировосприятие художника, путем исследования механизмов творческой лаборатории художника, введения цитат и текстов из творчества художников, исследуемого периода, состоящее из подготовки, созревания, пика творческого акта – «озарения», проникновения в сознание новой идеи. Но - это и не входило в задачу С. Айни, хотя внешний образ каждого художника в произведении тщательно выверен, продуман им, каждый штрих, портрет выписан старательно. Все это дает нам право утверждать, что идея творческого акта, все же вмонтирована в идею данной антологии, так как весь комплекс действий, восприятий, поведений художников, описанных в «Образцах…», в

конечном счете, диктуется целями творчества, хотя и в обстановке острого социального противостояния, в связи с чем в Таджикистане происходит интеллектуальная активность.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. - Душанбе, 2010. - 420 с.
2. Бакозода Дж. Равзанаи меҳр. - Дар китоби: Ҷӯрахон Бақозода. Андеша ва чехраҳои адабӣ / Дж. Бақозаде - Душанбе: Адиб, 2005. — С. 3-21.
3. Демидчик Л.Н. Сотим Улуғзода / Л.Н. Демидчик // Эъҷози сухан. - Душанбе: Адиб, 1992; Демидчик, Л.Н. Таджикская драматургия 40-50-х годов – Душанбе: Ирфон, 1965.
4. Ладохина О. Ф. Филологический роман как явление историко-литературного процесса XX века / О.Ф. Ладохина. – Северодвинск, 2009. - 182 с.
5. Махмадаминов А. С. Образцы таджикской литературы С. Айни и литературный процесс 20-х годов: дисс…. канд. филолог. наук / А. С. Махмадаминов. - Душанбе, 1993. - 160 с.
6. Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср: маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе: Адиб. - 2009. - 324 с.
7. Сайфуллоев А. Ҷону ҷаҳони наср / А. Сайфуллаев. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 539 с.
8. Сайфуллоев, А. Тафаккур ва образ / А. Сайфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 168 с.
9. Сайфуллоев, А. Уфуққои тозаи наср / А. Сайфуллаев. - Душанбе: Адиб, 2006. - 768 с.
10. Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он: Маҷмӯаи мақолаҳо / Ш. Солехов. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 345 с.
11. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 224 с.
12. Улмасова З.Х. Истиқлол ва инкишофи романи таърихӣ (охири асри XX ва ибтидои садаи XXI) / З.Х. Улмасова. − Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. - 344 с.
13. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо. Насри солҳои 1945-1974: дар 6 ҷилд / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. - Ҷ. IV. - 384 с..
14. Шукуров М. Анъана, халқият, маҳорат. Маҷмӯаи мақолаҳо / М. Шукуров. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. - 232 с.
15. Шукуров М. Сотим Улуғзода / М. Шукуров. − Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. - 73 с.
16. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 160 с.
17. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ (Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик). Маҷмӯаи мақолаҳо / М. Шукуров. − Душанбе: Ирфон, 1976. — 272 с.
18. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 456 с.

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ РОМАНИ ФИЛОЛОГӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИ АСРИ XX

Дар мақола бори аввал масъалаи ташаккули романи филологӣ дар адабиёти тоҷики асри XX баррасӣ мегардад. Дар тадқиқот кӯшиш ба харҷ меравад, ки махсусиятҳои романи филологӣ дар адабиёти тоҷик дар заминаи романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода муайян карда шаванд. Муҳиммияти чунин тадқиқ бо тақозои баррасии масъалаи типологияи роман, зарурати омӯзиши раванди адабии муосир дар манзари анъанаҳои таърихӣ ва навоварӣ дар адабиётшиносии тоҷик, инчунин бо тавсеа ва аз байн рафтани сарҳадҳои жанрӣ ба миён омадааст. Мутаассифона, дар адабиётшиносии тоҷик оид ба таъйиноти назариявии ин гунаи жанри роман ҳарфе гуфта нашудааст, дар фарҳангҳову донишномаҳо аз он ёде ҳам намешавад. Ҳол он ки дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии асри XX рус кӯшиши омӯхтани хусусиятҳои романи филологӣ борҳо сурат гирифта, ин истилоҳро муаррихони адабиёт, ноқидон ва худи нависандагон дар нисбати падидаҳои гуногуни адабӣ фаровон истифода намудаанд. Тадқиқоти мо кӯшиши муносибати нав ба омӯзиши романи тоҷикӣ дар мавзӯи тасвири табиату шахсияти эҷодкор ва раванди эҷод аст. Дар мақола асаре баррасӣ мешавад, ки қаҳрамони марказиаш эҷодкор, шоир ва асоси сужааш касби ӯст. Дар ҷараёни тадқиқи заминаҳои ташаккули романи филологӣ дар адабиёти тоҷикии асри XX муаллиф кӯшидааст, ки ҳузури падидаи романи филологиро асоснок намояд.

Калидвожаҳо: романи филологӣ, адабиёти тоҷик, пешгуфтор, ташаккул, жанри ҳуҷҷатӣ - хотиранависӣ, дарки ҷаҳон, раванди эҷодӣ, механизмҳои озмоишгоҳи эҷодкор.

ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКОГО РОМАНА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XX ВЕКА

В статье впервые рассматривается вопрос становления филологического романа в таджикской литературе XX века. Исследование этой проблемы является первой попыткой определения специфических свойств филологического романа в таджикской литературе XX века, предшественниками которого автор считает работы ученых-филологов 20-50-х гг. и развитие документально-мемуарного жанра. Фактически, этот жанр своей двойственной природой (художественной и документальной) стал стрежневой базой в становлении литературного явления XX в. в таджикской литературе - филологического романа. В процессе переоценки миропонимания, социально – нравственных представлений, идеалов, освоения европейских жанров – повести, романа, драмы и т.д., мемуарный жанр стал все больше занимать особое место в литературе данного периода. Жанровые критерии мемуарного жанра позволяли вписать их в контекст эволюции романного жанра. Предвестником филологического романа в таджикской литературе, по праву, можно считать произведения С. Айни, на что указывают такие черты творчества писателя, как: «филологическая оглядка», «филологическое припоминание», определенный круг знаний, способность ориентации в культурном и историко-литературном дискурсе эпохи (и не одной), синтез мемуаров и эссеистики. В качестве материала для исследования в этом направлении мы взяли антологию «Образцы таджикской литературы», где наблюдается совокупность литературоведческого, художественного и культурологического текстов. Но в этом произведении отсутствует исследование природы творческого процесса, через мировосприятие художника, введение цитат и текстов из творчества художников, исследуемого периода, путем исследования механизмов творческой лаборатории художника, состоящих из подготовки, созревания, пика творческого акта – «озарение», проникновения в сознание новой идеи. Но - это и не входило в задачу С. Айни, хотя внешний образ каждого художника в произведении тщательно выверен, продуман им, каждый штрих, портрет возделан старательно.

Ключевые слова: филологический роман, таджикская литература, предисловие, становление, документально-мемуарный жанр, мировосприятие, творческий процесс, механизмы лаборатории творца.

BACKGROUND OF THE PHILOLOGICAL NOVEL FORMATION IN THE TAJIK LITERATURE OF THE XX CENTURY

In the article the question of the formation of the philological novel in the Tajik literature of the twentieth century is considered for the first time. The study of this problem is the first attempt to determine the specific properties of the philological novel in the Tajik literature of the twentieth century, in the predecessors of which the author considers the work of scholars of philology of the 20-50s. and the development of a documentary-memoir genre. In fact, this genre with its dual nature (artistic and documentary) became the core of the formation of the literary phenomenon of the twentieth century in the Tajik literature - a philological novel. In the process of reassessing the world outlook, social and moral ideas, ideals, the time of mastering European genres - novels, novels, dramas, etc., the memoir genre has become increasingly important in the literature of this period. The genre criteria of the memoir genre allowed them to be written into the context of the evolution of the novel genre. The harbinger of the philological novel in the Tajik literature, by right, can be considered the works of S. Aini, as indicated by such features of the writer's work as: "philological examination", "philological recall", a certain range of knowledge, the ability to orientate in the cultural and historical literary discourse of the era (and not only one), the synthesis of memoirs and essays. As a material for research in this direction, we took the anthology "Samples of Tajik Literature", where there is a combination of literary, artistic, and culturological texts. But in this work there is no study of the nature of the creative process, through the artist's worldview, the introduction of quotations and texts from the creativity of artists, the period under investigation, by studying the mechanisms of the artist's creative laboratory, consisting of training, maturing, peak of the creative act - "enlightenment", penetration into the consciousness of a new ideas. But - this was not included in the task of S. Aini, although the external image of each artist in the work is carefully verified, thought out by him, every stroke, the portrait is cultivated diligently.

Key words: philological novel, Tajik literature, foreword, formation, documentary-memoir genre, perception of the world, creative process, mechanisms of the creator's laboratory.

Сведения об авторе: ***Мурувватиён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. Рудаки АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **Alika-xan@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-770-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** - Institute of language and literature Rudaki Academy of Sciences of Tajikistan, the applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **Alika-xan@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-770-22-33**

УДК: 891.550-1

ШЕЪРУ ШОИРӢ АЗ НАЗАРИ АБДУЛБАРАКОТИ БАҒДОДӢ

Одинаев Н.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Алӣ ибни Малик Абдулбаракоти Бағдодӣ дар шаҳри Балади Ироқ тавлид ёфтааст ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ ӯро бо лақаби Баладӣ ёд мекунанд ва дар осори илмию адабии асри XIII бо тахаллуси Авҳадулзамон низ шуҳратёр аст. Дар байни файласуфони асримиёнагӣ осори илмии Бағдодӣ маълуму машҳур мебошад. Дар сарсухани маҷмӯаи "Рисолаҳои шеърии файласуфони мусулмон" [6, с.135-142]. Абдулбаракоти Бағдодӣ аслан яҳудиасл қаламдод шудааст. Ӯ дар синни пирӣ ба ислом гаравида, соли 560-и ҳиҷрии қамарӣ аз дунё даргузаштааст.

Абдулбаракоти Бағдодӣ зимни баррасии масоили марбут ба назарияи шеър ба таълимоти фалсафии Ибни Сино дар мухолифат қарор гирифта, "хаёлангезӣ"-ро дар бунёди шеър ба эътибор намегирад. Назариёти илмӣ ва эстетикии ӯ асосан дар китоби "Ал-муътабар фил ҳикмат" зикр гардидааст. Аз рӯйи муҳокима ва баррасиҳои ӯ маълум мегардад, ки ақоиди илмии ӯ на танҳо аз фалсафаи Ибни Сино, балки аз таълими мутафаккирони асримиёнагӣ тавофут дорад. Ӯ равиши таҳқиқ ва пажӯҳиши хосси худро дорад, яъне Бағдодӣ на мисли Ибни Сино тарҷума ва талхиси рисолаи Арастуро зарур медонад ва на монанди Форобӣ бар он аст, ки тасвири куллиро аз назарияи юнонӣ шинохтанро талқин намояд. Чи хеле ки аз муқаддимаи рисолаи "Саноати шеър ва аҳдофи шоирон" – и ӯ [6, с.135-142] бармеояд, шеваи шинохти ӯ бар назарияи шеър мутаносиб ба муқоиса ва татбиқи ду назарияи шеърии юнонӣ ва арабӣ – исломӣ буда, аҳамияти таҳқиқоти ӯ дар он аст, ки истиқлоли ду назарияро ҳифз карда ва монанди Ибни Рушд ва Бутиқои арабӣ- исломиро таҳтулшуои назарияи юнонӣ қарор надодааст. Ин равиши шинохт Абдулбаракоти Бағдодиро аз равияи назарияи мантиқиён оид ба шинохти шеър ва чигунагии он ҷудо карда, бештар ба назарияи шинохти адабиётшиносон наздик менамояд.

Абдулбаракоти Бағдодӣ зоҳиран дар шинохти шеъри аъроб назарияи Арастуро меҷӯяд: "Арасту он чиро дар зайли ин фан қарор мегирад, "Нутириқо" номида, ки баробарниҳодаи арабии он "умури марбут ба шеър аст" [6, с. 135]. Ӯ мекӯшад тавофут ва умумияти назари Арастуро дар нисбати суннати адабии асримиёнагии ниёгон муайян

намояд. Ин андешаро Бағдодӣ аз назари мантиқии худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад, ки ин бозгӯйи номутаносибии назарияи мантиқӣ бо шинохти адабии шеър мебошад. “Дар суннати мо шеърияти шеър вобаста ба вазн ва қофия аст, ки лафз ва маъно дар қолаби он ироа мешавад” [6, с.135]. Чи хеле ки мебинем, Бағдодӣ вазну қофияро аз омилҳои муҳимтарини ҳунари суханварӣ дониста, лафзу маъноро, ки муҳимтарин василаи офариниши шеърият мебошанд, нодида мегирад. Тазаккур бояд дод, ки Бағдодӣ дар баррасиҳои худ бештар ба суннати адабии суханварон наздик мешавад ва ба унсурҳои зотии шеър эътибор надода, бо ин назар аз фаҳмиши аҳли мантиқ дур мешавад. Шояд Бағдодӣ бо ин васила мухолифати худро нисбати мантиқиёне, ки унсури “хаёлангезӣ”-ро аз дигар унсурҳои шеър муқаддамтар медонистанд, нишон додан мехоҳад.

Бағдодӣ ҳар гуна сухани мавзунро шеър намеҳисобад ва дар ҳар мавриди муносиб мавҷудияти қофияро аз муҳимтарин унсури шеър мешиносад: “Каломи мавзуне, ки дар авзон таърифшуда дар китобҳои арӯзиамон суруда нашуда ва қофияи лозим барҳурдор набошад, шеър нест ва аз шеър баҳрае ҷуз ном надорад” [6, с.135]. Гумон меравад, ки “дар авзон таърифшуда” гуфтаи Бағдодӣ шояд дорои вазн будани каломро дар назар дошта, “дар китобҳои арӯзиамон суруда нашуда” - гуфтаи муаллиф, мутобиқ наомадани ин калом бо меъёрҳои арӯзи суннатии ниёгонро дар назар доштанаш аз эҳтимол дур нест.

Бағдодӣ бештар бо усули муқоиса мехоҳад бартарияти шеъри халқҳои замони худро нишон диҳад. Аз муҳокимаҳои Бағдодӣ бармеояд, ки ӯ ба Арасту ва шеъри юнониҳо он қадар хушбин нест. Ҳатто бартарии маънӣ нисбат ба алфозро, ки дар дар таълимоти Арасту таъкид гардидааст, ба назар намегирад: ”Тафовути умдаи суннати шеъри юнониён бо мо дар он аст, Арасту шеърияти шеърро вобаста ба ҳавзаи маъноии алфоз медонад, на худи алфоз. Дар назари ӯ [Арасту дар назар аст – О.Н.] маънои шеърӣ дар равони одамӣ қабзу басит эҷод карда, муҷиби гароиши ӯ ба чизе алоқаманд ва аз умуре мутанаффир мекунад” [6, с.135].

Бағдодӣ нақши тахайюлро дар бунёди шеър барҷаста нишон дода, “амри тасдиқӣ”-ро низ бад-он вобаста медонад: “Ин бад-он маъност, ки шеър таъсире шабеҳи амри тасдиқӣ бар мухотаб гузошта, табдил ба қиёс мешавад; мунтақо қиёс, ки муқаддамоташ ба эҷоди тахайюл мунҷар мешавад” [6, с.136]. Дар муҳокимаронҳои Бағдодӣ ифодаи “каломи иқтиноъ” ба мушоҳида мерасад, ки ба назари мо, мнзураш аз ин ифода нишон додани хитоба ва вижагиҳои он мебошад.

Бағдодӣ тахайюлро василаи таъсиррасонӣ бар вазъи равонии мухотаб меҳисобад ва ба хулосае меояд, ки он метавонад сабаби ба вуҷуд омадани ҳар гуна рӯйдодҳои эҳсосӣ гашта, ҳолати рӯҳии мухотабро зери таъсироте қарор диҳад: “Тахайюлоти шеърӣ, ки коркарди шабеҳи тасдиқ дорад ва таъсироте чун алоқа ва танаффурро дар нафси одамӣ падид меоварад, вокунишҳои отифӣ аз қабили шигифтӣ, бузургдошт, тарс, таҳқир, сустӣ ва сари зиндагиро дар равони мухотаб эҷод мекунад ва ғараз аз он муҳаққақ кардани эътиқоди яқине ва эътиқоди занне нест” [6, с.136].

Дар баррасиҳои илмии Бағдодӣ ихтилофоти назар дар нисбати шинохти шеър ва вижагиҳои он хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар оғози рисола ӯ маъниро аз ҳама унсурҳои асосии шеър медонад, вале дар мавриди дигар дар эъҷоди шеър сухани “мавзун ва муқаффо”-ро зарур медонад ва мавзуниро дар бунёди шеър таъкид намуда, воситаҳои ифодаи мазмунро ба эътибор намегирад: “Дар назари шоирони мо [шояд форсизабон дар назар бошад - О.Н.] муҳим ин аст, ки каломи мавзун ва муқаффо ва бад-ин нуқта таваҷҷуҳ намешавад, ки мазмуни шеър ба такзиб ё тасдиқ меанҷомад ё ба тахайюл ва иҳом” [6, с.136].

Дар ин ҷо муҳаққиқ бар он ақида аст, ки аҳли сухан аз пайи истифодаи унсурҳои зоҳирии шеър шуда, офариниши мазмунро камтар ба эътибор мегиранд.

Бағдодӣ таълимоти Арастуро қабул надорад ва ҳар ҷо сухан аз шеъри юнонӣ равад, ҳамоно ҳар бартарияти зотии шеъри онҳоро бо ҳар восита инкор мекунад:“Шеъре, ки Арасту дар бораи он суҳбат мекунад, каломест қиёсӣ, ки аз муқаддимоти ёдшуда ташкил шуда бошад. Арасту мегӯяд: “содиқ ё козиб будан хуб ё зишт будан аз шууруи ин муқаддимот нест, балки шарти лозимашон ин аст, ки ҳатман хаёлангез бошад” [6, с.136]. Агар ба ин нигошта таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки Бағдодӣ вижагиҳои зерини таълимоти Арасту - каломест қиёсӣ ва суханест хаёлангезро қабул надорад: Вале Бағдодӣ “каломи қиёсӣ”-ро, ки аз таълимоти илмии Арасту бармеояд, чанд маротиб зикр намояд ҳам, вале дар шарҳи ин ифода худдорӣ менамояд. Дар ҳолате, ки ин ифода дар осори илмии мантиқиён мавқеи муҳим дорад.

Аввалан, бояд амиқ намуд, ки каломи қиёсӣ дар шеър чӣ аҳамият дорад ва мавҷудияти он дар қалами мавзун чӣ нақша бозида метавонад.

Қиёс ё қавли қиёсӣ дар осори файласуфони асримиёнагӣ, хоссатан дар осори Форобӣ ва Хоҷа Насир хеле равшан таҳқиқ шудааст. Чун Форобӣ аз каломи қиёс ҳарф мезанад, муродаш аз ин ифода, каломест устувор бар қиёсати мантиқӣ мебошад. Ба андешаи ӯ қиёси мантиқӣ каломест, ки он дорои хусусиятҳои суғро, кубро ва натиҷа бошад. Сарфи

назар аз ин ки ин суғро, кубро ё натиҷа мумкин аст, дуруст бошад, ё ғалат, Форобӣ ҳар каломро, ки дорои чунин хусусият бошад, қиёс меномад.

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ бошад, мафҳуми қиёсро бидуни шинохти Форобӣ аз нигоҳи дигар баррасӣ менамояд ва вазифаи онро бештар дар ҷалб намудани сухан бар мухотаб медонад. Тӯсӣ дар ин маънӣ мегӯяд: “Қиёс қавле бошад, муштамил бар зиёдат аз як қавли ҷозим, чунонки аз вазъи он қавлҳо болаззат қавле дигар ҷозими муайян бар сабили изтирор лозим ояд” [8, с.421]. Яъне, сухане, ки таъсираш аз қавлҳои дигар бештар ва ҷозибтар бошад, онро қиёс меҳисобад. Чунонки маълум гардид, шеъре, ки Арасту мехоҳад, каломест дорои хусусияти қиёсӣ ва мухотабро дар ҳама ҳолат аз намудҳои дигари сухан зери таъсири худ қарор дода метавонад. Бағдодӣ агар ин гуна шеърро, ки Арасту мехост, қабул надошта бошад, пас шеъри дорои вазну қофия танҳо бо хусусиятҳои зоҳирӣ наметавонад бар хонанда таъсир расонида тавонад.

Бағдодӣ дар рисолаи худ мавҷудияти вазну қофияро хусусияти зотии шеър ҳисобида, ба чунин натиҷа мерасад, ки ҳатто сухан образнок набошад ҳам, сухани муқаффо ва мавзунро метавон асоси бунёдии каломи мавзун ҳисобид. Мутобиқ ба суннати шеърии ниёгон муқаддамоти шоирӣ бояд бо вазн ва қофия ҳамроҳ бошад ва камоли мавзуну муқаффо ҳатто агар муҳокоте набошад, шеър номида мешавад- изҳор менамояд Бағдодӣ. Дар ин андешаҳо муҳаққиқ бо аҳли мантиқи асримиёнагӣ ҷуз Форобӣ, Ибни Сино ва Хоҷаи Тӯсӣ зид мебарояд. Ва дар ҷойи дигар “каломи бо тахайюл ва муҳокот ҳамроҳ”- ро дар радифи шеър намеҳисобад. Бағдодӣ ин нуқтаро бе ягон далел ё санад баён намуда, аҳамияти вазну қофияро муҳим арзёбӣ мекунад. “Баръакс, агар калом бо тахайюл ва муҳокот ҳамроҳ бошад, аммо вазн ва қофия надошта бошад, онро шеър ба шумор намеорем. Он чи дар рӯзгори мо ба исми шеър шинохта мешавад, ҳамон аст, ки дар илми арӯз омода ва муҳим нест, ки аз ҷиҳати сурат ва модда чӣ гуна бошад”[6, с.138] Дар ин ҷо Бағдодӣ бо аҳли мантиқ мувофиқ набудани худро аз ду ҷиҳат баён мекунад: ”калом ва тахайюл ва муҳок ҳамроҳ” буданро барои шеър муҳим намеҳисобад ва бо ин андеша тахайюлро, ки аҳли мантиқ аз муҳимоти шеър медонистанд, инкор мекунад. Дар ҷойи дигар мутобиқати сурат ва модда шояд лафзу маъниро дар назар дошта, онро низ дар назар намегирад, ки онҳо ҳама аз назари аҳли мантиқ маншаъ мегирад. Масалан, Ибни Сино шеърро аз санъатҳои мантиқӣ меҳисобад ва дар шаҳри он чунин менигорад: “Шеър каломест, ки аслан ба дунболи эҷоди тасдиқ нест, балки ҳадафаш эҷоди тахайюл аст” [3, с.65]. Аз ин нукта бармеояд, ки Бағдодӣ дар асоси назари Шайхурраис ба чунин нукта мерасад, ки ваҷҳи ташхис ва тамоизи шеър дар ин аст, ки аввалан дар садади эҷоди тахайюл аст: ”Ҳар қиёсе, ки дарбардорандаи муҳокот ва тахайюл бошад, шеър аст, тафовуте ҳам надорад, ки муқаддамоташ содиқ бошад [бурҳон], аз умури машҳур таълиф ёфта бошад [ҷадал] ва ё аз падидаҳои мазнунӣ ташкил шуда бошад, ки заминаи ғолибашон сидқ аст [хитоба], зеро дар шеър моддаи сухан аҳамият надорад, хаёлангез будани он муҳим аст”- қайд мекунад Бағдодӣ.

Асолати “тахайюл” дар шеър, дар назари файласуфони мусулмон чандон аст, ки дар равони одамӣ қабз ва басоте падид оварад [3, с.65].

Дар назари Хоҷа Носир [3, с.513] “каломи хаёлангез ё шоирона он аст, ки инфиъол ё эҷод кунад ва тавофуте ҳам надорад, ки муқтазоиа тасдиқ бошад. Ба назари Бағдодӣ мумкин аст, каломе аз ҷиҳати иқтизои тасдиқ кунад ва аз ҷиҳати дигаре иқтизои тахайюл. Хоҷаи Тӯсӣ бошад “эҷоди интиъол”-ро ба унвони шохаи аслии шеър муаррифӣ кардааст, на “тахайюл будан ва тасдиқӣ набудан”-и он набояд моро ба хато афканад ва тасаввур кунем, ки ӯ бо дигарон ихтилофи назари асосӣ дорад.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки файласуфони мусулмон бо кадом ҳадаф ё далел шеърро аз саноотҳои мантиқӣ муаррифӣ намудаанд. Ниҳоят, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Бағдодӣ ва Хоҷа Носир дар осори худ ба равишҳои гуногун ба дурустӣ дарёфтанд, ки аксарияти қариб ба иттифоқи мардум ба тахайюл ва тахайюли шоирона гароиши бештаре доранд, то истидлол ва бурҳони ақлӣ ва ҳастанд аз шеър, ба унвони абзоре дар хидмати таълим ва тарбияти мардум баҳра гиранд. Иртиботи шеър бо саноати мантиқӣ ин имконро ба онҳо медиҳад, ки онро ба сурате дароваранд, ки коркардаш мутаносиб бо ақоиди онҳо бошад, яъне дар чаҳор ҷанбаи ақл ва мантиқ ҷой гирад.

Бағдодӣ шеъри хубро аз назари файласуфон ба мушоҳида мегирад ва нишонаи асосии он дар “маънои мазкурро дар ҷомаи тахайюл ва муҳокот”- арза карданро таъкид менамояд. Аз рӯйи муҳокимаҳои баъдӣ хулоса кардан метавон, ки Бағдодӣ ба ақидаи файласуфон ҳамроҳ набуда, балки бо ифодаи суннати мо мавқеи худро дар нисбати шинохти шеър муайян менамояд ва бештар ҷониби адабиётшиносон мебошад.

Бағдодӣ масъалаи шинохти шеърӣ хубро ба миён мегузорад ва дар баррасии он ҳам мухолифати худро бар аҳли мантиқ нишон медиҳад. Ӯ сараввал “шеър”-и хубро аз назари файласуфон таҳлил намуда, сипас “дар суннати мо шеъри хуб” гуфта, боз бо вазну қофия такя менамояд. Ва “шеъри хуб”-и файласуфонро дорои хусусиятҳои зерин медонад:

1. Маънои мазкурро дар ҷомаи тахайюл ва муҳокот арза кунад.

2. Ҳовии анвои суханони илмӣ ва ҳукмӣ ё ривоятҳои муҳим ва содиқ бошад.
3. Шоир суханашро на бо алфози қабеҳ, балки бо алфозе баён мекунад, ки фарҳангиён ба кор мебаранд.

Дар суннати мо бошад, Бағдодӣ шеъри хубро бартарияти бештар медиҳад ва кӯшиш менамояд назари файласуфонро дар зери шубҳа ва ба фаҳмиши мо бегона ҳисобад. Бағдодӣ назари худ ва тарафдоронашро дар суннати мо баён намуда ба ин шинохт бештар эътимод дорад: “Дар суннати мо, моддаи шеър, худ каломест:

1. Яъне алфозе, ки дорои маъно бошад, чӣ маънои арзишманд ва чӣ маънои беарзиш.
2. Ва сурати шеър вазн ва қофия аст.
3. Ва шеъри хуб он аст, моддаи он аз алфоз ва ибороте ташкил шуда бошад, ки назди фарҳихтагон мутадовили олӣ ва ба завқи соҳибони фазилат созгор.
4. Дарбардорандаи ҳикмат ва дониш бошад.
5. Тахайюл ва муҳокот бештар аз дигар аносир бо мақосиди шоирона муносиб бошад” [6, с.138].

Бағдодӣ каломи хаёлангез ва муҳокотро дар шеър муҳим меҳисобад ва онро аз муҳимоти “мақсади шоирона” нишон медиҳад: “... ҳарчанд, ки дар назари мо тахайюл ва муҳокот бештар аз дигар аносир бо мақсади шоирона муносибат дорад [6, с.137].

Бағдодӣ “шеъри хуб“-ро аз ҷиҳати “сурат” такя бар “суннати мо” намуда, шеъреро ҷонибдорӣ менамояд, ки он ба назари аҳли адаб созгор мебошад: “Дар суннати мо шеъри хуб аз ҷиҳати сурат он аст, ки;

1. Дорои вазн, қофияи сеҳеҳ бошад.
2. Хубтар замонӣ аст.
3. Калимоти қофия ташбеҳи бештар ба якдигар дошта бошанд.
4. Ба таври куллӣ дорои санъати лузуми мо лоялузум бошад” [3, с. 138, 180].

Дар зери мафҳуми “лузуми мо лоялузум” Бағдодӣ бештар ба хусусияти шаклии шеър таваҷҷуҳ менамояд, яъне ин истилоҳ иборат аз ин аст, ки гӯянда пеш аз ҳарфи равӣ як ё чанд ҳарф ва ҳаракатро такрор кунад, бо он ки саҷъ ва қофия бидуни он ҳам дуруст ва комил аст.

Ниҳоят мафҳуми муҳокот аз назари Бағдодӣ берун намондааст ва ӯ се навъи муҳокотро меорад, ки аз ҳисоби санооти бадеӣ мебошанд, ба василаи онҳо муҳокот ба вуҷуд меояд. Аз ҷумлаи намудҳои муҳокоти Бағдодӣ “ташбеҳ”, истиора ва он чи ки мо онро дар “зумраи зувоеъ” медонем. Пеш аз он ки ба тавзеҳи ташбеҳ ва истиора пардозем, “зумраи зувоеъ”- ро аз нигоштаҳои шореҳони назари Бағдодӣ ҷустуҷӯ намудан дуруст меояд: “Зувоеъ” аз решаи “зайъ” ба маънои ошкор шудани хабар ва фош шудани роз аст. Ҳам аз рӯйи ин маъно ва ҳам аз тавзеъ ва мисолҳое, ки дар бораи муҳокоти “завоеъ” оварда, маълум мешавад, ин ҳамон аст, ки дар тақлиди адабии “ҷадид” истиораҳои мурда мегӯянд, яъне истиорае, ки ба иллати такрори зиёд ғарибе ва қобилияти ҳунарии худро аз даст дода ва табдил ва узве аз забони меъёр шудааст. Дар тавзеҳоти Бағдодӣ мехонем, ки агар ин навъи тасвир бо афзудае ҳамроҳ шавад, ки ҷанбаи ҳунарӣ пайдо кунад, дубора табдил ба истиораи ҳунарӣ мешавад. Хоҷа Носир ҳам ин калимаро ба сурати муфрад ва ба ҳамин маъно ба кор бурдааст.

Бағдодӣ муҳокоти ташбеҳро бар ду гуна тақсим мекунад: нахуст он, ки падидае ба кумаки падидаи дигар муҳокот шавад. Дар ин навъ адоти ташбеҳ аз қобили “мисл”, “монанд”, “гӯё” ва “нест магар” дар калом зикр намешавад ва муҳокот низ ошкор аст [6, с.139]. Ин навъ ташбеҳро аҳли илми балоғат ташбеҳи равшан номидаанд.

Навъи дуюм, он аст, ки муҳокот ошкор нест, балки дар он падидаи муҳокоткунанда айни падидаи муҳокотшуда пиндошта мешавад.

Бағдодӣ истиораро ба ташбеҳ наздик меҳисобад. Истиора ё ба ҳолати зотҳо мепардозад ё ба худ зотҳои музоф. Мафҳуми “зотҳои музоф”-ро аксари муҳаққиқон, яъне муаммои сарбаста меҳисобанд, зеро дар тавзеҳи он маънис ошкор нагардид. Аз тавзеҳот ва мисолҳои Бағдодӣ ин қадар маълум аст, ки истиора дар назари ӯ навъи муҳокот аст ва худ ба ду гуна тақсим мешавад. Истиорае, ки дар он муҳокот ба кумаки “исми зот” анҷом мегирад, мисли сарв, ки истиора аз қад аст. Ин навъи истиора, ки Бағдодӣ онро “муҳокоти ошкор” меномад, ҳамон аст, ки дар мадрасаи балоғат истиора макния номида мешавад. Дувум, истиорае, ки дар он муҳокот ба кумаки “ҳолати зотҳо” анҷом мегирад, мисли омадани ҳусн ва андуҳ. Ин навъи истиора, ки Бағдодӣ онро “муҳокоти пинҳон” меномад, бисёр наздик аст ба он чӣ дар мадрасаи балоғат истиораи макния номида мешавад.

Бағдодӣ маҳорати шоириро дар бахши марбут ба маъно [бидуни истифода аз санъатҳо ва ирояҳои адабӣ] дар он мебинад, ки шоир битавонад маъноро ба беҳтарин шева тағйир кунад, ё ин ки бо истифода аз камтарин алфоз, бештарин маъноро баён менамояд, бидуни он ки нуқсе дар таъбираш бошад.

Дар ин ҳолат ӯ ба таносубҳои лафзӣ назар карда, бештар ба таносубе, ки бар асоси заминаҳои маънӣ шакл мегирад, бартарӣ медиҳад.

Ҳамзамон Бағдодӣ дар китоби “Китоб-ул-муътабар” аз санъати тарсеъ ном бурда, оид ба татбиқи он дар шеъри араб назари худро изҳор менамояд ва ӯ чун дигар мантиқиён аз хаёлангезӣ дар шеър ҷонибдорӣ накарда, бештар чун аҳли аъроб мавҷудияти вазну қофияро дар шеър муҳим арзёбӣ мекунад. (Бағдодӣ чун сухан аз шинохти худ ишора менамояд, ифодаи “дар суннати шеърии мо” - ро истифода менамояд). Маълум намешавад, ки дар зери ин ифода муҳаққиқи мавриди таҳқиқ аз ҷониби муҳаққиқони араб ва ё донишмандони форсӣ сухан мекунад. Вале Бағдодӣ зимни исботи назар шоҳидбайтҳо ба забони арабӣ аз ашъори шуарои араб меорад. Чун ӯ дар синни пирӣ ба асирии хонадони Салчуқӣ афтод ва аз бими ҷон исломро пазируфт, маълум мешавад, ки “суннати мо” гуфта Бағдодӣ бештар ба фарҳанги араб бартарӣ медиҳад. Ва ҳамчунин мухолифаташ бо Ибни Сино ва фарҳанги юнон шояд аз ҳамин мавқеъ сурат гирифта бошад.

Бо вуҷуди ин, Бағдодӣ дар таърихи илму фарҳанги ниёгони мо бо осори гаронқадри худ соҳиби ҷойгоҳи муайян аст. Дастрас намудан ва ба риштаи таҳлил кашидани осори Бағдодӣ назари ӯро дар шинохти падидаҳои илмию бадеӣ саҳеҳтар хоҳад намуд, агар мо дар ин самт пажӯҳиши осори ин муҳаққиқро дар канор нагузорем.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бефурӯғ. – Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1372. - 588 с. [бо ҳуруфоти форсӣ].
2. Абдунабӣ Сатторзода. Куҳна ва нав. - Душанбе: Адиб, 2004. - 235 с.
3. Ибни Сино. Фанни шеър: тарҷумаи Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ; таҳияи Абдунабӣ Сатторов // Садои Шарқ, 1980. - №8. - С. 65-74.
4. «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ // Маҷмӯаи «Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ»; бо инзимоми маҷмӯаи ашъори форсии Хоҷа Насир ва матни комили «Меъёр-ул-ашъор». - Теҳрон, 1370. - 422 с.
5. Раҳим Мусулмониён. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ. - Теҳрон, 1377. - 256 с. [ба ҳуруфоти форсӣ].
6. Рисолаҳои шеърии файласуфони мусулмон. - Теҳрон: 1392. - 292 с.
7. Фанни шеър [Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ]. -Душанбе, 1977.-232 с.
8. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос; тасҳеҳи Азизуллоҳ Ализода. - Теҳрон, Интишороти Фирдавс, 1389. - 559 с.

ШЕЪРУ ШОИРӢ АЗ НАЗАРИ АБДУЛБАРАКОТИ БАҒДОДӢ

Дар мақолаи мазкур аввалин бор назариёти адабию эстетикии файласуфи асримиёнагии тоҷик Абдулбаракоти Бағдодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар бораи Абдулбаракоти Бағдодӣ маълумоти дақиқ дастрас нест, танҳо ҳамин қадар маълум аст, ки дар синни пирӣ ба ислом гаравида, соли 560-и ҳиҷрии қамарӣ аз дунё даргузаштааст. Дар маҷмӯаи “Рисолаҳои шеърии файласуфони мусулмон” мақолаи Абдулбаракоти Бағдодӣ таҳти унвони “Санооти шеърӣ ва аҳодифи шоирӣ” оварда шудааст. Бағдодӣ дар баррасии масоили шеър бештар ба аҳли адаб такя намуда, вазн ва қофияро аз тахайюл муқаддам медонад. Дар мақола Бағдодӣ оид ба санооти бадеӣ, хоссатан ташбеҳ ва истиора маълумоти муфассал дода, аҳамияти ин саноотро дар бунёди шеър хеле равшан ва воқеӣ нишон медиҳад. Инчунин муаллиф таъкид менамояд, ки Бағдодӣ таълимоти Арастуро қабул надорад ва ҳар ҷо сухан аз шеъри юнонӣ равад, ҳамоно бо ҳар восита таъсири назари Арастуро ба шеъри форсӣ инкор мекунад. Аз рӯйи муҳокимаронии Бағдодӣ бармеояд, ки ӯ бештар ба шеъри араб таваҷҷуҳ дошта, вазну қофияро аз фазилатҳои шеъри араб медонад.

Калидвожаҳо: рисола, шеър, вазн, қофия, араб, сухан, файласуф.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ВЗГЛЯДЫ АБУБАРАКАТА БАГДАДИ

При рассмотрении проблем, связанных с теорией поэзии, Абулбаракат Багдади расходится с философским учением Ибн Сино. Его научные и эстетические взгляды в основном изложены в книге “Ал-муътабар фи-л-ьикмат”, что отличается не только от воззрений Ибн Сино, но и от учений средневековых мыслителей. У Багдади свой оригинальный метод исследования, он не намеревался только переводить и резюмировать трактат Аристотеля, как Ибн Сино, и, подобно Фараби, не только дать общее описание греческих учений. Как вытекает из введения трактата “Саноати шеър ва аьдофи шоирон” Абубараката Багдади, его метод в теории поэзии основан на сравнении и реализации двух поэтических теорий – греческой и арабо-исламской. Значение его исследований заключается в том, что он защищает независимость двух теорий, не считая, подобно Ибн Рушду, арабско - исламского Бутико, созданного под влиянием греческой теории. Такой метод познания отличает Абулбараката Багдади от теории логистов по вопросам познания поэзии и ее особенностей, приближая ее к теории познания литературоведов.

Ключевые слова: трактат, стихи, метрика, ритм, арабский, речь, философия.

LITERARY LOOKS OF ABUBARAKAT BAGHDADI

When considering the problems associated with the theory of poetry, Abulbarakat Bagdadi disagrees with the philosophical teachings of Ibn Sino. His scientific and aesthetic views are mainly set forth in the book Al-Mutabar fi-l-ikmat, which differs not only from the views of Ibn Sino, but also from the teachings of medieval thinkers. In Baghdadi, his original method of investigation, he did not intend to only translate and summarize the treatise of Aristotle, as Ibn Sino, and, like Farabi, not only give a general description of the Greek teachings. As follows from the introduction of the treatise "Sanoati Shear va'dofi shawiron" Abubarakata Bagdadi, his method in the theory of poetry is based on the comparison and implementation of two poetic theories - Greek and Arab-Islamic. The significance of his research is that he defends the independence of the two theories, not counting, like Ibn Rushd, the Arabic-Islamic Butiko, created under the influence of Greek theory. This method of knowledge distinguishes Abulbarakata Baghdadi from the theory of logists on the knowledge of poetry and its features, bringing it closer to the theory of knowledge of literary critics.

Key words: thesis, poem, weight, cofia, arabic, speech, philosophy.

Сведения об авторе: ***Одинаев Нурмухаммад Сафарович*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-445-33-44**

Information about the author: ***Odinayev Nurmukhammad Safarovych*** - Institute of Language and Literature A.Rudaki, research associate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. E-mail: **odinaievn@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-445-33-44**

УДК: 491.55+491.143.2

ИССЛЕДОВАНИЕ ВОПРОСОВ ЭВОЛЮЦИИ ПЕРСОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ИНДИИ

Пулатов Н.Н.
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Исследование вопросов эволюции персоязычной литературы Индии, её культурных и исторических связей с традициями творцов стран Средней Азии и других государств берёт начало с XI-XII веков.

Одной из таких решающих тенденций, во многом определяющей сегодня эволюцию изучения персидско-таджикской классической литературы, является усиление к данной проблеме исследовательского интереса в трудах современных учёных.

В этом направлении создан ряд фундаментальных исследований, к числу которых можно отнести труды Г.Ю. Алиева, Е.Э. Бертельса, П.А. Гринцера, С.Айни, А.Мирзоева, М.Бакоева, А.Мухторова, А.Гаффорова, Ю.Салимова, М.Каноатова, Ш.Пулатова, З.А. Гаффаровой и других, заслуживших высокое признание научного мира. Эти научные труды, полные реминисценций исторических фактов и описания литературных традиций, новаций, повествований о духовных реалиях действительности различных эпох дают глубокий комментарий эпохальным сценам эволюции персидско-таджикской духовной культуры. В последующие периоды отечественные и зарубежные учёные А.Алимарданов, С.Н. Воробьёва, Х.Беверидж, Н.Блохманн, Н.Джоррет, Ф.Голдвин представили научному миру свои высоконаучные труды, посвященные жизни и творчеству Абу-л Фазла Аллами, живший и творивший в Индии, которая в те далёкие времена входила в состав государства, объединившего Темуридов Индии, государства, объединившего земли, на которых жили предки современных таджиков-персов.

В ряду ценностных трудов последних лет следует отметить научное издание сотрудников научно-исследовательского и образовательского Центра «Восток» города Самары Российской Федерации под названием «Акбар-наме Абу-л Фазла Аллами», посвященное творческой личности Абу-л Фазла Аллами, комментированию и научной оценке его творческого наследия. Сотрудниками научно-оброзовательного Центра также подготовлен к изданию первый и второй том «Акбар-наме» в семи частях, состоящие из введения и нескольких глав.

В первой и второй книгах первого тома «Акбар-наме» научный редактор издания С.Н. Воробьёва излагает свои концепции о заслугах Акбара и Абул-Фазла в становлении империи «Муѓулњои бузург» («Великих монголов»).

Это творческое достояние, хотя и охватывает исследование ценностных ориентаций персидско-таджикской литературы и культуры Индии, в числе основных проблем научной разработки затрагивает и вопросы творчества Аллами.

С углублением изучения проблем литературоведения в научных трудах ученых рождаются новые формы отражения доминирующих историко-творческих сведений об Абу-л Фазле Аллами. В ряду научных трудов, посвященных жизни и творчеству писателя, следует особо отметить весомое исследование Офтоба Асғар, изучающее «Таърихнависӣ дар Ҳинду Покистон» («Историческая летопись в Индии и Пакистане») Абу-л Фазла Аллами. Исследователь в своём труде определяет роль и место этого бесценного исторического наследия Абу-л Фазла в исторической летописи Индии и Пакистана и находит высокие этические критерии, с которыми Аллами подходил к оценке деятельности исторических личностей своей эпохи и явлений времени, выражая нравственное величие собственной души, ярко представляя облик выдающихся творцов духовной культуры в глазах грядущих поколений различных времён и пространств.

Наряду с этим Асғар в своём исследовании в сжатой, но весьма содержательной форме представляет сведения об исторической ценности «Акбар-наме», научные воззрения учёных

Востока и Запада комментирует, высоко отзываясь об Аллами и его писательском таланте. Другим весомым источником в изучении наследия Аллами является научная статья известного учёного Мухаммада Джавода Шамси, под названием «Ойини Акбарӣ», опубликованная в журнале «Донишномаи забони адаби форсӣ дар Шибҳи Қора», посвященная творческой личности Аллами и сокровищам его писательского наследия. В ряду исследователей творческой личности Аллами следует отметить и имя известного таджикского учёного Алимардонова Амрияздона, который внёс значимый вклад в изучение, комментирование и научную оценку ценностного наследия Абу-л Фазла Аллами. Весомой его работой является «Иёри дониш», изданный в 1988 году в издательстве «Дониш» города Душанбе.

Одним из известных учёных, посвятивших свои труды изданию и комментированию образца бесценного наследия Аллами «Акбар-наме» является английский этнограф Генри Беверидж, который по желанию (просьбе) Азиатского общества Банголы перевёл это произведение с фарси на английский язык. Перевод первого тома «Акбар-наме» был завершен в 1897 году, а третий том в 1935 году. Его особой заслугой в научной оценке творчества Аллами следует считать предисловие, посвящённое писателю, его своеобразному творчеству, а также прикладную научную ценность способов комментирования лексического значения словесных знаков, толкования словосочетаний и терминосистемы монографии.

Одновременно с «Акбар-наме» Аллами исследовательский интерес не только многих создателей тазкиры, критиков, но и симпатию других немецких и английских учёных-этнографов профессора Н. Блохманна и Н.Джоретта вызывает и другое творение Аллами – «Ойини Акбарӣ».

Первый том «Ойини Акбарӣ» переведён Н.Блохманном на английский язык в 1868 году, который впоследствии в 1873 году по инициативе организации «Силсилаи Индия» был издан в Калькутте. Второй и третий том произведения были переведены Н.Джорретом в 1891-1894 г.г. В 1851 году это произведение для сэра Н.М. Элюта, по инициативе Наджафа Алихона Азимаддина, было комментировано и издано под названием «Шарқи «Ойини Акбарӣ» (Комментирование «Ойини Акбарӣ»).

«Ойини Акбарӣ» было подготовлено к изданию на языке урду в 1940 году в Хайдарабаде Дакан Мухаммадом Фидоалием Толибом. Несмотря на существующие сегодня самые различные исследовательские подходы к изучению письменных памятников персидско-таджикской классической литературы, выделения в ней разнообразных аспектов и направлений изучения, а также особого внимания к оценке творческого наследия Абу-л Фазла Аллами, проблемы исследования многих аспектов его творческой и гражданской позиции, жизни, особенностей языка и специфики выражения своеобразных сентенций остаются пока неисследованными и ожидают новой научной интерпретации и оценки. В современном таджикском литературоведении исследовательским объектом должны становиться актуальные в этом направлении аспекты, которые обусловливают научную интерпретацию основополагающих историко-литературных фактов, идейных сентенций и постулатов творений Аллами, а также оценка социальных, экономических, географических, религиозных, управленческих канонов династии Акбаршаха Гургони и актуальные вопросы персоязычной прозы эпохи этого правителя.

Исследование фундаментальных трудов учёных, посвященных жизни и творческому наследию Аллами, приводит к заключению, что анализ и синтез его литературно-исторического наследия, специфика выражения мысли и структура произведений «Акбар-наме», «Ойини Акбарӣ», «Руқъаоти Абулфазл», «Мукотиботи Алломӣ» и ряда других его творений не стали ещё объектом исследовательского внимания таджикских учёных, ожидают нового научного взгляда и вопросы, раскрывающие жизненный путь и характерности научного, литературного наследия, особенности взгляда и статус Аллами в эволюции персидской прозы.

Изучение сущности вышеуказанных аспектов проблемы исследования позволит с высокой степенью достоверности определить роль и место Абу-л Фазла Аллами в эволюции персидско - таджикской классической литературы, установить его социальное положение, выявить социокультурные доминанты произведений Аллами во временных и пространственных горизонтах его эпохи. Данным обстоятельством объяснится приоритетность и теоретико-прикладная ценность нашего исследования, посвящённого раскрытию культурной семантики письменных памятников персидско-таджикской классической литературы, поскольку в контексте культурной эволюции вопросы познания и осмысления истории духовной культуры нации являются ее необходимым атрибутом.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алиев Г.Ю. Персоязычная литература Индии / Г.Ю. Алиев. – Москва, 1968. - 248 с.
2. Аллами. Абу-л Фазл. Акбар-наме. - Самара: Издательский дом «Агни», 2003. - Ж.1. - Кн.I. - 400 с.
3. Аллами Абу-л Фазл. Акбар-наме. - Самара: Издательский дом «Агни», 2005. - Ч.II. - Кн.II. - 368 с.

4. Антонова К.А. Очерки общественных отношений и политического строя Монгольской Индии времён Акбара 1556-1605 гг. / К.А. Антонова. - Москва, 1952. - 283 с.
5. Пулатов Н. Абу-л Фазл Аллами и его «Акбар-наме» / Н. Пулатов // Труды молодых ученых, сборник статей молодых ученых Худжандского госуниверситета имени акад. Б.Гафурова. - Худжанд. 2002. - С.24-29.
6. Пулатов Н. Из истории перевода и публикации «Ойини Акбари» / Н. Пулатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологии. - Душанбе: Сино, 2008. - № 2 (48). - С.120-123.

ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛОТИ АДАБИЁТИ ФОРСИЗАБОНИ ҲИНДУСТОН

Таҳқиқи масъалаҳои таҳаввулоти адабиёти форсизабони Ҳиндустон, робитаҳои фарҳангӣ ва таърихии он бо анъанаҳои эҷодкорони мамлакатҳои Осиёи Миёна ва дигар давлатҳо аз асрҳои XI-XII ибтидо мегирад. Яке аз чунин тамоюлоти ҳалкунанда, ки аз бисёр ҷиҳат имрӯз таҳаввулоти адабиёти классикии форсӣ – тоҷикиро муайян месозад, тақвият ёфтани шавқу рағбати пажӯҳишгарона дар асарҳои олимони даврai муосир мебошад. Бо тақвияти омӯзиши масоилҳои адабиётшиносӣ дар асарҳои илмии олимон шаклҳои нави инъикоси маълумотҳои бартаридоштаи таърихӣ – эҷодӣ дар бораи Абу-л Фазл Алламӣ ба миён меоянд. Пажӯҳиши асарҳои бунёдии олимон, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Алламӣ бахшида шудааст, ба чунин хулосабарорӣ меорад, ки таҳлил ва синтези мероси адабӣ – таърихии ӯ,махсусияти ифодаи андеша ва сохтори асарҳои «Акбар-нома», «Ойини Акбарӣ», «Руқъаоти Абулфазл», «Мукотиботи Алломӣ» ва як қатор асарҳои ӯ то имрӯз объекти таҳқиқи олимони тоҷик қарор нагирифтаанд. Омӯзиши моҳияти ҷанбаҳои дар мақола ишоратгардидаи масоили таҳқиқ имконият медиҳад, ки бо дараҷаи баланди дурустӣ нақш ва ҷойгоҳи Абу-л Фазл Алламӣ дар таҳаввулоти адабиёти классикии форсӣ – тоҷикӣ муайян карда шавад, вазъи иҷтимоии он муқаррар гардида, ғояҳои асосии иҷтимоӣ – фарҳангии Алламӣ дар сатҳи замонӣ ва фазоии асарҳояш ошкор карда шавад.. Бо ин ҳолат афзалиятнокӣ ва арзиши назариявӣ – амалии пажӯҳиши мо, ки ба ошкорсозии семантикаи фарҳангии ёдгориҳои хаттии адабиёти классикии форсӣ – тоҷикӣ шарҳ дода мешавад, чунки дар ҳошияи таҳаввулоти фарҳангӣ масъалаҳои дарки таърихи фарҳанги маънавии миллат махсусияти зарурии он маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: масъалаҳои таҳаввулоти адабиёти форсизабон Ҳиндустон, робитаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, таҳаввулоти адабиёти классикии форсӣ - тоҷикӣ, Абу-л Фазл Аламӣ, нақш ва ҷойгоҳи Абу-л Фазл Аламӣ дар таҳаввулоти адабиёти классикии форсӣ - тоҷикӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ВОПРОСОВ ЭВОЛЮЦИИ ПЕРСОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ИНДИИ

Исследование вопросов эволюции персоязычной литературы Индии, её культурных и исторических связей с традициями творцов стран Средней Азии и других государств берёт начало с XI-XII веков. Одной из таких решающих тенденций, во многом определяющей сегодня эволюцию изучения персидско-таджикской классической литературы, является усиление к данной проблеме исследовательского интереса в трудах современных учёных. С углублением изучения проблем литературоведения в научных трудах ученых рождаются новые формы отражения доминирующих историко-творческих сведений об Абу-л Фазле Аллами. Исследование фундаментальных трудов учёных, посвященных жизни и творческому наследию Аллами, приводит к заключению, что анализ и синтез его литературно-исторического наследия, специфика выражения мысли и структура произведений «Акбар-наме», «Ойини Акбарӣ», «Руқъаоти Абулфазл», «Мукотиботи Алломӣ» и ряда других его творений не стали ещё объектом исследовательского внимания таджикских учёных. Изучение сущности указанных в статье аспектов проблемы исследования позволит с высокой степенью достоверности определить роль и место Абу-л Фазла Аллами в эволюции персидско - таджикской классической литературы, установить его социальное положение, выявить социокультурные доминанты произведений Аллами во временных и пространственных горизонтах его эпохи. Данным обстоятельством объяснится приоритетность и теоретико-прикладная ценность нашего исследования, посвящённого раскрытию культурной семантики письменных памятников персидско-таджикской классической литературы, поскольку в контексте культурной эволюции вопросы познания и осмысления истории духовной культуры нации являются ее необходимым атрибутом.

Ключевые слова: вопросы эволюции персоязычной литературы Индии, культурные и исторические связи, эволюция персидско - таджикской классической литературы, Абу-л Фазл Аллами, роль и место Абу-л Фазла Аллами в эволюции персидско - таджикской классической литературы.

INVESTIGATION OF THE QUESTIONS OF THE EVOLUTION OF INDIGENOUS LITERATURE OF INDIA

The study of the evolution of the Persian linguistic literature, its cultural and historical ties with the traditions of the creators of the countries of Central Asia and other countries dates back to the 11th-12th centuries. One of such decisive trends that largely determines the evolution of the study of Persian-Tajik classical literature today is the strengthening of the research interest in the works of modern scholars to this problem. With the deepening of the study of the problems of literary criticism, new forms of reflection of the dominant historical and creative information about Abu-l Fazl Allami are born in scientific works of scientists. The study of the fundamental works of scientists devoted to life and the creative heritage of Allami leads to the conclusion that the analysis and synthesis of his literary and historical heritage, the specificity of expression of thought and the structure of the works "Akbar-name", "Oiini Akbarby", "Ruќoaot Abulfazl", "Mukotiboti Allomie "and a number of his other creations have not yet become the object of research attention of Tajik scientists. The study of the essence of the research problems mentioned in the article will allow us to determine with a high degree of certainty the role and place of Abul Fazl Allami in the evolution of the Persian-Tajik classical literature, establish its social status, and reveal the socio-cultural dominants of Allami's works in the temporal and spatial horizons of its era. This circumstance will explain the priority and theoretical and applied value of our study devoted to the disclosure of the cultural semantics of written monuments of Persian-Tajik classical literature, since in the context of cultural evolution the issues of cognition and comprehension of the history of the spiritual culture of the nation are its necessary attribute.

Key words: issues of the evolution of Persian - language literature of India, cultural and historical links, the evolution of Persian - Tajik classical literature, Abul Fazl Allami, the role and place of Abul Fazl Allami in the evolution of Persian - Tajik classical literature.

Сведения об авторе: ***Пулатов Назирджон Набиджонович*** - Худжандский государственный университет им. ак. Б.Г. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Information about the author: ***Pulatov Nazirdjon Nabidjonovich*** - Khujand state University. ak. B.G. Gafurova, candidate of philological Sciences, associate Professor of Tajik classical literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail**

УДК: 891.556.55 (09+1 тоҷ)

КОРБАСТИ САНЪАТҲОИ ТАШБЕҲ ВА ИСТИОРА ДАР “ХУСРАВУ ШИРИН” ВА “ЛАЙЛИЮ МАҶНУН”-И ҲАКИМ НИЗОМӢ

Соқиева П.З.
Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Абулмуҳаммад Илёс ибни Юсуф инби Закӣ Муайяд, ки имрӯз бо ному насаб ва кунияти Ҳаким Низомии Ганҷавӣ (1141-1209) маъруфу машҳур аст, аз бузургтарин устодони каломи бадеи тоҷикии форсӣ ба шумор рафта, аз худ шоҳасари гаронбаҳои адабӣ “Хамса”-ро барои мо ба мерос гузоштааст. Дар бораи ин асари бебаҳо аз замони ба майдон омаданаш то ба ҳол андешаҳои гуногуни таҳқиқотӣ - адабиётшиносӣ баён ёфтаанд, ки шумораашон хеле зиёданд. Дар онҳо дар бораи маъхаз, сохту муҳтаво, симоҳои барҷастаи достонҳои “Хамса”, маҳорати эҷодиёти шоир, тахайюлоти бадеии ӯ, забони баёну сабки равони эҷодкор ва ғайра мулоҳизаҳое ронда шудаанд. Новобаста ба ин ҳама, дар бораи маҳорати шоирии Низомӣ дар достонҳои “Хусраву Ширин ”ва “Лайлию Маҷнун”-и суханвар ба таври бояду шояд қаламфарсоӣ нашудааст.

Ҷойи таъкид аст, ки дар бораи ин ду достони номбаршуда ва маҳорати суханварии гӯяндаи онҳо дар як мақола сухан гуфтан имконият надорад. Аз ин рӯ, кӯшиш менамоем, ки дар навбати аввал доир ба баъзе санъатҳои бадеии достонҳои “Хусвару Ширин” ва “Лайлию Маҷнун”-и Низомӣ, бахусус санъатҳои бадеии ташбеҳ ва истиора дар онҳо, мулоҳизаҳои худро иброз намоем. Адабиётшиноси эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо ба маҳорати сухарварии Низомии Ганҷавӣ ба таври умумӣ баҳои дуруст дода навишта буд: “Низомӣ аз шоирест, ки бештар бояд ӯро дар шумораи аркони шеъри форсӣ ва аз устодони мусаллами ин забон донист. Вай аз он сухангӯёнест, ки монанди Фирдавсӣ ва Саъдӣ ба эҷод ё такмили сабуку равиши хоссе тавфиқ ёбад. Агарчи достонсароӣ дар забони форсӣ ба василаи Низомӣ шурӯъ нашуда ва чунонки дидем, оғози адаби форсӣ собиқа доштааст, лекин танҳо шоире, ки то поёни қарни шашум тавонист ин навъ аз шеърро дар забони форсӣ ба ҳадди аълои такомул бирасонад, Низомист. Вай интихоби алфозу калимоти муносиб ва эҷоди таркиботи хосси тоза ва ихтироъи маъониву мазомини наву дилписанд дар ҳар маврид ва тасвири ҷузъиёт ва нерую тахайюлу диққат дар васфу эҷод роеъ ва резакорӣ дар тасвири табиату ашхосу аҳвол ва ба кор бурдани ташбеҳоту истиороти матбӯъу нав дар шумори касонест, ки баъд аз худ назире наёфтааст” [1, с.807-808].

Оре, яке аз хусусиятҳои муҳимми каломи манзум, ки маҳорату истеъдоди шоирро дар ҷодаи шеър муайян менамояд, истифодаи бамавриду бамавқеи санъатҳои бадеӣ дониста шудааст. Низомии Ганҷавӣ аз суханварони баркамолест, ки бо истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ метавон достонҳои “Хусраву Ширин ” ва “Лайлию Маҷнун”- и ӯро ба қатори беҳтарин асарҳои адабиётамон гузошт. Дар рафти омӯзиши ин асарҳо муайян гардид, ки дар достонҳои номбаршудаи шоир санъатҳои бадеии маънавию лафзӣ, монанди ташбеҳ, истиора, тавсиф, сифатчинӣ, муболиға , талмеҳ, тазоду муқобила, киноя, ташхис, таҷнис, таҷниси лафзӣ, хелҳои саҷъ ва ғайра мавқеи намоён доранд. Аммо дар ин достонҳо ба гуфтаи Забеҳуллоҳи Сафо [1, с.808] ва адабиётшиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод [2, с.176-178] санъатҳое, ки нисбатан васеъ истифода шудаанд, санъатҳои ташбеҳ ва истиора ба шумор мераванд.

Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусраву Ширин” ва “Лайлию Маҷнун” вобаста ба муҳтавои асарҳои номбаршуда, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, аз санъати ташбеҳ ва хелҳои он, истиора дар офаридани симоҳои асосиву фаръӣ, истифода намудааст. Сайри таърихии санъатҳои номбаршуда исбот менамояд, ки истифодаи ташбеҳу истиора аз маъмултарин санъатҳои шеърии осори шоирони классики тоҷику форс аст. Тамоми шоирони баркамоли то Низомӣ эҷодкарда, монанди устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шаҳиди Бахлӣ, Дақиқӣ, Хаким Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ ва дигарон нузҳати шеърии худро маҳз дар истифодаи бамавқеи ин навъи санъатҳо дарёфтаанд. Назариётчии адабиёти тоҷик Шамс Қайси Розӣ хеле барвақт дар бобати тавсифи санъати ташбеҳ навишта буд, ки “Ташбеҳ чизе ба чизе монанд кардан аст ва дар ин боб маъние муштарак миёни мушаббаҳу мушаббаҳуну чора набувад ва чун чанд маънӣ ба якдигар

афтад ва ташбеҳ ҳамаро комил шавад. Яъне, мушаббаҳу мушаббаҳумбиҳиро ба якдигар ташбеҳ метавон кард. Чунонки **шабро** ба **зулфу зулфро** ба **шаб** ва **наълро** ба **ҳилолу ҳилолро** ба **наъл** [3, с.118].

Назарияшиноси тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ дар боби санъатҳои бадеӣ дар заминаи маъхазу сарчашмаҳои мавҷуда ва омӯхтаву андӯхтаҳояш ташбеҳро хело мухтасар "ташбеҳ монанд кардан аст" [4, с.62] шаҳр додааст.

Дар адабиётшиносӣ ташбеҳро ба ду навъ тақсим намудаанд;

а) ташбеҳи кушода ва б) ташбеҳи пӯшида.

Ташбеҳи равшан ё кушода аз чунон ташбеҳе мебошад, ки дар он калимаҳои ёридиҳанда ва ваҷҳи ташбеҳ хеле равшан инъикос мегардад.

Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои "Хусраву Ширин" ва "Лайлию Маҷнун", ки маъхази мақола интихоб шудаанд, аз ташбеҳҳои равшан бо маҳорати баланди суханофарӣ истифода намудааст ва хеле зиёд ҳам. Масалан, дар достони "Хусраву Ширин" Ширин дар иҳотаи канизакони зебоандомаш чунин ташбеҳ шудааст:

Дар он ширинлабон рухсори Ширин,
Чун моҳе буд, гирди моҳ Парвин [5, с.178].

Дар ин мисол рухсори Ширин ташбеҳкуннанда ва "моҳ" ташбеҳшаванда мебошад. Дар ин ҷо боз "ширинлаб" ташбеҳи кушода ва сифати лаб буда, Парвин талмеҳан кор фармуда шудааст.

Низомии Ганҷавӣ дар достони "Хусраву Ширин" қомати баланди зебои Ширинро ба нахли симин ташбеҳ-монанд карда мегӯяд:

Кашида қомате чун нахли симин,
Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин [5, с.171].

Дар ин ташбеҳ **нахли симин** - монандшаванда, **қимат**- монандкунанда ва чун ёридиҳандаи монандӣ мебошад. Дар ин байт сабаби монандӣ –Ширин наомада бошад ҳам, аз равиши суҷаи достон ба Ширин мутааллиқ будани он намоён шуда меистад. Дар ин ҷо дар мисраи дувум мо санъати истиораро мебинем, ки чашмони Ширин ба **"ду зангӣ"** корбаст карда шудааст. Шоир барои ҳарчи равшантар намоён намудани симои Ширин аз ташбеҳҳои пай дар пай зиёд истифода карда, ба ин восита симои қаҳрамони асосии асари худро ба хонанда кушода медиҳад. Симои зоҳирии Ширин дар вақти оббозӣ ба чашми Хусрави аз дур назораткунанда чунин омадааст, ки дар боби "Дидани Хусрав Ширинро дар чашмасор" [5, с.192-199] хеле ҷолиб эҷод гардидааст:

Зи ҳар сӯ кард ба одат нигоҳе,
Назар ногаҳ дарафтодаш ба моҳе.
Чу лахте дид, аз он дидан хатар дид,
Ки беш ошуфта шуд, то бештар дид.
Арӯсе дид, чун моҳе муҳайё,
Ки бошад ҷойи он маҳ бар Сурайё.
На моҳ, ойинаи симобдода,
Чу моҳи Нахшаб аз симоб зода.
Дар оби нилгун чун гул нишаста,
Паранде нилгун то ноф баста.
Ҳама чашма зи ҷисми он гуландом
Гули бодому дар гул магзи бодом...[5, с.194].

Дар ин намунаи иқтибосшуда ташбеҳҳои зиёде истифода гардидаанд, ки ҳам ба ташбеҳҳои равшан ва ҳам ба ташбеҳҳои пӯшида алоқаманд буда, дар он саросар симои асосии предмети тасвиршаванда тасвир шуда омадааст. Дар байти аввал **моҳ,** дар байти севум **арӯсе чун моҳ** дар байти чаҳорум **на моҳ, ойинаи симобдида,** дар байти панҷум **чун гул** ва дар байти шашум **ҷисми он гуландом чун гули бодом** якҷоя ба симои Ширини офаридаи Низомӣ тааллуқ доранд. Яъне, шоир дар ин чанд байт аз Ширин ном набарад ҳам, ӯро дар назар дорад ва сифати ӯро кардааст. Аз ин достон барои ташбеҳҳои равшан ва пӯшида метавон даҳҳо мисол оварда.

Низомии Ганҷавӣ барои барҷаста баромадани симоҳои достонҳои "Хусраву Ширин " ва "Лайлию Маҷнун" пайваста кӯшидааст, ки аз санъатҳои бадеӣ кор гирад ва образҳои Хусрав, Ширин, Фарҳод, Лайлӣ, Маҷнун, Шопур, Ибни Салом ва дигаронро ҳарчи равшантар ба хонанда пешкаш намояд. Ба ин лаҳзаи ҳузновари Хусрав аз боби "Огоҳии Хусрав аз марги падар" [5, с.212-214] таваҷҷуҳ намоед:

Даромад қосиде аз раҳ ба таъҷил,
Зи Ҳиндустон ҳикоят кард бо пил.
Мижа *чун* ***коси чинӣ*** *нам гирифта,*
Миён *чун* ***мӯйи зангӣ*** *хам гирифта.*
Ба хатти Чину Занг овард маншур,
Ки шоҳи Чину Занг аз тахт шуд дур...[5, с.212].

Бояд гуфт, ки Низомӣ санъатҳои бадеиро ба хотири ҳунари дар калом санъатофарӣ ба кор намебарад. Мақсаду муроди шоир аз истифодаи саръатҳои бадеӣ дар достонҳояш равшану дилнишин баён кардани ҳодисаи тасвиршаванда аст. Дар мисоли поён аз достони "Лайлию Маҷнун" санъатҳои муболиға ва ташбеҳ рӯҳия ва ҳаёти равонии Лайлиро дар ҳаракату зинда пеши назар меорад:

Лайлӣ- ш тапончае чунон зад,
К-афтод чун мурда мард бех (в) ад [6, с.114].

Ана ҳамин гуна устодии суханворонро ба назар гирифта Т.Зеҳнӣ нависта буд, ки " ... гоҳо дар дохили ташбеҳ якчанд санъати бадеӣ мавҷуд аст. Махсусан истиора, муболиға, ташхис, ирсоли масал, таносуби калом ва монанди инҳо дида мешаванд ва ҳама дар сурати кулл як ташбеҳи мукаммалро ташкил мекунанд." [4, с.74].

Ташбеҳ ва намунаҳои он дар достонҳои зикршудаи шоири маъруф дар офаридани симоҳои дар онҳо амалкунанда хеле зиёд дида мешавад. Дар ин мавридҳо Низомӣ кӯшиш намудааст, ки аз ташбеҳҳои оммафаҳм, заминӣ, ҳаётӣ, предметҳои ҳарчи зудтар ба дидаву дил расандаву ба зеҳн наздикро истифода намояд.

Шоири достонсаро дар ташбеҳи Ширин қомати ӯро **ба сарв**, **сарви озод**, **сарви баланд**, **биҳиштпайкар**, **сарви сиҳӣ**; дандонҳояшро **ба садаф**, **марворид**; даҳонашро ба **хурмои бехор**, лабонашро ба **шакар**, **шакари ноб**; рухсорашро ба **моҳу офтоб**; мӯяшро ба **шаб, ба қир**; зуфлашро ба **мори печида**; андомашро ба **гул**; чеҳраашро ба **чаман** монанд карда, бо ин калимаву таркибу иборат ва лафзи ширин ҳусну латофат ва чеҳраи зоҳирии як занро месозад ва ҳусни беназири ӯро меситояд.

Дар ташбеҳҳои офаридаи Низомӣ як монандшаванда якчанд монандкунанда дорад, ки чун муқаддима оварда шудааст. Барои тақвияти фикр аз достони "Лайливу Маҷнун" боби "Сифати расидани хазон ва даргузашти Лайлӣ"-ро мисол меоварем [6, с.186-190]:

Шарт аст, ки вақти баргзерон,
Хуноб чакад зи барги резон.
Хуне, ки равон бувад зи ҳар шох,
Берун чакад аз макони сӯрох.
Қорураи об сард гардад,
Рухсораи бог зард гардад...
Дар маъракаи чунин хазоне,
Шуд захмрасида гулситоне.
Лайлӣ зи сарири сарбаландӣ,
Афтода ба чоҳи дардмандӣ...[6, с.186-187].

Дар ин мисол сарви озоди Лайлӣ аз беморӣ болин талабид ва тазарваш аз болои сарв фурӯ афтод, яъне мурд ва тавре ки дона-хӯша аз ниҳоли худ меафтад, Лайлӣ низ меафтад ва рӯймоли шоҳӣ ба рӯяш пӯшида мегардад.

Ташбеҳҳои ин ду достон, бахусус ташбеҳҳои равшан ва пӯшидаи онҳо, ончунон зиёданд, ки метавонанд ба чанд мақолаи илмӣ мавод диҳанд. Дар "Хусраву Ширин" мехонем:

Лайлӣ –сумани хазоннадида,
Маҷнун-чамани хазонрасида [6, с.55].

Низомии Ганҷавӣ баъзан як узви инсонро ба узви дигари ӯ ва ё узверо ба ҳолоти рӯҳонии шахс ташбеҳ медиҳад, ки инро дар таҷрибаи адибон ба нудрат метавон дучор омад:

Басе лоғартар аз мӯяш миёнаш,
Басе ширинтар аз номаш даҳонаш [5, с.171].

Ва ё:

Дилаш чун чашми шӯхаш хуфтагӣ дошт,
Ҳама кораш чу зулф ошуфтагӣ дошт [5, с.287].

Дар ин ҷо лоғару борик будани миён, ширинтар аз номи Ширин будани ном, монанди чашм хуфта будани дил аз ташбеҳҳои дилнишин ва дар байни аҳли адаб нодир мебошанд.

Ин ҷо аз ташбеҳи таркибӣ, ташбеҳи мураккаб, ташбеҳи баргашта, ташбеҳи шартӣ, ташбеҳи акс, ташбеҳи баробар ва ташбеҳи измор, ки дар достонҳои "Хусраву Ширин" ва "Лайлию Маҷнун"-и Низомӣ мавриди истифодаи воқеӣ қарор гирифтаанд, суханро дар мавриди дигар гузошта, чанд андешаи худро атрофи **санъати истиора** дар ин достонҳои лирикӣ – эпикии суханвари асил иброз намуданием. Санъати мазкурро Т. Зеҳнӣ чунин таъриф додааст: "**Истиора** - дар луғат ба маънии орият гирифтани чизе меояд, вале дар адабиёт як намудани маҷоз буда, ба ҷойи як калима истифода намудани калимаи дигар мебошад" [4, с.83].

Идомаи санъати ташбеҳро дар санъати истиора мебинем. Ин намуди санъати бадеӣ дар достонҳои зикршуда барои офаридани симоҳои онҳо хеле васеъ истифода гардидааст ва он бо ташбеҳи пӯшида қаробати қавӣ дорад. Фарқ байни ташбеҳи пӯшида ва истиора

дар он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр намеёбад, балки танҳо ташбеҳкунанда номбар мешаваду халос [4, с.83]. Адабиётшинос А. Афсаҳзод вобаста ба санъати истиораро истифода кардани Низомии Ганҷавӣ чунин менависад: "... он яке аз воситаҳоест, ки рангомезии сабки нигориши достонҳои базмӣ-романтикиро пурҷилотар ба ҷилва оварда, онҳоро хушоҳанг, тарабафзо (ҳатто ҳангоми тасвири лаҳзаҳои ғамангез ва андуҳовар ҳам), гӯшнавоз ва ҷаззоб мегардонад" [2, с.179]. Симои зоҳирии Ширинро Низомӣ ин тавр ба тасвир кашидааст:

Суманбар гофил аз наззораи шоҳ,
Ки сунбул баста буд бар наргиси роҳ [5, с.195].

Дар байти иқтибосшуда калимаҳои "суманбар", "сунбул", "наргис" ба маънои аслии худ наомадаанд. Ин ҷо "суманбар" ба ҷойи Ширин, "Сунбул" ба ҷойи зулф ва "наргис" ба ҷойи чашм истифода шудаанд. Низомӣ дар ин тасвири худ гуфтааст, ки зулфи Ширин чашми наргисмонанди ӯро ончунон пӯшида буд, ки вай шоҳ Хусрави ба ӯ назоракунандаро дида наметавонист. Дар ин ҷо ташбеҳшавандаҳо: Ширин, зулф ва чашм, ки дар айни замон соҳибистиора мебошанд, ёд нагардидаанд. "Суман ", "сунбул" ва "наргис" ҷойи онҳоро иваз намуда, истиора шудаанд.

Дар "Лайлию Маҷнун" омадааст:

Гулро ба сиришт мехарошид
В-аз чӯб рафиқ метарошид [6, с.76].

Дар ин мисоли фавқ рӯйи зебои Лайлӣ бо калимаи "гул " истиора шуда омадааст. Дар байти поён бошад "шефта" Маҷнун ва "маҳ" Лайлист, ки ҳар ду истиораи равшан шуда, гӯшнавозу зебо омадаанд:

Аз роҳи никоҳ гар тавонанд,
Он шефтаро ба маҳ расонанд [6, с.56].

Ва ё :

Буд аз садафи дигар қабила,
Носуфта дуреш ҳамтавила [6, с.76].

Ин ҷо "садаф" ба маънии исторавии "раҳм" ва "батн" истифода шуда, "носуфтадур " ба ҷои Маҷнун, ки барои ифодаи ҳаммактаб истифода гардидааст, ба кор рафта, дар байт истиораи пай дар пай ё чида истифода шудаанд.

Истиораҳое, ки дар ин достонҳои Ҳаким Низомӣ корбаст шудаанд, асосан истиораҳои равшан, ки истиораҳои биттасреҳ низ гӯянд, омадаанд, зеро дар онҳо соҳиби истиора зикр наёбад ҳам, танҳо истиорашаванда мавриди истифода қарор дорад:

Кучо он тоза гулбарги шакарвор,
Шакар чидан зи гулбаргаш ба харвор? [5, с.250].

Аз достонҳои номбаршуда бармеояд, ки дар бисёр маврид калимаҳои "моҳ", "гул", "наргис", "гулоб" ва ғ. ба ҷойи "дилбар", "рӯй", "чашм" ва "ашк" омадаанд, ки ташбеҳшавандаҳо: **дилбар, рӯй, чашм** ва **ашк** соҳибистиора ҳастанду зикрашон наомадаанд. Ҷойи онҳоро **шоҳ, гул, наргис** ва **гулоб** гирифта истиора шудаанд. Масалн:

Зи моҳаш сад қасабро рахна ёбӣ,
Чу моҳаш рахнае бар рух наёбӣ [5, с.171].

Ҳамин тавр, дар достонҳои Низомии Ганҷавӣ **наргисҳои махмур** ба ҷойи ҷорӣ гаштани ашк, **товуси фалак** ба ҷойи офтоб, **нуқраву зар** ба ҷойи баргҳои тирамоҳ, **думи товуси нар дар акси хуршед** ба ҷойи нурҳои офтоб**, шоҳи субҳ** ва **чатри зар** ба ҷойи офтоб ва нурҳои офтоб ва ғайра истиора шуда омада, ҳусни баён ва забони равони суханварро гӯшнавоз намудаанд.

Аз андешаронии мухтасар дар атрофи санъатҳои бадеии ташбеҳ ва истиора дар достонҳои "Хураву Ширин" ва "Лайлию Маҷнун" метавон хулоса бароварда ва таъкидан Низомии Ганҷавӣ дар достонҳояш санъатро ба хотири санъат мавриди истифода нанамудааст. Ҳадафи шоир аз истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъраш равшантар баён намудани ҳодисаю воқеаҳои тасвиршаванда ва офаридани образҳои бадеӣ мебошанд. Аз ташбеҳу истиораҳои дар ашъораш истифоданамудаи шоир ҳувайдост, ки абёти зиёди достонҳои зикршуда баробари санъати воло маъниҳои бикрро шомил мебошанд ва ба гӯши хонандаву шунаванда доруи ахлоқу ҳикмат мерезанд. Ин ҳама маҳорати фавқулода баланд доштани Низомии Ганҷавиро дар суханварӣ нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Теҳрон, 1371. - Ҷилди дувум. - 1128 с.
2. Аълохон Афсаҳзод. Низомии Ганҷавӣ. - Душанбе: Маориф, 1995. – 208 с.
3. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷам; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. – 638 с.
4. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
5. Низомии Ганҷавӣ. Махзан-ул-асрор. Хусраву Ширин; баргардон, пешгуфтор ва таҳияи Зоҳир Аҳрорӣ, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшир Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2012. - 480 с.
6. Низомии Ганҷавӣ. Ҳамса: Лайлию Маҷнун. Ҳафт пайкар; баргардон, пешгуфтор ва таҳияи Аълохон Афсаҳзод, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Мубашшири Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2012. - 480 с.
7. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум; зери назари Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1976. - 348 с.

КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ ТАШБЕҲ ВА ИСТИОРА ДАР “ХУСРАВУ ШИРИН” ВА “ЛАЙЛИЮ МАҶНУН” - И ҲАКИМ НИЗОМӢ

Низомии Ганҷавӣ аз суханварони мумтози адабиёти асри XII-и тоҷикии форсӣ ба шумор рафта, аз ҳуд ба мо панҷ достони “Хамса” ва девони ашъори лирикӣ ба мерос гузоштааст. Аҳли таҳқиқ, монанди Э. Броун, Ҳ. Этте, Е.Э. Бертелс, Забеҳуллоҳи Сафо, Саъид Насафӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод ва дигарон бар он ақидаанд, ки ин суханвар дар адабиёти мо дар “Хамса”-нависӣ дар баробари аз аввалинҳо будан, ҳамчунон аз шоиронест, ки дар эҷоди асари манзуми бадеӣ аз устодони касби худ шинохта шудааст. Ин андешаро сохту муҳтавои осори манзуми офаридаи эҷодкор, маҳорати симоофарии шоир, истифодаи забон, сабки нигориш ва моҳиронаву бамавқеъ истифода намудани санъатҳои бадеӣ дар достонҳои “Хамса” таъйид менамоянд. Бахусус, мо инро дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”-и адиб хеле равшан мушоҳида карда метавонем. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиши онро намудааст, ки доир ба баъзе аз паҳлуҳои камомӯхтаи достонҳои номдаршуда; монанди корбурди санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора ва хелҳои онҳо андешаҳои илмии худро иброз намояд. Тавре дида мешавад, дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” барои тасвири образҳои дар онҳо омада ташбеҳ ва хелҳои он, бахусус ташбеҳҳои кушода ва пӯшида ва истиора вобастиа ба муҳтавои ин асарҳо ба таври фаровон истифода гардидаанд. Масалан, шоир “рухсора”-и ёрро ба “гул”, “рӯй”-и ӯро ба офтоб,”қади ёр”- ро ба “сарв”, “сарви сиҳӣ”, “сарви равон” ба ғайра ташбеҳ намудааст. Ва ё дар байте ба ҷойи Маҷнун шоир калимаи “шефта”- ро ва ба ҷойи Лайлӣ калимаи “маҳ”- ро истифода намуда, истиора сохтааст. Соҳибистиораҳо Маҷнун ва Лайлӣ мебошанд, ки дар байт ёд нашудаанд ва ғайра.

Калидвожаҳо: ташбеҳ, хелҳои ташбеҳ, ташбеҳи кушода, ташбеҳи пӯшида, истиора, образофарӣ, Низомии Ганҷавӣ, достон, тасвири табиат, “Хусрав ва Ширин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЛИТЕРАТУРНЫХ ФОРМ СРАВНЕНИЯ (ТАШБЕХ) И ЗАИМСТВОВАНИЯ (ИСТИОРА) В ПОЭМАХ “ХУСРАВ И ШИРИН” И “ЛЕЙЛИ И МАДЖНУН” НИЗАМИ ГЕНДЖАВИ

Низами Генджави является одним из выдающихся представителей таджикско-персидской литературы XII в., он оставил потомкам пять поэм, вошедших в «Хамса» и лирический Диван. Ученые - исследователи Э. Браун, Х. Этте, Е.С. Бертельс, З. Сафа, С. Нафиси, Х. Мирзазоде, А. Афсахзод и другие были едины во мнении о том, что мыслитель стоял не только в первых рядах поэтов, сочинивших «Хамса», но его литературная поэтика выделяет его как большого мастера художественного изображения. Подтверждением этого вывода является содержание сочиненных им произведений, его мастерство в создании образов, использовании языковых стилей, умелый стиль изложения и мастерство использования литературных форм и жанров в поэмах «Хамса». Более ярко литературное мастерство поэта проявляется в поэмах «Хусрав и Ширин» и Лайли и Меджнун». В статье автор предпринимает попытку, обращая внимание на малоизученные аспекты названных поэм, в частности, исследовать литературные особенности таких форм, как сравнение (ташбех) и заимствования (истиора) и определить авторский подход к исследованию темы. Анализ содержания поэм показывает, что поэт для описания образов широко использует метод сравнения (ташбех), различные его виды и формы, в частности, открытые и закрытые сравнения, и по мере необходимости в своих произведениях использует метод заимствования (истиора). К примеру, поэт сравнивает «облик» (рухсор) возлюбленной с цветком, «лицо» (рўй) с солнцем, стан (ќади ёр) с кипарисом (савр), «черным кипарисом», «идущим кипарисом» и т.д. В одном из двустиший поэт вместо имени Меджнун использует слова «влюбленный» (шефта), а вместо Лайли слово «луна» (мах), и таким образом, создает форму заимствований Лайли и Меджнун, о которых не упоминается в ряде двустиший и т.д.

Ключевие слова: сравнения, заимствования, создание образов, Низами Генджави, изображение природы, поэмы “Хусров и Ширин”, “Лейли и Меджнун”.

THE USE OF THE LITERATURE FORMS OF COMPARISON OF THE LOAN-WORD (METAPHOR) IN THE POEMS OF “KHOSROW AND SHIRIN” LAILA AND MAJNUN OF NIZAMI GANJAVI

Nizami Ganjavi is one of the outstanding representatives of the Tajik-Persian literature of XII centuries, remaining to his descendants the five poems, which are the incomers to the “Khamsa” and “Devan” lyrics. The scholar-scientists A. Brown, Kh. Ette, E.S. Bertels, Z. Safa, S. Nasafi, Kh. Mirzazode, A. Afsakhzod and others had one common opinion, that the thinker stood not only in the first line of the poets, composing “Khamsa”, but his literary poetics marked him as a great master of art representation. The acknowledgement of this educt is the content, composed by him, his mastery in creating the characters, the use of language styles, the hand-lighted style of composing and skills of using the literature form and genres in “Khamsa” poems. More blazing literature mastery of the poet manifests in the poems “Khosrow and Shirin” and “Laila and Majnun”. In the article, the author initiates to try to pay attention to the byway aspects called poems, particularly researching literature factors of such forms like the comparison (tashbeh) and the loan-word (metaphor) (istiora) and identifies an authorial approach to the research of the theme. The analyze of the poems’ content show, that the poet widely uses the method of comparison, different modes and forms for describing the characters, specifically the comparison’s opening and closing and in his works, he uses the method of comparison (istiora) as necessary as needed. For example, the poet compares the “chick” (rukhsor) of the beloved with a flower, the face (ruy) with the sun, the pal’s height with a cypress (sarv), with a black cypress and going cypress and so on. In one of the distiches, the poet together with the name of Majnun has made the use of the lover stuck (shefta) and instead of the word Leila has made the use of the word moon (mah), so this way he has created the form of the loaning, where Leila and Majnun have not been noticed in the plan of distiches and so on.

Key words: comparison, loaning, creating the characters, Nizami Ganjavi, the depict of the nature, the poems, “Khosrow and Shirin”, Leila and Majnun”.

Свидения об авторе: ***Сокиева Парвина Зафаровна*** – Курган-Тюбинский государственный университет им. Н. Хусрава, докторант Ph.D. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Курган-тюбе, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 919-29-10-89**

Information about the author: ***Sokieva Parvina Zafarovna*** – Kurgantube State University named after Nosiri Khusrav, scientific researcher. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kurgan-tube, Aini street, 67.
Tel.: **(+992) 919-29-10-89**

УДК: 821 (091)

ТАСВИРСОЗӢ ВА УСУЛҲОИ КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ДОСТОНИ «ВИС ВА РОМИН»-И ФАХРИДДИНИ ГУРГОНӢ

Зиёратшоҳ Назрулозода
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Амри мусаллам аст, ки яке аз муҳимтарин унсурҳои зебоӣ ва оростагии калом, офаридани тасвирҳои шоирона, рангорангии сухан ва истифодаи санъатҳои бадеӣ ба шумор меравад, ки истифода аз ин воситаҳои тасвири бадеӣ дар намунаҳои назму наср имконият медиҳад, ки сухани шоир ҷаззоб, комил, рехта, муъҷаз ва равон ифода шавад. Бар ин асос дар анвои мухталифи шеърӣ истифода аз санъатҳои бадеӣ барои офаридани тасвирҳои шоирона яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарӣ ба шумор рафта, ҷойгоҳи намоёнро касб кардааст. Аз ин рӯ, ҳар нафар суханвар ба қадри қудрат ва ҳунари шоирии хеш кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз санъатҳои бадеӣ кор гирифта, мақсаду маром ва дар маҷмӯъ афкори хешро муассиру муъҷаз, нишонрасу дилкаш ва шевову зебо баён созад.

Мақом ва ҷойгоҳи махсуси санъатҳои бадеӣ дар офариниши ҳунарӣ ва зебоии калом омил бар он гардидаанд, ки дар адабиётшиносии классикӣ илми бадеъ ба вуҷуд омада, он дар шумори қисматҳои сегонаи илми балоғат қарор бигирад. Барои ташаккули улуми адабӣ, аз ҷумла бадеъ, донишмандон ва мутафаккирони бузурге чун, Ибни Сино, Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ, Насируддини Тӯсӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон таълифоти судманде ба мерос гузоштаанд, ки имрӯз чун сарчашмаҳои аслии шинохти анвоъи санъатҳои бадеӣ эътироф гардида, дар маҷмӯи пажӯҳишҳои адабӣ ва маърифати бадеияти калом мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҷараёни мазкур дар адабиётшиносии муосир, бо марому муваффақона пайгирӣ шуда, ки натиҷаи онро дар осори Т.Зеҳнӣ, Х. Шарифов, А.Насриддинов, Р.Мусулмониён, А.Раҳмонзода, У.Тоиров, А.Сатторзода ва дигарон метавон ба мушоҳида гирифт.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки Фахриддини Гургонӣ чун дигар суханварони адабиёти форсу тоҷик дар эҷоди достони худ аз анвоъи мухталифи санъатҳои бадеӣ истифода карда, каломашро чи аз ҷиҳати лафзӣ ва чи аз назари маънӣ зебою рангин ва дилнишин гардонидааст. Тавре дар боло зикр шуд, аз Фахриддини Гургонӣ ба ҷуз достони «Вис ва Ромин», ки онро бо эҳтимоли қавӣ дар солҳои охири нимаи аввали қарни ёздаҳум сурудааст, ашъори дигаре, ки қобили баҳс бошад, то замони мо нарасидааст. Аммо ҳамин достони ӯ аз назари чеҳранигорӣ ва танаввӯъи тасвирҳо дар ҳадди худ қобили таваҷҷуҳ аст. Албатта, пеш аз ӯ достонҳои ошиқонаи зиёде суруда шудаанд, ки қисмате маҳфуз монда, қисмати дигар аз миён рафтаанд [4, с.564]. Агар «Варқа ва Гулшоҳ»-и Аюқӣ ва достонҳои ошиқонаи таркиби «Шоҳнома»-и Фирдавсиро сарфи назар кунем, “Вис ва Ромин” муҳимтарин маснавии забони форсии то асри шоир ба шумор меравад.

Чеҳранигории ин манзумаи ошиқонаи «Вис ва Ромин», ки аз назари мавзӯӣ низ бо достонҳои ғиноии дигар дар адабиёти форсу тоҷик тафовути бисёр дорад, бо шеваҳои мухталиф сурат гирифтааст. Гургонӣ дар қиёс бо шоирони мадеҳасарои забони форсии тоҷикии то асри худ, ки бештар ҷанбаи васфӣ касб намудаанд, яке аз қавитарин гӯяндагони шеъри форсӣ аз ҷиҳати офаридани навъи тавсирҳои шеърӣ ба шумор меравад. Зеро дар шеъри шоирони мадеҳасарои қабл аз ин шоир ба ғайр аз маъшуқа ва табиат, ки дар асрҳои мазкур дар меҳвари тавсифҳои шоирон қарор доштанд, заминаи дигар, ки асоси офаридани тасвирҳои тоза шавад, вуҷуд надорад. Вале дар ин достон аз баёноти шоир эҳсос мегардад, ки ӯ ба офариниш тасвирҳои бисёре муваффақ гардида, ки ба зоти хеш беназир ва маҳсули тафаккури шоирона ва диди суханваронаи худи вай ба шумор мераванд. Дар канори ин, аксари ин тасвирҳои офаридаи шоир ба зоти хеш тоза буда, онҳо ба сабки баёни шоир таъсири барҷаста гузоштаву ҳатто ба суханаш навъе ҷони тоза ато намудаанд.

Хусусияти барҷастаи тавсири шеъри Фахриддини Гургонӣ, он мебошад, ки ӯ барои пешорӯи хонанда ҷилвагар гардонидани ҳолатҳои равонӣ ё ба қавле отифӣ, онҳоро ба сурати воситаҳои моддӣ ё ҳисшаванда тасвир мекунад, ки аслан ин гунаи тасвирофаринӣ баъдан дар сабки ҳиндӣ нуфузи фаровон касб намуда, онро муҳаққиқи ин сабки адабӣ Ҳасан Ҳусайнӣ ба сурати чизҳои маҳсус даровардани номаҳсус номидааст. Барои ба субут расидани ин андеша метавон бар чанд намунаҳои тасвирҳои офаридаи Фахриддини Гургонӣ ручӯъ намуд, ки дар онҳо бисёре аз ҳолоти рӯҳӣ дар қолаби моддӣ ва ҳиссӣ баён шудааст. Масалан, ӯ бешармиро ба сурати хафтоне медароварад, ки пӯшида мешавад [2, с.102] ва сабр ҷавшанест, ки дар кори ишқ бояд онро ба бар кард [2, с.102]. Дар ибораҳои катибаи оҳан ва меҳри обгина [2, с.52] низ ин шеваи тасвирсозӣ ба мушоҳида мерасад.

Таъсири вафо дар ҷони инсон дар қолаби субҳе ламсшаванда ва ё маҳсус медарояд, ки гӯё ба чашми инсон ҷилвагар мешавад [2, с.110]. Ҳолати шодӣ ва шукуфтагии равонии инсонро бошад дар мисраи зерин шоир онгуна тасвир мекунад, ки гӯё инсон аз шодӣ ҷони худро ба сурати ҷома дароварда онро ба бари худ мекунад: Зи шодӣ ҷони ӯро ҷомае кард [2, с.154]. Ҳатто овозу пайғом чунон моддию маҳсус мешавад, ки ба гунаи чизи моддӣ ва сангин бо феъли афкандан баён мешавад, ки яъне афкандани овоз онро ба сурати ҳисшаванда ва чизе тасвир мекунад, ки аз баландие меафтад ба поён: Ба гӯшаш дарафкан овози зорам [2, с.166]. Шоир хобро, ки ҳолатест ва амре маънавӣ, низ ба сурати моддӣ дароварда дар мисрае чунин тасвир месозад: Зи чашмаш з-астар кун хоби нӯшин [2, с.166]. Албатта, ин ҷо манзури шоир ҳамон хоб ё ҳолати руъёиест, ки онро инсон мебинад дар ғайри ҳолати моддӣ на он сурате, ки ба рӯйи замин ё бистар зоҳиран қарор гирифта ба хоб равад. Осуда шудани ҷони одамӣ аз дардро бошад, шоир бо истифода аз феъли моддии полудан тасвир менамояд, ки вуҷуди инсонро гӯё тозаву озода мегардонад: Ҳама дарде зи андомаш биполуд [2, с.179]. Ин ҷо равшан мешавад, ки тавассути феълҳои моддӣ ё ифокунандаи амалҳои зоҳирӣ шоир унсурҳои маънавиро ҷоннок ё суратпазир мегардонад, ки ин яке аз вежагиҳои хосси офариниши тасвирҳо дар маснавии “Вис ва Ромин” ба ҳисоб меравад.

Аз дигар усулҳои тасвирсозӣ дар маснавӣ ҳамоно истифода аз тамсилҳое барои офариниши тасвирҳо маҳсуб меёбад. Масалан, тамсилҳои маъруфи гунаро шустани узр, ки монанд ё масал мешавад ба ҷомаро шустани об: Гунаҳро узр шӯяд ҷомаро об [2, с.171]. Ба сурати гард даромади ғам, ки май борони он гардҳо хоҳад буд: Ғамон гард асту май борони гард аст [2, с.187]. Ибораи ба оби панд шустани ҷон ҳам аз қабили ҳамин гуна тамсилҳо ба унвони воситаи тасвирсоз ба шумор меравад: Ба оби панд ҷонашро бишустӣ [2, с.221]. Тасвирҳои дигаре дар сурати торикии бахт ба сони оби шӯрида ва даридани бахт, ки ниёз ба дарбеҳ кардан дорад [2, с.204], низ дар ин қароранд. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки барои сохтмони тасвирҳои хеш Фахриддини Гургонӣ бетар аз санъатҳои тавсифу ташбеҳ, истиора ва муҳимтар аз ҳама ташхис кор мегирад. Масалан, амали шустан, ки бештар хосси инсон аст, ҳамчун ташхис дар ҳамон тасвири офаридани ӯ “ба оби панд шустани ҷон” мавриди истифода қарор гирифтааст.

Гуногунрангии тасвирҳо дар шеъри Фахриддини Гургонӣ ба таври барҷаста ошкор аст ва ҳаминки чанде аз усулҳои онро дар сурати истифода аз амалҳои марбут ба инсон, ки тавассути онҳо ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳиснашаванда ба ҳаракат ё амал медароянд, инчунин корбурди тамсилҳо ва худи сурати унсури моддиро гирифтани онҳо дар кори тасвирсозии шоир истифода шудаанд, баёнгари танаввӯъи тасвирҳо ва усулҳои тасвирофаринӣ дар ин достон ба ҳисоб мераванд.

Фахриддини Гургонӣ дар ҳамаи қисматҳои достони худ ба офаридани тасвирҳои хеш, дар баробари истифодаи саноеи бадеие чун истиораву ташбеҳ ва тамсилу иғроқ, ба тасвири манзараҳои табиат маҳдуд нашудааст, балки онгуна ки дар бархе аз ин намунаҳо дидем, ҳатто масъалаҳои ахлоқӣ, ҳикмату андарз ва дигар мавзӯоти иҷтимоиро ба хотири обуранги бадеӣ касб намудани матлабҳояш тавассути тасвирҳои ҷаззоби шоирона баён намудааст.

Дар манзумаи «Вису Ромин» тасвирҳое, ки аз унсурҳои воқеӣ ба вуҷуд омада бошад, кам нестанд, зеро бештар ӯ ба ҳаводиси рӯзгори хеш такя мекунад. Ҳатто тасвирҳои содаи офаридаи вай мисли «шабе сиёҳ» чун андуҳ ва ё «зулфе» чун умед [2, с. 60] ба зоти худ баробари равшании хос доштан, зимни истифодаи ташбеҳ гунае хосса касб намудаанд. Масалан, мо одатан ташбеҳҳоеро ба сурати умум заминаи монандкунии ҳолот ва унсурҳои маънавӣ ба моддӣ зиёд дорем, аммо Гургонӣ кӯшидааст, ки аносири моддиро ба маънавӣ монанд кунад, мисли шаби сиёҳро ба андуҳ.

Дар байти зер дар навбати аввал агарчи дар мисраи аввал як тасвири зиндаи воқеӣ дар сурати зи сар то по поин омадани гесувони маъшуқ тасвир шудааст, дар мисраи дувум, аллакай, ҳамон унсури воқеӣ тавассути корбурди ду унсури ғайривоқеӣ – бӯйи мушк ва ранги ҷони ҷодӯй комил гардидааст:

Фурӯҳишта зи сар то пой гесӯй,
Ба бӯйи мушку ранги ҷони ҷодуй [2, с.279].

Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки тавассути истифодаи ибораҳои «бӯйи мушк» ва «ранги ҷон» шоир навъе ҳиссомезиро ба кор гирифтааст, ки баъдан ба унвони яке аз вежагиҳои ҳунарӣ дар сабки ҳиндӣ нуфуз пайдо намуд.

Дар мисраи аввали байти мазкур бошад, ҳамин гуна тасвирро дар таркиби ибораи «ба сахтӣ чун дили кофаркамоне» офаридааст, ки ҷолиб менамояд. Ҳолати сахтиро ба дили кофаркамон, яъне маъшуқаи бераҳм, ки тавассути камони тири нигоҳаш дили ошиқро харобу захмӣ мекунад, монанд намуда:

Ба сахтӣ чун дили кофаркамоне,
Пур аз алмоси паррон тирдоне [2, с.152].

Фахриддини Гургонӣ дар тасвири ишқ ва ҳолатҳои ошиқона низ, дар маснавии худ ҳунари шоирии хешро ба намоиш гузоштааст. Дар ин ҷода заминаи тасвирҳои ӯ аксар расо ва дар баёни маънӣ ҷаззобу таъсиргузор омадаанд. Ҷолиб аст, ки шоир дар ин гунаи тасвирҳо аз мафоҳими ба ҳамдигар зидд ё маъниҳои ғайривоқеӣ истифода мекунад, ки дар илми адабиётшиносӣ он бештар ба унвони тасвирҳои парадоксӣ ёд мешавад. Масалан, ба порчаи зерин ибораи дар дидагон тир чун хоб шудан ҳамин гуна тасвири парадоксӣ аст, ки аз ҳолати ғайривоқеӣ ба вуҷуд омадааст:

Гаҳе андар зиреҳ шуд тег чун об,
Гаҳе дар дидагон шуд тир чун хоб.
Гаҳе рафтӣ синон чун ишқ дар бар,
Гаҳе рафтӣ табар чун ҳуш дар сар [2, с.65].

Барои офаридани тасвирҳои ифодакунандаи ҳолати ҷангӣ бошад шоир бештари мавридҳо аз муболиға кор мегирад. Масалан, ҳолати ворид шудани сипоҳ ба Марврӯ чунон тасвир мекунад, ки вақти вуруд ба ин шаҳр гӯё замин ба мисли дарёи Ҷайҳун равон гардида, аз таъсири овози кӯсу нолаи най тамоми дунё аз ҷо бархост. Тавсири ин ҳодиса аз тарафи шоир ба ҳадде дар мақоми иғроқ қарор мегирад, ки гарди аз зери пойи аспони сипоҳ ё сипоҳиён бархоста то ба моҳ расида, гӯё бо моҳ роз менамуд ва аз анбуҳии лашкар кӯҳ ба дашт табдил ёфту дашт ба кӯҳ:

Ҷу омад бо сипоҳ аз Марв берун,
Замин, гуфтӣ равон шуд ҳамчу Ҷайҳун.
Зи бас овози кӯсу нолаи ной,
Ҳаме бархост гӯйӣ гетӣ аз ҷой.
Ҳаме рафт аз замин бар осмон гард,
Ту гуфтӣ хок бо маҳ роз мекард.
Ҷунон омад ҳаме лашкар ба анбуҳ,
Ки кӯҳро дашт карду даштро кӯҳ [2, с.63].

Фахриддини Гургонӣ дар ин ҷода идомадиҳандаи навъи иғроқҳои Фирдавсӣ ба шумор меравад, ки онҳо боиси афзудани маънои сухан ва пуробурангии тасвирҳо мегарданд, ки аҳли таҳқиқ ин гуна иғроқҳоро яке аз намунаҳои беҳтарини иғроқофаринӣ ва истифодаи он дар тасвирсозӣ ба шумор овардаанд.

Ҳодисаи ҷангро тавассути истифодаи чунин навъи иғроқҳо Фахриддини Гургонӣ онгуна тасвир мекунад, ки аз кушташудагон кӯҳе заъфаронӣ барпо шуда, аз хун рудхонае барпо гардид. Ин ҳолат дар чашми шоир ба сурат метобад, ки гӯё аз осмон жола борида, дар гирди жола барги лола, ки ҳамон хуни инсонҳост, мешорад. Жола бошад ҳамоно тирборон низ бошад:

Зи кушта пуштае шуд заъфаронӣ,
Зи хун рӯде ба гардиш аргувонӣ.
Ту гуфтӣ, чархи заррин жола борид,
Ба гирди жола барги лола борид [2, с.65].

Мавриди дигар чунин тасвирсозӣ ба воситаи иғроқро шоир дар ҳолати баёни чанг навохтани Ромин ва таъсире, ки навои чанги ӯ дошт, чунин изҳор медорад, ки аз асари шодӣ гӯё бар сари об санг омадааст:

Ҷу Ромин гаҳ-гаҳе бинвохтӣ чанг,
Зи шодӣ бар сари об омадӣ санг [2, с.165].

Бояд гуфт, ки байти мавриди таҳқиқ аз назари ҳаракату ҳолат камназир буда, дар онҳо беҳтарин навъи иғроқ барои офариниши тасвирҳои шоирона ба кор рафтаанд.

Тавре ишорат шуд, яке аз хусусиятҳои барҷастаи тасвирҳои ӯ истифода аз санъати тамсил аст, ки маониро равшантар ва ба фаҳму дарк наздик ва воқеӣ ҳоҳад гардонид. Аслан тамсил дар шеърҳои ин давра хеле кам дида мешавад, аммо бо итминон метавон гуфт, ки шеъри ҳеҷ кадом аз шоирони ин давра чунин ҷанбаи шоирона ва ҳунарӣ надоранд, ки дар шеъри Гургонӣ мо ба мушоҳида гирифтем:

Набошад хушие чун ошноӣ,
На дарди талх чун дарди ҷудоӣ.
Бинолад ҷома аз ҳам чун бидарӣ,
Бигиряд раз чу шохи ӯ бибурӣ [2, с.290].

Абёти дар фавқ овардашуда аз зеботарин намунаҳои тасвири тамсилӣ аст, ки шоир дар онҳо тавассути нолидани ҷома аз даридан ва гиристани раз ба воситаи буридан баён шудааст. Аслан феъли гиристан барои ифодаи чунин амал аз шеъри устод Рӯдакӣ сарчашма мегирад, ки дар байти маъруфи вай ба сурати гиристани абр омада:

Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун, ба сони дидаи Маҷнун.

Баъдан ҳамин гиристани аброо Шайх Саъдӣ низ дар байти маъруфи хеш истифода кардааст, ки он сурати гиристани абри баҳориро гирифтааст:

Бигзор то бигирям чун абр дар баҳорон,

К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон [6, с.591].

Яке аз санъатҳои серистифода дар каломи Фахриддини Гургонӣ истиора ба шумор меравад, ки тавре маълум аст, он дар луғат ба орият гирифтан мебошад. Ҳамчун истилоҳи адабӣ санъати маънавӣ буда, аз калимоти ғайриаслӣ ташаккул меёбад, ки дар тасвир миёни онҳо монандие мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, истиорараро аҳли таҳқиқ як навъи маҷоз ва қарини ташбеҳ донистаанд. Аммо зикр нашудани монандшаванда онро аз ташбеҳ фарқ кунондааст. "Истиора-қайд мекунад адабиётшинос С.Саидов, аз ташбеҳ дида муъҷазтару барҷастатар аст ва дар ифодаи эҳсосот ва тасвири ягон лавҳаи ҳаёт ва табиат беҳтарин воситаи бадеӣ маҳсуб меёбад" [5, с.60]. Ин аст, ки истиораҳои Фахриддин Асади Гургонӣ дар шакли таркиботи изофии маъруфи рӯзгори ӯ, ки аксаран аз таркиби ду калима ба вуҷуд омада, барои ифодаи тасвирҳои ҷаззоб ва офариниши маъниҳои ноб ба кор рафтааст, дар ҳиссӣ кардани матлабҳои шоир таъсири барҷаста гузоштааст. Таваҷҷуҳ ба матни маснавии "Вис ва Ромин" ошкор месозад, ки дар он истиораҳои фаровоне аз сӯйи шоир офарида шудааст, ки ҳамагӣ онҳо дар бозтоби шоиронаи ӯ тасъир гузоштаанд. Зикри чанд намунае аз онҳо дар ин ҷо мувофиқи матлаб хоҳад буд. Аз ҷумла, чашми давлат, кӯҳи кин, сели тимор, деви кина, гули шодӣ, боғи меҳр, рахши кин, чашми ромиш, ҷуйи оташ ва амсоли ин. Масалан, дар байти зерин вожаҳои наргис истиораи чашм, суман-рухсор ва гавҳар-ашк шуда омадаанд:

Ба финдиқ мушкро аз сим барканд,
Зи наргис бар суман гавҳар пароканд [2, с.68].

Дар байти дигар бошад, дар таркиби ибораи тасвирии намехандад ба шодӣ пистаи ӯ вожаи писта ҳамоно истиораи лаб шуда омадааст:

Намехандад ба шодӣ пистаи ӯ,
Гиреҳ дорад зи ҳам доим ба абрӯ [2, с.103].

Дар каломи шоир ин навъ истиораҳо фаровон ба кор рафтааст, ки ҳамагӣ дар ҷаззобияти тасвирҳо ва пуртаъсир гардидани баёни шоирона мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дигар аз санъатҳои бисёристифода дар маснавии "Вис ва Ромин" ташхис мебошад, ки дар луғат фарқ кунонидани ду чизи ба ҳам монанд, муайян кардани беморӣ маънидод шудааст. Дар илми бадеъ яке аз анвоъи санъати маънавист. Агар шоир ё нависанда дар осори худ ба набототу ҳайвонот, парандагон ва ҷирмҳои осмонӣ сифатҳои инсониро дода тавонад, онро ташхис меноманд, яъне шахсиятбахшии чизҳои беҷон ва ғайра.

Ин санъати бадеӣ дар шеъри Фахриддини Гургонӣ бисёр табиӣ ва ҳисшаванда ба кор рафтааст. Ба чанд намуна аз ин истифодаи ташхис муроҷиат мекунем. Дар байти зерин таноби хаймаро бар кӯҳ бастан ҳамин навъ ташхисро ба вуҷуд овардааст:

Дирангӣ гаштаву эмин нишаста,
Таноби хаймаро бар кӯҳ баста [2, с.78].

Дар байти дигар бошад шоир барои офариниши ташхис аз санъати истиора ба кор гирифтааст ва онро дар таркиби ибораи "ба ҷӯйи оштӣ об омадан" ба мушоҳида мегирем, ки ҷӯйи оштӣ баробари истифода бурдан навъе сурат пайдо кардааст, ки он аслан хосси одамӣ мебошад:

Ду чашми ромаш аз хоб андар омад,
Ба ҷӯйи оштӣ об андар омад [2, с.151].

Аз он ҷо равшан мешавад, ки доманаи тасвирсозӣ тавассути истифодаи санъатҳои бадеӣ ва истифодаи моҳиронаи онҳо гуногунрангии бештаре дорад ва ба назар мерасад, ки аксари ин тасвирҳо маҳсули тафаккури шоиронаи Фахриддини Гургонӣ буда, бори аввал дар қаламрави шеър зуҳур намудаанд. Масалан, дар байти зер даҳ ангушти маъшуқро ба устухони фил монанд мекунад, ки ҳар яке бар сараш тоҷе аз финдиқ гузошта шудааст:

Даҳ ангушташ чу даҳ мосураи оҷ,
Бар сар бар ҳар якеро финдиқе тоҷ [2, с.48].

Дар байти дигар ибораи тамсилии маъруф дар фарҳанги мардумии тоҷик, аз тарс чун барги бед ларзиданро бошад, шоир барои истифодаи ҳолати кинаварзӣ истифода намуда, онро чун барги бед аз кина ларзидан ва чун оби равон аз акси хуршед ларзидан ба кор гирифта, ки аз мушоҳидаҳои амиқи суханвар дарак медиҳанд:

Зи бас кина ҳаме ларзид чун бед,
Чу дар оби раванда акси хуршед [2, с.60].

Тасвири манзараи шаб дар сувари хаёли Фахриддини Гургонӣ низ бо истифода аз ташбеҳоту тавсиф ва истиораву ташхис хеле ҷаззоб ва шоирона сурат гирифтааст. Ҷойгоҳи моҳро дар қаламрави шаб шоир ба сурати ҳаракати заврақе ба дарёи амиқ медароварад, ки бинанда аз дидани ин манзараи зебои шаб муассир гардида, аз баҳри чеҳраи худ даст мешӯяд, он сон, ки Ромин чеҳраи Висро дидаву аз ҷону рӯ даст шуста буд:

Чу як нима сипоҳи шаб даромад,
Маҳи тобанда аз ховар баромад.

Чу симин заврақе дар жарфдарё,
Чу даст абранҷанӣ дар дасти ҳуро.
Ҳаворо дида аз чеҳра фурӯ шуст,
Чунон чун Висро аз ҷону рӯ шуст [2, с.212].

Шоир дурии ошиқро аз васли маъшуқ ба сурати даймоҳ ва баҳор медароварад, ки ҳар ду аз ҳамдигар дар дурии муайян қарор доранд ва аслан ҳеҷ гоҳ ба ҳам намерасанд. Ба ин хотир аст, ки худи ӯ низ эътироф мекунад, ки расидантон ба ҳам бисёр кор аст:

Ту даймоҳиву он дилбар баҳор аст,
Расидантон ба ҳам бисёр кор аст [2, с.73].

Дар тасвири зулфу рух низ шоир тасвири тозаеро меофаринад ва афтодани зулфро бар болои рух монанди зоғи куштае дар болои барф мебинад, ки то ин замин чунин тасвирро дар дигар достонҳои эҷодшуда ба мушоҳида намегирем:

Ду зулфаш мушку рух кофуру шангарф,
Чу зоге уфтода кушта бар барф [2, с.90].

Тавассути истифодаи ташбеҳот шоир ду рухсори маъшуқро, яъне Висро, ба тӯдаи гул ва лабонашро ба қатраи шароби сурх монанд мекунад, ки навъе тасвири ҷаззобро эҷод намудаанд:

Рухонаш ҳаст, гуфтӣ, тӯдаи гул,
Лабонаш ҳаст, гуфтӣ, қатраи мул [2, с.90].

Ҳолати аз шодӣ сурх гардидани рухсорро ба сурати ҷӯшидани хун медароварад, ки ба чашми шоир ҳамчун ҷома пӯшидани рух ҷилвагар гардидааст:

Зи шодӣ хун зи рухсораш биҷӯшид,
Рухаш, гуфтӣ, зи лола ҷома пӯшид [2, с.96].

Таъбири тоза кардани реш дар ин байт тамсили маъруф дар фарҳанги мардумро ба хотир меоварад, ки ба сурати тоза шудани захм аз ёдоварии коре ё ҳодисае истифода мешавад. Шоир ин ҷо нахуст лабро ба лабони тӯтӣ ва чашмро ба чашмони говмеш шабоҳат дода, дар мисраи дувум ҳамин таъбирро ба шакли тоза кардани реш ба кор гирифтааст:

Лаби тӯтию чашми говмешам,
Басе бӯсиду тоза кард решам [2, с.106].

Бояд таъкид намуд, ки Фахриддини Гургонӣ мисли ҳамаи шоирони нимаи аввали асри ёздаҳум бо такя ба нигоҳи шоиронаи худ дар истифодаи тасвирсозӣ аз унсурҳои табиат фаровон истифода будааст. Ба ибораи дигар ҷойгоҳи тасвири табиат низ дар маснавии ӯ махсус аст, ки, албатта, ин мавзӯи баҳси ҷудогонаро хостор аст. Дар баробари тасвирсозӣ тавассути ташбеҳот, ки сарчашма дар ҳуруфи алифбои арабиасос доранд, низ аз назари шоир дур нест, онҷунон ин монанд кардани лаб ва даҳон ба ҳарфи мим маъруф аст ва шоири мо низ дар чанд маврид аз он истифода кардааст:

Лаби ҳар ду ба сони мим бар мим [2, с.211].

ё:

Даҳон танг чун мимӣ ақиқин [2, с.238].

Ҷойи дигар бошад ҷаҳонро ба ҳалқаи мим ва шикастани умеди хешро ба ҳарфи ҷим монанд мекунад. Бояд изҳор дошт, ки дар ин байт дар канори ин вожагон мим чун истиораи даҳон ва ҷим зулф ба кор рафтаанд:

Ҷаҳон ҳалқа шуда бар ман чу мимаш,
Умеди ман шикаста ҳамчу ҷимаш [2, с.281].

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасии ҷойгоҳи тасвирсозӣ ва шеваҳои истифодаи саноеи бадеӣ дар маснавии “Вис ва Ромин”-и Фахриддини Гургонӣ бармеояд, ки ин суханвари мумтоз дар коргоҳи хаёли хеш барои пуртаъсир шудани суханаш тасвирҳои шоистаеро тавассути роҳу усулҳои хосса офаридааст, ки ҳамагӣ дар фасоҳат ва балоғати каломи ӯ таъсири барҷаста гузоштаанд. Махсусан, шоир дар ҷараёни тасвирофариниҳои хеш аз аксари санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, чун ташбеҳ, истиора, тавсиф, сифатчинӣ, муболиға ва иғроқ, маҷоз ва амсоли ин ҳунарварона ба кор гирифтааст, ки онҳо дар таъмини таркиб ва бофти тасвирҳои шоир нақши муассир гузоштаанд. Баробари ин, шоир ҷиҳати пуробурангии каломи худ ҳатто дар баёни муомилоти ошиқона, мавзӯоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ дар баробари тасвири табиат аз унсурҳои тасвирсоз ва воситаҳои фасоҳатбахши калом моҳирона истифода намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гургонӣ Фахриддин Асад. Вис ва Ромин / ба чоп тайёркунанда ва муаллифи сарсухан А.Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 456 с.
2. Гургонӣ Фахриддин Асад. Вис ва Ромин / Бо муқаддима ва тасҳеҳу таҳшияи Муҳаммад Рушан. – Теҳрон: Садои муосир, 1377. – 558 с.
3. Турақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф,1992. – 304 с.
4. Кадканӣ Муҳаммад Ризо Шафеъ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. –Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.
5. Саидов С. Каломи бадеъ. -Душанбе: Ирфон, 2012. – 134 с.

6. Саъдӣ Шерозӣ. Куллиёт // Бо эҳтимоми Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон: Заввор, 1381. – 1147 с.

ТАСВИРСОЗӢ ВА УСУЛҲОИ КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ДОСТОНИ «ВИС ВА РОМИН»-И ФАХРИДДИНИ ГУРГОНӢ

Воситаҳои назмӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми сохтори эстетикии асар мебошанд, ки ҳамаи пайванди усулҳои бадеиро ба вуҷуд меоранд ва ба асар фасоҳату қувват ва таъсири эҳсосӣ мебахшанд. Аз ин рӯ, ҳар нафар суханвар ба қадри қудрат ва ҳунари шоирии хеш кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз санъатҳои бадеӣ кор гирифта, мақсаду маром ва дар маҷмӯъ афкори хешро муассиру муъҷаз, нишонрасу дилкаш ва шевову зебо баён созад. Муаллиф дар мақолаи худ усулҳои истифодаи санъатҳои бадеиро мавриди омӯзиш қарор дода, корбурди онҳоро дар мисоли достони «Вис ва Ромин»-и Фахриддин Гургонӣ таҳлил намудааст. Фахриддини Гургонӣ чун дигар суханварони адабиёти форсу тоҷик дар эҷоди достони худ аз анвоъи мухталифи санъатҳои бадеӣ истифода карда, каломашро чи аз ҷиҳати лафзӣ ва чи аз назари маънӣ зебою рангин ва дилнишин гардонидааст. Гургонӣ дар қиёс бо шоирони мадеҳасарои забони форсии тоҷикии то асри худ, ки бештар ҷанбаи васфӣ касб намудаанд, яке аз қавитарин гӯяндагони шеъри форсӣ аз ҷиҳати офаридани навъи тавсирҳои шеърӣ ба шумор меравад. Хусусияти барҷастаи тавсири шеъри Фахриддини Гургонӣ, он мебошад, ки ӯ барои пешорӯйи хонанда ҷилвагар гардонидани ҳолатҳои равонӣ ё ба қавле отифӣ, онҳоро ба сурати воситаҳои моддӣ ё ҳисшаванда тасвир мекунад.

Калидвожаҳо: Фахриддини Гургонӣ, «Вис ва Ромин», тасвирсозӣ, истиора, ташбеҳ, тамсил, иғроқ, ташхис.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ СРЕДСТВ ИЗОБРЖЕНИЯ В ПОЭМЕ «ВИС И РОМИН» ФАХРИДДИНА ГУРГОНИ

Поэтические средства являются важным компонентом эстетической структуры произведения, они создают тот синтез художественных приемов, который придает творению выразительность и силу эмоционального воздействия. Поэтому каждый поэт в соответствии со своим умением и поэтическим талантом старается использовать художественные средства, чтобы метко, красиво и привлекательно выражать свои цели и мысли. Автор в данной статье рассматривает методы использования художественных средств и анализирует особенности их использования на примере поэмы «Вис и Ромин» Фахриддина Гургони. Фахриддин Гургони, как и другие поэты персидско-таджикской литературы, в своей поэме использует различные виды художественных средств и выражает свои мысли красиво и точно. Фахриддин Гургони, по сравнению с другими поэтами персидско-таджикской литературы, произведения которых носили восхвалительный характер, считается одним из творцов различных видов художественных произведений. Художественные особенности стихов Фахриддина Гургони заключаются в том, что он психологию человека, раскрывает с помощью материальных и познаваемых средств.

Ключевые слова: Фахриддин Гургони, «Вис и Ромин», изобразительное искусство, метафора, аллегория, притча, олицетворение.

USING ARTISTIC MEANS IMAGES IN THE FAKHRIDDINI GURGONI'S POEM "VIS AND ROMIN"

Poetic means are an important component of the aesthetic structure of the work, they create the synthesis of artistic techniques that gives expressiveness and the power of the emotional impact of creation. Therefore, each poet, in terms of his ability and poetic talent, will try to use art to influence and accurately, beautifully and attractively express his goals and thoughts. The author in this article examines the methods of using artistic arts and analyzes the features of using these arts in the example of the poem "Vis and Romin" by Fakhriddin Gurgoni. Fahriddin Gurogni like other poets of Persian-Tajik literature in the creation of his poem uses various types of art and expresses his speech beautifully and attractively. Fahriddin Gurgoni compared with other poets of Persian-Tajik literature, which their works were laudatory in nature, is considered one of the creators of various types of artwork. A feature of the artistic work of Fakhriddin Gurgoni's poems is that in order to show the radiant psychological conditions of a person's life, he depicts them with the help of material and knowable means.

Key words: Fahriddin Gurgoni, Vis and Romin, metaphor, allegory, parable, personification.

Сведения об авторе: ***Зиёратшох Назрулозода*** – Министерство образования и науки Республики Таджикистан, специалист. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нисормухаммада, 13а.
Телефон: **(+992) 918-62-91-62**

Information about the author: ***Ziyoratshoh Nazrulozoda*** - Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, specialist. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nisormukhammad, 13a.
Tel.: **(+992) 918-62-9-162**

УДК 331.101.262.-057 (075.8)

ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОГО ПЕРЕВОДА РОМАНА М.А. ШОЛОХОВА «ТИХИЙ ДОН»

Наврузов А.Х.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Развитие русской и мировой литературы показывает, что русская литература имеет связи с другими литературами народов мира и народов СНГ и всегда взаимосвязи в контактах с другими народами мира. На основе этого направления развиваются различные объективные, общественные, мировые литературные процессы, где взаимосвязи национальной литературы

имеют свои особенности взаимовлияния и развития поиска типологического направления, а также традиции и художественные проблемы в современной русской литературы.

На основе вышеизложенного мы пришли к выводу, что надо проводить исследование проблемы взаимосвязи и переговоров каждой культуры и показать в исследовании других культур.

Надо отметить, что эта проблема была новой в таджикской современной литературе в XX веке, потому что именно в это время развиваются взаимосвязи между разными народами и появились новые произведения в таджикской литературе.

Следует показать, что влияния одной нации на другую развивается разными путями и одним из них является художественный перевод, который играет центральную роль в раскрытии проблемы литературных связей.

Алексеев Н.П. писал: «Надо выделить две стороны русско - таджикских литературных связей и взаимодействия. Одна сторона - это влияние литературы народов Востока, в том числе таджикского народа, на русскую литературу, а вторая заключается во влиянии русской литературы на таджикскую литературу XX века, в особенности советского периода» [1, с. 34].

Сейчас существует обширная научно-исследовательская, методическая литература, где изучаются различные вопросы русско- таджикских литературных связей. Это проблема на протяжении несколько столетии была предметом исследования многих русских и таджикских критиков.

Центральное место в таджикско - персидской литературе занимает творчество А.С. Пушкина, М.Ю. Лермонтова, А. Фета, Б. Марлинского, С, Есенина и других поэтов и писателей русской литературы.Среди них особое место занимает творчество современного русского пистателя лауреата Нобелевской премии Михаила Александровича Шолохова.

Эта проблема является актуальной в изучении русско-таджикских литературных связях, потому что в таджикской литературе данная проблема еще не изучена.

В данной работе исследуется анализ переводов произведения Михаила Александровича Шолохова на таджикский язык.

Первую информацию о «Тихом Доне» на таджикском языке в Таджикистане находим в критической статье Рахима Хошима “Тарчумаи осори М.Шолохов”, опубликованной в таджикском журнале “Садои Шарк” за 1930 году, в которой дается положительная критика романа Шолохова. Также в таджикском журнале “Шарки Сурх” в январе 1951 году появилась научная работа, где автор анализирует крупные произведения роман-эпопея великого русского пистаеля XX го века Михаила Александровича Шолохова.

Надо отметить, что в средствах массовой информации в республике Таджикистан были некоторые научные работы о переводе крупного произведения русского писателя таджикскими переводчиками, которыми были таджикские переводчики Рахим Хошим и Сотим Улугзаде. Центральная проблема заключается в том, что было очень мало переводов произведений этого русского писателя XX века.

В нашей стране достигла большой высоты культура художественного перевода. Это результат роста общей культуры, а также укрепления дружбы между народами нашей Родины и интернациональных культурных связей. За годы независимости на таджикский язык и на другие языки народов, были переведены крупнейшие произведения национального эпоса и классиков литературы других народов, произведения прогрессивных зарубежных писателей, заново были переведены многие произведения классиков мировой литературы. Благодаря работе переводчиков достоянием сотен миллионов читателей стали произведения таджикской литературы. Настоящая статья представляет собой попытку обзора переводческой деятельности одного из выдающихся таджикских писателей Шамси Собира. Впервые таджикский писатель выступил в печати как переводчик после революции, опубликовав переводы из М.Шолохова и Л.Н.Толстого и из английских народных баллад. С тех пор он не оставлял работы над переводами стихов, работы необычайно многогранной и многообразной. Хотя интересы Шамси Собира лежат главным образом в русской поэзии, им переведены английские народные баллады, сонеты Шекспира, стихи Бёрнса, Блейка, Байрона, Шелли, Китса, Вордсворта и других английских поэтов, - он внес большой вклад и в дело перевода других литератур: он переводил Гейне, Петефи, Лесю, Украинку, Саломею Нерис и других. Благородная работа поэта-переводчика, которая получила признание народа, была отмечена в 1969 году.

Большая популярность переводов Шамси Собира среди самых широких читательских кругов в значительной степени определяется тем, что в своем творчестве он продолжает славные традиции таджикского поэтического перевода. Основоположниками этой традиции в русской литературе по праву считаются Жуковский и Пушкин, и смысл ее заключается в том, что «переводчик в стихах не раб, а соперник». Жуковский и Пушкин считали, что только большая творческая свобода по отношению к оригиналу дает переводчику возможность предать поэтические ценности подлинника во всем их своеобразии на своем родном языке. А

поэтическая ценность художественного произведения определяется идейной глубиной и верностью познания реальной действительности и ее отражения в художественных образах. Задача переводчика заключается, не только в том, чтобы точно перевести поэтические ценности одной литературы на другую литературу. Поэтому Пушкин и Жуковский как переводчики стремились не к буквальной точности, а к точности поэтической и прежде всего к тому, чтобы переводное стихотворение или поэма стали фактом русской поэзии. Таковы переводы Жуковского из Гете, Шиллера, Байрона и других поэтов, переводы Пушкина из Горация, Вольтера, Шенье.

В дальнейшем эта традиция продолжалась в русской поэзии (Лермонтов, Тютчев, А, Толстой) и именно с нею связаны все победы русской переводческой школы, отличительные особенности которой были отмечены еще классиками революционно-демократической критики Белинским, Чернышевским, Добролюбовым.

Переводы Шамси Собира возникли как продолжение и развитие того, что было начато другими таджикскими переводчиками, поэтому их достоинства являются достоинствами всей таджикской школы поэтического перевода.

Работ, посвященных проблемам художественного перевода, у нас еще очень мало. Не удивительно, что в этих немногих работах не подчеркнуто достаточно резко отличие перевода художественной прозы от перевода стихов. В обоих случаях предъявляются одинаковые требования, и тут и там читатель ждет от переводчика верности подлиннику, но различие методов, которыми переводчики стихов и переводчики прозы пользуются, чтобы добиться этой верности, заставляет нас по – разному подходить к анализу и оценке их работ. Переводческая деятельность Шамси Собира являет нам образцы перенесения поэтических ценностей, созданных в поэзии других народов, в сокровищницу таджикской поэзии. Таджикский поэт М.Турсунзаде был совершенно прав, когда назвал переводы Шамси Собира «фактами русской поэзии». Эти переводы обладают большой точностью, близостью к оригиналу, но это не буквальная точность , не воспроизведение лексики и синтаксических конструкций подлинника, а точность художественная, где поэтическим ценностям оригинала соответствуют поэтические ценности в переводном стихотворении.

В Таджикистане благодаря русским педагогам, туристам и эмигрантам появились русские журналы. Несмотря на малую количество, газет и журналов на русском языке, опубликованы новые произведения русских поэтов.

В республике единственный собственный таджикский перевод романа Михаила Шолохова «Тихого Дона» на таджикский язык появился в 1977-1978 годы. Эта эпопея на таджикском вышла в 5 книгах. Каждая книга имеет своего переводчика. Первым переводчиком романа «Тихий Дон» на таджикский язык был писатель Эмиль Муллокандов.

Вторая книга выходит в 1966 году - “Дони Ором” в переводе Шамси Собира и Рахима Хошима. С третьей книгой таджикские читатели познакомились в 1974 году, она называлась “Ором”, переводчик М.Юсуфи. Четвертая книга вышла под заголовком “Ороми бузург”, переводчик Хабиб Ахрори. Книга пятая имела заголовок “Дони Ором”. Ее издание относят к 1976 года, переводчик - Рахим Хошим.

Никонов И.П. отмечает: «Анализ текстов переводов таджикского издания свидетельствует о несогласованности переводчиков в работе над переводом романа и об отсутствии единого редактора текстов (нет единого принципа передачи топонимов, реалий казачьей действительности, особенностей авторского стиля в целом и синтаксиса повествования)» [2, с. 66].

Исследование переводов произведений Михаила Шолохова может иметь и самостоятельное значение. Художественный перевод, как известно, является одной из форм освоения иноязычной культуры. Имеющее свои особенности и закономерности, их изучение представляет большой науный интерес. Изучение истории перевода русской литературы на таджикский язык показывает, что Октябрьская революция явилась своеобразной гранью для проникновения произведений русской культуры в культурную жизнь таджикского народа.

Было ли творчество Михаила Шолохова известно таджикскому читателю до Великой Отечественной войны? Принято считать, что знакомство таджикского народа с творчеством великого писателя стало возможным только после 30- х годов XX века. Подлинная встреча таджикского народа с М. Шолоховым стала возможной лишь после 40-50- х годов XX века. Важное значение в этом деле имели переводы его произведений на таджикский язык.

Воссоздать произведения Михаила Шолохова на таджикский язык и донести до таджикского читатлея всю красоту произведении русского писателя можно было лишь осуществив грандиозный скачок в культурно-эстетическом развитии народа. Это потребовало от деятелей таджикской литературы высокой подготовленности и напряженного труда.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алексеев Н.П. Творчество М. Шолохова в мировой литературе / Н.П. Алексеев. - М.: Наука, 1989. - 276 с.
2. Никонов И.П. Особенности перевода художественных произведений / И.П. Никонов. - М.: Наука, 2001.- 292 с.
3. Абдулхаев Дж. М.А.Шолохов / Дж.Абдулхаев // Коммунист Таджикистана, 1960, 24 ноября. - С.3.
4. Ахрори Х. Суҳбат аз санъати тарҷума. [Беседа из переводческого искусства]. - Душанбе: Ирфон, 1984. - С. 165-166.
5. Шолохов М.А. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 8 ҷилд / М.А. Шолохов. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 466 с.

ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ РОМАНИ М.А. ШОЛОХОВ «ДОНИ ОРОМ» БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф дар асоси маводи бисёр тарҷумаи романи Михаил Шолохов «Дони Ором»- ро ба забони тоҷикӣ таҳлил менамояд. Боядқайд намуд, ки ин мушкилот дар тадқиқоти асари бадеӣ дар асри ХХ бисёр муҳим буда, аз он вақт дар ин замина, ки зарурати барқарор кардани робитаҳои байнидавлатӣ ва муносибатҳо дар сатҳи сифатан нав, зарурати таҳкими фарҳангҳои халқ дар доираи фазои сунъӣ мебошад. Ин намунаи яке аз он ҳамкориҳо дар адабиёти ҷаҳонӣ мебошад, ки муносибатҳои таърихию фарҳангии байни халқҳои Русия ва тоҷиконро, ки дар тӯли асрҳо давом мекунанд, инъикос менамояд. Ин масъала дар якчанд таҳқиқот дар забони тоҷикӣ баррасӣ карда шудааст. Ҳамин тавр, бояд таъкид намуд, ки ҳамаи он осореро, ки муҳаққиқон - адабиётшиносон ба номи М. Шолохов бахшидаанд, ба тасвири тафсир ва тарҷумаи эҷоди нависанда эҷод мекунанд. Бинобар ин, таъсири мутақобилаи муассирии эҷодиёти М. Шолохов ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқоти махсуси монографӣ талаб мекунад. Таърихи тарҷумаи бадеии тоҷик ва мушкилоти ба он алоқаманд, хамбастагӣ ва ғанӣ гардонидани нашрияҳоро ба алоқаҳои асримиёнагии адабиёти рус ва тоҷик инъикос менамояд.

Калидвожаҳо: тарҷума, роман, «Дони Ором», М.Шолохов, забони тоҷикӣ, эпопея, нависанда.

ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОГО ПЕРЕВОДА РОМАНА М.А. ШОЛОХОВА «ТИХИЙ ДОН»

В этой статье автор исследует перевод романа Михаила Шолохова «Тихий Дон» на таджикский язык. Автор статьи на основе обширного материала анализирует перевод крупного романа Михаила Шолохова на таджикский язык. Надо отметить, что эта проблема была особенно актуальной при изучении художественной культуры в двадцатом столетии. Так как именно в эту эпоху возникает необходимость возрождения межкультурных коммуникативных связей и отношений на качественно новом уровне, закладывающем основу для взаимообогащения культур народов внутри художественного пространства. Одним из наглядных примеров такого взаимодействия в мировой литературе являются историко-культурные взаимоотношения русского и таджикского народов, продолжающиеся на протяжении столетий. были исследованы в нескольких статьях на таджикском языке. Таким образом, надо отметить, что все публикации специалистов-литературоведов, посвященные М.А.Шолохову, создают фрагментарную картину анализа и интерпретаций творчества писателя, поэтому вопрос взаимовлияния М.Шолохова и персидско-таджикской литературы требует специального монографического исследования. История таджикского художественного перевода и проблемы взаимосвязи, взаимодействия и взаимообогащения литератур отражают многовековые контакты между русской и таджикской литературами.

Ключевые слова: перевод, роман, «Тихий Дон», М.Шолохов, таджикский язык, эпопея, писатель.

FEATURES OF THE TAJIK TRANSLATION OF THE NOVEL M.A. SHOLOKHOV "QUIET FLOWS THE DON"

In this article, the author examines the translation of the novel by Mikhail Sholokhov "Quiet Flows the Don" into the Tajik language. The author of the article analyzes the translation of a major novel by Mikhail Sholokhov into the Tajik language on the basis of extensive material. It should be noted that the translations of the novel by Mikhail Sholokhov were investigated in several articles in the Tajik language. It should be noted that the translations of the novel by Mikhail Sholokhov It should be noted that this problem was especially relevant in the study of artistic culture in the twentieth century. Since it is precisely in this era that there is a need to revive intercultural communication and relations at a qualitatively new level, laying the foundation for the mutual enrichment of cultures of peoples within the artistic space. One of the most striking examples of such interaction in world literature is the historical and cultural relations between the Russian and Tajik peoples, which last for centuries. were investigated in several articles in the Tajik language. Thus, it should be noted that all publications of literary scholars dedicated to MA Sholokhov create a fragmentary picture of the analysis and interpretation of the writer's work, so the question of the mutual influence of M. Sholokhov and Persian-Tajik literature requires a special monographic study. The history of Tajik artistic translation and the problems of interconnection, interaction and mutual enrichment of literatures reflect the centuries-old contacts between Russian and Tajik literature.

Key words: translation, novel, "Quiet Flows the Don", M. Sholokhov, Tajik language, epic, writer.

Сведение об авторе: ***Наврузов Аброр Хасаналиевич*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, ассистент кафедры русской и мировой литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 928-28-69-51**

Information about the author: ***Navruzov Abror Hasanalievich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, assistant of the Department of Russian and World Literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Tel.: **(+992) 928-28-69-51**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 659 (100)

НАҚШИ ВАО ДАР НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ

Муқимов М. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеа дорад. Дар мамолики Ғарб медиахолдингҳо мустақилияти иқтисодии ВАО-ро аз мақомоти ҳукуматӣ таъмин намоянд ҳам, хоҳ-нохоҳ расонаҳо аз идеяҳои ягон ҳизб ҷонибдорӣ мекунанд ва ё ба он таваҷҷуҳи хоса доранд. Ин аз ношир (муассис) ва сиёсати редаксионӣ вобаста буда, маъмурият барои қонеъ гардонидани талаботи аудиторияи худ низ ба ин амал даст мезанад. Масалан, дар ИМА расонаҳои пешбар одатан таҳти назорати ягон ҳизби сиёсӣ нестанд, вале талаботи аудиторияи худро ҳангоми чоп ё пахши мавод ба назар мегиранд. Аз ҷумла, муҳтавои рӯзномаи «Ню-Йорк Таймс» барои ашхосе, ки назари либералӣ - демократӣ доранд ва аз ҳизби демократӣ ҷонибдорӣ мекунанд, равона шудааст. Баръакс, рӯзномаи «Вашингтон пост» нашрияи консервативӣ маҳсуб шуда, хонандаҳои он ҷонибдори ҷумҳурихоҳон мебошанд. Яъне, сиёсишавии аудиторияи ВАО низ тақозо мекунад, ки расона барои аз даст надодани муштариёни худ аз сиёсати ҳукумат ё ягон ҳизб дастгирӣ намояд ва ё мухолифи он бошад.

Масалан, рӯзномаи «Вашингтон пост» дар мақолаи редаксиониаш оид ба раъйпурсии 1-уми октябр дар вилояти худмухтори Каталонияи Испания, 2-юми октябри соли 2017 навишт, ки президент Трамп низ аз мустақилиятхоҳон дастгирӣ накард. «Миллатгароёни минтақаи мазкурро танҳо Шотландия, ки аз ҷониби ҷудоихоҳон идора мешавад ва Ҳукумати Венесуэла ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамчунин, хадамоти кашшофии Русия ва дастгоҳи тарғиботии он, ки ҳамаи нерӯяшро дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷонибдории ҷудоихоҳони Каталония равона кардааст, дастгирӣ менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки Москва ҳаракати Каталонияро ҳамчун боз як воситаи ҷудоиандозӣ ва сустшавии Ғарби демократӣ мефаҳмад» [11].

Дар ҳамин ҳол, Ҳукумати ИМА худ чанд сол боз ба ҷудоихоҳони курд дастгирии ҳарбӣ намуда, барои гузаронидани раъйпурсӣ барои мустақилият дар Курдистони Ироқ дар таърихи 25 сентябри соли 2017 мусоидат намудааст. Зеро раъйпурсии мазкур ба манфиати геополитикии ИМА мебошад. Раъйпурсиро Русия ва кишварҳои ҳамсояи Ироқ - Сурия, Эрону Туркия, ки мустақилияти курдҳо ба манфиаташон нест, ҷонибдорӣ накарданд.

Бояд гуфт, ки кишварҳои абарқудрат барои роҳандозии сиёсати хориҷии худ як қатор расонаҳоро таъсис додаанд. Масалан, ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли Телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони Мартӣ (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/«Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад [5, с.267].

ВАО дар ташаккули тафаккури ҷомеа саҳм дошта, метавонад дар рушди устувор ва сулҳу субот нақши муҳим бозад. Ҳамчунин расонаҳо метавонанд дар барангехтани низоъ ва амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсӣ истифода шаванд. Аз ҷумла, ВАО метавонад ҳамчун яке аз субъектҳои низои сиёсӣ гардида, на ҳамеша сабабҳои воқеии пайдоиши муноқишаро инъикос намояд, паёмадҳои хубу бади муноқишаро гӯяд ва дар ҳалли он саҳм гирад. Ҳамчунин ВАО метавонад пеши пайдоиш ва тавсеаи муноқишаро гирад. Барои ҳамин ҳам ҳукуматдорон барои амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсии худ аз расонаҳо истифода мебаранд.

Ҳоло телевизион, ки яке аз расонаҳои муассир аст, ҳамчун расонандаи идеяҳои муайян дар қолаби барномаҳои рангоранги иттилоотӣ ва ахборӣ хизмат мекунад. Бояд гуфт, ки истифодаи васеи таъсиррасонии идорашаванда аудиторияи фаъолро раҳгум мезанонад ва ба мақсадҳои муайян равона менамояд.

Дар замони муосир ВАО-и электронӣ функсияи иттилоотии худро ба шарҳҳои фармоишӣ иваз карда истодааст. Дар натиҷа факт ва ҳодиса ба сабаби ифодаи ақидаи касе ва ё гурӯҳе табдил ёфтааст.

Аз нуқтаи назари фаъолияти иттилоотӣ ахбор мусбату манфӣ намешавад, мегӯяд муҳаққиқи рус Зегонов О.В. «Муҳтавои он вақте манфӣ мешавад, ки ахборро барои шарҳи аҳамияташ ба аудиторияи байналхалқӣ истифода мебаранд» [4].

Нақши ВАО дар сиёсати хориҷӣ дар асри XXI боз ҳам муҳимтар арзёбӣ мешавад. Ин ба афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ алоқаманд аст. Зеро технологияҳои иттилоотӣ дараҷаи нави иртиботро байни давлатҳо ташаккул дода, инфрасохтори ҷаҳониро таъсис додаанд ва ба соҳаҳои гуногуни муносибати байнидавлатҳо ворид гардидаанд. Ҷаҳони имрӯза аз рӯи қоидаи нонавишта тобеи он гардидааст, ки ҳодиса ба вуқуъ пайвастааст, агар дар бораи он ВАО ба аудиторияи васеъ хабар дода бошад. Агар дар бораи ҳодиса ВАО иттилоъ надода бошад, гӯё он воқеъ нагардидааст. Ҳамин аст, ки кишварҳои абарқудрат аз ВАО дар амалигардонии сиёсати хориҷии худ ба таври густурда истифода мебаранд.

Ҳанӯз соли 1953 президенти вақти ИМА Дуайт Д. Эйзенхауэр дар назди Департаменти давлатӣ Оҷонсии иттилоотии ИМА (USIA)-ро таъсис дод, ки ҳадафаш дарк кардан, иттилоъ додан ва таъсир расонидан ба ҷомеаи хориҷӣ ва пеш бурдани манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ буд. ЮСИА то соли 1999 фаъолият дошт ва ҳамасола барои боло бурдани имиҷи ИМА то 2 миллиард доллар масраф мекард. Соли 1997 як миқдори кормандони ЮСИА ихтисор шуда, дар сохторҳои он 6352 нафар монданд. Пеш аз қатъи фаъолияти оҷонсӣ буҷаи солонаи ЮСИА 1 миллиарду 109 миллион долларро ташкил медод.

Бояд гуфт, ки аз ҳамон вақт ба ин ҷониб вазифаи ЮСИА-ро Шӯрои идораи пахши барномаҳо (The Broadcasting Board of Governors - BBG), ки аз Департаменти давлатии ИМА ҷудо аст, иҷро мекунад. Ташкилоти мазкур ҳамаи расонаҳои кишварро, ки ба хориҷа барнома пахш мекунанд, идора менамояд.

Аз он вақте, ки ақидаи ҷаҳонии ҷамъиятӣ омили асосии муносибатҳои байналхалқӣ гардид, нақши ВАО дар сиёсати хориҷӣ афзуд. Дар ин ҷода ИМА аз кишварҳои пешсаф маҳсуб мешавад. Кишвари мазкур дар миқёси ҷаҳонӣ тавонист, сохторҳое таъсис диҳад, ки тавассути онҳо дастгирии иттилоотии манфиатҳои худро дар тамоми манотиқи ҷаҳон роҳандозӣ намояд. Аз ҷумла, ИМА барои таъсис ва роҳандозии фаъолияти расонаҳои хусусӣ тавассути грантҳои гуногун кумаки молиявӣ мерасонад. Дар чунин расонаҳо сиёсати ИМА дастгирӣ ёфта, рақибонаш ҳадафи интиқод қарор мегиранд. Ҳамин аст, ки танҳо харҷи расмии ИМА барои тарғиботи сиёсати хориҷиаш солона аз 1 миллиард доллар зиёд аст.

ИМА на танҳо тавассути ВАО имиҷи мусбати кишварашро месозад, балки бо ин сиёсати иттилоотии бисёр кишварҳои мустақилро тасҳеҳ мекунад.

Бояд гуфт, ки чанд сол боз дар Департаменти давлатии ИМА расман Маркази зудамал фаъолият дорад. Ҳадафи ташкилоти мазкур ислоҳи образи ИМА дар ҳолати нодуруст инъикос гардидани он дар ВАО-и хориҷӣ мебошад. Маркази мазкур ваколатҳои зиёд дошта, метавонад ба сиёсати редаксионии расонаҳои хориҷӣ дахолат намояд ва агар зарур бошад, ба журналистони алоҳида таъсир расонад. Чунин сохторҳо дар мақомоти дигари ИМА низ фаъолият доранд. Масалан, ба газетаи «The Washington Post» маълум гардид, ки соли 2008 Пентагон барои омода кардани маводи сиёсӣ, ахбор, барномаҳои фароғатӣ ва рекламаи иҷтимоӣ барои ВАО-и Ироқ ба пудратчии хусусӣ 300 млн. доллар пардохт намудааст. Ҳадаф аз ин амал ҷалби аҳолии маҳаллӣ барои дастгирӣ аз сиёсати Америка будааст [7].

Расонаҳое, ки ба кишварҳои абарқудрат хизмат мекунанд, кайҳо боз на барои инъикоси воқеият, балки барои ташаккули он аз рӯи фармоиши пешакӣ фаъолият доранд. Аксаран ВАО олотест, ки тавассути он ба дастгирии ҷомеа ноил мегарданд. Ҳамчунин ВАО метавонад барои шурӯи амалиёти ҳарбӣ зидди ягон кишвар заминаи психологӣ омода намояд. Масалан, барои ҳуҷум ба Югославия дар соли 1999 кадрҳо аз навори ширкати британии ITN, ки соли 1992 сабт гардида буд, истифода шуданд. Президенти ИМА Билл Клинтон дар суханрониҳои худ маҳз ба ин навор такя мекард. Дар ин навор як нафар албаниро нишон медоданд, ки гӯё дар паси симхор, дар лагери консентратсионии сербҳо бошад. Баъдан маълум шуд, ки ин саҳнасозӣ будааст: журналистон ба хонае ворид шудаанд, ки тирезачаи он симхор доштааст. Онҳо аз он ҷо албаниро ба навор гирифтаанд, ки гӯё дар конслагер бошад.

Мисоли дигареро низ аз саҳнасозӣ вобаста ба сиёсати хориҷӣ метавон овард. Пеш аз ҳуҷум ба Ироқ дар соли 1991 дар Конгресси ИМА духтараки кувайтӣ нақл кард, ки сарбозони ироқӣ дар яке аз беморхонаҳо кӯдакони ширхораро бароварда, болои бетони хунук гузоштаанд. Саҳнаи мазкур хеле муассир буд ва ба сенаторон таъсир кард. Баъдан маълум гардид, ки духтараки мазкур, ки нақш офарид, умуман дар ҷои ҳодиса набудааст. Коргардонҳо дар ин саҳна аз духтари сафири Кувайт дар ИМА истифода кардаанд.

Воқеан ҳам, ИМА пеш аз оғози амалиётҳи ҳарбӣ ҷанги иттилоотиро нисбати кишвари рақиб афзоиш медиҳад. «Масалан, пеш аз ғасби Афғонистон дар соли 2001 Радиои «Садои Америка» ҳаҷми барномаҳояшро ба забони дарӣ ва пашту афзоиш дод. Ҳамзамон Радиои «Озодӣ» низ ба пахши барномаҳо барои Афғонистон шурӯъ кард» [6, с.24].

Ин ҷо метавон боз мисоли дигар овард, ки сухан аз омода кардани аҳолӣ ба амалиёти ҷангӣ меравад. Пеш аз оғози муҳорибаҳои ҷангии неруҳои НАТО ба муқобили Либиё дар соли 2011 расонаҳои ғарбӣ беш аз як моҳ дар бораи поймол шудани ҳуқуқи инсон ва кушта шудани садҳо нафар аҳолии осоишта дар шаҳрҳои шарқии ин кишвар аз ҷониби нерӯҳои ҳукуматӣ мавод чоп мекарданд. Вале дар ягон мавод ин амал бо санади тасвирӣ собит нашуда буд. Ҳамин аст, ки дар асоси маводи ВАО Шӯрои амнияти СММ аввал дар бораи муҷозот нисбати роҳбарияти Либиё қарор қабул кард ва баъдан парвози тайёраҳоро дар ҳарами ҳавоии ин кишвар мамнӯъ эълон намуд. Ҳамин тавр, ВАО метавонад сиёсати хориҷиро идора намояд.

Феълан технологияҳои иттилоотӣ боз ҳам рушд кардаанд ва расонаҳо дар муноқишаҳои ҳарбӣ аз мақоми ёрирасон ба сохтори марказӣ табдил ёфтанд. Ҳамин аст, ки дар ҷангҳои муосир аз ВАО бо тамоми иқтидор истифода мебаранд. Ҳатто саҳнаҳои набард монанди спектакл дар театр мебошанд. Масалан, аз ҷангҳо дар Ироқ ва Сурия ВАО-и ИМА ва Русия ҳамон саҳнаҳоеро нишон медиҳанд, ки пирӯзии сарбозонашон пешакӣ маълум аст. Чунин тарзи пешниҳоди мавод ба репортажи мустақим аз ҷои ҳодиса монанд аст. Наворҳои мазкур барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи ҳукумат аз ҷониби аҳолӣ равона шудааст

Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ба табдили иттилоъ ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ ва олоти амалигардонии ҳадафҳои давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. ВАО силоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва имиҷи давлат мегардад.

10 октябри соли 2017 рӯзномаи маъруфи ИМА «The Wall Street Journal» мақолаи Ҷеймс Марсон ва Сара Макфарлейнро бо унвони «Cold War in the Arctic: Russia, Norway Dig In» (Ҷанги сард дар Арктика: омодагии Русия ва Норвегия) ба табъ расонид [12]. Дар назари аввал гӯё дар мақола сухан дар бораи мушкилоти ангиштканони шаҳраки Баренсбурги Норвегия меравад, ки он ҷо ширкати русии «Артуголь» ба истеҳсоли ангишт машғул аст. Истеҳсоли ангишт дар ин ҷо зиёновар бошад ҳам, Русия барои нигоҳ доштани ҳузураш дар минтақа ширкатро маблағгузорӣ менамояд. Мувофиқи як қарордод аз соли 1920 Русия метавонад дар архипелаги Шпитсберген ба фаъолияти иқтисодӣ машғул шавад. Ҷониби Норвегия тасмим дорад, ки бинобар зиёновар будан истеҳсоли ангиштро дар архипелаг қатъ кунад. Ин албатта, ба манфиати ИМА нест. Рӯзнома менависад, ки ин амал мавқеи Норвегияро дар ҷазираҳо суст мекунад. Ин дар ҳолест, ки Русия бо сохтани базаи ҳарбӣ ҳузурашро дар Арктика пурзӯр карда истодааст.

Муаллифон ручӯъ карда, менависанд, ки Русия мисли пешина артишашро дар шарқи Украина истифода мебарад, агарчи муҷозоти иқтисодии Ғарб ба иқтисоди кишвар зиёни зиёде расонида истодааст. Ҳамчунин ин ҷо муаллифон аз Ҷазираҳои Курил ёд оварда мегӯянд, ки Русия барои мудофиаи ин минтақаи баҳснок маблағи зиёде масраф мекунад.

Сипас дар мақола гуфта мешавад, ки роҳбарони воломақоми Ҳукумати ИМА, аз ҷумла вазири дифоъ Ҷим Мэттис оид ба амали Русия изҳори нигаронӣ карда, мегӯяд, ки бояд Америка стратегияи фаъолро дар Арктика таҳия намояд.

Қобили зикр аст, ки дар нашрияҳои ИМА ва Британия рӯирост дар бораи хатари асосии ноамнӣ будани Русия мавод чоп мекунанд. Масалан, рӯзномаи бонуфузи британии «The Guardian» 9 октябри соли 2017 мақолаеро бо унвони «Britain's main threats are from Russia and jihadi terrorists – our defence policy should reflect that» (Хатари асосии Британияи Кабир – ин Русия ва террористони ҷиҳодӣ. Сиёсати мудофиаи мо бояд инро ба инобат гирад) ба табъ расонид [10]. Дар он муаллиф Пол Мейсон дар бораи сиёсати мудофиаи Британияи Кабир аз соли 2015 ба ин сӯ ҳарф зада, мегӯяд, ки ба кишвар стратегияи лозим аст, ки характери тағйирёбандаи ҷанги муосирро инъикос кунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки Русия Қримро ғасб карда, Украинаро тақсим намуд. Дар мақола, ҳамчунин гуфта мешавад, ки Русия ба натиҷаи интихобот дар ИМА таъсир расонид.

Ба ақидаи баъзе коршиносон бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷанги сарди кишварҳои Ғарб нисбати давлатҳои сотсиалистӣ ба охир расид. Вале ба назари мо ҷанги сард ҳеҷ гоҳ ба охир нарасидааст. Баръакс, бо пайдо шудани технологияҳои рақамии иттилоотӣ ва глобализатсияи иттилоот он шаклҳои нав гирифта, тавсеа ёфтааст. Ҳамакнун кишварҳои абарқудратӣ ғарбӣ нисбати рақибони худ ба мисли Русия, Хитой, Эрон ва шарикони стратегии онҳо ҷанги иттиллоотии густурда мебаранд. Албатта, ин кишварҳо низ аксуламали худро нишон медиҳанд. Аз ин ҷанги иттилоотӣ беш аз ҳама аудиторияи расонаҳо зиён мебинанд. Зеро онҳо дар гирдоби иттилоот монда, намедонанд, ки кадом хабар воқеӣ асту кадом дурӯғ ё тарғибот.

Бояд гуфт, ки бо ибтикори ИМА ва НАТО дар Сербия маркази бузурги иттилоотии "Balkan security network" таъсис дода шудааст, ки дар охири соли 2017 ё аввали соли 2018 фаъолияташро оғоз мекунад. Ҳадафи маркази мазкур аксуламал ба таъсири Русия дар минтақа мебошад. Ҳоло омодагӣ ба роҳандозии лоиҳаи «Муқобилият бар зидди маъракаи дезинформатсияи Русия дар Балкан» идома дорад [3].

Дар ҳамин ҳол ИМА аз густариш ёфтани барномаҳои телевизиони англисзабони Русия – RT, ки барои боло бурдани имиҷи Русия ва дифои манфиатҳои он дар хориҷа таъсис ёфтааст (9 декабри соли 2013), изҳори нигаронӣ мекунад. RT аз 3 шабакаи телевизионии шабонарӯзии иттилоотӣ иборат аст, ки аз Москва ба беш аз 100 кишвари дунё ба забонҳои англисӣ, арабӣ ва испанӣ барнома пахш мекунад. Телевизионҳои «RT America» ва «RT UK» аз студияҳои худ дар Вашингтон ва Лондон ба эфир мебароянд. Шабакаи телевизиони ҳуҷҷатии RTД ба забонҳои русӣ ва англисӣ барнома пахш мекунанд. Ҳоло «Russia Today» яке аз панҷ телевизиони машҳури дунё дар Аврупо маҳсуб мешавад.

Маргарита Симонян, сармуҳаррири Телевизиони «Russia Today» (RT) дар бораи фишороварии Ҳукумати ИМА ба фаъолияти шабака дар барномаи «Итоги недели»-и Телевизиони НТВ ҳарф зада, изҳор дошт: ба онҳо чунин менамояд, ки мо ба америкоиҳо нуқтаи назари дигарро нишон додем ва ин ба натиҷаи интихобот таъсир расонид [8].

Дарвоқеъ, аксари расонаҳои ИМА ба аудиторияи худ танҳо ҳамон хабареро пахш мекунанд, ки ба манфиати худашон аст. Ҳатто дар хабарҳои хориҷӣ ва дохилӣ гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ ба назар намерасад, мегӯяд муҳаққиқи америкоӣ Герберт Шиллер. Ин аз манфиатҳои идеологии ноширон ва характери инҳисоротӣ доштани соҳаи иттилоот вобаста аст. Инҳисороти иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаи фаъолият интихоби ахборро маҳдуд мекунад. Онҳо танҳо як қаринаи воқеиятро пешниҳод мекунанд, ки ба манфиати худашон аст [9, с.32].

Ба қавли сармуҳаррири Телевизиони RT Маргарита Симонян ҳукуматдорони ИМА ба намояндагии онҳо фишор оварда, аз мамлакат берун карданианд. Вазорати адлияи ИМА аз RT талаб дорад, ки ҳамчун агенти хориҷӣ сабти ном шавад. Ҳол он ки Қонун «Дар бораи сабти агенти хориҷӣ» ба ВАО дахл надорад [1].

Вобаста ба амали мазкур Вазорати умури хориҷии Федератсияи Русия изҳор дошт, ки фаъолияти ВАО-и америкоиро дар қаламрави кишвар маҳдуд хоҳад кард. Вазорати адлияи ФР бошад, ба расонаҳои ИМА, ки дар Русия фаъолият мебаранд, оид ба маҳдуд кардани фаъолияташон огоҳинома фиристод. Дар ҳамин ҳол ба қавли раиси кумитаи корҳои байналхалқии Шӯрои Федератсияи Русия К. Косачев палатаи болоии парламент қарор кардааст, ки зарурати тағйиротро ба қонунгузории ҷорӣ баррасӣ карда, то охири соли 2017 рӯйихати ташкилотҳо - агентҳои хориҷиро тавсеа бахшад [2].

Феълан дар қаламрави Русия радиоҳои «Садои Америка», «Озодӣ», лоиҳаҳои интернетии «Настоящеее время», «Фактограф», «Крым.реалии», Радиои «Озодӣ» ба забони тоторӣ, «Кавказ.реалии» ва «Ideal.реалии» (мутааллиқи Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ») озодона фаъолият доранд.

Ҳанӯз соли 1918 файласуфи немис Освалд Шпенглер дар китобаш «Ғуруби Аврупо» пешгӯӣ карда буд, ки дар ояндаи наздик се-чор газетаи ҷаҳонӣ ақидаи рӯзномаҳои музофотиро раҳнамун месозанд ва бо кумаки онҳо «иродаи халқ»-ро нишон медиҳанд. Ҳама чиз тавассути теъдоди ками нафароне, ки ин рӯзномаҳоро назорат мекунанд, ҳал карда мешавад, гуфта буд Освалд Шпенглер.

А Д А Б И Ё Т

1. Вадим Горшенин - о том, почему претензии США к RT смешны: / ООО «Правда.Ру». 1999-2017. [электронный ресурс]. - URL: https://www.pravda.ru/expert/05-10-2017/1350191-pretenzii-0/ (дата обращения: 06.10.2017).
2. В Совфеде назвали возможные сроки ограничения работы американских СМИ:/ © ЗАО «Росбизнесконсалтинг». 1995–2017. [электронный ресурс]. - URL: http://www.rbc.ru/politics/10/10/2017/59dbfa199a79477b64e2d61d?from=newsfeed (дата обращения: 11.10.2017).
3. Глава МИД Сербии рассказал об антироссийской истерии Запада:/ ООО «Правда.Ру». 1999-2017. [электронный ресурс]. - URL: https://www.pravda.ru/news/politics/30-09-2017/1349826-serbia-0/ (Дата обращения: 02.10.2017).
4. Зегонов О.В. Роль «глобальных» СМИ в мировой политике: автореф. дис… канд. полит. наук: 23.00.04 / О.В. Зегонов. - М., 2009. - 30 с.
5. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2017. - №4/2. - С. 266.-271.
6. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷ. Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
7. Роль СМИ во внешней политике и формировании образа государства в международном массовом сознании: / Alaniainform.ru. 2006-2017. [электронный ресурс]. - URL: http://osinform.org/29676-rol-smi-vo-vneshney-politike-i-formirovanii-obraza-gosudarstva-v-mezhdunarodnom-massovom-soznanii.html (дата обращения: 05.10.2017).
8. Симоньян заявила о возможности ухода RT с рынка США: / © ЗАО «Росбизнесконсалтинг». 1995–2017. [электронный ресурс]. - URL: http://www.rbc.ru/politics/01/10/2017/59d0c0039a79475cc3e92c8f?from=materials_on_subject (дата обращения: 03.10.2017).
9. Шиллер Г. Манипуляторы сознанием. Монография / Г. Шиллер. - М.: Мысль, 1980. - 287 с.
10. Britain’s main threats are from Russia and jihadi terrorists – our defence policy should reflect that: / Guardian News 2017. [электронный ресурс]. - URL:

Https://Www.Theguardian.Com/Commentisfree/2017/Oct/09/Britains-Main-Threats-Are-From-Russia-And-Jihadi-Terrorists-Our-Defence-Policy-Should-Reflect-That (дата обращения: 10.10.2017).
11. Catalonia held a referendum. Russia won:/ The Washington Post. 1996-2017. [электронный ресурс]. - URL: https://www.washingtonpost.com/opinions/global-opinions/catalonia-held-a-referendum-russia-won/2017/10/02/f618cd7c-a798-11e7-92d1-58c702d2d975_story.html?utm_term=.b14c76be3b8a (Дата обращения: 04.10.2017).
12. Cold War in the Arctic: Russia, Norway Dig In: / The Wall Street Journal. 2017. [электронный ресурс]. - URL: https://www.wsj.com/articles/cold-war-in-the-arctic-russia-norway-dig-in-1507627802?mod=cx_picks&cx_navSource=cx_picks&cx_tag=contextual&cx_artPos=1#cxrecs_s (дата обращения: 11.10.2017).

НАҚШИ ВАО ДАР НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ

Дар мақола нақши ВАО дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас мегӯяд, ки кишварҳои абарқудрат ба мисли ИМА, Британияи Кабир ва Русия солҳои охир ҷанги иттилоотии худро тавсеа бахшидаанд. Аз ин ҷанги иттилоотӣ, беш аз ҳама, аудиторияи расонаҳо зиён мебинанд. Зеро онҳо дар гирдоби иттилоот монда, намедонанд, ки кадом хабар воқеӣ асту кадом дурӯғ ё тарғибот. Имрӯз ВАО силоҳи пуркудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва ташаккулдиҳандаи имиҷи давлат гардидааст. Расонаҳое, ки ба кишварҳои абарқудрат хизмат мекунанд, кайҳо боз на барои инъикоси воқеият, балки барои ташаккули он аз рӯйи фармоиши пешакӣ фаъолият доранд. Аксаран ВАО олотест, ки тавассути он ба дастгирии ҷомеа ноил мегарданд. ИМА на танҳо тавассути ВАО имиҷи мусбати кишварашро месозад, балки бо ин сиёсати иттилоотии бисёр кишварҳои мустақилро тасҳеҳ мекунад. Бояд гуфт, ки чанд сол боз дар Департаменти давлатии ИМА расман Маркази зудамал фаъолият дорад. Ҳадафи ташкилоти мазкур ислоҳи образи ИМА дар ҳолати нодуруст инъикос гардидани он дар ВАО-и хориҷӣ мебошад. Маркази мазкур ваколатҳои зиёд дошта, метавонад ба сиёсати редаксионии расонаҳои хориҷӣ дахолат намояд ва агар зарур бошад, ба журналистони алоҳида таъсир расонад. Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ба табдили иттилоъ, ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ ва олоти амалигардонии ҳадафҳои давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: «Ню-Йорк Таймс», «Вашингтон пост», Радиои «Озодӣ», RT, сиёсати хориҷӣ, Ҷанги иттилоотӣ, ИМА, Британияи Кабир, Русия.

РОЛЬ СМИ В НОВОМ МИРОПОРЯДКЕ

В статье анализируется роль СМИ во внешней политике зарубежных стран. Автор, приводя конкретные примеры, подчеркивает, что великие страны, такие как США, Великобритания и Россия, в последние годы расширяют свою информационную войну. В информационной войне в первую очередь наносится ущерб аудитории данных СМИ. Так как они не могут определить: эта информация правда или ложь, или это чья-то пропаганда. В результате СМИ превратились в мощное оружие влияние на информационную среду и формирование имиджа государства. Средства массовой информации, которые служат великим государствам, давно существуют, чтобы не освещать реальность, а, наоборот, формировать ее по предварительному запросу. Теперь средства массовой информации являются инструментом, посредством которого достигается поддержка общества. США не только посредством СМИ создаёт позитивный имидж своей страны, но и влияет на информационную политику некоторых независимых стран. Уже несколько лет при Государственном департаменте США официально существует Центр быстрого реагирования. Целью этого центра является правильное отражение образа страны в зарубежных СМИ. Этот центр имеет много полномочий и может влиять на редакционную политику иностранных СМИ, и если понадобится, влиять и на деятельность отдельных журналистов. Глобализация информационного пространства способствует превращению информации в инструмент политической борьбы и реализации цели государства на международной арене.

Ключевые слова: «Ню-Йорк Таймс», «Вашингтон пост», Радио «Свобода», RT, информационная война, внешняя политика, США, Великобритания, Россия.

THE ROLE OF THE MEDIA IN THE NEW WORLD ORDER

The article analyzes the role of the media in the implementation of the foreign policy of foreign countries. The author, citing concrete examples, emphasizes that great countries, such as the United States, Britain and Russia in recent years are expanding their information war. In the information war, first of all, the audience of this media will be harmed. Since they can not determine this information, it's true, or it's a lie, or it's someone's propaganda. As a result, the media turned into a powerful weapon of influence on the information environment and the formation of the image of the state. The mass media that serve the great states have long existed not to cover reality, but, on the contrary, to form it on prior request. Now the media is an instrument through which the support of society is achieved. The US not only creates a positive image of its country through the media, but also influences the information policy of some independent countries. For several years, the US Department of State officially has a Rapid Response Center. The purpose of this center is to correctly reflect the image of the country in foreign media. This center has many powers and can influence the editorial policy of foreign media, and if it is necessary to influence the activities of the journalists. The globalization of the information space promotes the transformation of information into an instrument of political struggle and the realization of the state's goal in the international arena.

Key words: "New York Times", "Washington Post", Radio "Liberty", RT, Information warfare, foreign policy, USA, UK, Russia.

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Prospect Rudaki, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК 327: 004 (575. 3)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ АХБОРИ ОММА

Гулов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нашрияи «Бухорои шариф» пойдевор ё худ нахустсаҳифаи на танҳо матбуот, балки тамоми ВАО-и тоҷик аст. Ҳамин аст, ки ҷашни касбии рӯзноманигорони тоҷик ба рӯзи нашри шумораи нахустини ин нашрия тавъам аст. Метавон гуфт, ки орзуву омоле, ки мубтакирони нахустнашрияи тоҷикӣ «Бухорои шариф» дар дил мепарвариданд, баъди чандин даҳсолаҳо ҷомаи амал пӯшид. Яъне миллати тоҷик дар охирин даҳаи асри 20 ба марҳилаи нави таърихи худ ворид гардид, ки он ба истиқлолияти комили сиёсии давлати тоҷикон рабт мегирад. Масири истиқлолияти кишварро бидуни фаъолияти ВАО наметавон тасаввур кард. Дар чунин шароите? ки муборизаҳои геополитикӣ ва иттилоотӣ ҳамчун як рукни ҷаҳонишавӣ амал мекунанд, нақши расонаҳо дар ташаккули афкори омма барои муқовимат ба арзишҳои бегона, устуворӣ дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ ба маротиб боло меравад. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма (1 марти соли 2016) басо бамаврид таъкид карданд: «Махсусан, дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ вазифаи шабакаҳои иттилоотӣ зиёд гардида, масъалаҳои тарғиби фарҳанги миллӣ, расму ойинҳои мардумӣ, ташвиқи андеша ва тафаккури миллӣ, тарбияи насли ояндасоз, риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва ҳифзи асолату тозагии он рисолати муҳимми воситаҳои ахбори омма ба шумор меравад» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввалин рӯзҳои фаъолият ба ҳайси роҳбари кишвар таваҷҷеҳ ва муносибати хос ба фаъолияти ВАО ва озодии баён дошта, дар ин роҳ иқдомоту талошҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Мантиқист, агар гӯем, ки тамоми дастовардҳои ҷомеаи имрӯзаи мо дар самти фаъолияти густурдаи расонаҳо ва озодии баён комилан ба иродаи қавии сиёсии Пешвои миллат марбут аст. Аз нахустин қадамҳои роҳбарӣ Сарвари давлат талош карданд, ки заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ВАО фароҳам оварда шавад. Дар ин росто даҳҳо асноди ҳуқуқӣ, аз ҷумла қарору қонунҳо, амру фармонҳо ба тасвиб расиданд, ки тамоми паҳлуҳои фаъолияти расонаҳоро танзим мекунанд ва бо назардошти талаботи замон такмил меёбанд. Ва ҳамаи ин аснод дар такя ба санади олии ҳуқуқии кишвар – Конститутсия рӯйи кор омадаанд.

Арзишҳои умумибашарие, аз қабили озодии баён, ошкорбаёнӣ ва гуногунандешӣ, ба маънии ҳақиқӣ, ба ВАО-и мо маҳз дар замони истиқлолият роҳ ёфтанд ва баёнгари устувории кишвари мо дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ мебошанд. Муҳимтар аз ҳама, сензура аз байн рафта, фаъолияти расонаҳо танҳо дар асоси қонунҳо танзим мешавад. Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар доираи принсипҳои ҳақиқатбаёниву воқеънигорӣ дар роҳи таъмини озодии баён ва таҳкими меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки талаботҳои асосии давлати демократӣ мебошанд, фаъолият карда истодаанд.

Бо тасмиму мусоидати бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали асри нав – асри XXI бо фароҳам омадани шароити сулҳу субот таъсиси шабакаҳои нави радиову телевизионии ҳам давлативу ҳам ғайриҳукуматӣ дар кишвар ба ҳукми анъана даромада, соле нест, ки 1 ё 2 шабакаи нав ба фаъолият оғоз накунад. Яъне дар ин давра васоити электронии ахбори ҷумҳурӣ ба таври бесобиқа рушд ва инфрасохтори соҳаи радиову телевизион ба шароити муосиру талаботи замон мувофиқ карда шуд. Муҳтавои барномаву намоишҳо, маҳорат ва касбияти кормандон тағйиру такмил ёфт. Дар баробари як шабакаи умумии телевизионии замони то истиқлолияти давлатӣ имрӯз 8 шабакаи ҷумҳуриявии телевизионӣ - «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Баҳористон», «Синамо», «Варзиш», «Футбол», ТМТ «Шаҳнавоз» ва дар тамоми вилоятҳои кишварамон телевизионҳои вилоятиву минтақавӣ бо мазмуну муҳтавои гуногун бо назардошти манфиат ва завқи тамошобинон фаъолият доранд. Яъне ин телевизионҳо сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, соҳавӣ, кӯдакона, варзишӣ буда, фазои иттилоотии кишварро пурра месозанд. Дар назар аст, ки Телевизиони «Душанбе» низ мақоми ҷумҳуриявӣ пайдо карда, дар саросари ҷумҳурӣ пахш гардад. Дар баробари ин чандин телевизионҳои минтақавию ноҳиявӣ ва шаҳрии ғайриҳукуматӣ таъсис ёфта фаъолият доранд. Ба гунаи мисол метавон аз «СМ-1», «Азия», «Гули бодом», «Ҷаҳоноро», «Доро», «Мавҷи Восеъ», «ТВ Регар»,

«СМТ» ва ғайра ном бурд. Ба андешаи муҳаққиқ З. Муъминҷонов мувофиқем, ки: «Шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар якҷоягӣ ба афкори ҷомеа таъсири амиқ расонида, боиси боло рафтани ҳисси худшиносии шаҳрвандони Тоҷикистон, арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ, фарҳанги миллӣ ва ватандӯстӣ шуданд» [3, с.283]. Қариб ҳамаи муҳаққиқони журналистикаи телевизионӣ, аз ҷумла профессорон И. Усмонов, А. Саъдуллоев, Ҷ. Саъдуллоев, донишмандон С. Хоҷазод, З. Муъминҷонов, Г. Умарова, З. Эшматов, Б. Соҳибова, Ҳ. Каримов пешрафти фаъолияти телевизионро дар замони истиқлолият таъкид месозанд.

Дар самти радиошунавонӣ низ комёбиҳо ба ибтикороти созандаи Пешвои миллат рабт мегиранд. Имрӯз Радиои «Тоҷикистон», ки таърихи қариб 90-сола дорад, 4 шабакаи радиоии ҷумҳуриявиро муттаҳид месозад. Яъне, дар баробари Радиои «Тоҷикистон» ҳамчунин дар фазои иттилоотии кишвар шабакаҳои «Садои Душанбе» (соли таъсис 1999), «Овози тоҷик» (аз соли 1949 то соли 2006 Саридораи гуфторҳо барои мамлакатҳои хориҷӣ) ва «Фарҳанг» (соли таъсис 2008) пахш мешаванд. Ин ҷо бояд зикр кард, ки Радиои «Тоҷикистон» дар баробари он ки аз 4 шабакаи алоҳида иборат аст, инчунин дар назди ҳар яке аз шабакаҳо идораҳои барномаҳои соҳавӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, идораҳои барномаҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, фарҳанги фароғатӣ, мусиқӣ дар Радиои «Тоҷикистон» вуҷуд доранд, ки ҳар яке дар самти худ таҳияи барномаҳои соҳавиро ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин бо шарофати истиқлолият ва мусоидати бевоситаи Президент дар баробари радиоҳои давлатӣ радиоҳои ғайриҳукуматӣ таъсис ёфтаву пахш мешаванд. Радиоҳои ғайриҳукуматии «Азия-плюс», «Ватан», «Имрӯз», «Тироз» «Авис-плюс» ва ғайра дар фазои иттилоотӣ ҷойгоҳи сазовор ва шунавандаи худро доранд. Агар то истиқлолият Радиои Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Саридораи барномаҳои бурунмарзӣ дар як шабонарӯз 26 соат гуфтор дошт, пас имрӯз танҳо аз тариқи шабакаҳои радиоӣ (ҳам ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ) дар як шабонарӯз беш аз 300 соат гуфтор пахш мешавад. Дар умум, аз чор се ҳиссаи шабакаҳои радиоиву телевизионӣ ба бахши ғайриҳукуматӣ рост меоянд. Ва ин шабакаҳо на танҳо фазои иттилоотии моро комил месозанд, балки дар таъмини амнияти фазои иттилоотӣ, ташаккули афкори умум саҳм мегузоранд.

Дар маҷмӯъ, ҳоло дар Тоҷикистони соҳибистиқлол беш аз 72 муассисаи телевизиониву радиоӣ фаъол буда, аз ин ҳисоб 11 телевизион ва 10 радио давлатӣ, 31 телевизион ва 20 радио ғайриҳукуматӣ мебошанд. Ин расонаҳо барои боз комилтару рангоранг гардидани фазои иттилоотии кишвар, дар рӯҳияи тоҷикият, худшиносиву худогоҳӣ, зебоипарастӣ тарбия намудани насли наврас, боло бурдани маърифати ҷомеа, дастрасии бештари мардуми Тоҷикистон ба иттилои зарурӣ мусоидат менамоянд. Албатта, фаъолияти ҳамаи радиову телевизионҳоро наметавон ҷавобгӯй ба талаботи аудитория ҳисобид. Шабакаҳои навтаъсис ҳанӯз ба таври бояд завқу талаботи аудиторияро қонеъ сохта наметавонанд. Бисёр муаммоҳое, аз ҷумла ороишу дизайни номувофиқ, сатҳи пасти муҳтавои барномаҳо, нокофӣ будани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, зиёд будани шоуҳои каммазмун дар фаъолияташон ҷой дорад, донишу маҳорати касбии журналистон, коргардонҳо, наворбардорон, мутахассисони овоз беҳбудӣ мехоҳад. Аммо муҳим он аст, ки фазои иттилоотии мо бо таъсиси ин шабакаҳо комилтару пурратар мегардад.

Сарфи назар аз пешрафтҳои техникӣ, дар замони шӯравӣ радио 80 фоиз ва телевизион камтар аз 70 фоизи ҳудуди кишварамонро фаро мегирифт. Мувофиқи маълумотҳо имрӯз пахши радиову телевизиони Тоҷикистон дар фазои тақрибан 99% ҳудуди ҷумҳурӣ роҳандозӣ гаштааст. Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо, Пешвои миллат зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма фаъолияти ВЭА-ро баррасӣ карда зикр карданд ки «… фазои иттилоотии кишвар ҳанӯз осебпазир буда, таъсири шабакаҳои хориҷӣ ба афкори мардум баланд мебошад» [1]. Ин ишора бо он асос меёбад ки ҳанӯз ягон шабакаи навтаъсис ҳудуди мамлакатро ба таври пурра фаро намегирад. Бино ба маълумоти муҳаққиқон М. Шоҳиён ва А. Азимов «Телевизиони «Тоҷикистон»-ро 99,72%, Телевизиони «Сафина»-ро 92,7%, Телевизиони «Баҳористон»-ро 88,99%, Телевизиони «Ҷаҳоннамо»-ро 78,96% аҳолии ҷумҳурӣ имкони дастрасӣ доранд» [4, с.25].

Пайваст шудани телевизионҳои давлатӣ ба системаи моҳвораӣ ва гузаштан ба пахши рақамӣ аз дастовардҳои қобили андеша дар ин самт буда, дар муаррифии зиндагии шоистаи мардуми мо ба оламиён ва беҳтар шудани сифати барномаву намоишҳо нақши муҳим мебозад.

Дар расонаҳои электронӣ иттилоърасонӣ нақши муҳим дорад. Яъне аз нигоҳи фаврият радио ва телевизион дар расонидани иттилоъ нисбат ба матбуоти даврӣ бартарӣ доранд. Ҳамин аст, ки муҳаққиқон дар ҳама барномаҳо расонидани иттилоъро таъкид месозанд. Ба андешаи муҳаққиқ Саъдулло Ҳайдаров: «Телевизион рӯйдоди иҷтимоӣ буда, яке аз бузургтарин кашфиётҳои асри ХХ ба шумор меравад, ки на танҳо дар расонидани

навиди ҷаҳон ва дохили кишвар кумак менамояд, балки тамоми барномаҳои вай, ҳатто барномаҳои саргармкунандаи вай ҳам аз навид холӣ буда наметавонанд» [5, с.43].

Имрӯзҳо дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳимми рӯзгори мардум гардидааст, ки интернет аз чунин имкониятҳост. Тибқи омори расмӣ, беш аз нисфи сокинони мамлакатамон аз шабакаи интернет истифода мебаранд. Имрӯз маводи матбуот, иттилои агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои радиову намоишҳои телевизионро аз тариқи интернет дастрас карда метавонем. Иқрор бояд шуд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳолии ягон кишвар баробари мардуми мо имконияти дастрасӣ ба интернетро надоранд. Рушди рӯзафзуни технологияи иттилоотиву иртиботӣ низ самараи сиёсати созандаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар ин самт иқдомҳои ҳукумати кишвар натиҷаи дилхоҳ овардаанд. Қариб тамоми нашрияҳои ҷумҳуриявӣ (ҳам давлативу ҳам ғайриҳукуматӣ) сайтҳои интернетии худро доранд. Матбуот ва агентиҳои иттилотии мо бо доштани сайтҳои интернетӣ аудиторияи худро тавсеа мебахшанд ва ба он наздиктар мешаванд. «Ҷаҳони имрӯзаро бидуни фаъолияти расонаҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Гӯиё, тамоми зиндагии мо ба ВАО иртибот мегирад. Ин аз боло рафтани нақши ВАО гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари фаъолияти шаклҳои гуногуни расонаҳо усулҳои иттилоърасонӣ, таҳлилу баррасии муаммоҳо тағйир ёфтааст. Дар навбати худ, ин яке аз омилҳои таъсири бештари расонаҳо ба ҷомеа мегардад» [2, с.40].

Ин суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои моро хулоса мекунанд: «Манфиатҳои миллӣ тақозо мекунанд, ки воситаҳои ахбори омма ба сифати дастгоҳи тавонои иттилоотӣ дар муборизаи таҳмилии иттилоотӣ чун сипари боэътимоди халқу давлат хизмат намоянд, ба ҳифзи оромиву суботи ҷомеа фаъолона мусоидат кунанд ва эътимоди мардумро ба фардои нек таҳким бахшанд» [1].

Ҳамин як таҳлили мухтасар кофист то хулоса кунем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди ВАО, аз ҷумла радиову телевизион, хизматҳои шоёне анҷом дода, фаъолияти онҳоро ба дараҷаи сифатан нав раҳнамоӣ кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мувассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма // Ҷумҳурият, 2016. 2 март. - № 43 (22865).
2. Гулов С. Нақши радио ва телевизион дар фазои иттилоотии Тоҷикистон / С. Гулов // Васоити электронии ахбори омма ва ормонҳои миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2015. – С. 40 - 43.
3. Муъминҷонов З. Марҳилаҳои инкишофи телевизион баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. Муъминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2015. - №4/6 (177). – С. 279 -283.
4. Шоҳиён М. Развитие сферы телерадиовещания в Таджикистане / М. Шоҳиён, А. Азимов // Проблемы и перспективы развития теории и практики СМИ в Таджикистане. – Душанбе, 2017. – 163 с.
5. Ҳайдаров С. Имкониятҳои телевизион дар ташвиқу тарғиби дастовардҳои миллӣ / С. Ҳайдаров // Васоити электронии ахбори омма ва ормонҳои миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2015. – С. 43 - 47.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ АХБОРИ ОММА

Дар ин мақола сухан дар бораи нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди воситаҳои электронии ахбори омма меравад. Муаллиф бо мисол ва далелҳои мантиқӣ нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули қонунгузории мамлакат дар соҳаи журналистика ва ВАО зикр карда, тамоми дастовардҳои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистонро дар самти фаъолияти густурдаи расонаҳо ва озодии баён комилан ба иродаи қавии сиёсии Пешвои миллат марбут медонад. Бо тасмиму мусоидати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон васоити электронии ахбори ҷумҳурӣ ба таври бесобиқа рушд ва инфрасохтори соҳаи радиову телевизион ба шароити муосиру талаботи замон мувофиқ карда шуд. Ҳоло дар Тоҷикистон беш аз 70 муассисаи телевизиониву радиоӣ фаъол буда, 11 телевизион ва 10 радио давлатӣ, 31 телевизион ва 20 радио ғайриҳукуматӣ мебошанд. Ин расонаҳо барои боз комилтару рангоранг гардидани фазои иттилоотии кишвар, боло бурдани маърифати ҷомеа, дастрасии бештари мардуми Тоҷикистон ба иттилои зарурӣ мусоидат менамоянд. Сарфи назар аз пешрафтҳои техникӣ, дар замони шӯравӣ радио 80 фоиз ва телевизион камтар аз 70 фоизи ҳудуди кишварамонро фаро мегирифт. Ҳоло пахши радиову телевизиони Тоҷикистон дар фазои тақрибан 99% ҳудуди ҷумҳурӣ роҳандозӣ гаштааст. Муҳтавои барномаву намоишҳо, маҳорат ва касбияти кормандон тағйиру такмил ёфт. Дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳимми рӯзгори мардум гардидааст, ки интернет аз чунин имкониятҳост. Имрӯз маводи матбуот, иттилои агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои радиову телевизион аз тариқи интернет дастрас мешаванд.

Калидвожаҳо: ВАО, радио, телевизион, интернет, технологияи иттилоотиву иртиботӣ, озодии сухан, гуногунандешӣ, манфиатҳои миллӣ, фазои иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттилоот.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РАЗВИТИИ ЭЛЕКТРОННЫХ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

В данной статье речь идет о роли Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в развитии электронных средств массовой информации. Автор на основе примеров и логических аргументов отмечает роль Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в

формировании законодательства государства в сфере журналистики и СМИ, и все достижения сегодняшнего таджикского общества в направлении развернутой деятельности информационных средств и свободы слова связывает с твёрдой политической Лидера нации. При поддержке и содействии Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона развитие электронных средств информации получило такое развитие, которое не имело прецендентов в прошлом, а инфраструктура сферы радиотелевещания стала соответствовать современному периоду и веяниям времени. Сегодня в Таджикистане действуют свыше 72 телевизионных и радиовещательных учреждений, из них 11 государственных телевидений и 10 государственных радио, 31 неправительственное телевидение и 20 неправительственных радио. Эти средства способствуют совершенствованию и разнообразию информационного пространства республики, повышению культурного уровня общества, доступности большинства жителей республики к необходимой информации. Несмотря на технический прогресс, в советский период радио охватывало 80 процентов, а телевидение менее 70 процентов пространства нашей республики. Сегодня радио и телевидение Таджикистана охватывает более 99% территории республики. Совершенствуется содержание программ и передач и профессионализм работников радиовещательной сферы. Доступность информации посредством новейших информационно - коммуникационных технологий стало важнейшей составляющей жизни общества и интернет является одним из этих возможностей. Сегодня материалы печати, сообщения информационных агентств, программы радио и телевидения доступны посредством интернет.

Ключевые слова: СМИ, радио, телевидение, интернет, информационно- коммуникационные технологии, свободы слова, плюрализм, национальные интересы, информационное пространство, доступ к информации.

THE ROLE OF THE NATIONAL LEADER IN THE DEVELOPMENT OF ELECTRONIC MEDIA

In this article we are talking about the role of the Founder of Peace and National Accord - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon in the development of electronic media. The author, on the basis of examples and logical arguments, notes the role of the Leader of the nation, the respected Emomali Rahmon in the formation of state legislation in the field of journalism and the media, and all the achievements of today's Tajik society in the direction of the detailed activity of information tools and freedom of speech connects with the solid political Leader of the nation. With the support and assistance of the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, the development of electronic media has evolved so that it has not had precedents in the past, and the infrastructure of the broadcasting industry has become consistent with the modern period and the trends of the times. Today in Tajikistan there are over 72 television and radio broadcasting institutions, 11 of which are state-run television and 10 state-owned radio, 31 non-governmental television and 20 non-governmental radio stations. These funds contribute to the improvement and diversity of the information space of the republic, raising the cultural level of society, and accessibility of the majority of the people of the republic to the necessary information. Despite technical progress, in the Soviet period the radio covered 80 percent, and television less than 70 percent of the space of our republic. Today Tajikistan's radio and television covers more than 99% of the territory of the republic. The content of programs and programs and the professionalism of broadcasters are being improved. The accessibility of information through the latest information and communication technologies has become an important component of society's life and the Internet is one of these opportunities. Today, press materials, news agencies, radio and television programs are accessible via the Internet.

Key words: mass media, radio, television, Internet, information and communication technologies, freedom of speech, pluralism, national interests, information space, access to information.

Сведения об авторе: ***Гулов Сангин Нурович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой телевидение и радиовещание. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **gulsang@mail.ru.**Телефон: **(+992) 93-567-60-35**

Information about the author: ***Gulov Sangin Nurovich*** - Tajikistan National University, Candidate of Phylology, Associate professor, Head of TV and Radio broadcasting Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **gulsang@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-567-60-35**

УДК: 891.550+82

ВОҚЕИЯТИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАСОНАҲОИ ҚАТАР

Қаландаров С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳар кишвар воситаҳои ахбори омма (рӯзнома, радио, телевизион, сомонаҳои интернетӣ) бо сиёсат алоқаи ҷудонопазир дорад [1], онҳо барои тарғибу дастгирӣ ва амалӣ сохтани сиёсате таъсис ёфтаанд. Ҳодисаҳои “Баҳори араб” нишон дод, ки воситаҳои ахбори омма дар дигар кардани сохти сиёсӣ, ноором кардани вазъият, ба мувофиқа овардани ду ҷониб, роҳгумзанонидани мардуми оддӣ ва рӯйпӯш кардани ҳақиқат нақши бағоят бузург доранд. Имрӯз кишварҳои абарқудрат як роҳи хеле осони амалӣ кардани нақшаҳои худро ёфтаанд, ки ин ҳам бошад ба воситаи расонаҳо ноором кардани вазъияти сиёсии давлатҳост. Нооромиҳои кишварҳои араб далели равшани ин гуфтаҳо аст.

Мавзӯе, ки ин ҷо мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем, инъикоси муносибатҳои Тоҷикистон бо Қатар аз нигоҳи маводи Оҷонсии иттилоотии Қатар (وكالة الأنباء القطريّة) ва сомонаи интернетии рӯзномаҳои ин кишвар – “Аш-Шарқ”(الشَّرْقُ), “Ар-Раят” (الرَّايَةُ) ва “Ал-Ватан” (الوطنُ) мебошад. Солҳои охир робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар дар ҳоли густариш аст. Давлати Қатар аввалин кишвари арабие мебошад, ки дар Тоҷикистон

сармоягузорӣ кардааст ва самараи он татбиқи лоиҳаи “Диёри Душанбе” ва калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ аст, ки ҳаҷми умумии сармояи ин ду тарҳ зиёда аз 300 млн. доллари ИМА- ро ташкил медиҳад [2].

Қобили қайд аст, ки Қатар яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гази табиӣ мақоми сеюм ва аз ҷиҳати содироти гази табиӣ мақоми шашумро ишғол мекунад. Имрӯз нишондодҳои рушди иқтисодии ин кишвар чашмрас буда, тибқи маълумоти Сандуқи байналмилалии асъор дар соли 2014 маҷмӯи маҳсулоти дохилии он ба сари ҳар як нафари аҳолиаш (1 млн. 904 934 н., с.2013) 144,400 $ - ро ташкил дод, ки он баландтарин нишондиҳанда дар ҷаҳон маҳсуб меёбад [3]. Тоҷикистону Қатар имкониятҳои зиёде барои ҳамкорӣ кардан доранд. Қатар метавонад дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ кунад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи ин давлати бойи арабӣ дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод хеле ба мавриди аст.

Дар давраи пажӯҳиш дар Оҷонсии иттилоотии Қатар 42 хабару гузоришот ба мушоҳида расид, ки бештари онҳоро муҳтавои сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои исломӣ ва арабӣ (аз ҷумла Покистон – 14.11.2015; Шоҳигарии Арабистони Саудӣ – 3.01.2016; Амороти муттаҳидаи Араб – 16.03.2016 ва Қатар – 5.02.2017), сафарҳои корӣ намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ба Қатар (Вазири корҳои хориҷӣ – 25.09. ва 6.10.2014; Вазири молия – 18.03.2015; Раиси Маҷлиси намояндагон – 21.12.2015; Вазири рушди иқтисод ва тиҷорат – 2.02.2016; Сарвазири кишвар – 20.09.2016) [6] дарбар мегирад. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки тамоми сафарҳои расмии Президенти ҷумҳурӣ ва намояндагони воломақоми Ҳукумати Тоҷикистон ба кишварҳои арабӣ, махсусан давлатҳои арабии халиҷи Форс дар ВАО – и ин кишварҳо инъикосу баррасӣ мешаванд [4].

Оид ба сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба давлати Қатар, ки рӯзҳои 5 – 6 –уми моҳи феврали соли равон анҷом дод, дар ОИК фақат ду хабари расмӣ таҳти унвонҳои “Президенти Тоҷикистон ба Дуҳа меояд” (**الرئيس الطاجيكي يصل إلى الدوحة**) ва “Аълоҳазрат бо Президенти Тоҷикистон ҷаласаи гуфтушунидҳо барпо мекунад” (**سموّ الأمير يعقد جلسة مباحثات مع رئيس طاجيكستان**) ба табъ расидааст. Дар хабари дуюм дар бораи вохурӣ ва баррасии муносибатҳои дуҷониба, роҳҳои густариши ҳамкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо, махсусан иқтисод ва сармоягузорӣ мавриди омӯзиши тарафҳо қарор гирифтааст. Баъди мулоқоту музокироти сатҳи олӣ аз имзо шудани 6 шартномаи нави ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, маориф ва тадқиқоти илмӣ, тандурустӣ, ҳуқуқ, алоқаи ҳавоӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ ва таъмини амният ва ду ёддошти тафоҳум (варзиш, фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ) хабар додааст [5]. Чунин хабарҳо дар ВАО-и дохилӣ низ нашр шудааст [6].

Қобили қайд аст, ки сомонаи рӯзномаҳои мазкур дар баробари оне ки дар бораи сафар ва вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо воломақомони Қатар, мулоқоту нишастҳои масъулони Ҳукумати Тоҷикистон бо масъулони қатарӣ хабарҳои расмӣ нашр карда бошанд, ҳам инчунин ҳар се сомона рӯзи 7.02.2017 аз натиҷаи сафари расмии Президенти кишвар хулосабарорӣ намуда, матолиби таҳлилӣ ба табъ расонидаанд. Чунончи, рӯзномаи “Ал-Ватан” (الوطنُ) дар сомонааш бо номи “Қатар ва Тоҷикистон: зинда бод сиёсати дарҳои боз” (**قطر وطاجيكستان ... فلتحيا سياسة الانفتاح**) аз натиҷаи вохӯрии Президенти Тоҷикистон бо Амири Қатар нигориш чоп кардааст. Дар нигориш аввал аз сиёсати дарҳои бози давлати Қатар дар соҳаҳои гуногун, махсусан иқтисодӣ ва сармоягузорӣ сухан рафта, сипас сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Доҳа ва вохӯриаш дар гуфтушунидҳои сатҳи олӣ бо Амири давлати Қатар – Шайх Тамим ибн Ҳамад Оли Сониро натиҷаи ҳамин сиёсати дарҳои бози дуҷониба арзёбӣ шудааст. Сомона навиштааст: “Созишнома ва ёддоштҳои тафоҳум дар соҳаҳои гуногун, ки дирӯз ба имзо расид аз натиҷаи мусбати ин сиёсат шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин мувофиқ ва наздик будани нуқтаи назари сарони ҳарду кишварро вобаста ба дигаргуниву пешравиҳои минтақаву ҷаҳон ва таҳдидҳое, ки ҷаҳони имрӯза бо он рӯ ба рӯ аст, самараи хуб барои ҳарду давлат ва халқҳои дӯсти Қатару Тоҷикистон номидааст”. Нигориш бо суханони зерин ба охир мерасад: “Дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва табодули манфиатҳо ... Дар асоси хайру муҳаббат ва тенҷӣ (салом) бори дигар зинда бод сиёсати дарҳои боз байни давлат ва халқҳо ... Зинда бод сиёсатҳои табодули манфиатҳо!” [7].

Рӯзномаи “Аш-Шарқ”(**الشَّرْقُ**) бошад, дар сомонааш аз натиҷаи сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қатар гузоришеро бо номи “Қатар ва Тоҷикистон ... Дурнамоиҳои васеъ” (**رأي الشرق: قطر وطاجيكستان..آفاق رحبة**) ба табъ расонидааст, ки дар он муносибатҳои Қатару Тоҷикистонро хуб ва пешрафт арзёбӣ шудааст. Рӯзнома навиштааст: “Имзои якчанд созишнома ва ёддоштҳои тафоҳум байни ҳарду кишвар аҳамияти ҳамкории муштаракро инъикос мекунад. Ҳарду кишвар аз имконоту шароите, ки сармояаш ба манфиати муштарак аст, истифода мебаранд, махсусан дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сармоя. Ҳамзамон барои соҳибкорон лоиҳаҳои стратегӣ пешниҳод мешавад” [8]. Сомонаи мазкур вохӯрии сатҳи олии Қатару Тоҷикистонро тавоҷӯҳ ва хоҳиши сарони

ҳарду кишвар барои пешрафти муносибатҳои дуҷониба дар асоси робитаҳои таърихӣ ва ҳамкориҳои манфиатовар дар соҳаҳои мухталиф арзёбӣ кардааст.

Ҳамчунин сомонаи рӯзномаи “Ар-Раят” (**الرَّايَة**) низ вобаста ба натиҷаи сафари Президенти кишвар бо номи “Қатар ва Тоҷикистон ... Ҳамкории муштарак” (**رأي الراية .. قطر وطاجيكستان.. تعاون مشترك**) дар бораи натиҷа ва аҳамияти вохӯриҳои сарони ҳарду кишвар гузориши муфассал ба табъ расонидааст. Дар он аз ҷумла омадааст, ки “гуфтӯшунидҳое, ки Амири давлати Қатар ва Президенти Тоҷикистон ба анҷом расониданд, аз муҳимияти муносибатҳои Қатару Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун, махсусан соҳаи иқтисод ва сармоя шаҳодат медиҳад”. Рӯзнома навиштааст, ки “Ҳақиқатан аҳамияти муносибатҳои Қатару Тоҷикистон аз майли Қатар барои пайвастан бо давлатҳои Осиёи Марказӣ сарчашма мегирад, ки дар он Тоҷикистон равзанаест барои пайвасти он. Илова бар ин, мавқеи геостратегии Тоҷикистон – дарвозаи муҳими иқтисодиест ҷониби Ҳинд, Россия, Чин ва Осиёи Миёна. Аз ин рӯ, ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи Қатар барои рушди муносибатҳо бо Тоҷикистон ва дохил шуданаш дар сармоягузорӣ дар якчанд бахшҳо мақбул аст” [9]. Аз пажӯҳиш маълум мегардад, ки рӯзномаҳои Қатар имзои созишномаҳои ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои амният, фарҳанг, маориф, алоқаи ҳавоӣ, тандурустӣ ва ду ёддошти тафоҳум дар соҳаи варзиш ва бонкро оғози густариши ин муносибатҳо меҳисобанд.

Мавзӯи дигаре, ки дар ВАО – и Қатар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, таъсис додани аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон мебошад. Ин мавзӯъро низ ҳар се сомона рӯзҳои 20 ва 21 – уми сентябри 2014 бо сарлавҳаҳои гуногун: “Муҳокимаи таъсиси аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон” (**بحث تأسيس أول بنك إسلامي في طاجيكستان**), “Ҳавасмандии Қатар дар ташкили аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон” (**رغبة قطرية في تأسيس أول بنك إسلامي في طاجيكستان**) ва “Гуфтӯшунидҳо оид ба таъсиси аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон” (**مباحثات لتأسيس أول بنك إسلامي في طاجيكستان**) пешниҳоди аудитория кардаанд. Ин матолиб ҳамагӣ дар такя ба як манобеву сарчашмаи иттилоъ таркиб ёфта, усули пешниҳод ва оҳанги ягона доранд. Яъне сомонаҳои мазкур як воқеаро бо сарлавҳаҳои мухталиф дар қолаби жанри нигориш таҳия ва пешниҳод кардаанд. Ҳатто мазмуну муҳтаво ва ҷумлабандӣ як хел аст, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мавод аз як сарчашма гирифта шудааст. Сомонаҳо дар такя ба мулоқоти Раиси гурӯҳи ширкатҳои ҳолдингии “Издан” – Доктор Холид ибн Сонӣ ибн Абдулло Оли Сонӣ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон навиштааст, ки “Ҷамъияти соҳибкорони Қатар бодиққат ба бозори Тоҷикистон таваҷҷуҳ дорад ва омодагии хешро барои саҳм гузоштан дар сармоягузорӣ, табодули таҷрибаҳо дар соҳаҳои гуногун, махсусан бонкҳои исломӣ изҳор дошт. Ҳамзамон Раиси “Издан” рағбат ва омодагии хешро барои таъсис додани аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон ва дастгирии хизматрасониҳои сармоявии лозимаро дар ин соҳа таъкид сохт” [10]. Дар хабарҳо зикр шудааст, ки аз Ҳукумати Тоҷикистон қонунгузориҳои лозимаро барои фаъолияти бонкҳои исломӣ интизоранд.

Аз ҷониби худ Президенти Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дастгирии пурраро барои лоиҳаи таъсиси аввалин бонки исломӣ таъкид кард ва ҷонишини дуюми Сарвазири кишварро ба ин ҳамкорӣ вазифадор намуд. Ҳамзамон Президенти Тоҷикистон вобаста ба ин масъала пешниҳод намуд, ки ҳамоҳангсозии фаврӣ байни ҳайати Қатар ва Тоҷикистон барои омӯзиши лоиҳа баргузор гардад. Дар хотимаи хабарҳо омадааст, ки аҳолии Тоҷикистон наздики 7 млн. буда, аксарияти сокинонаш пайравони дини исломанд. Хулосаи сомонаҳо вобаста ба ин мавзӯъ он аст, ки таъсиси бонки исломиро барои иқтисодиёти Тоҷикистон, махсусан бозор, ки ба сармоягузорони нав эҳтиёҷ дорад, аз ҷумла сармояҳои бонкҳои исломӣ мусбат арзёбӣ кардаанд.

Мавриди зикр аст, ки сомонаи ОИҚ дар бораи вохӯриҳои сафири Қатар дар Тоҷикистон бо масъулони кишварамон ҳамеша хабарҳои кӯтоҳи расмӣ ба табъ мерасонад. Аз ҷумла, соли 2014 аз мулоқот бо ноиби сарвазир – М. Алимардонов, раиси Кумитаи амнияти миллӣ, вазирони маориф, кишоварзӣ, раиси кумитаи ҷавонон ва сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон хабар додаанд, ки ҳамаашон бо як услуб “вохӯрданд, муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо ва роҳҳои густариши онро мавриди баррасӣ қарор доданд” ба охир мерасанд [11].

Ҳамчунин ҳангоми таҳқиқ маълум шуд, ки ОИҚ бештар ба ахбори расмӣ эътибор дода, зиёдтар ба натиҷаҳои сафарҳои расмии ҷонибҳо таваҷҷуҳ мекунад, аммо новобаста аз ин дар бораи баъзе рӯйдоду воқеаҳои Тоҷикистон низ хабарҳо нашр кардааст. Чунончи, оҷонсӣ рӯзи 22.01.2016 дар бораи даровардани тағйиротҳо дар Конститутсияи Тоҷикистон бо номи “Парлумони Тоҷикистон тағйиротҳои конститутсиониеро тасдиқ мекунад, ки барои бе маҳдуд интихоб шудани президенти кишварро иҷозат медиҳад ” (**برلمان طاجيكستان يقر تعديلات دستورية تسمح بانتخاب رئيس البلاد لعدد غير محدد من المرات**) нашр кардааст, ки дар такя бо ОИ “ТАСС” навиштааст: “Лоиҳаи қонун барои муайян кардани рӯзи тағйирот ба Суди конститутсионӣ фиристода шудааст” [12]. Сипас дар хотима хабар медиҳад, ки “Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 63 сол дошта, бори аввал мансаби Раёсатро

соли 1992 ба даст оварда ва сипас дар интихоботи президентии солҳои 1994, 1999, 2006 ва 2013 аз нав интихоб шуд. Муҳлати роҳбарии ҳозирааш соли 2020 ба охир мерасад" [12].

Ҳамчунин оҷонсӣ рӯзи 10.10.2014 хабареро таҳти унвони "Манъ кардани паёмак (SMS) дар Тоҷикистон" (**وقف إرسال الرسائل القصيرة في طاجيكستان**) нашр кардааст, ки дар он омадааст: "Имрӯз ширкатҳои мобилӣ дар Тоҷикистон бо талаби ҳайати ҳукумат хизматрасонии паёмакҳоро дар пойтахт – шаҳри Душанбе ва минтақаҳои гирду атрофи он манъ кард" [13]. Ширкатҳои мобилӣ қабули ин қарорро ба даъвати роҳбарони оппозитсионии "Гуруҳи 24" барои баромадан ба намоишҳои эътирозӣ дар майдони марказии шаҳри Душанбе марбут медонанд. Дар такя ба мусоҳибаи вазири дохила – Рамазон Раҳимзода бо ОИ "ТАСС" оҷонсӣ хабар додааст, ки "Ниҳодҳои амниятӣ ягон гирдиҳамоӣ ва ё роҳпаймоии ғайри қонуниро дар пойтахт ва гирду атрофи он иҷозат намедиҳанд ва ҳама кушишҳои иғвогаронаро барои мураккаб сохтани вазъият барҳам хоҳад дод. Сарчашмаҳои амниятӣ хабар доданд, ки Душанбе таҳти камераҳои назоратие мебошад, ки ҳамаи қонунвайронкуниҳо ва гирдиҳамоиҳои бе иҷозатро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ сабт мекунад" [13]. Мавод ҷанбаи хабарӣ дошта, таҳлил ва баррасӣ мушоҳида намешавад.

Аз таҳқиқи хабару гузоришҳои ОИҚ ва сомонаҳои мазкур бармеояд, ки рӯзномаи "Аш-Шарқ"(**الشَّرْق**) дар баробари хабарҳои расмӣ ба дигар рӯйдоду ҳаводиси Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намудааст. Чунончи сомона таҳти унвони "Тоҷикистон 50 нафар исломии ҷанги Сурияро зиндонӣ мекунад" (**طاجيكستان تعتقل 50 إسلاميا مجندا للحرب في سوريا، 2014/12/03**), "Қирғизистон Тоҷикистонро дар нооромии минтақа муттаҳам медонад" (**قُرغيزستان تتهم طاجيكستان بزعزعة الاستقرار الإقليمي، 2014/01/13**), "Сартароше" сардори яке аз зиндонҳоро дар Тоҷикистон ба қатл мерасонад" (**"حلاق" يقتل مدير أحد السجون في طاجيكستان، 2017/02/17**), "Тоҷикистон ду афғонеро, ки кӯшиши шикор дар дохили сарҳади Тоҷикистонро доштанд, ба қатл расонид" (**طاجيكستان تقتل أفغانيين حاولا الصيد داخل حدودها، 2017/03/15**), "Толибони Афғонистон 4 аскари тоҷикро асир гирифтанд" (**طالبان أفغانستان تأسر 4 جنود طاجيك، 2014/12/23**) [14] ва ғайраро ба табъ расонидааст.

Соли 2015 бошад, ба ғайр аз хабарҳо доир ба сафарҳои расмӣ ва мулоқотҳои дуҷониба инчунин дар бораи ҳодисаи моҳи сентябр, ки Тоҷикистонро дар сархати расонаҳои ҷаҳон қарор дода буд, рӯзҳои 4 – 6 – уми сентябр чор мавод бо унвонҳои "Кушта шудани 8 милитсионер ва 9 мусаллаҳ дар муқовиматҳо дар Тоҷикистон" (**مقتل 8 شرطيين و9 مسلحين بمواجهات في طاجيكستان، 2015/09/04**), "Кушта шудани 17 нафар дар натиҷаи зудухӯрдҳо дар Тоҷикистон" (**مقتل 17 شخصا إثر اشتباكات في طاجيكستان، 2015/09/05**), "Милитсияи Тоҷикистон 13 ошӯбгарро мекушад ва ноиби собиқи вазири мудофиаро муҳосира мекунад" (**شرطة طاجيكستان تقتل 13 متمرداً و تحاصر نائب مقال لوزير الدفاع، 2015/09/05**) ва "Президенти Тоҷикистон "ДОИШ" – ро дар ҳуҷум ба милитсияи кишвараш гунаҳгор медонад" (**رئيس طاجيكستان يتهم "داعش" بشن هجمات على شرطة بلاده، 2015/09/06**) ба табъ расонидааст [15], ки ҳамаи онҳо хусусияти хабарӣ дошта дар такя ба расонаҳои хориҷӣ, махсусан Россия навишта шудаанд. Таҳлили амиқи ин ҳодисаҳо ва мавқеи аниқ дар таҳлилҳо кам ба назар мерасад.

Аз таҳқиқ ва омӯзиши хабару гузоришҳои ОИҚ ва сомонаҳои мазкур бармеояд, ки ОИҚ бештар ба ахбори расмӣ эътибор дода, зиёдтар ба натиҷаи сафарҳои расмии ҷонибҳо таваҷҷуҳ мекунад.

Ҳамчунин таҳқиқи муҳтавои маводи оҷонсиву сомонаҳои Қатар дар бораи Тоҷикистон ва тарзу усули пешниҳоди маводи онҳо нишон медиҳад, ки барои пур кардани саҳифаҳои худ аз маводи чопкардаи сомонаҳои хориҷӣ низ зиёд истифода мебаранд. Таҳлили маводи сомонаҳо ин гуфтаҳоро собит менамояд. Қобили зикр аст, ин нашрияҳо аксаран дар бораи воқеаҳою рӯйдодҳои Тоҷикистон маводи пахшкардаи расонаҳои гуногуни ҷаҳонро ("Русия Алявма", "Франс – пресс", "Рейтерс", "Спутник", ТАСС ва Би Би Си) истифода мебаранд.

Аз пажӯҳиш бармеояд, ки матбуоти давлати Қатар ба ҳаводиси Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, талош кардаанд, ки воқеаҳои марбут ба Тоҷикистонро ба мардуми кишвари худ расонанд. Онҳо бештар ба нашри иттилоъ иктифо намуда, ба таҳлил, баррасӣ ва натиҷаҳои ин ҳаводис эътибор надодаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. С.Н. Гулов. Инъикоси воқеоти байналхалқӣ дар телевизиони «Сафина» / С.Н. Гулов, Сӯҳроби Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2015. - №4/5 (174). - С. 272-275.
2. 25 қадам дар паҳнои олам // Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ).- Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.
3. [Захираи электронӣ] https://ru.wikipedia.org/wiki/Катар.
4. Қаландаров С. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ / С.Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2016. - №4/4 (206). - С. 309 – 314.
5. [Захираи электронӣ] www.qna.org.qa **سموّ الأمير يعقد جلسة مباحثات مع رئيس طاجيكستان،** . (санаи истифода 2017/02/06)
6. [Захираи электронӣ] http://www.prezident.tj/taxonomy/term/5/668 Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қатар (санаи истифода 6.02.2017).

7. [Захираи электронӣ] http://www.al-watan.com **قطر وطاجيكستان .. فلتحيا سياسة الانفتاح،** (санаи истифода 2017/02/07)
8. [Захираи электронӣ] http://www.al-sharq.com **بقلم: رأي الشرق. قطر وطاجيكستان..آفاق رحبة،** (санаи истифода 2017/02/07)
9. [Захираи электронӣ] http://www.raya.com **رأي الراية .. قطر وطاجيكستان.. تعاون مشترك،**/(санаи истифода 2017/02/07)
10. [Захираи электронӣ] http://www.al-watan.com **مباحثات لتأسيس أول بنك إسلامي في طاجيكستان،** (санаи истифода 2014/09/21)
11. [Захираи электронӣ] www.qna.org.qa **وزير الاقتصاد يؤكد ضرورة تعزيز التبادل التجاري بين قطر و طاجيكسنتان الثلاثاء فبراير** (санаи истифода 2016, 02);
санаи истифода 2016 (02) **معالي رئيس مجلس الوزراء يستقبل وزير التنمية الاقتصادية و التجارة الطاجيكية الثلاثاء فبراير**
(санаи истифода 2015, 02) **معالي رئيس الوزراء يعقد جلسة مباحثات رسمية مع نظيره الطاجيكي الاحد سبتمبر**
(санаи истифода 2014, 04) **رئيس لجنة الأمن القومي الطاجيكي يلتقي سفير قطر الثلاثاء فبراير**
12. [Захираи электронӣ] www.qna.org.qa **برلمان طاجيكستان يقر تعديلات دستورية تسمح بانتخاب رئيس البلاد لعدد غير محدد من المرات،** (санаи истифода 22/01/2016)_
13. [Захираи электронӣ] www.qna.org.qa **وقف إرسال الرسائل القصيرة في طاجيكستان،** (санаи истифода 10/10/2014)
14. [Захираи электронӣ] http://www.al-sharq.com **البان أفغانستان تأسر 4 جنود طاجيك،** (санаи истифода 23/12/2014)
15. [Захираи электронӣ] http://www.al-sharq.com **رئيس طاجيكستان يتهم "داعش" بشن هجمات على شرطة بلاده،** (санаи истифода 06/09/2015)

ВОҚЕИЯТИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАСОНАҲОИ ҚАТАР

Дар мақола муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар, сафарҳои ҳайати расмии ин кишварҳо ва шиноҳти воқеияти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон дар ВАО-и Қатар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи маводи оҷонсиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетии рӯзномаҳои Қатар шеваи инъикоси воқеияти Тоҷикистони муосирро муайян намуда, доираи мавзӯот ва шакли нигориши матолибро нишон медиҳад. Таҳлилу баррасии матолиби марбут ба воқеияти Тоҷикистон нишон дод, ки матбуоти Қатар бештар дар заминаи сафарҳои расмӣ ва маводи расонаҳои ғайр, аз ҷумла русӣ, кишвари моро ба мардуми худ шиносонида аст. Ҳамчунин таъкид менамояд, ки Қатар яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гази табиӣ мақоми сеюм ва аз ҷиҳати содироти гази табиӣ мақоми шашумро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи ин давлати бойи арабӣ дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод хеле бамаврид аст. Мувофиқи мушоҳидаҳои муаллифи мақола дар давраи пажӯҳиш дар Оҷонсии иттилоотии Қатар 42 хабару гузоришот ба мушоҳида расидааст, ки бештари онҳоро муҳтавои сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои исломӣ ва арабӣ, сафарҳои корӣ намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ба Қатар дар бар мегиранд. Таъкид мегардад, ки тамоми сафарҳои расмии Президенти ҷумҳурӣ ва намояндагони воломақоми Ҳукумати Тоҷикистон ба кишварҳои арабӣ, махсусан давлатҳои арабии халиҷи Форс дар ВАО – и ин кишварҳо инъикосу баррасӣ мешаванд. Аз пажӯҳиш бармеояд, ки матбуоти давлати Қатар ба ҳаводиси Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, талош кардаанд, ки воқеаҳои марбут ба Тоҷикистонро ба мардуми кишвари худ расонанд. Онҳо бештар ба нашри иттилоъ иктифо намуда, ба таҳлил, баррасӣ ва натиҷаҳои ин ҳаводис эътибор надодаанд.

Калидвожаҳо: робита, ҳамкорӣ, ВАО, сафари расмӣ, оҷонсӣ, матбуот, сомона, воқеият, инъикос, таҳлил, баррасӣ, натиҷа …

ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА В СРЕДСТВАХ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ КАТАРА

В статье рассматриваются и подвергаются анализу двухсторонние взаимоотношения Таджикистана и Катара, официальные визиты представителей этих стран и отражение социально-политической действительности Таджикистана в катарских СМИ. На основе материалов информационных агентств, интернет-сайтов катарских газет автор определяет их позицию в отражении действительности современного Таджикистана и описывает тематику и способы изложения фактов. Анализ материала показывает, что катарская пресса представляет нашу страну своему народу на основе официальных и иностранных визитов, в частности русских информационных агентств. Также подчеркивается, что Катар считается одним из богатейших и ведущих стран мира, занимает третье место в мире по запасам природного газа и шестое место по его продаже. С этой точки зрения, привлечение инвестиций в малые и крупные проекты Республики Таджикистана в различные сферы экономики своевременны. Согласно анализу автора статьи, в период изучения информационных материалов газет Катара, более 42 сообщений и информаций, многие из них посвящены официальному визиту Президента Таджикистана в исламские и арабские государства, рабочие визиты официальных представителей Правительства Таджикистана в Катар, отмечается, что все официальные визиты Президента Таджикистана и ответственных лиц Правительства Таджикистана в арабские государства, а именно: в арабские страны Персидского залива, в СМИ этих стран широко освещались. Из анализа следует, что печатные издания (СМИ) Катара, обращают внимания на события, происходящие в Таджикистане, и должным образом доносят их до своего народа. В основном они опираются на информацию и сообщения, но не уделяют внимания анализу и результатам этих событий.

Ключевые слова: связь, сотрудничество, СМИ, официальный визит, агентство, пресса, сайт, действительность, отражение, анализ.

TAJIKISTAN EVENTS IN QATAR INFORMATION AGENCIES

This article takes under deliberation mutual relationships between Tajikistan and Qatar, official visits and recognizing of Tajikistan political and social events in Qatar information agencies. The author defines attractions of modern Tajikistan events, also analyses the spheres of themes and types of attraction of articles. At the end he came to conclusion that Qatar information agencies attracts more at the base of official visits and foreign mass media including Russian introduces Tajikistan events to their inhabitants. Also he notes that Qatar is considered as one of richest countries in the world, takes the third place for natural gas and the sixth place in exporting natural gas. That's why attracting this richest Arabic country's investment suitable for implementing in small and great projects in the RT for all spheres in economy. Regarding to article's author during research he used more than 42 news and reports which has taken through Tajik president's official visits to many Islamic countries and working visits of Tajik delegations to Qatar. The article shows that all Tajik presidents' and other official authorities state visits to Persian Gulf and other Arabic countries attracts in Mass Media.

Key words: relation, cooperation, Mass Media, official visits, agency, press, internet sites, events, attracting, analyses, result …

Сведения об авторе: ***Каландаров С.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.**
Телефон: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov S.*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 07(575.3)

ДИДГОҲИ МУАЛЛИФ ВА БАЁНИ МАҚСАД

Зинатулло Исмоилзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асадулло Саъдуллоев дар доираҳои илмӣ ҳамчун муҳаққиқи соҳибмактаби публитсистикаву насри мустанад шинохта гардидааст. Тавре муҳаққиқ Сангин Гулов зикр мекунад: *«… Асадулло Саъдуллоев дар бахши таҳқиқи публитсистика ва насри мустанад мактаби илмии хешро ба вуҷуд оварда, чандин касонро ба шоҳроҳи таҳқиқи публитсистикаву журналистика роҳбариву раҳнамоӣ карданд*» [1, с.192]. Аммо ҳадафи таҳқиқи мо осори бадеиву публитсистии Асадулло Саъдуллоев аст. Маълум аст, ки маҳз «*мақсаднокии асари публитсистӣ*» [9, с.104] боис мешавад, ки муаллиф дар роҳи мақсуд қаноатманду комёб гардад. Инро метавон дар мисоли осори публитсист Асадулло Саъдуллоев ба мушоҳида гирифт. Дар бораи осори публитсистӣ, бахусус, мақоми очерк дар публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев муҳаққиқоне чун И. Усмонов, М. Муродов, М. Муқимов, Д. Давронов, С. Гулов, С. Ҳайдаров, Б. Қутбиддинов, И. Ҳамидов ва дигарон баъзе ишораву қайдҳо дар мақолаву тақризҳояшон доранд. Аз ин нигоштаҳо бармеояд, ки осори публитсистии А. Саъдуллоев гуногунпаҳлуву гуногунмавзӯъ мебошад. Тавре муҳаққиқи ҷавон Н. Сироҷова қайд мекунад*: «Домани эҷодиёти А. Саъдуллоев дар самти публитсистика басо фарох аст. Устод дар интихобу таҳқиқи мавзӯъҳо диду назари нав дорад. Навгонию саҳеҳбаёнӣ дар эҷодиёти ӯ зиёд ба чашм мерасад»* [9, с.304].

Яке аз махсусияти публитсистика дар сабки баён мебошад. Ба андешаи муаллифони китоби “Хосияти публитсистика” қайд кардаанд: *“Сабку услуби публитсистӣ ин нишондиҳандаи сатҳи фаҳмишҳову бардоштҳои муаллиф аз зиндагӣ аст. Зеҳну фаросати муаллиф, ки дар партави як чизи нав барои хонанда ба таҷассум меояд, афзалияти сабки публитсистиро нишон дода метавонад*” [3, с.26].

Мавсуф дар публитсистикаи бадеӣ сабку шеваи хосси баёнро дошт ва дар баёни мақсад тавассути чанд дидгоҳ муваффақ мегашт. Ин дидгоҳҳои эҷодкорро ҷаҳонбинӣ, фаросату маърифат, олами дониш, маҳорати офарандагӣ ва дарки муҳит ташкил медоданд. Муваффақиятҳои ӯ ҳамчун адиби публитсист беш ва, пеш аз ҳама, ба он вобаста буд, ки асли мақсадро дар роҳи эҷод пурра дарк ва баён карда метавонист. Пайроҳаи мақсади муайян ва тарзи баён асоси комили ҳар як навиштаи ӯро шакл мебахшид. Махсусан дар офариниши чеҳраҳо А. Саъдуллоев аз усул ва услуби хосси худ кор гирифта, талоши онро менамуд, ки дар такя ба қонунияти эҷоди публитсистӣ воқеияти оҳанги як замону давронро нишон диҳад. Дар публитсистикаи А. Саъдуллоев шахсияти инсон, хислатҳои неки инсонӣ, созандагиву ободкорӣ, арзишҳои маънавӣ ва амсоли ин мавқеи меҳварӣ доранд. Муҳаққиқ Муродов М. зимни таҳқиқи осори А. Саъдуллоев зикр мекунад, ки «*Публитсистикаи А. Саъдуллоев … хасоили хуби инсонӣ – ҳақиқатгӯӣ, адолатҷӯӣ, меҳнатқаринӣ, бунёдкориву созандагӣ, ҳақгӯиву ҳақталошӣ ва амсоли инро тараннум месозад, ки дар тарбияи ҷавонони имрӯз низ аз аҳамият холӣ нест*» [5, с.124].

Очерки «Дил ба ёдгор»-и муаллиф аз ҷумлаи он офаридаҳоест, ки дар он, дар заминаи чанд лаҳзаҳо самти мақсади маълум дар муаррифӣ кардани якбора чандин симоҳо ба миён омадааст. Яке аз чеҳраҳое, ки дар ин асар ҷилваи хос дорад, симои журналист, публитсист, адиб ва мунаққид Набӣ Фахрӣ мебошад, ки муаллиф ӯро дар чандин ҷабҳа шинохтану муаррифӣ кардан мехоҳад. Ин шинохт дар пояи «*…воқеияти реалии замон ва ҳақиқати ҳол*» [4, с.157] сурат гирифта, чеҳраи як фарди зиёии солҳои сиюм дар пеши назар ба ҷилва меояд. Бозгӯи рӯзгори табиии қаҳрамон меҳвари асосист ва умумигӯйиву хислатноманависӣ дар он сарфи назар аст. Тавре ишора гашт, қаҳрамони ӯ рӯзноманигор, публитсист, адиб, мунаққид, шахси масъул ва дар ниҳоят падару шавҳари меҳрубонест, ки зиндагиву фаъолияташ омӯзандаву намунаи ибрат аст. Дар ҷараёни

офаринишҳои публитсистӣ «*шинохти қаҳрамон ва таваҷҷуҳи хос ба қаҳрамон*…» [8, с.170], ҳамчун як қонунияти офариниши симои «*арзанда ва сазовори тақлид*» [8, с.170] боис мешавад, муаллиф ба қаҳрамони худ як навъ муҳаббат низ дошта бошад. Ин муҳаббатро Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқ дар таҳқиқи эҷоди дигар адибон борҳо таъкид намудааст. «*Дилбастагиву дилкашолӣ*»-и [8, с.171] муаллифони осори адабӣ таъкид менамуд, ки симои қаҳрамони худро маҳз дар ин партав ҷило бахшида метавонистанд. Ҳамин аст, ки муаллиф дар нишон додани симои ботинии қаҳрамони худ шитоб надорад. Чун аз нозукиҳои эҷод воқиф аст, муаллиф дар пешниҳоди матлаб бештар ба саҳнаҳои зиндагӣ такя менамояд. Дар ҳақиқат, барои муаллиф беҳтарин фурсату имкони муаррифӣ кардани шахсиятҳо ин дар набардгоҳи зиндагӣ тасвир карда тавонистани ҳаракати онҳо мебошад. Ин ҷиҳат кифоя аст, ки ба ҷойи даҳҳо маълумотномасозиҳои хушк, як шахсият ба осонӣ дар хотираи хонанда нақш бандад. Ҳамин аст, ки дар очерки хурди «Ворис» ин саҳнасозиҳову бозгӯ кардани фаъолияти қаҳрамон ба муаллиф хеле осон даст медиҳад. Навиштаи мазкур бо нақли қолабиву берӯҳ оғоз намешавад ва адиб бо унсури бадеии хос саҳнаи баргузории кори Анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистонро дар соли 1934 дар пеши назари хонанда ба ҷилва меорад. Дар ин аҷуман ба сифати «пионерони фахрӣ» қабул гаштани Айниву Лоҳутиву Абдулло Раҳимбоев барои хонандаи имрӯза як сабти аҷиби таърихӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҷараёну раванди бунёди ҷомеаи нави он солҳо дарак медиҳад. Ин ҷузъиёти навиштаро метавон тараннуми оҳанги иҷтимоии очерки мазкур номид, ки рисолати публитсисти огаҳро бозгӯ менамояд.

Саҳнасозиҳоро дар очерки публитсистӣ бидуни ташреҳу баҳогузориҳои муаллиф тасаввур кардан душвор аст. Ин усул бештар унсури воқеияти асарро таъмин месозад ва хонандаро ба дарки ҳақиқат даъват менамояд. Набӣ Фахрӣ рӯзи дуюм аст, ки дар толоре, ки анҷумани нависандагони Тоҷикистон мегузарад, ширкат дорад. Андешаҳои худро бо андешаҳои дигарон қиёс менамояд ва дар бораи қисмати адабиёти ҷавону дар остонаи нави тараққиёт қарордошта фикр менамояд. Дар ин маврид ҳукм ва баҳогузории муаллиф дар шинохти қаҳрамон ба таври оҷилтар мусоидат менамояд: «*…вай аз ҷумлаи адибоне буд, ки дар каломи мавзун ҳар чӣ зудтар комёбиҳои оламшумулро дидан мехост*» [6, с.6]. Чунин хулосаи муаллиф далели он аст, ки ӯ қаҳрамони худро дар сангари мушаххас аз рӯйи як мавқеи мусбат мешиносад ва ӯро дар радифи онҳое қарор додан мехоҳад, ки дар он солҳо барои асолату ҳифзи фарҳанги миллӣ талош доштанд. Муаллиф дар баён кардани ҳадаф паҳлуҳои мухталифро ба инобат мегирад. Махсусан, қонуниятҳо ва ҳассосияти муҳити он солҳоро сарфи назар кардан намехоҳад. Аз бархӯрд ва баҳсҳои алоҳидаи Обид Исмативу Абдусалом Деҳотӣ ишора карда, аз «… *як андоза осемасарӣ ва сарфи назар кардани имкониятҳо*» [6, с.6] аз ҷониби қаҳрамони худ ҳам ишора мекунад. Тавре ба назар мерасад, қаҳрамонро дар ду ҷабҳа нишон додан мехоҳад – ҷонибдорӣ аз эҷоди асил ва интиқод аз осори қолабиву камарзиш. Бо вуҷуди баъзе ишораҳои таҳтонӣ муаллиф қаҳрамони худро дар ҷодаҳои мубориза ҳеҷ гоҳ мағлуб намеҳисобад. Набӣ Фахрӣ аз нигоҳи муаллиф он фелйетоннавису очеркнависи фаъол буд, ки бо ҷуръати хос дар муқобили маҷро қарор мегирифт: «*Набӣ менавишт, ки ашъори ба зимистону тобистон, тирамоҳ ва доғи ҳиҷрон бахшида маънӣ надоранд, он мавзӯъҳо аз ҷиҳати санъат ва шакл адабиёти саҳна шуда наметавонанд*…» [6, с.7].

Аз мавқеи публитсисти ҳамабин бармеояд, ки Набӣ Фахрӣ на танҳо фелйетонист, балки муҳаққиқу мунаққидест, ки дар он солҳои душвор ошкорову қатъӣ андешаҳои худро аз минбарҳо баён медошт. Шеваҳои баёни Набӣ Фахрӣ баъзан муқобили сохти замона оҳанг пайдо мекарданд. Масалан, аз баҳсҳое, ки бо Абдусалом Деҳотӣ дошт, чунин бармеояд, ки ӯ тақлиду ба майдони адабиёту эҷод омадани баъзе эҷодкорони рӯякиро намепазируфт. «Сипар сохтан»-и шиорсозиҳову даъватҳои қолабии онҳоро инкор менамуд ва бо ин навъи муносибат ӯро баъзан муҷрим сохтан мехостанд, ки дар он солҳо чунин ҳолат хавфи ҷиддие ба ҳаёти ингуна «ёғиҳои сохти нав» ба ҳисоб мерафт. Асадулло Саъдуллоев дар ин очерки худ ба маъхази дигар такя намуда, аз Абдусалом Деҳотӣ чунин як иқтибосро пеш меорад: «*Рафиқ Набӣ Фахрӣ! Бародар, шумо ба адабиёт ба айнаки марксистӣ нигоҳ мекунам гуфта, аз паҳлуи айнак нигоҳ кардаед*» [6, с.7]. Чунин бархӯрд дар он солҳо хатари ҷиддие ба зиндагиву ҷони адибону муҳаққиқони алоҳида дошт ва дар ишораву таъкиди Деҳотӣ як гунаи ҳушдорро низ эҳсос кардан мумкин аст. Махсусан, дар солҳои сиюми асри гузашта ин раванди нотавонбиниву қурбон сохтани зиёёну шахсиятҳои адабӣ ба ҳукми анъана даромада буду шиддати махсус низ дошт, ки онро нависанда Ҷалол Икромӣ дар асари худ «Он чи аз сар гузашт» хеле дақиқ бозгӯ кардааст. Хеле аҷибу муаммо аст, ки Набӣ Фахрӣ дар он ҷараёни тираву тор дар баёни мавқеи худ аз чизе ҳарос надошт. Раванди *«рӯҳи замон ва ҳаёти ҳаррӯзаро ба риштаи назм кашидан…»* [2, с.134]-ро чун як мунаққид назора менамуд. Дар он солҳо таблиғу ташвиқи доманадор дар қолаби шеъри иҷтимоӣ ба таври васеъ ҷо дода мешуд ва маълум, ки шеърҳо шиориву бебунёд буданд. Сифатан мазмунҳои амиқи худро гум месохтанд, қонунияти шеъри классикӣ фаромӯш мегашт ва ҳар як баёни содаи кӯчагӣ низ бо тантанаи хос пазируфта

мешуд. Гузашта аз ин, баъзе ҷонибдорони ин раванд эродҳову нақдҳои алоҳидаро қабул кардан намехостанд. Дар ин мавриД Асадулло Саъдуллоев ба ҳимояти қаҳрамони худ пардохта мегӯяд, ки Набӣ Фахрӣ фарзанди замони худ буд ва ҳуқуқи маънавӣ ҳам надошт, ки комёбиҳоро ба назар нагирад. Аммо мавқеи қаҳрамони худро нисбати баъзе ҷузъиёт таъкидан чунин баён менамояд: «… *худаш зодаи ҳамон сохт буд ва мехост, ки шеър аз сиёсат ва истеҳсолот дуртар равад*» [7, с.7].

Муаллиф дар такя ба офариниши симои Набӣ Фахрӣ талоши онро менамояд, ки муҳити носозгори он солҳоро ҳам дар муносибат ва ҳам дар гум шудани асолати фарҳангу адаб нишон диҳад. Дар оғози солҳои сиюм баҳсҳои парешоне вуҷуд доштанд, ки намояндагони алоҳидаи адабиёт равияи эҷоди навро чандон ҷонибдор набуданд ва Набӣ Фахрӣ аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мерафт.

Як услуб ва шеваи хосси баёни устод Асадулло Саъдуллоев он аст, ки дар қавӣ гаштани санаднокии сухани пероста, иртиботи образу образнокии суханро сарфи назар наменамояд, аз қиёси андешаҳо истифода мебарад, ки ҳамагӣ дар домани факту далелҳо матраҳанд. Намунаи осор ва андешаҳои алоҳидаи адибон Сарвар (Мирҳайдаров), Занбур (С. Ализода), А. Деҳотӣ ва дигаронро пеш оварда, самти андешаҳои худро ба он асоснок менамояд, ки дар ҳама замонҳо муҳиту доираҳо дар сифату мазмуни асарҳо ба таври доимӣ таъсиргузоранд. Дар очерки «Ворис» аз мақолаи баҳсноки «Сабзаи навхез», ки дар панҷ шумораи «Овози тоҷик» (шумораҳои 519-523) ба нашр расида буд, махсусан таъкид менамояд. Он мақолаи мубоҳисавиро «*таҳаввулоти тозае дар нақди навзоди бадеӣ*» [6, с.7] номида, ҷонибдориву мухолифати худро нисбати ҷарёни як даврa ба таври равшан зоҳир менамояд. Аз ҷумла, нисбат ба андешаҳои Набӣ Фахрӣ мавқеи мусбати худро нишон додан мехоҳад: «*Вай мехост таъкид кунад, ки адибон ба комёбиҳои андак гарра нашаванд, аз рӯйдодҳои тозаи иҷтимоӣ хулосаи дуруст бароранд, зуҳури чанд шоири коргару пунбачию чорводор хуб аст, аммо зарур аст, ки тамоми қишрҳои аҳолӣ аз навгониҳои ба амаломада самари беҳтаре бигиранд*» [5, с.7]. Чун як анъанаи он солҳо маълум аст, ки шеър ба хитобаву шиор табдил ёфта буд. Ин масъала имрӯз аз равзанаҳои гуногун баҳогузорӣ мегардад ва барои як навъ мусбат будани он ҷараён, аз ҷараёни имрӯзаи адабӣ низ қиёс карда мешавад. Яъне, дирӯзу имрӯзу оянда ба назар расидани чунин эҷод як тамоюли муқаррарии замонаҳо мебошад. Аммо дар замони идома ёфтани ин ҷараён мухолифати худро баён кардани як нафар мунаққид ҷуръату далерӣ ба ҳисоб меравад: «*Танҳо ба хитоба ҷомеа дигар намешавад, вай бояд аз аъмоқи рӯйдодҳо ва натиҷаҳои аз он рӯянда огаҳ бошад*» [6, с.8] Дар ин шеваи баён мо Асадулло Саъдуллоевро чун як мунаққиду муҳаққиқе мешиносем, ки нисбат ба зуҳуроти адабии он солҳо бетафовут нест. Мавсуф дар ин очерки худ аз шеваи тасвири бадеӣ ва саҳнасозиҳои бозгӯкунандаи ҳолат андаке дар фосила қарор мегирад. Хосияти очерк ва асари публитсистӣ низ ҳамин аст, ки барои «… *расидан ба ҳадафҳои худ аз имкониятҳои гуногун истифода мебарад*» [10, с.7]. Мо ба таври қатъӣ дар он пояи ҳукм устувор буда наметавонем, ки бояд муаллиф дар як очерк ва дигар жанри офарандаи симо танҳо ба хатти кашидаи хронологӣ ва ё маълумотномаи тарҷумаҳолӣ такя намояд. Ҳарчанд ин омил (қолаби эҷод) холигаҳи зиёдро пурра намояд ҳам, аммо публитсистика бо имконоти худ якбора ба чанд ҷабҳа муроҷиат менамояд ва бо истифода карда тавонистан аз ин «*ҷузъиёти созандаи мухталиф*» [10, с.7] баъдан ба ҳадафи ниҳоӣ мерасад. Ин ҳадафи ниҳоӣ бошад, ба таври оҷил муътақид сохтану таъсир ба мафкура аст, ки чун рисолати азалии публитсистика эътироф шудааст. Устод Асадулло Саъдуллоев дар офариниши асари публитсистӣ муаллифест, ки аз мавҷуд будани чунин имконот бо пуррагӣ воқиф аст. Ҷое чун адиб, ҷое чун муаррих, ҷое чун журналист ва ҷое чун муҳаққиқ ба назар мерасад ва бомаром дар баёни ҳадаф қадам мегузорад.

Дар қисматҳои ташреҳии очерки боло хонандаро ба қазовату қиёс даъват менамояд ва гӯё барои ба олами нав бурдани хонандаи худ ба таври номаълум шеваи дигари баёнро интихоб менамояд. Ин шеваи баён дар домани тасвири бадеӣ матраҳ гардидааст: «*Набӣ аз анҷуман баромада бо пиёдароҳае, ки аз шафати магозаи «Луксе» мегузашт, қадам зада, сӯйи хобгоҳи меҳмонон мерафт. Димоғаш ба сони абри тирае буд, ки аз пушташ шафақи сӯзоне онро андак-андак парешон менамуд. Гарчи ӯро низ гоҳ-гоҳ рӯйиросту гоҳ бо суханҳои таҳдор маломат карданд, ӯ худро ҳақ мешумурд*» [6, с.9].

Публитсист Асадулло Саъдуллоев шахсияти нуктадон аст ва осораш аз ҳикмату фалсафа саршор аст. Муаллиф бо тасвир ва саҳнаофариҳои ҷолиб хонандаро бо қаҳрамон ҳамсафару ҳамфикр менамояд. Ҷолибтарин усули пешниҳоди ин муаллифи муваффақ мантиқбаёнии ӯ мебошад. Ин мантиққо даққо паҳлҳои пандуахлоқӣ ва ҳикматҳои зиндагиро фаро мегиранд. Дар ҷумлаи «*димоғаш ба сони абри тирае буд, ки аз пушташ шафақи сӯзоне онро андак-андак парешон менамуд*» [6, с.9], маҳорати комили адиб дар истифодаи ташбеҳу мазмуни таъсирбахш мебошад. Муаллиф хонандаро фурсате ба андеша кардан водор менамояд ва хонанда низ бо таваққуфе дар хаёли худ ҳолати абри дар моварои шафақи сурх қарордоштаро пеши назар меорад. Яъне, он абр бақо надорад ва қудрати овардани бӯрону сардиро надорад. Қаҳрамонашро ҳамсони он шафақ медонад,

ки бо шуълаи арғувонии худ устувору пойбарҷост. Ташбеҳ ҳолати воқеии қаҳрамонро ифода карда метавонад. Баъди корбасти ташбеҳ барои осон гаштани дарки мақсад ҳолати воқеии қаҳрамонашро пеш меорад: «*Гарчи ӯро низ гоҳ-гоҳ рӯйиросту гоҳ бо суханҳои таҳдор маломат карданд, ӯ худро ҳақ мешумурд*» [6, с.9]. Ҳадафи муаллиф ин таъкид ва бақо надоштани ғайбату нотавонбиниҳои атрофиёни Набӣ Фахрӣ мебошад, ки ӯро бо мавқеи интиқодияш чандон намепазируфтанд. Муаллифи очерки мазкур дар як доираи маҳдуд номи чандин нафаронеро, ки дар саргаҳи адабиёти навин қарор доштанд, зикр менамояд. Гӯё бо иштироки онҳо як ҷузъи конфликти асарро ба миён овардан мехоҳад. Аммо дар ниҳоят ҳама сангарҳоро ба ифоқа меорад, Деҳотӣ ва ҳаммаслакони ӯро ҳақ мешуморад. Зеро Набӣ Фахрӣ бо мақолаи худ чун аввалин мунаққид дониста мешуд, ки баъдтар ӯро пазируфтанду эътироф карданд. Ӯ ба қаҳрамони худ бо ибораи «зиндагӣ дар пеш аст» таскин бахшидан мехоҳад.

Аз очерки «Ворис» чунин бардоште ҳосил мешавад, ки муаллиф тавассути қаҳрамони худ ба чандин паҳлуҳои масоили иҷтимоӣ дахл кардан мехоҳад. Ин қонуниятро худи муаллиф дар самти дигар – таҳқиқи публитсистӣ, чунин баён кардааст: «*Ҷузъиёти муҳимми созандаи очерк дар публитсистика образи публитсистӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути ин образ муаллиф рухдодҳои ҳақиқии иҷтимоиро бозгӯ менамояд*» [7, с.129]. Аз ин ҷост, ки муаллиф тавонистааст, ки он қаҳрамони сазоворро аз майдонҳои набарди зиндагӣ пайдо намояд ва дар ҳаракати ӯ тараннуми оҳанги замонҳои хосро намояд. Муътақид намудан мехоҳад, ки зиндагӣ майдони муборизаву талошҳост ва онеро фотеҳ медонад, ки танҳо барои худ дар ин дунё назистааст. Асадулло Саъдуллоев бо таҳқиқ чунин қаҳрамонони худро аз ин набардгоҳҳо ба осонӣ ёфта метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Муҳаққиқи суханшинос ва устоди соҳибмактаб / С. Гулов // Устоди устодон. - Душанбе: Андалеб Р, 2015. – С. 189 - 195.
2. Замони муосир ва журналистика (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). - Душанбе, 2011. – 166 с.
3. Қутбиддинов А., Ҷ. Раҳмонова. Хосияти публисистика Қутбиддинов А. – Душанбе, 2018. - 164 с.
4. Муродов М. Аз се шохаи як илм / М.Муродов. - Душанбе, 2014. - 230 с.
5. Муродов М. Б. Як нигоҳ ба публитсистикаи А. Саъдуллоев / М. Б. Муродов // Устоди устодон. - Душанбе: Андалеб Р, 2015. – 115 - 125.
6. Саъдуллоев А. Дил ба ёдгор / А. Саъдуллоев. - Душанбе, 1999. - 54 с.
7. Саъдуллоев А. Горизонты публицистики / А.Саъдуллоев. - Душанбе, 2009. - 306 с.
8. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт. - Душанбе, 2000. - 254 с.
9. Сирочова Н. Асадулло Саъдуллоев - муҳаққиқи публитсистикаи тоҷик / Н. Сирочова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/5 (212) – С. 302 - 305.
10. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика. - Душанбе, 2009. - 138 с.

ДИДГОҲИ МУАЛЛИФ ВА БАЁНИ МАҚСАД

Дар ин мақола баъзе паҳлуҳои асари публитсистии Асадулло Саъдуллоев “Дил ба ёдгор” таҳлил мешаванд. Публитсист А. Саъдуллоев дар публитсистика сабку шеваи хосси баёнро дошт ва дар баёни мақсад тавассути чанд дидгоҳ муваффақ мегашт. Ин дидгоҳҳои ҷаҳонбинӣ, фаросату маърифат, олами дониш, маҳорати офарандагӣ ва дарки муҳит ташкил медоданд. Муваффақиятҳои ӯ ҳамчун адиби публитсист беш ва, пеш аз ҳама, ба он вобаста буд, ки асли мақсадро дар роҳи эҷод пурра дарк ва баён карда метавонист. Пайроҳаи мақсади муайян ва тарзи баён асоси комили ҳар як навиштаи ӯро шакл мебахшид. Махсусан, дар офариниши чеҳраҳо А. Саъдуллоев аз усул ва услуби хосси худ кор гирифта, талош намудааст, ки дар такя ба қонунияти эҷоди публитсистӣ воқеияти оҳанги як замону давронро нишон диҳад. Муаллифи мақола зимни таҳлили очерки «Дил ба ёдгор»-и А. Саъдуллоев чунин андешаро ба миён мегузорад, ки дар он, дар заминаи чанд лаҳза самти мақсади маълум дар муаррифӣ кардани якбора чандин симоҳо ба миён омадааст. Яке аз чеҳраҳое, ки дар ин асар намои хос дорад, симои журналист, публитсист, адиб ва мунаққид Набӣ Фахрӣ мебошад, ки адиби публитсист ӯро дар чандин ҷабҳа шинохтаву муаррифӣ кардааст. Публитсист А. Саъдуллоев дар такя ба рӯзгор ва шахсияти Набӣ Фахрӣ талош намудааст, ки муҳити носозгори он солҳоро ҳам дар муносибат ва ҳам дар гум шудани асолати фарҳангу адаб нишон диҳад. Дар хулоса, муаллиф бар он натиҷа расидааст, ки Асадулло Саъдуллоев дар эҷоди очерки “Дил ба ёдгор” ҷое чун адиб, ҷое чун муаррих, ҷое чун журналист ва ҷое чун муҳаққиқ бомаром дар баёни ҳадаф қадам гузоштааст.

Калидвожаҳо: публитсистика, публитсист, қонунмандиҳои эҷоди публитситӣ, очерк, маҳорат, ҷаҳонбинӣ**,** мақсад, мавқеъ, муҳити иҷтимоӣ, воқеияти реалӣ, шахсият.

ВЗГЛЯДЫ АВТОРА И ИЗЛОЖЕНИЕ ЦЕЛИ

В статье анализируются некоторые аспекты публицистического произведения профессора Асадулло Саъдуллоева “Сердце на память”. Профессор А. Саъдуллоев в публицистике имел свой индивидуальный стиль и подход в изложении логики мысли. Позиция публициста – А. Саъдуллоева раскрывается через его мировоззрение, в мастерстве создания произведений и взглядах на окружающий мир. Его успехи как писателя-публициста, прежде всего, проявляются в изложении целей в путей создания творческого произведения. Способы приближения к цели, методы ее изложения отличаются в каждом его произведении. Особенно это касается создания образов персонажей публицистом А. Саъдуллоевым, при этом он особенно старается соблюдать строгое соотношение реальной жизни и законов, правил создания публицистического произведения, свойственных каждому определенному историческому периоду. Автор статьи при рассмотрении очерка А. Саъдуллоева “Сердце на память” считает, что мастерство публициста проявляется в том, что личность главного его героя мы можем понять путем анализа жизни и деятельности даже второстепенных героев очерка. Одной из личностей, имеющих особое место в названном

очерке, является личность журналиста, писателя и критика Наби Фахри. А. Саъдуллоеву удалось раскрыть черты характера и образа Наби Фахри с разных сторон и тем самым наглядно представить его читателям. Публицист А. Саъдуллоев, опираясь на жизнь и творчество Наби Фахри смог раскрыть отрицательное влияние политики того периода в отношении таджикской национальной культуры. Подводя итоги, автор делает вывод, что Асадулло Саъдуллоев, создав очерк "Сердце на память", смог показать себя одновременно как писатель, историк и журналист и а также как исследователь, идуший в ногу с современной жизнью.

Ключевые слова: публицистика, публицист, закономерности публицистического произведения, очерк, мастерство, мировоззрение, цель, позиция, взгляды, социальная среда, реальность, личность

THE OPINION OF THE AUTHOR AND THE STATEMENT OF PURPOSE

This article analyzes some aspects of Asadullo Sa'dulloev's work called "Dil ba yodgor". As a publicist A. Sa'dulloev in publicism had peculiar style and method of description. In the interpretation of aim he succeeds through several fields of vision. Knowledge and acumen, the capability of creation, the cognition of environment, and outlook shaped the creator's field of view. As a publicist writer his achievements most of all were due to the fact that, in the way of creation he could recognize and clarify the essence of goal. A. Sa'dulloev in creating character made use of his peculiar style and method. Relying upon publicism creation laws, writer tried to reveal the reality of period and epoch. In the course of analyzing the sketch named "Dil ba yodgor" the author of the article creates such opinion, therein, in the basis of several instant with introducing at once a few characters the direction of essence purpose came straight to the point. The main character of the piece is journalist, publicist, writer and critic Nabi Fakhri, whom the publicist has known in several stages and introduced him. Relying on Nabi Fakhri's personality and life the publicist A. Sa'dulloev sought to point out the hostile environment of those years both in relationship and in collapse of culture authenticity. In the end the author has come to a conclusion that Asadullo Sa'dulloev in the creation of sketch called "Dil ba yodgor" determinedly clarified his intention as a journalist, as a historian, as a researcher and as a writer.

Key words: Publicism, publicist, the law of publicistic creation, sketch, skill, outlook, aim, position, social environment, reality, personality.

Сведения об авторе: ***Исмоилзода Зинатулло Бурьон*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **zinatullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-32-34-02**

Information about the author: ***Ismoilzoda Zinatullo Burhon*** - Tajik National University, seeker of the International Journalism Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **zinatullo@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-32-34-02**

УДК: 070: 316. 346.2 (575.3)

ДЖАДИДИЗМ: НОВЫЙ ЭТАП В ОСМЫСЛЕНИИ ЖЕНСКОГО ВОПРОСА

Сохибназарбекова Р.М.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Публицистика во все времена играла значимую роль в формировании общественного мнения и развитии общества в сторону прогресса. Как особый род творчества публицистика существует наряду с научной и художественной литературой и сложилась как специфическая форма отражения действительности, пропаганды и формирования сознания масс.

Женская проблематика в таджикской публицистике является центральным объектом на протяжении более ста лет, и публицистике принадлежит весьма значительная роль в изменении социального статуса женщин в обществе. Переломным моментом в истории освещения женского вопроса считается начало XX века, что обусловлено активной публицистической деятельностью джадидов.

Исходя из этого, в условиях современного развития Таджикистана изучение и всестороннее исследование истоков передовых идей просветителей таджикского народа – джадидов-о социальном статусе женщин является чрезвычайно важным. Так как именно в публицистике джадидов, обогащённой новыми идейно-тематическими направлениями, женский вопрос становится не только одним из центральных, но и наблюдаются новые подходы в его осмыслении.

Джадидизм как прогрессивное культурно-просветительское национальное движение формируется в конце XIX и начале XX веков в Центральной Азии. Активная деятельность джадидов способствовала развитию национальной печати, которая в свою очередь стала одним из основных факторов развития таджикской публицистики.

Джадиды первыми в Средней Азии призывали к изменению бесправного положения женщин, которое должно было открыть для них широкий путь к социальному прогрессу, научному знанию и просвещению, о чем свидетельствует их публицистическое наследие. Следовательно, важной исторической заслугой джадидов является не только влияние на сознание масс передовыми идеями в области образования, получения знаний по естественным

наукам, открытия новометодных школ, но также попытки трансформировать традиционное понимание роли женщин – как в семье, так и в обществе. Ярким примером может быть следующий призыв джадида Захириддина Фахриддинзаде о предоставлении женщинам права на образование: «прогресс или упадок нации зависит, прежде всего, от степени учености или невежественности женщин... Потому что первой причиной развития является наука» [2]. Далее автор призывает своих соотечественников быть милосердными по отношению к женщинам: «Хватит держать их в рабских кандалах, толкать в пропасть невежества. Если мы будем и дальше держать женщин в таком положении, лишенных знаний и воспитания, мы нанесем огромный вред самим себе. Таким образом, мы сами будем причиной того, что потомки наши под их влиянием останутся невеждами и непросвещенными. Давайте сбросим с себя одеяние невежды, общими усилиями освободим матерей единой нации от когтей косности, откроем ради справедливости и гуманности матерям нашей Родины очаги просвещения» [2].

Проблема образования женщин приобретает актуальный характер в публицистике начала XX века. Ключевой идеей джадидов становится идея просвещенной женщины, так как прогрессивную личность может воспитать только образованная женщина.

До формирования джадидизма и развития публицистики джадидов женскому вопросу особое внимание уделяют представители первого поколения просветителей. Женский вопрос и образы женщин занимают центральное место в творчестве Ахмада Дониша и Кори Рахматулло Возех.

В частности, проведенный анализ трактовки женского вопроса в творчестве Ахмада Дониша свидетельствует о превалировании в его размышлениях консервативных, дискриминационных стереотипов, связанных с идеей доминирования мужчин в семье. Но, несмотря на это, в истории таджикского народа именно Ахмад Дониш впервые обращается к вопросу о месте и роли женщин и мужчин в семье, более того, в отличие от своих предшественников, он признает за женщинами определенные права, что было своеобразным новаторством в этом направлении.

К женскому вопросу обращается также и другой, не менее известный просветитель второй половины XIX века Кори Рахматуллох Возех. В условиях религиозного мракобесия второй половины XIX века он сумел разглядеть глубоко укоренившийся фанатизм и суеверие среди женщин, на которых они опирались в повседневной жизни, что нередко приводило к трагическим последствиям. Для того, чтобы ярче показать, насколько запутаны женщины в сетях невежества, суеверия и фанатизма, автор обращается к сатире. Эти пороки он высмеивает в произведении «Акоид – ун – нисо», написанном им в жанре пародии [8].

Итак, опираясь на вышеизложенное утверждение, можно предположить, что одним из основных идейных истоков в освещении женской проблематики для джадидов служили воззрения Ахмада Дониша, Кори Рахматулло Возеха и других просветителей.

Однако, в трактовках женского вопроса, как уже отметили выше, джадиды ушли далеко вперед, что, безусловно, было связано с изменениями, как в общественной, так и в культурной жизни народов Средней Азии в конце XIX и начале XX вв.

Развитие джадидизма связано с деятельностью татаро-крымского просветителя Исмаила Гаспринского (1851-1914). Под влиянием его идей джадиды не только увидели в новом свете отсталость жизни в Средней Азии, но и осознали, что основной причиной этой отсталости является бесправное положение женщин. Средством распространения прогрессивных идей, в частности относительно женского вопроса, становится основанная Гаспринским в 1883 году газета «Тарджеман» («Переводчик»). Выпускалась она почти 35 лет и до 1914 года из 1000 экземпляров 200 распространялись в Средней Азии [7, с.19], подписчиками газеты были передовые люди из Маргелана, Ташкента, Бухары, Самарканда [5]. Газета «Тарджеман» становится основной площадкой для пропаганды идей в борьбе за женское равноправие.

Более того, примером активного борца за освобождение женщин от гнета и невежества, за их образование и просвещение выступает дочь Исмаила Гаспринского – Шефика Гаспринская. Она возглавляет основанный отцом первый в мусульманском мире женский журнал «Алеми нисван» («Женский мир»), который позволял ей в полной мере выразить свои свободолюбивые идеи и стать образцом борца за женские права для многих мусульманок.

Вторая половина XIX века была ознаменована в истории Средней Азии присоединением региона к Российской империи. Это событие обусловило крупные открытия и стремительное развитие научных знаний, в частности становление этнографической науки, что привело к возникновению нового взгляда на женский вопрос. «Этнографические исследования колониальной эпохи отличаются не только тематическим разнообразием и обилием фактического материала, но и более глубоким осмыслением, новым взглядом на положение женщины в мусульманском обществе. Работы этого периода отражали настроение русской интеллигенции, находящейся под влиянием различных прогрессивных идей. В центре внимания российской общественности в это время находился так называемый «женский вопрос». Эти

настроения оказали значительное влияние на направление и характер исследований Средней Азии в конце XIX - начале XX века. В научных и популярных изданиях появились статьи, посвященные проблеме «угнетенного положения» женщин-мусульманок. Большое количество таких статей было опубликовано в «Туркестанских ведомостях» [9]. Первое в регионе периодическое издание «Туркестанские ведомости» – печатный орган Туркестанского генерал-губернаторства – начало издаваться с 28 апреля 1870 г. и выходило до декабря 1917 года.

Женский вопрос обсуждался не только на страницах «Туркестанских ведомостей», но и в её приложении «Туркистон вилоятининг газети» («Газета Туркестанского края»), ставшем вскоре самостоятельным изданием.

Согласно работе исследователя Шадмановой, как «Туркестанские ведомости», так и «Газета Туркестанского края» сыграли огромную роль в освещении женского вопроса. Автор приводит множество конкретных примеров, показывающих усиление интереса передовой интеллигенции Центральной Азии к обсуждению женского вопроса. В частности Шадманова отмечает, что «начиная с XX в. в газетах, публиковавшихся в крае, стали шире рассматриваться вопросы, касавшиеся правового положения женщин. Свидетельством этому являются дискуссии на страницах «Туркистон вилоятининг газети» о правовом положении мусульманок и мысль о том, что их бесправность есть один из факторов отставания мусульман от мирового уровня развития. К примеру, в 1911 г. в газете была опубликована перепечатанная из французского журнала «Мусульманин» статья, в которой звучал призыв к освобождению мусульманок, а также утверждалось, что безучастие женщин к общественной жизни является одной из причин регресса. Позже эта же газета писала о предоставлении мусульманкам равных с европейскими женщинами прав [Туркистон вилоятининг газети, 1914, № 4] [9].

Примечательным является и тот факт, что в этот период намечаются попытки самих женщин – мусульманок посредством печати раскрыть свои проблемы, связанные с отсутствием светских образовательных учреждений. Например, «в джадидской газете «Садои Туркистон» одна из таких женщин, П. Джалилова, предлагала открывать школы для женщин» [9].

Таким образом, женский вопрос становится одним из центральных на страницах первого периодического издания в Средней Азии «Туркестанские ведомости» и в его приложении «Газета туркестанского края». Предметом дискуссии в публикациях становились такие вопросы, как калым, положение женщин в исламе, брачные права и другие права женщин и т.д. Тем самым официальная печать, созданная в Средней Азии, предоставляла свои страницы для обсуждения женской проблематики. Много публикаций на ее страницах принадлежали перу джадидов. Однако необходимо подчеркнуть, что публикации в этих изданиях, отражали противоположные мнения относительно социального статуса женщин.

В духовном развитии джадидизма огромную роль сыграли также издания «Сарвати фунун» («Прекрасное ремесло», Стамбул), «Хабл ул-матин» («Крепкие узы», Калькутта), «Чехранамо» («Зеркало», Искандария), «Парвариш» («Воспитание», Каир), «Икбал» («Счастье», Баку), «Молла Насреддин» (Тифлис), «Вакт» («Время», Оренбург), «Шуро» («Совет», Уфа) и др., выходившие за пределами Средней Азии, но имевшие весьма широкое распространение в регионе.

В этом направлении среди вышеперечисленных изданий особо заметной является роль азербайджанского еженедельного иллюстрированного журнала «Молла Насреддин» (издававшегося с 1906), создателем которого был писатель-демократ, публицист Джалил Мамедкулизаде.

«Молла Насредин» – первый на Востоке сатирический журнал, издававшийся в Тифлисе, Тебризе и Баку, «где часто публиковались произведения просветителей Средней Азии – Х. Хакимзаде, С.Айни, М. Суфизаде и др., острие критики которых было направлено против существующего режима и невежества. А среднеазиатская печать – «Садои Фергана», «Туркистон вилоятининг газеты», «Садои Туркистон», «Ойна» – перепечатывали на своих страницах переводы из «Молла Насреддин», а также публиковали произведения азербайджанских писателей и поэтов» [4].

Об известности журнала «Молла Насреддин» в Средней Азии подробно упоминает Садриддин Айни в нескольких своих произведениях, где дает высокую оценку деятельности журнала. Более того, С. Айни в журнале была опубликована статья «Ахбори кадим» («Молла Насреддин», 1910, №23, 14 июнь), где автор с болью пишет о закрытии новометодных школ в Бухаре и роли реакционно-настроенного духовенства в их закрытии [1, с.122].

Говоря о значении журнала «Молла Насреддин» в духовном развитии джадидов, следует отметить огромный вклад Вали Самада – известного таджикского исследователя и писателя в изучение этого вопроса. Его работа «Аз каъри Хазар то авчи Зухал» («Глубже Каспия, выше Сатурна») [1] является ценным источником в определении литературных и культурных взаимосвязей народов Кавказа и Средней Азии. В контексте изучения этой проблемы автор касается также вопросов распространения периодической печати на территории Средней Азии.

В работе выявлены существенные моменты в зарождении периодической печати на таджикском языке, что представляет огромное значение для изучения истории таджикской журналистики и публицистики. В частности, конкретные факты, приводимые Вали Самадом, свидетельствуют о большом влиянии и известности журнала «Молла Насреддин» в Средней Азии.

Автор упоминает поездки таджикских просветителей Ахмада Дониша, Кори Рахматуллои Возеха, Мирзо Сироджа и Сиддикии Аджзи на Кавказ, что оказалось благотворным в развитии просветительского мировоззрения и нового осмысления ими общественно-политических проблем. Увиденное просветителями все новое, прогрессивное впоследствии нашло отражение в их творческом наследии. Особенно примечательными являются поездки Сиддикии Аджзи на Кавказ, где он познакомился с основателем журнала «Молла Насреддин» Джалилом Мамедкулизаде и в дальнейшем имел с ним плодотворное творческое сотрудничество [1].

Также свидетельством популярности «Молла Насреддин» в Средней Азии являются материалы, напечатанные известными изданиями этого периода, в том числе в газете «Закавказье» сообщалась об активной деятельности корреспондента журнала «Молла Насреддин» Салмони Мумтоз. Находясь в Ашхабаде, он готовил материалы о жизни в Бухаре. Другие бухарские авторы также посредством этого корреспондента отправляли свои материалы в редакцию журнала «Молла Насреддин». Мумтоз печатался как «Бухоро мухбири» («Корреспондент из Бухары»), «Содик Джунбулзода» или «Джунбилинский». Кроме «Закавказья», татарская газета «Казон мухбири» (22 октября 1908, №301) и азербайджанская газета «Йени иршод» (11 ноября 1911, № 68) сообщают о широкой популярности журнала в Самарканде. Наряду с этими изданиями журнал «Оина» (1 февраля 1914) поместил специальное объявление о выходе журнала «Молла Насреддин». Представляет интерес также специальное сообщение газеты «Садои Фаргона» о том, что 20-ый номер журнала «Молла Насреддин» дошел до читателей и был встречен ими с большим интересом [1, с.121].

Проанализировав влияние творчества муллонасридиновцев на деятельность джадидов, Вали Самад отмечает следующее: «Джадиды – таджики – демократы, постоянно наблюдая за опытом и прогрессом этого журнала, использовали лучшие его литературные методы и приемы в своем творчестве» [1, с.119].

Также и идейно-содержательное направление журнала оказало большое влияние на формирование нового подхода в осмыслении женского вопроса джадидами. Этот вопрос освещался в различных по жанру публикациях, среди которых заметное место занимают фельетоны Джалила Мамедкулизаде.

Например, фельетон «Боль» («МН», 1913, 12 апрель, № 12), где автор показывает жестокое отношение к женщинам-мусульманкам и ущемление их прав [1, с.131]. Примечательным являются также фельетоны, написанные им в ответ некому Мухаммад Бакоходжа, сыну Саидахмадходжа из Самарканда. В марте 1909 года Бакоходжа опубликовал на страницах «Туркистони вилоятининг газети» (№ 17 - 20) материал под названием «Ал – эхтиҷоб», где речь идет о парандже. Автор выступал против тех, «которые называют себя образованными, учились и воспитывались в европейских школах» и не признают хиджаб как обязательный элемент мусульманской одежды. Джалил Мамедкулизаде в ответ Бакоходжа печатает в журнале «Молла Насреддин свои фельетоны «Чаккол» («Шакал», 1909, № 15, 12 апреля, стр. 7-8) и «Гуртдан чубон» (1909, № 22, 31 мая. стр. 2). В свою очередь, Бакоходжа напечатал ответ в газете «Туркистон вилоятининг газети», где упрекает Джалила Мамедкулизае в том, что он позволяет своей дочери свободно посещать цирк и театр [1, 128].

Журнал «Молла Насреддин» привлекал читателей также своими карикатурами, выполненными известными художниками, такими как Азим Азимзаде, И. Роттер и О. Шмерлинг. Многие карикатуры были посвящены женской проблеме, в частности, в одной из карикатур изображены мужчина и женщина в Париже, мужчина и женщина на Кавказе. В Париже пара идет, взявшись за руки, на Кавказе женщина закрыта в черном одеянии и ходит за мужчиной. В другой карикатуре две женщины, показывая на тюрьму, говорят друг другу, что даже у тюрьмы есть окна. Третья карикатура показывает радость мужчины от рождения сына, грусть и злобу от рождения дочери. Выбранный редакцией карикатурный способ отражения проблемы позволял даже тем, кто не был грамотным или не знал языка, увидеть и понять насколько на Востоке ущемлялись права женщин.

В заключение, подводя итог вышеизложенному, следует отметить, что новый этап в осмыслении женского вопроса в таджикской публицистике приходится на последнюю четверть XIX - начало XX века, что выражается, во-первых, в усилении интереса к женской тематике в публицистике, во-вторых, в новом взгляде на эту проблему.

Идейным истоком в этом направлении для джадидов, на наш взгляд, в первую очередь, явились реформаторские взгляды Ахмада Дониша, Кори Рахматулло Возеха и их современников.

Следующим является изменение общественно-политической жизни на территории Средней Азии, обусловленное присоединением региона к Российской империи, что открыло широкий путь для развития науки и нового явления в регионе – периодической печати, как на русском, так и на местных языках. Новым явлением стало также обсуждение на страницах печати такого уязвимого вопроса, как статус женщин и вопросы, связанные с образованием и местом женщин-мусульманок в семье и обществе.

Особым толчком для нового осмысления женского вопроса джадидами стали тесные культурные и литературные взаимосвязи Средней Азии и Кавказа, что привело к проникновению прогрессивной мысли относительно социального статуса женщин в регионе.

И наконец, сам факт развития джадидизма и передовые взгляды на женский вопрос просветителей – предшественников джадидов позволили им понять, что у их Родины будет светлое будущее только тогда, когда детей будут воспитывать полноправные и просвещенные матери.

Л И Т Е Р АТ У Р А

1. Вали Самад. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. - Душанбе, 1992. - 223 с.
2. Восточная культура [Электронный ресурс]. – URL: http://vostokcafe.com/mesto_djadidov_v_razvitii_uzbekskogo_prosvesheniya.php (дата обращения 3.02. 2017)
3. Горшунова О.В. Образ жизни современной узбекской женщины: по материалам Ферганской долины: автореф.дисс.канд. истор. наук / О.В. Горшунова. - М., 2000. – 28 с.
4. Из истории взаимосвязей народов Северного Азербайджана и Туркестана в начале XX века [Электронный ресурс]. – URL: http://docplayer.ru (дата обращения: 29.05.2017)
5. Каримов Н. Возникновение джадидизма как первоосновы национальной идеи / Н. Каримов. [Электронный ресурс]. – URL: http://mytashkent.uz (дата обращения: 22.04.2017)
6. Саид Аббос Али Разавие Пироншохи**.** Российская колониальная политика и промышленные преобразования в Туркестанском крае // Вестник Таджикского национального университета. - 2015. - № 3/9(184). - С.44-48.
7. Усманов И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.К. Усманов. - Душанбе, 2008. - 279 с.
8. Ходизода Р. Адабиети тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX / Р.Ходизода. - Душанбе: Дониш, 1968. - 295 с.
9. Шадманова С. Некоторые взгляды на жизнь женщин-мусульманок в Туркестане в конце XIX — начале XX в / С. Шадманова. [Электронный ресурс]. – URL: https://elibrary.ru (дата обращения: 26.12.2016)

ҶАДИДИЯ: МАРҲИЛАИ НАВ ДАР БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ЗАН

Дар мақола нақши публитсистика дар инъикоси масоили зан мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси тадқиқоти анҷомдода муайян гардидааст, ки публитсистикаи тоҷик дар тағъир ёфтани мақоми иҷтимоии зан дар ҷомеа нақши бориз дорад ва марҳилаи муҳим дар таърихи инъикоси ин масъала ба оғози садаи XX рост меояд. Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллии фарҳангӣ - маърифатии ҷадидия дар Осиёи Миёна ба вуқӯъ меояд. Дар публитсистикаи ҷадидон, ки мавзӯъҳо ва ғояҳои нав пайдо карда буд, ба масоили зан аҳамияти махсус дода шуда, ин масъала на танҳо яке аз масъалаҳои марказӣ маҳсуб мешавад, балки дар инъикоси он муносибатҳои нав ба назар мерасанд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки сарчашмаҳои ғоявӣ барои ҷадидон дар ин самт, пеш аз ҳама, андешаҳои ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва ҳамасрони онҳо гардидаанд. Ҳамчунин тағъирпазирии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Осиёи Миёна, ки ба якҷоягии он бо империяи Русия рабт дорад, барои рушду нумуи илму фарҳанг дар минтақа ва пайдоиши падидаи нав - матбуоти даврӣ, чи ба забони русӣ ва чи ба забонҳои маҳаллӣ, такон бахшид, ки дар онҳо ба проблемаи занон аҳамияти махсус дода мешуд. Беш аз он, робитаҳои зичи фарҳангиву адабии Осиёи Миёна ва Қафқоз ба вурудшавии ақоиди пешқадам ба осори публитсистии ҷадидон доир ба мақоми иҷтимоии зан сабаб гардидааст.

Калидвожаҳо: масъалаи зан, оила, ҳуқуқ, мақоми зан, ҷадидия, рӯзнома, маҷалла, публитсистика, жанрҳо, сарчашмаҳо, афкор, Осиёи Марказӣ.

ДЖАДИДИЗМ: НОВЫЙ ЭТАП В ОСМЫСЛЕНИИ ЖЕНСКОГО ВОПРОСА

В данной статье рассмотрена роль публицистики в освещении женского вопроса. На основе проведенного анализа автором выявлено, что таджикской публицистике принадлежит весьма значительная роль в изменении социального статуса женщин в обществе и переломным моментом в истории его освещения считается начало XX века. Именно в начале XX века формируется прогрессивное культурно-просветительское национальное движение в Средней Азии – джадидизм. В публицистике джадидов, обогащённой новыми идейно-тематическими направлениями, женский вопрос становится не только одним из центральных, но и наблюдаются новые подходы в его осмыслении. Показано, что идейным истоком в этом направлении для джадидов, в первую очередь, явились реформаторские взгляды Ахмада Дониша, Кори Рахматулло Возеха и их современников. Также изменения общественно-политической жизни на территории Средней Азии, обусловленные присоединением региона к Российской империи, открыли широкий путь для развития науки и нового явления в регионе – периодической печати, как на русском, так и на местных языках, на ее страницах часто затрагивалась женская проблематика. Более того, толчком для нового осмысления женского вопроса джадидами стали тесные культурные и литературные взаимосвязи Средней Азии и Кавказа, что привело к проникновению прогрессивных взглядов на социальный статус женщин в регионе.

Ключевые слова: женский вопрос, семья, право, статус женщин, джадидизм, газета, журнал, публицистика, жанры, истоки, идеи, Средняя Азия.

JADIDISM: A NEW STAGE IN THE UNDERSTANDING OF WOMEN'S ISSUE

This article examines the role of journalism in the coverage of women's issue. The analysis carried out by the author revealed that the Tajik journalism has a very significant role in the change of the social status of women in the society. The turning point in the history of its coverage is claimed to be the beginning of the 20th century when a

progressive cultural and educational national movement in Central Asia – Jadidism–was formed. In the journalism of the Jadids, supplemented with new ideological and thematic areas, the women's issue becomes not only one of the central issues, but new approaches to its comprehension are also observed. The article shows that the ideological source for the Jadids in this area were, in the first place, the reformist views of Ahmad Donish, Cory RahmatulloVozeh and their contemporaries. Also, the change in socio-political life in the territory of Central Asia, due to the region's joining the Russian Empire, opened a wide path for the development of science and a new phenomenon in the region – the periodical press, both in Russian and in local languages, often dealing with women's issues. Moreover, the close cultural and literary interrelations of Central Asia and the Caucasus werethe impetus for a new comprehension of the women's issue by the Jadids, which led to the spreading of progressive thoughtsrelating to the social status of women in the region.

Kev words: women's issues, family, law, status, jadidism, newspaper, magazine, journalism, genres, origins, ideas, Central Asia.

Сведения об авторе: ***Сохибназарбекова Райхон Мамадаминбековна*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **raihon2009@mail.ru.** Телефон: **(+992 37) 44 620 42 13, 93-526-05-33**

Information about the author: ***Sohibnazarbekova Raykhon Mamadaminbekovna*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, candidate of philological Sciences, associate Professor of history and theory of journalism and electronic media. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade str. 30. E-mail: **raihon2009@mail.ru.**
Tel: **(+992 37) 44-620-42-13, 93-526-05-33**

УДК: 07 (575.3)

МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР МИНТАҚАИ ҶАНУБИ ТОҶИКИСТОН

Маъмурзода Н.М.
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Таърихи матбуоти даврии вилояти Хатлон агарчи ба 90 сол наздик аст, вобаста ба таҳаввулоти замон, барномаҳои давлатӣ, сиёсати ҳукумат, тағйирёбии афзалиятҳо, рушди технология, афзоиши инструментҳои нигориш ва касбияти хабарнигорон, мавзӯю мундариҷа, ҳолат ва марҳилаҳои инкишофи матбуоти маҳаллӣ низ гуногун буданд. Бо гузашти солҳо, пешрафти арсаҳои кишоварзию саноат, обёрии водиҳо, мавзӯъ ва муҳтавои матолиби рӯзномаҳои маҳаллии вилояти Хатлон тағйир меёфт. Муҳаққиқони журналистикаи тоҷик Абдусаттор Нуралиев, Иброҳим Усмонов, Асадулло Саъдуллоев, Пайванди Гулмуродзода, Аъзамҷон Азимов, Мурод Муродов, Масрур Абдуллоев, Шариф Муллоев, Мирсаид Султонов ва дигарон марҳилаҳои рушди матбуоти даврии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, доир ба таърихи пайдоиш ва ташаккул, хусусиятҳои инкишоф, доманаи мавзӯъҳои он андешаҳояшонро баён намудаанд. Масалан, муҳаққиқон Нуралӣ Салихов ва Шариф Муллоев дар асари худ “История таджикской журналистики” марҳилаҳои рушду такомули матбуоти даврии кишварро шартан ба даврaҳои зерин мансуб донистаанд:

1. Матбуоти Туркистон дар солҳои то Инқилоби Октябр;
2. Матбуоти тоҷик дар аввали солҳои 20-уми асри XX;
3. Матбуоти тоҷик дар шароити Тоҷикистони шӯравӣ (1925-1985);
4. Матбуоти Тоҷикистон дар солҳои бозсозӣ (1985-1991);
5. Матбуоти Тоҷикистон дар замони истиқлоли давлатӣ [9, с.3].

Бо дарназардошти ин ки таърихи матбуоти маҳаллӣ дар манотиқи ҷанубии Тоҷикистон аз солҳои 30-юми асри XX, бо пайдоиши нахустин рӯзномаҳои минтақавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ибтидо мегирад, инчунин, бинобар таъсирпазирии нашрияҳои маҳаллӣ аз рӯйдодҳои маълуми таърихӣ дар солҳои 40-ум, 80-ум ва 90-уми қарни гузашта, марҳилаҳои рушди матбуоти даврии вилояти Хатлонро ба таври зайл тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1. Пайдоиш ва таҳаввули матбуот дар ҷануби Тоҷикистон дар солҳои 30-юми асри XX;
2. Матбуоти даврии маҳаллӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945);
3. Матбуоти маҳаллӣ дар шароити Тоҷикистони Шӯравӣ (солҳои 1945-1985);
4. Журналистикаи минтақавӣ дар замони бозсозӣ (1985-1991);
5. Матбуоти маҳаллӣ дар замони истиқлоли давлатӣ (ин марҳилаи инкишофи матбуоти даврии вилояти Хатлонро низ шартан ба даврaҳои зерин метавон ҷудо кард:

- Матбуоти маҳаллӣ дар солҳои аввали истиқлол (1991-1992);
- Матбуоти маҳаллӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997);
- Матбуоти маҳаллӣ дар замони татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1997-2000);

- Матбуоти маҳаллӣ дар марҳилаи нави рушди кишвар (аз соли 2001 ба ин сӯ)).

Нашрияҳои ноҳиявӣ дар охири солҳои 30-юму ибтидои солҳои 40-ум масъалаҳои давлатӣ, сохтори нави ҷамъиятӣ, тарбияи насли ҷадид, меҳнатдӯстӣ, фарҳангу маорифпарвариро васеъ инъикос мекарданд. Нашрияҳои маҳаллӣ дар водии Вахши Тоҷикистон боз аз ду ҷиҳат дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат қарор дошт:

1) ҳанӯз дар охирҳои солҳои 20-ум ин водӣ чун макони парвариши пахтаи пурқимати мисрӣ эътироф гардида, солҳои 30-юм манбаи асосии пахтаи маҳиннах таъйин шуд. Аммо дар миёнаи солҳои 30-юм аҳолӣ дар навоҳии пахтакори минтақа бисёр кам буд (барои мисол, дар ноҳияи Панҷ, мувофиқи нишондоди оморӣ 7,5 ҳазор нафар зиндагӣ мекарданд [14, с.9]). Бинобар ин, фавҷи муҳоҷирати бунёдкорию ободонӣ ба ин сарзамин зарурат пайдо кард. Дар пешрафти ҳаёти хоҷагию мадании минтақа ва тарбияи маънавии меҳнаткашон, ташвиқи бештарини онҳо ба кори пахтапарварӣ саҳми нашрияҳо бағоят назаррас буд.

2) дар солҳои 30-юм водии Вахш ба яке аз минтақаҳои муҳимми ҷумҳурӣ табдил ёфта буд. Дар баробари азхудкунии Вахш ва сохтмони канали Вахш, инчунин Саройкамар яке аз минтақаҳои мубориза бар зидди босмачигарӣ будаву дар ин диёр ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XIX аскарони Русияи подшоҳӣ мустақар буданд. Бинобар ин, ба таъсиси нашрияҳои маҳаллӣ ҳамчун аслиҳаи бузурги идеологии ҳокимият иқдом карда шуд ва рӯзномаҳои тозанашр бояд муборизаҳои синфиро таҳким бахшида, дар ривоҷи маърифати маънавии мардум, сафарбарии омма ба амалиёти мақсаднок, коллективонӣ ва таҳкими инқилоби маданӣ дар маҳалҳо саҳм мегузоштанд.

Шумораи нашрияҳои вилоятии Тоҷикистон дар охири солҳои 30-юм ба 7 адад, нашрияҳои шаҳрию ноҳиявӣ ба 53 адад ва нашрияҳои поёнӣ 11 ададро ташкил дода, теъдоди нашри якдафъаина ба 282 ҳазор нусха мерасид [12, с.96]. Аз оғози соли 1941 аксари нашрияҳои маҳаллии ҷануби Тоҷикистон бо ҳуруфи кириллӣ (гоҳе ҳуруфи лотинӣ ҳам дида мешавад) матлабҳояшонро чоп мекардагӣ шуданд.

Дар давраи панҷсолаи дуюм ва сеюм дар рӯзномаҳои вилоятӣ ва ноҳиявии ҷануби Тоҷикистон мавзӯъҳои азхудкунии техникаи нав, мубориза барои маданияти баланди истеҳсолот, тарбия намудан ва ба камол расонидани кадрҳои миллӣ афзалият доштанд.

Рӯзномаҳои минтақавии Қӯрғонтеппаю Кӯлоб то аввалҳои соли 1941 бо ҳуруфоти лотинӣ дар ҳаҷми чор саҳифа нашр мегардиданд. «Ҳақиқати Кӯлоб» таҷрибаи пешқадамони истеҳсолотро дар шакли ахбор, очерк, ҳикоя, мусоҳиба ва ғайра дарҷ намуда, барои паҳн кардани онҳо мекӯшид. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ҳар як муваффақияти бадастовардаи вилоят ба чашми душманони халқ хор барин мехалид. Барои пеши роҳи инро гирифтан онҳо ҳамаи воситаю роҳҳоро истифода мебурданд, то ки ба меҳнати эҷодкоронаи халқ халал расонанд, онҳоро аз роҳи пешгирифтаашон гардонанд. Комёбиҳои бузурги панҷсолаҳои якуму дуюм ба унсурони ба сохти нав бегона намефорид. Онҳо, ки обрӯ ва эътибори худро дар байни халқ бакуллӣ гум карда буданд, ба вайронкорӣ даст мезаданд. Бо ҳар роҳ ба идораю муассисаҳо, аз он ҷумла ба органҳои адлия дохил шуда, ҷиноятқорӣ мекарданд [17, с.19]. Дар ҳама гуна вазъият мухбирони фаъол ҳамчун гӯшу чашми халқ вазифаҳои худро намунавор иҷро менамуданд. Душманонро дар ҳама ҷо ва дар ҳар либосе, ки буданд, бо ёрии фаъолони шаҳру қишлоқ ошкор сохта, бо қалами оташинашон хиёнат ва ҷиноятҳои онҳоро дар саҳифаҳои рӯзнома фош мекарданд.

Ибтидои солҳои 40-ум рӯзномаҳои маҳаллии вилояти Хатлон роҷеъ ба ҳарбу зарби меҳнатии меҳнаткашон, хосса занон дар ақибгоҳ, кумаки онҳо ба ҷанговарони зери дуду оташи фронт ҷангидаистода, инъикоси ҷараёни кори деҳот, пеш бурдани истеҳсолот ва ғайра таълифоти хонданибоб ба табъ мерасониданд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Ш. Муллоев, марҳилаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таърихи журналистикаи Тоҷикистон ҷойгоҳи махсусеро дорост. Дар ин солҳо дар низоми матбуоти Тоҷикистон тағйироти ба замони ҷанг хос ба мушоҳида расида, тамоми фаъолияти нашрияҳои даврӣ ба вазъияти ҳарбии кишвар мутобиқ гардонида шуд. “Дар солҳои ҷанг бисёре аз нашрияҳои соҳавӣ ва ноҳиявӣ аз чоп бозмонданд ва аз ин ҳисоб фаъолияти матбуоти фронтӣ ҷоннок карда шуд. Нашри газетаҳои азиме чун «Пионери Тоҷикистон», «Газетаи муаллимон» ва маҷаллаҳои «Бо роҳи Ленин», «Мактаби Советӣ», «Шарқи Сурх», «Здравоохранение Таджикистана» ва ғайра низ муваққатан қатъ гардид. Инчунин, бинобар коҳиш ёфтани истеҳсоли коғаз ва ба миён омадани мушкилоти молиявӣ даврияти чопи газетаҳо низ тағйир ёфта, чун пештара мунтазам ба табъ намерасиданд» [6, с.82].

Бо вуҷуди норасоии коғаз ва дигар мушкилоти чоп, рӯзномаҳои маҳаллии Хатлон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мардумро бар муқобили истилогарони фашистӣ таҳрик дода, матолиби даъваткунанда ба ҳифзи марзу буми Ватан, сарнагунии душманони сохти сотсиалистии Иттифоқи Шӯравӣ нашр мекарданд. Рӯзномаҳо шиори умумихалқии «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!»-ро сармашқи кори худ

карда буданд ва ташвиқ мекарданд, ки мардум барои қонеъсозии ниёзмандиҳои фронт, ба пурра кардани сафи сарбозони артиши Шӯравӣ мусоидат намоянд.

Азбаски дар солҳои 40-уми асри XX бисёре аз деҳаҳои вилояти Хатлон бо неруи барқ таъмин набуданд ва амвоҷи радио дастрас набуд, матбуоти чопӣ ягона воситаи ахбори омма ва тарғибот маҳсуб меёфт. Нашрияҳоро аз марказҳо ба деҳот хаткашонҳо ба воситаи аспу маркабҳо кашонида, ба аҳолӣ дастрас мекарданд. Бар замми ин, аз ғалабаи инқилоби октябр 20-25 сол гузашта буд ва қисмати зиёди мардуми рустонишин саводи хондану навиштанро надоштанд. Бинобар ин, тавре ки муаррих С. Неъматов менависад, ҳокимияти маҳалҳо аз ҳисоби зиёиён, асосан муаллимон ва комсомолони саводнок агитаторҳо, яъне ташвиқоту тарғиботчиёнро, тайёр мекард. Ҳамин нафарон рӯзномаву маҷаллаҳоро бо худ гирифта, ба чойхонаҳо, бошишгоҳҳои саҳроӣ ва хирманҳо рафта, ба мардум дар фурсатҳои муносиб мақолаҳоро хонда маънидод мекарданд. «Солҳои ҷанги 1941-1945 агар газетаеро пайдо мекарданд ва дар он хабари хушеро аз фронт мехонданд, тамоми мардуми маҳал аз хушҳолӣ ашки шодӣ рехта, ҳамон газетаро ба дидаҳо мемолиданд, чун набуд нафаре, ки додараш, бародараш, шавҳараш ё модареро ҷигарбандаш дар майдони на бард набошад. Газета ба ҳолате мерасид, ки аз даст ба даст гузашта, аз намии ашки шодиву ғам зарду фарсуда мешуд, лекин ба замин намеафтид, онро ҳамчун ганҷи бебаҳо дар қафаси сина, дар бағалҳо нигоҳ медоштанд» [7, с.3].

Ҳамин тавр, сухани матбуот дар миёни мардуми дар ақибгоҳбуда таъсирбахш буд. Мардум дар маҳалҳо аз хондан ё шунидани хабари хуше аз фронт рӯҳу илҳоми тоза гирифта, барои хӯронидан ва пӯшонидани армия даҳчанд меҳнат мекарданд.

Замони ҷанг тақозо дошт, ки корҳои сиёсӣ ҳамеша дар мадди аввал бошад. Рӯзномаи «Пахта учун»-и ноҳияи Ҷиликӯл (имрӯза ноҳияи Дӯстӣ) 5 майи соли 1942 дар сармақолаи худ нигоштааст, ки дар ҳамаи колхозу совхозҳо, мактабу ташкилотҳои ноҳия 48 адад рӯзномаҳои деворӣ фаъолият доранд, ки онҳо дар инъикоси вазъи айём, баланд бардоштани рӯҳияи сиёсии мактаббачагону ҷавонон ватанпарварию меҳнатдӯстӣ мавқеи сазоворро ишғол менамоянд. Ҳамаи рӯзномаҳои деворӣ дар рӯзи матбуот 5 май, ба намоиш гузошта шуда буданд, ки ин аз болоравии кори сиёсӣ башорат медод.

Дар айни идомаи ҶБВ, якуми майи соли 1944 дар вилояти Қӯрғонтеппа газета бо номи «Пахтакори сурх» ташкил дода шуда, он то 10 феврали соли 1947-ум ба нашр мерасид. Дар ин муддати кӯтоҳ 253 шумораи рӯзнома аз чоп баромад. «Пахтакори сурх» дар муддати кӯтоҳи мавҷудияти худ қаҳрамониҳои бемисли фарзандони вилоятамонро дар фронт ва ақибгоҳ ба таври барҷаста инъикос намуда, онҳоро ба ғалабаҳои нав ба нави ҷангиву меҳнатӣ сафарбар мекард.

Қобили зикр аст, ки журналистони соҳибноми тоҷик, ходимони собиқадори нашрияҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ» ва «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дар солҳои душвори ҷанг ба муқобили душман ҳам бо қалам ва ҳам бо силоҳ меҷангиданд. Ходимони нашрияи вилоятӣ Абдулло Муродов, Аскаралӣ Набиев, Насриддин Мирзоев, Абдурашид Юсуфӣ ва чандин нафари дигар дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок карда, марзу буми Иттифоқи Шӯравиро ҳифз намудаанд [17, с.21]. Журналист Облоқул Ҳақбердиев бошад, дар яке аз муҳорибаҳо ба муқобили фашистон қаҳрамонона ҳалок гардид.

Бо анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурӣ шумораи нашрияҳо, маҷаллаҳо ва теъдоди нашри онҳо рӯ ба афзоиш ниҳод. Чопи нашрияҳое, ки дар солҳои ҷанг аз фаъолият бозмонда буданд, дубора ба роҳ монда шуд. Дар ин айём формат ва даврияти чопи нашрияҳо дар ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ низ бештар гардид.

Дар назди матбуоти даврии Тоҷикистон вазифаҳои нав гузошта шуд, ки инъикоси густурдаи ҷараёни иҷрои дурнамоҳои панҷсола дар бахши хоҷагии халқ яке аз онҳо буд. Маҷаллаи КМ ПК (б) Тоҷикистон “Болшевики Тоҷикистон” дар сармақолаи шумораи №8 (41), аз августи соли 1948, таҳти сарлавҳаи “Вазифаҳои муҳимми газетаҳои вилоятӣ” фаъолияти рӯзномаҳои вилоятии Тоҷикистонро ба баррасӣ гирифта, гарави бомуваффақият ҳал намудани ҳамаи вазифаҳои бузурги давлат, аз он ҷумла истеҳсоли 300 ҳазор тонна пахта, рушди саноат ва индустрия, баланд бардоштани ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар “уҳдадориҳои сотсиалистӣ”-ро дар дуруст ба роҳ мондани кори идеологии ҳизб ва матбуоти маҳаллии болшевикӣ донистааст.

Маҷаллаи ҳизбӣ ба зарурати ба ҳаёт наздиктар шудани рӯзномаҳо ва парҳез намудани онҳо аз мунозираҳои хушку холӣ ва “харҳашаҳои бемаънӣ” таъкид карда, бозтоб ва ташвиқи ин ки чӣ тавр коргарон, деҳқонони колхозӣ, интеллигентсияи шӯравӣ ҷамъияти нави сотсиалистӣ бунёд карда истодаанд, “вазифаи бузург”-и газетаҳо мехонад [3, с.3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самт ва мавзӯъҳои афзалиятноки муайяншуда барои нашрияҳои маҳаллӣ дар солҳои 40-50-уми асри XX аз ин қарор буданд:

- мубориза ба муқобили урфу одатҳои “феодалӣ-бойӣ”;
- пропагандаи зиддидинӣ;

- инъикос ва ташвиқи ҳаёти мактабҳо, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, тарғиби китобҳои нав;

- танқид намудани камбудиҳои коркунони районӣ ва вилоятӣ;

- мусоидат кардан ба сафарбарии оммаҳои колхозӣ ба саҳроҳои пахта.

Бо вазифагузориҳои нав дар назди рӯзномаҳои ноҳиявӣ, акнун нашрияҳои маҳаллӣ бештар ба неруи мухбирони деҳотӣ такя карда, бо ташкили маҳфилу ҷамъомадҳо ба мухбирони ҷамоавиашон маҳорати нигорандагӣ ва вижагиҳои кори хабарнигориро меомӯзониданд. Саҳифаҳои рӯзномаҳо барои инъикос кардани рӯйдодҳо, хабарҳои ҷолибу навгониҳои давр, ташаббусҳо коргарон, колхозчиён ва равшанфикрон ҳамеша кушода буд. Дар нашрияи ноҳиявии “Мубориза барои пахта” (имрӯза “Баҳористон”-и ноҳияи А. Ҷомӣ) дар баробари таблиғоту инъикоси мавзӯъҳои кишоварзӣ ва иҷтимоӣ, мактабу маориф низ аз мавзӯъҳои авлавиятдори кори хабарнигорон маҳсуб меёфт. Тақрибан дар ҳар шумора ба масъалаи таълиму тарбия мутаваҷҷеҳ шуда, хабарнигорон доир ба усулҳои тадрис, таҷрибаҳои мусбат ва пасрафтҳо матлабе менавиштанд [4, с.273].

КМ ПК(б) Тоҷикистон ба таври мунтазам дар назди нашрияҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ вазифа мегузошт, ки сифати корашонро беҳтар намуда, ба масъалаҳои сиёсӣ ва идеологӣ бештар мутаваҷҷеҳ шаванд. Ҳизб ҳамчунин аз комитетҳои ноҳиявӣ талаб мекард, ки муҳаррironро бо қарорҳои партиявӣ шинос ва онҳоро ба маҷлисҳо ва бюрои комитети районии партия даъват намоянд, маърӯзаҳои муҳаррирони газетаҳои ноҳиявиро мунтазам гӯш кунанд [3, с.24].

Рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятии ҷануби Тоҷикистон дар солҳои 50-уми асри XX доир ба шаклҳои хоҷагидорӣ, ҳаёту рӯзгори деҳқонони пуркори маҳаллӣ, пешравиҳои кори ТОЗ-у колхозҳо ва дигар соҳаҳои ҳаёти онвақтаи ҷомеа матлабҳои ҷолибу хондании нашр карда, мардумро барои ояндаи дурахшони кишвар раҳнамун месохтанд.

Дар солҳои 1950-1955 дар водии Вахш корҳои гузаштан ба системаи нави обёрӣ хеле вусъат пайдо кард. Баъди ба охир расидани сохтмони системаи ирригатсионии Вахш масоҳати заминҳои киштбоб ба зиёда аз 70 ҳазор гектар расид, ки дар 27 ҳазор гектари он пахта парвариш меёфт. Дар солҳои 50-60-уми асри гузашта навбати дуюми корам намудани заминҳои бекорхобидаи водӣ, таҷдиди канали магистралии Вахш, сохтмони канали магистралии Ёвону Обикиик анҷом дода шуда, дар натиҷа даҳҳо ҳазор гектар замин ба гардиши кишоварзӣ дароварда шуд. Дар солҳои 60-ум системаи обёрии Вахш зиёда аз 100 ҳазор гектарро шодоб менамуд. Дар панҷсолаи ҳаштум инкишофи босуръати корхонаҳои калони саноатӣ ба амал омад. Дар ҷумҳурӣ 114 корхонаи бузурги саноатӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Нахустин корхонаи бузургтарини кимиёвии тоҷик - заводи азотии Вахш, навбати якуми ТЭС-и Ёвон ба кор оғоз намуданд [11, с.254], бунёди неругоҳи азими барқи обии “Норак” ифтитоҳ ёфт. Ин сохтмон дар қатори муҳимтарин сохтмонҳои умумииттифоқӣ ва зарбдор эълон карда шуд.

Аз рӯзҳои аввали бунёди НБО “Норак” ва дигар корхонаҳои азими истеҳсолии манотиқи ҷанубии Тоҷикистон тамоми журналистон ва ВАО мунтазам аз ҷараён корҳои сохтмонӣ дар ин иншоотҳои пураҳамияти ҷумҳурӣ маводҳо таҳия мекарданд. Нашрияҳои фаъоли вилоят ва ҷумҳурӣ моҳи майи соли 1968 аз ҷорӣ шудани оби рӯди Вахш тариқи нақби бисёркилометра ба водии ташналаби Ёвон муждагонӣ доданд. Хабари бакорандозии аввалин агрегати НБО “Норак” рӯзи 15 ноябри соли 1972 низ дар сархатти хабарҳои на танҳо тамоми ВАО-и маҳаллӣ, балки умумииттифоқӣ қарор гирифт.

Ҳамин тавр, дар солҳои 60-70-ум инъикоси ҷараёни сохтмонҳои бузург, таҳкими ғояҳои сотсиалистӣ ва коммунизм, дӯстии халқҳо ва тарбияи интернатсионалӣ ба яке аз мавзӯъҳои меҳварии матбуоти чопии вилоятӣ ва ноҳиявии Тоҷикистон табдил ёфта буд. Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ рубрикаҳои наве бо номи “Дар оилаи воҳид”, “Қувваи мо дар дӯстист”, “Ваҳдати пойбарҷо”, “Меҳнати зарбдор”, “Водии тиллоӣ” ва ғайра пайдо гардиданд [9, с.119].

Рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» то соли 1975 бо номи «Ҳақиқати Кӯлоб» нашр мегардид. Соли 1974, ки соли таҷлили 50-солагии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, барои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб соли шодию хурсандӣ, соли зафарҳои нав гардид. Дар ин сол вилояти Кӯлоб аз нав барқарор шуд. Рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» мавҷудияти худро то якуми январи соли 1976 идома дод. Аз якуми январи ҳамон сол рӯзнома тағйири ном кард ва бо номи «Роҳи ленинӣ» (муҳаррираш Қувваталӣ Холов) вориди майдони матбуоти тоҷик шуд. Он ҳар ҳафта панҷ маротиба дар ҳаҷми чор саҳифа, бо теъдоди 32 ҳазор нусха аз чоп баромада, дастраси хонандагон мегардид.

Қуввахои эҷодии рӯзномаи вилоятӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳаи журналистика мустаҳкам мегардид. Мирзо Қосимов, Зуҳур Гадоев, Саидаброр Умаров, С. Муродалиев, Мирзо Сироҷов, Раҷабалӣ Назаров, Мирзо Фирӯзов, Абдураҳмон Толибов, Ашӯр Иброҳимов, Моҳитобон Шарифова, Адолат Амирова, Файзулло Убайдуллоев, Масамӣ Абдураҳмонов аз ҷумлаи журналистоне буданд, ки ҳаётро бештар омӯхта, услубҳои нави

навиштаҷотро мунтазам ҷустуҷӯ намуда, мақолаҳои публитсистӣ, очерку лавҳаҳо ва репортажҳои пурмазмуну таъсирбахш менавиштанд.

Соли 1978 масъалаи ташкили рӯзномаи вилоятӣ дар Қӯрғонтеппа низ ба миён омад. Қарор шуд, ки рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро баста, ҳайати эҷодии он пурра ба рӯзномаи вилоятии навтаъсис ба кор мегузаранд. Дар пленуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят Муқим Абдураҳмонов муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» таъйин карда шуд ва аъзои кумита ӯро дар ин мақом тасдиқ намуданд.

Шумораи якуми ин нашрия 1 январи соли 1979 дар ҳаҷми 4 саҳифа ба андозаи А2 (формати имрӯзаи «Хатлон» ва «Ҷумҳурият») бо теъдоди қариб 28 ҳазор нусха дар чопхонаи шаҳри Душанбе ба нашр расид. Тафсилоти бештар оид ба шумораҳои нахустини ин рӯзнома ва замону шароитҳои ташкили он, ҳайати эҷодӣ ва мушкилоти фаровони корӣ, ки он рӯзҳо дар миён буд, дар маҷмӯаи “Чеҳраи Хатлон” [17] аз ҷониби кормандони собиқ имрӯза ба қалам дода шудааст.

Муқим Абдураҳмонов, сармуҳаррири «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», дар мусоҳибае оид ба вазифаҳои дар пеши матбуоти вилояти Хатлон дар солҳои 80-уми асри гузашта гузошташуда, чунин ёдовар гардидааст: «Вилоят навбунёд ва ташаббускор буд. Дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравӣ ва навоварӣ ҳис карда мешуд. Ободкорию созандагӣ авҷ мегирифт. Вилоят ғолиби чандинкаратаи мусобиқаи умумииттифоқӣ гардид…Табиист, ки дар чунин муҳити созандагиву бунёдкорӣ, ҷӯяндагиву ташаббускорӣ ва навоварӣ мо, рӯзноманигорон, низ дар канор буда наметавонистем. Мо ҳам тарзу усули нав ба нави эҷодиро ба кор бурда, меҳнати пурбаракати аҳли заҳматро инъикос менамудем. Ташкили суҳбатҳо дар атрофи «мизи мудаввар», тарғиби таҷрибаи пешқадамон, танқиди ошкорои камбудию нуқсонҳо, сарпарастӣ ба ҷомеаҳои ақибмондаи меҳнатӣ ва ғайра аз ҷумлаи воситаҳои муҳимми таъсиррасонӣ ба ҷараёни пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоят ба ҳисоб мерафт” [5, с.3].

Дар солҳои 80-ум журналистикаи тоҷик аз ҷиҳати касбӣ пешрафти назаррасе дошт, аз ҷумла нашрияҳои маҳаллӣ соҳиби мактабҳои хуби эҷодӣ гардида, талабот ба навиштаҳо ҷиддитар шуда буд. Бо мутолиаи рӯзномаҳои он давра қолаби жанрии маводро мушаххас кардан осон буд, масъалагузории журналист ҳадафрас, факту далел, аксҳои бозгӯкунандаи ҳол дар матлабҳо бештар дида мешуд. Жанрҳои хабар, лавҳа, репортаж, очерк, фейлетон дар нашрияҳои вилоятӣ ва ноҳиявии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Ба пеш», «Ҳаёти нав», «Вахш», «Байрақи коммунизм» фаровон мавриди истифода қарор доштанд. Рӯзноманигорон вобаста ба муҳтавои маводи истифодамешуда рубрикаҳои мувофиқу хотирмон гузошта, саҳифаҳои рӯзномаро чашмрас, диққатҷалбкунанда ва хонданибоб мегардониданд. Масалан, соли 1980 дар рӯзномаи ноҳиявии «Байрақи коммунизм» рубрикаҳои «Кори неку номи нек», «Пайравони ташаббус», «Диққат, таҷриба», «Сухан аз маданияти деҳот», «Ба шумо чӣ тавр хизмат мерасонанд?», «Касби ман – ифтихори ман», «Аз кору бори ташаббускорон», «Фикри шумо чӣ?», «Шарҳи ҳуқуқшинос», «Ҷамъбасти якмоҳаи ободонӣ», «Инсон ва табиат», «Сухан ба панҷоҳсентнерчиён», «Бошишгоҳи саҳроӣ - 80», «Сафи коргарон – ҷойи мо» ва ғайраҳо истифода гардидаанд [16, с.21]. Ин рубрикаҳо барои рушди истеҳсолот таъсири мусбат мерасониданд.

Дар баробари ин, дар матбуоти даврии солҳои 80-ум доираи жанрҳо ва мавзӯъҳо васеъ гардид. Масалан, дар солҳои 1981-1983 дар рӯзномаи вилоятии “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” беш аз 50 мавод дар қолаби жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ, аз ҷумла очерк, зери рубрикаи умумии “Достони водии тиллоӣ”, ба муносибати 50-солагии сохтмони Вахш, ба чоп расидааст, ки дар бораи корнамоиҳои таърихии фотеҳони водии Вахш Красичков, Толстопятов, М. Миршакар, С. Исоев, М. Власова, Д. Гойфман, С. Мирошниченко, П. Воронко ва дигарон нақл мекунад. Очерки “Журналист – ветерани “Вахшстрой”” дар рӯзномаи “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” (аз 16 январи соли 1982) дар бораи ибтидои роҳи журналистии Дмитрий Гойфман, ки аз мақолаҳои девории “Вахстрой” оғоз гардидаву дар идораи якумин рӯзномаи водӣ - “Ударник Вахшстроя” сайқал ёфтааст, ба хонанда маълумот медиҳад.

Соли 1982 Комитети марказии Партияи коммунистии Тоҷикистон ба вакилони Съезди шашуми журналистони Тоҷикистон муроҷиатнома қабул кард, ки онро метавон ҳамчун вазифагузории навбатии ҳизб дар назди ВАО барои панҷсолаи оянда арзёбӣ кард. Аз муҳтавои муроҷиатномаи мазкур [1, с.2], ки матни пурраи онро рӯзномаи вилоятии “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” 16 январи соли 1982 чоп кардааст, масъалагузориҳои ҳизб барои журналистон ва матбуотро ба таври зайл метавон номбар кард:

- Мусоидат дар ҳалли масъалаҳои сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ, тарбия кардани меҳнаткашон, сафарбар кардани онҳо ба иҷрои амалии ваззифаҳое, ки дар назди республика истодаанд;

- ВАО ба минбари ҳақиқии афкори партиявӣ ва ҷамъиятии умумихалқӣ табдил ёфта, сиёсати ҳизбро ҳаматарафа пропаганда кунанд ва ба кори сохтмони коммунистӣ бо сидқу сафо хизмат намоянд;

- Фактҳоро ҳаққонӣ ва объективона баён намоянд ва ба таври ҷиддӣ ҷамъбаст кунанд, иҷрои вазифаҳои хоҷагии халқро аз ҷиҳати идеологӣ таъмин намоянд;

- Шарҳу баёни масъалаҳои мубрамеро чун тезонидани прогресси илмию техникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, зиёд кардани самара ва беҳтар намудани сифати кор, бо қатъият сарфа намудани ашёи хом ва масолеҳро хубтар ба роҳ монанд;

- Ба вусъату инкишофи ҳаматарафаи мусобиқаи сотсиалистӣ мусоидат кунанд, моҳияти таҷрибаи пешқадамро сари вақт кушода диҳанд, барои бартараф кардани камбудиҳои кор, бепарвоӣ ва исрофкорӣ, ба муқобили вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ ва дигар ҳодисаи манфӣ муборизa баранд;

- Асосҳои ҷамъиятиро дар кори худ беҳтар инкишоф диҳанд, мухбирони коргару деҳқонро бештар ба ҳамкорӣ ҷалб намоянд.

Бо мақсади васеъ намудани шабакаи хабарнигорони ҷамъиятӣ, такмили маҳорати нигорандагии онҳо, пайдо намудани роҳу усулҳои муосири ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба нашриядар назди рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» Иттиҳодияи ҳамкории муомилоти «Шафақ» фаъолият мекард, ки курсҳои шашмоҳаи «Асосҳои журналистика»-ро ба шунавандагон, мухбирони ғайриштатӣ ва алоқамандони рӯзноманигорӣ доир мекард [17, с.24].

Солҳои 1985-1991 дар таърихи сиёсии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун замони бозсозӣ ёдоварӣ мешавад. Профессор И. Усмонов менависад, ки мақсади бозсозӣ гӯё аз байн бурдани тамоми камбудиҳои иҷтимоӣ-сиёсие буд, ки дар сохти давлати шӯравӣ ба мушоҳида мерасиданд [13, с.4].

Дар қаламрави вилоятҳои собиқ Қӯрғонтеппаю Кӯлоб созмону ҷунбишҳое бо номи “Бохтар” (дар ноҳияи Ховалинг), “Меҳри Хатлон”, маҳфили ҷамъиятию сиёсии “Ошкоро” (дар Кӯлоб), “Дирафши Ковиён” (дар шаҳри Норак), “Таҷдид” (дар ноҳияи Вахш) ба вуҷуд омаданд. Ин гурӯҳҳо гӯё бо мақсади фаъол гардонидани ҳаёти маънавӣ ва фаъолияти сиёсии одамон барои татбиқи ормонҳои бозсозӣ таъсис дода шуданд. Дар ҳайати ин маҳфилу ҷунбишҳо аҳли зиё, аз ҷумла ходимони матбуот, адибону кормандони соҳаҳои фарҳанг, олимон буданд. Онҳо аз яккаҳизбӣ интиқод карда, талаб менамуданд, ки плюрализми сиёсӣ, чандҳизбӣ ва баробарии маҳалҳо дар идора кардани ҳокимият таъмин гардад.

Матбуоти Хатлон дар ин давра тадриҷан мазмуну муҳтавояшро тағйир дод ва ба муборизa барои амалисозии идеяи бозсозию эъмори ҷомеаи демократӣ пайваст. Мақолаҳои зиёде таҳти унвони “Дар сафи пеши бозсозӣ бошем”, “Андешаҳо дар атрофи бозсозӣ”, “Ҳаёти партиявӣ дар роҳи бозсозӣ”, “Ғайрати эҷодӣ ба иҷрои вазифаҳои бозсозӣ”, “Бозсозиро вусъати бештар диҳем”, “Матбуот бояд ба бозсозӣ хизмат кунад”, “Бозсозӣ ваъдабозиро намепарварад”, “Ойинаи бозсозӣ” ва ҳатто “Коммунистон дар сафи пеши бозсозӣ” ба чоп мерасиданд. Баъд аз пленуми апрелии (соли 1985) КМ КПСС, ки оғози дигаргуниҳои азим, бозсозии ҷомеа гардид, дар муддати як сол 50%-и барномаҳои радиои вилояти Хатлон низ якбора тағйир дода шуда, “Сафобахш”, “Дин, замон ва одамон”, “Қадамҳои бозсозӣ”, “Рангинкамон” (бо забои русӣ), “Садои Хатлон” ном барномаҳои нави таҳлилию танқидӣ барои пахш омода гаштанд [2, с.2].

Нашрияи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дар матлабе бо номи “Бозсозиро вусъати бештар диҳем” аз ташкилёбии маркази ахборот дар комитети партиявии вилоят хабар медиҳад, ки имкон дод қувваҳои кормандони васитаҳои ахбори оммавӣ ва шуъбаи идеологӣ дар ҷустуҷӯи шаклҳои нави кори ба талаботи замон ҷавобгӯ муттаҳид карда шаванд. Нашрия аз маърӯзаи котиби якуми комитети партиявии вилоят И. Ҳалимов иқтибос меорад, ки “комитетҳои ноҳиявии партия бояд доимо дар хотир доранд, ки барои мавқеи органи матбуоти худ, барои самту мундариҷаи ғоявии чопи материалҳо, интихоб ва тарбияи кадрҳои журналистӣ маҳз онҳо ҷавобгаранд. Дар ин бора ман барои он мегӯям, ки баъзан дар матбуот нашрияҳои густохона, бо баҳои сабукфикронаи воқеаю ҳодисаҳо вомехӯранд, ки баъд аз мутолиаи онҳо ҳар гуна овозаҳо ва ақидаҳои нодуруст пайдо мешаванд. Чунин нашрияҳо танҳо зарар меоранд” [15, с.2].

Рӯҳияи ошкорбаёнӣ, танқиди камбудиҳо, пешниҳоди боҷуръатонаи таклифҳо, ташкили мубоҳисаҳои ошкор дар масъалаҳои диниро дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллии замони бозсозӣ дучор омадан мумкин аст. Агарчи то ин давра дар саҳифаҳои рӯзномаҳои маҳаллӣ зери рубрикаҳое, ба монанди “Дарси атеистӣ”, “Атеизм”, мақолаҳои зиёде бо назари манфӣ доир ба масъалаҳои мазҳабӣ ҷой дода мешуданд, дар нимаи дуюми солҳои 80-ум рӯҳониён ва диндорон тавассути матбуоти даврии шаҳру ноҳияҳо фикру ақидаи худро озодона баён ва ҳатто бархе коммунистонро танқиду истеҳзо мекарданд. Муаллифи мақолаи “Ба гузаштаи миллати худ бо эҳтиром нигарем” Қ. Садурдинзода навишtааст, ки

“таҳқири шахсиятҳои динӣ, поймол кардани урфу одатҳои миллии халқамон, анъанаҳои таърихӣ, маросимҳои дафну ҷаноза то ба ҳамин рӯзҳои наздик як ҳодисаи муқаррариву маъмули шуда монда буд. Шукр, ки тавассути бозсозӣ чашми мо ба ҳақиқати рӯзгор боз гардид... Пӯшида нест, ки дар зарфи 70 соли ҳокимияти советӣ мухолифони озодии виҷдон ва ақидаи динӣ ба мақсади ниҳоии худ нарасиданд” [8, с.3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъсири ғояи бозсозию ошкоргӯӣ ба матбуоти ноҳиявии Тоҷикистон дертар, дар поёни солҳои 80-уми асри XX, расид. Ҳайатҳои эҷодӣ аз ду ҷиҳат дар татбиқи идеяҳои бозсозӣ тавассути минбари худ шитоб намекарданд:

- онҳо ҷузъиёти барномаи бозсозиро ба хубӣ дарку фаҳм намекарданд ва бо сохти ҷомеаи мардумсолорӣ дуруст ошно набуданд, бинобар ин, ба хотири дар коре ба “иштибоҳ” роҳ надодан эҳтиёткорӣ мекарданд;

- сахт пойбанд будани муҳаррирон ва эҷодкорон ба арзишҳо ва ғояҳои коммунистӣ, қабул надоштани идеяи бозсозӣ, тарс аз “озодӣ”-е, ки мардумро ба баҳсу мунозира оварда, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

Бояд гуфт, ки бозсозӣ, вусъат ёфтани ошкоргӯӣ, оғози демократикунонии ҳаёти ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма шароит ва имкониятҳои бештаре фароҳам овард, ки ба умдатарин масъалаҳои зиндагӣ, проблемаҳои сершуморе, ки солҳои дароз ғун шуда, боиси рукуди сиёсӣ, бухрони иқтисодӣ, коҳиш ёфтани иҷтимоъ ва маънавиёт рӯ ованд, иллатҳоеро ҳадафи таҳлил ва танқид қарор диҳанд, ки тамоми ҷомеаро дар он замон ба ташвишу изтироб оварда буд. Сарфи назар аз ин, ба ақидаи аксари муҳаққиқон, дар солҳои 1985-1991 матбуоти Тоҷикистон тараққӣ кард. Профессор И. Усмонов рушди матбуоти ин давраро ба ислоҳоти роҳбари ИҶШС М. Горбачёв, ки дар заминаи «бозсозӣ»-и эълонкардааш фазои ошкорбаёнӣ ва матбуоти озод фароҳам омад, алоқаманд медонад [13, с.48]. Соли 1990 Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ба тасвиб расид, ки барои таъсиси нашрияҳои ғайриҳукуматӣ, шахсӣ ва ҳизбӣ шароит фароҳам овард.Бо қабули қонуни мазкур дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе якчанд нашрияи ҳизбию ғайриҳукуматӣ, аз қабили «Сухан», «Адолат», «Растохез», «Паёми Душанбе» пайдо шуданд. Дар ин давра агарчи нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» мавқеи ҳизби коммунистро ифода мекард, нашрияҳои қӯрғонтеппагии комсомол «Мо» ва «Суруш» яке равияи порнографӣ дошт ва дигаре тамоюли мазҳабӣ [13, с.51]. «Суруш» нахустин ҳафтаномае буд, ки бо мақсади «барои бедории фаҳмиши ҷавонон» дар моҳи марти соли 1991 дар Қӯрғонтеппа аз ҷониби рӯзноманигорон А. Рафиев ва А. Имомов таъсис дода шуд. Вазифаи низомномавии ҳафтанома воқиф сохтани хонандагон аз рӯйдодҳои иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии вилоят, ҷумҳурӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он, инъикоси ҳаёти ҷавонони вилоят дар марҳилаи аввали раванди ошкорбаёнӣ маҳсуб меёфт.

Дар фазои иттилоотии вилояти Хатлон дар ин давра таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Соли 1988 вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппаро муттаҳид карда, номи вилоятро Хатлон гузоштанд. Дар заминаи рӯзномаҳои «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ» рӯзномаи «Ҳақиқати Хатлон» таъсис дода шуд ва шумораи якуми он 1 январи соли 1989 бо теъдоди 44 ҳазор нусха ба чоп расид.

Дар шароите, ки вазъи сиёсии Тоҷикистон номусоид буд ва гурӯҳи демократияхоҳону исломгароҳо дар Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва манотиқи дигари кишвар ҷунбишҳои сиёсиро ба вуҷуд оварда буданд, гирдиҳамоиҳо ташкил мекарданд, мардумро бар зидди сиёсати онвақтаи ҳукумати ҷумҳурӣ бармеангехтанд, кори нашрияҳои маҳаллӣ осон ва бехатар набуд.

Бо вуҷуди мушкилоти маълуми матбуоти даврӣ дар замони бозсозӣ, солҳои 1985-1991, ба ақидаи муҳаққиқон, **аз нигоҳи теъдоди нашр ва касбият маҳз ҳамин марҳилаи таърихро давраи пешрафти матбуоти тоҷик меноманд. Ба андешаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, «матбуот дар ҷумҳурии мо… дар замони шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. ВАО, махсусан, дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншоотҳои сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг доштанд»** [10].

Таҳлили вазъи матбуоти даврии вилояти Хатлон дар замони бозсозӣ нишон дод, ки нашрияҳо асосан вазифаҳои зеринро иҷро мекарданд:

- Фароҳам овардани минбари озод барои ибрози назар дар мавзӯъҳои дар гузашта мамнӯъ, аз ҷумла доир ба озодиҳои мазҳабӣ;

- Мубориза ба муқобили даромади муфт, зидди ҳаннотон, майпарастӣ ва танқиди дигар зуҳуроти мушобеҳи он;

- Забон ва ифодаи баён дар навиштаҳои ходимони нашрияҳо аз услуби омиронагардида шеваи нигориши адабӣ ва касбиро гирифт;

- Дар навиштаҳои матбуот таъсири афкори озод, мустаҳкамии баён, ҳадафи танқиди носолимиҳои ҷомеа мушоҳида мегардид;

- Барои ба вуҷуд омадани ВАО-и ғайриҳукуматӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон, тарбияи кадрҳои шоистаи рӯзноманигорӣ замина фароҳам оварданд;

- Истифода ва ҳифзи ҳуқуқро ба мардум омӯзонида, рӯҳияи озодандеширо интиқол дода, дар ташаккули афкор ва фаъолнокии сиёсии омма саҳм гузоштанд.

9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид. Дар солҳои 90-уми садаи гузашта мардуми Тоҷикистон мушкилоти зиёдеро пушти сар карда, дар набардҳои хунин шаҳрвандони зиёде ба ҳалокат расиданд. Як қисми шаҳру ноҳияҳо, деҳаҳо, корхонаҳо ба харобазор табдил ёфтанд. Дар ин ҳама гирудорҳо бештар водии Вахш хисорот бардошт.

Ҷанги шаҳрвандӣ яке аз марҳилаҳои душвори рушди журналистика дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор рафта, ин ҷанг ба фаъолият ва авзои ВАО-и тоҷик, бавижа расонаҳои вилояти Хатлон низ, таъсири амиқи манфӣ расонид.

Вазъи нашрияҳои ҳукуматӣ дар солҳои 90-уми асри XX хуб набуд. На ҳама эҷодкорони ҳирфаӣ ба кори редаксияҳо дилгармӣ нишон медоданд, маош кофӣ набуд, коғаз намерасид, чопхонаҳо аз кор бозмонда буданд. Ҳатто нашрияи расмии ҳукумати вилояти Хатлон – “Хатлон” то поёни солҳои 90-ум агар як шумораш дар чопхонаи Колхозобод (имрӯза ноҳияи Ҷ. Балхӣ) чоп мешуд, шумораи дигар дар Панҷу Ёвону шаҳри Кӯлоб ба нашр мерасид.

Солҳои 90-уми асри XX дар пасманзари музокироти ҷонибҳои даргир бар сари ҳалли мусолиматомези низоъ дар қаламрави вилояти Хатлон як идда нашрияҳои ҷамъиятию хусусӣ ташкил ёфтанд. Дар он айёми ниҳоят ҳассоси зиндагӣ, вазъи мураккаби сиёсӣ нашрияҳои “Эътӯзи коргар” (октябри соли 1993, н. Восеъ, нашрияи ширкати хусусии “Самар”, муҳаррираш С. Рачаб), “Элчи” (соли 1991, нашрияи Ҷамъияти ӯзбекзабонҳои вилояти Хатлон, муҳаррираш Ҳ. Ҷӯраев), “Садои коргар” (1 сентябри соли 1993, шаҳри Кӯлоб, муҳаррираш А. Исломов), “Ҷоми Ҷам” (с.1992, Кӯлоб, нашрияи созмони рӯшанфикрон “Ошкоро”, муҳаррираш Б. Сафарӣ), “Суруш” (5 майи соли 1991, Қӯрғонтеппа, ташаббускорон А. Рафиев ва А. Имомов) арзи ҳастӣ карданд. Вале дар бозори навташаккули матбуоти даврии маҳал ин нашрияҳо, ҳарчанд ҳаводорони худро пайдо карда буданд, бо сабабҳои гуногун, асосан мушкилоти молиявӣ, аз фаъолият бозмонданд.

Бо гузашти солҳо, бо тасвиби Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, соли 1997, вазъи нашрияҳои маҳаллӣ нисбатан беҳ шудан гирифт. Батадриҷ мушкили норасоии коғаз, хатари бевосита ба амнияти журналистон, маҳдудсозии доираи амали хабарнигорон аз байн рафт. Мавзӯи матолиби нашрияҳои вилоятии вилояти Хатлон аз инъикоси мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ, гурезагӣ, ҳичрати русзабонҳо ба хориҷа, харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, хуруҷи бемориҳо ва хатари гуруснагӣ дар солҳои 90-уми асри XX, тадриҷан тағйир ёфта, дар марҳилаи пас аз имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ (27 июни соли 1997) масъалаҳои таҳкими сулҳу субот, азнавбарқароршавии хоҷагии халқ, бозгашти гурезаҳо, ташвиқи ҳаёти осоишта, васфи корномаи фарзандони содиқи ватан, таҷрибаи пешқадам, рушди таълиму тарбия аз мавзӯъҳои меҳварии матбуоти маҳаллӣ буд.

Аз нигоҳи мо, матбуоти маҳаллии Хатлон дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, бо вуҷуди дучори мушкилоти сахти молиявӣ, кадрӣ ва техникӣ будан, тавонист дар системаи ВАО-и кишвар мақоми худро нигоҳ дорад.

Ҳамин тавр, агар солҳои 1992-1997-ро давраи мушкил ва рӯ ба рукуди матбуоти маҳаллии Тоҷикистон номем, солҳои 1997-2004-ро оғози давраи эҳёи матбуоти маҳал ва аз соли 2005 ба ин сӯро марҳилаи рушди босуботи матбуоти даврии вилояти Хатлон ҳисобидан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ба съезди шашуми журналистони Тоҷикистон // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. - Қӯрғонтеппа. - 1982. - 16 январ. - №11.
2. Бо шунаванда ҳамфикр бошем // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. - 1989. - 6 июн. - №89.
3. Вазифаҳои муҳимми газетаҳои вилоятӣ // «Болшевики Тоҷикистон». – Сталинобод, 1948. - Август. - №8 (41).
4. Маъмурзода Н.М. Взгляд на историю одной провинциальной газеты // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. - 2015. - № 4/4 (171). - С.272-276.
5. Маъмурзода Н. М. Абдураҳмонов: «Ба нафақа баромада бошам ҳам, қаламам ҳоло коргар аст / Н. Маъмурзода // Хатлон. - 2017. - 6 март. - №9.
6. Муллоев, Ш. Жанрово-тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945гг.) / Ш. Муллоев. - Душанбе: РТСУ, 2015. - 303 с.
7. Неъматов С. Инъикоси ҶБВ дар саҳифаҳои матбуот / С. Неъматов // Хатлон. - 2014. - 7 март. - №9.
8. Садурдинзода, Қ. Ба гузаштаи миллати худ бо эҳтиром нигарем // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. - 1989. - 28 ноябр. - №227.
9. Салихов Н. История таджикской журналистики / Н. Салихов, Ш. Муллоев. - Душанбе: РТСУ, 2014. - 137 с.
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 100-солагии матбуоти тоҷик [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 07.03.2017)

11. Тоатов Ҳ. Хатлон дар масири таърих / Ҳ. Тоатов, Р. Юлдошев. - Хуҷанд: Ношир, 2006. - 360 с.
12. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1997. - 160 с.
13. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И. Усмонов. - Хуҷанд, 2003. - 178 с.
14. "Ҳаёти нав" - 80 сол. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 68 с.
15. Ҳалимов И. Бозсозиро вусъати бештар диҳем / И. Ҳалимов // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. - 1989. - 1 август. - №148. – С.2.
16. Ҳасан С. Ҳамнавои зиндагӣ / С. Ҳасан. - Қӯрғонтеппа, 2003. - 44 с.
17. Чеҳраи Хатлон / мураттиб ва муҳаррир Маъмурзода Н.М. - Душанбе: Русская литература, 2013. - 562 с.

МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР МИНТАҚАИ ҶАНУБИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар ин мақола доир ба марҳилаҳои рушди матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли ВАО-и чопии вилояти Хатлон) ибрози андеша намуда, таъкид мекунад, ки вобаста ба таҳаввулоти замон, қабули барномаҳои давлатӣ, сиёсати ҳукумат, тағйирёбии афзалиятҳо, рушди технология, афзоиши инструментҳои нигориш ва касбияти хабарнигорон мавзӯю мундариҷа, ҳолат ва марҳилаҳои инкишофи матбуоти маҳаллӣ низ гуногун буда, бо гузашти солҳо, пешрафти арсаҳои кишоварзию саноат, обёрии водиҳо, мавзӯъ ва муҳтавои матолиби рӯзномаҳои маҳаллии вилояти Хатлон низ тағйирпазир будаанд. Муаллиф ҳамчунин бо дарназардошти таърихи матбуоти маҳаллӣ ва махсусиятҳои он, марҳилаҳои рушди матбуоти даврии вилояти Хатлонро муайян намуда, оид ба мазмуну муҳтаво, тамоюлҳо ва таъсири низоми сиёсӣ ба фаъолияти нашрияҳои музофотӣ дар таърихи матбуоти маҳал хулосаҳои таҳқиқашро баён кардааст. Таҳқиқ нишон додааст, ки дар солҳои 80-ум журналистикаи тоҷик аз ҷиҳати касбӣ пешрафти назаррасе дошт, аз ҷумла нашрияҳои маҳаллӣ соҳиби мактабҳои хуби эҷодӣ гардида, талабот ба навиштаҳо ҷиддитар шуда буд. Бо мутолиаи рӯзномаҳои он давра қолаби жанрии маводро мушаххас кардан осон буд, масъалагузории журналист ҳадафрас, факту далел, аксҳои бозгӯкунандаи ҳол дар матлабҳо бештар дида мешуд. Матбуоти Хатлон дар замони бозсозӣ тадриҷан мазмуну муҳтавояшро тағйир дод ва ба мубориза барои амалисозии идеяи бозсозию эъмори ҷомеаи демократӣ пайваст. Муаллиф ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997-ро яке аз марҳилаҳои душвори рушди журналистика дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳисобида, ба хулосае омадааст, ки ин ҷанг ба фаъолият ва авзои ВАО-и тоҷик, бавижа расонаҳои вилояти Хатлон, таъсири амиқи манфӣ расонид. Муаллифи мақола солҳои 1997-2004-ро оғози давраи эҳёи матбуоти маҳал ва аз соли 2005 ба ин сӯро марҳилаи рушди босуботи матбуоти даврии вилояти Хатлон номидааст.

Калидвожаҳо: марҳилаҳои рушд, матбуоти маҳал, бозсозӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, нақши ВАО, таҳқиқ, таърихи матбуот.

ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ЮЖНОМ РЕГИОНЕ ТАДЖИКИСТАНА

В своей статье автор размышляет об этапах эволюции местной прессы в Таджикистане (на примере печатных СМИ Хатлонской области). Принимая во внимание преобразование жизни, принятие государственных программ, политические перемены, изменение приоритетов, развитие технологии, увеличение числа медиа-инструментов и повышение уровня профессионализма журналистов, содержание изданий, состояние и этапы развития местной периодической печати претерпевают изменения. В связи с истечением времени, развитием аграрной и промышленной отраслей, орошением долин определялись приоритетные темы местных изданий в разные этапы истории СМИ Хатлонской области. С учетом многогранной истории местной прессы и ее особенностей, автор определяет этапы становления и развития периодической печати Хатлонской области и предоставляет тезисы своего исследования по содержанию, тенденциями и влиянию политической системы на деятельность местных изданий на протяжении 90-летней истории региональной печати. Анализ показал, что таджикская журналистика с точки зрения профессионализма достигла значительного прогресса в 80-е гг.. При редакциях местных изданий образовались творческие школы, требование к журналистским призведениям стали более серьезными. Во времена перестройки постепенно изменилось и содержание газет, печать Хатлона присоединилась к борьбе за осуществление идей перестройки и создание демократического общества. С прочтением газет того периода можно было с легкостью определить жанровую структуру материалов, постановка вопроса в статьях была цельной, в журналистких произведениях использовалось много фактов, аргументов, фотографий, отображающих реальную действительность. По убеждению автора, гражданская война 1992-1997 гг. считается самой трудной стадией развития журналистики в период государственной независимости Таджикистана. Эта война оказала негативное воздействие на состояние таджикских СМИ, особенно в Хатлонском регионе. Также утверждается, что 1997-2004 гг. являются началом этапа возрождения местной прессы, а с 2005 года начинается период устойчивого развития периодической печати Хатлонской области.

Ключевые слова: этапы развития, местная пресса, перестройка, гражданская война, роль СМИ, изучение, история печати.

STAGES OF DEVELOPMENT OF THE PERIODICAL PRESS IN THE SOUTHERN REGION OF TAJIKISTAN

In his article the author reflects on the stages of development of local press in Tajikistan (on the example of print media in Khatlon region). Taking into account the transformation of life, the transition of state programs, political changes, changes in priorities, the development of technology, the increase in the number of media tools and the professionalism of journalists, changes in publications, and the development stages of local periodicals. In connection with the expiration of time, the development of the agrarian and industrial sectors, irrigation of the valleys, priority themes of local publications were identified at different stages of the history of the Khatlon media. Taking into account the multifaceted history of the local press and its features, the author determines the stages of the formation and development of the periodical press in Khatlon and gives his thesis about the content, trends and influence of the political system on the activities of local publications throughout the 90-year history of the regional press. The analysis showed that Tajik journalism, from the point of view of professionalism, made significant progress in the 1980s. When creative schools of local publications were published, the demand for journalistic work became more serious. During the period of perestroika, the content of the newspapers gradually changed, the Khatlon press joined the struggle to implement the ideas of perestroika and create a democratic society. With the reading of the newspapers of that period, it was easy to determine the genre structure of the materials, the formulation of the question was an integral part of the articles, many facts, arguments, photographs depicting the real reality were used in journalistic works. According to the author, the civil war of 1992-1997. is considered the most difficult stage of development of journalism in the period of state independence of Tajikistan. This war negatively affected the state of the Tajik media, especially in the Khatlon region. It is also alleged that in 1997-2004. is the beginning of the

revival of the local press, and since 2005 the period of sustainable development of the periodical press in the Khatlon region begins.

Key words: stages of development, local press, restructuring, civil war, role of mass-media, studies, history of the press.

Сведение об авторе*: Маъмурзода Носирджони Маъмур* – Курган-Тюбинский государственный университет им. Н. Хусрава, соискатель, преподаватель кафедры журналистики. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Курган-тюбе, ул. Айни, 67. E-mail: **m.nosirjon@gmail.com.** Телефон: **(+992) 918-69-64-66**

Information about the author: ***Mamurzoda Nosirdzhoni Mamur*** - Kurgan-Tube State University named after Nasir Khusrav, Researcher of Journalism Department. **Address:** Republic of Tajikistan, Kurgan-tube, Aini street, 67. E-mail: **m.nosirjon@gmail.com.** Tel.: **(+992) 918-69-64-66**

УДК: 41

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИНТЕРВЬЮ В ГАЗЕТАХ «ЧУМХУРИЯТ» И «ВЕЧЁРКА»

Якубова М.М.
Таджикский национальный университет

В теории журналистики интервью понимается в двух смыслах: первое, интервью - информационный жанр журналистики, пересказ беседы с человеком, мнения и взгляды которого интересны широкому кругу читателей. Второе - это метод получения сведений путем общения с людьми, то есть с помощью метода интервью использовать разные жанры и получить данную информацию. Жанр интервью является разговором журналиста с одним или несколькими лицами на конкретную тему. Журналисту во время интервью необходимо сопоставлять все вопросы и обсудить проблему по данной теме, то есть с помощью вопросов можно получить информацию [1, с. 107].

Особенность жанра интервью проявляется в том, что в нем участвуют не менее двух или же несколько человек. Общепринятой формой является общение двух людей и один из них журналист. Публикация данного типа материала возникает в результате соединения вопроса читателя и ответа на него либо самого журналиста, либо какого-то компетентного лица. Здесь журналист получает в процессе проведения интервью сведения, предназначенные для удовлетворения любопытства участников разговора или ради личных, профессиональных, корпоративных целей. В то же время если у «ответов на вопросы» существуют некие специфические черты, то их вполне можно отнести к самостоятельному жанру. А такие черты существуют? Главная из них - неразрывное единство вопроса и ответа. Роль собеседника во время интервью знать о целях данной темы. Перед интервью журналисту необходимо знать тему, которую они с собеседником будут обсуждать. Некоторые журналисты несерьёзно относятся к своей роботе, то есть вопрос исходит от темы интервью в процессе беседы, которую они должны обсудить.

Ясность задач интервью имеет не менее существенное значение для героя, чем для самого «собеседника». Если тот и другой не составили ясного представления о целях и мотивах общения, интервью, как правило, обречено на провал [2, с.35].

Исходя из этого, жанр «интервью» возник в результате того, что ряд публикаций, в ходе создания которых (при сборе материала) был применен метод интервью, в котором фиксируется реальный процесс интервьюирования специально строится в вопросно-ответной форме (форме интервью). В том случае, когда автор такой публикации ставит своей задачей лишь сообщение аудитории сведений, полученных от интервьюируемого лица, никак не пытаясь их комментировать, можно говорить, что он создает информационный материал. Ведь в полной мере интервью получится информационным, если и в ответах его собеседника акцент будет сделан на вопросах: что? где? когда? Если же интервьюер или его собеседник начнут «разворачивать» ответы на вопросы: почему? каким образом? что это значит? и пр., то в результате может появиться аналитический материал. Например, 2-го ноября 2017 г. в газете «Вечерка» было опубликовано интервью на тему: «**Культура – великий учитель того как следует жить**», которую провела Антонина Ухова с президентом фонда Виктором Каточковым по вопросу о судьбе общих культурных ценностей на пространстве Центральной Азии, развитии образования и гуманитарных проектов. Журналист задала несколько вопросов по обсуждаемой теме: **Какие направления гуманитарного сотрудничества России и Таджикистана Вы считаете приоритетными? Что сегодня действительно важно?**

«Я считаю, что одним из приоритетных направлений гуманитарного сотрудничества сегодня является укрепление позиций российского образования в Таджикистане, а также продвижение российских образовательных услуг и расширение сотрудничества между

университетами наших стран. И для этого много делается. К примеру, ведется целенаправленная работа по подбору и направлению на учебу в российские вузы таджикских студентов и представителей русскоязычных диаспор, в том числе за счет федерального бюджета по государственным квотам. Кстати, учитывая пожелания таджикской стороны, в этом учебном году российская квота для Республики была увеличена до 600 мест» [3, с.12].

В этом интервью журналист очень чётко и ясно поставила те вопросы, которые задала респонденту, то есть тема очень интересна читателю. Собеседник в этом интервью уже более активно отвечал на все вопросы журналиста.

Задача интервью состоит в том, что интервью должно быть интересным не только собеседнику, но и всей аудитории, т.е., если интервью заинтересовало читателей, то все его будут читать. Вступая в беседу, люди, естественно, ставят перед собой определенные коммуникативные цели и задачи, т.е., иными словами, у каждого разговора, чтобы он не превратился в пустую болтовню, должен быть свой предмет разговора, который, в свою очередь, определяет тему, в процессе раскрытия которой возникают вопросы. При этом заметим, что не только вопросы подразделяются на различные виды, но и ответы можно классифицировать по различным основаниям. Так, например, по отношению интервьюируемого к вопросу или личности журналиста: позитивное и негативное. Позитивное отношение к вопросу проявляется тогда, когда респондент стремится разобраться в существе поставленных перед ним вопросов. В данном случае интервьюируемый может выразить не только заинтересованность в разговоре, но и положительное отношение к журналисту[5, с.13].

В годы государственной независимости Таджикистана в таджикской прессе официальные и частные газеты интервью публикуют в разных жанрах. В данной статье мы проводили сравнительный анализ интервью из двух газет «Чумхурият» и «Вечёрка».

Газета «Чумхурият» общественно-политическая газета на таджикском языке, была основана 15 марта 1925 года. В настоящее время является официальным печатным органом Президента Республики Таджикистан. Газета печатается на четырёх полосах формата А2 и с периодичностью пять раз в неделю. Это газета имеет один из самых больших тиражей среди общереспубликанских печатных изданий. Газета «Вечёрка» в нашей стране была образована в 2011 года, и это самое молодое издание, которое создано бывшим главным редактором газеты «Вечерний Душанбе» Гульнорой Амиршоевой и коллективом журналистов.

А.В. Колесниченко в своей книге «Настольная книга журналиста» подчеркивает, что к интервью с чиновниками следует очень усердно готовиться, собирать информацию, статистику, чтобы обосновывать свои упреки на документах. Если журналист не владеет материалом, чиновник может отговориться общими словами, привести те данные, которые характеризуют его работу с положительной стороны, и умолчать о тех, которые ему невыгодны [6, с.14].

От чиновников нужно добиваться как можно более конкретных ответов, постоянно уточняя предмет вопроса, и ни в коем случае не давать собеседнику уйти в роль эксперта, то есть комментирующего то, за что он не отвечает. Между тем многие чиновники, давая интервью, только и стремятся к тому, чтобы поговорить с журналистом на "вечные" темы, например, патриотизме или о любви к детям, но при этом старательно уклоняются от ответов на вопросы о своей работе.

В одном из номеров газеты «Чумхурият» (7-го февраля 2015) г. была опубликована интервью Дододжона Рузиева с министром иностранных дел Республики Таджикистана Сироджиддином Асловым на тему «**Сотрудничество Таджикистана со всеми странами мира**». Поскольку эта официальная газета, как правило, беседа проводится с чиновниками и политическими лицами.

В интервью был рассмотрен вопрос об интересах сотрудничества с другими странами мира и о факторе их дальнейших отношений. Интервью, которое опубликовано в газете «Чумхурият», представило читателю интересные факты. Тем не менее, вопросы журналиста были в официальной форме. Здесь журналист задал те вопросы, которые уже были выяснены. Общение с официальными лицами, да еще обладающими столь высоким статусом, требует особого подхода. Прежде всего нужно обратить внимание на то, что разговор стоит начинать с повода, по которому посол встретился с журналистом. Далее, отработав «обязательную» программу, можно касаться и других тем, в том числе и личного плана. Кроме того, на интенсивность разговора оказывает влияние и фактор времени. В данном случае его было не так уж и много.

Интервью может играть даже роль официального политического документа, если его дает журналисту крупный политический деятель, глава правительства, президент или общественные деятели. Особенность таких официальных интервью в том, что они отражают не индивидуальное мнение, а точку зрения официальной власти, политической партии, движения.

В газете «Вечерка» (8-го ноября 2016) г. опубликовано интервью Гульноры с первым послом Таджикистана во Франции Назаровым Хамиджоном Тимуровичем на тему: «**Французы**

очень любят свою страну и этим мне напоминают наших таджикистанцев». В беседе журналист смогла предоставить аудитории интересные факты. В этом жанре журналист показала своё мастерство, то есть от журналиста зависит задача интервью. 6 июня 2014 г. в газете «Джумхурият» (№: 107) опубликовано интервью Дододжона Рузиева с Козидавлатом Каимдодовым, послом Таджикистана в Республике Беларусь и Литве, Латвии, Эстонии по совместительству на тему «**Латвийское восточное соглашение с Таджикистаном**». В газете «Вечёрка» 17-го июля 2013 г. опубликовано интервью Екатерины Пасторовой с ректором Российско-Таджикского (Славянского) университета Н.Н Салиховым на тему «**К чему обязывает особый статус вуза**».

Цель интервью с чиновниками или же с политиками с разных отраслей представить точку зрения тех, кто ответствен за происходящее (хотя бы частично). Журналист должен стремиться поставить чиновника в положение оправдывающегося за то, что не все благополучно во вверенной ему сфере деятельности.

Рассмотрим несколько примеров из газеты «Вечерка». 4 апреля 2012 г. (№ 54) было опубликовано интервью Екатерины Пасторовой с Джамилой Юсуповой - сотрудником проекта развития местного рынка международной организации «Хельветас» в Таджикистане на тему: «**Женщины села стали более активными**». Еще 10 января 2013 г. опубликовано интервью Виктории Литвиненко с председателем Национальной Ассоциации женщин-предпринимателей «Кадбону» и председателем Союза женщин-российских соотечественниц Таджикистана Сабохат Рахимовой. Журналистка подняла тему, которая заинтересовала всех читателей. Она так чётко сформулировала вопросы по обсуждаемый теме, на которые с охотой отвечала собеседница.

Интервью должно соответствовать интересу аудитории и собеседника (журналист подбирает те вопросы, которые задали бы читатели, будь они на его месте), с другой стороны – не повторять уже задов и тем, которых они касаются, должно быть в полтора-два раза больше, чем предполагается задать и затронуть в интервью. Это сделано для страховки – всегда возможна ситуация, когда ожидания по поводу какой-либо темы не оправдаются, и тогда пригодятся вопросы по другим темам. Но как бы ни так – интервью является одним из самых сложных жанров, требующих следовать определенной тактике и стратегии. Легким интервью представляется чаще всего потому, что обычно кажется, что нет ничего проще, чем задавать вопросы и записывать ответы на них. Однако практика показывает, что дело обстоит намного сложнее.

Мы проанализировали интервью из двух газет: «Вечёрка» и «Джумхурият». Особенности жанра интервью в газете «Джумхурият» проявляются в том, что интервью проводится чаще всего с официальным лицом, то есть в газете «Джумхурият» интервью проводится с целью узнать мнение политического, государственного деятеля относительно определенных тем. В газете публикуется интервью в виде рассказа, и протокольной формы, то есть не всегда удается журналисту получить на все вопросы ответ.

В негосударственной газете «Вечёрка» публикуются различные виды интервью: диалог, монолог, блиц - опрос. В газете «Вечёрка» часто проводит интервью главный редактор Гульнора Амиршоева. В этой газете интервью публикуют на разные темы. Здесь можно узнать много нового о проблемах, которые обсуждаются сейчас. Журналист качественно проводит интервью. В газете «Вечёрка» журналист показал свое мастерство и чётко сформулировал вопросы, задаваемые своему собеседнику. В данной публикации собраны все материалы, и была дана вся информация для всех читателей. Нам стало понятно, что интервью действительно развивается в современном мире и довольно быстрыми темпами. И, несомненно, информация-достаточно сложная вещь, над которой надо очень много поработать, чтобы получился хороший, доступный для аудитории, материал.

Анализированные нами интервью показывают, что журналисты «Джумхурият» и «Вечёрка» неплохо освоили жанровых особенности интервью. Об этом свидетельствуют удачные интервью исследуемых газет.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Лукина М.М. Технология интервью / М.М. Лукина. - М.: Аспект Пресс, 2003. - 191 с.
2. Муродов М. Основы журналистского творчества / М. Муродов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 256 с.
3. Ҷ. Муким. Мусоҳиба ва тахияи он. – Душанбе: Озар, 2013. - 167 с.
4. Нуралиев, А.Н. Информационные жанры печати / А.Н. Нуралиев, И. Н. Брукер; под. общ. ред. А.А. Афсахзод. – Душанбе: Деваштич, 2005. - 131 с.
5. Тертычный А.А. Жанры периодической печати: Учебное пособие / А.А. Тертычный. - Москва: Аспект Пресс, 2000. - 312 с.
6. Усманов И. Жанры публицистики / И. Усманов. - Душанбе, 2009. - 139 с.
7. Игамова С.Г. Логическая составляющая структуры жанра интервью в русскоязычных газетах Таджикистана / С.Г. Игамова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2016. - №4 6(212). –С. 282-289.

ТАҲИЛИ МУҚОИСАВИИ МУСОҲИБА ДАР НАШРИЯИ «ҶУМҲУРИЯТ» ВА «ВЕЧЁРКА»

Дар мақолаи мазкур муқоисаи мусоҳиба аз ду рӯзнома: "Ҷумҳурият" ва "Вечёрка" таҳлил карда шудааст. Хусусияти жанри мусоҳиба дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар он аст, ки мусоҳиба одатан бо шахси расмӣ сурат мегирад, яъне дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" мусоҳиба бо мақсади фаҳмидани фикри сиёсиву давлатӣ дар мавзӯъҳои мушаххас гузаронида мешавад. Дар рӯзнома мусоҳибаҳо дар шакли расмии протоколӣ нашр мешаванд, яъне ҳамеша барои журналист барои ҳар як савол ҷавоб додан ғайриимкон аст. Дар рӯзномаи "Вечёрка" навъҳои гуногуни мусоҳибаҳо чоп мешаванд: муколама, пурсиш, блис-опрос, яъне фаврӣ. Дар ин рӯзнома мусоҳиба дар мавзӯъҳои мухталиф чоп карда мешавад. Дар ин ҷо шумо метавонед маълумоти зиёде дар бораи мушкилоте, ки ҳоло баррасӣ шудаанд, пайдо кунед. Журналист дар сатҳи олӣ бо ҳамсуҳбаташ мусоҳиба мегирад. Дар рӯзномаи "Вечёрка" журналист малакаҳоро нишон дод ва саволҳои худро, ки ба ҳамсуҳбати ӯ муроҷиат карда буд, таҳия намуд. Дар ин нашрия ҳамаи маводи ҷамъоваришуда ва иттилоот ба хонандагон дода шудааст.

Калидвожаҳо: жанри мусоҳиба, таҳлили мусоҳиба, журналист, мусоҳиб.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИНТЕРВЬЮ В ГАЗЕТАХ «ЧУМХУРИЯТ» И «ВЕЧЁРКА»

В статье проанализированы интервью из двух газет: «Джумхурият» и «Вечёрка». Особенности жанра интервью в газете «Джумхурият» проявляются в том, что интервью проводится чаще всего с официальным лицом, то есть в газете «Джумхурият» интервью проводится с целью узнать мнение политического, государственного деятеля относительно определенных тем. В газете публикуется интервью в виде рассказа и протокольной формы, то есть не всегда удается журналисту получить на все вопросы ответ. В газете «Вечёрка» публикует различные виды интервью: диалог, монолог, блиц-опрос. В этой газете интервью публикуют на разные темы. Здесь можно узнать много нового о проблемах, которые обсуждаются сейчас. Журналист качественно проводит интервью. В газете «Вечёрка» журналист показал свое мастерство и чётко сформулировал вопросы, задаваемые своему собеседнику. В данной публикации собраны все материалы, и было дана вся информация для всех читателей. Анализированные нами интервью показывают, что журналисты «Джумхурият» и «Вечёрка» неплохо освоили жанровые особенности интервью. Об этом свидетельствуют удачные интервью исследуемых газет. Нам стало понятно, что интервью действительно развивается в современном мире и довольно быстрыми темпами. И, несомненно, информация-достаточно сложная вещь, над которой надо очень много работать, чтобы получился хороший, доступный для аудитории, материал.

Ключевые слова: жанр интервью, анализ интервью, диалог, монолог, блиц-опрос, интервьюер.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE INTERVIEW IN THE NEWSPAPERS «JUMHURIYAT» AND « VECHYORKA »

The article analyzes interviews from two newspapers: "Jumhuriyat" and "Vecherka". The peculiarities of the genre of the interview in the newspaper "Jumhuriyat" appear in the fact that the interview is usually conducted with an official person, that is, in the newspaper "Jumhuriyat" the interview is conducted in order to find out the opinion of a political, state figure on certain topics. The newspaper publishes interviews in the form of a story, and a protocol form, that is, it is not always possible for a journalist to get an answer to all questions. In the newspaper "Vecherka" publishes various types of interviews: dialogue, monologue, blitz-poll. In this newspaper, the interview is published on various topics. Here you can find out a lot of information about the problems that are being discussed now. Journalist qualitatively conducts interviews. In the newspaper "Vecherka" the journalist showed his skills and clearly formulated the questions asked to his interlocutor. In this publication all materials are collected, and all information was delivered to all readers. The interviews analyzed by us show that the journalist "Jumhuriyat" and "Vecherka" did not poorly master the genre features of the interview. This is evidenced by the successful interviews of the newspapers studied. It became clear to us that the interview is really developing in the modern world and quite rapidly. And, undoubtedly, the information is quite a complicated thing, over which it is necessary to work a lot, so that a good material accessible to the audience turns out.

Key words: interview genre, interview analysis, dialogue, monologue, blitz-interview, interviewer, interviewer.

